5) Следует помнить, что человек должен довольствоваться тем, что дано ему;
6) Следует помнить, что кому была дарована его *доля*, получит свою долю блага;
7) Следует помнить, что *разум* – это золотой ключ судьбы;
8) Следует помнить, что человеку дается *испытание;*

Таким образом, макроконцепт «Судьба» является этноспецифическим концептом, поэтому требует лингвокультурного изучения. Этот метод дает возможность установить систему аксиогенных ситуаций – ценностно ярко выраженных событий, имеющих особую важность для понимания действительности. Такие события с древних времён отражаются в прецедентных текстах – в мифах, легендах, притчах, афоризмах, пословицах, и других жизненных историях. С помощью толкования, интерпретации различных прецедентных и священных текстов можно вывести нормы и ценности, определяющие поведение людей, а

также учитывать запреты, предписания, относящиеся к духовной, ценностной, моральной сферам жизни.

Очень важно сохранить и передать следующему поколению ценностные ориентиры, которые нами были получены именно благодаря прецедентным текстам. Рассматривая макроконцепт «Судьба» в философско – теологическом плане, важно заметить значимость, актуальность философских и религиозных репрезентаций и толкований этого макроконцепта в арабской лингвокультурах.

Философско-теологические аспекты макроконцепта «Судьба» в арабской лингвокультуре показывают высокую степень национальной специфики, которая отражается в прецедентных текстах арабского народа. Легендарные сказки «Тысяча и одна ночь» являются неисчерпаемым богатством арабского народа.

Меткие, мудрые, интересные сказки и рассказы арабского фольклора свидетельствуют о том, что в основе таких ситуаций лежат определенные ценности, заслуживающие осмысления и передачи из поколения в поколение. В результате анализа арабской лингвокультуры на материале прецедентных текстов нами были выявлены такие компоненты Судьбы, как *Божественная милость, терпение, благо, успех; молитва, доля*, благо, *разум, испытание; благосостояние семьи* и т.д.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арутюнова Н.Д. Логический анализ языка. Ментальные действия / Н.Д. Арутюнова, Н.К.Рябцева. - М.: Наука, 1993. -176 с.
2. Балашова Е.Ю. Концепты любовь и ненависть в русском и американском языковых сознаниях: автореф. дис… канд. фил. Наук / Е.Ю. Балашова. – Саратов, -2004.
3. Гуревич А. Я. Категории средневековой культуры (I) / А. Я. Гуревич. - М., 1972. - С. 17.
4. Давлатмирова М.Б. Отражение национально значимых элементов макроконцепта СУДЬБА в таджикской и памирской лингвокультурах: результаты анкетирования в университетской среде Таджикистана / М.Б Давлатмирова, Д.М. Искандарова, Н.И. Каримова // Вопросы когнитивной лингвистики. Тамбов, 2016. - № 4. - С.78-84.
5. Davlatmirova M. National Specifics of Language Expression of Macro-concept ‘Destiny’ in the Arabic Linguoculture: Results of Association Experiment" / M.B. Davlatmirova. [Электронный ресурс] DOI: https://doi.org/10.1051/shsconf/20185001229
6. Iskandarova D. M et al. (2016). Study of Tolerance in the Youth Environment of Tajikistan (Linguistic Aspects) Moscow, 142 p. [Электронный ресурс]- DOI 10.17513 / пр. 143 – URL:https://monographies.ru/en/book/view?id=5621
7. Карасик В.И. Языковая спираль. Языковая спираль: ценности, знаки, мотивы: монография / В. И. Карасик. - Волгоград: парадигма, 2015. - 432 с.
8. Карасик В.И. *Карасик В.И*. Культурные доминанты в языке // Языковой круг: личность, концепты, дискурс. – Волгоград: Перемена, 2002. -С.166-205.
9. Ковшова М.Л., Концепт судьбы. Фольклор и фразеология / М.Л. Ковшова // Понятие судьбы в контексте разных культур Науч. совет по истории мировой культуры. – М.: Наука, 1994. -С.137.
10. Костина А.В. Лингвокультурологический подход к изучению языка / А.В. Костина. Языковая картина мира. [Электронный ресурс] https://studfiles.net/preview/1636281/page:2/
11. Маслова В.А., Когнитивная лингвистика / В.А. Маслова. Учебное пособие, 3 – е изд., перераб. и доп.- Минск: Тетра Систем, 2008. - 272 С.
12. Полторацкий А.И., Судьба у Шекспира / А.И Полторацкий. Понятие судьбы в контексте разных культур/ Науч. совет по истории мировой культуры. – М.: Наука, 1994. -С. 260.
13. Пиотровский М.Б. Ислам и судьба / М.Б. Пиотровский, Понятие судьбы в контексте разных культур. Науч. совет по истории мировой культуры. – М.: Наука, 1994. -С.92.
14. Тысяча и одна ночь: В 8-ми томах; Пер с арабского М.А. Салье. - Душанбе: Ирфон, 1982. - 320 с. 1-38 н.
15. Цивьян Т.В., Человек и его судьба – приговор в модели мира / Т.В. Цивьян. Понятие судьбы в контексте разных культур. Науч. совет по истории мировой культуры. – М.: Наука, 1994. -С.122.

ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ МИЛЛИИ МАКРОКОНСЕПТИ ТАҚДИР ДАР АФСОНАҲОИ АРАБӢ - “ҲАЗОРУ ЯК ШАБ”

Мақолаи мазкур ба таҳлили забонӣ-фарҳангӣ ва забонӣ-когнитивии макроконсепти *Тақдир* дар акси забонии ҷаҳонии арабӣ бахшида шудааст. Ҳар як халқ фарҳанги маънавии хосси худро дорост, ки он дар акси забонии ҷаҳонӣ инъикос меёбад ва барои омӯхтани он, пеш аз ҳама, консептҳои асосии хосси забонро муайян кардан зарур аст. Дар мақолаи зерин ҷанбаҳои асосии макроконсепти *Тақдир* дар фарҳанги забонии арабӣ аз рӯйи маводҳои афсонаҳои “Ҳазору як шаб”, ки мафҳуми *Тақдир* дар он равшан инъикос меёбад, аз назар гузаронида мешаванд. Калимаҳо ва ибораҳое, ки мафҳуми *Тақдирро* дар қиссаҳои “Шаҳризода” “Шаби аввал қиссаи тоҷир ва ҷин”; “Қиссаи моҳигир” ифода мекарданд, муайян карда шудаанд. Аз рӯйи таҳлили қиссаҳои номбаршуда муқаддасот, чаҳорчӯбаи ахлоқӣ ва маънавии ҷаҳони араб муайян карда мешавад. Инчунин категорияҳои асосии макроконсепти *Тақдир* аз рӯйи қиссаҳои “Ҳазору як шаб” муайян карда мешавад. Навоварии ин тадқиқот дар он аст, ки хусусиятҳои этнолингвокогнитивии макроконсепти *Тақдир* дар забони арабӣ муайян карда мешавад.

Калидвожаҳо: хусусияти хосси миллӣ, макроконсепти Тақдир, фарҳанги забонии арабӣ, матни преседентӣ, “Ҳазору як шаб”, шароити аксиогенӣ, чаҳорчӯбаи ахлоқӣ, таҳлили забонӣ-когнитивӣ ва фарҳангӣ-забонӣ, ҷанбаи фалсафӣ-динӣ, акси забонии ҷаҳонии арабӣ, ақл, сабр, ризқ.

НАЦИОНАЛЬНО-СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ МАКРОКОНЦЕПТА «СУДЬБА» В АРАБСКИХ СКАЗКАХ «ТЫСЯЧА И ОДНА НОЧЬ»

Статья посвящена лингвокультурному и лингвокогнитивному анализу макроконцепта **قدر**Судьба в арабской языковой картине мира. Каждый народ имеет свою духовную культуру, которая отражается в языковой картине мира, для этого, в первую очередь, выявляются основополагающие концепты. В данной работе рассматриваются основные аспектымакроконцепта «Судьба»в арабской лингвокультуре на материале сказок «Тысяча и одна ночь», поскольку Судьба ярко отражается в сказках, легендах, рассказах во всех лингвокультурах. Были выявлены слова, лексемы и выражения, которые отражают понятие Судьбы в сказке «Шахризады» «Первая ночь, сказка о купце и духе»; «Сказка о рыбаке». Из приведённых сказок и их лингвокультурного и лингвокогнитивного анализа выявляютсяаксиогенные ситуации и нормы поведения арабского мира. Определяются основные категории макроконцепта **قدر**«Судьба»на материале сказок «Тысяча и одна ночь». Новизна данной работы заключается в описании и выявлении этнолингвокогнитивных признаков макроконцепта **قدر**Судьбав арабской языковой картине мира.

Ключевые слова: национальная специфика, макроконцепт **قدر** Судьба, арабская лингвокультура, прецедентный текст,«Тысяча и одна ночь», аксиогенные ситуации, нормы поведения, лингвокогнитивный и лингвокультурный анализ,философско-теологический аспект, арабская языковая картина мира, разум, терпение, благо.

NATIONAL SPECIFIC FEATURES OF MICRO-CONCEPT “FATE” IN ARABIC TALES OF «THOUSAND AND ONE NIGHTS»

The article is devoted to the linguacultural and lingo-cognitive analyses of the micro concept **قدر**-Fate in the Arabic language worldview. Every nation has its own spiritual culture, which is reflected in the linguistic picture of the world and for this, the fundamental concepts are revealed first of all. In this paper the main aspects of the micro-concept “Fate” is discussed in the Arabic lingo culture based on the tales of “Thousand and one night” as the concept “Fate” is clearly reflected in tales, legends, and stories in all linguistic cultures. The words, lexemes and phrases that reflect the concept of “Fate” were revealed in the tale “Shakhrizoda”, the tale of first night, “the tale of merchant and spirit” and "the tale of the fisherman." From the above-mentioned tales and their linguacultural and linguistic-cognitive analysis, anxiogenic situations and norms of behavior in the Arab world are revealed. The main categories of microconcept **قدر**“Fate” are determined on the basis of the materials of “Thousand and one nights” tale. The novelty of this work lies in the description and identification of the ethno-linguistic cognitive signs of the macro concept **قدر**Fate in the Arabic language worldview.

Key words: national specificity, macro-concept**قدر**Fate, Arabic linguo-culture, precedential text, “Thousand and one nights”, anxiogenic situations, norms of behavior, linguistic-cognitive and linguistic-cultural analysis, philosophical and theological aspect, Arabic language worldview, reason, patience, good.

Сведения об авторе: ***Давлатмирова Манижа Бораковна*** **-** Российско-Таджикский (Славянский) университет, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30. E-mail: **davlatmirova.manizha@mail.ru**. Тел.: **(+992) 935-98-35-53**

Information about the author: ***Davlatmirova Manizha Borakovna*** **-** Russian – Tajik (Slavonic) University, the Department of Theoretical and Applied Linguistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. M. Tursunzade, 30. E-mail: **davlatmirova.manizha@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-98-35-53**

УДК: 491.550

МАЪНОИ НАҚЛИИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Гулназарова Ж.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Доир ба маънои грамматикии нақлӣ (эвиденсиалӣ) ҳамчун маънои грамматикии универсалӣ дар забоншиносӣ солҳои аввали асри XX фикру андешаҳо пайдо шуданд. Чи тавре ки В.А. Плунгян зикр мекунад, истилоҳи эвиденсиалият (нақлият) вобаста ба ин категорияи грамматикӣ бори аввал дар очерки Франс Боас соли 1911 мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мавсуф зикр мекунад, ки ин категорияи грамматикӣ ба оилаи забонҳои ҳиндӣ хос аст ва доираи тавоҷуҳу истеъмол баъд аз мақолаи Р.О. Якобсон бо ҳамин ном васеъ гашт. То ин дам ҳодисаю падидаҳои ба ҳамин монандро ренерратив ё сиғаи нақлӣ меномиданд [11, с.321-325].

Бояд гуфт, ки дар охири садаи XX омӯзиши ин падидаи забонӣ ба шарофати пажӯҳишҳои Гивон, У.Чейф ва Николс, Ж. Лазар ва Фредман бештар гардид ва ба ақидаи В.А. Плунгян ҳамчун падидаи универсалӣ дар забоншиносӣ шинохта шуд.

Аввалин конференсияи илмӣ ва маҷмӯаи илмӣ бахшида ба мавзӯи эвиденсиалият соли 1994 дар шаҳри Беркли гузаронида ва пешниҳод шудааст [5, с.18].

Н. А. Козинсова яке аз аввалинҳоест, ки таҳлили типологии системаи эвиденсиалиро нишон дода, дар ҳамин асос забонҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

а) забоне, ки дар он гӯянда бе нишон додани сарчашмаи ахбор имконияти баёни фикрро дорад;

б) забоне, ки дар он гӯянда дар ҳолату шароити муайян бояд сарчашмаи ахборро гӯяд [6, с.93].

А. Айхенвалд низ типологияи системаи эвиденсиалиро ба ду навъ ҷудо кардааст. Вобаста ба ин гурӯҳбандӣ дар типи аввал қайди сарчашмаи ахбор ҳатмист, аммо намуди он зикр намешавад. Дар системаи типи дуюм тақсимбандии аниқи навъҳои сарчашма дида мешавад. Ҳамчунин, муҳаққиқ қайд мекунад, ки маънои эвиденсиалӣ ба аксарияти забонҳо шомил аст [5, с.18].

Соли 2011 забоншиноси амрикоӣ, муҳаққиқи бахши эвиденсиалият ва модалият Фердинанд де Хаан дар асоси лоиҳаи «Атласи умумиҷаҳонии структураи забонӣ» ин падидаро баррасӣ намуд. Ӯ системаи забонҳоро аз рӯйи ифодаи эвиденсиалият бо роҳи морфологӣ ба се гурӯҳ ҷудо намуда, дар харитаи забонҳои ҷаҳон системаи забонии

1) беэвиденсиалият (no grammatical evidentials);

2) танҳо эвиденсиалияти ғайримустақим (indirect evidentials);

3) ду навъи эвиденсиалият – мустақим ва ғайримустақим (direct and indirect evidentials) доштаро нишон дод. Аз нуқтаи назари Фердинанд де Хаан эвиденсиалият дар граммемаҳои забонҳои африкоӣ қариб ки тамоман инъикос наёфтааст ва дар забонҳои аврупоӣ асосан эвиденсилияти ғайримустақим мавҷуд аст. Аз ҳама бештар эвиденсиалият дар забонҳои ҳиндии ҷанубии ИМА (падида бори аввал дар ин забонҳо ба қайд гирифта шудааст), Қафқоз ва Ҳимолой грамматикализатсия шудааст. Ин нишондод аз рӯйи тақсимбандии ҳудудӣ таҳқиқ шудааст. Аз рӯйи тадқиқоти Фердинанд де Хаан аз 418 забон дар 237 забон эвиденсиалият грамматикализатсия шудааст.

Дар забоншиносии муосир айни замон ин падида дар муносибат бо модалияти эпистемикӣ ва дар асоси марзи функсионалӣ-маъноӣ ва мухобиротӣ-корбурдӣ муҳити маъноии он муайян карда мешавад. Аз ин ҷост, ки соли 2014 дар шаҳри Мадрид конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи модалият ва эвиденсиалият (International Conference on Evidentiality and Modality in European Languages) баргузор гашт, ки он дар баррасӣ ва муайян намудани марзи маъноии эвиденсиалият мавқеи муҳим дорад.

Истилоҳи «эвиденсиалият» («эвиденциальность», «evidentiality») аз забони англисӣ («evidence») гирифта шудааст, ки маънояш дониш ё ахбори муайяне, ки бо ёрии он гӯянда падида, ҳолат, вазъиятро исбот мекунад ва ё худаш низ ба рост будани ин ё он падида бовар мекунад.

Чи тавре ки зикр кардем, кӯшиши аввалин дар муайян намудани ин падида ба Ф. Боас тааллуқ дорад ва ӯ зикр мекунад, ки дар забонҳои ҳиндӣ нишондоди сарчашмаи ахбор дар сурати гӯянда имконияти мушоҳида ва назорати вазъиятро надоштан ҳатмист [11, с.232].

Р.О. Якобсон мепиндорад, ки эвиденсиалият дар забони русӣ комилан хосси феъл аст ва категорияи феълист, ки се далелро ба ҳисоб мегирад: далели (факт) хабарӣ, далели хабар ва далели ахбори пешниҳодшуда ё худ сарчашмаи маълумоти пешниҳодшуда доир ба далели хабарӣ [21,с.96].

У. Чейф доир ба ин мафҳум ба маънои васеяш қайд мекунад, ки эвиденсиалият ҳар гуна ё дилхоҳ ифодаи муносибат ба маълумот ё дониши азбаршуда мебошад [19, с.8].

Дар таҳқиқоти дигар эвиденсиалият чунин таъриф мегардад: «Рамзи забонии сарчашмаи ахбор оид ба воқеоти гуфташуда», эвиденсиалият «сарчашмаи ахборро ифода мекунад ё шаҳодатномаи он чизест, ки нақл мегардад», «сарчашмаи рамзишудаи ахбор мебошад» [5, с.18].

М.Ю. Григоренко эвиденсиалиятро ҳамчун «қисмати маъноҳои сохторӣ ва дар заминаи онҳо мазмуни даркшудаеро, ки дар худ нишондоди сарчашмаи маълумоти гӯяндаро инъикос мекунанд», муайян месозад [2, с.15].

Ҳамаи ин гуфтаҳо доир ба эвиденсиалияти универсалӣ, типологӣ ва эвиденсиалият дар забони алоҳида мебошад. Дар «Иҳсо-ул-улум»-и Абӯнаср Муҳаммади Форобӣ омадааст: «Илми забон ба таври куллӣ ба ду қисм аст: яке фаро

гирифтани алфозест, ки дар назди миллате дорои маънӣ аст ва шинохтани ҳудуди далолати он алфоз. Дигар шинохтани қавонини ин алфоз» [3, с.39].

Яъне, дар забон вобаста ба воҳидҳои он қисматҳо мавҷуд аст ва дар он бахшҳо ҳар алфоз дорои маъност ва ҳудуду марзи далолати он алфоз (муфрад ё мураккаб) ва қавонини он бояд шинохта шавад. Аз ин ҷост, ки ҷойи дигар зикр мегардад, ки илми забон «дар ҳар забоне танҳо матолиберо мавриди баҳс қарор медиҳад, ки ба забони ҳамон миллат ихтисос дорад. Ва агар дар ҳолатҳое, ки миёни он забон бо дигар забонҳо муштарак аст, ба мутолиа мепардозад, ин мутолиа аз ҷиҳоти иштироки онҳо нест, балки аз он ҷиҳат аст, ки он ҳолат дар забони он мардум бахусус мавҷуд аст» [3, с.41].

Гуфтаҳои ин донишманди фарзона мувофиқ ба ҳолати мавзӯи баррасишаванда аст, чунки мақсаду манзури мо сухан гуфтан оид ба эвиденсиалият ё ин ки шартан нақлият ё маънои нақли он аст, ки дар феъли забони тоҷикӣ ин падидаи маъноӣ дида мешавад.

Дар забоншиносии фаронсавӣ истилоҳи **медиатив,** ки онро забоншинос, типолог ва эроншинос Жилбер Лазар соли 1957 дар мақолаи доир ба забони тоҷикӣ навиштааш истифода намудааст, бо ин истилоҳ дар рақобат аст [11, с.321-325].

Дар китоби «Опыт историко-типологического исследования иранских языков» дар мусовият бо сиғаи хабарӣ дар забони тоҷикӣ сиғаи аудитивиро нишон додаанд, ки дар он чаҳор шакли нақлии феълро ҷой намудаанд. Ҳамзамон зикр мегардад, ки мабдаи ахбор доир ба амал муайян нест ва гӯянда аз ғайр ё хулосаи зеҳнӣ ва ё аз мушоҳидаи вазъият мефаҳмад ва ин навъи сиға махсусан дар ифодаи шакли замони гузаштаи муайяни нақлӣ ва замони гузаштаи давомдори нақлӣ категорияи замонро гум карда, бештар ва равшантар категорияи намуди давомдорро ифода мекунад. Ҷудо гаштани сиғаи аудитивӣ боиси маҳдудияти мавқеи сиғаи хабарӣ мегардад [10, с.439-441].

Ба ақидаи З. Гуинчева дар забонҳои чун албанӣ, туркӣ, озарӣ, форсӣ, тоҷикӣ, армании ҷанубӣ, гурҷӣ, непалӣ ва дигар эвиденсиалияти ғайримустақиме, ки аз асоси замони гузашта дар шаклҳои аналитикии феъл ифода ёфтааст, хос мебошад [5, с.18].

Бояд гуфт, ки аз рӯйи қоида маънои нақлӣ дар замони гузашта ифода меёбад ва нишондиҳандаҳои он аз шаклҳои замони гузашта пайдо шудаанд, ки олимон дар баъзе забонҳо ҳангоми омӯзиш онҳоро “перфектоид” номидаанд [11, с.323].

Вобаста ба баррасиҳо муайян гашт, ки ҳарчанд ин падида дар таҳқиқот бо номи **медиатив, эвиденсиалият, сиғаи аудитивӣ, реннетив, сиғаи нақлӣ** зикр шуда бошад ҳам, ҳамон маънои нақлиро ифода мекунад. Бояд гуфт, ки маънои нақлӣ бо ду роҳу восита ифода мегардад, морфологӣ ва луғавӣ-маъноӣ. Воситаи морфологӣ шаклҳои феълӣ маҳсуб меёбанд.

Забоншиносони тоҷик ифодаи ин маъноро (ҳарчанд на ҳамчун маъно ё категорияи алоҳидаи грамматикӣ) дар шаклҳои замони гузаштаи нақлӣ [8; 9; 13; 14; 16] ва дар шакли замони гузаштаи сифати феълӣ, таркибу ифодаҳои тавзеҳӣ [1] бо таҳлилу баррасиҳои мушаххас нишон додаанд.

Дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” ин мавзӯъ муфассал баррасӣ шудааст ва бо роҳи луғавӣ-маъноӣ ифода гаштани маънои нақлӣ низ қайд гардидааст: “Феъли ёридиҳандаи “будан ” ва дигар феълҳо дар афсонаю ривоятҳо аксар ба шакли нақлӣ истеъмол мешаванд... Таъбири феълии буд-набуд маънои нақлӣ дорад” [1, с.223]

В.А. Плунгян ҳангоми омӯзиши ин масъала чор навъи ахборро нишон медиҳад:

1.Маълумот ё ахбори аниқ – гӯянда вазъиятро мушоҳида намудааст;

2.Ахбори мустақим – гӯянда дастрасӣ ба маълумот дорад;

3.Ахбори бавосита – гӯянда худ вазъиятро мушоҳида ва назорат накардааст;

4.Ахбори ғайримустақим – гӯянда дастрасӣ ба маълумот надорад.

Вобаста ба навъҳои ахбор се типи эвиденсиалиятро муайян мекунад:

1.Эвиденсиалияти мустақими бевосита;

2. Эвиденсиалияти мустақими бавосита;

3. Эвиденсиалияти ғайримустақими бавосита[11, с. 321-325].

Системаи маънои нақлӣ пеш аз ҳама сарчашма ва фарқияти мабдаи ахбори гӯяндаро вобаста ба ду аломат ифода мекунанд.

А) Гӯянда дастрасии мустақим ба вазъият доштааст (ахбори мустақим) яъне, гӯянда вазъиятро назорат дошт ва ғайримустақим –гӯянда назорат надошт:

Ҳар ду **нишастаем**

Дар рӯйи тахтасанг,
Ҷорист рӯди маст
Пуршӯру бедиранг [20, с.10].

Ахбори ғайримустақим:

Ҳисси поки дилбариву сӯзу сози зиндагӣ
Акс ***гардидаст*** *дар овозу дар оҳанги тез.*
Нолаи най илтиҷои пургудози ошиқ аст,
Илтиҷову лобаву зорӣ ба дилдори азиз [20, с.18].

Дар назм баъзан садоноки а-и бандаки хабарӣ меафтад [13,с.55].

Б) Гӯянда шахсан дастрасӣ ба мабдаъ ё сарчашмаи ахбори оид ба вазъият доштааст ва муҳим нест, ки мустақим аст ё ғайримустақим:

Нестам рӯсӯхта дар рӯ ба рӯят, эй Ватан,
Ҳарф-ҳарфи шеъри ман аз меҳри ту ***огандааст*** [20, с.14].

Хусусияти ахбори бевосита ва бавосита, яъне гӯянда ба далел дастрасии инфиродӣ дошт ва ё инфиродӣ надошт, фарқ мекунад. Ахбори бевосита:

Бо ёри худ ба соҳили дарё ***нишастаам****,*
На, на, ба тахти мармари дунё ***нишастаам*** *[20, с.30].*

Ахбори бавосита:

Кӯчаҳоро номи зебо ***додаанд****,*
Хонаҳоро зебу оро ***додаанд****.*
Росту ҳамвор гашта кӯчаҳо
Сар ба пойи говраҳ ***бинҳодаанд*** [20, с.67].

Тавассути граммемаҳои ифодакунандаи ин маънои грамматикӣ вобаста ба табиати он ҳар як типи ин маъно мушаххасонида мешавад. Дар як маврид фақат як навъ метавонад бавосита ё ғайримустақим бошад. Дар байти зер дар мисраи аввал навъи ахбори бевоситаи ғайримустақим ва дар мисраи дуюм навъи ахбори бевоситаи мустақим бо шакли дуюми сифати феълии замони гузашта дида мешавад:

Аз тағофул як нигаҳ нокарда ***тавсан рондагӣ****,*
Гарчи ман аз аҷз дар роҳаш ***зи по афтодагӣ*** [12, с.75].

Нишондиҳандаҳои нақлияти ғайримустақим одатан ду қисмати маънои матниро дороанд:

а) инферентивӣ - гӯянда худи вазъиятро не, балки натиҷаи онро назорат кардааст:

Дар кӯҳ варо на боғбон ***биншондаст****,*
На об ба вай додаю на ***парвардаст****.*
Ҳайрат бибарад маро ҳамеша, ёрон:
Ин гуна чӣ қувва бехазонаш ***кардаст****?* [20,с.19].

Бо ҳазфи бандаки хабарии -аст:

Ҷу нӯги найза ҳар шохе ***хамида****,*
Ба рӯйи синаи онҳо ***халида*** [13, с.19].

б) ситативӣ: гӯянда дар бораи вазъият аз шахси сеюм маълумот дорад:

Я*ке аз ҳукамо* ***гуфтааст****: Чиҳил дафтар дар ҳикмат навиштам ва ба он мунтафеъ нагаштам; чиҳил калима аз он ихтиёр кардам, аз он низ баҳра ба даст наёвардам; чаҳор калима аз он баргузидам, дар он ёфтам, он чӣ металабидам* [17, с.349].

Сарчашмаҳои мустақими маълумот визуалӣ (гӯянда бо чашм назорат кардааст) мебошад:

Дидаам бисёр, к-аз сайри сипеҳри каҷниҳод
Дӯстон душман шаванду дӯстиҳо душманӣ [17,с.350].

Дигар сарчашмаи маълумот сенсорӣ (гӯянда бо узви сомеа ва шомма вазъиятро қабул мекунад) мебошад:

Шунидаам*, ки подшоҳ онро намехоҳад* [17, с.370].

Перфекти II

Он ***шунидастӣ****, ки турке васфи ҷаннат чун шунид,*
Гуфт бо воиз,ки он ҷо горату тороҷ аст? [17, с.423].

Дар навъи мустақими сарчашмаи эндофорикӣ гӯянда ботинан ҳис мекунад (ба мисли тарс, қасд), аммо қабул карда наметавонад.

Пиндоштам, ки табиб пеши бемор ***фиристодаам****, ман худ бемор пеши табиб* ***фиристода будаам*** [17, с.338].

Борҳо бо хеш ***андешидаам****,*

Дар халосӣ з-ин бало ***печидаам*** [17, с. 215].
Агарчи офтоби ман саҳаргоҳон ***гурубидаст,***
Агарчи ғарқ гардидам ба хушкӣ,
Туро ҷӯям,
Туро хонам ҳамеша бесадо, эй ёр,
Ки то чун ман нагардӣ ғарқ дар хушкӣ [20, с.44].

Сарчашмаҳои ғайримустақими маълумот вобаста ба он ки гӯянда метавонад вазъиятро баррасӣ кунад аз рӯйи он чизе, ки гӯянда натиҷа меҳисобад ё дар асоси таассуроти мантиқии хусусияти умумидошта метавонад фарқ кунад.

Нӯҳ алайҳиссалом, ҳазор сол дар ҷаҳон ***ба сар бурдааст****, ки* ***мурдааст*** [17, с.356-357].

Амир, сирре, ки дирӯз миёни ману ту ***гузаштааст****, имрӯз дар ифшои он макӯш* [17,с. 368].

ва бо ҳазфи бандаки хабарии -аст:

Валекин нахостам, ки қосиди вайро боз гардонам, магар чунонки амиралмуъминин маро боз ***гардонида*** [17, с.386].

Калимаҳои бояд, шояд баробариҳои луғавии нишондиҳандаҳои ин маъно мебошанд.

Балки ***мешояд*** *барои он* ***буда бошад****, ки зоҳир маглуби ботин нашавад*…[17, с.127].

Ифодаи маънои нақлӣ дар забони тоҷикӣ дар масири таърих ва гӯйишҳояш бо роҳҳои гуногун ифода гаштааст, ки яке аз онҳо тариқи такрори феъли ***будан*** аст:

Ва ин Ардешер … вазире дошт, номи ӯ – Тесор ва пеш аз он аз ҷумлаи ҳакимон ***буда буд*** [16, с.208].

Забоншинос Б. Камолиддинов меорад: “Аён аст, ки муносибати гӯянда нисбат ба воқеияти амалу ҳолат бо ёрии шаклҳои муайяни феъл ифода мегардад. Вале чунин ҳолат ҳам мушоҳида мешавад, ки як шакли феъл “бори” маънои худро канор гузошта, “бори” маънои шакли дигари феълро ба дӯш мегирад, гӯё ба дармондае дасти мадад дароз мекунад”[4, с. 26].

Тафриқаи ахбори грамматикии ғайримустақим метавонад вобаста ба ахбори додаи шахси мушаххас дар шакли замони ҳозира бошад:

Саҳл Абдуллоҳи Тустарӣ, қуддиса сирруҳу, ***мегӯяд****, ки ҳар кӣ бомдод кунад ва ҳиммати вай он бошад, ки чӣ хӯрад, даст аз вай бишӯй* [18, с.338].

Ва тафриқаи ахбори грамматикии ғайримустақим метавонад вобаста ба ахбори додаи шахси мушаххас, ки ба гӯянда махсус нест ё ношинос аст (овардаанд, гуфтаанд) муайян гардад:

Аз Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар, разияллоҳу анҳу, ***овардаанд****, ки рӯзе азимати сафаре карда буд* [18, с.377].

Ва бо илова шудани пешванди ме-, яъне нақлияти амали давомдор:

Дар шаҳри Тӯс ***мебудааст*** [18, с.53].

Дар ҷумлаи зер феъл дар шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ маънои нақлиро ифода кардааст.

Мегӯянд, ки вай ба даҳқанат ***машғул мебуд*** [17, с.126].

Яъне, мегӯянд, ки вай ба даққанат (деҳқонӣ) машғул будааст.

Ифодаи нақлият бо шакли замони гузаштаи ҳикоягии нақлӣ вижагии ин маънои грамматикиро нишон медиҳад:

Гӯянд, ки дар он вақт, ки дар сарои ман ***мебудааст****, мавзее будааст, ки дар он вақт, ки об тугён мекарда, дар он мавзеъ харобӣ бисёр мекарда. Хаймаи вайро он ҷо бурдаанд, дар он ҷо* ***мебудааст*** [18, с.128].

Инчунин дар шакли аорист меояд, аммо маънои нақлиро ифода мекунад:

Ва ҳам аз вай ***оранд****, ки вақте бемор шуд, халифа табиби тарсо ба муолиҷати вай фиристод* [17,с.338].

Муҳаққиқон ифодаи маънои нақлиро тавассути шакли дуюми замони гузаштаи сифати феълӣ низ ёдрас шудаанд [1, с.215; 8, с.218; 12, с.18;16, с.204].

Дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” омадааст: “Истеъмоли ин шакли феълӣ ба ин маъно [маънои нақлӣ – Г.Ж.] аксар бо шаклҳои феълӣ, баъзан бо ёрии ибораҳои тавзеҳӣ воқеъ мешаванд. Ин гуна ибораҳо аз “маълум аст”, “маълум шуд”, “маълум мешавад” иборатанд” [1, с.213].

В.А. Плунгян зикр мекунад, ки дар маънои нақлӣ ахбор аз захираи умумии маълумот (мусаллам аст, чӣ тавре ки маълум аст) муайян мегардад ва нишон дода мешавад [11,с.325].

***Дар хабар аст**, ки Худои таъоло ... мегӯяд* [18, с.334].

Вобаста ба ин В. А. Плунгян таъкид медорад, ки забоншиносон асос надоранд, ки маънои нақлиро навъи одии модалияти эпистемикӣ муаррифӣ накунанд ё ин ки бо баъзе саҳви сухан маънои нақлӣ ва модалияти эпистемикиро ҳамчун категорияҳои алоҳидаи ба ҳам алоқаманднабуда тавзеҳ надиҳанд [11, с.325].

Ҳангоми омӯзиш муайян гашт, ки дар забони тоҷикӣ маънои нақлӣ (эвиденсиалият), ки ҳамчун маънои универсиалӣ дар забоншиносӣ пазируфта шудааст, дар пажӯҳишҳои вобаста ба забони тоҷикӣ бо номи **медиатив, сиғаи аудитивӣ, шаклҳои замони гузаштаи нақлӣ, шаклҳои ифодаи феъли нақлӣ, перфекти** II баррасӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки навъҳои воситаи ифодаи ин маъно дар афкори забоншиносӣ низ қайд шудааст [3, с.13].

Муайян гашт, ки ҳудуди марзи маъноии нақлӣ ё эвиденсиалӣ дар забони тоҷикӣ хеле фарох аст.

Ин навъи маъно на танҳо бо шаклҳои замони гузашта, балки бо шаклҳои замони ҳозира-оянда низ ифода шудааст.

Ҳам навъҳои мухталифи эътирофшудаи сарчашмаи ахбори ин маъно ва ҳам типҳои гуногуни он бо тарзи гуногун дар забони тоҷикӣ мавҷуд аст.

Маънои нақлӣ бо шакли дуюми замони гузаштаи сифати феълӣ ифода меёбад, ки ин бори дигар алоқамандии сифати феълиро ба замони гузашта нишон медиҳад (ба ёд оред: асоси замони гузаштаи феъл ва сифати феълӣ дар давраи миёна).

Баробариҳои луғавӣ, ибораҳои тавзеҳӣ, таъбири феълии буд-набуд, такрори феъли будан ва шаклҳои дигари феъл барои ифодаи ин маъно саҳмгузоранд.

Ин ҷо фақат метавонем, иброз дорем, ки дар забони тоҷикӣ чунин навъи маънои грамматикӣ мавҷуд аст ва граммемаҳои хосси худро дорад ва онҳо дар матн маънои худро зоҳир мекунанд.

Ҳамин тариқ, хусусияти маънои грамматикии феъл ҳамчун ҳиссаи нутқи марказӣ мухталиф буда, ҳамзамон маъноҳои грамматикии он дар марзи ин ҳиссаи нутқ низ домани фарох густурдаанд ва буришу бархӯрд ва дар мусовият будани онҳо қабатҳои гуногуни маънои грамматикиро боз намуда, онҳоро муайян менамоянд. Агар маъноҳои аспектуалӣ барои нишон додани маънои такрорёбии амал ва хусусияти такрорёбии он, анҷомёфта, давомдор, муайянӣ ва номуайянии ҳадду ҳудудро ифода кунанд, маънои модалият маънои ирреалӣ ва реалии вазъият ва сиға муносибати гӯяндаро ба воқеият ва маънои нақлӣ вобаста ба сарчашмаи ахбор вазъият ва фарқияти онро нишон медиҳад. Ин маънои грамматикӣ байни маънои модалият ва сиға меистад, зеро дар маънои модалият аз рӯйи зарурат ва имконият муносибати фоил ба вазъият бошад, дар маънои грамматикии сиға ва нақлият муносибати гӯянда аст, аммо имконияти сиға нисбат ба нақлият бештар аст, зеро маънои нақлият фақат дар асоси сарчашмаи ахбори вазъият матраҳ мегардад. Ва бояд эътироф кард, ки матн дар ин маврид нақши асосӣ мегузорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.– Душанбе: Дониш, 1985. -Ҷ.1. – С.231-235.
2. Григоренко М.Ю. Функционально-семантическое поле эвиденциальности в современном русском языке / М.Ю. Григоренко. – Белгород, 2011. – С. 15.
3. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик: хрестоматия / Д.Хоҷаев, Н. Қурбонов, О.Додаров. – Душанбе, 2017. – 320 с.
4. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
5. Кобрина О.А. Категория эвиденциальности в современном английском языке / О.А. Кобрина // Семантика и средства выражения. – М.: РГБ, – 2005. – С. 18.
6. Козинцева Н.А. Категория эвиденциальности (проблемы типологического анализа) / Н.А. Козинцева // Вопросы языкознания. – № 3. 1994. – С. 92-104.
7. Князев Ю.П. Грамматическая семантика: учебник / Ю.П. Князев. – Москва, 2007. -702 с.
8. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. -Ҷ.1. – 492 с.
9. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2016. -Ҷ.2. – 238 с.
10. Опыт историко-типологического исследования иранских языков. – Москва: Наука, 1975. -Т. II. –С. 439-443.
11. Плунгян В.А. Общая морфология: учебник / В.А. Плунгян. - М., 2003. –384 с.
12. Сабзаев С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.М. Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 79 с.
13. Саиди Ҳалимиён. Феъл (куниш): дастури таълимӣ. –Душанбе: Дониш, 2013. –126 с.

14. Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик / Б. Сиёев. - Душанбе: Дониш, 1968.- С.113.
15. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI: монография / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 310 с.
16. Ҳасанов А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯйиши шимолӣ / А.Ҳасанов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. –256 с.
17. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор.– Душанбе: Адиб, 1989. -Ҷ.7. – С.339-540.
18. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор.– Душанбе: Адиб, 1990. -Ҷ.8. – С.7-132.
19. Эйюп Б. Категория эвиденциальности в турецком языке в функционально-семантическом аспекте: В сопоставлении с алтайским языком / Б. Эйюп. – М.: РГБ, 2005. – С. 8.
20. Лоиқ Шералӣ. Куллиёт.– Душанбе: Адиб, 2002. -Ҷ.1. – 560 с.
21. Якобсон Р.О. Шифтеры, глагольные категории и русский глагол / Р.О. Якобсон // Принципы типологического анализа языков различного строя. – М: 1972. – С.95-113.

МАЪНОИ НАҚЛИИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Хусусияти маънои грамматикии феъл ҳамчун ҳиссаи нутқи марказӣ мухталиф буда, ҳамзамон маъноҳои грамматикии он дар марзи ин ҳиссаи нутқ низ домани фарох густурдаанд ва буришу бархӯрд ва дар мусовият будани онҳо қабатҳои гуногуни маънои грамматикиро боз намуда, онҳоро муайян менамоянд. Дар мақола муаллиф доир ба намуд ва роҳҳои ифодашавии яке аз навъҳои маънои грамматикии универсалӣ – маънои нақлӣ (эвиденсиалият) дар забони тоҷикӣ баҳс мекунад. Ҳангоми баррасӣ қайд мекунад, ки ҳарчанд ифодашавии ин маъно бо категория ва истилоҳи мушаххас дар забони тоҷикӣ эътироф нашуда бошад ҳам, забоншиносони тоҷик доир ба навъҳои воситаҳои ифодашавии ин маъно тавассути шаклҳои феъл андешаҳои мушаххас ва созгор ба ҳамин масъала баён намудаанд. Дар забони тоҷикӣ эвиденсиалият, ки ҳамчун маънои универсиалӣ дар забоншиносӣ пазируфта шудааст, дар пажӯҳишҳои вобаста ба забони тоҷикӣ бо номи медиатив, сиғаи аудитивӣ, шаклҳои замони гузаштаи нақлӣ, шаклҳои ифодаи феъли нақлӣ, перфекти II баррасӣ шудааст. Маънои нақлӣ вобаста ба сарчашмаи ахбор вазъият ва фарқияти онро нишон медиҳад. Ин маънои грамматикӣ байни маънои модалият ва сиға меистад, зеро дар маънои модалият аз рӯйи зарурат ва имконият муносибати фоил ба вазъият бошад, дар маънои грамматикии сиға ва нақлият муносибати гӯянда аст, аммо имконияти сиға нисбат ба нақлият бештар аст, зеро маънои нақлият фақат дар асоси сарчашмаи ахбори вазъият матраҳ мегардад.

Калидвожаҳо: маънои нақлӣ, эвиденсиалият, модалият, маъно, сиға, марзи функсионалӣ-маъноӣ, шаклҳои феъл, замони гузаштаи нақлӣ, перфект, маънои луғавӣ ва грамматикӣ.

ПЕРЕСКАЗАТЕЛЬНОЕ ЗНАЧЕНИЕ ГЛАГОЛА В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Свойство пересказательного значения глагола как центральной части речи различное, и в то же время его грамматические значения на границах данной части речи тоже имеют широкое распространение, их разрез и противостояние, также их эквивалентность открывают различные пласты грамматического значения и определяют их. В данной статье автор ведет спор относительно вида и путей выражения одного из типов грамматического универсального значения – пересказательного значения (эвиденциальности) в таджикском языке. При рассмотрении автор отмечает, что хотя выражение данного значения не признана в таджикском языке с конкретной категорией и термином, таджикские языковеды высказали ценные мысли относительно типов средств выражения данного значения посредством форм глагола. В таджикском языке эвиденциальность, которая признана как универсальное значение в языкознании, в исследованиях связанных с таджикским языком рассмотрена под названиями медиатив, аудитивное наклонение, формы пересказательного прошедшего времени, формы выражения пересказательного глагола, перфект II. Иносказательное значение в зависимости от источника информации показывает его состояние и различие. Данное грамматическое значение стоит среди значения модальности и наклонения, так как в значении модальности из-за необходимости и возможности отношения залога к ситуации, в грамматическом значении наклонения и пересказательности является отношением говорящего, но возможностей наклонения по отношению к пересказательности больше, так как значение пересказательности рассматривается только на основе источника информации относительно ситуации.

Ключевые слова: пересказательное значение, эвиденциальность, модальность, значение, наклонение, функционально-семантическое поле, формы глагола, прошедшее пересказательные формы, перфект, лексическое и грамматическое значение.

RESTRICTED VALUE OF A VERBAL IN TAJIK LANGUAGE

The property of the retelling meaning of the verb as the central part of speech is different, and at the same time its grammatical meanings on the borders of this part of speech are also widespread, their cut and standoff, as well as their equivalence, reveal different layers of grammatical meaning and define them. In this article, the author is arguing about the type and ways of expressing one of the types of grammatical universal meaning - the retelling meaning (evidentiality) in the Tajik language. When reviewing, the author notes that although the expression of this meaning is not recognized in the Tajik language with a specific category and term, Tajik linguists have expressed valuable thoughts on the types of means of expressing this meaning through verb forms. In the Tajik language, evidentiality, which is recognized as a universal meaning in linguistics, in the studies related to the Tajik language is considered under the names of mediatives, the auditive mood, the forms of the retelling past tense, the expressions of the retelling verb, perfect II. The allegorical meaning, depending on the source of information, indicates its state and difference. This grammatical meaning is among the meaning of modality and mood, as in the meaning of modality, because of the necessity and possibility of the relation of the voice to the situation, the grammatical meaning of mood and retelling is the attitude of the speaker, but the power of mood towards retelling is more, because only based on the source of information regarding the situation.

Key words: retelling meaning, evidentiality, modality, meaning, inclination, functional-semantic field, verb forms, past retelling forms, perfect, lexical and grammatical meaning.

Сведения об авторе: ***Гулназарова Жило*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-68-19-70**

Information about the author: ***Gulnazarova Zhilo*** **–** Tajik national University, candidate of philological Sciences, associate Professor of language history and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-68-19-70**

УДК: 491.550-56.6

ИФОДАИ МАҶОЗ ДАР ЗАБОНИ ШЕЪР

Саломов М., Зайдуллои Хайрулло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Офарандаи забони адабии тоҷик зиёиёни пешқадами халқи тоҷик мебошанд. Ин забон дар асрҳои IX-X ташаккул ёфтааст. Дар забони адабии асрҳои IX-X ҳамаи аломатҳои забони адабӣ - соҳибхатӣ, сарашавӣ, устувории меъёрҳои бартарӣ аз шева падид меояд. Асарҳои безаволи Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино дар ҳамон давра ба ҳамин забон таълиф шудаанд. Дар натиҷа мақоми забони тоҷикӣ торафт баланд шуда, эътибори он аз доираи Осиёи Миёнаву Хуросон берун мебарояд. Нуфузи забони тоҷикӣ дар тамоми даврони асрҳои миёна қатъи назар аз задухӯрдҳои пуршиддат ва тағйири вазъияти сиёсию иҷтимоии адабӣ ва услубиёти он дар тамоми ин муддат як хел сурат нагирифтааст.

Забони адабии тоҷик таркиби луғавии бой ва пурғановатеро дорост, ки дар тӯли таърихи дуру дароз ташаккул ёфта, ҳанӯз ҳам дар инкишоф аст. Таркиби луғавӣ ҳолат ва манзараи умумии хазинаи бойигарии луғати забонро нишон медиҳад. Дар таркиби луғавии забон як гурӯҳ калимаҳое дучор мешаванд, ки дар ҳаёт дар истеъмол калимаҳои муҳим ва асосианд. Чунончи, о**б, намак, пахта, гандум, гов, гӯсфанд, рафтан, омадан ва монанди инҳо.**

Калима дар таркиби луғавии забон воҳиди асосӣ буда, дорои маънои аслӣ ва маҷозӣ мебошад.

Профессор Ҳ. Маҷидов дар мақолаи хеш «Калима ҳамчун воҳиди забон» доир ба вижагиҳои калима чунин қайд менамояд: «Калимаҳо аз воҳидҳои асосию муҳимтарини забон ба ҳисоб мераванд. Онҳо назар ба ҳамаи воҳидҳои дигар бо мустақилияти бештари худ фарқ карда меистанд ва дар қолабҳои овозии устувор, нафақат системаи маъноҳои гуногунро ифода карда метавонанд, балки ба тавассути он маъноҳо бо мафҳумҳо ва ашёҳои ҳаёти воқеӣ, маданияти моддӣ, таърихи гузаштагон, ҷаҳонбинӣ ва олами маънавии одамон алоқаманд мешаванд» [4, с.7].

Унсурҳои луғавии забон сермаъноии калимаҳо, муродифҳо, мутазод низ дар инкишофу таҳаввул қарор доранд. Сермаъноии калимаҳо низ дар системаи забон падидаи нек ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқон хусусиятҳои сермаъноии калимаҳоро ба инобат гирифта, онро ба метафора, метонимия ва синекдоха ҷудо кардаанд ва ҳар яке аз ин навъи полисемияро навъе аз маҷоз номидаанд. Масалан, доир ба метафора чунин менигоранд: «Метафора намуди маъмулу машҳури маҷози забон аст. Дар метафора ду предмет ё ҳодисаи аз ягон ҷиҳат ба ҳам монандро бо як калима ном мебаранд» [4, с.14-15].

Сермаъно шудани калима бо усули маҷозӣ маънои аслии калимаро инкишоф медиҳад. Масалан, калимаи парда ба ғайр аз маънои аслии худ «порча ва матое, ки барои пӯшонидани дару тиреза ба кор мебаранд, чодар, рӯпӯш» боз ба чунин маъноҳои маҷозӣ истеъмол мешавад: «чизи номаъмул»: сирҳои пӯшида, «офтоб» (хуршед аз парда баромад), «осмон» (пардаи нилгун) ва ғайра. Ба ҳамин тариқ, калимаҳое, ки маъноҳои ба ҳам алоқаманди лексикиро ифода мекунанд, сермаъноиро ба вуҷуд меоваранд. Адибону шоирон ҳангоми эҷоди асарҳои худ кӯшиш мекунанд, ки осори офаридаашон ба дили хонанда роҳ ёбад, онҳоро ба ваҷд оварад. Бинобар ин, эҷодкорон дар офариниши асарҳои худ аз санъатҳои бадеӣ фаровон истифода мебаранд ва мафҳумҳоеро истифода мекунанд, ки ба маънои

ғайриаслӣ меоянд. Яке аз чунин санъатҳои бадеӣ маҷоз мебошад, ки дар осори классикони форс-тоҷик хеле фаровон истифода шудааст.

Пеш аз он ки мо ба асли матлаб гузарем, дар бораи мафҳуми истилоҳӣ ва луғавии ин санъат аз сарчашмаҳо ва ақидаҳои муҳаққиқону адабиётшиносон маълумоти мухтасар хоҳем дод.

Ба қавли Шамс Қайси Розӣ: «Ва маҷоз он аст, ки аз ҳақиқат даргузаранд ва лафзро бар маъние дигар итлоқ (адо) кунанд, ки дар асли вазъ на барои он ниҳода бошанд. Лекин бо ҳақиқат он лафз ваҷҳи алоқае дорад…» [19, с.292].

Ҳамин тариқ, маҷоз калимаи арабӣ буда, калима ва ибораеро меноманд, ки дар ғайри маънии ҳақиқии худ кор фармуда шуда ва он маънӣ аз ягон ҷиҳат ба маънии аслии калима монанд аст, мебошад.

Агар шоир ё нависанда дар асари худ калима ё таркиберо ба маънои ғайриаслӣ истифода бараду он маънӣ аз ягон ҷиҳат ба маънои аслӣ монанд бошад, онро маҷоз меноманд.

Донишмандони тоҷик, профессорон Х. Шарифов ва У. Тоиров маҷозро чунин таъриф кардаанд: «Маҷоз калима ё таркибест, ки дар ғайри маънии аслӣ кор фармуда мешавад, вале аз ваҷҳе ба маънии аслӣ шабоҳат дорад. Маҷозро зидди ҳақиқат гуфтаанд, лекин маънои маҷозӣ ба сари худ ҳақиқатест» [22, с.254].

Маҷоз дар илми бадеъ яке аз санъатҳои маънавӣ ба шумор меравад. Маҷоз ҳамчун усули маъмули сермаъношавии калима анвои зиёде дорад. Усулҳои киноя, истиора, ташбеҳ ва боз бисёр дигарҳо аз ҳамин ҷумла мебошанд.

Маҷоз дар забони осори бадеӣ (махсусан жанрҳои ғиноӣ (лирикӣ) нисбат ба забони гуфтугӯӣ бештар истеъмол меёбад:

Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем,
Ай бехабар, зи лаззати шурби мудоми мо (Ҳофиз).

Маҷозро ду навъ гуфтаанд: гуфтугӯӣ ва адабӣ-бадеӣ. Агар маҷози забони гуфтугӯӣ аз рӯйи зарурати иҷтимоӣ (ном ниҳодан ба мафҳумҳои гуногун) бунёд ёбад, маҷози адабӣ – бадеӣ аз рӯйи зарурати ҳиссӣ (эмотсионалӣ)-эстетикӣ арзи ҳастӣ мекунад. Зеро ҳар як адиб барои пуробуранг ва дилнишин гардидани суханаш калимаҳоро ба маъниҳои гуногун истифода менамояд ва аз рӯйи хусусияти сифатию монандӣ ва алоқамандии онҳо образҳое меофарад, ки онҳо ба дили хонандааш зуд роҳ ёбанд ва ӯро мутаассир созанд [10, с.27].

Дар осори бадеӣ санъатҳои маънавии бадеӣ мавҷуданд, ки бо роҳи маҷозӣ маъноҳои гуногунро ҳосил менамоянд. Яке аз ин санъатҳои маънавии бадеӣ ташбеҳ мебошад. Маънои ташбеҳ дар луғат монанд кардан аст ва дар истилоҳ иборат аст аз монанд кардани чизе бо чизе дар сифате муштарак миёни ҳарду. Дар илми мантиқ муқоисаи миёни чизҳоро таълимоти қиёсот меомӯзад. Калимаҳои асосии адоти ташбеҳ аз инҳо иборатанд: **монанди, мисли, мисоли, ба сони, ба шеваи, ба услуби, ба шакли, чунон, ҳамчун, чун ба кирдори, гӯи, гуфти:**

Бихандад лола дар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр дар гардун ба сони чеҳраи Маҷнун [Рӯдакӣ].

Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон,
К-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон [Саъдии Шерозӣ].

Дари фараҳ ба ҳама ҳол зуд бикшояд,
Чу марди ҳодиса бар сабр пой бифшорад [Анварӣ].

Дар ин байт **чу марди** ҳодиса одоти ташбеҳ- **чу** ба вазифаи монандӣ омадааст.

Истиора. Навъи дигари маҷозро истиора меноманд. Дар маҷоз алоқаи миёни маънии маҷозӣ бо роҳҳои гуногун ба амал меояд. Алоқаи маънии маҷозӣ бо маънии аслӣ, агар дар асоси монандӣ бошад, ин навъ маҷозро истиора мехонанд. Маънои луғавии истиора гаравгон гирифтан аст.

Дар байти дигари Манучеҳрӣ «абри озор» ба маънои офтоб омада истиора шудааст:

Абри озорӣ баромад аз карони кӯҳсор,
Боди фарвардин бичунбид аз миёни маргзор.

Дар байти Носири Хисрав «сӯзани зангзада» ва «каланд» ба маънои пирӣ ва ҷавонӣ омада, истиора шудаанд:

Умри пурмоя ба хобу хур барбод мадеҳ
Сӯзани зангзада хира ба чӣ харӣ ба каланд?

Киноя. Маънои киноя сухани пӯшида, сарбаста гуфтан аст. Киноя чунон аст, ки шоир ё нависанда калима ё ибораеро истифода менамояд, ки ба маънои аслии худ не, балки ба маънои акс омадааст. Дар ин маврид шарти асосӣ он аст, ки маънои аслӣ ба маънои иловагӣ аз ҷиҳати мантиқӣ ва шабоҳат бояд ба ҳам наздик бошанд.

Мисол: ӯ дасткушод аст. Ин ҷо киноя аз саховат ва ҳиммат аст. Мисоли манзум аз шоир Манучеҳрӣ, ки дар он мақсад аз «ҷон дар миёни фарқ» риштаи шамъ бо «ҷони ту зинда ба тан» равғани шамъро дар назар дорад, ки аз сӯхтани он шамъ зинда аст.

Эй ниҳода бар миёни фарқ ҷони хештан,
Ҷисми мо зинда ба ҷону ҷони ту зинда ба тан,
Ҳар замон рӯҳи ту лахте аз бадан камтар кунад,
Гӯйи андар рухи ту музмар ҳамегардад бадан [13, с.44].

Мисоли дигар:

Гоҳ бар маҳи ду ҳафта гарди мушк орӣ падид,
Гоҳ мар хуршедро дар голия пинҳон кунӣ,
Гаҳ зиреҳ пӯшию гаҳ чавгон занӣ бар аргувон,
Хештанро гаҳ зиреҳ созию гаҳ чавгон кунӣ [13, с.45].

Маънои «**моҳи дуҳафта**» - рӯй, «**гарди мушк**»- зулф, «хуршед»- рӯй, «ғолия» - мӯй аст. Маъноияш рӯйи зеборо дар зери мӯй пинҳон кардан аст.

Таркибҳои тавсифӣ дар забон хеле зиёданд ва ҳама вақт истифода мешаванд. Монанди оби равон, ҷавони зебо, дили ғамгин, духтари шармин, қади баланд, мӯйи сафед ва ғайра. Агар дар таркиби изофии тавсифӣ яке аз қаринаҳо ба маънои аслӣ наояд, чунин таркиб маънои маҷозӣ мегирад. Масалан, таркиби «сарви равон» ибораи маҷозист, чунки сарв роҳ намеравад. Агар «ҷавони равон» гӯем, ин ибораи тавсифӣ мебошад.

Мисолҳо:

Маёзор ҳаргиз равони падар,
Агарчанд аз ӯ бахтат ояд ба сар [Фирдавсӣ].

Дар ин бобат забоншинос М.Саломов доир ба маҷоз чунин менигорад:

Маҷоз чунин истилоҳ ё воситаи лингвистӣ – семантикиест, ки калимаҳо пас аз ифодаи маънои аслӣ (луғавӣ) ҷараёни муайянеро дар сатҳи семантикӣ (монандӣ ва алоқамандии калимаҳо аз ягон ҷиҳат) тай намуда, байни худ муносибати дорои тобишҳои нав мегиранд ва маънои маҷозиеро ифода намуда, дар ҳолати кандашавии ин муносибатҳо ба асли худ бармегарданд ва он маъноҳоеро ифода мекунанд, ки дар сатҳи аввал қарор доштанд [6, с.25].

Тавре дар боло зикраш рафт, дар адабиётшиносӣ зери мафҳуми маҷоз ташбеҳ, истиора, киноя, муболиға ва дигар воситаҳои тасвири бадеиро мефаҳманд.

Аз бозе ки маҷоз ҳамчун мавзӯи баҳси забон дониста шуд, муҳаққиқон доираю дараҷа ва мавқеи истеъмолии онро низ тадқиқ карда, ба хулосае омаданд, ки онро ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, умумияту фарқияташро нишон диҳанд:

1) Маҷози забонӣ;
2) Маҷози бадеӣ;

Фарқияти семантикии байни маҷози забонӣ ва бадеӣ дар он аст, ки маҷози забонӣ аломати равшан, намоёнро инъикос мекунад ва ё ифодакунандаи ҳаракати монанд аст. Дар маҷози бадеӣ наздиксозии хусусиятҳои рамзиро дода, таассуроти аномалии семантикиро ба вуҷуд меорад. Маҷози забонӣ вазифаи ахборотӣ ва маҷози бадеӣ вазифаи эстетикиро адо мекунад.

Маҷози забониро аз рӯйи мавқеъ ва доираю дараҷаи истеъмол ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

1) Маҷози нутқи гуфтугӯӣ (шифоҳӣ);
2) Маҷози адабӣ – бадеӣ.

Маҷози нутқи гуфтугӯӣ дар рӯзгори рӯзмарра истифода мешавад, гӯяндаю шунаванда дар ифодаву дарки маънои онҳо чандон заҳмат намекашад. Зеро ифодаи онҳо дар тӯли солҳо дар забон ҳазм гардида, барои соҳибзабонон чун маводи тайёр баҳри ифодаи фикр хизмат мекунанд. Масалан, шери падар, шердил, шербача, асои падар, шердил, шербача, асои падар, нури чашм ҳангоми таҳсину таърифи касе ё ин ки ҳар (аблаҳ), харгӯш (тарсончак), муш (касе, ки ҳаракатҳои бисёри зараровар

дорад), муши дар об афтидагӣ (каси ба талвоса афтида), саг, сагдаҳан (бисёргӯ), ҳангоми таҳқиру таъна-маҷозҳоеанд, ки дар нутқи гуфтугӯӣ истеъмол меёбанд.

Маҷоз дар забони осори бадеӣ нисбат ба забони гуфтугӯӣ бештар истеъмол меёбад. Агар маҷози забони гуфтугӯӣ аз рӯйи зарурати иҷтимоӣ (ном ниҳодан ба мафҳумҳои гуногун) бунёд ёбад, маҷози адабӣ – бадеӣ аз рӯйи зарурати эҷодӣ ва ҳиссӣ – эстетикӣ арзи вуҷуд мекунад. Зеро ҳар як адиб барои пуробуранг гардидани суханаш калимаҳоро ба маъноҳои гуногун истифода менамояд ва аз рӯйи хусусиятҳои сифатию монандӣ ва алоқамандии онҳо образҳо меофарад [9, с. 72 - 73].

Тавре дар боло зикраш рафт, истиора як наъи санъати бадеӣ буда, барои ҷозибанок тасвир намудани ашё ё ҳодиса дар асари бадеӣ хидмат менамояд. Ё ба таври дигар, як навъи маҷозро истиора мегӯянд:

«**Бандагӣ»** – ба маънои фармонбардорӣ, итоат:

Гуфтам, ки нӯши лаълат моро ба орзу кушт,
Гуфто: Ту бандагӣ кун, к - ӯ бандапарвар ояд [Ҳофиз].

«Барг» – 1. узви ғизогирӣ аз ҳаво ва мубодилаи бухор дар растаниҳо ба шакли сафҳаи сабзи тунук:

Дилҳои мо чу барги хазон рехта ба хок
*Эй навбаҳор, **сарви хиромони кистӣ**? [Сайидо].*

Варақи гул:

Дар сухан пинҳон шудам чун бӯи гул дар барги гул,
Майли дидан ҳар кӣ дорад, дар сухан бинад маро (Зебуннисо).

Дил 1. узви хунгардонӣ (ба шакли халтачаи мушакӣ), ки дар тарафи чапи сари синаи инсон ва ҳайвон воқеъ аст.

Қалб; 2. Маҷозан, дохил, миёни чизе:

Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В – аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст [Рӯдакӣ].

Эй дил, сабур бош махӯр ғам, ки оқибат,
Ин шом субҳ гардаду ин шаб саҳар шавад [Ҳофиз].

Шабе чун чоҳи Бежан тангу торик
Чу Бежан дар миёни чоҳи ӯ ман.
***Моҳи хуршеднамояш** зи паси пардаи зулф,*
Офтобест, ки аз пеш саҳобе дорад [Ҳофиз].

Дар ин байт шоир маҳбубаро тасвир намудааст, ки дар он якчанд маҷоз ҷой дорад: «Моҳи хуршеднамо» - рӯйи маъшуқа; «пардаи зулф» - мӯе, ки ба рӯй хамидааст;

«офтоб» - «чеҳраи гарм ва нуронии ӯ», «саҳоб» - (маънои аслиаш абр аст) ҳамон мӯе, ки ба рӯйи маъшуқа хамидааст.

Боғи маро чӣ ҳоҷати сарву санавбар аст?

Шамшоди хонапарвари мо аз кӣ камтар аст?

Дар ин байт сарву санавбар шамшоди хонапарвар дар нигоҳи аввал ба маънии аслии худ омадаанд. Вале чун ба суоли «Шоир аз кӣ камтар аст? таваҷҷуҳ кунем, дармеёбем, ки дар ин ҷо маъние нуҳуфтааст, ки он ба инсон далолат мекунад.

Маънои асосии гулоб оби муаттари гули садбарг аст. Он боз маъноҳои шароб ва ашк, сиришкро ҳам ифода мекунад, ки ҳарду ташбеҳанд:

Ба рӯйи мо зан аз соғар гулобе,
Ки хоболудаем, эй бахти бедор [Ҳофиз].

Ҳамин тавр, дар назми классикии форс-тоҷик мисолҳои зиёду фаровонеро дар шакли ифодаи маҷоз бо истиора, ташбеҳ пайдо намудан мумкин аст. Вале мо бо чанд мисоле, ки дар боло овардем, иктифо намуда, ин мисолҳоро «мушт аз хирвор» меномем.

А Д А Б И Ё Т

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1982 – 420 с.
2. Қосимова М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 112 с.
3. Лексикаи забони тоҷик. – Душанбе, 1997 – 190 с.
4. Маҷидов Ҳ. Қиёфаи овозии калимаи тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 1997. -№1 – 2, – С.7 – 10.
5. Маҷидов Ҳ. Маъноҳои калима / Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 1997. -№3 – 4. – С.13 – 16.

6. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: УДТ, 1982 .– 120 с.
7. Мирзозода Х. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ.– Душанбе, 1992. – 102 с.
8. Муҳаммадиев М. Луғати мухтасари синонимҳо / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1975. – 190 с.
9. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1993. – 272 с.
10. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1968. – 120 с.
11. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ / М. Саломов. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 266 с.
12. Саломов М. Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ / М. Саломов. – Душанбе, 2001. – 138 с.
13. Саломов М. Ифодаи маҷоз. Сохтор ва корбасти воҳидҳои забони тоҷикӣ / М. Саломов. – Душанбе, 1999. – С. 48-52.
Говоря о *советском цветнике*, автор, безусловно, имеет в виду *Родину*, на которую напали фашистские захватчики, представленные поэтом как *бешеные собаки*. Данные метафорические сочетания без труда можно преобразовать в сравнение: Родина, подобная цветнику, и немецкие захватчики, подобные бешеным собакам.

Если в явной метафоре называется лишь определение, то скрытая метафора подразумевает указание какого-либо признака или приметы определяемого понятия в дополнение к самому определяемому. Так, придерживаясь именно такой формулировки дефиниции термина «скрытая метафора», авторы «Словаря литературоведческих терминов» в словарной статье приводят в качестве иллюстрации следующие строки С.Айни:

Мо камбағалонем, ба ҳар гуна баҳона аз дасти замона
Ҳар тири ситамро, ки ҳамегашт равона, будем нишона [9, с.37].

Мы – бедняки, под любым предлогом от рук времени
Были целью каждой направленной пули тирании.

В данном бейте в качестве скрытой метафоры выступают словосочетания *дасти замона* (рука времени) и *тири ситам* (пуля тирании). Время, будучи абстрактным понятием, не имеет рук, однако поэт представляет время в образе человека, взявшего в руки оружие и пули. Таким образом, и время и тирания, участвуя в процессе метафоризации в качестве определяемого понятия в своем прямом значении, наделяются дополнительными, не свойственными им признаками и атрибутами.

Примечательно в этой связи и высказывание Т.Зехни: «Зачастую писатель не называет определение, а присоединяет к определяемому в качестве дополнения какой-либо его признак, качество, орган или атрибут. Так, если мы скажем: *панҷаи зулм* (когти насилия), мы уподобим насилие свирепому дикому зверю, а слово *когти* добавим к нему в качестве дополнения. Такой тип метафоры называют также и *дополненной метафорой* (истиораи изофӣ) или *иносказательной метафорой* (истиораи киноягӣ)» [3, с.61].

Также для полной убедительности ученый приводит следующий пример из произведения Дж.Икрами: Лекин дар пешонї, гирди лаб ва кунҷи чашмонаш дасти ќаттолу берањми умр, андаке бошад њам, аз гузаштаи худ осор мондааст. – *Однако на лбу, вокруг губ и уголочках глаз беспощадная и злая рука жизни, хоть и немного, но оставила свои следы.*

В данном контексте сочетание *дасти ќаттолу берањми умр* (беспощадная и злая рука жизни) является скрытой метафорой, поскольку человеческая жизнь представлена в образе самого человека, у которого есть руки. Именно мастерство писателя позволило ему столь экспрессивно и выразительно передать факт появления морщинок у своего персонажа, именно беспощадная рука жизни была повинна в этом, а не естественный биологический процесс.

Т.Зехни рассматривает и другую особенность скрытой метафоры, когда «определение присоединяется в качестве дополнения к определяемому слову». Это утверждение ученый поясняет следующими строками С.Айни:

Шумо, эй булбулони боғи мактаб,
Саҳаргоҳон набояд хуфт ҳар шаб [3, с.61].

Вы, соловьи школьного сада,
Не следует спать на рассвете дня.

«В этом бейте, в сочетании *булбулони боғи мактаб* (соловьи школьного сада) слово *булбулон* выступает в качестве метафоры к слову *талабагон,* что по отношению к словосочетанию *боғи мактаб* является определением. Сочетание *боғи мактаб* также является дополненной метафорой, поскольку определение *боғ* в качестве дополнения присоединяется к определяемому *мактаб*. Следовательно, словосочетание *боғи мактаб* также является скрытой метафорой» [3, с.61].

Термин «скрытая метафора» привлек также внимание автора «Краткого словаря литературоведческих терминов», который посвятил данному понятию словарную статью. В качестве дефиниции термина «истиораи пӯшида» он приводит: «В скрытой метафоре указывается лишь на какой-либо признак определяемого» [4, с.48]. В качестве иллюстрации он цитирует Лахути:

Душмани камбағалон боз ба пеш омадаст
Гург ин мартаба дар ҷомайи меш омадаст…

Враг бедняков снова выдвигается вперед
В этот раз волк пришел в овечьем обличии.

Комментируя данный пример, Х.Мирзозода отмечает: «В этих примерах скрытые метафоры душмани камбағалон (враг бедняков), гург (волк), будучи качествами басмачей, использованы вместо слова басмач» [4, с.48]. Однако, данное утверждение, на наш взгляд, противоречит рассмотренной ранее гипотезе, поскольку определяемое понятие *басмач* является конкретным существительным и не называется автором. Более того, к определяемому не присоединяется слово, которое бы выражало один из его признаков.

Некоторую сложность в восприятии испытывает читатель, когда в качестве иллюстрации скрытой метафоры автор учебника «Теория литературы» приводит следующее предложение: *Мо дар сари кӯњ будем, офтоб механдид. - Мы были на горе, солнышко смеялось*. Данный пример интерпретируется Ю.Бобоевым следующим образом: «В скрытой метафоре напротив, определение не называется. <…> По обыкновению солнце не смеётся, оно восходит, или, как говорят, выходит из-за гор. Восход солнца уподобляется человеческому смеху. В этом предложении определяемое слово (человек) не указано, а определение (солнце), выполняя функции обоих, сообщает о сиянии солнца» [2, с.157]. Исходя из этого толкования, можно заключить, что основным критерием реализации скрытой метафоры служит олицетворение, когда предметам или явлениям присваиваются человеческие качества.

В посвященном термину «метафора» разделе учебника Ю.Бобоев, раскрывая сущность этого понятия, указывает еще на одну разновидность метафоры – *истиораи вусъатнок* (развернутая метафора) и дает следующее толкование: «стихотворение, в котором тема повествования в полном объеме метафорична, называется развернутой метафорой» [2, с.157]. Таковыми, по мнению ученого, являются поэма В.В.Маяковского «Облако в штанах». Однако в остальных исследуемых нами источниках о такой разновидности, как развернутая метафора нет информации.

Вопрос о частеречной принадлежности рассматривает Т.Зехни, который отмечает, что метафора может быть выражена именем существительным, именем прилагательным, глаголом и деепричастием.

Таким образом, обобщая бытующие в таджикском языкознании на сегодняшний день мнения относительно термина «метафора», можно заключить следующее:

1. Метафора – это средство выразительности лексического уровня, которое заключается в наделении слова переносным значением на основе его сходства с другим.
2. Различают две разновидности метафоры – явную и скрытую. Суть явной метафоры заключается лишь в указании на образ или понятие, которое при сравнении с исходным понятием наделяется новым для слова переносным значением. Скрытая метафора подразумевает указание какого-либо признака или приметы определяемого понятия в дополнение к самому определяемому.
3. Отличительной чертой скрытой метафоры является то, что в процессе метафоризации называется определяемое слово, а не определение как в явной метафоре.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Атаханов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / А.Атаханов. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. – 453 с.
2. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт. Қ.1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ / Ю.Бобоев. – Душанбе: Маориф, 1992. – 374 с.
3. Зехни Т. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992.– 304 с.
4. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.
5. Русско-таджикский словарь. – М.: Русский язык, 1985. – 432 с.
6. Саломов М.Қ. Маҷоз ва воҳидҳои фразеологӣ дар забони назм / М.К. Саломов // Вестник ТНУ. – 2014. – № 4/4 (140). – С. 8-14.
7. Табаров С.Ш. Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 277 с.
8. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ / под ред. Д. Саймиддинова, С.Д.Холматовой, С.Каримова – Д.: Матбаа АИ ҶТ, 2006. – 784 с.
9. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.

УСУЛҲОИ ШАРҲИ САНЪАТҲОИ МАЪНАВӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ: ИСТИОРА

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои истифодабарии воситаҳои фасоҳат, яъне санъатҳои маънавӣ дар забони тоҷики баррасӣ мешаванд. Ба сифати маводи таҳқиқотӣ манбаъҳои илмии назариявӣ, ки дастраси доираи васеи хонандагон мебошанд, аз ҷумла фарҳангҳои истилоҳотӣ, рисолаҳо ва китобҳои дарсӣ истифода бурда шуданд, ки дар онҳо манбаҳои муҳимми фасоҳати нутқ аз тарафи олимони тоҷик ба мисоли Т.Зехнӣ, Ю.Бобоев, Р.Ҳодизода, С.Ш.Табаров, Х.Мирзозода ба таври муффасал баррасӣ шудаанд. Муаллиф бар он ақидааст, ки муайян кардани рӯйхати аниқи ин гуна воситаҳо ғайриимкон мебошад, зеро дар байни олимони тоҷик доир ба ин масъала як қатор мухолифатҳо мавҷуданд. Вале, ба ягонагии ақидаи олимон нисбати масъалаи ба санъатҳои маънавӣ дохил намудани истиора, ташбеҳ, муболиға ва талмеҳ ишора намуда, муаллиф дар назди худ мақсад мегузорад, ки тафсирҳои аз тарафи олимон пешниҳодшударо оид ба истилоҳи «истиора» омӯзад. Дар натиҷаи муқоисаи ақидаҳои гуногуни олимони тоҷик доир ба масъалаи муайянкунии асоси мафҳуми «истиора» муаллиф ба чунин хулосаҳо меояд: 1) истиора яке аз санъатҳои маънавӣ буда, ба ҷойи як калима истифода шудани калимаи дигар мебошад. Истиора ду хел мешавад: истиораи равшан ва истиораи пӯшида. Дар истиораи равшан, ки онро дар илми бадеи классикӣ истиораи биттасреҳ меноманд, соҳибистиора зикр намешавад. Дар истиораи пӯшида истиорашаванда зикр намешавад, ба ҷойи он ягон узв, сифат, хислати онро ба таври изофат ба соҳибистиора мебанданд.

Калидвожаҳо: воситаҳои фасоҳат, истиора, истиораи равшан, истиораи пӯшида, истиорашаванда, соҳибистиора, истиораи вусъатнок.

СПОСОБЫ ЭКСПЛИКАЦИИ СРЕДСТВ ВЫРАЗИТЕЛЬНОСТИ ЛЕКСИЧЕСКОГО УРОВНЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В настоящей статье предпринята попытка пролить свет на некоторые проблемы использования в таджикском языке средств выразительности лексического уровня. В качестве исследуемого материала использована доступная на сегодняшний день теоретическая база по данному вопросу, а именно: терминологические словари, монографии и учебные пособия, так или иначе рассматривающие эстетические ресурсы таджикского языка. Автор отмечает, что определение конкретного перечня всех существующих в современном таджикском языке средств выразительности лексического уровня оказалось задачей неразрешимой ввиду существующих среди ученых разногласий по данному вопросу. Однако, указывая на общность мнений современных ученых в вопросе принадлежности к рассматриваемым средствам выразительности метафоры, сравнения, гиперболы и реминисценции, автор ставит перед собой цель изучить предлагаемые интерпретации термина «метафора» в таджикской научной литературе. В ходе противопоставления различных точек зрения по данному вопросу автор приходит к заключению, что метафора – это средство выразительности лексического уровня, которое заключается в наделении слова переносным значением на основе его сходства с другим. Различают две разновидности метафоры – явную и скрытую. Суть явной метафоры заключается лишь в указании на образ или понятие, которое при сравнении с исходным понятием наделяется новым для слова переносным значением. Скрытая метафора подразумевает указание какого-либо признака или приметы определяемого понятия в дополнение к самому определяемому.

Ключевые слова: средства выразительности, метафора, явная метафора, скрытая метафора, определение, определяемое, развернутая метафора.

METHODS OF EXPLICATION OF MEANS OF EXPRESSION OF LEXICAL LEVEL IN THE TAJIK LANGUAGE

This article attempts to shed light on some of the problems in the use of the means of expressiveness of the lexical level in the Tajik language. As a research material, the currently available theoretical base on this issue was used, namely: terminological dictionaries, monographs and textbooks, one way or another examining the aesthetic resources of the Tajik language. The author notes that the definition of a specific list of all lexical level expressiveness existing in the modern Tajik language turned out to be an impossible task in view of the existing disagreements among scholars on this issue. However, pointing out the common opinion of modern scholars on the question of belonging to the considered means of expressiveness of metaphor, comparison, hyperbole and reminiscence, the author aims to study the proposed interpretations of the term “metaphor” in the Tajik scientific literature. In the course of contrasting the various points of view on this issue, the author comes to the conclusion that metaphor is a means of expressiveness of the lexical level, which consists in vesting a word with a figurative

meaning based on its similarity to another. There are two types of metaphor - explicit and hidden. The essence of the explicit metaphor is only to indicate an image or a concept that, when compared with the original concept, is endowed with a new meaning for the word. The hidden metaphor implies an indication of any sign or signs of the defined concept in addition to the most definable.

Key words: means of expression, metaphor, explicit metaphor, hidden metaphor, definition, definable, expanded metaphor.

Сведения об авторе: ***Султанова Р.М.*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой русского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Турсун-заде 30. Тел.: **(+992) 93-760-70-58**

Information about the author: ***Sultanova R.M.*** - Russian-Tajik (Slavic) University, candidate of philological sciences, associate professor, head of the Russian language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Tursun Zade 30. Tel.: **(+992) 93-760-70-58**

УДК: 491.550-56

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКИЮ ГРАММАТИКИИ ВОҲИДҲОИ ТУФАЙЛӢ

Аловиддинов Б., Назарзода М.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон ҳамчун воситаи баамалбарории нутқ аз воҳидҳои гуногун таркиб ёфта, дар илми забоншиносӣ омӯзиши ин воҳидҳо ба таври зинавӣ ба роҳ монда шудааст. Таснифи онҳо хусусияти зинавӣ дошта, аз воҳиди хурдтарин – фонема то воҳиди калонтарини он –матнро, дар бар мегирад. Таснифи зинавии аз поён ба болои воҳидҳои забон ба мавқеи онҳо дар ифодаи фикр алоқаманд буда, дар ин миён, фонема, морфема ва калима ҳамчун маводи бунёдии сохтмонӣ ба гурӯҳи воҳидҳои аввал, ибора, ҷумла ва матн ҳамчун воҳидҳои муташаккили дар заминаи воҳидҳои хурдтар шаклгирифта ба гурӯҳи воҳидҳои дуюм дохил карда мешаванд.

Агар аз ҷиҳати мавқеъ ва дараҷаи аҳамияташон дар ифодаи матлаб гурӯҳи воҳидҳои аввал нақши фаъол дошта бошанд, аз ҷиҳати забонӣ гурӯҳи воҳидҳои дуюм ба хусусиятҳои бештари забонӣ соҳиб буда, дорои паҳлуҳои бештари омӯзишӣ мебошанд. Барои мисол, фонема танҳо ба хусусиятҳои фонетикӣ ва калима ба хусусиятҳои фонетикӣ, лексикӣ ва морфологӣ соҳиб буда, гурӯҳи воҳидҳои дуюм, дар баробари соҳиб будан ба хусусиятҳои гуногуни синтаксисӣ, боз дар шакли бавосита ба хусусиятҳои фонетикӣ, лексикӣ ва морфологӣ соҳиб буда, дар илми забоншиносӣ бо тарзу воситаҳои мухталиф аз ҷиҳатҳои зикршуда низ омӯхта мешаванд. Баръакс, гурӯҳи воҳидҳои аввал аз доштани хусусиятҳои синтаксисӣ маҳрум буда, танҳо вазифаи синтаксисӣ доранд. Воҳидҳои туфайлӣ низ ҷузъе аз он воҳидҳои забоние мебошанд, ки дар заминаи калимаю морфемаҳо ва ба воситаи калимаҳо дар заминаи фонемаҳо ташаккул ёфта, ба хусусиятҳои ҷудогона соҳиб гаштаанд.

Воҳидҳои туфайлӣ дар баробари ифодаи муносибатҳои субъективии гӯянда ба воқеият аз ҷиҳати сохторию маъноӣ ба хусусиятҳои ҷудогонаи морфологию синтаксисӣ соҳиб буда, қолабҳои гуногуни сохтории морфологию синтаксисиро ба хотир меоранд. Масалан, **хушбахтона, мутаассифона, ба бахти мо, аҷаб, ба гуфти ӯ, ба қавли мо** ва амсоли инҳо.

Воҳидҳои туфайлӣ, чуноне ки аз мавқеъ ва мундариҷаи онҳо дар ҷумлаҳои овардашуда маълум аст, бо тобишҳои маъноии худ ба гурӯҳи воҳидҳои асосии забон (ба монанди фонемаҳо, калимаҳо ва ҷумлаҳо) дохил намешаванд. Бе мавҷудият ва корбурди онҳо ҳам ифодаи фикр ва баёни матлаб имконпазир буда, дар мавриди зарурат ба фикри баёншуда тобишҳои иловагии маъноӣ ва ҷилоҳои муайяни эҳсосотӣ зам менамоянд. Воҳидҳои туфайлӣ, сарфи назар аз воҳидҳои ҷудогонаи модалӣ буданашон, ба хусусиятҳои муайян соҳибанд. Онҳо дар асоси қолабҳои муайяни сохтории морфологию синтаксисии мавҷудаи забон ташаккул ёфта, дар ибтидо мансубияти морфологӣ ё синтаксисӣ доранд. Бо мурури замон онҳо аз доираи маънои аслии худ дур шуда, ба воҳидҳои модалӣ мегузаранд. Воҳидҳои лексикию синтаксисӣ дар баробари гузаштанашон ба воҳидҳои модалӣ, аз доираи воҳидҳои асосии забон берун шуда, ба гурӯҳи воҳидҳои дуюмдараҷа мегузаранд.

Инро аз мушоҳидаи ҷумлаҳои зайл, ки дар ду шакл -ҳам бо воҳидҳои туфайлӣ ва ҳам бидуни онҳо, сохта шудаанд, ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст:

Ҳамин тавр, Аҳмадҷони машкоб дар бағали Асо андак тапиду ҷон дод ва пиёлаи чой дар дасти кампир нохӯрда монд (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 292). Ана **ҳамин тавр** саҳифаҳои якуми ҳаёти меҳнатии Мирзо сар шуда, ташвишҳои зиндагӣ ӯро ба сар омад (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 229). Ман қарор додам, ки … ҷустуҷӯро дар он ҷо ҳам давом диҳам. **Ҳамин тавр** ҳам кардам ва аз … (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 132). **Хулоса,** байни колхозу совхоз дар ин бора, ба ҷуз моҷарои бисёре, натиҷаи амалӣ дида намешавад (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 109). Ниҳоят, ман навиштани худро ба анҷом расонида **хулоса** баровардам, ки мӯйсафед Холиқназар ин шеърро ба ман муфассалтар гуфта будааст … (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 131).

Мансубияти морфологию синтаксисӣ ва мундариҷаи ибтидоии қисми зиёди воҳидҳои туфайлиро, ки ибтидо дар шакли калимаҳои мансуби ин ё он ҳиссаи нутқ ё ибораҳои ҷудогона зуҳур намудаанд, дар забони имрӯзаи тоҷикӣ ҳам барқарор кардан мумкин аст. Масалан, воҳидҳои туфайлии **эҳтимол, аз як тараф** ва **аз тарафи дигар** дар баробари ифодаи модалияти субъективӣ боз метавонанд ҳамчун унсури маънодор дар ташаккули ифодаи фикр фаъолона иштирок намуда, аз ҷиҳати морфологӣ ба ин ё он ҳиссаи нутқ марбут шаванд ва ё аз ҷиҳати синтаксисӣ ба вазифаи аъзоҳои гуногуни ҷумла оянд. Инро аз мундариҷаи синтаксисии воҳидҳои туфайлии зикршуда дар ҷумлаҳои зайл баръало мушоҳида кардан мумкин аст:

…Аҳмадро дар бозори Душанбе ба қатл расонда бошанд, **эҳтимол,** ҳунарманди куҳансоли варзобӣ дар ин бора ба ман ягон чиз гуфта метавонад (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 137). – Дар соли мор, **мумкин аст**, дар соли асп, **Эҳтимол дорад** дар соли гусфанд ё дар соли маймун, -мегуфтанд онҳо (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 137). Акнун, **аз як тараф**, нашъаи пирӣ, **аз тарафи дигар**, бисёр вақтҳо мешавад, ки ин шеърҳоро ба забон наовардам …». – мегуфтанд (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 108). – Онҳо **аз як тараф** истода, моҳмононро қабулу хайрумақдам менамуданд (Муҳаббат ва оила, 11.07.2015, 6).

Мундариҷаи маъноию сохторӣ ва мавқеи воҳидҳои туфайлиро дар ҷумлаҳои дар боло овардашуда таҳлил намуда, метавон онҳоро аз ҷиҳати сохт ба зергурӯҳҳо ҷудо намуд: а) воҳидҳои туфайлие, ки дар заминаи калимаҳо ба вуҷуд омада, мансубияти морфологӣ –ҳиссаинутқӣ, доранд; б) воҳидҳои туфайлие, ки дар қолаби ибораҳо тарҳрези шуда, мансубияти синтаксисӣ доранд.

Воҳидҳои туфайлии дар заминаи калимаҳо ташаккулёфта, дар навбати худ, боз ба хусусиятҳои гуногуни лексикию морфологӣ соҳиб буда, гурӯҳи калимаҳое мебошанд, ки маъноҳои муҷаррад (абстракт)-и марбут ба ҳолатҳои рӯҳии одамон алоқаманд, аз қабили ифодаҳои хурсандию мамнуният, қаноатмандию ризоият, тасвири воқеият, надомату пушаймонӣ, тартибу шумор аломат ва монанди инҳоро ифода менамоянд.

Як гурӯҳ калимаҳое, ки ҳамчун воҳиди туфайлӣ истифода мешаванд, ин исмҳо мебошанд. Аксар исмҳое, ки дар шаклгирии ин гурӯҳ воҳидҳо иштирок менамоянд, исмҳои маънии **фикр, назар, хаёл, хулоса** ва монанди инҳо мебошанд, ки дар навбати аввал ҳамчун калимаи мустақилмаъно ва дар навбати дуюм ҳамчун унсурҳои ифодагари маъноҳои субъективияти модалӣ корбаст мешаванд:

Хаёлам, соли мор ё асп буд: соли аввалаш бисёр гуруснагию қаҳтӣ шуда, дар соли охираш касали вабо омад… (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 114). –**Хулоса**, ман дар миёни шумо миёнҷигарӣ мекунам, оштӣ медиҳам (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 450). –**Охир,** худи қушбегӣ, **ба фикрам**, тарафдори мактабҳои усули ҷадид буд-ку?! (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 438).

Гурӯҳи дигари калимаҳое, ки ҳамчун воҳиди туфайлӣ корбаст шуда, мансубияти морфологию ҳиссаинутқии онҳоро барқарор кардан мумкин мебошад, ин сифатҳо мебошанд. Сифатҳо низ дар мавриди гузаштан ба воҳидҳои туфайлӣ имконияти маҳдуд дошта, сифатҳои ифодагари аломат ва хусусияти зоҳирии ашёву ҳодисаҳо наметавонанд дар ягон ҳолат ба воҳидҳои туфайлӣ гузаранд. Дар ин миён, танҳо сифатҳои ифодагари аломатҳои абстракти **хайр, хуш рост, дуруст, хуб** ва амсоли инҳо мебошанд, ки дар баробари ифодаи маънои лексикию грамматикӣ: **кори хайр, ҳавои хуш, гапи рост, қатори охир** боз ба тобишҳои маъноии модалӣ соҳиб шуда, ба гурӯҳи воҳидҳои туфайлӣ мегузаранд:

–**Хайр**, илоҳӣ саломат бошанд ҷаноби қиблагоҳӣ, сояашонро аз сари мо, муштипарҳо, кам накунад, –гуфт Муҳаррами Ғарч (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб,

453). –**Охир**, худи қушбегӣ, ба фикрам, тарафдори мактабҳои усули ҷадид буд-ку?! (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 438). –**Хуш**, дар киса чӣ дорӣ, барор! (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 391). –**Хуб,** ҳар чи буд, гуфтам, дигар сухани мегуфтанӣ надорам (Муҳаббат ва оила, 6.03.2015, 7).

Ҳамчунин, гурӯҳи дигари воҳидҳои туфайлие, ки мансубияти морфологӣ дошта, дар баробари воҳидҳои туфайлӣ ба сифати унсурҳои маънодори лексикию грамматикӣ низ корбаст мешаванд, ин як гурӯҳи маҳдуди феълҳо, аз қабили феълҳои **рафтан, омадан, гузоштан, будан** дар шаклҳои **рафту, раваду, биё, бигзор, бошад, набошад** ва шумораҳои тартибии якум, дуюм, сеюм… ва монанди инҳо мебошанд.

Рафту аз ман хоҳиш кунад, ки дар ин бора ба ӯ кумак кунам, … илоҷи дигар нест, ман рад карда наметавонам (Оила, 21.02.2011, 5). –**Биё,** акнун барвақттар хоб кунем ва пагоҳ барвақт хезем (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 375). –**Набошад**, пеш аз ҳама мову ту алифбо машқ карда, хатту саводатро мебарорем… (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 411). Ба ақидаи мо, эҷодиёти Карим-Девона дорои се хусусияти муҳим мебошад. Аввал, муайян ва ҳаётӣ будани образҳо… (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 151).

Баъзан зарфҳо низ дар забони тоҷикӣ ба сифати воҳиди туфайлӣ корбаст шудаанд. Махсусан, зарфҳои **хушбахтона, хушҳолона, бадбахтона, ниҳоят** ва монанди ин ки вобаста ба мавқеи истифодаашон метавонанд хусусияти сифатӣ (ҳаёти хушбахтона, зиндагии хушҳолона) ё зарфӣ пайдо намуда, ҳамзамон ба сифати воҳидҳои туфайлӣ низ корбаст шаванд. Чунончи аз мундариҷаи синтаксисию морфологии чумлаҳои зайл бармеояд:

Хушбахтона, ин воқеа ба хубӣ пушти сар шуда, оилаи моро боз аз нав муттаҳид намуд ва тири ғаразноки душманон хок хӯрд (Муҳаббат ва оила, 10.09.2016, 3). **Бадбахтона**, ҳамон дам Фирӯза барои духтари вай, ки дер боз мехобид, аз ошхона қаймоқчой гирифта, оварда истода буд (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 367). **Ниҳоят,** ман навиштани худро ба анҷом расонида ба хулосае омадам, ки мӯйсафед Холиқназар ин шеърро ба ман муфассалтар гуфта будааст… (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 131). Ӯ бе ин ҳам ҳаёти **бадбахтонае** дошт, ки ҳам дидану ҳам ба забон овардани он **ниҳоят** дарднок буд (Оила, 15.05.2016, 5). Вале, афсӯс, вазиши насими рӯҳнавози баҳори зиндагӣ низ ба ӯ **бадбахтона** зиндагӣ карданро ба бор овард (Муҳаббат ва оила, 14.11.2014, 4).

Чуноне ки аз мундариҷа ва мавқеи корбасти калимаҳои **хушбахтона, бадбахтона, ниҳоят** дар матнҳои овардашуда низ маълум аст, дар забони имрӯзаи тоҷикӣ онҳо аз хусусияти лексикию грамматикӣ дида бештар хусусияти модалӣ каб намуда, дар бештари ҳолатҳо ҳамчун воҳиди туфайлӣ ба кор бурда мешаванд, на ҳамчун зарф ё дигар ҳиссаи нутқ. Аз ин ҷост, ки воҳидҳои морфологӣ дар баробари гузаштанашон ба воҳидҳои туфайлӣ бо мурури замон тобишҳои морфологии онҳо хира шуда, аз байн мераванд ба воҳидҳои ифодагари модалияти субъективӣ табдил меёбанд. Агар зарфҳои мазкур дар марҳилаи ташаккул ва гузариш дар гурӯҳи ба воҳидҳои туфайлӣ қарор дошта бошанд, боз калимаю таркибҳоеро дидан мумкин аст, ки ба воҳидҳои сирф туфайлӣ табдил ёфта, новобаста аз он ки дар заминаи калимасозии исм, сифат ва ё зарф ба вуҷуд омадаанд, барқарор кардани мансубияти грамматикии онҳо ғайриимкон аст. Инро аз мундариҷаи сохторӣ ва тобишҳои маъноии воҳидҳои туфайлии **мутаассифона, афсус, умуман, ҳақиқатан, зоҳиран, хайрият, ҳайфо, дареғо, воаҷабо** дар забони ҳозираи тоҷикӣ ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин:

Дар ҳақиқат, яке аз рӯзҳо Абдумӯминбой Карим-Девонаро ба хонаи худ ба меҳмонӣ таклиф кард (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 115). **Афсӯс**, ки ин китобҳо дар бораи шӯриши халқӣ дар Тоҷикистон, **аз ҷумла дар** водии Ҳисор, бисёр кам маълумот медиҳанд ва ин масъала… (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 143).

Гурӯҳи дигари воҳидҳои туфайлиро он гурӯҳи воҳидҳои забоние ташкил менамоянд, ки дар қолаби воҳидҳои синтаксисӣ тарҳрезӣ шуда, зоҳиран, қолабҳои гуногуни сохтории ибораҳои озоди синтаксисиро ба хотир меоранд. Чунончи, воҳидҳои туфайлии б**о ҳамин маслиҳат,** б**а фикри ӯ, назар ба шуниди мо, илова бар ин,** ки дар ҷумлаҳои зайл истифода шудаанд, аз ҳамин қабиланд:

Бо ҳамин маслиҳат, лампаро хомӯш карданду ҳар ду ҳам ба ҷогаҳи худ дароз кашиданд (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 375). **Ба фикри ӯ** ман комилан розӣ будам (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 152). –Назар ба шуниди мо, –гуфт қозикалон овозашро пасттар карда, – **Назар ба шуниди мо**, вақтҳои охир ҷаноби олӣ бо занҳои урус пайвандӣ пайдо кардаанд (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 231). **Илова бар ин**, гуфтан

мумкин аст, ки дар ҳамаи мулкҳои бекҳо меҳнати ғуломӣ васеъ ҷорӣ карда шуда буд… (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 143).

Воҳидҳои туфайлие, ки қолаби ибораҳои синтаксисиро доро мебошанд, аксаран дар ин вазифа устувор буда, бештар ҳамчун воҳидҳои ифодагари модалияти субъективӣ корбаст мешаванд. Асосан, онҳо ҷанбаъҳои модалии фикрро ба танзим дароварда, дар ифодаи маъноии он (яъне фикр), ба истиснои як гурӯҳи на чандон калони онҳо, қариб нақш надоранд. Ба гурӯҳи воҳидҳои синтаксисие, ки сирф хусусияти туфайлӣ касб намудаанд, таркибу ибораҳои **ба ғайр аз ин, ба ҳар ҳол, хулласи калом, ниҳояти кор, аз афти кор, мувофиқи шуниди ман ва амсоли инҳо** дохил мешаванд, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ хусусияти пурраи маъноифодакунии худро аз даст дода, танҳо дар як маврид ҳамчун унсури туфайлӣ истифода мешаванд. Вале таркибу ибораҳои **ҳамин тавр, ба фикри ӯ, рости гап, ба ҷону дил** ва монанди инҳо дар як маврид ҳамчун воҳиди туфайлӣ ва дар мавриди дигар ҳамчун воҳиди синтаксисӣ, дар ифодаи фикр ва сохтмони ҷумла ҳамчун маводи бинокорӣ ба кор бурда мешаванд.

Мувофиқи шуниди ман, дар ин қишлоқ баъзе одамони иғвогар пайдо шуда, «ҷаноби олӣ аз Бухорои шариф гурехтааст», –гуфта, гапҳои дурӯғро паҳн кардаанд (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 234). –Охир, худи қушбегӣ, **ба фикрам**, тарафдори мактабҳои усули ҷадид буд-ку?! (Ҷ. Икромӣ, Осори мунтахаб, 438). **Ба фикри ӯ** ман комилан розӣ будам (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 152). **Рости гап**, чандон одами ҷиддӣ нест, ба самимияташ бовар надорам (Оила, 12.03.14, 6). Мехоҳед, ки … маро ба дом андозед! Офарин, Мӯминбой! **Рости гапро** гӯям, аз ҳеҷ як ҷодугар камӣ надоред! (Ҳ. Назаров, Осори мунтахаб, 116).

Ҳамин тариқ, воҳидҳои туфайлӣ ҳамчун гурӯҳи махсуси воҳидҳои ифодагари модалияти субъективӣ ба хусусиятҳои зиёди модалӣ, лексикию морфологӣ ва синтаксисӣ соҳиб буда, дар танзими ҷанбаъҳои модалии ифодаи фикр нақши ниҳоят муҳим доранд. Онҳо ибтидо дар заминаи қолабҳои гуногуни воҳидҳои лексикию морфологӣ ва синтаксисӣ ба вуҷуд омада, бо мурури замон ба тадриҷ ба гурӯҳи воҳидҳои ифодагари тобишҳои маъноии субъективияти модалӣ мегузаранд. Воҳидҳои туфайлӣ вобаста ба нақш доштан ё надоштанашон дар ифодаи маъноии фикр ба ду гурӯҳ: а) воҳидҳои туфайлие, ки танҳо тобиши модалӣ дошта, дар ташаккули ифодаи маъноии фикр нақш надоранд; б) воҳидҳои туфайлие, ки илова бар тобишҳои модалӣ доштанашон, мансубияти морфологӣ ва синтаксисӣ дошта, ҳамчун маводи муҳимми сохтмонӣ дар ифодаи фикр ва сохтмони ҷумла ба кор бурда мешаванд, тасниф шуда, ҳар яке аз ин гурӯҳҳо дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ. –Душанбе: Дониш, 1986. –372 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик: Лексикология, Фонетика, Морфология. – Қ. 1. – Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик (Луғатшиносӣ. Ҷ. 1) / Ҳ. Маҷидов.– Душанбе, 2007. – 255 с.
4. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Пайванд, 2011. – 385 с.
5. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик. (Синтаксис) / М.Норматов. – Душанбе, 2011. – 324 с.

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКИЮ ГРАММАТИКИИ ВОҲИДҲОИ ТУФАЙЛӢ

Дар мақола баъзе хусусиятҳои лексикию грамматикии воҳидҳои туфайлӣ тадқиқ шудааст. Воҳидҳои туфайлӣ ибтидо дар заминаи қолабҳои муайяни синтаксисию морфологӣ ташаккул меёбанд. Бо мурури замон онҳо тобишҳои маъноии модалӣ-субъективӣ касб намуда, гурӯҳи махсуси воҳидҳои забонро ташкил менамоянд. Агар як гурӯҳи воҳидҳои туфайлӣ хусусияти сирф модалӣ-субъективӣ дошта бошанд, гурӯҳи дигари онҳо, илова бар хусусиятҳои модалӣ-субъективӣ, хусусияти морфологию синтаксисӣ дошта, ҳамчун воҳидҳои маънодор низ истифода мешаванд. Онҳо дар баробари ба вазифаи воҳиди туфайлӣ омадан ҳамчун воҳидҳои маънодор дар шакли ибораҳои озоди синтаксисӣ ва калимаҳои содаю сохта ва мураккаб низ истифода мешаванд. Воҳидҳои туфайлӣ аз ҷиҳати маъно низ гуногун мешаванд. Агар як гурӯҳи онҳо муносибати модалии гӯяндаро ба фикри баёншуда ифода намоянд, гурӯҳи дигар фикри баёншавандаро ба танзим дароварда, сарчашма ва ба ки тааллуқ доштани нутқи гуфташударо зикр менамоянд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои туфайлӣ, хусусиятҳои лексикӣ-грамматикӣ, заминаи ташаккул, хусусиятҳои модалӣ-субъективии воҳидҳои туфайлӣ.

О НЕКОТОРЫХ ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЯХ ВВОДНЫХ ЕДИНИЦ

В статье рассматриваются **некоторые особенности лексико-грамматических вводных единиц.** Некоторые **вводные единицы** строятся на основе синтаксически-морфологических моделей. Со временем они принимают модально-субъективные оттенки значения, которые составляют особенность данной группы

языковых единиц. С одной стороны, у группы вводных единиц есть полный набор модально-субъективных значений но, с другой стороны, они используются в качестве отдельных семантических единиц.

Ключевые слова: вводные единицы, лексико-грамматические особенности вводных единиц, модально-субъективные особенности вводных единиц,

CONCERNING SOME OF THE CHARACTERISTIC FEATURE OF SYNTAX AND MORPHOLOGICAL OF THE PARENTHESIS UNITS

In the article, some of the parenthesis units are primitively formed on the basis of definite syntax and morphology. In the course of time, they accept the shade of meaning of model-subjective and they create special of group of units of the language. On the one hand, the group of parenthesis units have a complete model-subjective feature but on the other hand, they are used as semantic units.

Key words: parenthesis units, lexical and grammatical features of parenthesis units, modal-subjective features of parenthesis units.

Сведения об авторах: ***Аловиддинов Бурхониддин*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры современного таджикского литературного языка факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **nushori@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 985-38-80-94**
Назарзода Махмуд Мирзо – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17. E- mail: **nazarov.mn@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 918-65-76-95**

Information about the authors: ***Burkhoniddin Aloviddinov*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Modern Tajik Literary Language, Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **nushori@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-38-80-94**
Nazarzoda Mahmud Mirzo - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **nazarov.mn@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-65-76-95**

УДК: 491.550-3 (03)

ШИНОВАРӢ ВА ИСТИЛОҲОТИ ФАРОГИРИ ИН СОҲА

Шафоатов А.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов

Шиноварӣ чун дигар навъҳои маъмули варзиш аз замонҳои қадим то ба имрӯз арзи ҳастӣ намуда, дар инкишофи ҷисмонии инсон ва тарбияи бадани ӯ фоидаи калон дорад ва дар сарчашмаҳои бонуфуз ва эҷодиёти адибони бузурги адабиёти класикии форсу тоҷик чун Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Бедил ва дигарон ба мушоҳида мерасад.

Шиноварӣ соҳаи махсуси варзиш аст, ки маънии вай дар луғат обдонӣ, обварзӣ, оббурӣ мебошад [1, с.553]. Ба таври дигар, шиноварӣ амалиёти инсон дар муҳити рӯд, дарё ва толобу кӯлҳои фаррохбар аст.

Ҳофизи Шерозӣ мегӯяд:

Дар оби дидаи худ ғарқам, чӣ чора кунам.
Ки дар муҳит на ҳар к-он шиноварӣ донад [1, с.553].

Ашхосе, ки ба варзиши шиноварӣ шуғл доранд, онҳоро шиновар мегӯянд.

Ҷу кӯдак ба дасти шиновар дар аст,
Натарсад, агар Даҷла паҳновар аст.

Истилоҳи шиновар баромади тоҷикӣ дорад ва аз асоси шино ва пасванди –вар сохта шудааст:

Бар шиновар дудаст зад муҳкам,
Боз монд аз шино шиновар ҳам [1, с.554].

Мисли ин, вожаи шиноварӣ низ дар қолаби морфологии калимасозии забонамон тарҳрезӣ гардида, шакли сохта дорад ва аз асоси сохти шиновар бо ёрии пасванди исмсози -ӣ, ки дар исмсозӣ яке аз пасвандҳои сермаҳсул аст, ба вуҷуд омадааст. Яъне вожаи шиноварӣ ду зинаи калимасозиро аз сар гузаронидааст: шино + вар – исми шахс, шиновар + ӣ - исми маънӣ, ки дар ифодаи амали бардавоми инсон ба кор меравад [5, с.553].

Вожаи шиноварӣ дар ибтидои ташаккули забони адабии тоҷик дар шакли шинор истифода шудааст. Абӯшакури Балхӣ менигорад:

Бад-ӯ_гуфт марде сӯи рӯдбор,
Ба рӯд андарун шав ҳаме бе шинор [1, с.558].

Дар забони гуфтугӯии халқ вожаи оббозӣ маъмул аст, ки дар баъзе маврид онро бо истилоҳи шиноварӣ дар як радиф мегузоранд. Албатта, ин маънии халқии он аст, аммо дар асл ин тавр буда наметавонад, зеро оббозӣ амалест, ки аз ҷониби кӯдакону наврасон дар толобҳои хурд ба нияти омӯхтани касби шиноварӣ ба ҷо оварда мешавад. Яъне, оббоз шахси навмашқ аст ва ҳанӯз қобилияти дар дарёҳои азиму баҳрҳои беканор шино карданро надорад.

Халқ дар об (чашма, ҷӯй, ҳавз, наҳр) ғӯта задани парандагон (мурғобӣ, гунҷишк, майна) – ро низ оббозӣ мегӯянд, ки ин шояд дар муқоиса ба ҳамон амали бачаҳои навмашқ рӯйида бошад. Бахши шиноварии варзиш бо қоидаҳову қонунҳои ба худ хос дар тамоми мамолики Шарқу Ғарб маъмул гаштааст. Истилоҳи соҳаи шиновариро метавон ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ намуд:

1. Номи либосҳои шиноварӣ. Ҳар як навъи варзиш сару либоси махсус дорад, аз ҷумла соҳаи шиноварӣ низ. Дар ин бахш либосҳои хосса истифода мешавад, ки онҳо бо истилоҳоти зерин номгузорӣ шудаанд: нимшалвар (тагпӯш)-либоси махсуси шиноварӣ, ки ба тани варзишгар тамоман мечаспад, айнаки махсуси шиноварӣ.

2. Рутбаи доварон дар варзиши шиноварӣ. Доварон дар соҳаи шиноварӣ чунинанд: довари калон, ҷонишини довар (табиб), мураббии махсус, довар дар марра, довар дар хамгашт, довар доир ба техника, довари назди варзишгар, довари вақт, довари марра, довари ахбордиҳанда.

3. Истилоҳоте, ки ба тарзи иҷрои варзиши шиноварӣ дахл доранд. Дар иҷрои варзиши шиноварӣ чунин истилоҳот ба қайд гирифта шудаанд: қадаммонии шиновар, суръати ҳаракат дар об, алоқамандии суръат бо масофа, қувваи ҷисмонӣ, иҷрои вақти муайяншуда.

4. Услубҳои омӯзиши ин навъи варзиш бо ислоҳоти зерин ифода мешаванд: услуби огоҳӣ, услуби аёнӣ, услуби машқ, техникаи ҳаракати даст, техникаи ҳаракати пой, нафасгирӣ дар якҷоягӣ бо ҳаракат.

5. Номгӯи намуди машқҳо: машқҳои умумӣ, машқҳои тайёрӣ, машқҳои имтиҳонӣ, машқҳои зериобӣ.

6. Дар намуди шиноварии амалӣ, ки В.Г. Серова муайян намудааст, чунин истилоҳот ба мушоҳида мерасад: наҷот додани ғарқшаванда, гузаштани монеаҳои обӣ, ғӯта задан ба чуқурӣ.

Ғӯтазанӣ аз истилоҳоти асосии соҳаи шиноварӣ буда, он чунин намудҳоро дорад: ғӯта задан ба дарозӣ, ғӯта задан ба чуқурӣ, ғӯта задан барои дарёфти чизе.

7. Истилоҳоте, ки ба ҳаракати дастҳо дар об дахл дорад.

Ҳаракати дастҳо дар об дорои навъҳои гуногун буда, бо истилоҳоти мухталиф ифода мегарданд: даромадани даст дар об, кашидани об, пешодиҳии об, баромадани даст аз об.

8. Истилоҳоте, ки ҳаракати пойҳоро ифода мекунанд ва аз ҳаҷму андозаи масофаҳо ва намудҳои варзиши шиноварӣ вобастагӣ доранд. Дар ин маврид аз истилоҳоти зерин истифода ба амал меоранд: намуди қулочак – 100м, 200м, 400м, 800м, то 1500м, намуди эстафета (гурӯҳӣ) – 4х100, 4х200 (яъне, 4 нафар масофаи 100м ё 200м-ро шино мекунанд), намуди ғӯтазанӣ - 100м, 200м, зеро ин намуди шиноварӣ каме душвортар буда, меҳнати зиёдтарро талаб мекунад, намуди пуштнокӣ - 100м, 200м, намуди қафаси синагӣ (делфинӣ) 100м, 200м.

Дар намуди чоруму панҷум аз варзишгарон 1-нафарӣ иштирок мекунанд.

Намуди дигари шиноварӣ омехта ном дорад, ки он ба намудҳои дар боло зикршуда алоқаманд аст. Масофаҳо – 200м, яъне 50м ба қулочак, 50м ба пуштнокӣ, 50м ғӯтазанӣ, 50м ба қафаси сина дар рӯйи об ҳаракат карданро дар назар дорад.

Намудҳои ғӯта, қулочак, ва қафаси синагӣ (делфинӣ) аз рӯйи суфача ҷаҳида ба об партофтанро мегӯянд, яъне шиновар дар болои суфа истода, якбора худро ба об мепартояд ва иҷрои машқро сомон медиҳад.

Намуди пуштнокӣ бошад аз даруни об шурӯъ мегардад.

Солҳои охир ба ин навъи варзиш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд. Дар шаҳри Душанбе мавзеъҳои зиёди шиноварӣ дар хизмати дӯстдорони ин навъи варзиш мебошад.

Тамоми омӯзгорону мураббиён ва волидайнро зарур аст, ки ба фарзандони худ дар кучо машқи шиноварӣ карданро фаҳмонанд, то ин ки онҳо дар ҳар гуна рӯдҳое,

ки мардум аз он об менӯшанд, оббозӣ накунанд ва вазъи экологии кишварро халалдор насозанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М, 1969. - Ҷ.1. - 587 с.; - Ҷ.2. - 589 с.
2. Серова В.Г. Плавание / В.Г. Серова. - М, 1962. - 259 с.
3. Турсунов Н. Луғати истилоҳоти русӣ-тоҷикии соҳаи варзиш / Н. Турсунов. - Душанбе, 1985. - 257 с.
4. Сабзаев С.М. Лингвинистическое исследование суфийской терминологии таджикско-персидской прозыXI-XII вв.: автореф. док. дисс. / С.М. Сабзаев. - Душанбе, 1996. - 42 с.

ШИНОВАРӢ ВА ИСТИЛОҲОТИ ФАРОГИРИ ИН СОҲА

Таърихи варзиши тоҷик таърихи чандинасра дорад. Намудҳои васеъ паҳнгардидаи он байни халқи тоҷик аз қадимулайём муҳориба, шоҳмот, шиноварӣ, камонварӣ, вазнбардорӣ, бузкашӣ ва ғайра буд. Асри XX тағйиротҳои куллиро ба ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии инсоният ворид намуд. Дар ин давра намудҳои нави варзиш, аз ҷумла, бо истифодаи таҷҳизоти техникӣ ба миён омад, ки талаботи эҷоди истилоҳоти навро барои ифодаи реалияҳои нави бавуҷудомада ба миён овард, ки ин аз як тараф ба рушди ҷомеаи рушдёфтаи аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим, аз тарафи дигар низоми луғавии забони тоҷикиро бою ғанӣ мегардонад. Шиноварӣ чун дигар навъҳои маъмули варзиш аз замонҳои қадим то ба имрӯз арзи ҳастӣ намуда, дар инкишофи ҷисмонии инсон ва тарбияи бадани ӯ фоидаи калон дорад ва дар сарчашмаҳои бонуфуз ва эҷодиёти адибони бузурги адабиёти класикии форсу тоҷик ба мушоҳида мерасад. Шиноварӣ соҳаи махсуси варзиш аст, ки маънии вай дар луғат обдонӣ, обварзӣ, оббурӣ мебошад. Ба таври дигар, шиноварӣ амалиёти инсон дар муҳити рӯд, дарё ва толобу кӯлҳои фаррохбар аст. Мисли ин, вожаи шиноварӣ низ дар қолаби морфологии калимасозии забонамон тарҳрезӣ гардида, шакли сохта дорад ва аз асоси сохти шиновар бо ёрии пасванди исмсози -ӣ, ки дар исмсозӣ яке аз пасвандҳои сермаҳсул аст, ба вуҷуд омадааст. Яъне вожаи шиноварӣ ду зинаи калимасозиро аз сар гузаронидааст: шино + вар – исми шахс, шиновар + ӣ - исми маънӣ, ки дар ифодаи амали бардавоми инсон ба кор меравад.

Калидвожаҳо: истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ, истилоҳоти варзишӣ, шиноварӣ, намудҳои шиноварӣ, разряд ва тахассуснокии судяҳо, тайёрӣ ба мусобиқот.

ТЕРМИНОЛОГИЯ ОТНОСЯЩАЯСЯ К ПЛАВАНИЮ

История таджикского спорта насчитывает многовековую историю. Наиболее распространенными видами спорта среди таджикского населения еще в древности были борьба, шахматы, плавание, стрельба из лука, тяжелая атлетика, козлодрание и т.д. XX век внес большие изменения в культурную и социальную жизнь человечества. В этот период появились новые виды спорта, в частности, с применением технического оборудования, что вызвало потребность создания терминов для обозначения появившихся спортивных реалий. Это, с одной стороны, способствует развитию гармонично развитого, физически здорового общества, а, с другой стороны, обогащает лексическую систему таджикского языка, включая и его терминосистему. Исконно таджикский термин *шиновари - плавание* прошел две стадии образования. Вначале появился термин *шиновар - пловец*, образованный сочетанием имени существительного *шино - плавание* и словообразовательного суффикса *-вар*. Затем после присоединения к нему суффикса -й появилось слово, обозначающее действие: *шиновари - плавание*.

Ключевые слова: исконно таджикский термин, спортивная терминология, плавание, виды плавания, разряд и квалификации судей, подготовка к соревнованиям.

TERMINOLOGY RELATING TO SWIMMING

The history of Tajik sports has a long history. The most common sports among the Tajik population in antiquity were wrestling, chess, swimming, archery, weightlifting, goat-raising, etc. The 20th century introduced major changes in the cultural and social life of mankind. During this period, new kinds of sports appeared, in particular, with the use of technical equipment, which caused the need to create terms to designate the emerging sports realities. On the one hand, it contributes to the development of a harmoniously developed, physically healthy society, and, on the other hand, enriches the Tajik language system, including its terminological system. The original Tajik term shinovari - swimming has gone through two stages of education. First, the term shinovar - swimmer, formed by the combination of the noun Shino - swimming and derivational suffix -var, appeared. Then, after the suffix was added to it, the word denoting the action appeared: shinovari - swimming.

Key words: native Tajik term, sports terminology, swimming, types of swimming, category and qualifications of judges, preparation for competitions.

Сведения об авторе: ***Шафоатов А.*** - Таджикский физкультурный институт им. С.Рахимова, кандидат филологических наук, заведующий кафедры языков. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Лучоб, 53

Information about the author: ***Shafoatov A.*** - Tajik Institute of Physical Education. S. Rakhimova, Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Languages. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 53

УДК: 73.342.67

ОСОБЕННОСТИ И ОСНОВНЫЕ СПОСОБЫ ТЕРМИНООБРАЗОВАНИЯ

Махмадалиев Ф.
Дангаринский государственный университет

Одним из важных вопросов современного языкознания является формирование новых слов общего употребления и терминов отдельно взятой сферы. Необходимо подчеркнуть, что новые слова общей лексики формируются вследствие необходимости в процессе общения между людьми. Каждый человек, который говорит на данном языке, может создать слова общего употребления.

Но термины в основном появляются в отдельных сферах предназначенных для обозначения предметов, понятий или процессов, которые свойственны именно данной сфере. Появление новых терминов связано с возникновением новых понятий, новых реалий. Некоторые языковеды отмечают, что образование новых терминов является сознательным процессом, и именно данная характеристика обеспечивает контролируемость и регулируемость процесса образования новых терминов. Таким образом, термины «появляются», «придумываются» и «творятся» на основе существующей необходимости общения на отдельной сфере [2, с.24].

При создании нового термина принимается во внимание словесное раскрытие его содержания и активность его использования. Для терминологии прозрачность их внутренней формы считается главной чертой. В создании понятной внутренней формы термина значительную роль играют стандартные части и аффиксы.

Анализ показывает, что существует определенная зависимость образований терминов от классификации понятий. Термин не только именует понятие, но и до определенной степени отражает содержание данного понятия. Такая особенность терминов приводит к созданию терминов-словосочетаний, которые более конкретно отражают признаки и характеристики данного понятия, предмета или явления.

В современном языкознании продуктивным являются семантический, синтаксический и морфологический способы образования новых терминов [3, с. 3]. Некоторые авторы подчеркивают, что семантический способ терминообразования превосходит другие способы терминообразования по продуктивности. Но на основе анализа, можно заключить, что в общелитературном языке нельзя считать что именно семантический способ образования новых терминов постоянно выступает более продуктивным, чем другие способы.

Семантический способ терминообразования занимает особое место, именно, с его помощью удовлетворяются потребности в новых терминах. Как показывает анализ, семантический способ является одним из основных способов терминологических наименований. Сущность данного способа терминообразования заключается в том, что в этом случае существующему слову придается новое значение или новые оттенки значения. При помощи семантического способа слова общеупотребительной лексики превращаются в определенный термин.

На ранних этапах исторического развития разница между общеупотребительным словом и термином была не так уж велика. Но сегодня, вследствие на основе развития отдельных сфер общественной жизни эта разница стала более значительной. Именно из-за этого сегодня быстрыми темпами совершенствуется структура слов-терминов. Сегодня, как и на ранних этапах исторического развития, семантический способ терминообразования сохраняет актуальность, продуктивность и имеет иной характер, который во многом зависит от особенностей исторических этапов развития терминологии. Формирование новых терминов происходит на основе существующих слов, в результате чего слово получает определенное значение, и к значениям такого слова прибавляется новое значение [6, с.37].

Другим способом образования новых терминов является синтаксический способ, который состоит из образования терминов путем словосочетаний различных типов.

В рамках синтаксического способа место одного из компонентов заменяется некоторыми другими, которые образуют семантическую группу. В данном случае дополнительное значение придают аффиксы. В синтаксическом способе сочетаются морфологический и синтаксический способы формирования новых терминов.

Необходимо подчеркнуть, что особенностью морфологического способы является то, что новые термины образуются при помощи суффиксов.

Выделяют словесные и символические методы и средства создания новых терминов. Особенность словесной группы заключается в том, что новые термины образуются с помощью словообразующих морфем и производящих основ. В рамках символических средств новые термины образуются при использовании знаков, графических символов и цифр. Необходимо подчеркнуть, что эти методы и средства являются сложными специальными способами формирования новых терминов.

По существующим правилам словообразования широкое распространение получили производные слова. Словообразующие морфемы чаще используются в терминологии, чем в общелитературном языке. В терминологии словообразующие морфемы, как специализированные средства для выражения определенных значений, выполняют классифицирующую функцию.

Выделяют производные слова с формальными признаками и производные слова, которые не имеют формальных признаков. В рамках структурно-семантических особенностей, выделяют линейные и нелинейные производные слова. Линейные производные слова создаются путем сложения некоторых определенных элементов. Особенность нелинейных производных слов заключается в том, что они формируются в форме цепочного структурного аналога.

В рамках лексико-семантического способа образования новых терминов разные значения слова превращаются в отдельные слова, которые осознаются и как самостоятельные и как зависимые. Следует отметить, что данный способ формирования новых терминов тесно связан с многозначностью слова, т.е. образованием производных значений. Переносные значения таких слов, при дальнейшем использовании, могут оторваться от основного значения, и образовать новые термины, т.е. омонимы. Данный способ функционирует в рамках диахронического словообразования, и те слова, которые образовались в рамках этого способа обычно бывают продуктом длительного исторического развития [7, с.8].

Особенностью семантического терминообразования является то, что оно является результатом быстрого переноса значения на специальное понятие. Поэтому семантический способ образования новых терминов в языке науки, и в общелитературном языке отличается друг от друга. В науке семантический способ образований новых терминов происходит без длительной эволюции, а в общелитературном языке данный способ терминообразования является результатом длительной эволюции слова, которая, как правило, завершается образованием слов-символов [10, с.102].

Термины, образовавшиеся в рамках семантического словообразования, в короткое время включаются в термосистему и быстро выходят за ее пределы и становятся общеупотребительными.

Многие лингвисты считают, что термины, которые формировались в рамках лексико-семантического способа, имеют как свои преимущества, так и свои недостатки. Необходимо отметить, что краткость, меткость, доходчивость таких терминов является достоинствами лексико-семантических терминов, т.е. это те качества, которых не хватает общелитературным словам. Недостатки таких терминов заключаются в том, что они часто не отражают или затемняют классификационные связи, существующие между соответствующими понятиями [9, с.46].

Слова основного словарного запаса, давно использующиеся в языке и обозначающие важные предметы, явления и процессы окружающего мира, прежде всего, выступают основой для образования новых терминов. Термин до определенной степени сужает и ограничивает значения производящего слова в соответствии с требованиями научного текста. Семантические термины являются более простыми по морфологическому строению и представляют собой слова, которые имеют нулевые словообразующие морфемы.

8. Расторгуева В.С. Система таджикского глагола. Учебное пособие / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. - АН СССР: Ин-т языкознания. - Отв. ред. В.И. Абаев, – Москва: Наука, 1964.
9. Шаховский В.И. Категоризация эмоций в лексико-семантической системе языка / В.И. Шаховский. - Воронеж: Изд-во «Воронеж», 1987.
10. Якобсон Р.О. О структуре русского глагола / Р.О. Якобсон. // Избранные работы. - Москва, 1985.

ГУРӮҲҲОИ МАХСУСИ ФЕЪЛҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ҲИССИЁТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Дар мақола масъалаҳои гурӯҳбандии сохторӣ – маъноии феълҳои муносибати эҳсосотидошта дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ баррасӣ гардидааст, табиати забонии онҳо: тобишҳои луғавӣ, сохторӣ, грамматикӣ ва маъноии аҳамияти ин гурӯҳи феълҳо омӯхта шудааст. Консептҳои муассири ҳиссиётҳо, ки кайфият, вазъият, ҳиссиёт ва муносибатҳои гуногунсатҳаро ба миён меоранд - натиҷаҳои аз ҷиҳати психологӣ шартнокгардидаи мураккаби сохторӣ – маъноӣ, луғавӣ ва ё фразеологӣ мебошанд, ки аз асоси мафҳумӣ бармеоянд ва аз нумӯяҳои гуногун иборатанд (шодӣ, дилтангӣ, ғам, шодӣ, фараҳ, тааҷуб, нафрат ва ғ.), инчунин рефлексҳои функсионалӣ - ҷойнишин ва ҳиссиёти гуногунтартибаи эҳсосотӣ. Таҳлили лингвистиии семантикаи консептҳо, ки рӯҳия, вазъ, таасурот, муносибатро аз нуқтаи назари воҳидҳои феълии Тя ва Ря ифода менамоянд, моро моил ба он месозад, ки яке аз воситаҳои муҳимми муайянсозии нишонаҳои маъноии онҳо гурӯҳбандии семантикии ФИҲ (ГЭО) мебошад, чунки тасвири бисёрсатҳаи илмии соҳаи консептҳои гурӯҳҳои дар боло нишондодашудаи феълҳо на танҳо таҳқиқи контурҳои сохторӣ – луғавии онҳо, инчунин омӯзиши табиати забонии воҳидҳо ва сохтори онҳоро пешниҳод месозад, ки консепти аниқи ҳиссиётро ангезадор менамоянд ва маънии фрагменти ишоратгардидаи дарки эҳсосотиро медиҳанд.

Калидвожаҳо: гурӯҳҳои семантикӣ, нишонаҳои забонӣ, хатти демаркатсионӣ, таҳлили лингвистӣ, рамзҳои вербалӣ, модели семантикӣ.

ОСОБЫЕ КЛАССЫ КОНСТРУКЦИЙ С СЕМАНТИКОЙ ГЛАГОЛОВ ОЩУЩЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассмотрены в весьма сжатом аспекте вопросы структурно- семантической классификации глаголов эмоционального отношения в таджикском и русском языках, изучена их языковая природа: лексические, структурные, грамматические и смысловые оттенки значений данного класса глаголов. Эмоциональные концепты ощущений, вызывающие разноуровневые настроения, состояния, переживания и отношения - есть психологически обусловленные, сложные структурно- смысловые, лексически или фразеологически, порою образно вербализованные образования, базирующиеся на понятийной основе и включающие в себя различные стимуляторы (радость, грусть, печаль, тоску, восхищение, удивление, ненависть и мн. др.), а также и функционально - замещающие в коммуникации рефлексы и разнопорядковые

чувствительные ощущения. Лингвистический анализ семантики концептов, выражающих настроение, состояние, переживание, отношение через призму глагольных единиц Тя и Ря, убеждает, что одним из важнейших средств определения их смысловых признаков является семантическая классификация ГЭО, так как многоуровневое научное описание концептосферы указанных выше классов глаголов предлагает не только исследование их структурно-лексических контуров, но и изучение языковой природы единиц их структуры, мотивирующих конкретный концепт ощущений и обозначающих указанный фрагмент чувственного восприятия.

Ключевые слова: семантические классы, языковые знаки, демаркационная линия, лингвистический анализ, вербальные символы, семантическая модель.

SPECIAL CLASSES OF CONSTRUCTIONS WITH THE SEMANTIC OF VERBS OF SENSATION IN THE TAJIK AND RUSSIAN LANGUAGES

In the article, the issues of structural and semantic classification of emotional relationship verbs in Tajik and Russian are examined in a very concise aspect, their linguistic nature is studied: lexical, structural, grammatical and semantic shades of the meanings of this class of verbs. Emotional concepts of sensations that cause different levels of moods, states, experiences and attitudes are psychologically determined, complex structural-semantic, lexically or phraseologically, sometimes figuratively verbalized formations based on a conceptual basis and including various stimulants (joy, sadness, sadness, melancholy , admiration, surprise, hatred, and many others.), as well as functionally - substitute reflexes in communication and multi-order sensitive sensations. The linguistic analysis of the semantics of concepts expressing mood, state, experience, attitude through the prism of the verbal units Ty and Rya convinces that one of the most important means of determining their semantic features is the semantic classification of the GEO, since the multi-level scientific description of the concept sphere of the above classes of verbs offers not only the study of their structural and lexical contours, but also the study of the linguistic nature of the units of their structure, motivating a specific concept of sensations and denoting the specified phrase the sense of sensory perception.

Key words: semantic classes, language signs, demarcation line, linguistic analysis, verbal symbols, semantic model.

Сведения об авторе: ***Файзиева Сарварджон Ахмадовна*** - Институт экономики и торговли Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Исмоила Сомони 169. Тел.: **(+992) 92-750-82-92**

Information about the author: ***Fayzieva Sarvardzhon Akhmadovna*** - Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce, candidate of philological sciences, senior teacher of the Tajik and Russian languages department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Ismoil Somoni Ave. 169.
Tel.: **(+992) 92-750-82-92**

УДК: 492.7.09: 491.550: 82 (575.3)
«АЛ-КИТОБ»-И СИБАВАЙҲ - ОҒОЗИ ДАСТУРНАВИСИИ НИЗОММАНДИ ЗАБОНИ АРАБӢ

Ҷалилов З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърихи зуҳури мактабҳои забоншиносии араб аслан аз асрҳои VI-VII-и мелодӣ шурӯъ шуда, марҳалаҳои гуногуни инкишофро паси сар кардааст ваба мактабҳои куҳани забоншиносии Ҳиндустону Юнон то андозае шабоҳат дорад [1, с.7]. Ҳарчанд забоншиносии араб таърихи нисбатан куҳан дорад, аммо то замони мо аз он рӯзгор ба ҷуз чанд ривоят аз чигунагии пайдоиши забоншиносии араб, ки дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ зикр шудааст, чизе дигаре нарасидааст. Аввалин китоби нисбатан мукаммал ва бунёдии забоншиносии араб, ки дар тӯли асрҳо тамоми куллиёту ҷузъиёти афкори нахустини забоншиносии арабро барои мо тарсим менамояд, «ал-Китоб»-и донишманди эрониасл Сибавайҳ (тақ. 760- тақ. 797) мебошад. Ин асари арзишманд фарогири тамоми бахшҳои забоншиносӣ: ҳам сарфу наҳв ва ҳам таҷвиду махориҷи овозҳо мебошад. Бо ин асари гаронбаҳои худ Сибавайҳ андеша ва назарияҳои забоншиноси шинохтаи араб Халил ибни Аҳмади Фароҳидиро зинда гардонид ва мактаби забоншиносии Басраро поягузорӣ кард. Дар баробари ин, Сибавайҳ танҳо гирдоваранда ва гӯяндаи афкори наҳвии олимони пеш аз худ набуда, балки заковат ва малакаи баланди забоншиносии ӯ дар боби тарҷеҳу таълил ва бобгузории масъалаҳои наҳвӣ дар «ал-Китоб» пай бурда мешавад [5, с.83].

Бузургии ин китоб дар наҳви арабӣ ба ҳаддест, ки аз тарафи ҳамаи забоншиносон ва дастурнависони минбаъдаи араб эътироф гардидааст. Масалан, Абӯусмон Бакр ибни Муҳаммадибни Бақияи Басрӣ (Мозинӣ), киустоди Мубаррид ва

Фазлибни Язид аст, дар бораи азамати китоби Сибавайҳ чунин мегӯяд: «Ҳар кас хоҳад пас аз Сибавайҳ китоби бузурге дар илми наҳв таълиф намояд бояд, ки шарм дошта бошад ва аз ин кор худдорӣ кунад” [5, с.8].

Донишманди илми наҳв Абӯҷаъфар Аҳмадибни Муҳаммад машҳурба Ибни Наҳҳоси Мисрӣ дар фазилати ин китоб мегӯяд: “Мардуми араб ҳамеша китоби Абӯбишр Амр ибни Усмон ибни Қамбари Форсии Байзовӣ мулаққаб ба Сибавайҳро бузург медонанд, ҳатто Муҳаммадибни Язид ба ин маънӣ гуфтааст: “Ба монанди китоби Сибавайҳ дар ягон илмкитобе таълиф нашудааст. Таълифи китоб дар заминаҳои дигар зарурист, ки аз он китобҳо барои хуб фаҳмо шудани масъалаҳо истифода ба амал ояд, магар китоби Сибавайҳ, ки барои дарк кардани масъалаҳо эҳтиёҷ ба дигарк итобҳо надорад”. Абӯисҳоқ ба ин маънӣ мегӯяд: “Ба мисолҳои дар китоби Сибавайҳ дарҷшуда тааммул карда, онгоҳхоҳӣ донист, ки ӯ донишмандтарин мардум дар фанни луғат мебошад” [3, с.5].

Абӯтаййиби Луғавӣ дар бораи Сибавайҳ ва асари ӯ чунин гуфтааст: «Ӯ баъд аз Халил ибн Аҳмад донотарини шахс дар наҳв аст ва асаре таълиф намудааст, ки мардум ӯро Қуръони наҳв меноманд» [4, с.60].

Бояд иқрор кард, ки ҳеҷ китобе дар дастури забони арабӣ дорои афзалияту вижагиҳои «ал-Китоб»-и Сибавайҳ, на пеш аз ба майдон ворид шудани он ва на баъд аз он набудааст, зеро асари мазкур ягона асари наҳвие ба шумор меравад, ки дар масоили он забоншиносони мактабҳои Басраву Кӯфа ихтилоф ва эътирозе надоранд, балки намояндагони ҳар ду мактаб онро ҳамчун сарчашмаи қоидаву усули грамматикаи забони арабӣ қабул кардаанд.

Шарқшиносон ва забоншиносони араб барои ба нашри интиқодӣ расонидани «ал-Китоб»-и Сибавайҳ кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд ва нашри нахустини ин асар ба соли 1881 мутобиқ меояд. Беҳтарин нашри «ал-Китоб» ба таҳқиқи Абдуссалом Муҳаммад Ҳорун мебошад, ки дар панҷ ҷилд борҳо дар Қоҳира (Миср) ба нашр расидааст.

Барои забоншиносони муосир шояд дарки мафҳумҳои «ал-Китоб» мушкилот эҷод намояд, зеро дар он истилоҳоти наҳвӣ ва сарфие оварда шудааст, ки хосси Сибавайҳ ва забоншиносии замони ӯ мебошад. Дар баробари ин, бояд ёдовар шуд, ки ҳанӯз забоншиносони ҳамаср ва асри баъди Сибавайҳ ба баъзе норавшаниҳои «ал-Китоб» ишора намудаанд. Масалан, баъзе ибораҳои «ал-Китоб»-и Сибавайҳ барои муосирон ва забоншиносони баъдӣ муаммое буд, то замоне, ки донишманд Заҷҷоҷ ба он равшанӣ андохт ва аз онҳо гиреҳкушоӣ кард [4, с.62].

Печидагиҳои «ал-Китоб»-и Сибавайҳ на танҳо дар ҷумлаҳо, балки дар номгузории бобҳои он низ дида мешавад. Читавре ки дар ҷилди якуми «ал-Китоб» бобе ба номи «Ҳозо бобун мо янтасибу мин-ал-масодир лианнаҳу ҳолун сора фиҳи-л-мазкуру» (Ин боби он чизест, ки аз масдарҳо насб мегардад, зеро он ҳол аст, ки дар он зикр гардидааст) оварда шудааст, ки ҳатто шореҳон ба маънидод кардани он бо мушкилӣ рӯбарӯ меомаданд. Алалхусус, дар шарҳи ҳамин нукта Заҷҷоҷӣ гуфтааст: «Ин бобест, ки ғайр аз Халилу Сибавайҳ касе маънои ҳақиқии онро дарк карда наметавонад» [3, с.384].

Ин гуфтаҳо ба он маъност, ки ҳанӯз дар замони Сибавайҳ илми наҳв истилоҳоти вижа ва ягонаи худро надошт, то забоншинос дар ҳама ҳолат аз он истифода кунад. Чунончи Сибавайҳ ҳангоми овардани қоидаи наҳвӣ ва ё шарҳ додани он, агар аз як истилоҳ истифода барад, дар мавриди дигар ҳамон истилоҳро бо муродифи дигари он ифода кардааст. Масалан, исмҳои навозишу латофатро, ки дар забоншиносии араб бо истилоҳи «тасғир» ёд мешавад, муаллиф гоҳе бо истилоҳи «тасғир» ва гоҳе бо истилоҳи «таҳқир» зикр кардааст, дар ҳоле ки имрӯзҳо истифодаи истилоҳи «таҳқир» дар дастурнависии араб баназар намерасад. Ё худ ҳарфҳои қасамро дар унвони боб бо истилоҳи «ҳуруф-ул-изофа ила-л-маҳлуф биҳ» оварда, ҳангоми калом гуфтан аз ҳазф гаштани онҳо инҳарфҳоро бо истилоҳи «ҳарфҳои ҷар ва изофа» ном бурдааст.

Бо ин ҳама Сибавайҳ тавассути «ал-Китоб»-и ҷовидони хеш тавонистааст, ки умдатарин истилоҳоти фанни наҳвро, ки имрӯз дар дастури забони арабӣ ба таври густурда истифода мешаванд, ба мерос гузорад. Масалан, истилоҳоти исм, феъл, ҳарф, танвин, ҳол, истисно, нидо, исми фоъил, сифати мушаббаҳ ва ғайра ба воситаи ин асар расмият пайдо карда, доимӣ гардидаанд.

Сибавайҳбо "ал-Китоб"-и худ ибтидои коркарди низоми грамматикаи забони арабиро гузоштааст. То таълифи ин китоб таҳқиқоти грамматикӣ бо ҷамъоварии

намунаҳои осори классикӣ ва дар заминаи онҳо тарҳрезӣ кардани қоидаҳои грамматикӣ маҳдудшуда буд. Ин қоидаҳо берабту низом сабтшудабуданд. Сибавайҳ кӯшиш кард, киқоидаҳои забони арабиро ба як низомимуайяндарорад. Маҳз барои ҳамин асари Сибавайҳ мақоми воло пайдо кард. Дар "ал-Китоб" низоми ягонаи дастури забони арабӣ ва истилоҳоти онро дида метавонем.

Ба андешаи мо, мушкилие, ки хонандаи имрӯз дар мутолиаи «ал-Китоб»-и Сибавайҳ ба он мувоҷеҳ мегардад, ҳамин аст, ки ин асар дар маҷмӯъ тамоми илми забоншиносии араброфаро мегирад. Қоидаҳое, ки Сибавайҳ дар “ал-Китоб” тадвин кард, ончунон мукаммал, устувор ва ҷомеъ буданд, ки дар қарнҳои баъдӣ донишмандони илми наҳв натавонистанд, ки ягон навоварие ба онҳо биафзоянд ва танҳо ба шарҳу тавзеҳи ин асари арзишманд иктифо карданд.

Сибавайҳ бо таълифи “ал-Китоб” зербинои наҳви арабро асос ниҳод. Ин асар дар тӯли таърих ва аз замони таълиф то ба имрӯз аз муҳимтарин ва машҳуртарини китоб дар наҳви арабӣ ба шумор меравад. Шарҳҳои фаровоне, ки дар даврaҳои мухталиф бар он навишта шудаанд, аз аҳамияти бисёр ва арзиши баланди ин асар гувоҳӣ медиҳанд.

“ал-Китоб” асари ҷомеъ буда, дар он масъалаҳои сарфу наҳв ва фиққуллуғаву илмуллуға ва баъзе нуктаҳои илми балоғат ба мушоҳида мерасад. Ба ин маъно, ки вақте дар баёни муайянӣ ва номуайянии исмҳо сухан мегӯяд, фақат бо зикр кардани аломатҳои он маҳдуд нагашта, балки дар баёни асл будани номуайянӣ ва фаръ будани муайянӣ, ё асл будани исм бар дигар ҳиссаҳои нутқ мепардозад. Дар ҳоле ки масъалаҳои дар боло ёдшуда имрӯз на дар наҳв, балки дар фиққуллуға ё худ забоншиносӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегирад. Аз ин рӯ, бобоварӣметавонгуфт, ки «ал-Китоб»-и Сибавайҳсарчашмаибунёдиитамомизабоншиносии араб ба ҳисоб меравад.

«Ал-китоб» асарест, ки бо тавоҷҷуҳ ба арзишу аҳамияташ онро «Қуръон-ун-наҳв»мехонданд. «ал-Китоб» номест, ки на худи Сибавайҳ, балки ояндагон бар он баргузиданд, зеро марги нобаҳангом имкон надод, ки муаллиф ба он муқаддимаву хотима нависад. Гӯё ӯ мехост баъд аз таҳрири дубора ва бознависӣ номе дархур ба он интихоб кунад. Аммо наҳвиёнбаъдазӯ, бо дарназардошти он ки китоби дигаре ҷузкитоби Сибавайҳ шоистагиионронадорад, кидарнаҳвба исмикитобхондашавад, онро «ал-Китоб» номиданд.

Сибавайҳ дар ин китоб дастури забони арабро ба шеваи илмӣ тадвин кард. Дар китоби ёдшуда ӯ ҳама ҷанбаҳои сарфӣ ва наҳвии арабиро ба таври густурда ва дақиқ баррасӣ ва тавсиф намудааст.

Сохтори «ал-Китоб»-и Сибавайҳ ба ин тарз таркиб ёфтааст, ки аввал бо баёни масоили наҳвӣ шурӯъ гашта, сипас шарҳу тавзеҳи масоили сарфӣ оварда шудааст ва пас аз он нуктаҳое аз савтиёти арабӣ ёд гаштааст. Дар ҳоле ки гоҳе масъалаҳои сарфӣ бо масоили наҳвӣ ва ин ду бо масъалаҳои савтиёт бо ҳам ба таври омехта баён шудаанд [4, с. 63].

Асари бузурги Сибавайҳ китобест, ки ба таври мутлақ “ал-Китоб” ном гирифтааст ва дар фазилату бартарии он дар тӯли таърих суханони зиёд гуфта шудааст. Ҳанӯз ин асари арзишмандро маъхази муҳим ва манбаи муътабари илми наҳви арабӣ медонанд. Ба ин китоб донишмандону фозилон шарҳҳо ва ҳавошии зиёд навиштаанд. Аз ҷумла, Сайрофӣ ва Абӯалии Форсӣ ба ин асар шарҳи муфассал навиштаанд [7, с. 21-23].

Хар гоҳ ки модар бобати ваҷҳи иштироки мардуми эрониасл дар забону фарҳанги арабӣ сухан мегӯем, беихтиёр дар пеши чашми мо асари арзишманди Сибавайҳи Шерозӣ “ал-Китоб” падидор мегардад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки «ал-Китоб»-и Сибавайҳ барои дастурнависии низомманди забони арабӣ ва таълифи асарҳои зиёде дар ин замина роҳ боз кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Рыбалкин В.С. Классическое арабское языкознание / В.С. Рыбалкин. -К.: Стилос, 2003.-406 с.
2. Сулаймонӣ С .Фарҳангиарабӣ- тоҷикӣ. – Душанбе, 2004 .-1064 с.
3. ابوبشر عمرو ابن عثمان بن قمبر الكتاب كتاب سيبويه تحقيق و شرح عبد السلام هارون الجزء الاول الطبعة الثالثة القاهرة 1999-م 1408ه-446 ص
4. .....شوقي ضيف المدارس النحوية القاهرة, 2005- 386 ص
5. .....محمد الطنطاوي نشاة النحو و تاريخ اشهر النحاة الطبعة الثانية دار المعارف القاهرة 1995-284ص
6. ..محمد عبد الخالق عضيمة الأستاذ بجامعة الازهر فهارس كتاب سيبويه و دراسة له الطبعة الاول 1390- 1975 \ص\912
7. \...ص.\الحموی، یاقوت، ابوعبدالله، (معجم البلدان) ، دارالکتب العلمیة، بیروت، لبنان، جلد سوم، چاپ سال ۱۹۹۰ م2123

«АЛ-КИТОБ»-И СИБАВАЙҲ- ОҒОЗИ ДАСТУРНАВИСИИ НИЗОММАНДИ ЗАБОНИ АРАБӢ

Дар мақола дар бораи нақши меҳварии «ал-Китоб»-и Сибавайҳ дар забоншиносии араб сухан меравад. Дар мақола таъкид шудааст, ки дастурнависии низомманд дар забони арабӣ аз таълифи ҳамин китоб оғоз гардидааст,бо онки китоби Сибавайҳ реша ва асоси тамоми асарҳои наҳв, балки поя ва асли ҷамии китобҳои адабу фасоҳат аст, ҳар нависандае, ки хоҳад китобе дар фанни арабият тартиб диҳад ба асари Сибавайҳ муроҷиат карда, аз китоби ӯ истифода намудааст. Аввалин китоби нисбатан мукаммал ва бунёдии забоншиносии араб, ки дар тӯли асрҳо тамоми куллиёту ҷузъиёти афкори нахустини забоншиносии арабро барои мо тарсим менамояд, «ал-Китоб»-и донишманди эрониасл Сибавайҳ мебошад. Вале унвонҳои “ал-Китоб” бо соири китобҳои адаб аз лиҳози номгузорӣ ва аз назари иҷмоливу тафсилӣ тафовути зиёд дорад.Он чи ки моро во дошт, то перомуни Сибавайҳ ва китоби боарзиши ӯ ба баҳс ва гуфтугӯ бипардозем, азамат, бузургӣ ва донишу ҳуши ӯст, ки дар рафтори илмиву амалии ӯ намоён ва мутаҷаллӣ гаштааст. Ва мо онро дар арсаҳои гуногуни зиндагии илмии Сибавайҳи эрониасли Шерозӣ ва дар мақолаи ҳозир мушоҳида кардем. Дар арзишу бузургии “ал-Китоб”-и Сибавайҳи Шерозӣ ҳамин бас, ки “ал-Китоб”-и ӯро “Қуръон-ун-наҳв” ва ё “Баҳр-ун-наҳв” гуфтаанд. Бо вуҷуди ин тафовут, доманаи таъсиру нуфузи «ал-Китоб»-и донишманди эрониасл Сибавайҳ то ба рӯзгори мо кашида мешавад.

Калидвожаҳо: ал-Китоб, Сибавайҳ, афкори забоншиносӣ, сарф, наҳв, Басра, Кӯфа.

«АЛ-КИТОБ»-И СИБАВАЙХ- НАЧАЛО СОСТАВЛЕНИЯ ГРАММАТИК АРАБСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье автор рассматривает основное значение «ал-Китоб» - первого систематического изложения грамматики арабского языка Сибавейхи в арабском языкознании, который был составлен на основе трудов его предшественников. В статье делается акцент на том, что составление грамматик в арабском языке началось с составления данной книги. Сибавейхи был одним из первых арабских грамматистов, который осознав практическую и научную значимость фонетического уровня языка, предпринял попытку его изучения. В трактате «Аль-Китаб» Сибавейхи целостно представил систему арабской грамматики, дал характеристику грамматических явлений различной природы. Также Сибавейхи в данной книге грамматические рассуждения сопровождал огромным числом различных примеров из Корана. Богатство источника примерами и цитатами всегда расценивалось последующими грамматиками как важнейшее доказательство научной ценности, потому что наряду с большой грамматической ценностью данного трактата несомненной заслугой автора является точный анализ примеров из различных источников. Так, в этом трактате Сибавейхи уже наметил основные семантические группы слов, указав, что как различие звучания может сопровождаться различием значениями

Ключевы слова: ал-Китоб, Сибавайх, лингвистические мысли, морфология, синтаксис, Басра, Куфа.

“AL-KITOB” -SIBAWAYKH- THE BEGINNING OF ARMENIAN GRAMMAR

In this article, the author examines the basic meaning of al-Kitob, the first systematic exposition of the grammar of the Arabic language of Sibaveiha in Arabic linguistics, which was based on the works of its predecessors. The article focuses on the fact that the compilation of grammars in Arabic began with the compilation of this book. Sibaweyhi was one of the first Arab grammatists who, realizing the practical and scientific significance of the phonetic level of the language, attempted to study it. In the treatise "Al-Kitab" Sibaveyhi wholely presented the system of Arabic grammar, gave a description of grammatical phenomena of various nature. Also, Sibaveihi in this book, grammatical reasoning accompanied by a huge number of different examples from the Koran. The richness of the source with examples and quotations was always regarded by subsequent grammars as the most important proof of scientific value, because along with the great grammatical value of this treatise, the author’s undoubted merit is an accurate analysis of examples from various sources. So, in this treatise, Sibaveiha has already outlined the main semantic groups of words, indicating that, as a sound difference, it can be accompanied by a difference in the meanings

Key words: al-Kitob, Sibawayh, linguistic thoughts, morphology, syntax, Basrah, Kufa.

Сведения об авторе: ***Джалилов Зафар*** – Таджикский национальный университет, доктор Ph.D-и кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Jalilov Zafar*** - Tajik National University, doctor Ph.D-and the Department of Arabic Philology**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 491.71.56:42.56:491.550.56

АНТОНИМЫ, ВЫРАЖАЮЩИЕ ДЕЙСТВИЯ, В ЗАГОЛОВКАХ АНГЛИЙСКОЙ И ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЫ

(сравнительный анализ)

Абдуллоева М.М.
Таджикский национальный университет

В настоящей статье рассматриваются случаи использования антонимов (и антитезы), выражающих действия (глаголы-антонимы) в заголовках английской и таджикской прессы. В газетных заголовкахиспользование глаголов с противоположным значением зависит от природы языка. Существуют языки, где наблюдается обилие глаголов и их

различных форм, а также языки, где эта лексико-грамматическая категория бытует в ограниченных количествах.

На наш взгляд, несмотря на общую суть, антонимы и антитеза – это не тождественные явления. Антонимы – это продукт языка, одна из семантических категорий. Антитеза – стилистическая фигура, при которой противопоставляются две мысли, два состояния, два события и т.д. Антонимы могут участвовать в формировании антитезы, атакже антитеза может выражаться и без них. Например:

Бихандадлола бар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло,
Бигирядабр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун (Рӯдакӣ).

Цветок смеется мне вдали – иль то зовет меня Лейли,
Рыдая, облако пройдет – Меджнун, быть может, слезы льет [9, с.345].

В этом двустишии мы наблюдаем лексические антонимы (бихандад – бигиряд), которые способствовали формированию антитезы, т.е. радостное состояние Лейлы противоположно печальному состоянию Меджнуна. Этот пример подтверждает нашу точку зрения.

Исследователь Ш. Бобомуродов отмечает, что «антитеза – это стилистический приём, в котором сравниваются понятия, мысли и противоположные друг другу образы. Антитеза усиливает эмоциональное влияние речи и особо подчеркивает определенные мысли»[1, с.28].

Глаголы выражают действие и состояние лица или предмета. В английском языке глаголы имеют три основные формы: инфинитив, прошедшее неопределеннее время и причастие прошедшего времени. Глаголы в английском языке имеют правильные и неправильные формы,однако таджикские глаголы таковыми формами не обладают.

Глагол является эффектным средством выражения действия.Это лексический элемент, который длительное время оставался прочно и непоколебимо, и в живом общенародном языке приобретает форму и становятся многозначным [3, с.18].

В таджикском языке в 99 % предложений активно действует глагол. «Эпизод, в описании которого отсутствуют глаголы действия и состояния, это неживая картина, а мёртвый пейзаж. Глагол придаёт речи душу, оживляя отдельные слова», - пишет в своей книге известный лингвист Б. Камолиддинов [3, с.101]. По этой причине писатели в своих произведениях и журналисты в своих материалах всегда стремятся использовать именно те языковые выразительные средства, которые точно, полно и эффектно выражают мысль. В частности, использование противоположных слов в заголовках удерживает внимание читателя.

Заглавие как предписание является одним из основных элементов любой статьи. Задача газетного заголовка заключается в привлечении внимания читателя. Конкретностьи богатое воображение журналиста способствует тому, чтобы читатель несмог удержаться и прочитал весьматериал. Каждая газета отличается особенностямисвоих заголовок,структурой и формой. Но для того, чтобы газета приобрела свою аудиторию, необходимо выбрать и использовать точные и эффективные языковые средства. Наряду с другими языковыми элементами таковыми являются антонимы и антитеза. В собранном наши материале частое употребление глаголов-антонимов наблюдается больше в английских заголовках, нежели в таджикских.

А. Н. Кулаков в своей книге «Заголовок и его оформление в газете» отмечает, что не всегда журналист может в одиночестве создать заголовок для статьи, которую сам написал и здесь для создания заглавия приходят на помощь сотрудники газеты. Они думают и ставят себя на место автора и потом принимают окончательное решение. Иногда от того, насколько заголовок выразителен, зависит помещение материала в газету [5, *с.*33].

Заголовки в газетах пишутся большими жирными буквами для привлечения публики. И если он выражен эффектными языковыми средствами, тогда можно говорить об успехе его создателя. Профессор Б. Камолиддинов в своей книге отмечает, что антитеза выполняет определенную функцию и обладает различными семантическими свойствами и подкрепляет свою позицию фактическими материалами из рассказов Хакима Карима. Он разделяет противоположные слова рассказов Хакима Карима на две группы: «1.Слова, выражающие непосредственно противоположные друг другу значения и выступающие в качестве антонимов. 2. Несмотря на то, что слова не имеют противоположной семантики, в речи в зависимости от содержания контекста приобретают антонимичные свойства» [3, с.49-50].

В «Словаре антонимов таджикского литературного языка» отмечается, что «соответственно философской точки зрения, если в природе и обществе не было борьба противоположностей, то жизнь бы не продвигалась, общество бы не прогрессировало» [10, с.8]. Оказывается, что антитеза активно употребляется не только в лингвистике, но и в других сферах, в частности математике, физике, истории, обществоведении. В каждой из этих областей науки она сохраняет свою сущность.

Некоторые ученые убеждены в том, что противоположные слова, по своей лексико-грамматической соотнесенности, принадлежат только к прилагательным и иногда наречиям. Они исключают слова, выражающие название предмета (существительного) или его действия и состояния (глаголы). С этим мнением можно поспорить, так как противоположные значения выражают также существительные, глаголы и даже некоторые местоимения. Это утверждает также русский ученый Л.А. Булаховский, который считает, что «антонимами могут быть нетолько имена прилагательные, но и слова, выражающие действие и состояние» [2, с.12]. Для подтверждения вышесказанного проиллюстрируем и проанализируем несколько заголовков, которые в своем составе имеют антитезы, выражающие действие и состояние.

Winorlose, women and are steppingupin Tuesday elections [15] (Женщины выиграют или проиграютна выборах во вторник). В статье речь идет о недовольных женщинах, которые возмущены тем, что на выборах губернатора штата Иллинойс участвуют только мужчины, а женщины лишены такого права. Женщины начали забастовку. В этом заголовке два антонима, выражающих действие:**win**и **lose.**Как мы отмечали, в английском языке глаголы имеют правильную и неправильную форму. Употребленные заголовке в, глаголы являются неправильными глаголами. Неправильные глаголы-это те глаголы, которые изменяют коренную систему. Они формируются тремяспособами:

1. Путем изменения корневого гласного формы инфинитива.
2. Путем изменения корневого гласного и прибавления окончания к форме инфинитива.
3. Путем изменения окончания формы инфинитива [4, *с.*109].

Глагол **win(won, won)**обозначает «выигрывать» и формирован при помощи изменения корневого гласного формы инфинитива. Однако его противоположность – глагол **lose(lost,lost)**– «терять» соответствует третьему способу – изменение окончания формы инфинитива. Заголовок интересен тем, что его содержание заинтригует аудиторию, и она будет заинтересована скорее узнать о происшествии. Чем своеобразнее создаётся заглавие, тем более обеспечена удача его создателю.

Mexico: 2 Texanskidnapped, rescuednear Monterey [11]. В этом названии статьи антонимами являются **kidnapped** (похищать) и**rescued** (спасать). Заголовок переводится на русский язык так: Мехико: 2 техасца похищены, спасены около Монтеррея. Журналист, в своем заголовке не употребил ни каких союзов. Уместным считаем наличие союза **and** между двумя антонимами, которые выражают действие, но журналист разделяет их запятой. Антонимы-глаголы kidnappedи rescued являются правильными глаголами. Они образуются путем прибавления окончания-**ed**к форме инфинитива. Инфинитивной формой этих слов являются **tokidnap** (похищать) и **torescue**. При образовании прошедшего времени к основному глаголу соединяется-**ed**. Существует правило, при котором, если сложный глагол в инфинитивной форме заканчивается на одну согласную с предшествующим кратким гласным звуком, то в окончании согласная фонема удваивается, например: **kidnap (ped).** Глаголы, оканчивающиеся в инфинитивной форме на **-e,** теряют эту гласную при прибавлении окончания **-ed.** Например: **torescue** (спасать) и **torescu(ed)**. Статья вполне соответствует заголовку. В ней говорится о похищении двух техасцев, которых спасло подразделение по борьбе с преступностью (похищение людей).

Исследователь С. О.Милованова делит заголовок на 8 разновидностей и дает каждому из них определение. По содержанию они разделяются на: 1. Повествовательный заголовок. 2. Заголовок-констатация. 3. Заголовок-резюме. 4. Заголовок-парадокс 5. Имена в заголовке. 6. Заголовок-цитата. 7. Игровой заголовок. 8. Заголовок-обращение [6, *с.*370].

В названиях статей таджикской прессы встречаются различные формы заголовков. Проиллюстрируем на примерах:

Аз бадӣ бигрез некӣ пеша кун! [7] (**Беги от зла, делай добро!).** Это заголовок-обращение, потомучто в конце стоит восклицательный знак, тоесть такой заголовок может звучать как призыв. В статье речь идет о дружбе, автор рассказывает о настоящей и ненастоящей дружбе. Заголовок сформирован при помощи двух антонимичных рядов:

абстрактных существительных **бадӣ (зло)**и **некӣ (добро);** глаголов **бигрез (беги)** и **пеша кун (делай)**. Если в первом ряду использованы лексические антонимы, то во втором – контекстуальные, так как глагол бигрез употреблен в переносном значении и в вышеприведенном примере соответствует глаголу пеша кун.

Why you forget names immediately and have to remember them[14] (Почему вы сразу забываете имена и как их припомнить). Статья рассказывает о способности запоминать. Многие люди, когда знакомятся с кем-либо, через некоторое время забывают, как зовут их знакомых. Автор стремится найти ответ именно на этот вопрос: с чем это связано, есть ли решение?

В заголовке употреблены две антитезы, выражающие действие:**forget** (забывать) и **remember** (помнить**)**. Слова **forget**является неправильным глаголом, который меняет свою структуру по временам: forget (forgot forgotten). **Remember** это правильный глагол настоящего времени.

Koko the gorilla dead: How long do gorillas live in the wild? Averagelifespanofgorilla [13] (Коко горилла мертва: Как долго гориллы живут в дикой природе? Средняя продолжительность жизни гориллы). Заголовок состоит из трех частей. Такие заголовки называют заголовок-констатация, т.е. это означает, что заголовок демонстрирует своего рода краткиесведения. Подобные названия используются врепортажах и портретных интервьюс ироничной или игровой окраской. Статьярассказывает о горилле Коко: он родился 4 июля 1971 году в Сан-Франциско и умер 6 июля 2018 года. Статья представлена в форме грустной, но одновременно ироничной картины.В названии статьиупотреблены противоположные слова dead– live,но они принадлежат разным частям речи. Антонимы,которые выражают разные части речи, называются оксюмороном. Dead– это прилагательное, образованное от глагола die (умереть). **Live**это правильный глагол настоящего времени.

Иногда заголовки ярко освещают различные житейские проблемы. Прочитав их, читатель сразу поймёт: о чём идёт речь? К примеру:

Арӯсони тоҷик: Ҷабри шавҳар кам шуд, ҷабри хушдоман афзуд [8] (Таджикские невестки: насилие мужа уменьшилось, притеснение свекрови увеличилось). Статья рассказывает о некоторых невестках, которые живут в неблагоприятных условиях и недружелюбной среде. Муж и свекровь постоянно угнетают невестку, ругают, злословят, не дают жить спокойно. **Камшуд** (уменьшилось) и **афзуд** (увеличилось) – это антонимы-глаголы. Первый – составной глагол (наречие+служебный глагол), второй – простой глагол прошедшего времени.

Cats can make you laugh, cry, losesleep-and then break your heart [12] (Кошки могут заставить вас смеяться, плакать, потерять сон (беспокоиться о них) и затем разбить сердце. Журналист в заголовке употребил две антитезы, которые выражают действие и две идиомы. **Laugh** (смеяться)–**cry** (плакать) –правильные глаголы в настоящем времени.

Lose sleep (потерять сон, беспокоиться о чем либо) и **breakheart** (разбить сердце)– это идиомы английского языка. Журналист использовал их для того, чтобы заголовок выглядел более живым, эффектным, интересным и привлек внимание читателя. В статье речь идет о женщине,укоторой было очень много кошек, и она любила их больше, чем собственного мужа.

Таким образом, антитезы-глаголы занимают особое место в заголовках английских газет, т.е. для них это более частое явление, нежели в таджикских. В таджикской прессе заголовки, сформированные на основе антонимов, выражающих действие и состояние,-явление редкое. Может быть, это связано с тем, что в таджикском языке глаголы ограничены в количестве, их насчитывается около 300. Глагольный ресурс языка дополняется глагольными фразеологизмами, сочетаниями. Оказывается, что в английской прессе глаголов-антонимов больше.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Муродов. – Душанбе, 2016. – 428 с.
2. Булаховский Л.А. Введение в языкознание / Л.А. Булаховский. – М.: Учпедгиз, 1953. – 171 с.
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. Васоити таълимӣ / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 113 с.
4. Качалова К.Н. Практическая грамматика английского языка с упражнениями и ключами / К.Н. Качалова, Е.Е. Израилевич. – М.: ЛадКом, 2008. – 720 с.

5. Кулаков А.Н. Заголовок и его оформление в газеты. Учебное пособие / А.Н. Кулакова. – Ленинград: Ленинградского университета, 1982. – 86 с.
6. Милованова С.О. Газетный заголовок как средство актуализации смысла / С.О. Милованова // Вестник, ТулГу. – (4872) 35-68-23. – С. 368-372
7. Мирзоева Р.Аз бадї бигрез, некї пеша кун! / Р. Мирзоева // Чархи Гардун. -2018.-17 январь. - №03 (1116).
8. Рахуллох С., Абдуллоҳ Ш. Арӯсони тоҷик: ҷабри шавҳар кам шуд, ҷабри хушдоман афзуд // Чархи Гардун. – 2017. – 20 декабрь. -№51(1112).
9. Рудаки. Стихи; редакция и комментарии И.С. Брагинского. – М.: Наука, 1964. – 512 с.
10. Талбакова Ҳ. Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик. Учебное пособие / Ҳ.Талбакова. – Душанбе: Изд-во. РТСУ, 2008. – 109 с.
11. Associated Press. Mexico; 2 Texanskidnapped, rescuednearMonterrey. [Электронный ресурс].URL: www.washingtontimes.com\news2018 \feb\26\mexico-2texans–kidnapped–rescued-nearmonterrey(26.02 2018.)
12. Collins B. Cats can make you laugh, cry, lose sleep-and then break your heart / Collins B. [Электронный ресурс]. URL: www.theguardian.com/lef eendslyle/2018/jul/08/cats-can-make-you-laugh-cry-lose-sleep-and-then-break-your-heart (дата обращение: 8.07.18)
13. Hopps K. Koko the gorilla dead: How long do gorillas live in the wild? Average life span of gorilla / K.Hopps. [Электронный ресурс]. URL: www.express.co.uk./news/nuture/977833/koko-the-gorilla-dead-how-long-live-wild-overage-lifespan (дата обращения: 5.07.18).
14. Jamie D. Why you forget names immediately and how to remember them / D.Jamie. [Электронный ресурс] URL: time.com/5348486/why-do-you-forget-names/ (дата обращения: 26.07.18.)
15. Washington L. Win or lose, women and are stepping up in Tuesday elections / L.Washington. [Электронный ресурс] URL: https://chicago.sun times.com/columnists/win-or-lose-women-and-are-stepping-up-and-running-in-tuesdays-elections/ (дата обращения: 03.06.18.)

АНТОНИМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ АМАЛ ДАР САРЛАВҲАҲОИ МАТБУОТИ АНГЛИС ВА ТОҶИК (таҳлили муқоисавӣ)

Мақолаи мазкур ба мавзӯи антонимҳои (ва *антитеза* - аз лотинии antithesis – *муқобилмаъноӣ)* ифодакунандаи амал ва ҳолат (феълҳо) бахшида шудааст. Зимни мафҳуми антитеза муқобилгузории маъно, фикр, образҳо дар назар дошта мешавад. Дар мақола муаллиф мавқеи антонимҳо ва антитезаро дар таркиби сарлавҳаҳои матбуоти англисӣ ваторикӣ баррасӣ менамояд. Таъкид мегардад, ки феъл яке аз ҳиссаҳои нутқи муҳим дар ҳамаи забонҳо ба ҳисоб меравад. Маводи гирдовардаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки дар таркиби сарлавҳаҳои англисӣ дар аксар мавридҳо феълҳо кор фармуда мешаванд, зеро грамматикаи ин забон истифодаи ҳатмии онҳоро дар матн тақозо менамояд. Аммо дар сарлавҳаҳои матбуоти тоҷикӣ феълҳои муқобил маъно нисбатан камтар дучор меоянд, ки ин ба маҳдуд будани онҳо дар забон вобастааст. Феълҳои забони англисӣ ба дуруст ва нодуруст ҷудо мешавад, аммо дар забони тоҷикӣ чунин таснифот вуҷуд надорад. Феълҳо аз рӯйи категорияҳои грамматикӣ гурӯҳбандӣ карда мешавад. Феълҳо-антонимҳо дар ҳар як забон хусусиятҳои хос доранд, ки он ба табиати забонҳо иртибот дорад. Захираи феълҳои забони тоҷикӣ аз ҳисоби феълҳои таркибӣ (номӣ ва феълӣ), фразеологизмҳои феълӣ пурра карда мешавад.

Калидвожаҳо: семантика, муқобилмаъноӣ, антонимҳо, феълҳо, феълҳои дуруст ва нодуруст, замони гузаштаи феъл, шакли масдарии феъл, матбуоти тоҷикӣ ва англисӣ.

АНТОНИМЫ, ВЫРАЖАЮЩИЕ ДЕЙСТВИЯ, В ЗАГОЛОВКАХ АНГЛИЙСКОЙ И ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЫ (сравнительный анализ)

Данная статья посвященаантонимам (и антитезам), которые выражают действия и состояния (глаголы). Антитеза (от латинского языка antithesis– противоположность). Под антитезой понимается противоположность значения, мысли, образов. В статье автор рассматривает место этой стилистической фигуры в составе заголовков английской и таджикской прессы. Особо отмечается, что глагол является одной из важнейших частей речи вовсех языках. Собрав фактический материал, автор приходит к выводу, что в английских заголовках в большинстве случаев употребляется глагол, потомучто грамматика английского языка требует использования в предложении этой части речи. Однако в таджикских заголовках глаголы встречаются реже, так как ограничено количество глагола в языке. По сравнению с английскими заголовками, в таджикской прессе заголовки, имеющие в своём составе глаголы-антонимы,-это нечастое явление. Проанализированный материал показал, что глаголы в английском языке бывают правильными и неправильными, но в таджикском языке такая классификация отсутствует. Глаголы-антонимы имеют свои определенные свойства, что связано с природой языка. Глагольный ресурс таджикского языка дополняется глагольными фразеологизмами, сочетаниями.

Ключевые слова: семантика, противоположность, антонимы, глаголы, правильный и неправильный глагол, прошедшее время глагола, инфинитивная форма глагола, таджикская и английская пресса.

ANTONYMS, EXPRESSING ACTION IN THE HEADLINES OF ENGLISH AND TAJIK PRESS (comparative analysis)

This article is devoted to antonyms (and antitheses) that express of the category of states (verbs).Antithesis (from the Latin antithesis means - the opposite).Antithesis an opposition or contract of word or sentiment occurring in the same sentence. The authorconsiders in the article, the place of this stylistic figure in the composition of the headlines of the English and Tajik press.Especially noted that the verb is one of the most important parts of speech in all languages. The author comes to conclusion after raising all material that the headlines of the English newspapers usemore verb, because English grammar requires to use this part of speech in the sentences. However in Tajik headings we couldn’t find more headlines with verb, because verbs in the languages are limited. Compared to English headlines, in the Tajik press, headlines that have antonyms in their composition are infrequent phenomena.The analyzed material showed that English grammar has regular and

irregular verb but Tajik grammar hasn't such classification. The verbs of antonyms have their own proprieties at the languages. The verbal resource of the Tajik language is complemented by verbal idioms, combinations

Key words: semantics, opposition, antonyms, verbs, regular and irregular verbs, past tense of the verb, infinitive form of the verb, Tajik and English press.

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Мехрангез Масруровна*** – Таджикский национальный университет, аспирантка общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: ***a_mehrangez90@mail.ru.*** Тел.*:* **(+992) 988-06-86-01**

Information about the author: ***Abdulloeva Mehrangez Masrurovna*** – Tajik National University, postgraduate student of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: ***a_mehrangez90@mail.ru.*** Tel.*:* **(+992) 988-06-86-01**

УДК: 491.550-56

ИНКОРИ ДУКАРАТА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ғиёсова С.Ғ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Мақолаи мазкур ба инкори дукарата, ки на танҳо ба забони англисӣ, балки ба забони тоҷикӣ низ хос аст, бахшида шудааст.

Ба ҳама маълум аст, ки ифодаи «инкори дукарата» нишондиҳандаи амали нутқӣ ва муоширатии донандагони ҳам забони англисӣ ва ҳам забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Пеш аз ҳама, ин бо талаботи одоби муошират дар ҷамъияти иҷтимоӣ ва маданӣ шарҳ дода мешавад. Мувофиқи қонунҳои грамматикаи анъанавӣ мавҷудияти ду ва ё зиёда воҳидҳои инкорӣ дар забони англисӣ хилофи меъёри забон мебошад. Аммо тадқиқи асарҳои забоншиносони гуногуне, ки ба омӯзиши инкори дукарата дар забони англисӣ бахшуда шудаанд аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин ҳодиса бевосита бо маданияти этникии худи англисзабонон алоқаманд мебошад. Ҳамин тавр, мувофиқи ақидаи Е.И. Беляева, риояи қонун ҳангоми муошират ғайрирасмӣ хусусияти муҳимми забонӣ ва иҷтимоии одоби муошират англисзабононро ташкил менамояд, ки аз тарафи натанҳо забоншиносон, балки аз тарафи нависандагон ва рӯзноманигорон низ зикр карда шудааст [1, с.13-16].

Ифодаи «инкори дукарата» дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар шаклҳои гуногун ба назар мерасад:

1) инкор метавонад маҳфузан дар таркиби калима ифода ёфта бошад. Масалан : to deny- маҳрум кардан, рад кардан, to doubt- шубҳа кардан, to fail - ноком шудан, to bite away- газида гирифтан, to scissor off- бо қайчӣ буридан, to plane – буридан, to jostle – аз киса дуздидан, to rob- ғорат кардан ва ғайраҳо.

"It's funny," she replied, with no doubt [11, с.48].- «Ин бисёр шавқовар аст,» бе ягон шубҳа ҷавоб дод ӯ.

2) он метавонад чун якҷояшавии ҷузъҳои инкории морфологӣ дар дохили як воҳиди лексикӣ зоҳир гардад. Мисол: unimpaired- зарарнадида, unimpeded- бемонеа, uninterrupted- қатънашаванда, ҳамеша ва ғайраҳо.

He had been thinking almost uninterruptedly of her [11, с.56] - Ӯ қариб, ки ҳамеша дар бораи ӯ фикр мекард.

Мисолҳоеро, ки дар онҳо инкори дукарата амал менамояд, таҳлил менамоем:

"I'll ask her. She won't refuse me a few dollars." [11, с.74] - Ман аз ӯ мепурсам. Ӯ ба ман додани якчанд долларро рад намекунад.

Дар мисоли додашуда калимаи refuse (рад кардан) дорои маънои инкорӣ буда, ҳиссачаи инкории ихтисоркардашудаи «not», ки қувватбахшандаи маънои инкорӣ мебошад, на вазифаи инкор, балки маънои мусбии феъли «refuse»-ро қувват бахшида истодааст.

Аз тарҷумаи ин ҷумла ба забони тоҷикӣ аён мегардад, ки феъли «рад кардан», ки дорои маънои инкорӣ мебошад, тавассути пешванди «на-», ки ба феъл ҳамроҳ шуда, шакли инкор месозад ва амалӣ нагардонидани кору ҳолеро мефаҳмонад, маънои инкории худро гум карда, ба ҷумла маънои мусбӣ мебахшад. Бояд қайд кард, ки дар феълҳои таркибии номӣ ҷузъи тасрифии таркиб префикси инкории «на-» қабул мекунад: рад накардан, фиреб надодан, дер накардан ва ғайра [3, с.129].

The Holy Father, undoubtedly, is acting with the best intentions [7, с.88]. - Бешубҳа ҳазрати папа бо ниятҳои нек амал карда истодаанд [7, с.88].

Дар мисоли англисии додашуда маънои инкори дукарата ба зарфи undoubtedly, ки аз калимаи doubt “шубҳа, бечуръатӣ, шак» бо ёрии пешванди un- созмон ёфтааст, дода шудааст. Бояд қайд кард, ки дар ин ҷумла исми doubt худ инкор мебошад, зеро дорои тобиши инкорӣ мебошад. Якҷояшавии пешванди un- бо исми дорои маънои инкорибудаи doubt ба зарфи undoubtedly мубаддал гашта, на маънои инкорӣ, балки маънои мусбии «бешубҳа, бешак»-ро ифода менамояд [9, с.528].

Аз тарҷумаи ин мисоли англисӣ ба забони тоҷикӣ аён мегардад, ки инкорӣ дукарата тавассути зарфи «бешубҳа», ки аз исми «шубҳа» бо ҳамроҳ шудани пешванди «бе-» созмон ёфтааст, ифода мегардад. Маҳз ҳамроҳшавии пешванди «бе-» ба исми дорои маънои инкорибудаи «шубҳа» ба ҷумла маънои мусбӣ мебахшад.

Боз як мисоли дигар: I have no objection to sit down and listen [16, с.70] – Ман барои нишаста гӯш кардан мухолифат надорам.

Дар мисоли додашудаи англисӣ нишондиҳандаи инкори дукарата ҳиссачаи инкории “no” ба ҳисоб рафта, он ба исми “objection” (мухолифат), ки худ дорои маънои инкорӣ мебошад, ба маънои мусбии он ишора менамояд.

Аз тарҷумаи ин ҷумла ба забони тоҷикӣ бармеояд, ки маънои инкориро исми “мухолифат” ифода намуда, ҳиссачаи инкории “на-” , ки пеш аз феъл омада, баръакси вазифаи асосии худ, ки ифодаи инкор аст, вазифаи тасдиқро адо менамояд.

Дар баъзе ҷумлаҳои сода ва мураккаб дар забони тоҷикӣ бо феълҳо такроран омадани префикси на- мантиқан маънои мусбиро ифода мекунад, яъне ду шакли инкории (манфии) феъл барои ифодаи маънии як феъли мусбат меояд: нагуфта наметавонам, яъне бояд гӯям, мегӯям, нагуфта (ногуфта) намонад, яъне бояд гуфта шавад: наомада наметавонам, яъне бояд биёям ва ғ [3, с.130]. Монанди ҳамин, дар ҷумлаи зерин ду инкор маънии тасдиқро ифода менамояд: Ӯ нафаҳмида гап намезанад [6, с.281]. – He doesn’t speak not knowing.

Таҳлили мисолҳои овардашуда боз як бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки инкори дукарата ба тасдиқи гуфтор баробар мебошад. Бондаренко низ дар монографияи худ қайд менамояд, ки шумораи ҷуфти инкор дар ҷумла ба тасдиқ ва шумораи тоқи он ба инкор баробар мебошад, ки ин қонун ба ҳамаи забонҳо хос аст [2, с.138].

Дар забони тоҷикӣ маводҳои забонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар сохти як ҷумлаи сода метавонанд якчанд шаклҳои грамматикии инкор ё воҳидҳои лексикӣ амал намоянд. Мисол: Ҷавонони ширинӣ аз ин маслиҳат **на**пурсида **ҳеҷ** кор **на**мекунанд [6, с.226].

Такроршавии инкор дар ду аъзои як ҷумла барои забони англисӣ аз рӯйи меъёри забонҳои мононегативӣ, ки забони англисӣ низ ба ин гурӯҳ дохил мешавад, номумкин аст [2, с.125]. Мисол: Nobody knows anything about him [12, с.92]. Ҳеҷ кас дар бораи ӯ ҳеҷ чиз намедонист [10, с.104].

Дар баъзе ҳолатҳо инкори дукарата дар забони англисӣ метавонад чун усули тавсифи нутқии қаҳрамонҳои наофаридаи муаллиф истифода гардад [2, с.125]. Мисол:

“I don’t know anything about that.” [12, с.86]. - Ман дар бораи он ҳеҷ чиз намедонам.

Аммо дар нутқи гуфтугӯии забони англисӣ низ ҳолатҳои инкори бисёркарата ба назар мерасанд: I haven’t seen nowbody nowhere [2, с.126].

Чи хеле, ки аз тарҷумаи мисолҳои англисӣ ба забони тоҷикӣ аён мегардад, дар забони тоҷикӣ низ дар нутқи гуфтугӯӣ инкори дукарата сермаҳсул истифода гардида, он тавассути зарфҳои инкорӣ (ҳаргиз -never, дар ҳеҷ ҷо –nowhere, anywhere) ва ҷонишинҳои инкорӣ (ҳеҷ кӣ- anybody, ягон чиз- anything, ҳеҷ кас- nobody, ҳеҷ чиз- nothing, ҳеҷ гуна, ҳеҷ кадоме (аз)- neither, ҳеҷ як- none.), ки ба гуфтор тақвияти инкорӣ мебахшанд, амалӣ мегардад. Муқоиса кунед: Аммо вай, албатта, ҳеҷ чӣ нагуфт [8, с.179].- But certainly he didn’t say anything. I haven’t been anywhere,” she murmured glumly [12, с.218]. - Ман дар ҳеҷ куҷо набудаам.

Ҷонишин ва зарфҳои инкорӣ ба маънои инкории гуфтор тақвият бахшида, ҳамзамон бори асосии алоқаро дар бар мегирад. Дар як ҷумла метавонад якбора якчанд ҷонишинҳои инкорӣ истифода бурда шавад: Ҳеҷ кас ҳеҷ чиз нагуфт [6, с.83]. - Nobody said nothing.

Ҷонишин ва зарфҳои инкорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ инчунин ба гуфтор маънои хулосавӣ бахшида, ба мавҷуд набудани амал ишора менамоянд ва аз хусусияти умумӣ ва комили он дарак медиҳанд: Табиӣ, ҳеҷ кадоми он бандиён дар ин бора лаб намекушоданд [6, с.91]. She might never become herself again [12, с.109]. – ӯ ҳаргиз аз нав ба худ омада наметавонист.

Таҳвияти инкор дар баён инчунин ба воситаи таъсири мутақобили воситаҳои гуногуни ифодаи инкор бо дигар ҳодисаҳои забонӣ амалӣ мегардад: бо ворид кардани воҳидҳои махсуси лексикӣ, таҳвияти ҳиссачаҳо, бандакҳо ва калимаҳои бандакӣ, вайроншавии тартиби калима, истифодаи такрори гуногуни синтаксисӣ, фразеологизмҳо ва оҳанги махсус. Дар забони тоҷикӣ дар ин маъно ҳиссачаҳои гуногун хело фаровон истифода бурда мешаванд. Масалан, бо истифодаи ҳиссачаи препозитивии ***ҳеҷ*** на танҳо инкор, балки қатъият низ ифода мегардад. Ҳиссачаи ***ҳеҷ*** бешак ба хабари инкорӣ равона карда мешавад [4, с.121].

Барои таҳвияти инкор дар забони англисӣ инчунин ҷонишини инкории «neither», ки ҳамроҳи пайвандаки «nor» омада пайвандаки таркибӣ месозад, истифода мешавад ва ба забони тоҷикӣ «на…на» тарҷума мешавад. Мисол: I saw neither Mr. nor Mrs Smith at church [13, с.638]. – Дар калисо ман на ҷаноб, на хонум Смитро дидам. He has neither talent nor the desire to learn [14, с.152]. - Ӯ на истеъдод ва на майли омӯхтан дорад.

Маънои инкорро дар забони англисӣ инчунин ҳиссачаи "*even", ки* муодили тоҷикии он ҳиссачаи «ҳатто» мебошад, таҳвият медиҳад. Масалан: He didn't answer even my letter [13, с.184]. - Ӯ ҳатто ба мактуби ман ҷавоб нагардонид.

Ҳиссачаҳои таъкидии «ҳатто» ё «аслан» дар якҷоягӣ бо феъл дар шакли инкорӣ дар забони тоҷикӣ ва муодили он дар забони англисӣ ҳиссачаи **"**even" ба маънои инкории тамоми ҷумла таҳвият мебахшанд: Ӯ ҳатто хайрухуш накард [8, с.73].- He didn't even say good-bye.

Дар забонҳои муқоисашаванда яке аз воситаҳои таҳвияти инкор такроршавии калимаҳои дорои маънои инкорибуда мебошад. Мисол:

Oh, if only a girl could have no father, no family, just as I have no mother [14, с.85]. - Оҳ, чӣ мешуд, ки духтаре падаре, оилае дошта наметавонист, чунонки ман модар надорам.

Ҳиссачаи инкории «не» низ барои таквияти радду инкор ба сурати такрор низ зиёд истифода мешавад. Дар ин вазифа ҳам пай дар пай, ҳам бо фосила, дар ду тарафи сухани эзоҳӣ омадани он мушоҳида мешавад: Не, не, бемалол гап задан гиред [3, с.271].

Вожаи «инкори иловашуда» дар охири ҷумла низ барои таҳвияти маънои умумии инкор истифода бурда мешавад [5, с.63]: Не, не, даркор не! [8, с.146] - No, no, I needn't

Дар ин сурат дар гуфтор маънои боварии устувор дар ҳақиқати баёншуда, маънои инкори қатъӣ ворид карда мешавад.

Дар забонҳои муқоисашаванда инкори инкор, ки яке аз навъҳои инкори дукарата мебошад, ба назар мерасад. Чунин намуди инкори дукарата на ба маънои инкорӣ, балки ба маънои мусбии ҷумла далолат менамояд.

Ҳамин тавр, дар забони англисӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои мононегативӣ дохил мешавад, инкори танҳо дукарата ва дар забони тоҷикӣ бошад, инкори дукарата ва ҳам бисёркарата ҷой дорад, ки дар он шумораи ҷуфти инкор дар ҷумла ба тасдиқ ва шумораи тоқи он ба инкор баробар мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Беляева, Е. И. Принцип вежливости в речевом общении / Е. И. Беляева // Иностранный язык в школе. –М.,1985. -№ 2. -С. 13-16.
2. Бондаренко, В.Н. Отрицание как логико-грамматическая категория / В.Н. Бондаренко. -М., 1983. - 209 с.
3. Грамматикаи забони хозираи адабии тоҷик. Қ. I. - Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
4. Исламова, П.Н. Категория отрицани в таджикском языке: дисс. канд. филол. наук / П.Н. Исламова. – Душанбе, 2017.- 237 с.
5. Horn, L.L. A Natural History of Negation / L.L. Horn. - Stanford: CSLI Publications, 2001. - 637 p.
6. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 3. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1955. – 470 с.
7. Войнич, Э.Л. Ғурмагас / Э.Л. Войнич. - Душанбе: Маориф, 1982.-320 с.
8. Икромӣ, Ҷ. Асарҳои мунтаҳаб. Ҷилди 4. - Душанбе: Адиб, 1973. - 306 с.
9. Мюллер, В.К. Англо русский словарь / В.К. Мюллер. –М.: Изд. «ЮНВЕС», 2004. -767 с.
10. Ниёзӣ, Ф. Вафо. / Ф .Ниёзӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966 - 391с.
11. Dreiser, Th. Sister Carry. – M.,1977. -378 c.

12. Galsworthy, J. A Modern Comedy. Book 3 / J. Galsworthy. - M.: Progress publishers, 1976. -304 c.
13. Hornby, A. Oxford advanced learner's dictionary / A. Hornby.-Oxford University Press, 1989. – 1580 p.
14. Shaw, B. Widowers‟ Houses. Mrs. Warrens profession / Bernard Shaw. -M.: Foreign languages publishing house.1950-171p.
15. Voynich, E. L. The Gadfly / E. L. Voynich. - M., 1954.- 343 p.

ИНКОРИ ДУКАРАТА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи муқоисаи инкори дукарата дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳлил карда мешавад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки инкори дукарата дар забонҳои муқоисашаванда метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир гардад. Он метавонад маҳфузан дар таркиби калима ифода ёфта, чун якҷояшавии ҷузъҳои инкории морфологӣ дар дохили як воҳиди лексикӣ зоҳир гардад ва хусусияти услубӣ дошта бошад. Дар забони тоҷикӣ назар ба забони англисӣ инкори дукарата ва бисёркарата хело маъмул аст, зеро дар як ҷумлаи сода метавонад ҳамзамон якчанд шаклҳои инкории грамматикӣ ва воҳидҳои лексикӣ истифода гардад, аммо барои забони англисӣ ин ҳодиса аз рӯйи меъёри забон нодуруст аст. Дар забонҳои муқоисашаванда барои тақвияти инкори дукарата зарфҳо, ҷонишинҳо ва ҳиссачаҳои инкорӣ басо сермаҳсул истифода мешаванд. Такроршавии калимаҳои дорои маънои инкорибуда низ, яке аз воситаҳои тақвияти инкори дукарата ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: инкор, инкори дукарата, инкори бисёркарата, тақвияти инкор, зарфҳои инкорӣ, ҷонишинҳои инкорӣ, ҳиссачаҳои инкорӣ

ДВОЙНОЕ ОТРИЦАНИЕ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается проблема сравнения двойного отрицания в английском и таджикском языках. Исследование показывает, что двойное отрицание в сопоставляемых языках может проявляться в разнообразных формах. Оно может выражаться в слове имплицитно, может проявляться как сочетание двух отрицательных морфологических элементов внутри одной лексической единицы и иметь стилистический характер. В таджикском языке, в отличие от английского, широко используется многократное отрицание, так как в одном простом предложении одновременно может использоваться несколько грамматических отрицательных форм и лексических единиц, но в английском языке, это явление запрещается языковой нормой. В сопоставляемых языках для усиления двойного отрицания очень активно используются отрицательные наречия, местоимения и частицы. Повторение слов с отрицательной семантикой также является одним из способов усиления отрицания в английском и таджикском языках.

Ключевые слова: отрицание, двойное отрицание, множественно отрицание, усиление отрицания, отрицательные наречия, отрицательные местоимения, отрицательные частицы.

DOUBLE NEGATION IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The given article dwells on the comparative analysis of Double negation in English and Tajik languages. The research shows that double negation of comparable languages can be found in different forms. It can be expressed in a word in implicit form, be appeared as combination of two negative morphological elements into a lexical unit and have stylistic character. In Tajik language in comparison to English there is a multiple negation, where several grammatically negative forms and lexical units can be simultaneously used in a simple sentence, but in English language this case is prohibited by language norm. In comparable languages for intensification of double negation negative adverbs, pronouns and particles are actively used. Repetition of words with negative semantic is also one of the ways of intensification in double negation in English and Tajik languages.

Key words: negation, double negation, multiple negation, intensification of double negation, negative adverbs, negative pronouns, negative particles

Сведения об авторе: ***Гиясова Сурайё Гайбуллоевна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, докторант Ph.D кафедры перевода и грамматитики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **giesova 82@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 929-77-35-63**

Information about the author: Giyasova Surayo Gaybulloevna - Khujand State University named after B. Gafurov, Post Graduate Student of the department of translation and English Grammar. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **giesova 82@mail.ru.** Tel.: **(+992) 929-77-35-63**

УДК: 491.550+34 (575.3)

НАҚШИ ПАСВАНДҲО ДАР СОХТАНИ ИСТИЛОҲОТИ МАЪМУРИИ КОРГУЗОРӢ

Давлатов И.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳоти маъмурию коргузориро дар қолабҳои мухталифи калимасозӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки яке аз тарзҳои маъмулиашон иштироки пасвандҳо мебошад. Нақши пасвандҳо дар сохтани истилоҳвожаҳо нисбат ба пешвандҳо равшантар ба мушоҳида мерасад ва теъдоди онҳо низ дар ҷодаи истилоҳсозӣ зиёдтар аст. Бояд тазаккур дод, ки дараҷаи истилоҳсозии пасвандҳои истилоҳсоз дар забон

яксон нест, яъне қисме аз пасвандҳо фаъол буда, баъзеи дигар танҳо як ва ё ду истилоҳ месозанд. Масалан:

Пасванди –а дар калимасозии истилоҳот сермаҳсул нест. Бо ин пасванд аз исми ҳавз калимаи **ҳавза** сохта шудааст, ки маънои округро ифода мекунад: ҳавзаи интихоботӣ.

Истилоҳи **баста** аз асоси замони гузаштаи феъли **баст** ва пасванди **–а** сохта шуда, чизи қоғазпеч ё басташударо меноманд, ки бо истилоҳи русии бандерол мувофиқ аст. Истилоҳи наве, ки дар солҳои охир пайдо шудааст **озмуна** мебошад. Истилоҳи мазкур аз исми озмун ва пасванди –а таркиб ёфтааст. Шарҳи он чунин аст: озмуни нав, ҳар яке аз саволҳо ва маҷмӯи пурсишҳо, ки яке аз онҳо дуруст мебошад, тест. 2. имтиҳон, санҷиш. Қобили зикр аст, ки калимаи озмуна чун истилоҳ адои вазифа карда наметавонад.

Пасванди –гонӣ. Ин пасванд дар калимасозӣ ва истилоҳсозӣ фаъол нест. Бо ин пасванд истилоҳи маъмурӣ-коргузории бойгонӣ сохта шудааст, ки бо калимаи русии архив ҳаммаъност: бойгонӣ 1. муассисае, ки он ҷо ҳуҷҷатҳои куҳнаю қадима ва ёдгориҳои хаттӣ нигоҳ дошта мешаванд; шуъбае, ки дар он ҳуҷҷатҳои куҳнаи он муассиса маҳфуз дошта мешаванд. 2. Маҷмӯи дастнависҳо, мактубҳо ва дигар асноди марбут ба фаъолияти шахсе, архив: бойгонии нависанда [5, с. 223].

Пасванди –ӣ. Ин пасванд аз исм, сифат ва асосҳои феъл истилоҳ месозад ва маънои мансубияту нисбатро ифода мекунад. Доир ба сермаънову сервазифа будан, хусусияти омоморфемавӣ зоҳир кардан ва таърихи хеле куҳан доштани пасванди –ӣ, -гӣ дар забошиносии тоҷик муаллифони зиёде изҳори ақида кардаанд [1; 2; 4;]. Пасванди –ӣ на танҳо дар сохтани исму сифат, инчунин дар сохтани дигар ҳиссаҳои нутқ низ фаъол аст. Чунончи: **рухсатӣ**- аз калимаи арабии рухсат ва пасванди –ӣ сохта шуда, ба маънии таътили корӣ, истироҳат баъди чанд вақти кор: ба рухсатӣ баромадан кор фармуда мешавад: Садаф барои анҷоми корҳои оилавиаш ба муддати як ҳафта аз ҳисоби худ рухсатӣ гирифт (Оила) [7, с.126].

Нишонӣ низ бо ин қолаб сохта шуда, бо калимаи русии адрес ҳаммаъност. Як хусусияти муҳимми воситаҳои калимасоз дар он аст, ки бо калимаҳои иқтибосӣ омада, калима ё истилоҳоти нав месозанд.

Истилоҳвожаи **нотариат** лотинист, ки вазифаи он сохтори идораҳои ба расмият дароварандаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ; истилоҳи нотариус (лотинӣ) ба маънии хизматчии нотариат, ки ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро сабт, тасдиқ ва ба расмият медарорад фаҳмида мешавад. Аз ин калима дар қолаби калимасозии забони тоҷикӣ истилоҳи нотариалӣ сохта шудааст. Истилоҳи нотариалӣ мансуб ба нотариат; идораи нотариус; идораи давлатии нотариалии шаҳр; ҳуҷҷати нотариалӣ ҳуҷҷати дар идораи нотариус сабт ва тасдиқшуда [5, с.939].

Бо ин пасванд аз исми расм истилоҳи **расмӣ** сохта шудааст. Истилоҳи мазкур дорои маъниҳои гуногун аст: давлатӣ, вазифадор, масъул: намояндаи расмӣ. 2. қонунишуда, ба расмият даромада: вазифаи расмӣ. 3. муқаррарӣ, маъмулӣ: суханҳои расмӣ; дарси расмӣ-дарсҳое, ки дар мадрасаҳои Бухоро таълимашон ҳатмӣ буд; уламои расмӣ-уламои мансуб ба дарбор; шоири расмӣ-шоири аз тарафи ҳама шинохташуда, шоири пухтаю расида; қабули расмӣ-ба ҳузури худ пазируфтани шахси давлатӣ, гурӯҳи касонро, ки ин пазироӣ аз рӯйи муқаррарот ва маросими муайян гузаронида мешавад; ҳуҷҷати расмӣ-ҳуҷҷате, ки аз тарафи ягон идораи салоҳиятдори давлатӣ содир мешавад; ба қонуну қоида мувофиқ гардонидан. 4. зоҳирӣ, тазоҳурӣ, барои намоиш ба дигарон, рӯякӣ [6, с.152]. Бояд зикр намуд, ки он бештар ба маънии расмӣ кунонидан, ба шакли қонунӣ даровардан, ҳуҷҷати давлатӣ (ҳуҷҷати расмӣ) ва дар муносибатҳои дипломатии давлатдорӣ ба кор бурда мешавад.

Калимаи ҳуҷҷат ба маънии далел, бурҳон, санад, сарчашма (навиштаҷоте ба сифати тасдиқи коре ё чизе) фаҳмида мешавад. Аз калимаи ҳуҷҷат бо воситаи пасванди -ӣ истилоҳвожаи **ҳуҷҷатӣ** мансуб ба ҳуҷҷат тааллуқдошта, филмҳои ҳуҷҷатӣ, ки оид ба ҳодисаву воқеаҳо ва ҳаёти шахсони таърихӣ бахшида шудааст, сохта шудааст. Истилоҳвожаҳои **ҳуҷҷатнигорӣ, ҳуҷҷатнокӣ, ҳуҷҷатнигор, ҳуҷҷатнома** ва ғайраҳоро дар мавриди муносиб шарҳ хоҳем дод.

Бо ёрии пасванди муштараквазифаи –ӣ дар забони васоити ахбори омма истилоҳвожаҳои инфиродӣ, ифротӣ (зиёдравӣ, ҷоҳилӣ, экстреместӣ), қаламӣ, қонуншиканӣ, мулкӣ, муътаризӣ, муштарӣ, нассоҷӣ, тақаллубӣ, тарҳрезӣ, тасвирӣ, ҳавзавӣ ва ғайра сохта шудаанд, ки шарҳи баъзеи истилоҳоти зикргардидаро зарур медонем:

Калимаи **қаламӣ** дастнавис, дастхат; он чӣ дар асл навишта мешавад шарҳ ёфтааст: Амали нусхабардорӣ, яъне зиёд намудани номаҳои қаламӣ ва ироаи он ба умум дар айёми бостон ва қуруни вусто аз корҳое ба шумор меравад муҳиму зарурӣ (Ҷумҳурият) [7, с.63].

Бояд зикр намуд, ки қаламӣ гарчанде бо усули калимасозии забони тоҷикӣ сурат гирифтааст, ҳамчун истилоҳ қобили қабул нест. Калимаҳои дастхат ва дастнавис низ дар қолаби калимасозии забони тоҷикӣ аз ибораи чизи бо даст навишташуда, хатти бо даст навишташуда бо усули калимасозии морфологӣ бунёд ёфтаанд. Ин калимаҳо чун истилоҳи коргузорӣ барои тамоми тоҷикзабонон маъмуланд, аз ҷиҳати оҳангнокӣ ва дарки маънӣ равону суфтаанд.

Калимаи **мулкӣ** ба маънии граждани, ғайринизомӣ омадааст: Чанд нафар аз шахсонӣ мулкӣ ҳам ба он ҳайат шомил буданд (ТВТ) [7, с.89]. Ҳар як истилоҳ бо мақсаде ба кор бурда мешавад, ки ин қобилиятро истилоҳи мулкӣ надорад.

Аз баррасии мисолҳо маълум гардид, ки пасванди муштараквазифаи –ӣ дар сохтани истилоҳот сермаҳсул мебошад.

Пасванди –<u>гар</u> аз исмҳои маънӣ, бештар исми амал месозад, ки шахсро вобаста ба амалиёт, машғулият ва ҳаракаташ нишон медиҳад: истилоҳҳои фармоишгар, даъвогар, таҳиягар бо ин пасванд сохта шудаанд.

Фармоишгар ду давраи калимасозиро гузаронидааст: 1. фармо+иш+гар. Калимаи мазкур ҳамтои калимаи русии заказчик аст. Дар ФТЗТ чунин маънидод шудааст: фармоишдиҳанда, амрдиҳанда, ҳукмдиҳанда [6, с.388]. Аммо чун истилоҳ ба маънои шахсе, ки ягон маҳсулотро фармоиш медиҳад, корбаст мегардад.

Истилоҳвожаи **даъвогар** дар ФТЗТ ба маънии ҳуқуқӣ: он ки ба воситаи мақомоти судӣ ҳимояи ҳуқуқи худро талаб мекунад; муддаӣ, додхоҳ. 2. талабгор, хостгори чизе; довталаб зикр ёфтааст [5, с.436]. Имрӯз чун истилоҳ ба маънии додхоҳ истеъмол мегардад. Истилоҳвожаи **таҳиягар** аз исми маънии таҳия ва пасванди <u>–гар</u> сохта шуда, омодакунанда, танзимкунандаи барномаҳо, филмҳо ва дигар корҳои фарҳангист.

Пасванди- гоҳ. Ин пасванд истилоҳоте месозад, ки ба маънои макон ва ҷой истифода мегарданд: истилоҳи коргоҳ аз исми маънии кор ва пасванди -гоҳ бунёд ёфтааст. Коргоҳ маконест, ки одамон дар он ҷо ба ягон машғулият, коре, амале фаъолият мекунанд. Истилоҳи бунгоҳ дар «Луғати калима ва истилоҳоти нав» бо ду маънӣ шарҳ ёфтааст: Бунгоҳ 1. хона, манзил, нуқта: Дар Сангтӯда як бунгоҳи тиббӣ сохта шудааст (ТВТ) [7, с.25]. 2. муассиса, созмон, марказ: Бунгоҳи нави ахборотӣ дар Федератсияи Русия кушода шуд (ТВТ) [7, с.25]. Лафзи форсӣ дар ин бунгоҳҳои фарҳангӣ парвариш ёфт, обдида ва тобнок гардид (Омӯзгор) [7, с.25]. Калимаи мазкур хусусияти сермаъноӣ пайдо кардааст, аммо он асосан барои ифодаи бунгоҳи тиббӣ маъмултар аст.

Пасванди –**гоҳ** бо исми даст омада вожаи **дастгоҳро** сохтааст, ки он бо се маъно: асбобу олат ё мошин барои сохтани чизе ё ба ичро расонидани коре: дастгоҳи автоматӣ, дастгоҳи бетонрезӣ, дастгоҳи бофандагӣ, дастгоҳи пармагарӣ, дастгоҳи харротӣ; дастгоҳи аккосӣ. 2. нав. идораи ичроияи марказӣ; мақомоти идоракунандаи марказӣ: дастгоҳи вазорат. 3. ҷоҳу ҷалол; ҳашамат; дову дастгоҳ ифода мегардад [5, с.426]. Истилоҳвожаи дастгоҳ чун ифодакунандаи мақомоти давлатӣ дар даврони истиқлолият арзи вуҷуд намуд. Дар калимаҳои зикршудаи бунгоҳ ва дастгоҳ хусусияти сермаъноӣ дида мешавад, ки хосси истилоҳот нест.

Додгоҳ- аз асоси замони гузаштаи феъли дод ва пасванди –гоҳ таркиб ёфта, имрӯз ҳамчун ифодакунандаи мафҳуми мақоми давлатӣ, ки мурофиаҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноятиро мебинад, додгоҳ; суди халқӣ, суди олӣ; ба суд додан касеро барои мурофиа ба суд кашидан; суд кардан истифода мешавад [6, с.268]. Истилоҳи мазкур бунёди тоҷикӣ дошта бо вожаи суд баробар кор бурда мешавад.

Пасванди –**дон**. Суффикси–дон сермаҳсул буда, аз исмҳои конкрет исми зарфият, номи асбоб месозад [1, с.190]. Бо ин пасванд истилоҳи **ганҷдон** сохта шудааст, ки синонимии калимаи русии сейф мебошад. Ганҷдон сандуқи оҳанини насӯзанда барои нигоҳ доштани пул ва ҳуҷҷатҳост, ҷузвдон (папка). Ин пасванд дар сохтани истилоҳот каммаҳсул аст.

Пасванди –**нокӣ** дар калимаву истилоҳсозӣ маъмул нест. Бо он истилоҳи **ҳуҷҷатнокӣ** сохта шудааст. Ҳуҷҷатнокӣ-дорои ҳуҷҷат ва санаду далел ва ё далелнокӣ, ки ҳамин маъниро дар худ дорад.

Пасванди –**иш**. Суффикси**–иш** серистеъмол, вале каммаҳсул аст. Вай аз асоси замони ҳозираи феъл исми амал месозад [1, с.196]. Бо ин пасванд истилоҳвожаҳои: **гузориш, фармоиш, созиш-конвенция, коҳиш, бароиш, санҷиш** сохта шудаанд, ки маънӣ ва мафҳумҳои ҷудогонаро ифода мекунанд. Истилоҳи гузориш дар асл сермаъност: 1. гузоштан, мондан, вогузор кардан, супоридан; гузориши масъала, масъалагузорӣ, гузоштани масъала. 2. баён, шарҳ; гузориши аҳвол-баёни ҳол; гузориши илмӣ-суханронии мухтасар доир ба мавзӯи баҳс дар маҳфили илмӣ. 3. нав. навъи хабар бо суҳбат ва намоиш аз ҷойи воқеа дар бораи рӯйдодҳои рӯз (дар матбуот, радио, телевизион). 4. дархост; ҳисобот [5, с.335]. Дар забони васоити ахбори омма бештар ба маънии шарҳ (гузориши моро аз ноҳияи Зафаробод тамошо намоед) истифода бурда мешавад.

Истилоҳи **фармоиш** чизеро дархост кардан аст. Истилоҳи **соз+иш** бо истилоҳи русии конвенсия ҳаммаъно буда, чунин маъниро дорост: мувофиқат, дар бораи коре ба як қарор омадан; созиш кардан муросо кардан, мувофиқат кардан, дар бораи масъалае ба як фикр (қарор) омадан [6, с.257].

Дар забони муосири тоҷикӣ бо ин пасванд калимаҳои коҳиш, бароиш, санҷиш сохта шудаанд. Истилоҳи коҳиш ба маънии кам шудан, бароиш ба маънии истилоҳи тиражи китоб ё рӯзнома ба кор меравад. Истилоҳи **санҷиш** низ хусусияти сермаъноӣ касб кардааст: имтиҳон, санҷиш: озмудан.

Пасванди –он. Истилоҳи коргардон аз- исми кор-, асоси замони ҳозираи феъл гард ва пасванди –он сохта шуда, таҳиягар, омодакунандаи филм ва барномаҳои телевизиониро меноманд.

Пасванди –чӣ. Ин пасванд муштараквазифа буда, ҳам дар шаклсозӣ ва ҳам дар калимасозӣ фаъол мебошад. Пасванди -чӣ пас аз солҳои 20-уми асри XX яке пасвандҳои фаъол дар вожасозии забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Ин пасванд дар забонҳои эронӣ, аз ҷумла, тоҷикӣ ва форсӣ аз забонҳои туркӣ иқтибос шуда, таърихи иштиқоқи он дар суннати хаттӣ ба осори давраи классикӣ ва ё форсии дарӣ иртибот мегирад. Пасванди -чӣ дар забони тоҷикӣ ва ё форсӣ бо ифодаи он маъниҳое, ки дар забони туркӣ дорад, ворид ва мавриди истифода қарор гирифтааст [3, с.119]. Инчунин, дар истилоҳсозӣ маъмул будани ин пасванд низ зикр гардидааст [8]. Бо пасванди мазкур истилоҳҳои **назоратчӣ** ва **қочоқчӣ** сохта шудааст.

Қочоқчӣ аз исми қочоқ ва пасванди –чӣ сохта шудааст ва ба маънии шахсе, ки молеро пинҳонӣ аз сарҳади як кишвар ба сарҳади кишвари дигар мегузаронад, фаҳмида мешавад; контрабандист. Мисол: 12 ҳодисаи бархӯрди мусаллаҳона дар сарҳад рух дод, ки дар натиҷа 5 тан аз қочоқчиён нобуд карда шуданд (Тоҷикистон) [7, с. 65]. Вазифаи назоратчӣ назар кардан, нигаристан аз болои коре ё касе; ба таҳти назар гирифтан (коре ё рафтори касеро); таҳти назар (мушоҳида, назорат) гирифтани риояи қонун, татбиқи дастур, иҷрои фармон, тартибот: назорати давлатӣ, назорати молиявӣ ва амсоли инҳо.

Пасванди–ия дар истилоҳсозӣ фаъол аст. Бо ин пасванд истилоҳҳои **баён+ия, иблоғ+ия, эълом+ия** сохта шудаанд, ки ҳоло шарҳи онҳоро меорем: баёния хусусияти сермаъноӣ касб кардааст: 1. Баёния чун истилоҳи забоншиносӣ, як навъи муайянкунанда: устод Айнӣ, 2. иттилоия, навишта ва хабари расмӣ аз тарафи созмоне, идора ё шахси масъуле [5, с.119]. Дар ҳамин қолаб истилоҳи иблоғия сохта шудааст, ки он чун муродифи истилоҳҳои муроҷиатнома, даъватнома баъзан дар забони васоити ахбори омма истифода мегардад. Бояд зикр кард, ки ин истилоҳ аз забони мардуми ҳамҷавор ба забони мо гузаштааст ва он наметавонад чун истилоҳ бо синонимҳояш истифода гардад. Бунёди истилоҳи мазкур арабист, ки барои мардуми тоҷик нофаҳмост. Истилоҳи **эъломия** низ дар ҳамин қолаб сохта шудааст. Эъломия- изҳорот, баёноти расмӣ ва тантанавор дар бораи ягон масъалаи муҳим, ки аз тарафи давлат ё ҳизбе дода ё қабул карда мешавад, декларатсия. Масалан: Тарафҳо баъди мулоқоту музокирот эъломия қабул карданд (ТВТ) [7, с.186].

Истилоҳвожаи **даст+ур** ба маъниҳои зерин кор фармуда мешавад: 1. роҳнамо, нишондод; барномаи амалиёт, дастуруламал; супориш, фармоиш; фармон, амр; дастур додан а) роҳ нишон додан барои иҷрои коре, омӯхтан; б) супориш додан, фармудан. 2. маҷмӯаи қонуну қоида ва тавсияҳо оид ба тарзи омӯзиши ягон фанни дарсӣ: дастури таълимӣ; дастури методӣ маҷмӯаи нишондод ё маслиҳату тавсияҳои методӣ оид ба тарзу усули гузаронидани дарсҳо аз фанне; дастури забони форсӣ-китоби таълими сарфу наҳви забони форсӣ. 3. кит. рухсат, иҷозат. 4. таър. вазир, вазири соҳибмансаб [5, с.429].

Пасванди-она. Пасванди мазкур муштараквазифа буда, дар сохтани исм (**моҳона, тӯёна**), сифат-насиҳати падарона, меҳри модарона, зарф (пирона гиристан): истилоҳи **моҳона** – (музди кор) ва ғайра истифода мегардад.

Пасванди–ча. Пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ бештар барои ифодаи маънои хурдӣ ва навозиш ояд ҳам, дар иртибот ба ҳамон маъно дар сохтани истилоҳоти маъмурӣ –коргузорӣ низ иштирок намудааст. Бо ин пасванд истилоҳи **дафтарча** сохта шудааст. Истилоҳи мазкур хусусияти омонимӣ дорад: 1. дафтарчаи хурд (одатан кисагӣ барои қайдҳои шахсӣ); дафтарчаи ёддошт(ҳо), дафтарчаи хотирот, дафтарчаи кисагӣ. 2. ҳуҷҷат ба шакли китобча: дафтарчаи имтиҳон(от), дафтарчаи амонатгузорӣ, дафтарчаи узвият; дафтарчаи меҳнатӣ-ҳуҷҷатест, ки фаъолияти меҳнатии коргарон ва хизматчиён дар он нишон дода мешавад ва барои муқаррар кардани собиқаи корӣ санади асосӣ мебошад [5, с.431].

Пасванди –**гар**. Пасванди **–гар** дар исмсозӣ сермаҳсул буда, исмҳои шахс месозад, ки маъноҳои гуногун доранд, аз исмҳои мушаххас исмҳои шахс месозад, ки касбу ҳунарро мефаҳмонанд. Истилоҳи **таҳиягар** дар ҳамин қолаб сохта шуда, ба маънии тайёркунанда, омодасоз истифода мегардад. Ин пасванд дар сохтани истилоҳоти ин соҳа каммаҳсул аст: Чунин андешаро таҳиягарони лоиҳаи Консепсияи алтернативии мактаби миллӣ низ ҷонибдоранд (Омӯзгор) [7, с.150].

Хулоса, сайри мухтасар оид ба таҳлилу баррасии таркибии истилоҳоти сохта собит месозад, ки яке аз рукнҳои фаъоли истилоҳофарӣ дар забони тоҷикӣ усули калимасозии сарфист, ки тавассути вандҳои калимасоз сурат мегиранд. Аз баррасии маводи таҳқиқ маълум гардид, ки вандҳои маъмули калимасози забони тоҷикӣ дар сохтани истилоҳвожаҳо, хусусан вожаҳои маъмурӣ-коргузорӣ низ мавқеи назаррас доранд, вале аз ҷиҳати қобилияти калимасозӣ баробар нестанд. Масалан, пешвандҳои бар- боз-, пасвандҳои -ӣ // -гӣ ва -гоҳ нисбатан сермаҳсул мебошанд. Қобили қайд аст, ки ҳамаи вандҳои зикршуда баромади тоҷикӣ доранд ва онҳо асосан бо вожаҳои марбут ба забони тоҷикӣ, баъзан бо вожаҳои иқтибосӣ ҳамроҳ шуда, истилоҳ сохтаанд.

Таҳлили морфологии истилоҳоти маъмурӣ-коргузорӣ нишон дод, ки бисёр қолабҳои истилоҳсозии классикӣ имрӯз дар истифодаанд: **додгоҳ дархост, супориш, фармоиш, бойгонӣ, муҳрона** ва ғайра, ки бо мурури замон босуръат паҳн шуда истодаанд. Ин падида, аз як тараф, боиси ба забони тоҷикӣ ворид шудани вожаҳо ва унсурҳои нави истилоҳсоз гардад, аз тарафи дигар, имконияти инкишофи луғати забони тоҷикиро ба миён меорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. -Ҷ. 1. – 356 с.
2. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм / Ш. Рустамов. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 90 с
3. Рустамов Ш. Исм / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981.-256 с.
4. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форси миёна / Д. Саймиддинов. -Душанбе, 2001. -310 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2 – 946 с.
7. Ҷураев Ғ., Фатҳуллоев С. Луғати калима ва истилоҳоти нав / Ғ.Ҷураев, С. Фатҳуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2003.-190 с.
8. Ҷумъаев М. Навъҳои маъмул ва ғайримаъмули феъли солими забони арабӣ / М.Ҷумъаев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 96 с.

НАҚШИ ПАСВАНДҲО ДАР СОХТАНИ ИСТИЛОҲОТИ МАЪМУРИИ КОРГУЗОРӢ

Дар сохтани истилоҳоти маъмурию коргузорӣ қолабҳои гуногуни калимасозиро мушоҳида кардан мумкин аст. Махсусан, пешванду пасвандҳо дар истилоҳофарӣ нақши намоён доранд, аммо дар таносуб пасвандҳо имконияти бештарро доро мебошанд. Гарчанде тамоми навъи пасвандҳо имконияти сохтани истилоҳоти маъмурию коргузориро доранд, вале дараҷаи истилоҳофариниашон яксон нест, яъне қисме аз онҳо фаъол буда, баъзеашон танҳо як ё ду истилоҳ месозанд. Дар мақола новобаста аз дараҷаи истилоҳофаринӣ пасвандҳое, ки истилоҳоти маъмурию коргузорӣ месозанд, бо мисолҳои равшану дақиқ ба таври мухтасар шарҳ дода шудаанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки пасвандҳои –ӣ, -иш ва -гоҳ сермаҳсул мебошанд ва истилоҳоти зиёди маъмурию коргузориро ба вуҷуд овардаанд. Масалан: **нишонӣ, расмӣ, ҳуҷҷатӣ, гузориш, фармоиш, созиш-конвенция, коҳиш, бароиш, санҷиш, коргоҳ, бунгоҳ**, **дастгоҳ, додгоҳ** ва ғайра аз ҳамин қабил истилоҳот ба шумор мераванд. Аммо пасвандҳои **–нокӣ, -он** ва **–она** миқдори нисбатан маҳдуди истилоҳ месозанд. Масалан: **ҳуҷҷатнокӣ, коргардон, моҳона.** Чунин дараҷаи истеъмоли пасвандҳоро ҳам дар калимаҳои аз истеъмол дурмонда, ҳам дар калимаҳои умумиистеъмол ва ҳамчунин дар наввожаҳо низ метавон мушоҳида намуд. Аз ин ҳолат муайян кардан мумкин аст, пасвандҳо дар сохтани истилоҳоти маъмурию коргузорӣ нақши калидӣ доранд ва истилоҳотеро ба миён меоранд, ки ба меъёрҳои грамматикии забони адабии муосири тоҷикӣ мувофиқ мебошанд.

Калидвожаҳо: нишонӣ, расмӣ, гузориш, фармоиш, коҳиш, бароориш, санҷиш, коргоҳ, бунгоҳ, дастгоҳ, коргардон.

РОЛЬ СУФФИКСОВ В СОЗДАНИИ АДМИНИСТРАТИВНО-ДЕЛОВЫХ ТЕРМИНОВ

В создании терминов административно-деловых словосочетаний можно заметить различные формы. Именно суффикс и приставка играют важную роль, но в сравнении суффикс имеет больше возможностей. Но, несмотря на все формы суффиксов, возможность создания административно-деловых терминов и степень создания терминов не похожи. Некоторые активны, а некоторые создают один или два термина. В статье, независимо от степени употрибительности терминов, суффиксы, которые создают административно-деловые термины, объясняются очень кратко и точно. Исследования показали, что суффиксы **–ӣ**, **-иш** и **–гоҳ** наиболее употребительны и создают множество административных и деловых терминов. Например: нишонӣ, расмӣ, ҳуҷҷатӣ, гузориш, фармоиш, созиш-конвенсия, коҳиш, бароориш, санҷиш, коргоҳ, бунгоҳ, дастгоҳ, додгоҳ и так далее считаются терминами данной группы. Но суффиксы «-нокӣ, -он и –она» создают меньшую часть терминов. Например: ҳуҷҷатнокӣ, коргардон, моҳона. Такой уровень использования суффиксов можно заметить и в устаревших словах и в словах общего пользования, а также в новых словах. В данном случае можно определить, что суффиксы в создании административно-деловых терминов играют важную роль и создают термины, которые соответствуют стандартам современного таджикского литературного языка.

Ключевые слова: нишонӣ (адрес), расмӣ (официально), гузориш (рапорт), фармоиш (распоряжение), коҳиш (уменьшение), бароориш (выпуск), санҷиш (проверка), коргоҳ (место работы), бунгоҳ (пункт), дастгоҳ (структура), коргардон (постановщик).

THE ROLE OF SUFFIX IN MAKING ADMINISTRATIVE BUSINESS TERMS

In creation term administrative business word composition possible to notice the different forms. Exactly, suffix and prefix have an important role, but in comparison suffix has more possibility. But in spite of the creation administrative business terms and sedate creation terms does not similar, some active, but some create one or two terms. In article regardless of degree terms suffixes which makes administrative business terms explains very short and exactly. Researches are shown that suffixes «-ӣ, -иш and -гоҳ» productive and makes ensemble administrative and business terms for example: «нишонӣ, расмӣ, ҳуҷҷатӣ, гузориш, фармоиш, созиш-конвенсия, коҳиш, бароориш, санҷиш, коргоҳ, бунгоҳ, дастгоҳ, додгоҳ» and others are considere terms in this sort. But suffixes «-нокӣ, -он and –она» makes little part of terms. For example: **ҳуҷҷатнокӣ, коргардон, моҳона**. Such level usefull suffixes possible to notice and in remote useless word and in word all using as well as in new word. In givin mate possible define, suffix in creation administrative business terms has an important role and makes the terms which correspond the standart the modern tajik literature language.

Key words: address, official, report, order, reduction, issue, cherk, place of the work, point, strucrure.

Сведение об авторе: ***Давлатов Ифтихор Асрорович*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры современного таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Ayni.Kum@mail.ru.** Тел.: **(+992) 905-05-99-99**

Information about the author: ***Davlatov Iftikhor Asrorovich*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Modern Tajik Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Ayni.Kum@mail.ru.** Tel: **(+992) 905-05-99-99**

УДК: 491.550-56

ИСТОРИЯ ИЗУЧЕНИЯ И ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ КОНЦЕПЦИИ ОДНОСОСТАВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ

Раджабов Н.
Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава

Сопоставительно-типологическим исследованием синтаксиса в целом и проблемами таджикского предложения занимались многие исследователи: Р.А.Самадова [25], М.Н. Касымова [12], С.Сабирджанов [23], Х.С. Валиев [9], Р.Д. Салимов [24], С.А. Иномова [14], Г.Г. Шосафарова [31], С.Кенълаев [16] и др. Проблемами немецкого предложения занимались Н.А. Пирогов, М.А. Зенченко [21], О.В. Якушева [33], О.В. Богдашкина [4]; Ф.А. Царикаева[32]; А.В. Аверина [15].

На данный момент таджикские лингвисты главными признаками предложения считают следующие: 1) значение; 2) интонационная законченность 3) выражение утверждения либо отрицания; 4) наличие грамматической связи между членами предложения. Только в последние несколько лет исследователи добавили к вышеуказанным признакам такие свойства предложения, как предикативность и модальность [10].

Первая грамматика таджикского языка, созданная Саидризо Ализаде, даёт лишь краткие сведения о простых предложениях. Согласно данной грамматике, простые предложения можно разделить на именные и глагольные по способу выражения сказуемых. Именными предложениями называются предложения со сказуемым, выраженными именной частью речи. Глагольными предложениями называются предложения со сказуемым, выраженными глаголом. Члены предложения рассматриваются в главе «Морфология» где определяются их синтаксические функции [1].

В 1936 году появился учебник А.М. Беленицкого и Б. Ходжизода, в котором рассматривается именно изучение синтаксиса в таджикском языке, где среди многих синтаксических проблем простого предложения описываются отдельно все члены предложения [2].

Чуть позже публикуется еще один учебник, рассматривающий синтаксис таджикского языка. Положения, предложенные автором учебника, Л.Бузургзаде, все еще актуальны. Так, определение предложения, которое дал ученый, в наше время продолжает цитироваться без изменений в различных грамматиках таджикского языка. Л.Бузургзода определяет предложение как группу слов, имеющих грамматическую связь между собой либо как отдельные слова, выражающие законченную идею [4].

Причисление таджикских односоставных предложений к отдельному и автономному структурно-семантическому типу является бесспорным фактом, однако проблема определения грамматической природы данных предложений не дает возможности прийти к их единой классификации.

В аспекте изучения синтаксиса простого предложения также интересна монография академика Б.Ниёзмухамедова, в которой он дает подробное описание главных и второстепенных членов предложения и частей речи, которые их выражают [13]. Б. Н. Ниязмухамедов стал первым, кто указал на существование в таджикском языке двух радикально противопоставленных видов предложений. Схема данной Б.Н. Ниезмухамедовым классификации часто повторяется в целом или частично в работах других таджикских исследователей.

В более поздних грамматиках, которые выходили в 1940-1950 гг., типы и единицы синтаксиса в рамках простого предложения традиционно располагались в таком порядке: 1) коммуникативные типы (повествовательные предложения, вопросительные предложения, восклицательные предложения); 2) типы грамматических связей; 3) пять членов предложения; 4) обращения, словосочетания и вводные слова; 5) предложения, включающие однородные члены.

В 1950-1980 гг, по сравнению с предыдущими этапами исследования простых предложений, более пристально изучались члены предложения. По мере развития таджикского языкознания был изучен ряд членов предложения и исследованы прочие проблемы простого двусоставного предложения. Так, М.Ф. Исматуллаев рассматривал прямое дополнение и обстоятельство [8], в то время как Н.Бозидов изучал специфику дополнения косвенного [3]; Д. Таджиев рассматривал определение и его связь с определяемым [Таджиев 1955].

Главные члены предложения в целом и именное сказуемое в частности рассматривал А.Эшонджанов [23]. В.С.Расторгуева в «Кратком очерке грамматики таджикского языка» характеризует как члены предложения в таджикском языке, так и их способы выражения [18].

Предложения в целом рассматривались в работах: С. Рахматовой, исследовавшей однородные члены предложения и обобщающие словосочетания [19]; М.Норматова, рассматривавшего порядок слов в простом предложения [15]; С.Сабиржанова, изучавшего вопросительные предложения [20].

Также в 1980-е годы, на этапе бурного развития таджикской лингвистики, изучалась структурно-семантическая специфика простого предложения. Так, Р. Гафаров рассматривал синтаксис южных говоров таджикского языка [5]. М.Н. Касымова изучала синтаксис простого предложения на материале таджикской исторической литературы и давала описание всех моделей простого предложения становительного периода таджикского языка. Также исследователь подробно изучила структурную и семантическую специфику членов предложения, как главных, так и второстепенных, и рассмотрела такие признаки предложения, как предикативность и модальность [10;11;12].

Экскурс в исследование таджикских синтаксистов убедительно доказывает отсутствие полной и удовлетворительной классификации односоставных предложений в рамках современного таджикского литературного языка, классификации, которая бы в равной степени рассматривала вопросы формы и содержания, и позволяла бы говорить о четком и доказательном обосновании принципов выделения этих вопросов.

Раскрытие структурно-грамматических типов односоставных предложений в таджикском языке необходимо проводить, учитывая категориально-грамматическое значение главного члена предложения как ядра всей конструкции. Также структура односоставных предложений в таджикском языке может содержать облигаторные распространители главного члена и детерминанты. Противопоставление разных типов, подтипов и видов односоставных предложений может проводиться по следующим параметрам: 1) морфологическое выражение главного члена 2) способ упорядочивания синтаксической структуры 3) специфика выражения предикативности 4) степень оторванности предикативного признака от субъекта и др.

Проблема типологической классификации односоставных предложений все еще не решена окончательно. В попытках выделить особенности односоставных предложений и их возможных разновидностей, исследователи отталкивались от их узкого и широкого толкования данных синтаксических конструкций.

Классификация односоставного предложения в таджикском языке соответствует общепринятой классификации. Односоставные предложения в таджикском языке также делятся на глагольные и именные. Центр конструкции глагольных предложений - это глаголы либо иные части речи, играющие роль сказуемого. Основой субстантивных предложений являются субстантивные части речи.

Классификация односоставных предложений таджикского языка включает пять структурно-семантических подтипов: 1) номинативные (Ҷумлаҳои унвонӣ); 2) безличные (Ҷумлаҳоибешахс); 3) неопределенно-личные (Ҷумлаҳои яктаркибаи номуайян шахс); 4) определенно-личные предложения (Ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс); 5) обобщенно-личные (Ҷумлаҳои яктаркибаи умуми шахс) [Салимов 2010: 54]. В данной работе мы будем опираться на вышеуказанную классификацию.

Проблемы односоставных предложений рассматриваются во множестве научных работ, которые посвящены изучению синтаксиса. Также данные проблемы исследуются в учебных пособиях, предназначенных для средней и высшей школ.

В таджикской лингвистике на проблематику односоставных предложений сильно повлияла шахматовско-виноградовская интерпретация, которая была развита в работах таких ученых, как Б. Н Ниязмухамедов [1956], Д. Т. Таджиев [1955], М.Н. Касымова [1976; 1979], М.Норматов [1995; 2001], Ш. Рашидов [1967; 1969], Б. Камолиддинов [1986]и др.

Активное использование односоставных предложений – это одна из типичных черт современного таджикского языка. Как утверждает М. Норматов, односоставные предложения занимают 25-30% в устной и письменной речи носителей таджикского языка, что доказывает их продуктивность[16].

В повествовательных текстах таджикского языка в некоторых случаях можно обнаружить односоставные предложения со сказуемым, выраженным глаголом в форме прошедшего времени. Это характерная особенность таджикского синтаксиса: Ба ин хабар ҳеҷ аҳамият надодам. Й. В. Гӯте.с.21.Die Nachricht war mir riemlich gleichgültig. J. W. Goethe,. с.2; Онрохондахандидам. Й. В. Гӯте, с. 102. Ich las es und laechelte. J. W. Goethe. с.90; Оқибатчунинфикркард. с. 12.Schliesslich sprach er bei sich selber.с. 15.

Необходимо указать на тот факт, что в таджикской лингвистике до шестидесятых годов XX века учебники и учебные пособия по таджикскому языку содержали информацию лишь по трем типам односоставных предложений: обобщенно-личные, безличные и номинативные. Далее в учебные пособия вошли также сведения о неопределенно-личных и определенно-личных предложения. В настоящее время данная информация отражена во всех современных учебных пособиях и учебниках по таджикскому языку [21, с.57].

Рассмотрим некоторые определения, приведенные в тех или иных учебниках и пособиях. Например, вузовский учебник по современному таджикскому языку определяет односоставное предложение как простое предложение, состоящее из единственного главного члена либо из единственного главного члена и распространяющих его частей речи. К односоставным предложениям авторы учебника относят неопределенно-личные,

назывные, определенно-личные, однословные, обобщенно-личные и безличные предложения [7, с.183].

При этом не вполне понятно, что подразумевается под однословными односоставными предложениями. Данное понятие не раскрывается подробно в учебнике, однако в рубрике Ҷумлаҳоитасдиқйваинкорӣ упоминаются предложения, состоящие из одного слова либо словосочетания. Эти предложения авторы учебника относят к односоставным и указывают на их нерасчленяемость на отдельные члены предложения. Главное значение данных предложений состоит в утверждении либо отрицании ранее высказанного. Как правило, данные предложения выражены посредством утвердительных и отрицательных частиц ҳа, бале, оре и близки с предложениями, которые в классификации А.А. Шахматова определяются как междометные [7, с.188].

Другой учебник, опубликованный позднее вышеуказанного, определяет односоставные предложения как предложения, которые включают единственный главный член предложения. Также в данном учебнике односоставные предложения делят на две группы: глагольные и именные (феълӣваномӣ). К глагольным автор учебника относит определенно-личные предложения, неопределенно-личные предложения, обобщенно-личные предложения и безличные предложения [16, с.25-26].

Грамматика современного таджикского литературного языка 1986 года использует термины «именное предложение» и «сказуемостное предложение» (номӣ ва хабарӣ). В данном учебнике указывается на наличие в простых односоставных предложениях единственного главного члена предложения. Также отмечается, что предикативные отношения в односоставном предложении выражены посредством данного члена предложения [6, с. 320].

При этом Р.Д. Салимов указывает на неточность подобного определения, поскольку предикативные отношения - это отношения подлежащего и сказуемого. Ввиду отсутствия второго главного члена в односоставных предложениях упоминание предикативных отношений является не вполне корректным. Сам ученый предполагает, что предикация (хабар) в односоставных предложения осуществляется посредством интонации [21, с.59].

К настоящему моменту в лингвистике накопилось большое количество специальных исследований, содержащих интересные идеи и наблюдения. Рассмотрим некоторые рассуждения таджикских синтаксистов о природе односоставных предложений.

Первое таджикское исследование, в определенной степени затрагивающее вопрос односоставных предложений, – это работа Б. Н. Ниязмухамедова «Ҷумлаҳои содда дар забони тоҷикӣ» [13].

Односоставные предложения анализировались в трудах М. Н. Касымовой. Наиболее детальный анализ структурно-семантических особенностей односоставных предложений дается в докторской диссертации исследовательницы [10]. На базе обширного материала М.Н. Касымова приводит убедительные доказательства того, что частотное употребление односоставных предложений являлось характерной чертой синтаксиса древнетаджикского языка.

Подобное употребление исследовательница обнаруживает в таких памятниках XI века, как «Сафарнома», «Сиёсатнома», «Ќобуснома» - текстах, резко различающихся жанром и стилистикой. Большое количество приведенных примеров из классического периода таджикского языка доказывает нормативность односоставных предложений в синтаксисе того времени. Исследуемые произведения содержат все типы односоставных предложений [10].

По утверждению М.Н. Касымовой, формирование односоставных предложений происходит в результате редукции грамматического субъекта. Деление данных предложений на типы обусловлено формой выражения главного члена: глагольные и именные [10, с.23-24].

Еще одна значимая работа, рассматривающая проблемы односоставных предложений современного таджикского литературного языка, - это кандидатская диссертация Ш. Рашидова [Рашидов 1969]. Также необходимо упомянуть монографию М.Норматова и Ш.Рашидова «Омӯзиши ҷумлаҳои соддаи яктаркиба» [17].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ализаде С. Первый год. –Самарканд, -1920. -131 с.
2. Беленитский А.М. Наҳви забони тоҷикӣ. Барои синфхои VI –VII / А.М.Беленитский, Б. Хоҷизода. Қисми II. -Душанбе, 1936. -140 с.

3. Бозидов Н. Косвенное дополнение в современном таджикском литературном языке: автореф. канд. филологич. наук / Н. Бозидов. - Сталинабад, 1960. -23 с.
4. Бузургзода Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ. -Сталинобод: Нашрдав.тоҷ, 1941. -86 с.
5. Гафаров Р. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ибораҳо. Ҷумлаҳои содда / Р.Гафаров. -Душанбе, 1979. -Ҷ. 3. -243 с.
6. Грамматикаи забони адабии хозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1986. -Ҷ. 2. -372 с.
7. Забони адабии хозираи тоҷик. Синтаксис. -Душанбе: Ирфон, 1970, -268 с.
8. Исматуллоев М.Ф. Прямое дополнение в современном таджикском языке / М.Ф. Исматуллоев. - Сталинабад, 1955. -77 с.
9. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён. -Душанбе: Маориф,1986. 136 с.
10. Косимова М.Н. Синтаксис простого предложения прозы XI века: автореф. дис. докт.филология, наук / М.Н. Косимова. -Душанбе, 1979. -41 с.
11. Косимова М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои соддаи насри асри XI / М.Н. Косимова. -Душанбе: Ирфон, 1976. - 216 с.
12. Қосимова М.Н. Структура ва семантикаи ҷумлахои содцаи насри асри XI (Васоити таълим оид ба курси махсус барои студентони факултети филологияи тоҷик) / М.Н. Қосимова. -Душанбе, 1986. -86 с.
13. Ниёзмуҳаммадов Б. Ҷумлаҳои содда дар забони тоҷикӣ / Б. Ниёзмуҳаммадов. -Сталинобод, 1956. - 96 с.
14. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони точикӣ. Синтаксис барои синфҳои 7-8. Қисми 2 / Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Ниёзй, А.Каримов. -Душанбе, 1962. -120 с.
15. Норматов М. Порядок слов в простом двусоставном повествовательном предложении таджикского литературного языка: автореф. дис.канд. филологич. наук / М.Норматов. -Душанбе, 1968. -8 с.
16. Норматов М. Љумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тољик / М.Норматов. -Душанбе: Матбуот, 2001. -184 с.
17. Норматов М. Омӯзиши ҷумлаҳои соддаи яктаркиба / М. Норматов. -Душанбе: Маориф, 1988. -152 с.
18. Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка / В.С. Расторгуева // Таджикско-русский словарь. -М.: Госиздат иностранных и национальных словарей, 1954. -С. 529-540.
19. Рахматова С. Обобщающие слова и словосочетания в современном таджикском литературном языке: автореф... дис. канд. филологич. наук / С.Рахматова. -Душанбе, 1970. -36 с.
20. Сабиржанов С. Собственно-вопросительные предложения в современном таджикском литаратурном языке: автореф…дис…канд. филол. наук / С.Сабиржанов. - Душанбе, 1986. - 23 с.
21. Салимов Р.Д. Структура и семантика односоставных предложений в русском и таджикском языках: дисс. д.ф.н / Р.Д. Салимов. -Душанбе, 2010. -399 с.
22. Шахматов А.А. Синтаксис русского языка / А.А. Шахматов. 3-е изд. -М., 2001. -624 с.
23. Эшончонов А. Именное сказуемое в современном таджикском литературном языке: автореф. дис. канд. филологич. наук / А. Эшончонов. -Сталинабад, 1959. -30 с.
24. Йохан Волфганг Гуте. "Нокомихои Вертери чавон"; тарчумаи Ш. Рахим / Йохан Волфганг Гуте. - Душанбе: Адиб, 1996. -185 с.
25. С. Айни. «Марги судхур». –Сталинобод, 1961.
26. J. W. Goethe. "Die Leidendes JungenWerthers". Roman / J. W. Goethe. –Moskau, 1958. -170 с.
27. «Der Tod des Wucherers» Verlag Kultur und Forschritt-Berlin. -1966.

ТАЪРИХИ ОМӮЗИШ ВА МАФҲУМҲОИ ЗАБОНИИ ҶУМЛАҲОИ ЯКТАРКИБА ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур таърихи омӯзиш ва мафҳумҳои забонии ҷумлаҳои яктаркиба дар забони адабии муосири тоҷик баррасӣ карда шудааст. Инчунин назарҳои муаллифоне, ки бо омӯзиши таҳқиқоти муқоисавӣ-типологии синтаксис дар маҷмӯъ ва масъалаҳои ҷумлаҳои яктаркибаи забони тоҷикӣ тасвир шудаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки ошкор намудани навъҳои сохторӣ ва грамматикии ҷумлаҳои яктаркиба дар забони тоҷикӣ бо назардошти гурӯҳбандии грамматикии маънои сараъзои ҷумлаҳо ва таносуби онҳо дар забони олмони гузаронидан зарур аст. Бояд он амри воқеиро қайд намуд, ки дар забонишиносии тоҷик то солҳои шастуми асри XX китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ аз забони тоҷикӣ маълумотро танҳо доир ба се навъи ҷумлаҳои яктаркиба доштанд: ҷамъбастӣ – шахсӣ, бешахс ва номӣ. Дертар ба воситаҳои таълимӣ инчунин маълумотҳо дар бораи ҷумлаҳои номуайяни шахсӣ ва муайяни шахсӣ ворид карда шуданд. То имрӯз дар забоншиносӣ миқдори зиёди таҳқиқотҳои махсус ҷамъоварӣ гардидааст, ки дорои ғояву мушоҳидаҳои ҷолиб мебошанд.

Калидвожаҳо: забони муосири адабии тоҷик, ҷумлаҳои яктаркиба, консепсияҳои забонии ҷумлаҳои яктаркиба, масоилҳои ҷумлаҳои яктаркибаи забони тоҷикӣ.

ИСТОРИЯ ИЗУЧЕНИЯ И ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ КОНЦЕПЦИИ ОДНОСОСТАВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье рассматриваются история изучения и лингвистические концепции односоставных предложений в современном таджикском литературном языке. Также описываются взгляды авторов, занимавшихся сопоставительно-типологическим исследованием синтаксиса в целом и проблемами таджикского односоставного предложения в частности. Автор указывает, что раскрытие структурно-грамматических типов односоставных предложений в таджикском языке необходимо проводить, учитывая категориально-грамматическое значение главного члена предложения и их соответствия в немецком языке. Необходимо указать на тот факт, что в таджикской лингвистике до шестидесятых годов XX века учебники и учебные пособия по таджикскому языку содержали информацию лишь по трем типам односоставных предложений: обобщенно-личные, безличные и номинативные. Далее в учебные пособия вошли также

сведения о неопределенно-личных и определенно-личных предложения. К настоящему моменту в лингвистике накопилось большое количество специальных исследований, содержащих интересные идеи и наблюдения.

Ключевые слова: современный таджикский литературный язык, односоставные предложения, лингвистические концепции односоставных предложений, проблемы таджикского односоставного предложения

THE HISTORY OF THE STUDY AND THE LINGUISTIC CONCEPTS OF SINGLE-SENTENCES IN MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

This article examines the history of the study and the linguistic concept of single-component sentences in modern Tajik literary language.Also, the views of the authors dealing with the comparative-typological study of syntax in general and the problems of the Tajik single-sentence proposal are described. The author points out that the disclosure of structural-grammatical types of single-component sentences in the Tajik language should be carried out, taking into account the categorical-grammatical meaning of the main term of the sentence and their correspondence in German. It is necessary to point out the fact that in Tajik linguistics until the sixties of the 20th century, textbooks and tutorials on the Tajik language contained information only on three types of single-sentence sentences: generalized-personal, impersonal, and nominative. Further, tutorials also included information on vaguely-personal and definitely-personal sentences. To date, a large number of special studies have been accumulated in linguistics, containing interesting ideas and observations.

Key words: modern Tajik literary language, single-sentence sentences, linguistic concepts of single-sentence sentences, problems of Tajik single-sentence sentence.

Сведения об авторе: ***Раджабов Нематулло Файзалиевич*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, кандидат филологических наук, кафедры методики преподавания иностранных языков. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул. Айни, 67. E-mail: **nematullo1@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 93-441-40-74**

Information about the author: ***Rajabov Nematullo Faizalievich*** - Bokhtar State University named after N. Khusrava,, Candidat of Science (Philological Science), of the Department of method of teaching foreign languages. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, ul. Aini, 67. E-mail: **nematullo1@mail.ru**.
Tel.: **(+992) 93-441-40-74**

УДК: 491.550-3 (575.32)

ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ТӮЙИ АРӮСӢ ДАР ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ҒОРОНИ НОҲИЯИ ИШКОШИМ (ТАҲҚИҚОТИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ)

Шердилова С.Ф.
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши лексикаи ин ё он забон барои кушодани бисёр гиреҳҳои сарбастаи соҳаҳои мухталифи илмҳои забоншиносӣ, мардумшиносӣ, таърихшиносӣ, ҷуғрофияи таърихӣ ва амсоли инҳо роҳ мекушояд. Бояд ёдовар шуд, ки масъалаи лексикаи гӯйиши тоҷикони Бадахшон, махсусан, лаҳҷаи тоҷикони Ғорон, алҳол аз тарафи олимони ватаниву хориҷӣ, махсус дар алоҳидагӣ, мавриди пажӯҳиш ва ҳаллу фасл қарор нагирифтааст. Албатта, дар корҳои тадқиқотии профессорон Розенфельд А.З, ва Назарова З, ки онҳо оид ба тадқиқи хусусиятҳои фонетикию грамматикии ин лаҳҷа мақолаҳои алоҳида бахшидаанд, баъзе қайдҳо дар хусуси лексикаи соҳавии он низ ба назар мерасанд [7, с.24].

Маълум аст, ки перомуни лексикаи марбут ба тӯйи арӯсии тоҷикони водии Ғорон дар мақолаҳои илмии олимон шарҳу тавзеҳоти зиёд дучор шаванд ҳам, ба таври пурра кори илмӣ бурда нашудааст. Инро ба ҳисоб гирифта даст ба таҳлилу таҳқиқи этнолингвистии мавзӯи номбурда задем. Бори нахуст мувофиқи имкон кӯшиш намудем таркиби луғавӣ ва лексикаи соҳавии тӯйи арӯсии тоҷикони Ғоронро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Аз ин ҷиҳат ҳаматарафа омӯхтан ва дуруст тадқиқ намудани лексикаи тӯйи арӯсӣ дар водии Ғорон дар ҳалли бисёр масъалаҳои лаҳҷашиносӣ мукаммал ёрӣ мерасонад. Зарурияти омӯзиши ин мавзӯъ боз дар он аст, ки то ҳол дари хазинаи пур аз ганҷи лаҳҷаи Ғоронро касе ба рӯйи оммаи васеи хонандагон накушодааст. Тӯй суннатест, ки аз ниёгон ба мардуми мо мерос мондааст. Мафҳуми вожаи тӯйро мардуми Ғорон умуман дар Бадахшон чунин мефаҳманд – ҷашн, ид, ба ҳаёти мустақил қадам мондан, маросими хурсандӣ, ки ба муносибати арӯсӣ ва ғайра барпо мешавад. Дар Ғорон асосан, **шаҳкъни** (хатнатӯй), тӯйи арӯсӣ, тӯйи домодӣ, тӯйи хонадаронӣ, тӯйи аз аскарӣ омадан, гаҳворабандон маълум мебошад.

Абдуллоева Г. дар асари худ «Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ» қайд менамояд, ки дар Қаратоғ тӯйи арӯсӣ чунин ҷашн гирифта мешавад: тӯйи комсомолӣ, тӯйи саристолӣ, (тӯйи замонавӣ бо хӯрокҳою нӯшокиҳо ва рақсу бозӣ), тӯйи чавку (дар гирди алов бе хӯрок рақсу бозӣ мекунанд), тӯйи сӯфиёна (тӯйи бе ҳофизию рақсу бозӣ, ки хосси диндорон ё шахсоне, ки шароити оилавиашон имконияти даъвати ҳофизонро намедиҳад, мебошад) [1, с.96].

Вожаҳое, ки ба урфу одат, анъана расму ойин ва рӯзгори тоҷикони Ғорон нигаронида шудаанд, як гурӯҳи махсуси диалектизмҳои лексикиро ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳ метавон вожаҳои **чъроғдаргирони** (ҳангоми фавти одам чароғи хонаи марҳум гиронда мешавад), **сиягири** (баъди чароғдаргиронӣ ин маърака гузаронида мешавад), **саршуwон** (ҳангоми тӯйи арӯсӣ яке аз амакҳои арӯс ин маросимро дар хонааш мегузаронад), **сартърошон** (амаки шаҳ ин марҳилаи тӯйро дар хонаи худаш мегузаронад), **шаҳкъни** (хатнатӯй), колаи сар (қалингорӣ), **towa** (оғози тӯйи маросимӣ), **хъдои** (хайрия), **саркали** (мӯйисаргиронӣ**), тахтҷамкъни** (анҷоми тӯйи арӯсӣ), **мъборакбоди**, **оши дусти** (оши дӯстӣ), **ҷези** (баъди як сол ба хонаи падар омадани арӯс), **орусбини** (арӯсбинӣ)-ро дохил кард.

Имруз да хонаи апаи Садаф туй бъдаст оруса миёвърдан бади у саршувон мешъдаст тахта ҷам мекардан (Д).

Бояд ёдовар шуд, ки дар водии Ғорони ноҳияи Ишкошим гӯйиши тоҷикӣ мустақиман амал мекунад. Дар водии ҳаммарзи он, ки тобеи ноҳияи Ишкошим аст забони вахонӣ, дар Дарморахт, ки дар марзи ноҳияи Шуғнон аст забони шуғнонӣ дар истифода мебошад. Аз ин лиҳоз, дар гӯйиши тоҷикони Ғорон таъсири забонҳои вахонӣ ва шуғнонӣ ҷо-ҷо ҳис карда мешавад.

Тӯйи арӯсии тоҷикони Ғорон чӣ аз ҷиҳати анъана ва чи аз нигоҳи лексика нисбат ба дигар водиҳои ноҳияи Ишкошим, Вахон ва Рӯшону Шуғнон дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, дар баробари умумиятҳо аз дигар манотиқи ҳаммарз бо баъзе хусусиятҳои худ фарқ мекунад.

Бинобар ин, ҳар як лаҳзаи ин маросимро, ки истилоҳоти махсуси худро доранд, дар алоҳидагӣ аз назар мегузаронем.

Мо дар ин ҷо танҳо вожаҳои шомили расму оинҳои тӯйи суннатӣ, арӯсӣ ва унсурҳои луғавии ба он алоқамандро баён карда онҳоро ба қадри имкон шарҳ медиҳем.

Ба ин қатор вожаҳо ва истилоҳҳое дохил мешаванд, ки ба расму оин ва анъанаву суннатҳои мардуми водии Ғорон марбут мебошанд.

Хешикуни. Дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон маросими хостгорӣ ва фотиҳа бо истилоҳи **хешикуни, хешитълаби** ва **гапзани** ифода меёбад. *Гъландома ай Вогз ба хонашон хешитълаб бъдан (С).*

Дар ифодаи ин лаҳза дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ аз ҷумла дар лаҳҷаи Тагнов истилоҳоти **авсақол** ва **гапзанӣ** ба кор мераванд, ки инҳо бо воҳидҳои луғавии **фотиҳа, хостгорӣ, гапзанон**, **ширинибарӣ** дар мавқеи синонимӣ қарор мегиранд [2, с. 65].

Истилоҳи **туҳфаи хешикъни** (якҷоя бо матоъ, пойафзол, кулчаю ширинӣ, ки аз ҷониби домод ба арӯс мефиристанд) низ дар лаҳҷаи мазкур ба марҳилаи фотиҳа иртибот мегирад. Қадами нахуст дар анъанаи тӯйи арӯсии ин мардум хостгорӣ аст, ки дар лаҳҷа бо калимаи **хешитълаб** ифода меёбад. Дар забони Шуғнонӣ бошад, воҳиди луғавии **хешитълаб** дар шакли **хехъитлапт** маъмул аст. Дар лаҳҷаи тоҷикони Ишкошим ва Вахон низ ба маънои **тълабидан** (талабидан) ва **хеши** (хешӣ) истифода мешавад.

Калимаи **хешитълаб** аз нигоҳи сохт мураккаб аст, аз решаҳои хеш ва пасванди-и ва феъли талаб таркиб ёфтааст. Дар луғат ҷузъҳои таркиби ин калима чунин тавзеҳ дода шудаанд: хешӣ, хешовандӣ, хешию таборӣ, наздикӣ, қавм; маҷ. ҳастӣ, вуҷуд, талаб-хоҳиш, дархост, илтимос, чизеро дархост кардан [9, Ҷ.1, с.475-311].

Лаҳзаи колаи сар (қалингорӣ). Ин марҳала пас аз хостгорӣ ва розигии тарафайн баргузор мегардад, ки синонимии он дар лаҳҷаи Рашт истилоҳи **туқузбинон** ва дар лаҳҷаи Панҷакент вожаҳои **астардорону занона** мебошанд.

Рузи чоршанби акаи Давлат колаи сари бачаша мебърдаст (К).

Воҳидҳои луғавие, ки дар ин маросим ба кор мераванд, инҳоянд: **қалингсъпори** (туҳфаҳое, ки аз тарафи домод барои арӯс оварда, ба меҳмонон нишон медиҳанд), **модари** (туҳфаҳое, ки аз тарафи домод ба тағои арӯс, дода мешавад), **амаги** (туҳфаи домод барои аммаи арӯс), **амаки** (туҳфаи домод барои амаки калони арӯс), **моли хешикъни** (бузу гӯсфанде, ки ба хонаи арӯс меоранд).

Мемоно ақи амагира дъ либос колара кам овъردан (Г).

Саршувон. Ин маросим, яке аз суннатҳои мардуми Ишкошим мебошад ва рӯзи аввал дар хонаи яке аз амакҳои арӯс гузаронида мешавад. Дар иҷрои ин маросим вожаҳои зерин истифода мешавад: **орусбари** (аз хонаи падар ба хонаи амак бурдани арӯс, ки зани амак ӯро ба хонаи худаш мебарад), **сарбоф** (зане, ки мӯйи сари арӯсро бо мӯйбандак мебофад), **орускъни** (заноне, ки сару либоси арӯсро пӯшонда оро медиҳанд), **қандрезони** (пас аз омода намудани арӯс ва шаҳ ба сари онҳо ширинӣ мерезонанд, то ки зиндагияшон то абад ширин гузарад).

Оруса ба саршувон ки бърдан сарбофа қев кънед сари оруса бъбофад (Б).

Дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон ва тоҷикони Ишкошиму Вахон вожаи шаҳ (домод)-ро дар шакли **шаҳмард** ва арӯсро ба гунаи **орус** ба кор мебаранд. Яке аз лаҳзаҳои маросими тӯйи домодӣ бо номи **сартърошон** (сартарошон**)** машҳур аст. Ин маросим дар хонаи амаки шаҳ, мегузарад. Вожаҳое, ки ба маросими сартарошон мансубанд, инҳоянд: **ширруғандиҳи** (ширириро хешу табори арӯсу домод сари роҳи онҳо мебароранд ва онҳо аз ин менӯшанд, то зиндагияшон мисли шир сафеду ширин гузарад), **саркамкъни** (дар хонаи амаки шаҳ рафиқонаш мӯйи сари ӯро ба тартиб медароранд), **пъшокпушони** (либосҳои шаҳро яке аз рафиқонаш мепӯшонад ва шаҳро ба тӯй омода мекунад), **пулпартои** (дар вақти мӯйи шаҳро ба тартиб даровардан дар гардани домод рӯймол мебанданд ва ҳамаи меҳмонон чун рамзи табрикот ба даруни рӯймол пул мепартоянд).

Вахти раворави орусу шаҳмард шъдаст оруса пъшокоша пушонед ки меран (Д).

Маросими това. Рӯзи аввали тӯй дар Ғорон бо истилоҳи **това** идома меёбад. Дар лаҳҷаи тоҷикони Ишкошим ва Вахон низ ҳамин маъно бо калимаи това ифода меёбад. Ин маросим бо иштироки хешу табори дуру наздик, ҳамсинфон, дугонаҳо, рафиқони арӯсу домод, ҳамсояҳо, баргузор мегардад. Ин лаҳзаи тӯй баъд аз саршувон ва сартарошон дар хонаи падару модари арӯсу домод шаби аввал мегузарад. Истилоҳоти марбути ин маросим инҳо мебошанд: **ҷетгар** (шахсе, ки мардумро ба тӯй даъват намуда вақту соати тӯйро муайян мекунад), **ҷеткън (**нафаре, ки танҳо ҳамсояҳо ва хешовандони домоду арӯсро ба тӯй даъват мекунад). **Ҷеткънро** дар баъзе маҳалҳо **ҷетгар** низ меноманд. Дар забонҳои шуғнонӣ ва рӯшонӣ ҳам калимаи **ҷетгар** мустаъмал аст. Вожаи **ҷет** маънои хабар карданро дорад. Дар забони шуғнонӣ ва рӯшонӣ синоними това **хохсур** аст. Калимаҳое, ки ба тӯйи арӯсӣ ва домодӣ тааллуқ доранд: тӯйёнагир (шахсе, ки туҳфаҳои мардумро дар рӯзи тӯй қабул мекунад), асавул (шахсе, ки низоми тӯйро назорат мекунад), халифа (шахсе, ки домоду арӯсро никоҳ мебандад), пъдархон (падархонд, рафиқе, ки бо ҳамроҳии шаҳ меравад ва рӯймоли арӯсро боло мекунад ва ӯ ҳамчун падари арӯс ҳисоб мешавад), низ ба маросими **това** дахл дорад.

Ҷетгаро ба хона бъдан сар туй да Куйлал бъдаст мора хабар кардан ба туй (У).

Аз ин гурӯҳи калимаҳо ҳудуди истеъмоли диалектизми **ҷетгар/ҷеткън** васеътар буда, қариб дар ҳама мавзеъҳои интишори шеваи ҷанубӣ ба ин гуна дучор меояд [3, с. 148].

Лаҳзаи никоҳ. Дар маросими никоҳ истилоҳоти зерин ба кор мераванд: **ови никоҳ** (обе, ки дар он халифа дуо мехонад ва пас аз розигии тарафайнро гирифтан аз он об шаҳу арӯс менӯшанд), **думод** (домод), **шаҳмард** (шаҳ), **дъгонаи орус** (дугонаи арӯс, ки ӯро дар рафти тӯй ҳамроҳӣ мекунад). Дар лексикаи лаҳҷаи тоҷикони Қаратоғ бошад вожаи **никоҳро** калимаи **иҷов** иваз мекунад.

Лаҳзаи арӯсбарон (шаҳмарду орусравон). Дар ин лаҳзаи арӯсравон хешовандони арӯсу домод онҳоро ҳамраҳӣ мекунанд. **Ҷилавгир ва пасорус** (амак ва зани амак, ки арӯсро ҳамраҳӣ мекунанд). Дар лаҳҷаи Қаратоғ бошад, истилоҳи **ҷилавгирро** калимаи **сарҷилав** (вакили арӯс дар рӯзи тӯй) иваз мекунад, **хункънии ҳайвон** (падару модари шаҳ ба пойи писар ва келинашон гӯсфанд мекушанд), **пояндозмони** (матое, ки баробари омадани келин ва домод дар таги пояшон партофта мешавад), **орусшони** (модару падари домод ба арӯс барои нишастан иҷозат медиҳанд), **мъборакбоди** (тамоми хешу табори шаҳ ва арӯс барои муборакбодии ин ду ҷавон меоянд), **пъшокбарори** (либосҳои арӯсро хушдоманаш ва зани амакаш иваз мекунанд), **тахтбанди** (матои сурхе, ки дар ду сутуни ҷойи нишасти арӯсу домод баста мешавад), **руболокъни** (рафиқи шаҳ шоли арӯсро бо камонғулак мебардорад ва аз ҳамин рӯз сар карда барои арӯс падар ҳисоб меёбад), **рубинон** (занҳое, ки рӯйи арӯсро мекушоянд), **рубинак (**туҳфае, ки аз тарафи рӯбинон дода мешаванд), **нонруғанхъри** (нонравғане, ки хушдоман тайёр мекунад ва аз он арӯсу домод мехӯранд).

Оли руболокън руи оруса боло мекнад бади у тахта ҷам мекнем (С).

Лаҳзаи тахтҷамъкунӣ. Ин маросим баъди се рӯзи тӯй гузаронида мешавад. То ин рӯз арӯсу домод дар Ғорон аз ин тахт ба кӯча баромада наметавонанд. Ин маросим дорои вожаҳои махсус мебошад: **хъсърсалом** (рӯзи сеюми тӯй домод ҳамроҳи рафиқаш ба зиёрати падари арӯс меравад), **четгар** (шахсе, ки ҳамсояҳоро барои тахтҷамъкунӣ даъват менамояд), **омадани ҷияву додии орус** (ташрифи падару модари арӯс ба хонаи домод), **омадани хешовандони пъдархон** (ташрифи падару модар ва зани падархонд ба хонаи домод), **тахтҷамкъни** (ҷамъбасти тӯй ва супоридани тахт ба падархонди арӯс).

Шаҳмард қатии пъдархон ба хонаи додии орус хъсърсалом омадан (Б).

Як қатор калимаҳое дучор меоянд, ки асосан номи пӯшоку ороишоти арӯсро ифода мекунанд: **кърта** (курта), **шол** (рӯймоли калон), **лата** (рӯймол), рӯймоли фидоӣ, тур, **сарбандък** (сарбанд барои бастани сари арӯс), **мубандък** (мӯйбандак, кокул), **гулубандък** (гулӯбанд аз муҳра), **пешовез (**як намуди муҳраи дароз барои гардан), **токи** (токии сар), **чила** (чалла), **гушвор** (гӯшвор) ва монанди инҳо.

Гълубандъкову мубандъкои оруса то туй таёр кънет (А).

Номи туҳфаҳо: Асосан хешу табори наздик ва ҳамсояҳо туҳфаҳое, ки ба тӯй меоранд онҳоро **туёна** (тӯйёна) мегӯянд. Дар лаҳҷаи тоҷикони Ишкошим ва тоҷикони Вахон низ истилоҳи тӯёна истифода бурда мешавад, аммо дар Шуғнону Рӯшон бошад истилоҳи **тӯёнаро** калимаи **сурона** иваз мекунад. *Мо туёнара бърдем ба туйхона додем гаштем (В).*

Дар лаҳҷаи тагҷоии Қаратоғ низ туҳфаҳое, ки ба тӯй меоранд, онҳоро **тӯёна** меноманд. Дар Ғорон туҳфаҳое, ки ба тӯйи арӯсӣ аз тарафи хешовандон оварда мешавад, инҳо мебошанд: ҷураб (ҷӯроб), кастумбрук, гӯсфанд, ва дигар ҳайвони шохдор. Абдуллоева қайд менамояд, ки дар Қаратоғ пас аз танзими маъракаҳо дар байни занҳои маҳаллӣ вожаи пулҷамъкунӣ пайдо шуд, ки исми шахс аст. Вазифаи ӯ акнун ба ҷойи дастархон аз ашхоси наздик ва ҳамсояҳо пул ҷамъ карда, ба соҳибҷашн додан мебошад [1, с.95].

Истилоҳоте, ки ҳангоми қудошавӣ ва дар тӯйҳои арӯсӣ ба кор бурда мешаванд: къда (қудо), **хешикъни** (хостгорӣ), **байдгу** (ҳофиз), **саръпо** (либосвориҳо барои арӯс), **рубинак** (туҳфае, ки аз тарафи наздикон ва хешу таборон барои арӯс оварда мешаванд), **камандандоз** (ин амалиётест, ки аслан ҷавононӣ деҳа мегузаронанд. Агар домод аз дигар қишлоқи ҳамсоя бошад, ҷавонон сари роҳи домод мошини онҳоро дасти ҳам қапида мебанданд, то ки домод ба хонаи арӯс ё хонаи худашон наравад. Дар ин ҳолат худи домод ё падари домод ба ин ҷавонон бояд маблағе диҳад, он гоҳ онҳо роҳро барои домод мекушоянд). Ин анъана ва расми пешдодиён дар байни ҳамаи мардумони Бадахшон вуҷуд дорад.

Дъхтаро биёйет вахти омадани орусу шаҳмард раи мошинора мегирем каманд мемонем ай додии шаҳмард пул мегирем (Х).

Номи асбобҳои зебу зиннатӣ ва сару либоси арӯс. Истилоҳоти луғавие, ки номи ороишоти занонро ифода мекунанд, аз давраҳои қадим аз ниёгонамон сарчашма мегиранд. Дар давраҳои пеш аҷдодонамон асбобҳои махсуси зебу зинатӣ доштанд ва онҳоро дар тӯю маъракаҳо ба бар мекарданд. Дар китоби «Таджики Каратегина и Дарваза» навъҳои гуногуни асбобҳои ороиши занон тасвир ёфтааст [5, с.182-187]. Ин як сарчашмаест, ки аз он мо метавонем калимаву терминҳои асбобҳои ороиши занонро ҷудо намоем. Калимаҳое ҳастанд, ки онҳо барои ороиши мӯй, рӯй, гардан, кокул ва курта корбаст мешаванд. Ин вожаҳо хосси лаҳҷа ба шумор мераванд. Ба ин қабил вожаҳои зерин дохил мешаванд: **мубофтък** (мӯйбанд, кокуле, ки арӯсон дар тӯй мӯяшонро мебофанд), **кокълък** (кокул), **себофък** (ян навъи ороиши мӯй), **гълубандък** (муҳраи гардан), **сарбандък** (сарбанди арӯс). *Сарбандъки оруса бъдйет ки мъ да сари орус бандъм (А).*

Асбобҳои заргарие, ки арӯс дар гарданаш ва дастонаш меовезонад. **Чила/**чала (ангуштарин). Ин калима дар ҳама маҳалҳо ба маънии якхела- ангуштарин дучор ояд ҳам, аз ҷиҳати овозӣ баъзан фарқ мекунад. А.З Розенфелд дар асари худ қайд менамояд, ки дар лаҳҷаҳои Бадахшон барои ифодаи мафҳуми ангуштарин (кольцо) калимаҳои чала/чила ва чама/чаман-ро сабт намудааст [7, с. 217]. Вале аз рӯйи маънидоди ӯ маълум мешавад, ки чама/чаман на танҳо дар шакл, балки дар ифодаи маънӣ ҳам андак аз чала фарқ доштааст. Агар чала бевосита ба ангуштарин мувофиқат намояд, аммо чама/чаман навъе аз он аст, ки занҳо ба ангушт накарда, балки бо ришта ба гардан ҳамел мекарданд [4, с.164].

Гушвор (гӯшвор), **гушвори марҷон** (гӯшвори марҷон), **дъсвона** (дастпона), **пешовез** (як навъи муҳра), **марҷон** (муҳраи марҷон).

Дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон ва тоҷикони Ишкошиму Вахон анвои либос ба таркиби **пъшок,** бо синони маш**луқу пар** ифода меёбад. *Пъшокои оруса ҳамаша бъбандет ки пъгаҳ дер мешад вақт намёвем (Ш)*.

Дар лаҳҷаи Тагнов бошад бо каме тағйироти овозӣ калимаи **лоқу пар** ва **пъшок** ба ҳамин маъно истеъмол меёбад.

Дар бораи лексикаи сару либос Набиева Г.В. чунин изҳори андеша намудааст: «… таърихи пайдоиши лексикаи сару либос аз сарчашмаҳои гуногун сар мезанад. Яке аз манбаъҳои ташаккул ва таҳаввули воҳидҳои луғавии ифодакунандаи сару либос матоъҳои пахтагӣ ҳисоб мешавад [6, с.45].

Номи либосҳое, ки арӯс дар тӯй ба тан ба бар мекунад: **тоқи** (тоқӣ), **шол** (шол, рӯймоли калон), **тур** (тӯри рӯйпӯши арӯс), **кртаи саршувон** (куртае, ки арӯс дар як лаҳзаи тӯй ба бар мекунад), **кртаи болопуш** (куртае, ки аз ҳама охир аз болои дигар куртаҳо пӯшонда мешавад. То давраҳои охир арӯсонро дар тӯй вақти ба хонаи домод рафтан чаҳор курта мепӯшонданд). Ин анъана дар замони ҳозира қариб ки аз байн рафтааст ва ҳоло арӯс як курта ба тан ба бар мекунаду халос.

Бояд гуфт, ки вожаҳои марбут ба тӯйи арӯсӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон гуногун буда, вижагиҳои он таҳқиқи пурраро талаб мекунад. Ба ин восита, ба бисёр масоили соҳаҳои этнография, забон ва таърихи соҳибони лаҳҷа равшанӣ андохтан мумкин аст. Вожаҳое, ки ҳангоми барпо намудани тӯйи арӯсӣ истифода мешаванд, дар дигар лаҳҷаҳо низ мавқеи истеъмолӣ доранд. Шакли баъзе аз онҳо гуногун бошад ҳам, мазмунан аз ҷиҳати мазмун тафовути ҷиддӣ надоранд. Вожаҳое, ки ҳангоми барпо намудани тӯйи арӯсӣ истифода мешаванд, дар дигар лаҳҷаҳо низ мавқеи истеъмолӣ доранд. Шакли баъзе аз онҳо гуногун бошад ҳам, мазмунан аз ҷиҳати мазмун тафовути ҷиддӣ надоранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева Г.З. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ. Монография / Г.З. Абдуллоева. –Душанбе: 2017.-190 с.
2. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов. Монография / Н. Гадоев. -Душанбе: 2009. -209 с.
3. Исмоилов Ш. Лексикаи лаҳҷаи води Рашт. Монография / Ш. Исмоилов. –Душанбе: 2018. -333 с.
4. Неменова Р.Л. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Монография / Р.Л.Неменова, Ғ. Ҷӯраев. –Душанбе: 1980. -Ҷ. 1. -164 с.
5. Неменова Р.Л. Язык таджиков Каротегина и Дарваза. Таджики Каратегина и Дарваза. Монография / Р.Л.Неменова. –Душанбе: Дониш, 1966. -185 с.
6. Набиева Г.В. Инкишофи лексикаи сару либос. Забоншиносии тоҷик. Монография / Г. В. Набиева. -Душанбе: Дониш, 1980. -328 с.
7. Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка. Монография / А.З. Розенфельд. –Л: 1971. -192 с.
8. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Монография / Қ. Тоҳирова. -Душанбе: 1967. -79 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М: 1969. -Ҷ 1. -950 с.; - Ҷ 2. -950 с.

ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ТӮЙИ АРӮСӢ ДАР ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ҒОРОНИ НОҲИЯИ ИШКОШИМ

Бояд гуфт, ки вожаҳои марбут ба тӯйи арӯсӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон гуногун буда, вижагиҳои он таҳқиқи пурраро талабгоранд. Ба ин восита ба бисёр масъалаҳои марбут ба этнография, забон ва таърихи соҳибони лаҳҷа равшанӣ андохтан мумкин аст. Вожаҳое, ки ҳангоми барпо намудани тӯйи арӯсӣ истифода мешаванд, дар дигар лаҳҷаҳо низ мавқеи истеъмолӣ доранд. Шакли баъзе аз онҳо гуногун бошад ҳам, мазмунан аз ҷиҳати мазмун тафовути ҷиддӣ надоранд. Тӯйи арӯсии тоҷикони Ғорон чи аз ҷиҳати анъана ва чи аз нигоҳи лексика аз дигар водиҳои ноҳияҳои Ишкошим, Вахон ва Рӯшону Шуғнон дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, дар баробари умумиятҳо аз дигар манотиқи ҳаммарз бо баъзе хусусиятҳои худ фарқ мекунад. Аз замонҳои қадим тоҷикон баъзе аз оинҳои шодмонии худро, ки онро бо шодиву нишот баргузор мекарданд, бо вожаҳои ҷашну сур ва баъдҳо бо тӯй ифода намудаанд. Тӯйҳо дар ҳар давру замон хусусиятҳои махсуси худро доштанд ва мувофиқи боварҳо, расму оинҳо ва таъсири мутақобилаи фарҳанги қавму миллатҳо барпо меёфтанд. Ҳоло тӯй маҷмӯи бархе аз маросимҳои мардумие мебошад, ки бо ҷашну шодмонии мутантан баргузор гардида, дастаҷамъона сурат мегирад. Тӯй дар шаҳрҳое ба монанди Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Кӯлоб Истаравшан, Ҳисор ва ҷойҳои дигар махсусияти худро дорад. Дар Бадахшон, аз ҷумла дар водии Ғорон, низ тӯй бо махсусиятҳову расму оинҳои ба ин водӣ буда гузаронида мешавад.

Калидвожаҳо: лексика, диалектизм, маросим, тӯй, орус, шаҳмард, гӯшвор, чалла, сарбандук, дусвона, тахтҷамъкунӣ, ҷетъкн, хешикунӣ.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СВАДЕБНОЙ ЛЕКСИКИ В ГОВОРАХ ГОРОНСКИХ ТАДЖИКОВ ИШКАШИМСКОГО РАЙОНА

Надо отметить, что современная свадебная терминалогия горных Горонских таджиков была разнообразной. Этот вопрос требует дополнительного исследования. Так как многим вопросам этнографии, языка и истории этого говора надо дать объяснение. Термины, которые обозначают

невесток используются и в других говорах тоже. Есть некоторые отличия, но большой разницы нет. Обозначения невесток Горонских таджиков в лексике других долин Ишкашима, Вахана, Рушана и Шугнана имеют свои особенности, но имея общие границы, все же отличаются некоторыми особенностями. С древнейших времён таджики свои свадебные церемонии проводили весело радостно, что нашло отражение в свадебной терминологии. Свадьба в каждый период времени имела своё определение и свои обычам, всоответствии с культурой народа. Сейчас свадьба является одним из важных народных меропрятий, которое считается с большим веселым событием. Свадьба в городах, таких как Бухара, Самарканд, Худжанд, Куляб, Истаравшан, Гиссар и другие места имеют своих особенности. В Бадахшане, в том числе в Горонской долине, свадьба тоже проводится по своим прежным долинным обычаям.

Ключавые слова: лексика, обряд, невеста, жених, серьга, кольцо, церемониальный, свадебный обряд, материнство, трикотаж (браслеты).

ASSOCIATEDTERMSOFWEDDINGCEREMONY IN TAJIKI DIALECT OF GORON DISTRICT ISHKASHIM

It should be noted that associated terms of wedding ceremony in tajiki dialect of Goron district is completely different, and the particularres demand some research. That's why many things including to ethnography, language and history of dialects owners should be defined. Word that can be used during wedding ceremony in other dialects interul effects.The conditional parts of some of them different, but in other side their meanings don,t have reul different. The wedding ceremony of Goron tajiks both in traditional and lexical side and in other valleys of Ishkashim, Vahkhon and Rushon, Shugnon have their own charactistics, thus in general they differ from other areas of fellow borders with their own charactristics. From ancient periods tajiks intrjduced their own traditions and cosfums based on wedding ceremony in diffirent sides. Wedding ceremonys had their own special characteristics, based oln on sayings, also traditions and customs on remain some of greut effects of different cultures. Nowday wedding includes some peoples traditions, and they gether of celebrate entertaimen day. Wedding in the cities like Bukhoro, Samarqand Kulob, Istarafshan,Hisor and other ploles have their own special. In Badakhshan for example in valley Goron wedding ceremony held in way of their characteristical casfoms.

Key words lexic, dialect, wedding, ceremony, brigde, brigde grom, euring, handing, invitation.

Свдения об авторе: ***Шердилова Сурайё Фармонбековна*** - Хорогский государственный университет им. М.Назаршоева, соискатель, специалист управления уч е бна-методической работы «Республиканский институт повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования». **Адрес:** 736000, Республика Таджикистан, г.Хорог, ул.Ленина 12. E-mail: **ssherdilova@Bk.Ru.** Тел.: **+(992) 934-02-77-88**

Information about the author: ***Sherdilova Surayo Farmonbekovna*** - Khorog State University named after M.Nazarshoeva, a post graduate, a specialist of department of training method work of state department Republican institute of professional development in education, Dushanbe sity 12. E-mail: **ssherdilova@Bk.ru.**
Tel.: **(+992) 934-02-77-88**

УДК: 42:8:80/81:811.111 (1-87) (470) (575.3)

ПРОИСХОЖДЕНИЕ И ПРИНЦИПЫ КЛАССИФИКАЦИИ ПАРЕМ

Усмонзода Шохрух
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Пословицы и поговорки могут иметь различное происхождение. Для того, чтобы превратиться в пословицу, какое-нибудь меткое высказывание должно быть сначала воспринято, а затем усвоено многими людьми, причем многократная повторяемость приводит к тому, что первоисточник высказывания забывается и вследствие универсальности пословицы, становится неважным. Однако все же можно выделить основные источники пословиц и поговорок.

1. Как правило, исконные по происхождению пословицы и поговорки связаны с *поверьями, традициями, обычаями этносов, а также с реалиями и историческими фактами.* На большую значимость паремий в духовном опыте народа указывают, например, такие таджикские пословицы как «Зарбулмасал дар гап - асал» (Пословица в речи – мёд), «Хикоят аз масал бемисл шавад» (От пословицы речь становится бесподобной), «Дар масал мунокиша нест» (О сказанной пословице не спорят); об этом же говорят английские половицы «Proverb sare the wisdom of the streets» и «Good expression is always to the point». В паремиологических исследованиях народное, фольклорное происхождение паремий всегда ставится на первое место; так, согласно Э. Крыловой, «во множестве высказываний, суммирующих повседневных опыт, значение слов, по-видимому, перерастало в форму пословицы постепенно, без какого-либо явного объявления. Фраза «Make hay whine the sun shines», берущая своё происхождение из практики полевых работ, является примером такой пословицы, и любой фермер ощущает

правоту этой мысли, необязательно выражаемой именно этими словами. Но после того, как многие сотни людей выражали эту мысль многими различными способами, после многих проб и ошибок эта мысль приобрела, наконец, свою запоминаемую форму и начала свою жизнь в качестве пословицы» [1, с.22]. Из таджикских пословиц такого рода можно привести в пример пословицу «Быстроногий конь отстанет, а осел дойдет до цели». Эти паремии отражают жизненный опыт представителей английских и таджикских этносов, выработанный в процессе практики и передаваемый из поколения в поколение.

2. Немало пословиц заимствовано из *религиозных источников*. В английском варианте это Библия и Священное писание, и примеров пословиц, целиком заимствованных из этих источников, или несколько трансформированных, достаточно много (As you sow, so shall you reap; The spirit is willing, but the flesh is weak; Spare the rod and spoil the child; You can't make bricks without straw; Costpearls be fores wine: to sow the wind and reap the whir wind и др.). По свидетельству исследователей, на таджикском культурном поле паремий, имеющих своим началом исламские письменные источникии и Коран, также достаточно (панч аркон - пять канонов веры; рузи киёмат; рузи акбар; рузи абад - судный день). Вместе с тем, в литературе подчеркивается, что первый из компонентов таких паремий все-таки является таджикским [2, с.14]. Среди таджикских паремий также можно встретить библеизмы (например, дур пеши гуроз пошидан). Одним из часто встречающихся персонажей таджикских и персидских пословиц является Юсуф (Иосиф Прекрасный), являющийся героем библейской и коранической легенд; например, о красивом человеке скажут «он красив, как Юсуф»; тайных врагов и завистников сравнивают с братьями Юсуфа, а безвинно пострадавшего человека - с волком Юсуфа (согласно легенде, братья Юсуфа бросили его в колодец, сказав, что его загрыз волк).

3. Помимо этого, как в английском, так и в таджикском языках существует немало пословиц *литературного происхождения*. Например, широко известен тот факт, что по числу фразеологизмов английского языка произведения У. Шекспира занимают второе место после Библии, и по современным данным, существует более ста таких фразеологизмов: Give the devil his due (отдать должное дьяволу, «King Henry V»), Have an itching palm (быть взяточником, «Julius Caesar»), Brevity is the soul of wit, Sweet are the uses of adversity, и другие.

В таджикский паремийный фонд огромное количество паремий также пришло из письменных источников, поскольку в персидском языке устная и письменная речь всегда оказывали друг на друга большое влияние. И в Иране, и в Таджикистане даже малограмотные люди свободно цитируют классиков древней поэзии по памяти. По мнению Е.Л. Гладковой, многие строки из произведений классической персидской литературы, превратившись в пословицы и поговорки, «сделались достоянием народной речи, причем вплелись в нее настолько органично, что иной раз трудно определить, была ли та или иная поговорка использована классиком, или цитата из его произведения вошла в пословицу. Ибо пословицы и поговорки, проникавшие в литературу, поэтизировались писателями и, став крылатыми словами, вновь переходили в устную речь» [3, с.3]. Об этом же говорят иранские исследователи: «Не было ни одного более или менее известного персидского поэта, который не приводил бы в своих произведениях пословиц и поговорок. В персидской литературе классического периода они встречаются в огромном количестве: Бо бадон кам нишин ки, хам сари бад, Гар чи поки туро палид кунад – С дурными не общайся – друг дурной, /Хоть ты и чист, потянет за собой (Саади)» [4, с.45].

Именно произведения Саади особенно часто цитируются в устной речи, как, например, поговорка «среди цветов будь розой, среди шипов - шипом», или «Голова без мысли - словно тыква бесплодная, не смеющиеся уста - щель на стене» [5, с.200]; стали пословицами слова Саади «аз мо кафа тамалга фелмашо гандум аз гандум бируяд джозеджо» (не забывай воздания за поступки: от пшеницы произрастает пшеница, от ячменя – ячмень), «эй солим аб аз сарчашма бубанд ки чу пор шод натавон бастан джуй» (приятель, воду у истока перекрой, наполнится канава, её не перекрыть). На частые пересечения строк Саади с народным творчеством указывал еще один из первых исследователей персидских пословиц В. А. Гордлевский: «Среди пословиц нередки также стихи персидских поэтов; часты стихи из «Гулистана» Саади, но это говорит, что Саади уловил типичные черты народной, житейской философии в Персии и перенёс её в свою поэзию...» [6, с.2]. Кроме того, большой популярностью пользуются афоризмы Д. Руми; например, показную драку часто сравнивают с дракой торговцев ослами, как об этом писал Руми: «Если роза - из шипов, а шипы - из розы, почему же они дерутся между собой

и ссорятся? Или это не драка, а умысел, подобно драке торговцев ослами?». Источниками крылатых выражений стали также поэмы Рудаки, Фирдоуси, Низами, Омара Хайяма, Носир-и Хосрава и многих других поэтов, которые не только использовали в своих произведениях паремии, но и создавали собственные. Например, о чем-то подлом и низком в народе принято говорить «как песок», и эта поговорка обязана происхождению словам Аттара «Торгую своей честью у порога твоего дешево, как песком» [7, с.3]. Процесс взаимопроникновения литературы и фольклора в творчестве А. Рудаки так оценивается таджикским литературоведом Ш. Хусейн-заде: «Мудрые изречения Рудаки основаны не только на всестороннем изучении философии и литературы: важнее всего то, что они выражают лучшие мысли таджикского народа и сущность его мировоззрения. Поэтому некоторые из таких мудрых наставлений поэта превратились в народную мудрость и употребляются в различных жизненных обстоятельствах. Таким образом, хотя Рудаки использовал народные пословицы и поговорки, он в полной мере возвращал их народу, став одним из создателей пословицы, принесшим ей последующее развитие» [8, с.45-87].

В пословицах и поговорках часто встречаются образы героев классических литературных произведений, например, о безумно влюбленных говорят: «как Хосров и Ширин» или «как Лейли и Маджнун»; о людях, которые присваивают себе чужие достижения, говорят «Гора Бисутун была срыта любовью, а слава досталась Фархаду», мужественных людей сравнивают с богатырем Рустамом, а выражение «Лекарство после смерти Сухраба» значит «как мертвому припарка». Не только персонажи, но традиционные образы классической поэзии (соловей и роза, газель, луна, солнце, газель, чинара и т.д.) стали частью паремийного фонда, например:«Она сказала луне: не всходи, я взойду» (в значении «моя красота затмевает твой свет»).

4. *Иностранная культура* также оказывала влияние на формирование как английского, так и таджикского паремийного фонда. Так, например, в английском языке существует немало пословиц и поговорок, заимствованных из латинского и французского языков, ряд из которых цитируется в оригинале: Perasperaadastra (английский аналог этой пословицы Throughhardshiptothestars долгое время являлся девизом английских BBC), Invino veritas и другие. Для таджикского языка, по свидетельству М. Азимовой, основной фонд заимствований составляют паремии из арабского, тюркских и русского языков, поскольку исторические пути развития таджиков тесно пересекались с данными культурами [9, с.20]. В свою очередь, немало персидских пословиц вошло в паремийный фонд народов Переднего Востока и России; например, сюда можно отнести такую известную пословицу как «гора родила мышь», «Собака лает, а караван идет», а также имеющую отсылку к фольклору о Ходже Насреддине «или султан умрет, или ишак сдохнет».

В заключение данной статьи необходимо сказать, что перипетии истории, собственный культурный или практический опыт этноса часто приводит к появлению пословиц, которые близки не только по смыслу, но и по структуре и лексическому составу (и в этом проявляется универсальный характер пословиц). Исследователи отмечают, что эта аналогия связывает разные, даже территориально далёкие и исторически слабо связанные нации.

Таким образом, несмотря на различные культурно-исторические и бытовые особенности формирования различных наций, можно говорить о том, что их пословицы имеют схожие источники происхождения.

По замечанию Д. Куанышбековой, вопрос классификации пословиц и поговорок является основополагающим в современной паремиологии, поскольку общепринятой классификации в настоящее время не существует [10, с.59-80]. Паремиолог Г.Л. Пермяков говорит в своей работе «Основы структурной паремиологии» о существовании нескольких классификаций:

1. Алфавитная классификация требует размещения пословиц в алфавитном порядке в зависимости от начальных букв первого слова. Так расположены пословицы в большинстве старинных русских сборников и во многих современных изданиях. Неоспоримым достоинством этой системы является ее простота; однако, при таком способе размещения, варианты одной и той же пословицы, начинающейся с разных букв, попадают в разные места. Особенно неудобен этот способ для классификации переводных пословиц, ибо любое изречение можно перевести так, что оно будет начинаться с какой угодно буквы.

2. Классификация по опорным словам (она же лексическая, или энциклопедическая) подразумевает распределение пословиц по тем узловым словам, из которых данное изречение состоит. Так, пословицу «*Куй железо, пока горячо*» можно отнести к группе, объединяющей все изречения о кузнецах и ковке, а также к группе, говорящей о железе (или других металлах), и к группе, посвященной всему горячему. Этот способ удобен для отыскания некоторых, уже известных пословиц, но плох тем, что при нем одинаковые по смыслу, но разные по лексическому составу изречения попадают в разные группы, а близкие по словам, но разные по смыслу – в одну.

3. Монографическая классификация строится на группировке пословиц по месту или по времени их собирания и по собирателю; именно так составлена книга «Пословицы, поговорки, загадки в рукописных сборниках XVIII-XX веков», выпущенная издательством АН СССР в 1961 г. Этот способ классификации и публикации пословиц очень удобен для изучения истории вопроса, но, как и два предыдущих, он не гарантирует отсутствия многочисленных повторов и внутренней неупорядоченности.

4. Генетическая классификация разделяет материал по признаку происхождения, то есть по языкам и народам, его породившим. Генетическая система повторяет многие особенности монографической, в том числе все главные ее недостатки, связанные с бесконечным повторением одинаковых текстов.

5. Тематическая классификация предполагает распределение пословичных изречений по темам высказывания. Так, пословицу «Сапожник без сапог» она отнесет в группу о жизни (труде) сапожников, шире – ремесленников, еще шире – трудящихся вообще. Тематическая классификация позволяет отвлечься от многих необязательных (чисто внешних) элементов изречения и обратить внимание на более существенное в нем. Однако, по мнению Г.Л. Пермякова, и эта система не лишена ряда серьезных недостатков: во-первых, пословицы и поговорки употребляются в переносном смысле, и поэтому не могут быть втиснуты в рамки одной узкой темы; во-вторых, все тематические классы взаимно перекрещиваются и поэтому не могут дать однозначного решения; в-третьих, сама разбивка на тематические группы весьма произвольна, и каждым исследователем и составителем сборника решается по-своему [11, с.187].

Таким образом, каждая из описанных систем обладает своими достоинствами и недостатками и может с тем или иным успехом применяться в отдельных случаях. Однако эти системы обладают одним общим недостатком: все они опираются на случайные признаки, не связанные или почти не связанные с природой самих изречений. Именно поэтому ни одна из существующих ныне систем классификации пословиц и поговорок не может служить основой для создания объективной теории жанра.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Крылова, Э.О. Семантическое осмысление пословиц и поговорок о труде в русском и английском языках / Э. О. Крылова // Международный журнал экспериментального образования. – 2014. – № 6-2. [Электронный ресурс] Режим доступа: http://cyberleninka.ru/article/n/semanticheskoe-osmyslenie-poslovits-i-pogovorok-o-trude-v-russkom-i-angliyskom-yazykah#ixzz44ZTA26Ff1(7.11.2018).
2. Азимова, М. Н. Сопоставительно-типологический анализ фразеологической системы таджикского и английского языков: автореф. дис. … д. ф. наук / М. Н. Азимова. – Душанбе, 2006. – 23 с. [Электронный ресурс]– Режим доступа: http://www.dissercat.com/content/sopostavitelno-tipologicheskii-analiz-frazeologicheskoi-sistemy-tadzhikskogo-i-angliiskogo-y (7.11.2018).
3. Гладкова, Е. Л. Персидский язык – национальное достояние Ирана: языковое и поэтическое многоголосье страны ариев / Е. Л. Гладкова // Родина. – 2001. – № 5. – С. 23-26.
4. Мехтиханлы, С. Г. Межкультурный подход к обучению русским пословицам и поговоркам иранских студентов / С. Г. Мехтиханлы // Современная филология: материалы IV междунар. науч.конф. (г. Уфа, март 2015 г.). - Уфа: Лето, 2015. - С. 72-75.
5. Короглы, Х. Г. Персидские пословицы и поговорки / Х. Г. Короглы. – Москва: Восточная литература, 1961. – 200 с.
6. Гаффаров, М. А. Персидские пословицы / М.А. Гаффаров, В. А. Гордлевский. – Москва, 1913. – 200 с.
7. Гладкова, Е. Л. Персидский язык – национальное достояние Ирана: языковое и поэтическое многоголосье страны ариев / Е. Л. Гладкова // Родина. – 2001. – № 5. – С. 23-26.
8. Турсунов, Ф.М. Лексико-семантический анализ пословиц и поговорок в таджикском и русском языках: на материале произведений Фазлиддина Мухаммадиева: автореф. дисс. … канд.филол.наук / Ф.М. Турсунов. –Душанбе, 2009. [Электронный ресурс] – Режим дорступа: http://www.dissercat.com/content/leksiko-semanticheskii-analiz-poslovits-i-pogovorok-v-tadzhikskom-i-russkom-yazykakh-na-mate (7.11.2018).
9. Азимова, М. Н. Сопоставительно-типологический анализ фразеологической системы таджикского и английского: авт... дис. д. ф. наук / М. Н. Азимова. – Душанбе, 2006. – 23 с. [Электронный ресурс]– Режим доступа: http://www.dissercat.com/content/sopostavitelno-tipologicheskii-analiz-frazeologicheskoi-sistemy-tadzhikskogo-i-angliiskogo-y (7.11.2018).

10. Куанышбекова, Д. А. Принципы классификации пословиц и поговорок английского и русского языков / Д. А.Куанышбекова // V Междунар. студ. электрон. науч. конф. «Студенческий научный форум» 15 февраля – 31 марта 2013 г. [Электронный ресурс].–Режим доступа:http://www.scienceforum.ru/ 2013/cit/ (7.11.2018).
11. Пермяков, Г.Л. Основы структурной паремиологии / Г.Л. Пермяков. – Москва: Ланая, 1988. – 187 с.

ПАЙДОИШ ВА ПРИНСИПҲОИ ГУРӮҲБАНДИИ ПАРЕМАҲО

Мақола ба таҳқиқи комплексии пайдоиш ва бамиёноии зарбулмасалу масалҳо бахшида шудааст. Мақсади мақола таҳлили омӯзиши зарбулмасалу масалҳои тоҷикию англисӣ мебошад. Мазмуни асосии таҳқиқотро таҳлили ду этнофарҳанг таркиб медиҳад. Мақола мазмуни мафҳуми зарбулмасалу масалҳо ва гурӯҳбандии онҳоро ошкор месозад. Таҷрибаи амалии файласуфон, шоирон ва нависандагони бузурги ду халқ ҷамъбаст гардидааст. Аз рӯи шарҳи адабиёт, ҳамчун сарчашмаҳои асоси пайдоиши зарбулмасалҳо таҷрибаи меҳнатӣ ва маънавии халқ, инчунин фарҳанги модди он хизмат менамояд, ки дар фолклор ба қайд гирифта шудааст. Ғайр аз ин, зарбулмасалҳоро метавон аз матнҳои динӣ ва адабӣ иқтибос намуд (охиринҳо махсусан барои забони тоҷикӣ ҳамчун вориси забони классикии форсӣ хосанд), инчунин онҳо бо таъсири фарҳангҳои забонҳои хориҷӣ алоқаманданд. Дар асоси омӯзиши гурӯҳбандии мавзӯотии зарбулмасалу масалҳо як қатор камбудиҳо ба қайд гирифта шудааст. Ба сифати далели асосӣ гуфтан мумкин аст, ки гурӯҳбандии мавзӯотӣ ба нишонаҳои тасодуфӣ такя менамояд, ки бо худи табиати панду андарзҳо алоқаманд нест. Масъалаи он ки ягон системаҳои имрӯз вуҷуддоштаи гурӯҳбандии зарбулмасалу масалҳо наметавонад ҳамчун асос барои офариниши назарияи объективии жанр хизмат намояд, баҳснок мемонад.

Калидвожаҳо: зарбулмасалу масалҳо, фолклор, менталитети миллӣ, фарҳанг, фарҳанг, хирадмандии халқӣ.

ПРОИСХОЖДЕНИЕ И ПРИНЦИПЫ КЛАССИФИКАЦИИ ПАРЕМ

Статья посвящена комплексному исследованию происхождения и возникновения пословиц и поговорок. Целью статьи является анализ изучения таджикских и английских пословиц и поговорок. Основное содержание исследования составляет анализ двух этнокультур. Статья раскрывает содержание понятия пословиц и поговорок и их классификацию. Обобщаются практический опыт великих философов - классиков, поэтов и писателей двух народов. По данным обзора литературы, основными источниками происхождения пословиц служит трудовой и духовный опыт народа, а также его материальная культура, зафиксированная в фольклоре. Помимо этого, пословицы могут быть заимствованы из религиозных и литературных текстов (последние в особенности характерны для таджикского языка как наследника классического фарси), а также связаны с влиянием иноязычных культур. На основе изучения тематической классификации пословиц и поговорок отмечен ряд недостатков. В качестве ключевого доказательства можно сказать, что тематическая классификация опирается на случайные признаки, не связанные или почти не связанные с природой самих изречений. Дискуссионным продолжает оставаться вопрос, что ни одна из существующих ныне систем классификации пословиц и поговорок не может служить основой для создания объективной теории жанра.

Ключевые слова: пословицы и поговорки, фольклор, национальный менталитет, культура, народная мудрость.

THE ORIGIN AND PRINCIPLES OF CLASSIFICATION OF PROVERBS

The article is devoted to a comprehensive study of the origin and origin of Proverbs and sayings. The aim of the article is to analyze the study of Tajik and English Proverbs and sayings. The main content of the study is the analysis of two ethnic cultures. The article reveals the content of the concept of Proverbs and sayings and their classification. The practical experience of the great classical philosophers, poets and writers of the two Nations is summarized. According to the literature review, the main sources of Proverbs origin are labor and spiritual experience of the people, as well as its material culture, recorded in folklore. In addition, Proverbs can be borrowed from religious and literary texts (the latter are especially characteristic of the Tajik language as the heir of classical Farsi), and are also associated with the influence of foreign cultures. Based on the study of the thematic classification of Proverbs and sayings, a number of shortcomings are noted. As a key evidence we can say that the thematic classification is based on random features that are not related or almost unrelated to the nature of the sayings themselves. The question that none of the existing systems of classification of Proverbs and sayings can serve as a basis for the creation of an objective theory of the genre continues to be debated.

Key words: Proverbs and sayings, folklore, national mentality, culture, folk wisdom.

Сведения об авторе*: Усмонзода Шохрух* – Российско-Таджикский (Славянский) университет, преподаватель факультет иностранных языков кафедры английской филологии. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30. E-mail: **shohrukh.usmonov@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 927-10-95-92**

Information about the author: ***Usmonzoda Shokhruk*** - Russian-Tajik (Slavic) University, teacher the faculty of foreign languages of the department English philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade st. 30. E-mail: **shohrukh.usmonov@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-10-95-92**

УДК: 491.550-5

ИСТИЛОҲИ «ФЕЪЛ» ДАР ОСОРИ НАМОЯНДАГОНИ МАКТАБИ ГРАММАТИКИИ КУФА

Якубов Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Феъл» ҳамчун истилоҳ аз ҷумлаи он истилоҳҳое ба шумор меравад, ки ҳанӯз дар замони аввали ташкилшавии илми забоншиносии араб дар саҳифаҳои ин илм навишта шуд. Дар тамоми осори олимони ин соҳа бобе ва ё фаслеро вохӯрда метавонем, ки ба ин соҳа бахшида шудааст. Ҳар яке аз онҳо қисматҳои ҳиссаи нутқи араб (исм, феъл ва ҳарф)-ро ба тавру услуби муайяни хеш шарҳу тафсил медиҳанд. Истилоҳи мазкур дар забони тоҷикӣ низ истифода мешавад ва дар ин росто суханҳои арзишманде вуҷуд дорад. Хоҷаев Давлатбек мефармояд:

«Феъли забони тоҷикӣ яке аз ҳиссаҳои нутқи хеле душвор ва саршори нутқи тоҷикӣ ба шумор меравад. Мутаассифона, то имрӯз иддае аз донишмандони бахши морфология (сарф-Д. Х.) даъво доштанд, ки системаи феъли забони тоҷикӣ дар солҳои охир ҳаллу фасл шудааст. Аммо бозрасии асарҳои илмии донишмандони асрҳои миёнаи форсу тоҷик, бахусус "Чаҳор гулзор", нишон дод, ки донишмандони пешин ин корро кайҳо ба субут расонидаанд"[1, с.37].

Хоҷаҳасани Нисорӣ дар таърихи илму адаби форсу тоҷик бештар ҳамчун тазкиранавис маъруф бошад ҳам, асари "Чаҳор гулзор"-и ӯ далели он аст, ки ӯ яке аз донишмандони нозукбини илми забон дар асри XVIба шумор меравад. Албатта, чун дар асри XVI забони арабӣ дар пояи баланди илмӣ қарор дошт, "Чаҳор гулзор"-и Хоҷаҳасани Нисорӣ низ гарчанде, бо тоҷикӣ (форсӣ) навишта шуда бошад ҳам, дар он истилоҳоти грамматикии имрӯзаи араб махсусан «феъл» хеле зиёд ба чашм мерасад.

Забонишиноси араб бошад, Ибни Ҳишом феълро аз ҷиҳати луғавӣ ва истилоҳӣ чунин шарҳ медиҳад:

اَلْفِعْلُ فِي اللُّغَةِ نَفْسُ الْحَدَثِ الَّذِي يُحْدِثُهُ الْفَاعِلُ

Феъл дар забон ҳодисаест, ки фоил онро иҷро мекунад [11, с.14].

Яъне Ибни Ҳишом ҷиҳати луғавии феълро ба инобат гирифта, ӯро ҳодисае мешуморад, ки иҷрокунандае дораду худи ҳамон феъл натиҷаи кори ӯ ба ҳисоб меравад. Думболи ҳамин мавзӯъ чунин қайд менамояд:

اَلْفِعْلُ فِي الْاِصْطِلاحِ كَلِمَةٌ تَدُلُّ عَلى مَعْنًى فِي نَفْسِهَا مُقْتَرِنَةٌ بِأَحَدِ الْأَزْمِنَةِ الثَّلاثَةِ

Феъл ҳамчун истилоҳ калимаест, ки дар худ маъноеро ифода намуда, марбут ба се замон бошад [11, с.14].

Худи ҳамин матлабро Хоҷаҳасани Нисорӣ дар асари "Чаҳор гулзор"-и худ ҳангоми шарҳи феъли забони тоҷикӣ истифода мебарад:

"Феъл калимаест, ки аз ӯ яке аз азминаҳои салоса, яъне мозӣ ва ҳол ва истиқбол фаҳмида шавад, чун "кард" ва "мекунад" ва "хоҳад кард" аз "кардан" ва "гуфт" ва "мегӯяд" ва "хоҳад гуфт" ва "гуфтан"[3, с.13].

Саидризо Ализода ҳам дар китоби худ "Сарфу наҳви тоҷикӣ" аз ҳамин се замон ёдрас мешавад.

"Феъл калимае аст, ки вуқӯи кореро дар яке аз замонҳои сегона фаҳмонад, монанди: кардам, мекунам, хоҳам кард" [2, с.45].

Муаллиф замонҳои сегона гуфта, ҳамон се замонеро, ки Хоҷаҳасани Нисорӣ зикр намуда буд, дар назар дорад. Зеро дар ҷойи дигар мефармояд:

"Ҳар феъл се замон дорад: мозӣ, ҳозир, мустақбал" [2, с.46].

Дар таърифи Ибни Ҳишомва забоншиносони тоҷик Хоҷаҳасани Нисорӣ ва Саидризо Ализода ибораи مُقْتَرِنَةٌ بِأَحَدِ الْأَزْمِنَةِ الثَّلاثَةِ - *марбут ба се замонаст* истифода шуд. Ин қисмат асос ва пойдеворест, ки феълро ҳамчун истилоҳ баён менамояд, зеро дар забон танҳо феъл аст, ки дорои категорияи замон буда, дар ҷумла бо ифодаи замонии муайяне истифода мешавад.

Дар хусуси истилоҳи «феъл» ҳаминро бояд гуфт, ки намояндагони мактаби грамматикии Куфа ҳангоми истифодаи истилоҳи «الفعل» мафҳумҳои гуногунро дар назар доштанд.

Дар мадди аввал забоншиносони мактаби Куфа истилоҳи «الفعل»-ро ба ҳайси «الحال» (*ҳол*) истифода бурдаанд. Масалан, Фарроъ дар шарҳи ояти 89 сураи Бақара (ولما جاءهم كتاب من عند الله مصدق) чунин мефармояд:

جائز النصب فيها على أن تجعل المصدق فعلا للكتاب

Дар эъроби насб овардани калимаи «مصدق» (дар шакли «مصدقا») ба хотири ҳоли калимаи «الكتاب» буданаш, мумкин аст [8, с.55].

Фарроъ дар иқтибоси боло дар ивази калимаи «ҳол» калимаи «феъл»-ро истифода мебарад.

Ҳамин матлабро Фарроъ дар шарҳи ояти 81 сураи Оли Имрон (ثم جاءكم رسول مصدق)дубора қайд менамояд:

فالنصب على الفعل أمكن منه

… Насб хондани калимаи «مصدق» ба хотири ҳол буданаш имконпазир мебошад…[8, с.55].

Масъала сари калимаи «مصدق» аст, зеро тибқи тиловати Абдулло ибни Масъуд калимаи мазкур мансуб (مصدقا) хонда мешуд. Ҳамин масъаларо ба назар гирифта, Фарроъ иллати насб хонда шудани калимаи «مصدق»-ро ба хотири «ҳол» буданаш медонад ва чуноне мулоҳиза гардад, ҳолро бо истилоҳи «феъл» муаррифӣ намудааст.

Инчунин, истилоҳи «الفعل» дар осори Фарроъ ифодагари мафҳумихабарниз мебошад.

Дар шарҳи ояти 145 сураи Анъом (إلا أن يكون ميتةً) махсусан дар шарҳи калимаи «ميتةً» чунин омадааст:

ومن رفع الميتة جعل يكون فعلا لها.

Марфуъ хондани калимаи «ميتة» (дар шакли «ميتةٌ») мумкин аст, агар феъли «يكون»-ро хабари калима донем [8, с.361].

Гарчанде мо ибораи «хабари калима»-ро тарҷума намудем, аммо чуноне мушоҳида мешавад, дар иқтибоси арабии он калимаи «феъл» истифода шудааст, яъне ҳамчун «феъли калима».

Ҳамин матлабро ҳангоми тафсири ояти 63 сураи Юнус (ألا إن أولياء الله لا خوف عليهم ولا هم يحزنون الذين آمنوا وكانوا يتقون) дучор омадан мумкин аст. Фарроъ дар ин масъала чунин андешаронӣ намудааст:

فالذين في موضع رفع، لأنه نعت جاء بعد خبر إن. وإنما رفعت العرب النعوت إذا جاءت بعد الأفاعيل في (إن) لأنهم رأوا الفعل مرفوعا فتوهموا أن صاحبه مرفوع في المعنى لأنهم لم يجدوا في تصريف المنصوب اسما منصوبا وفعله مرفوع فرفعوا النعت

Калимаи «الذين» дар ҳолати рафъ қарор дорад, зеро он сифат буда, баъди хабари «إن» қарор гирифтааст. Арабҳо наътҳоро вақте баъди (феълҳо) хабарҳои (إن) қарор гиранд, марфуъ медонанд.Зеро онҳо феълро марфуъ мешуморанд ва бар он гумонанд, ки дусти он (хабар) низ мислаш дар маъно марфуъ аст, зеро онҳо дар тасрифи мансуб исми мансуберо сурог надоранд, ки феълаш марфуъ бошад. Ба ҳамин хотир наътро марфуъ донистаанд [8, с.471].

Дар ин иқтибос калимаи «الأفاعيل» истифода шудааст, ки ҷамъи «الفعل» мебошад ва ҳадаф аз ин калима «хабар» аст.

Дигар аз мафҳумҳои истилоҳи «الفعل»аз диди забоншиносони Куфа ин мафҳуми сифати феълист. Аниқтараш дар осори Фарроъ истилоҳи «феъл» ба маънии «фоил» (сифати феълӣ тарзи фоилӣ) низ истифода мегардад, гарчанде сифати феълии тарзи фоилӣ «اسم الفاعل» ва сифати феълии тарзи мафъулӣ «اسم المفعول» дар осори намояндагони мактаби наҳвии Куфа бо истилоҳи «الفعل الدائم»ифода меёбад.Бояд гуфт, ки иллати асосии бо ибораи «الفعل الدائم» номбар шудани сифатҳои феълӣ тарзи фоъилӣ ва мафъулӣ дар он аст, ки сифатҳои мазкур дар забони арабӣ ба вазифаи феъл низ истифода мешаванд ва монанди феъл замони ҳозира ва ё ояндаро ифода карда метавонанд, ба ҳамин хотир забоншиносони мактаби Куфа ин сифатҳоро бо истилоҳи «الفعل الدائم» номбар намудаанд.Аз-Заҷҷоҷӣ дар ин масъала мефармояд:

وأصحابكم البصريون يعيبون على الكوفيين القول بالفعل الدائم

Дӯстони басрии шумо бар аҳли Куфа айб мегиранд, ки эшон истилоҳи «الفعل الدائم»-ро истифода мебаранд [10, с.86].

Дар хусуси бо истилоҳи «الفعل» ишора шудани сифати феълии тарзи фоилӣ иқтибоси зерро ҳамчун намуна меорем:

والقياس فيه مستمر أن يفرق بين الفعل المذكر والمؤنث بالهاء، إلا أن العرب قالت: امرأة حائض وطاهر وطامث وطالق وشاة حامل وناقة عائذ... ولم يدخلوا فيهن الهاء، وإنما دعاهم إلى ذلك أن هذا الوصف لا حظ فيه للذكر وإنما هو خاص للمؤنث، فلم يحتاجوا إلى الهاء لأنها إنما دخلت في قائمة وجالسة لتفرق بين فعل الأنثى والذكر

Қиёс дар вай вуҷуд дорад, то миёни сифати феълии мардона ва занонаи бо «ة» истифодашаванда фарқ гузошта шавад. Аммо арабҳо мегуфтанд: «امرأة حائض» (зани дар моҳиёнабуда), «امرأة طاهر» (зани пок), «امرأة طامث» (зани дар моҳиёнабуда), «امرأة طالق»

(зани талоқшуда), «شاة حامل» (гӯсфанди ҳомила), «شاة حامل» (гӯсфанди паноҳҷӯянда). Дар ин сифатҳо «ة»-и аломати занона ворид карда нашудааст. Онҳо бар он назар буданд, ки сифатҳои номбаршуда калимоте мебошанд, ки махсуси занонагӣ мебошанд ва бо ҷинси мард ҳеҷ алоқамандие надоранд. Аммо аломати «ة» дар калимаҳои «قائمة» (хеста, росто) ва «جالسة» (нишаста) ҳатмист, (зеро ин ду калима барои марду зан истифода мешавад) ва барои ҳамин бояд аломати «ة» баҳри фарқ гузоштан миёни (феъл) сифати феълии тарзи фоилии мардона ва занона истифода шавад [7, с.58].

Дар воқеъ аз иқтибоси овардашуда баръало маълум аст, ки Фарроъ сифати феълии тарзи фоилиро бо калимаи «فعل»баён намудааст.

Аз ҷумлаи мафҳумҳои дигари истилоҳи «الفعل» дар истифодаи намояндагони мактаби грамматикии Куфа, махсусан Фарроъ, ин ба маънои «المفعول به الثاني» (пуркунандаи дуюм)истифода гардидани «феъл» аст.

Намунаи инро дар шарҳу тафсири ояти 30 сураи Тоҳо (وهارون أخي) дучор омадан мумкин аст. Аз рафти оят маълум аст, ки калимаи «هارون» ба хотири пуркунанда буданаш бо аломати «фатҳа» мансуб хонда шудааст ва феълаш бошад, ки дар асл «اجعل» (*гардон, бинамо, бисоз*) мебошад, маҳзуф аст. Дар шарҳи оят Фарроъ мефармояд:

إن شئت أوقعت (اجعل) علي (هارون أخي) وجعلت الوزير فعلا له

Агар хоҳӣ калимаи «اجعل»-ро ҳамчун феъли маҳзуф бидон ва калимаи «الوزير» (вазир)-и маҳзуфро феъл (пуркунандаи дуюм)-и калимаи «اجعل» бидон [9, с.178].

Дар ин иқтибос низ мулоҳиза мешавад, ки Фарроъ пуркунандаро бо истилоҳи «феъл» муаррифӣ менамояд.

Аз ин маълум мегардад, ки истилоҳу истилоҳофаринӣ назди олимони мактаби Куфа ба дараҷаи даркорӣ инкишоф наёфта буд ва ба хотири норавшании як қатор истилоҳҳои истифодакардаи эшон, ки аз истилоҳоти истифодабурдаи намояндагони мактаби наҳвии Басра, ки тақрибан ба куллӣ фарқ дошт, минбаъд дар забоншиносии муосири араб ба доираи истифода ворид нагардид. Яъне, истилоҳҳои имрӯзае, ки дар забоншиносии араб мавриди истифодаи васеъ қарор доранд, дар умум он истилоҳҳое ба шумор мераванд, ки Халил ибн Аҳмад ал-Фароҳидӣ ва Сибавайҳ барин олимон ҳанӯз дар асрҳои миёна аз онҳо истифода бурдаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Давлатбеки Хоҷа. Андешаҳои Хоҷаҳасани Нисорӣ дар боби феъли забони тоҷикӣ (форсӣ). – Душанбе: Адаб, 1993. -№ 3-4. –С. 36-39.
2. Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. Сарфу наҳви тоҷикӣ. -Душанбе: Деваштич, 2006. -80 с.
3. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. –Душанбе: Шарқи озод, 1998. -116 с.
4. Якубов Т. Замони гузаштаи феъл дар сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ / Т. Якубов // Паёми Донигоҳи миллӣ. Бахши «Филология». -Душанбе: Сино, 2011.
5. Якубов Т. Истилоҳи ал-мозӣ ва ал-музореъ дар грамматикаи тоҷику араб / Т.Якубов // Паёми ДМТ. Маҷаллаи илмӣ. Бахши «Филология». -Душанбе: Сино, 2009. -№4 (52). - С. 62-64.
6. Якубов Т. Сифати феълӣ тарзи фоилии забони арабӣ дар амали феъл / Т.Якубов // Ахбори АИ ҶТ. Маҷаллаи илмӣ. Бахши «Забоншиносӣ». -Душанбе: Дониш, 2009. -№ 2. - С. 118-123.
7. أبو زكريا معاذ الفراء. المذكر والمؤنث.
8. أبو زكريا معاذ الفراء. معاني القرآن. تحقيق: أحمد يوسف نجاتي ومحمد علي النجار. بيروت 1980. ج.1.
9. أبو زكريا معاذ الفراء. معاني القرآن. تحقيق: أحمد يوسف نجاتي ومحمد علي النجار. بيروت 1980. ج.2.
10. أبو القاسم الزجاجي. الإيضاح في علل النحو. مكتبة دار العربية، 1959.
11. جمال الدين عبد الله بن يوسف أحمد بن عبد الله بن هشام الأنصاري. شرح شذور الذهب .

ИСТИЛОҲИ «ФЕЪЛ» ДАР ОСОРИ НАМОЯНДАГОНИ МАКТАБИ ГРАММАТИКИИ КУФА

Мавзӯи асосии омӯзиши илми наҳв ва сарф ҳиссаҳои нутқ маҳсуб мешаванд ва забоншиносони араб ҳиссаҳои нутқи забони хешро ба се қисмат: исм, феъл ва ҳарф тақсим менамоянд. Ин тақсимот дар забони тоҷикӣ низ бегона набуда, ҳанӯз аз Абӯалӣ ибни Сино шурӯъ намуда, аксари дастурҳои забони тоҷикӣ, ки то соли 1926 таълиф ёфтаанд, далели ин гуфта мебошанд. Дар умум ҳамон тавре ки маълум гашт, яке аз ҳиссаҳои мустақил ин феъл мебошад. Феъл калимаи арабӣ буда, маънии амал ва ҳодисаро ифода менамояд ва ҳамчун истилоҳ мувофиқи бархе аз маълумотҳо аввалин бор аз тарафи Алӣ ибни Абӯтолиб ва Абуласвад ад-Дуалӣ истифода шудааст. Дар хусуси истилоҳи «феъл» ҳаминро бояд гуфт, ки намояндагони мактаби грамматикии Куфа ҳангоми истифодаи истилоҳи «الفعل» мафҳумҳои гуногунро дар назар доштанд. Агар намояндагони мактаби грамматикии Басра феълро ҳамчун истилоҳ ба маънои категорияи махсуси ифодакунандаи амал ва замони амал истифода баранд, олимони мактаби наҳвии Куфа бошад, ин истилоҳро барои ифодаи маъниҳои гуногун истифода мебурданд. Дар мадди аввал забоншиносони мактаби Куфа истилоҳи «феъл»-ро ба ҳайси ҳол истифода бурдаанд. Фарроъ ҳамчун барҷастатарин намояндаи мактаби наҳвии Куфа истилоҳи «феъл»-ро бамафҳуми «хабар» низ ба кор бурдааст. Дар умум бояд гуфт, ки ин ду мафҳум ҳанӯз он мафҳумҳое нестанд, ки намояндагони мактаби наҳвии араб ҳангоми истифодаи вожаи феъл дар назар дошта буданд ва аз мақолаи мавриди назар матлаб ба таври возеҳ аён хоҳад гашт.

Калидвожаҳо: феъл, амал, забон, мактаб, замон, наҳв, категория, истилоҳ, маъно, мафҳум, забоншиносӣ, нутқ.

ТЕРМИН «ГЛАГОЛ» В НАСЛЕДИИ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ КУФИЙСКОЙ ШКОЛЫ ГРАММАТИКИ

Основная темой изучения науки грамматики и морфологии являются части речи и арабские языковеды разделяют части речи своего языка на три части: существителшьное, глагол и буква. Данное разделение не чуждо и таджикскому языку, начиная еще со времен Абуали ибн Сина некоторые предписания таджикского языка, которые были составлены до 1926 года, являются доказательством сказанного. Феъл (Глагол) арабское слово, которое выражает действие и явление и как термин в соответствии с некоторыми сведениями впервые был использован Али ибн Абуталибом и Абуласвадом ад-Дуали. Относительно термина «феъл (глагол)» должны констатировать, что представители куфийской школы грамматики при использовании термина «الفعل» имели ввиду различные понятия. Если представители басрийской школы грамматики использовали глагол как термин в значении особой категории выражающего действие и время действия, ученые куфийской школы грамматики использовали данный термин для выражения различных значений. В первую очередь, языковеды куфийской школы грамматики использовали термин «феъл (глагол)» в качестве обстоятельства.Фарраъ как видный представитель куфийской школы грамматики также использовал термин «феъл (глагол)» как «сказуемое». В общем нужно констатировать, что эти два понятия не были окончательными вариантами использования термина «феъл (глагол)», которые имели ввиду представители куфийской школы грамматики и в последующих работах мы обязательно рассмотрим данный вопрос.

Ключевые слова: глагол, действие, язык, школа, время, грамматика, категория, термин, значение, понятие, языкознание, речь.

TERM "VERBAL" IN THE HERITAGE OF THE REPRESENTATIVES OF THE KUFI SCHOOL OF GRAMMAR

The main topics of study of the science of grammar and morphology are the parts of speech and the Arab linguists divide the parts of the speech of their language into three parts: the existing, the verb and the letter. This division is not foreign to the Tajik language, starting from the time of Abu Ali Ibn Sin, some of the Tajik language regulations that were written before 1926 are proof of this. Feul (Verb) is an Arabic word that expresses action and phenomenon and as a term in accordance with some information was first used by Ali ibn Abutalib and Abulaswad ad-Dwali. Regarding the term “feal (verb)”, it should be stated that the representatives of the Kufi school of grammar, when using the term “الفعل”, meant different concepts. If representatives of the Basrian school of grammar used the verb as a term in the meaning of a special category expressing action and time of action, scholars of the Kufi school of grammar used this term to express different meanings. First of all, the linguists of the Kufi school of grammar used the term "feal (verb)" as a circumstance. As a prominent representative of the Kufa school of grammar, Farr also used the term "feal (verb)" as "predicate." In general, it should be noted that these two concepts were not final variants of using the term “feal (verb)”, which meant representatives of the Kufi school of grammar, and in subsequent works we will definitely consider this question.

Key words: verb, action, language, school, tense, grammar, category, term, meaning, concept, linguistics, speech.

Сведения об авторе: ***Якубов Т***. – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Yakubov T.*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 491.71-3

ВЫРАЖЕНИЕ ОТРИЦАНИЯ В РИТОРИЧЕСКИХ ВОПРОСАХ

Исламова П.Н.

Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции

Таджикские учёные в своих научных изысканиях посвятили ряд исследований лексическим и грамматическим средствам, формирующим синонимию отрицательно-вопросительных предложений (ОВП) с повествовательными, побудительными и восклицательными предложениями. Ряд работ таджикских лингвистов, (например, работы М.Н. Касымовой), посвящёны этой проблеме. Исследуя отрицательно – вопросительные предложения она пришла к следующим выводам о роли местоимений, вопросительных частиц и интонации в ОВП:

Когда вопросительные предложения выражают отрицание, которое оформляется с помощью интонации, различных грамматических средств и утвердительной формы глагола, то они оказываются синонимами предложений повествовательных [6, с.159].

Наход, ки ман бо ҳамин ришу фаш дурӯг гуям! – Неужели я, достигнув столь почтенного возраста, скажу неправду! Ман бо ҳамин ришу фаш ҳаргиз дурӯг намегӯям. – Достигнув столь почтенного возраста, я никогда не скажу неправду. [Айнӣ 1984:23-24]

По мнению Б. Камолиддинова, в таджикском языке вопросительные предложения делятся на исконные и неисконные или риторические [Камолиддинов 2010: 174].

Как и в других случаях, разнообразие средств выражения отрицания в ОВП служит для передачи различных оттенков значения и используется к речи как эффективное стилистическое средство. Сама сущность таких предложений состоит в том, что говорящий не отрицает какой-либо мысли прямолинейно: с помощью вопроса он как бы выносит её на обсуждение, – в ожидании того, согласится ли с его правотой собеседник или нет. Именно таким образом и достигается экспрессивность отрицания:

Магар бо ҳамин шикамҳоямон сер мешавад? – Разве мы этим насытимся? = Бо ҳамин шикамҳоямон сер намешавад. – Этим мы не насытимся = Бо ҳамин шикамҳоямонро сер кардан мумкин нест. – Этим мы не можем насытиться.

Ясно, что различие этих предложений в том, что в риторических вопросах отрицание имеет экспрессивную окраску, в повествовательных же предложениях оно нейтрально. Чтобы подчеркнуть отрицание, используются такие слова и сочетания, как: ***ҳеч гоҳ, асло, ҳаргиз*** *– «никогда», «вовсе»* и т.п.

Интонация, наклонение глагола, модальные слова и другие средства определяют тот или иной коннотативный оттенок, характерный для каждого данного предложения. Поэтому писатели используют эти стилистические средства для передачи такого душевного состояния, как внутренние раздумья, мечтания:

Аммо диле, ки ишқ надошта бошад ва дар тапиданҳои вай эҳсосоти муҳаббати бепоён набошад, магар дил номида мешавад? [Улуғзода 1982:36] – *Разве можно назвать сердцем такое сердце, которое не знало любви и в биении которого не слышалось всеохватывающей страсти?!*

Для выражения резкого отрицания ОВП часто оформляется как односоставное безличное предложение; различные его конструкции образуют синонимический ряд, разными путями передающий одно и то же значение возможности.

Разумеется, между синонимическими предложениями существуют различия. Так, синонимом отрицательного вопросительного предложения *Магар ҳамонро ош гуфта мешавад*? – *Разве это плов*? является предложение: *Ҳамонро ош гуфта намешавад – Это нельзя назвать пловом*, но в этом синонимическом предложении интенция говорящего выражена гораздо менее ясно, оттенок неудовольствия и даже отвращения утрачивается. С помощью риторических вопросов в данном случае не устанавливается какой это род пищи; он служит для выражения мысли о том, что данное блюдо – невкусное, недоброкачественное.

Лишённые контекста риторические вопросы нередко двузначны. Такая двойственность может быть устранена обращением к последующему предложению, могущему содержать эксплицитное отрицание, выраженное с помощью отрицательных частиц или отрицательных частиц и отрицательной формы глагола. Например:

Магар ягон кас розӣ мешавад, ки ҳам маро ва ҳам додари маро нигаҳбонӣ кунад? Не, ҳеҷ кас розӣ намешавад. – Разве кто-нибудь согласится смотреть за мной и за моим младшим братом? Нет, никто не согласится.

Содержание приведённых выше предложений можно передать и другим способом:

Ҳеҷ кас ба нигаҳбони кардани ман ва ҳам додари ман розӣ намешавад. Ҳеҷ кас розӣ намешавад, ки ҳам ба ман ва ҳам ба додари ман нигаҳбони кунад. Ҳеҷ кас ба нигаҳбони кардани ҳам ман ва ҳам додари ман розӣ шуданаш мумкин нест.

Синонимические предложения объединяют в две группы: выше были приведены те из них, которые являются повествовательными; но то же содержание может быть сформулировано и в форме риторических вопросов другой структуры**:**

Ки рози мешавад, ки ҳам ба ман ва ҳам ба додари ман нигаҳбонӣ кунад? Кист, ки ба нигаҳбонӣ кардани ҳам ман ва ҳам додари ман розӣ шавад?

Анализ двух групп синонимических предложений показывает, что в риторических вопросах имеется больше возможностей для выражения скрытых эмоций говорящего – недовольства, сочувствия, отвращения, вражды и т.п.

Ряд синтаксических конструкций, которые всегда имеют форму риторических вопросов, приближаются к фразеологизмам. В таких предложениях функция выражения эмоций выступает на первый план, выражение же утверждения или отрицания мысли отступает на задний план.

Когда именное сказуемое неполного вопросительного предложения содержит антонимические прилагательные «***бад – хуб***» – «хорошо – плохо», «***осон – душвор***» – «легко – трудно» и т.п., отрицание осуществляется с помощью различных грамматических и семантических средств. Используются утвердительная и отрицательная формы предикативной связи:

Магар ҷон додан осон аст? = …осон нест – Разве легко проститься с жизнью? = …нелегко.

Во втором случае возникает значение, формально противоположное исходному:

Ҷон додан мушкил (душвор) аст. – С жизнью распроститься трудно.

При выражении экспрессивного отрицания с помощью риторического вопроса ему также может следовать или предшествовать продолжение – посылка с изложением обстоятельств дела, поясняющим несогласие говорящего. В этой функции нередко выступают придаточные предложения причины или условия:

Магар ҷон додан осон аст? Хусусан Низомиддин ки ин қадар зиндагиро дӯст медорад ва зинда мондан мехоҳад. – Разве легко расставаться с жизнью? Особенно Низомиддину, который так любит жизнь и (так) хочет остаться в живых!

Агар ман зӯри дастамро дарег медоштам, … магар имрӯз Николаев ба ман некӣ мекард? [Улуғзода 1982:88] – *Если бы я щадил себя, разве Николаев помог бы мне сегодня?*

Вопросительные предложения со значением отрицания, подобно таким же предложениям со значением утверждения, не требует в ответ определённой реплики типа ***Не, ҳеҷ кас розӣ намешавад*** *– «Нет, никто не согласится»* или ***Ҳаргиз мумкин нест*** *– «Невозможно никогда»*. Это необходимо лишь в случаях особенно сильной эмфазы при отрицании или крайней нужды в подробном разъяснении мысли. Такое раздельное формулирование основной цели высказывания является специальным стилистическим средством, позволяющим с большей суплетивностью воздействовать на собеседника. Такое парцеллированное выражение мысли особенно характерно для разговорной речи:

Аз ҳама гандатар се чиз аст: якум, дуздӣ, дуюм, ятимонро озор додан, сеюм, бахилӣ… Худо дуздро аз ҳама гандатар мебинад, аз барои чӣ? Аз барои он, ки дузд ба худи Худо душман шудааст.[Қуддус 2013:48] – *Хуже всего три дела: во-первых, воровство, во-вторых, – обижать сирот, в-третьих, жадность… Почему бог ненавидит вора больше всех? Потому что вор стал врагом самого бога.*

Другие конструкции используются в отрицательных- вопросительных предложениях для передачи оттенков недовольства или пренебрежения. Соответствующие предложения могут заканчиваться соединительным энклитиком ***-у*** (***-ю***, ***-ву***) и оформляться особой разновидностью интонации; таким образом синонимичными оказываются предложения:

Магар ҳамин ҳам кор шуд. - Разве это дело? =Ҳамин ҳам кор шуду…

Подчёркивание несогласия и возражения может выражаться разными способами:

Магар онҳоро барои тамошо овардаем? – Разве мы привезли их для выставки? = Онҳоро барои тамошо наовардаем-ку! – Мы их привезли не для выставки, не так ли?

Конструкции с вопросительной частицей ***оё*** служат для выражения оттенка особенно решительного отрицания:

Оё ман ин таклифро рад карда метавонистам? – Разве я мог отказаться от этого предложения?

В синонимических повествовательных предложениях с той же целью используются такие выделительные средства, как слова ***албатта, аздусар*** *– «конечно»:*

Албатта (аздусар), ман ин таклифро рад карда наметавонам. – Конечно, я не могу отказаться от этого предложения.

Частица ***-мӣ*** присоединяется к сказуемому в предложениях с риторическим вопросом и также подчёркивает решительность отрицания. Отличие данного способа выражения от других видов риторических вопросов состоит в том, что в данном случае особо выделяется сказуемое, причём выражающая его глагольная форма как бы утрачивает свою исконную семантику в том, что касается категорий наклонения и времени:

Чаро хафа шавам, писарам? Арӯс ба пойи худаш даромада меомадааст ту ман хафа мешудаам-мӣ? – Почему я должна сердиться, сынок? Невеста сама пришла, а я буду сердиться?

В этих предложениях глагольные формы ***дам меистод***, ***хафа мешудаам*** употреблены в значении форм ***дам меистад*** *и* ***хафа мешавам***; в составе приведённых отрицательных-вопросительных предложений сказуемые передают смысл ***гоҳ дам намеистад*** *– никогда не потерпит...,* ***асло хафа намешавам*** *– вовсе не сержусь*. Интонация предложений с частицей ***-мӣ*** придаёт отрицанию оттенок удивления.

В вопросительных предложениях на долю частиц выпадает факультативная роль, так как основным средством выражения вопроса служит интонация [8, с. 57]. Поэтому они и способны выражать не просто отрицание, а отрицание экспрессивное, дополнительно окрашенное модальными оттенками, что производит усиленное эмоциональное воздействие.

Вопросительное местоимение ***кӣ*** используется в отрицательных вопросительных предложениях либо самостоятельно, либо в составе предложных и послеложных сочетаний. Когда местоимение употребляется без предлогов, то оно показывает, что выраженное предложением действие не имеет в качестве источника никакого лица:

Агар кас ба ихтиёри худ шавад, ба гапи инҳо ки гӯш меандозад, кӣ карру фарри онҳоро мебардорад? – Если люди будут предоставлены сами себе, то кто станет внимать их речам, кто будет выносить их высокомерие?

Знаки препинания способны передавать следующие различия:

а) ... *чӣ одаме буд?- ...что это был за человек?»* - вопросотиельные предложения со значением *Кист? - Кто это?*

б) ... *чӣ одаме буд?!* – риторические вопросы со значением неудовлетворённости, осуждения, упрёка = ... *одами ноҷинс (беғайрат, нотавон...) буд – ...это был человек недостойный (пустой, слабый...)*

в) ...*чӣ одаме буд!* – риторическое восклицание, выражающее восхищение = ... *одами аҷибе буд! - ...это был удивительный человек!*

Отрицание мысли может формулироваться в несобственно вопросительном предложении с помощью сочетаний *чӣ лозим (аст, буда- аст)? чӣ даркор (аст, будааст)? – что пользы, какая необходимость в том, чтобы...?*

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абдурахимов, С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик / С.Абдурахимов. - Душанбе: Дониш, 1973. - 164 с.
2. Булах, Н.А. К вопросу о выражении грамматической категории отрицания в индоевропейских языках / Н.А. Булах // Уч. зап. Ярослав. пед. ин-та. - 1957. - Вып. 3. - С. 27–34.
3. Бабаджанова, Б.Ш. Отрицание как форма выражения субъективного отношения в таджикском языке / Б.Ш. Бабаджанова // Филологические науки в России и за рубежом: материалы II междунар. науч. конф. (г. Санкт-Петербург, ноябрь 2013 г.). - СПб.: Реноме, 2013. - С. 37–40.
4. Васильева, С.А. Ещё раз об экспрессивном выражении отрицания / С.А.Васильева // Труды Воронежского технологического института. – 1960. -Т. 16. – С. 179–181.
5. Камолиддинов, Б. Синтаксическая синонимия в современном таджикском языке / Б.Камолиддинов. - Душанбе, 2012. – 285 с.
6. Қосимова, М. Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри XI / М. Н. Қосимова. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 215 с.
7. Ломтев, Т.П. Предложение и его грамматические категории. Серия: Лингвистическое наследие XX века / Т.П. Ломтев. – 3-е изд., стереот. - М.: Издательство: ЛКИ, 2007. - 200 с.
8. Helbig, G. Linguistische Theorien der Moderne / G. Helbig. − Weidler, Berlin, 2002.

ИФОДАИ ИНКОР ДАР САВОЛҲОИ БАЛОҒӢ

Дар мақолаи мазкур усулҳои манфии ифода бо воситаи ибораҳои риторикӣ баррасӣ карда мешавад. Намуди ҷумлаҳои саволии риторикӣ хосияти рамзӣ, тасдиқ ё рад кардани фикрро талаб намекунад, инчунин ҳаллу фасл ба тариқи савол ифода мегардад. Аз ин рӯ, сарфи назар аз он, ки ин пешниҳодҳо шакли саволӣ ва оҳангро доранд, мақсади шахси саволдиҳанда ифшои ягон чизи нав ва ё пештар номаълум нест, баръакс, дар як қатор ҳолатҳо худи ҳамин шахс ба саволҳои худаш додагӣ ҷавоб медиҳад. Ҳамчун дар дигар ҳолатҳо, гуногунии воситаҳои ифодаи инкор барои инъикоси маъноҳои гуногуни маънӣ хизмат мекунад ва дар нутқ ҳамчун воситаи услубии манфиатнок

истифода мешавад. Худи моҳияти ҳамин ҷумлаҳо дар он аст, ки гӯянда ягон фикрро бевосита инкор намекунад;бо ёрии савол гӯё онро ба муҳокима мегузорад, дар интизории он, ки ҳамсуҳбати ӯ бо ҳақ будани ӯ розӣ аст ё не. Маҳз, ҳамин тариқ, тезутундшавии инкор ба даст оварда мешавад.

Калидвожаҳо: инкор, ҷумлаҳои саволи, саволҳои балоғӣ, ифодакунии инкор, ҷумлаҳои саволии инкорӣ, ҷонишиноҳои саволӣ, эҳсосоти пинҳонӣ, лаҳн, ҳиссача, ҳисачаи саволӣ.

ВЫРАЖЕНИЕ ОТРИЦАНИЯ В РИТОРИЧЕСКИХ ВОПРОСАХ

В данной статье рассматривается отрицательное средство выражения с помощью риторических вопросов. Тип риторических вопросительных предложений не требует символического характера, подтверждение или отрицание мысли, а также решения выражаются в форме вопроса. Так, несмотря на то, что данные предложения имеют вопросительную форму и интонацию, целью спрашивающего лица не является выявление чего-либо нового и ранее неизвестного, более того, в ряде случаев он сам отвечает на поставленные им же вопросы. Как и в других случаях, разнообразие средств выражения отрицания служит для передачи различных оттенков значения и используется к речи как эффективное стилистическое средство. Сама сущность таких предложений состоит в том, что говорящий не отрицает какой-либо мысли прямолинейно: с помощью вопроса он как бы выносит её на обсуждение, – в ожидании того, согласится ли с его правотой собеседник или нет. Именно таким образом и достигается экспрессивность отрицания.

Ключевые слова: отрицание, вопросительные предложения, риторические вопросы, экспрессивное отрицание, вопросительно отрицательные предложения, вопросительное местоимение, скрытые эмоции, интонация, частица, вопросительная частица.

EXPRESSION OF NEGATION IN RHETORICAL NEGATION

This article deals with negative means of expression by rhetorical questions. The type of rhetorical interrogative sentences does not require a symbolic character, the confirmation or denial of thought, and the solution is expressed in the form of a question. So, despite the fact that these proposals have an interrogative form and intonation, the purpose of the asking person is not to identify anything new and previously unknown, moreover, in some cases he himself answers the questions he poses. As in other cases, a variety of means of expressing negation serves to convey different shades of meaning and is used to speech as an effective stylistic tool. The very essence of such proposals is that the speaker does not deny any thought straightforwardly: with the help of the question, he seems to bring it up for discussion, waiting for the interlocutor to agree with his rightness or not. This is how the expressiveness of denial is achieved.

Key words: negation, interrogative sentences, rhetorical questions, expressive negation, interrogative negative questions, interrogative pronouns, hidden emotion, intonation, particle, interrogative particle.

Сведение об авторе: ***Исламова Парвина*** **–** Институт экономики и торговли Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Ходжент, ул. Ленина, 169.
E-mail: **parvina2011@gmail.com.** Тел.: **(+992) 927-08-44-47**

Information about the author: ***Islamova Parmina*** - Institute of Economics and Trade Tajik State University of Commerce, the candidate of philological sciences, senior teacher of the department of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujent, ul. Lenin, 169. E-mail: **parvina2011@gmail.com.**
Tel.: **(+992) 927-08-44-47**

УДК: 491.550-3

СЕМАНТИКАИ НАРМГУФТОРӢ ДАР АСНОҲОИ ХОҲИШУ ДАРХОСТ

Ҷӯраева М.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони тоҷикӣ дар байни ҳамаи гурӯҳҳои асноӣ-семантикии одоби муҳоварат мавқеи махсусро гурӯҳи қолабҳое ишғол мекунанд, ки барои ифодаи амр, хоҳишу дархост, пурсишу илтимос ба кор бурда мешаванд. Қобили зикр аст, ки маҳз тавассути ин қолабҳо хусусиятҳои асосии услуби муошират тоҷикона зоҳир мегарданд.

Эҳтиром ҳамчун воситаи матлубтарини одоби муҳоварат дар асноҳои гуногуни коммуникативӣ ба кор бурда мешавад. Ҳамзамон баъзе забоншиносон бар он ақидаанд, ки асноҳои арзи хоҳишу дархост назар ба дигар гурӯҳҳои семантикии муошират имконоти зиёдтари ба кор бурдани воситаҳои забонии эҳтирому нармгуфториро нисбат ба ҳамсуҳбати худ фароҳам меоранд [1].

Дархосту пурсиш ҳамчун «муроҷиат ба касе, бо мақсади қонеъ гардонидани ин ё он хоҳиш маънидод карда мешавад» [Ожегов, 1988: 507]; сохтори семантикии он чунин аст: ман (гӯянда) – ҳозир, дар ҳамин ҷо – ба чизе ниёз дорам – аз ин рӯ, аз ту /

Шумо (шунаванда) (бо оҳанги мувофиқ) хоҳиш, илтимос дорам, ки ин ё он хоҳишу дархости маро ба ҷо орӣ (-ед).

Дар ин аснои муҳоварат чунин аломатҳои семантикӣ ниҳоят муҳимманд:

1. Тобеияти гӯянда ба шунаванда, ки характери лаҳзаина дорад;
2. Хоҳиши гӯянда, ки амалӣ шудани дархости худро дидан мехоҳад;
3. Имконоти интихоб аз ҷониби шунаванда дар бобати иҷро кардан ё накардани амал.

Дар забони тоҷикӣ мисли аксар забонҳои дунё тобеияти гӯянда ба шунаванда зарурати аз воситаҳои нармгуфторию хушмуомилагӣ истифода бурданро ба миён меорад (яъне, барои он ки дар замири ту/Шумо майли хоҳишу дархости маро иҷро намудан пайдо шавад, ман барои ту/Шумо шароити мувофиқро, аз он ҷумла тавассути оҳанги нутқи худ фароҳам меорам).

Интихоби ин ё он восита вобаста ба вазъияти мушаххаси муҳоварат муайян гардида, ба мавқеи иҷтимоии гӯянда ва шунаванда вобаста аст. Дар муносибатҳои расмӣ, ки ҷанбаи иҷтимоӣ доранд, қолабҳои одоби муҳоварат метавонанд аз семантикаи нармгуфторӣ орӣ бошанд, зеро меъёрҳои этикет ва ё регламент «гӯяндаро вазифадор мекунанд, ки ба шунаванда бо ин ё он тарз муроҷиат намояд» [7] ва табиист, ки нақши ҳавасмандкунии воситаҳои хушмуомилагию нармгуфторӣ камтар мегардад.

Агар муносибати байни иштирокчиёни коммуникатсия тавре сурат гирад, ки адресант барои истифодаи воситаҳои эҳтиром вазифадор набошаду бо вуҷуди ин онҳоро ба кор барад, дар ин сурат гуфтор нишони эҳтиромро соҳиб мегардад, зеро тавассути ифодаҳои мазкур гӯянда дидаю дониста мавқеи иҷтимоии адресатро баландтар намуда, тобеияти худро таъкид менамояд.

Маводи таҳқиқшаванда ба хулосае меорад, ки тамоми қолабҳои дар аснои хоҳишу дархост истифодашаванда аз рӯйи семантикаи худ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Гурӯҳи қолабҳое, ки нияти гӯянда (адресант)-ро нишон медиҳанд – «ман ба Ту (Шумо) бо хоҳише муроҷиат мекунам».

Гӯянда (адресант) ба имконияти иҷрои хоҳиши худ аз ҷониби шунаванда (адресат) боварӣ дорад. Вақте ки ба гуфтор воҳидҳои қолабҳои гурӯҳи мазкур ворид карда мешаванд, хоҳишу дархост оҳанги нисбатан қатъиро соҳиб мегардад. Ин гурӯҳ тавассути якчанд воситаҳои семантикӣ ва сохторӣ ифода мегардад, ки аз ҳамдигар бо дараҷаҳои гугогуни нармии хоҳишу дархост фарқ мекунанд. Нияти хоҳишу дархости гӯяндаро аз ҳама беҳтар таркиби феъли шахси якуми шумораи ҷамъ мехостем + сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ нишон медиҳад. Дар ин ҳолат гӯянда воситаи водоркуниеро, ки тавассути он ба шунаванда (адресат) муроҷиат мекунад, муайян менамояд. Қолаби мазкур вобаста ба таркиби худ, инчунин вобаста ба матн ва аснои нутқ маъноҳои гуногунро ифода карда метавонад: гӯянда хоҳиши қатъӣ, аммо нармро баён карда, дар он тобеияти худро аз шунаванда таъкид менамояд. Дар нутқи журналистон ин тарзи баён имкон медиҳад, ки шунаванда барои ҳаяҷони худро фурӯ нишондан имконият пайдо намояд. Чунончи:

Бештари осори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ мавзӯи пандуахлоқиро дар бар мегирад. Мехостем назари Шуморо дар ин бобат фаҳмем [ТВТ.Субҳ: 13.05.14] .

Аммо нахустсуол ҳамин, ки агар омадед, ҳатман бо шеъри тоза омадед, агар шеъри тоза ҳаст, пас ҷилои тоза дорад, накҳати тоза дорад ва тасвири тоза дорад, мехостем бишнавем [ТВС. Вожазори маонӣ: 2.05.12].

Мехостем перомуни ҳамин масъала андешаи Шуморо бифаҳмем [ТВТ.Субҳ: 13.05.14] .

Устоди азиз, қабл аз ҳама донистан мехостем, ки дилбастагии хешро ба санъат кай эҳсос кардед?[ТВТ.Субҳ: 24.04.12] .

Дар қолаби мазкур шаклҳои феълии замони гузаштаи ҳикоягии сиғаи хабарӣ мавқеи махсус доранд: *мегуфтед, мехондед, месароидед* ва ғ. Аз таҳлили маводи таҳқиқшуда маълум мегардад, ки қолаби мазкур ҳангоми ифодаи хоҳишу дархост, махсусан, дар барномаҳои иттилоотӣ-фароғатӣ хеле серистеъмол буда, ба мундариҷаи умумӣ мафҳуми «муҳиммият»-ро ворид мекунад:

Устод, тавре ки мебинем, дар эҷодиёти Шумо шеърҳои ватандӯстона мавқеи хосса доранд ва бисёр мехостем, ки аз эҷоди худ чанд сухан мегуфтед [ТВТ. Субҳ: 1.04.14] .

…мехостем як сурудро айни ҳол бароямон пешкаш мекардед ва баъдан суҳбатро идома медодем [ТВС.Созу роз: 29.04.12].

Мегуфтед, ки ба андешаи худи Шумо кадом суруд Шуморо Афзалшоҳ кард миёни мардум? [ТВС.Созу роз: 29.04.12] .

Мехостем, чанд лаҳзае ба қафо бармегаштеду ба хотир меовардед аввалин сурудеро, ки Шумо сароидед [ТВС.Созу роз. 29.04.12] .

Бо ворид гардидани ҷузъҳои иловагӣ то кадом андоза зиёд будани хоҳиши адресант барои амалӣ шудани дархосташ таъкид мегардад ва моҳияти хоҳиш бо чунин ҷузъҳои иловагӣ, ба мисли феъли таркибии *илтиҷо мекунам* ва шакли феълии шахси дуюми сиғаи амрӣ-*биё* ғанитар мегардад, ки ба гуфтор як навъ оҳанги илтиҷоомез ва аз ҷониби шунаванда раднашавандаро илова мекунад:

Мехоҳам фотеҳаи Шуморо бигирад, ба қадри меҳнат бирасад. Илтиҷо мекунам, не нагӯед…[АС. 11.03.10, с.3] .

Пайванди ҷон, ҳаво сард, либосат тунук, танат андак бемор, биё нарав, ҳамин ки муолиҷа кардем, худам мебарамат[АС. 1.04.10, с.9] .

Зикр кардан бамаврид аст, ки қолабҳои мазкур бештар дар матнҳои матбуот, махсусан, дар жанри очерк дучор мешаванд.

Барои тобиши ниҳоят нарми гуфтор гӯянда (адресант) бо ёрии феъли фармоиши *биёед* хоҳишашро ба иттиҳоди худ ва шунаванда вобаста намуда, кӯшиш мекунад, ки эҳтироми махсус ва муносибати самимиашро нисбат ба адресат таъкид намояд, дар замири мусоҳиби худ эҳсоси дӯстиро бедор кунад, фурӯтании худро нишон дода, ба ин васила ӯро ба иҷрои хоҳишу дархосташ водор намояд:

Пас, биёед, бонувони азиз, ҳамрозу ҳамнишину ҳамқадами ҳамдигар бошем…[БТ. № 1. 2013, с.43] .

Биёед, бигӯем, ки ин миқдоре, ки Шумо ҳоло гуфта гузаштед, барои як бисквит сарф мешавад… Хеле хуб, сар кардем, аз чӣ сар мекунем? [ТВТ. Кошона. 12.03.12] .

Дар мавриди хоҳишу илтимос журналист барои эҷодкориву суханофарӣ имкониятҳои фаровонтар дорад. Барои ин ба журналист муродифоти воҳидҳои синтаксисӣ кумак мекунад. Чунончи, дар мисоли зерин таркиби «хоҳиши нарм» амри одиро иваз намудааст, ки дар сурати онро истифода кардан оҳанги гуфтор аз обуранги ҳиссӣ маҳрум мегардид.

Огози суҳбат аз ҷониби мо буд, *Ман суҳбатро оғоз кардам,*
бошад, ки анҷомаш дар *Шумо ба охир расонед.*
ихтиёри Шумо бошад
[ТВС.Вожазори маонӣ. 2.05.12].

Вақтҳои охир дар васоити ахбори омма хоҳиши бевосита ё муқаррарӣ дар шакли феълҳои сиғаи амрӣ низ то як андоза маъмул гардида буд, ки оҳанги хоҳишро боисрор, омирона, қатъӣ ва дар натиҷа, нисбатан камэҳтиромтар ва то як андоза ғайримуаддабона менамояд. Дар ин маврид гӯянда озодии интихоби адресатро маҳдуд карда, ӯро барои иҷро намудани хоҳиши худ таҳрик медиҳад, яъне ба ӯ як навъ фишор меорад:

Хоҳиш мекунам, устод, мафҳуми «трансгенӣ»-ро ба бинандаҳо фаҳмонед [ТВТ. Дар ниҳояти рӯз. 14.09.13] .

…дар ниҳояти суҳбат мехостам чанд сухан барои бинандаҳои мо гӯед, то ки рӯзгори худ дошта бошанд ва тарзи дурусти истеъмоли гизоро дар зиндагии худ ҷорӣ намоянд [ТВТ. Дар ниҳояти рӯз. 14.09.13] .

Зикр кардан лозим аст, ки омили асосии аснои хоҳишу дархост омили адресат мебошад. Дар мисолҳои дар боло овардашуда хоҳиш ба Корманди шоистаи соҳаи тибби ҷумҳурӣ, шахси калонсол ва соҳибэҳтиром равона гардидааст, ки аз ин оҳанги хоҳиш боз ҳам омиронатар ва дағалтар ба назар мерасад. Мутаассифона, чунин мисолҳо дар гуфтори баъзе журналистони тоҷик кам нестанд:

…Шумо барои мо омода кардани суманакро маънидод кунед, аз ҳамон лаҳзае, ки сабза медамад то хӯрдани он [ТВС. Мумтоз. 20.03.12].

Ғазалҳои ошиқонаи Шумо хеле зиёданд, пешкаши хонанда кунед як ғазали зебои худро [ТВС.Хонадон. 3.10.12].

Шумо дар пайи омода кардани субҳона ҳастед, ана ҳамин бахши моро тамошо кунед [ТВС.Сапедадам. 17.09.14].

Тарзи тайёр кардани қандоброи ҳамаи шумо медонед, гуфта гузаред, Маҳинабону![ТВТ.Кошона. 12.03.12] .

Дар мавриди хоҳиш, махсусан, дар жанри мусоҳиба чунин қолабҳоро ҳам дучор кардан мумкин аст, ки тавассути ҳиссачаи *канӣ* сурат гирифтаанд ва беэҳтиромии маҳзро нисбат ба адресат намоиш медиҳанд:

– Гапатон рост бошад, канӣ тарзи тайёр кардани хӯриши франсузиро гӯед?! [ба Нигора Холова] *… Канӣ гӯед, боз дар кадом ҳунарҳо баладед?* [Оила. № 37. 11.09.2013] .

Дар бобати вайрон кардани қоидаҳои одоби муҳоварат ҳамчунин баъзе мисолҳоеро овардан мумкин аст, ки худи мундариҷаи хоҳиш ба қоидаҳои одоби муҳоварат мувофиқат намекунанд ва истифодаи шакли феълии сиғаи амрӣ инро тақвият медиҳад:

Камтарак, апаҷон, мечашем, як-ду дона хӯред ва гӯед, ки бисёр бомазза буд [ТВС. Пайки сафед. 30.12.2013] .

Арақатона тоза кунед, устод, ба худо арақ кардед, устод! [ТВС.Пайки сафед. 30.12.2013] .

Қобили зикр аст, ки ба феъли чунин қолабҳо ҳамроҳ шудани пешванди шаклсози *би-* оҳанги омиронаву қатъии хоҳишро камтар карда, оҳанги эҳтиромомези аснои муоширатро зиёдтар мегардонад:

Бале, духтарам, бирав, бо падар маслиҳат бикун, фотеҳаашро бигир, - гуфт раис қаноатмандона [АС. 11.03.2010] .

Дар асноҳое, ки адресант аз амали адресат розӣ нест, дар гурӯҳи мавриди таҳлил қолабҳое корбаст шуда метавонанд, ки хоҳиши боисрор ва қатъии гӯяндаро дар бобати худдорӣ кардани шунаванда аз ин амалҳо, яъне як навъ эътирози ӯро ифода менамоянд:

Занҳои азиз! Беҳуда рашк карда, ҷони мардони бечораро ба лабашон набиёред [ЧГ № 6. 12.02.14] .

Додари азиз, Шумо ҳақ надоред, ки аз номи умум чунин сухан ронед! Бародари азиз, аз халқи рус нанолед [СССР. № 26, 26.06.14]!

– дар мисоли боло боз як ҷузъи камкунандаи оҳанги эҳтиром мавҷуд аст: адресант ба шунаванда имкони фаҳмиданро намедиҳад (Ту мебоист инро мефаҳмидӣ, вале намефаҳмӣ), яъне ҷузъи «хашмгинӣ, сарзаниш» ба вуҷуд меояд. Ин ҳодиса дар мисоли зерин низ хеле барҷаста аён мегардад:

Ҳоҷии муҳтарам, тоқиро аз сар гирифта, як бори дигар фикр кунед [СССР. № 26, 26.06.14] .

Баъзе журналистон бо мақсади ба гуфтор додани тобиши муоширати озоду бетакаллуф дар мавриди баёни хоҳиш мақсади худро дар қолаби ҷумлаҳои яктаркибаи унвонӣ изҳор менамоянд:

Муаллимаҷон, ин лаҳза табрикоти Шумо ба телевизиони «Сафина» ва кулли мардуми Тоҷикистон [ТВС. Пайки сафед. 30.12.2013].

Ассалому алайкум, Фирӯзабону! Табрикоти Шумо аввал [ТВС.Мумтоз. 20.03.2012] .

Ба назари мо, чунин шакли хоҳиш як андоза густохона буда, истифодаи онҳо дар ҳамаи асноҳои нутқ ва нисбат ба ҳамаи адресатҳо ба мақсад мувофиқ нест.

2. Гурӯҳи қолабҳои бевосита хоҳишро ифодакунанда.

Яке аз вариантҳои беҳтарини ифодаи арзу хоҳиш дар одоби муҳоварати тоҷикӣ саволи риторикии гӯянда мебошад, ки имконияти аз ҷониби адресат иҷро намудани хоҳишу дархост ва ё дар иҷрои он иштирок кардани ӯро муайян мекунад. Қолабҳои мазкур ба услуби баланд мансубанд, тобиши махсуси хушмуомилагию эҳтиром доранд, зеро семантикаи хоҳишу дархостро бавосита ифода менамояд, аз ин рӯ, зоҳиран хоҳиш дурушт наменамояд. Гӯянда ба адресат имкон медиҳад, ки шунаванда ҷавоби рад дода тавонад, вале дар айни замон дар ӯ майли иҷро кардани дархост пайдо гардад. Маводи таҳқиқшаванда нишон медиҳад, ки хоҳишу дархост дар ин маврид аз ҷониби адресант муҳим арзёбӣ мешавад:

…фаъолият дар ҷодаи санъат ва ҳифзи оилаи солим, чӣ гуна ин тавр муваффақият даст додааст, аз таҷрибаи худ баҳри бинандагон чанд сухан мегӯед?! [ТВТ. Субҳ. 8.04.2013] .

Яке аз вариантҳои гурӯҳи семантикии мазкур саволи гӯянда дар хусуси амали аз ҷониби шунаванда пешбинишуда мебошад:

Шояд боз як шеъри дигар мехонед, Шаҳрия?! [ТВС.Вожазори маонӣ. 2.05.2012] .

Ва ҳоло имкон доред, ки пораеро аз суруди «Алла» баҳри мо, баҳри бинандагон бо овози табиии худ ҳадя намоед?! [ТВТ.Субҳ. 4.03.2014] .

Баъзан мундариҷаи чунин савол-хоҳишҳо тобиши эҳтиромро аз байн мебаранд:

Пас, шояд, устод, маслиҳат медиҳед, ки то муайян кардани таркиби маводҳои гизоии ана ҳамин трансгенӣ ё ки ташкил кардани ягон пажӯҳишгоҳ гӯем, ё ташхисгоҳ

гӯем, ё лаборатория гӯем, мардум шояд аз гизоҳои ватанӣ истеъмол кунанд?! [ТВТ. Дар ниҳояти рӯз.14.09.13].

Дар муошират байниҳамдигарии ҳаррӯза саволҳои риторикии мазкур дар ду шакл зуҳур меёбанд: инкорӣ ва тасдиқӣ. Шакли инкорӣ як навъ шубҳаи адресатро дар хусуси бомуваффақият анҷом ёфтани муошират ӯ ифода мекунад [дар одоби муҳоварати русӣ инро «вежливый пессимизм» меноманд] ва бо ҳамин тарз гӯянда нишон медиҳад, ки ӯ ҳамсуҳбати худро ба иҷрои амал маҷбур намекунад: *Ту омада наметавонӣ?* Шакли тасдиқӣ рӯҳияи хушбинонаи гӯяндаро ифода менамояд: ӯ боварӣ дорад, ки адресат хоҳиши ӯро иҷро мекунад: *Ту омада метавонӣ?*

Варианти дигари ин гурӯҳи семантикӣ дар забони тоҷикӣ қолабҳое мебошанд, ки дар онҳо хоҳишу дархост дар шакли ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави шарт ифода меёбад. Дар ин гуна мавридҳо гӯянда, одатан, адресатро ба иҷро кардан ва ё накардани ин ё он амал водор мекунад, ки барои худи адресат муҳим аст. Гӯянда хоҳишу дархости худро дар чунин шакл баён намуда истода, фаъолияти адресатро ба маҷрои муайян даровардан мешавад, кӯшиш мекунад, ки аз доираи одоб берун набарояд, шахсияти мусоҳибро эҳтиром намояд ва ба ин васила барои иҷро шудани хоҳишаш заминаи хуб фароҳам оварад:

Наҷмиддин, медонам, ки Шумо ҳам ба Минск меравед. Албатта, Шумо ҳам дасти холӣ рафтанӣ нестед, барои ҳамин таклифе дорам… Чӣ мешавад, ки онро бо ороиши зебо Шумо ҳам чоп кунеду ба Минск барем [АС. 1.04.2010, с. 13].

Қолаби мазкур чандон зиёд ҳам набошад, дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо дучор мешаванд, аммо дар матнҳои журналистии радио ва телевизион чунин қолабҳо дучор намешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар мисолҳои зиёди насри классикии тоҷик қолаби мазкур хеле серистеъмол будааст. Бо ёрии ин гуна қолабҳо адресант имконият дорад, ки умумияти ҳиссиёту таассуроти худ ва шарики коммуникатсионии худро дар аснои мазкур таъкид карда, ба иҷро шудани хоҳишу дархости худ бовар кунад:

Чӣ шавад, агар ба бандахона қадам ранҷа фармоед ва сари муфохирату муҳоботи бандагонро ба зурваи сипеҳри иззат расонед [БВ. С.1150] .

Шаҳриёро! Чӣ шавад, ки аз хуни маҳзун гузаранд, маро ва ин писарро рухсат фармоянд [ЧД: 35] .

Дар замони мо баъзеҳо бар он ақидаанд, ки ин гуна қолабҳо мубрамияти истифодаи худро гум кардаанд, вале дар хотир нигоҳ доштан лозим аст, ки хоҳишу дархост ҳар қадар нарм баён карда шавад, таъсири он ба ҳамон андоза зиёд мегардад.

Зикр кардан зарур аст, ки дар одоби муҳоварати классикони мо қолаби дигаре қобили таваҷҷуҳ аст, ки муносибати боэҳтирому муаддабонаи адресатро дар мавриди хоҳишу дархост намоиш медиҳад. Ба назари мо, ин навъи хоҳиш ҳам дар замони мо мубрамияти худро аз даст надодааст ва дар одоби муҳоварати журналистӣ истифода шудани он айни муддаост: *Бошад, ки ба ямани қадами шарифи худ хонаи фақиронро мушарраф гардонед.* [БВ. 782]. Аз ҷониби профессор Б.Камолиддинов дар аснои хоҳишу дархост нақши муродифоти синтаксисӣ хеле назаррас арзёбӣ мегардад. Устод бар он назаранд, ки «Интихоби ин ё он таркиб аз силсилаи муродифоти синтаксисӣ, аввалан, ба мақсади асосии гӯянда ва баъдан, ба имконоти услубии забон вобастааст» [3, с. 58]. Дар одоби муҳоварати журналистӣ интихоби ин ё он воҳиди нутқ ғайр аз омилҳои номбаршуда, ба ҳолати иҷтимоӣ, мавқеи ҷамъиятӣ, синну сол ва жанри ин ё он барнома вобастааст. Агар силсилаи синонимии матни дар боло овардашударо таҳия кунем, ба тарзи зайл сурат мегирад:

Бошад, ки ба ямани қадами шарифи худ хонаи фақиронро мушарраф гардонед // Кош бо ташрифатон хонаи фақиронро мушарраф гардонед // Агар ба хонаи мо ташриф фармоед, моро шарафёб хоҳед гардонд // Агар ба хонаи мо оед, шарафёб хоҳем шуд // Омадани Шумо сари моро ба осмон мерасонад //Аз омаданатон хеле хурсанд мешавем.

Ҳамин тариқ, дар ифодаи мафҳуми хоҳишу дархост одоби муҳоварати тоҷикӣ имконоти зиёдеро фароҳам овардааст, то ки гӯянда дар вазъиятҳои гуногуни нутқ муодили мувофиқтаринро интихоб карда тавонад ва вобаста ба ин ё он аснои мушаххаси нутқ хоҳиши худро то ҳадди имкон нарму самимӣ баён намояд. Дар муошират журналистӣ ин яке аз омилҳои муҳимми ҷалби таваҷҷуҳи аудитория аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Балакай А.Г. Словарь русского речевого этикета / А.Г. Балакай. 2-е изд., испр. и доп. – М.: АСТ-ПРЕСС, 2001. – 672 с.
2. Зверева Е.В. Коммуникативно речевая ситуация «Комплимент»: дисс... канд... филолог, наук / Е.В. Зверева. – М., 1995. – 330 с.
3. Камолиддинов Б. Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языке / Б.Камолиддинов. – Душанбе, 2012. – 287 с.
4. Костомаров В.Г. Языковой вкус эпохи. Из наблюдения над речевой практикой масс медиа / В.Г. Костомаров. Издание третье, испр. и доп. – Спб., 1999.– 320 с.
5. Формановская Н.И. Коммуникативно-прагматические аспекты единиц общения / Н.И. Формановская.– М.: Издательство ИКАР, 1998. – 292 с.
6. Формановская Н.И. Культура общения и речевой этикет / Н.И. Формановская. – М.: ИКАР, 2005. – 250 с.
7. Храковский В.С. Семантика и типология императива / В.С.Храковский, А.П. Володин. Русский императив. -М.: Наука, 1980. – 270 с.

СЕМАНТИКАИ НАРМГУФТОРӢ ДАР АСНОҲОИ ХОҲИШУ ДАРХОСТ

Дар мақола яке аз ҷанбаҳои муҳимми одоби муҳоварат – гурӯҳи асноӣ-семантикии хоҳишу дархост мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки барои ифодаи амр, хоҳишу дархост, пурсишу илтимос ба кор бурда мешавад. Муаллифи мақола таъкид мекунад, ки маҳз тавассути ин қолабҳо хусусиятҳои асосии услуби муошират тоҷикона зоҳир мегарданд. Интихоби ин ё он восита вобаста ба вазъияти мушаххаси муҳоварат муайян гардида, ба мавқеи иҷтимоии гӯянда ва шунаванда вобастааст. Ин гурӯҳи одоби муҳоварат тавассути якчанд воситаҳои семантикӣ ва сохторӣ ифода мегарданд, ки аз ҳамдигар бо дараҷаҳои гуногуни нармии хоҳишу дархост фарқ мекунанд. Ба ақидаи муаллиф, нияти хоҳишу дархости гӯяндаро аз ҳама беҳтар таркиби феъли шахси якуми шумораи ҷамъ мехостем + сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, ҳамчунин саволи риторикии гӯянда, ки имконияти аз ҷониби адресат иҷро намудани хоҳишу дархост ва ё дар иҷрои он иштирок кардани ӯро муайян мекунад, ифода мекунанд. Қолабҳои мазкур ба услуби баланд мансубанд, тобиши махсуси хушмуомилагию эҳтиром доранд, зеро семантикаи хоҳишу дархостро пардапӯшона ва бавосита ифода менамоянд, аз ин рӯ, оҳанги хоҳиш ба гӯши шунаванда дурушт намерасад.

Калидвожаҳо: одоби муҳоварат, журналист, хоҳиш, нармгуфторӣ, хушмуомилагӣ, эҳтиром, семантика, саволи риторикӣ, муродифоти синтаксисӣ

СЕМАНТИКА ВЕЖЛИВОСТИ В СИТУАЦИЯХ ПРОСЬБЫ

В статье расматривается один из важных аспектов речевого этикета – ситуативно-семантическая группа просьбы, употребляемая в ситуации побудительности, для выражения просьбы. Автор статьи подчёркивает, что именно эти формулы определяют доминантные черты таджикского стиля коммуникации. Выбор тех или иных средств определяется конкретной ситуацией общения и зависит от социальных параметров коммуникантов. Данная группа речевого этикета выражается посредством некоторых семантическо-структурных средств, отличающихся различными степенями вежливости при побудительных ситуациях. По мнению автора, наиболее ярко демонстрируют намерение просьбы говорящего перфоматывная конструкция глагол первого лица множественного числа мехостем + сослагательное наклонение глагола, а также риторический вопрос говорящего о возможности для адресата выполнить просьбу или участвовать в её выполнении. Данные формулы являются наиболее высокоэтикетными, создают подчёркнуто вежливую тональность общения, так как передают семантику просьбы косвенно, и следовательно, обладают внешне меньшей побудительной силой.

Ключевые слова: речевой этикет, журналист, просьба, вежливость, уважительность, семантика, риторический вопрос, синтаксическая синонимия

THE SEMANTICS OF POLITENESS IN SITUATIONS OF REQUEST

The article examines one of the important aspects of speech etiquette - the situational-semantic group of a request, used in a situation of urgency, to express a request. The author of the article emphasizes that it is these formulas that determine the dominant features of the Tajik style of communication. The choice of certain means is determined by the specific situation of communication and depends on the social parameters of the communicants. This group of speech etiquette is expressed through some semantic-structural means, differing by different degrees of politeness in incentive situations. According to the author, the intention of the speaker's request is the most prominent construction of the first-person verb of the plural with a flesh + subjunctive mood of the verb, as well as the rhetorical question of the speaker's ability to fulfill or participate in the request. These formulas are the most highly ethical, they create an underlined polite tone of communication, since they convey the semantics of the request indirectly, and therefore, they have a seemingly lesser motivating force.

Key words: speech etiquette, journalist, request, politeness, respectfulness, semantics, rhetorical question, syntactic synonymy

Сведения об авторе: ***Джураева М.Р.*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, заведующая кафедрой стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 93-880-93-01**

Information about the author: ***Dzhuraeva MR*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Head of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-880-93-01**

УДК: 491.71+491.550+42

МОДАЛЬНЫЕ ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ КАК СРЕДСТВО ВЫРАЖЕНИЯ СУБЪЕКТИВНОЙ МОДАЛЬНОСТИ

Шарипов Б.А.
Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава

Модальные слова как средство выражения субъективной модальности являются самой большой группой слов, как в русском, так в таджикском и английском языках. Модальные слова, как особая группа функционально-семантических лексем таджикского языка, также являются очень разнообразными. Помимо различных модальных оттенков, как в русском, так и в английском языках, имеют коннотативное значение, выражают эмоциональное, экспрессивное, оценочное отношение говорящего следующими словами: ***албатта*-конечно-of course, *зимнан*-кстати-by the way, incidentally, *ҳақиқатан*-действительно-really, *бешубҳа*-несомненно-certainly** и т.д.

Модальные слова в предложении не примыкают к одним и тем же членам предложения. Они стоят вне связи с какими-нибудь определёнными частями речи. Они выражают модальность высказывания в целом или отдельных его компонентов.

В современном таджикском языке в составе модальных слов глагольного происхождения нет заимствованных, все они принадлежат данному языку и имеют двузначный характер: употребляются как члены предложения (в качестве полнозначного глагола), и в качестве модальных слов.

В русском, таджикском и английском языках выявлены идентичные свойства модальных глаголов, как средств выражения субъективно-модальных значений. Модальные глаголы отличаются от обычных глаголов тем, что они не выражают конкретные действия, но содержат значения необходимости, возможности, вероятности, сомнения, желательности действия.

Как и модальные слова, фразеологизмы являются средством выражения отношения говорящего к своему высказыванию. По семантике модальные фразеологизмы русского языка, выражающие эмоциональные отношения говорящего, можно разделить на две группы: модальные фразеологизмы, выражающие положительное отношение говорящего к высказыванию (**радость; восхищение** и т.д.); модальные фразеологизмы, выражающие отрицательное отношение говорящего к высказыванию (**сожаление, огорчение** и т.д.).

В «Фарҳанги забони тоҷикӣ» модальные фразеологизмы таджикского языка по структуре тоже разделены на две основные группы: а) фразеологические единицы изафетной конструкции ***(рости гап, аз афти кор);*** б) фразеологические единицы конструкции примыкания, глагольные и предложные сочетания ***(эҳтимол дорад, хуш ки бошад).***

Что касается английского языка, модальные фразеологизмы являются средством выражения, обозначающие различное отношение говорящего к тому, что говорится**: it's another pair of shoes - это совсем другое дело; it's not my cup of tea - это не моё.**

Оценочная модальность английских фразеологических единиц представляет собой сложную многокомпонентную систему, единую в смысловом отношении, где одновременно присутствуют когнитивный и оценочно-модальный компоненты. Оценочно-модальный компонент связан непосредственным образом с субъективным оцениванием автором всех изучаемых явлений и фактов окружающей действительности с позиции его личных взглядов, ценностных установок, мировоззренческих идей, определяющих, тем самым, его собственную картину мира.

Большая часть модальных слов русского языка идентична модальным словам таджикского языка.

Модальные слова в русском языке могут выражаться и в виде фразеологических словосочетаний, идиом. Модальные фразеологизмы относятся к одним из важнейших средств оформления категории модальности в русском языке.

Виноградов В.В. в своей работе «О категории модальности и модальных слов в русском языке» отмечает: «Всё шире и шире в категорию модальности вовлекаются целые фразеологические сочетания, фразеологические единства и фразеологические сращения.

Эти фразеологические выражения являются лексикализованными словосочетаниями, компоненты которых после сращения отходят от своих основных лексических значений и приобретают в целом новые модальные оттенки. Состав таких фразеологических единиц очень разнообразен, соотносится со всеми частями речи, как самостоятельными, так и служебными словами: кстати сказать, собственно говоря, может быть, должно быть и т.д.» [1, с. 176].

Модальные фразеологизмы по своей структуре схожи со структурой лексического значения модальных слов - вводных единиц и междометий. Они могут выражать эмоциональное отношение говорящего к высказыванию (огорчение, удивление, радость, восхищение, печаль, досаду, негодование и пр.). Например, модальный фразеологизм «**к счастью**» выражает субъективно-модальное значение радости, облегчения, которое в таджикском и английском языке передается модальными фразеологизмами ***«хушбахтона»,*** **«luckily, thankfully, fortunately».** Это положительное отношение говорящего.

- Но, к счастью, никто его не заметил. [12, с.68]. **–** ***Аммо, хушбахтона, ҳеҷ кас ӯро надид.*** **But, fortunately, no one noticed him.**

- И оказалось, что он, к счастью, ещё не ушёл. [6, с.44]. **–** ***Ва маълум шуд, ки ӯ, хушбахтона, ҳанӯз нарафтабудааст.*** **- And it turned out that he, fortunately, had not yet left.**

Модальный фразеологизм «**чёрт возьми»,** который в таджикском и английском имеет свои варианты, т.е. **- сабил монад, бало занад - damn, hang it**, выражает недовольство, возмущение. Это отрицательное отношение говорящего к своему высказыванию.

- Так зачем же ты, черт возьми, с советом лезешь, ежели забыл? [15, с.185] **-** ***Пас, чаро ту, сабил монад бо маслиҳатҳои худ мудохила мекунӣ, гарчанде фаромӯш кардам?*** **- So why the hell do you climb with advice, when've forgot?**

- Кому мы, чёрт их возьми, помогли выиграть войну своими боками! [14, с.388]. **–** ***Ба киҳо, бало занад, голиби ҷанг омаданро, кӯмак кардем!*** **- Whom we, damn them have helped to win the war with our sides!**

По семантике модальные фразеологизмы, выражающие эмоциональное отношение говорящего, можно разделить на две группы:

- модальные фразеологизмы, выражающие положительное отношение говорящего к высказыванию (радость, восхищение, удовольствие, восторг, удовлетворение, гордость, успокоение, торжество, облегчение и т.д.)

- модальные фразеологизмы, выражающие отрицательное отношение говорящего к высказыванию (сожаление, досада, огорчение, возмущение, гнев, упрёк, укор, негодование, пренебрежение, злоба, раздражение, недоумение и т.д.).

К первой группе относятся следующие фразеологизмы: к радости, **Боже мой** (с учетом многозначности); **слава Богу, к счастью, на счастье, к (моему, нашему…)** удовольствию; **вот это да!, вот то-то же!, знай наших!, ишь ведь!, ну и ну!,** подумать только! (с учетом контекста); **Бог в помощь!, Бог милостив, жить можно, лиха беда начало, слава тебе, Господи, милое дело** и др.

Ко второй группе относятся следующие фразеологизмы: **к (великой, моей) досаде, к несчастью, к сожалению, будь (ты, он, она) неладен (ны), вот ведь досада, к (великому, моему) ужасу, как на беду, ко всеобщему неодобрению, не твоего ума дело, разрази тебя гром, только этого не хватало, фу ты!, вот еще, еще чего!, к черту!, черт бы (его, её, их) побрал, черт возьми, черт с (ним, ней, вами), эх ты!, тьфу ты пропасть!, так тебе (им, ему) и надо, ну его к черту, как на грех** и др.

Фразеологическая единица с компонентом **Бог** несёт в себе не только положительную окраску предложения, но и отрицательную. Например, фразеологизмы, **Слава Богу, Боже мой!** имеют несколько модальных значений в исследуемых языках: **-** ***Худоба шукр, шукри Худо*** **- Thanks God, -** ***Худои ман!, ё Аллоҳ!*** **- Oh my God!** и т.д.

- А как мне надо было вас видеть... Боже мой, как у меня теперь сердце бьётся... – выражение радости и облегчения. [7, с.233]. **-** ***Ва чӣ гуна ман бояд туро медидам ... Худои ман, чӣ гуна дили ман ҳоло метапад ...*** **- And how I had to see you ... Oh my God, how my heart is beating now...**

- Боже мой, какая мука! – выражение боли и отчаяния [10, с.43]. **-** ***Худои ман, чӣ азобест!*** **– Oh my God, what a torment!**

Фразеологизмы, выражающие субъективно-модальные отношения, также могут иметь следующие значения: уверенность, неуверенность, предположение, сомнение, согласие и т.д.

К ним относятся следующие фразеологизмы: **без (вне) (всякого) сомнения, Бог даст, Бог весть, Бог (его, ее, их) знает, бьюсь об заклад, вряд ли, в (на) самом деле, должно быть, ей Богу, ещё бы!, ещё как!, как видно, казалось бы, кто знает, клянусь честью, (а) как же (иначе), конечное дело, может быть, надо быть, накажи меня Бог, надо (так) думать, надо полагать, не правда ли, по существу, (судя) по всему, стало быть, хоть убейте, честное слово, ясное дело.**

Например:

- **Это, без всякого сомнения, самая лучшая школа.** [11, с.88] – значение уверенности. **- *Ин, бе ягон шубҳа, беҳтарин мактаб аст* - This is without any doubt the best school.**

- А как же иначе, наши-то в степи ночуют, несладко им… [15, с.79.] – значение согласия. – ***Боз чӣ гуна буда метавонад, моён шабона дар даштҳо мегузаронем, барои онҳо осон нест...* How could it be otherwise, we spend the night in the steppes, it is not easy for them...**

- **Черта с два!** - протестовал Михаил Аверьяныч. - **Это изумительный город!»** [15, с.599] – значение несогласия**. - *Сабил монад! Михаил Аверианч эътироф кард.* - Hell no! - Mikhail Averyanych protested.**

Необходимо отметить, что свойство модальных фразеологизмов выражать разнообразный круг модальных оценок и отношений определяется тем, что в реализации их содержательной структуры исключительно важную роль играют интонационное оформление, языковой контекст, ситуация речи.

В таджикском языке фразеологические единицы также могут выражать субъективно-модальные значения. Фразеологические единицы, которые употребляются в речи как тождественные отдельным словам, являются для таджикского языка традиционными. Они имеют глубоко исторический характер. Эти устойчивые словосочетания очень широко используются в современном таджикском литературном языке.

Например: идиоматическое выражение ***аз ду сар,*** которое после сращения перешло в неделимую фразеологическую единицу, имеет несколько синонимичных значений: **безусловно, конечно, обязательно, разумеется, непременно, неизбежно** и т.д.

К модальным фразеологическим единицам таджикского языка можно отнести: ***ба таври ин* (наверняка, определенно), *аз афти кор* (по-видимому, вероятно), *дар омади гап* (кстати), *бе чуну чаро* (несомненно), *ин тавр бошад* (раз так), *рости гап* (по правде говоря), *бо вучуди ин* (он) (несмотря на это), *хуш ки бошад* (таким образом), *эҳтимол дорад* (возможно, вряд ли, навряд ли, может быть), *хулласи калом* (следовательно), *қисса қутоҳ* (короче говоря)** и т.д.

По структуре эту категорию модальных фразеологических единиц можно разделить на две основные группы: а) фразеологические единицы изафетной конструкции; б) фразеологические единицы конструкции примыкания, глагольные и предложные сочетания [4, с.8-17].

«Модально-фразеологические единицы с изафетной формой в таджикском языке представлены следующей конструкцией: определяемое слово с постпозитивным определением. Имена существительные и прилагательные, соединённые изафетом, представляют собой в предложении синтагму, объединённую единством выхода и отделённую от других слов паузой. Определительное изафетное сочетание фактически получает в предложении такое же синтаксическое оформление, как отдельное слово, поскольку все служебные элементы выносятся за его пределы и относятся к нему в целом, как к единице неделимой» [3, с.85]. Следовательно, эти изафетные словосочетания, превратившись в неделимую фразеологическую единицу, приобретают модальную функцию: ***аз афти кор* (по-видимому, вероятно- likely, probably, apparently), *ба назари ман* (на мой взгляд - in my view, to my mind), *рости гап* (правда, на самом деле - actually, in fact, really)** и др.

Например: - ***Аз афти кор одамон дар майдон бесабаб ҷамъ наомадаанд*** [13, с.59]. - **По всей видимости, люди собрались на площади не просто так. - Apparently, people gathered in the square not just like that.**

- *Маҷлис, ба ақидаи ман, тезу тунд гузашт* [8, с.17] - **Собрание, на мой взгляд, прошло бурно и напряженно. - The meeting, in my opinion, was stormy and tensely.**

В этих предложениях автор выражает уверенность высказывания.

Модально-фразеологические единицы глагольные и предложные сочетания – это соединение двух или более знаменательных слов конструкцией примыкания или порядком слов, вместе с относящимися к ним служебными словами или без них, которые выражают единое понятие. Неделимые компоненты этой конструкции являются неотъемлемой частью этих идиоматических единиц. К ним можно отнести такие фразеологические единицы, как ***қисса кутоҳ*** **(короче говоря),** ***хуш ки бошад*** **(таким образом***), эҳтимол дорад* **(возможно, вряд ли, навряд ли, может быть),** ***аз ду сар, бе шубҳа, бе гумон, бе шак, бе шакку шубҳа*** **(обязательно, несомненно, бесспорно),** ***ба ҳамин тариқ*** **(таким образом),** ***бе чуну чаро*** **(безоговорочно, без разговоров, без возражений),** ***ин хел (тавр) бошад*** **(если так)**, и т.д., которые выражают в предложении различные субъективно-модальные значения. Например:

- Бешубҳа, писарак аз хонандагони пешқадами мактаб ҳисоб меёбад [13, с.11]. - **Безусловно, мальчик является преуспевающим учеником. Of course, the boy is a successful pupil.**

- Бе чуну чаро, мо ба ин масъала равшани меандозем [13, с.44]. - **Без всяких сомнений, мы внесём ясность в данный вопрос**. **Without a doubt, we will clarify this issue.**

В этих предложениях также выражены субъективно-модальные значения утверждения. Автор речи уверен в своих высказываниях.

Модальные слова ***хӯш, хӯш ки бошад*** **(так, итак, если так),** ***ана, ана халос*** **(ну и ну, вот тебе на),** ***ана чи тавр*** **(вот как),** ***ана аз ҳамин сабаб*** **(вот по этой причине),** ***ана гапу мана гап*** **(вот тебе и раз)** встречаются в составе фразеологических словосочетаний, где являются неотъемлемой частью этих единиц. Они выражают субъективно-модальные значения согласия, удивления, негодования. Например:

- Хӯш ки бошад, шумо мазмуни китоби хондаатонро нақл кунед [9, с.65]. - **Итак, расскажите нам содержание прочитанной вами книги. - So, tell us the content of the book you've read.**

- Ана халос, ман гуфтам-ку аз ин одам кори хуб намебарояд. - **Вот тебе на, я же говорил, что от этого человека ничего хорошего нельзя ждать. - Here you are on, I told you that there is nothing good to expect from this person.**

-Ана чи тавр одамон метавонанд якдигарро фиреб диханд! - **Вот как люди могут обманывать друг друга! - That's how the people can fool each other!**

Фразеологические единицы, как эквиваленты слов, носят часто синонимический характер по отношению к другим модальным единицам. Они раскрывают национальную специфику языка, его самобытность. Они отражают богатый исторический опыт народа, его культуру и быт.

При сравнении средств и способов выражения субъективной модальности в русском, таджикском и английском языках, мы обнаружили, что большинство из них являются идентичными, то есть различий наблюдается очень мало.

Функционально-семантическое поле субъективной модальности в русском, таджикском и английском языках образует система лексических и грамматических средств разного уровня, которые объединены общим значением – оценки субъекта речи к действительности.

Таким образом, модальные фразеологизмы - самый большой класс, выступающий как средство выражения субъективно-модальных значений в русском языке. Можно приводить бесконечное количество примеров с различными оттенками модальных значений. Это отдельная большая исследуемая проблема. Мы в своей статье попытались частично исследовать данную тему, раскрыв основные значения модальных фразеологизмов.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Виноградов В.В. О категории модальности и модальных словах в русском языке / В.В. Виноградов // Исследования по русской грамматике: Избранные труды / под ред. Н.Ю. Шведова. – М.: Наука, 1975. – 560 с.
2. Грамматикаи забони адабии хозираи тоҷик (барои мактабҳои олӣ). – Душанбе: Дониш, 1985. - 385 с.
3. Смирнова Л. Г. Язык "Таърихи Чистон" / Л. Г. Смирнова. –Сталинабад: Изд-во Тадж. ССР, 1959. -144 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ. 1. - 951с.
5. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Таджикско-русский словарь. Душанбе: Дониш, 2006. – 784 с.
6. Булгаков М.А. Мастер и Маргарита Романы / М.А. Булгаков. - М.: Худож. лит., 1967. – 470 с.

7. Достоевский Ф.М. Униженные и оскорблённые / Ф.М. Достоевский // Время. - 1861. - Т. I. № 2. - С. 419-474.
8. Муҳаммадиев Ф. «Тири хокхӯрда», «Одамони куҳна». Повесть / Ф. Муҳаммадиев // Шарқи сурх. - 1962. - №3. - С.41-58.
9. Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф. Муҳаммадиев. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 367 с.
10. Олеша Ю. К. Ни дня без строчки / Ю. К. Олеша // Советский цирк. - М., 1961. - № 6. - С. 25.
11. Салтыков-Щедрин М. Е. Наша общественная жизнь / М. Е. Салтыков-Щедрин. 1864. – 290 с.
12. Тургенев, И.С. Записки охотника Сочинение: [в 2 ч.]. / Тургенев, И.С. -СПб.: в Университетск. тип., 1852. - Ч.1. – 314.; -Ч.2. – 310.
13. Толис, П. Куллиёт. Повестҳо. Ҳикояҳо. – Душанбе: Ирфон,1976. -Ҷ.2.- 671 с.
14. Толстой, А.Н. Хождение по мукам. Трилогия. Сестры / А.Н. Толстой. – М.: Художественная литература, 1984. – 625 с.
15. Чехов А.П. «Степь»; «Дачники»; «Палата №6»; «Именины»; «Бабье царство» / А.П. Чехов // Полное собрание сочинений и писем в 30-ти томах. – Москва: Наука, 1985.

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИЮ МОДАЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАҲОИ МАХСУСИ ИФОДАИ МОДАЛНОКИИ СУБЪЕКТИВӢ

Таҳқиқоте, ки аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, имкон медиҳад, ки натиҷаҳои мушоҳидаҳоро оид ба омӯзиши модалнокии субъективӣ ҳамчун категорияи функционалӣ-семантикие, ки бо мундариҷаи мушаххас ва воситаҳои махсуси ифода тавсиф карда мешавад, яъне категорияи сиға, калимаҳои модалӣ, феълҳои модалӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва ҳиссачаҳо ҷамъбаст намояд. Муаллиф ду модалнокӣ объективӣ ва субъективиро эътироф мекунад. Модалнокии объективие, ки муаллиф тарафдорӣ мекунад, муносибати мазмуни баёнро ба воқеият ифода менамояд, субъективӣ - муносибати гӯяндаро ба мундариҷаи калима муайян менамояд. Нишондиҳандаи ҳатмии ҳар сухани баёншуда модалнокии объективӣ ҳисобида мешавад, вале ихтиёрӣ баёншуда - модалнокии субъективӣ ба ҳисоб меравад. Азбаски дар байни модалнокии объективӣ ва субъективӣ алоқаи зич мавҷуд аст, ба хулосае омадан мумкин аст, ки категорияи модалӣ ин ягонагии объективӣ ва субъективӣ дар тафаккури инсон мебошад. Муаллиф собит менамояд, ки миқёси фарогирии модалнокии субъективӣ аз модалнокии объективӣ васеътар аст. Бояд қайд кард, ки омӯзиши назариявии ин масъала нишон медиҳад, ки калимаҳои модалӣ - ин категорияи лексикӣ ва грамматикие мебошанд, ки гурӯҳи муайяни воҳидҳои луғавӣ ва фразеологиро дар бар мегиранд, ки мустақилияти грамматикӣ ва маънои модалнокии субъективиро ифода мекунанд.

Калидвожаҳо: тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, модалнокӣ, таснифоти модалӣ, модалнокии объективӣ, модалнокии субъективӣ, воҳидҳои лексикӣ ва фразеологӣ, категорияи лексикӣ-грамматикӣ.

МОДАЛЬНЫЕ ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ КАК СРЕДСТВО ВЫРАЖЕНИЯ СУБЪЕКТИВНОЙ МОДАЛЬНОСТИ

Проведённое автором исследование позволяет обобщить результаты наблюдений в области изучения субъективной модальности, как функционально-семантической категории, которая характеризуются специфическим содержанием и специализированными средствами выражения: категорией наклонения, модальными словами, модальными глаголами, фразеологизмами и частицами. Автор также бесспорно признаёт две модальности: объективную и субъективную. По его признанности объективная модальность выражает отношение содержания высказывания к действительности, субъективная - отношение говорящего к содержанию высказывания. Обязательным признаком любого высказывания считается объективная модальность, а субъективная – факультативным признаком высказывания. Так как между объективной и субъективной модальностями существует тесная связь, можно прийти к выводу, что категория модальности – это единство объективного и субъективного в сознании человека. Автор утверждает, что семантический объём субъективной модальности значительно шире объективной. Следует также отметить, что теоретическое исследование данной проблемы подтверждает, что модальные слова - это лексико-грамматическая категория, охватывающая более или менее определённый разряд лексических и лексико-фразеологических единиц, характеризующихся грамматической независимостью и выражающих субъективно-модальные значения.

Ключевые слова: таджикский, русский, английский, модальность, характеристика модальности, объективная модальность, субъективная модальность, лексико-фразеологические единицы, лексико-грамматическая категория.

MODAL PHRASEOLOGICAL UNITS AS A MEANS OF EXPRESSING SUBJECTIVE MODALITY

Research by the author allows summarizing the results of observations in the field of studying the subjective modality, as a functional-semantic category, which are characterized by specific content and specialized means of expression: inclination category, modal words, modal verbs, phraseological units and particles. The author also undoubtedly recognizes two modalities: objective and subjective. By his recognition, the objective modality expresses the attitude of the content of the utterance to reality, the subjective one - the attitude of the speaker to the content of the utterance. An obligatory sign of any utterance is an objective modality, and a subjective one is an optional feature of a utterance. Since there is a close connection between the objective and subjective modalities, it can be concluded that the category of modality is the unity of the objective and the subjective in the human mind. The author argues that the semantic scope of the subjective modality is much wider than the objective one. It should also be noted that a theoretical study of this problem confirms that modal words are a lexical and grammatical category, covering a more or less definite category of lexical and lexical and phraseological units, characterized by grammatical independence and expressing subjectively modal meanings.

Key words: Tajik, Russian, English, modality, characterization of modality, objective modality, subjective modality, lexical and phraseological units, lexical and grammatical category.

Сведения об авторе: ***Шарипов Бахром Абдуалиевич*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры практического курса английского языка. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул. Айни, 67. E-mail: **baxrom- Sharipov@bk.ru.**
Тел.: **(+992) 935-44-37-53**

Information about the author: ***Sharipov Bakhrom Abdualiyevich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrava, teacher of the department of practical English course. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, ul. Aini, 67. E-mail: **baxrom- Sharipov@bk.ru.** Tel.: **(+992) 935-44-37-53**

УДК: 491.550-3:398

ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКӢ ВА УСЛУБИИ ЛАТИФАҲОИ ХАЛҚИИ ТОҶИКӢ

Қосимов С.А., Алиев О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳар як ашё ба худ хос қолабу шакле дорад, ки барои таҳияи он унсурҳои муайян амал мекунанд. Қолаби сухани бадеӣ низ аз омилҳои зайл вобастагӣ дорад, ки ҳамчун ҷузъҳои лозимии асари бадеӣ хизмат мекунанд: а) забон; б) услуб; в) вазн; г) қофия; д) радиф.

Андозаи қурбу қимати омилҳои мутазаккираи асари бадеӣ дар шаклгирии қолаби сухани бадеию адабӣ гуногун аст: агар забону услуб лавозимоти ҳамаи асарҳои адабию бадеӣ бошанд, вазну қофияву радиф хосси асарҳои назмиянд.

Забон ва услуб дар асарҳои бадеӣ воситаи офариниши образ, тасвири воқеоту ҳолат, рангинии баён ва ҳусни ифода мебошанд. Забон ҳамчун омили қолаби сухани бадеӣ мартабаи ҳалкунандагӣ дорад. “Забон оинаи фарҳанги халқ аст” [2, с.5] ва ҳастии миллату халқ ба он вобастагӣ дорад.

Нақши шоирону нависандагон дар масъалаи забон ва истифодаи он дар эҷодиёти худ бағоят нозук аст. Ба ин маънӣ Александр Фадеев фармудааст, ки нависанда назди баҳри беканори калима ва мафҳум меистад. Барои ифодаи ҳар як мақсад ва образ ба хотири ӯ дах, понздах, бист калима якбора меояд. Аммо аз инҳо яктои мувофиқтаринро бояд баргузид, ки ҳарчи дидаву хостаи туро то ҳадди имкон пурра ифода карда тавонад [4, с.224].

Аз ин рӯ, арзандатарин асари бадеӣ ба назари хонанда он аст, ки аз ин қонуни нонавишта хуб пуштибонӣ кунад. Истифода аз ин “баҳри беканори калима ва мафҳумҳо” вобаста ба малакаю маҳорат, дониш, тафаккур, диди эстетикӣ, суханшиносӣ ва забондонии адиб вобастааст.

Инчунин, баҳисобгирии тафриқаи категориявӣ ва унсурҳои сершумори забон яке аз мушкилоти кори нависандаю шоир аст.

Ин ҷиҳатҳои забону услуб дар жанри латифа ҳам дида мешаванд.

Латифа дорои забону услуб ва тарзи баёни ба худ хоссе мебошад ва забону услуби он ба забони умумихалқӣ наздик аст. Дар латифаҳо унсурҳои сарфию наҳвие ба назар мерасанд, ки одатан хосси забони умумихалқӣ мебошанд.

Хусусияти асосии услубии латифаҳо аз он иборат аст, ки дар онҳо нақли воқеа зуд сар шуда, босуръат давом ёфта, авҷ мегирад. Аз ин рӯ, дар латифаҳо калимаҳои душворфаҳм, ибораҳои муғлақ, тасвиру суханороиҳое, ки дар дигар жанрҳои адабӣ дида мешаванд, қариб ба назар намерасанд. Латифаҳо дар давру замонҳои гуногун эҷод гардида, ҳамчун як жанри фаъол ифодагари хусусиятҳои услубию тарзи баёни забони ҳамон давра шуда метавонанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки оид ба латифаҳо ҳамчун жанри фолклорӣ асару мақолаҳои зиёди тадқиқотӣ навишта шуда бошанд ҳам, забону сабки баёни латифаҳо ҷиддӣ омӯхта нашудаанд. Дар асоси маводи ҷамъоварда ва латифаҳои нашршудаи тоҷикӣ роҷеъ ба забону услуби латифаҳо, истифодаи унсурҳои лексикию грамматикӣ, ҳусни баён, ба мақсадҳои услубӣ истифода бурдани ин ё он калимаю ибора сухане чанд гуфтан аз фоида холӣ нест.

Мавқеи муродифҳо дар латифаҳои халқии тоҷикӣ. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик муродифҳо ҳамчун яке аз воситаҳои пуробуранг, аниқ, равшан ва дақиқ ифода намудани фикр мебошанд. Муродифҳо барои аз такрори бемавқеъ, забонзадашавии калимаю ибораҳо худдорӣ намудан ба кор бурда мешаванд. Моҳирона ва бомавқеъ

истифода бурдани муродифҳо барои нишонрас ифода намудани матлаб ва равшану возеҳ инъикос гаштани фикр хизмат мекунанд.

Чун латифаҳо бо хусусиятҳои кӯтоҳбаёнӣ, нишонрасӣ ва ифодаи аниқу мӯъҷазии фикр машҳуранд, муродифҳо ҳамчун воситаи услубӣ дар онҳо мавқеи муайянеро соҳибанд. Масалан, дар латифаи “Ман ҳам писари холаи вай не” калимаҳои “сабукпой” ва “каҷгард” ҳамчун муродиф омадаанд:

“Зани Мулло Насриддин сабукпой буд. Чанд нафар дӯстонаш ӯро аз ин ҳол огоҳ карданӣ шуданд.

- Мулло Насриддин, гуфт яке,- аз мо наранҷед, қарзи дӯстӣ - як гапа ба шумо гуфтани мо зарур: ҳамин янгаамон каме каҷгард шудагӣ барин, пеши ина нагиред, намешавад.

- Шумо аҷоиб одам будаед, кӯчаҳои шаҳр ҳама каҷу килеб бошад, вай чӣ хел рост гардад? – ҷавоб дод Мулло Насриддин” [3, с.190].

Чунонки мебинем, хусусиятҳои услубӣ ва тобишҳои маъноии калимаи “каҷгард”, ки муродифи “сабукпой” мебошад, хеле моҳирона истифода бурда шуда, ҳаҷви нозук ва нишонрасеро ба миён овардааст.

Риоя намудани таносуби маъноиро дар истифодаи муродифҳо ҳангоми корбурди муродифҳои “вафот кардан” – “мурдан” дида метавонем. Калимаи “мурдан” тобиши маъноии манфӣ дошта, андаке дағалмаъноӣ ва беэътиноиро ифода мекунад. Бинобар ин, нисбат ба инсон калимаи “вафот кардан” ва нисбат ба ҳайвон калимаи “мурдан” истифода бурда шудааст. Вобаста ба ин хусусиятҳои маъноӣ ва тобиши услубиашон ҳамнишинии калимаю ибораҳо (рӯзи вафоти занаш, мурдани хараш, дафни занаш) суръат гирифтааст, ки ин боиси таносуби сухан ва ҳусни баён гардидааст:

“Рӯзе зани Афандӣ вафот кард ва хараш мурд. Афандӣ рӯзи вафоти занаш қадре гиристу баъд ором шуд. Аммо баъд аз мурдани хараш домани гиряву ноларо сар надод.

Дӯстонаш сабаб пурсиданд, гуфт:

-Рӯзҳои дафни занам ёру ошноҳо ҷамъ шуда, “ғам махӯр, зан гирифта медиҳем” гуфтанд, вале аз рӯзи мурдани харам як моҳ гузашта бошад ҳам, ягон кас “ғам махӯр, хар гирифта медиҳам” намегӯяд. Ман нола накунам, кӣ нола кунад?!” [3, с.190-191].

Дар ҳамин латифа дигар калимаҳои муродифӣ низ ба назар мерасанд. Чунончи: гиристан-домани гиряву ноларо сар надодан, ёру ошноҳо ва ғайра.

Калимаҳои муродифӣ дар забони тоҷикӣ хеле маъмул мебошанд ва донистану истифода бурдани онҳо суханро бой ва рангин мекунад.

Дар рафти инкишофи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ таркиби луғавии забон тағйир меёбад. Калимаҳои тоҷикӣ метавонанд аз ҳисоби калимаҳои иқтибосии дигар забонҳо муродифҳои зиёде пайдо намоянд. Ҳангоми истифода ба назар гирифтани хусусиятҳои услубӣ ва мавриди корбурди онҳо низ яке аз рукнҳои санъати сухан мебошад. Масалан, калимаи тоҷикии “бухор” бо калимаи русии “печ” муродиф шудаанд. Калимаи аввал хусусияти архаистӣ дошта, нисбатан камистеъмол мебошад. Калимаи дуюм бо доираи васеи истеъмолаш хусусияти умумистеъмолӣ пайдо намудааст. Аз ин сабаб, дар сухани тасвирӣ калимаи “бухор” истеъмол шуда бошад ҳам, дар нутқи персонажҳо муродифи он мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин ҳолатро дар латифаи “Ҷастухез”дида метавонем:

“Ҷӯраҳо назди бухор нишаста, суҳбат мекарданд.

-Чаро қатраҳои об болои печи тафсон афтад, ба ҷастухез медарояд? – пурсид яке.

-Агар ту болои оҳани тафсон меафтодӣ, магар ҷастухез намекардӣ – гуфт дигаре” [3, с.207].

Баъзан, дар латифаҳо паси ҳам омадани муродифоти калимаҳо мушоҳида мегардад, ки сабаби ин ҳамоно ифодаи аниқи фикр ва зарурияти бо тобишҳои гуногуни маъноӣ ифода кардани матлаб мебошад. Масалан, калимаҳои “қашшоқ” ва “бенаво” муродифи ҳамдигар мебошанд, аммо истеъмоли якҷояи онҳо барои боз ҳам пуртаъсирии сухан ёрӣ расондааст:

“Афандии қашшоқу бенаворо тоқат тоқ шуду ба осмон рӯ оварда, илтиҷо намуд:

-Эй, парвардигори кариму раҳим, ба ҳоли бандаи хору зорат раҳм куну сарвате фирист, то аз азоби муҳтоҷӣ халос шавам ва фориғ аз хаёли зиндагӣ тоату ибодат кардаву шукр гуфта, шабро рӯз кунаму рӯзро шаб...” [3, с.82].

Дар ин порча боз муродифҳои зерин ба назар мерасанд: хору зор, халос – фориғ, тоату ибодат.

Муродифҳо маъноҳои ба ҳам наздикро ифода кунанд ҳам, аз рӯйи тобишҳои услубию семантикӣ дар байни онҳо фарқияте дида мешавад. Масалан, таркибҳои “аз дунё чашм пӯшидан”, “вафот кардан” ва “мурдан” дар латифаи зер бо мақсадҳои муайяни услубӣ истифода гардидаанд:

“Писарчаи яксола забон мебароварад.

Аввалин калимае, ки вай ба забон овард “бобо” буд. Ҳаминки писарча “бобо” гуфт, бобояш аз ҷаҳон чашм пӯшид. Гумон карданд, ки ин тасодуфист.

Дере нагузашта писарча калимаи “бибӣ” –ро ба забон овард ва бибӣ ҳамон лаҳза вафот кард.

-Акнун навбати ман ё ту, -гуфт падари писарча ба занаш. Ва онҳо интизор шуданд.

Баъди чанд рӯз писарча “дада” гуфта овоз дод. Падараш омодаи мурдан шуд ва аз хешу ақрабояш хоҳиш кард, ки ба мурдаи нобаҳангоми ӯ зор-зор чу абри навбаҳор гиряҳо кунанд.

Нохост аз паси девор аз ҳавлии ҳамсоя овози нолаву навҳа баланд шуд. Маълум гардид, ки ҷавонмарди ҳамсоя нохост мурда мондааст.

-Хайрият падари ин писарча ман набудаам, - гуфт оҳи сабук кашида, -зани оқила ғами ҷони шавҳарашро барвақт хурда будааст” [3, с.186].

Махсусан, истеъмоли ҷуфтҳои муродифӣ дар латифаҳо зиёд мушоҳида карда мешаванд. Барои пуробуранг ифода гардидани фикр муродифҳо паси ҳам оварда мешаванд ва бо гузашти айём ҷуфтҳои муродифӣ пайдо мешаванд, ки нисбат ба маъноҳои дар алоҳидагӣ ифода мекардагиашон барои таъсирбахш ва равшан ифода гардидани фикр мусоидат менамоянд. Масалан, истеъмоли чунин ҷуфтҳои муродифӣ дар латифаҳои халқии тоҷикӣ мушоҳида карда шуд: нармдилу меҳрубон, гиряву нола, хаставу беҳол, меҳтару беҳтар, собирону соҳибтоқатон, нолаву навҳа, мухтоҷу бенаво, адлу инсоф, сиҳату саломат ва ғайра. Чанд намуна:

“Афандӣ як рӯз подачиро ба занаш таъриф карда гуфт:

-Ҷавони хушқаду қомат, Рустами Достон, нармдилу меҳрубон, одам як бор гапашро шунавад, боз шунавам мегӯяд...” [3, с.191].

“Афандӣ хаставу беҳол ба назди дӯконе расиду ба чор тарафи дӯкон чашм андохт...” [3, с.252].

“Ҳарчанд мард бо лутфу марҳамат ба ӯ гуфт, ба ҷуз ак-ак чизи дигаре нашунид...” [3, с.165].

“-Эй меҳтару беҳтари мурдашӯёни олам, ман марди фақирам, бекасам ва пир шудаам, метарсам, ки чун бимирам, ҳеҷ кас парвои ман накунад...” [3, с.167].

Ба ҳамин тариқ, муродифот ҳамчун воситаи таъсирбахши забон дар латифаҳои халқии тоҷикӣ мавқеи муайяне дошта, истеъмоли онҳо барои ифодаи лутфу зарофат, ҳазлу шӯхиҳои нозук, бешубҳа, ёрии калон мерасонанд.

Тазод (антоним) ва таҷнис (омоним). Тазод низ чун воситаи услубии забон дар латифаҳои халқии тоҷикӣ фаровон истеъмол шудааст. Тазод асосан аз калимаҳои гуногуне шакл мегирад. Масалан, дар латифаи “Аҳли биҳишт” таносуби калимаҳо ва истифодаи тазодро дида мебароем:

“Бузурге андоми зишт дошт. Занаш бағоят соҳибҷамол ва ҳамидахисол буд. Рӯзе зан ба ӯ гуфт:

-Яқин медонам, ки ману ту – ҳар ду аҳли биҳиштем.

Гуфт:

-Аз куҷо медонӣ?

Гуфт:

-Аз он ҷо, ки ту доим андоми зебои маро мебиниву шукр мегӯӣ ва ман ваҷҳи қабеҳи туро мебинаму тоқат мекунам ва шокирону собирону соҳибтоқатон аҳли биҳиштанд” [3, с.185].

Дар матни мазкур таркибҳои “андоми зебо” бо таркиби “ваҷҳи қабеҳ” тазод шудаанд.

Дар латифаи “Азоби Афандӣ” зидмаъноии калимаҳо яке аз воситаҳои асосии тасвир мебошад:

“Афандӣ ду зан дошт, яке ҷавон, дигаре пир. Ҳар вақт ки ба пеши зани ҷавонаш равад, торҳои сафеди ришашро меканд, ки ҷавон намояд, ба пеши зани пираш равад,

торҳои сиёҳи ришашро меканд, ки пиртар намояду ба пеши зани ҷавонаш наравад...” [3, с.180].

Ибораҳои “зани ҷавон” –“ зани пир”, “торҳои сиёҳ” – “торҳои сафед” барои ба ҳам муқобил гузоштани мафҳумҳое ба кор рафтаанд, ки асоси латифаро ташкил медиҳанд.

Дар латифаҳои “Эрод ба падар” калимаҳои “сабук” ва “вазнин” ба ҳам муқобил гузошта шудаанд ва ин боиси пайдо шудани ҳаҷви нозуке гардидааст, зеро калимаи “вазнин”, ба маънои маҷозӣ – пуртамкин, сабур, пуртоқат кор фармуда шудааст, вале аз тарафи писари танбал ба маънои ҳақиқиаш қабул карда мешавад:

“Падар ба писари танбалаш насиҳат карда гуфт:

-Агар ҳар пагоҳӣ сару рӯй, дандон ва баданатро тоза шӯӣ, хеле сабук мешавӣ.

-Дадо, дирӯз худатон “одам бояд вазнин шавад” гуфта будед-ку” (3, с.206).

Чи хеле ки аз латифа бармеояд, ба ҳам зид гузоштани тобишҳои маъноии калима ба хусусияти асосии жанри латифа ҳамчун ҳаҷв ва истеҳзои тезутунд мусоидат менамояд. Ҳамин гуна тобишҳои маъноии калима ва дар асоси муқобилмаъноӣ шакл гирифтани мафҳумҳо дар латифаи “Монед сиҳат – саломат бигардад” ба назар мерасад:

“Афандӣ рӯза нагирифт.

-Чаро рӯза надоштед? – пурсиданд аз ӯ.

-Медонед, ки рӯза меояду меравад, онро доштан чӣ лозим?! Монед, ки сиҳат – саломат баргардад” [3, с.68].

Дар забони тоҷикӣ тазод на фақат аз калимаҳои гуногунреша, балки аз худи ҳамон як калима бо илова кардани ҳиссаҳои гуногуни калимасоз шакл гирифта метавонад. Масалан, ба воситаи пешванди но-сохта шудани тазод: маҳрам–номаҳрам, доро–нодор, пок-нопок, хушнуд-нохушнуд ва ғайра. Чанд намуна:

“Аз ҳакиме пурсиданд, ки вақти таом хӯрдан кай бошад?

Гуфт:

-Доро вақте гурусна монад, нодор вақте, ки биёбад” [3, с.247].

“... Гуфт:

-Ҳеҷ чиз беҳтар аз дилу забон нест, агар пок бошад ва ҳеҷ чиз бадтар аз он нест, агар нопок бошад” [3, с.248].

Таҷнисот калимаҳои дорои таркиби овозии якхела ва маъноҳои гуногун мебошанд. Истифодаи ҳамин гуна хусусияти онҳо боиси пайдо шудани санъати бадеӣ чун таҷнис гардидааст, ки дар латифаҳои халқии тоҷикӣ низ мавқеи худро дорад. Хонанда аз маҳорати суханбозӣ ва дарки маъноҳои гуногуни ҳамон як калима лаззати маънавӣ мебарад. Масалан, дар латифаи “Дили кӣ месӯзад” ибораи “дили касе сӯхтан” ба ду маъно кор фармуда шудааст: 1) дил сӯхтан – ба дард даромадани дил; 2) дил сӯхтан- маҷоз буда, маъноаш раҳми чизеро хӯрдан.

“Мулло Насриддин ба хонаи як дӯсташ меҳмонӣ рафт. Соҳиби хона нону асал бароварда. Мулло нонро бо асал зада хӯрд, нон тамом шуд, асал боқӣ монд, ангушт зада лесид. Соҳибхона гуфт:

-Асали холиро нахӯред, ки дилатонро месӯзонад.

Мулло дар ҳолате ки таги косаро мелесид, гуфт:

-Худо медонад, ки дили киро месӯзонад” [3, с.140].

Дар латифаи “Шумо нозим ё носир” надонистани маъноҳои гуногуни калимаҳо боиси он гардидааст, ки шоиртароше сахт масхара карда мешавад. Ҷавоне, ки давои нависандагӣ дошт, ба маънои калимаҳои “нозим” (ба назм иншокунанда, шоир) ва “носир” (бо наср эҷодкунанда, нависанда) сарфаҳм нарафта, онҳоро ҳамчун исми хос қабул мекунад ва ба ин васила аз олами адабиёт бехабарии худро намоиш медиҳад:

“Ҷавоне ба назди як нависандаи маъруф омада, даъвои нависандагӣ кард.

-Ман хеле вақт боз машғули корҳои адабиям. Мехоҳам асарҳоямро чоп кунам.

-Шумо нозим ё носир? – пурсид шоир.

Ҷавон китф ҷунбонда гуфт:

-Нозим ҳам не, Носир ҳам не. Номи ман Каримҷон” [3, с.105].

Чунин корбурди таҷнисҳо дар латифаи зерин низ ба назар мерасад:

“Сипоҳие Ҳур ном зани соҳибчамоле дошт. Рӯзе ба ҷанг фиристода шуд ва дар айни авҷи муҳориба аз майдони ҷанг гурехт.

Гуфтанд:

-Эй номард, магар намедонӣ, ки агар кофиреро бикӯшӣ, ғозӣ бошӣ ва агар туро бикушанд, шаҳид шавӣ ва рӯзи қиёмат ҳурони ҷаннат дар ихтиёрат бошанд.

Гуфт:

-Ман дар ин дунё Ҳур дорам ва барои ҳури он дунё худро ба куштан додан намехоҳам” [3, с.84-85].

Истифодаи маъноҳои гуногуни ҳамон як калима боиси хеле ҷолиб, дилчасп ва нишонрас баромадани маънии латифа гаштааст.

Воҳидҳои фразеологӣ. Яке аз қабатҳои махсуси лексикии забони тоҷикиро воҳидҳои фразеологӣ ташкил медиҳанд. Хусусияти асосии онҳо дар он зоҳир мегардад, ки ҳамчун воҳиди тайёри забон истеъмол гардида, ифодаи фикрро образнок, пуробуранг ва фасеҳ мегардонанд. Масалан, ибораи “таъриф кардан” фикрро ба тарзи оддӣ, бидуни ягон образ ифода мекунад. Худи ҳамин маъно дар ибораи “ба осмони ҳафтум бардоштан” ба таври маҷозӣ ва образнок ифода гардида, ба он тобиши махсуси маъноӣ мебахшад, яъне таърифи аз ҳад зиёд ва одатан беасосро ифода менамояд. Чунончи:

“Амир Темур ба Афандӣ гуфт:

-Шоирон ҳамеша дар қасидаҳои худашон маро аз ҳад зиёд таъриф карда, ба осмони ҳафтум мебардоранд. Лекин дар ин ҷо, ки танҳо ҳардуямон нишастаем, бе риёкорӣ баҳои ҳақиқии маро муайян карда, гӯй, ки ба чӣ меарзам?”... [1, с.208].

Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ на фақат барои равшан ва таъсирбахш ифода шудани фикр кумак мерасонад, балки ифодагари рӯҳ ва хосияти миллии забон мебошанд. Чунин хусусиятро дар воҳидҳои фразеологии “таги гапро нафаҳмидам”, “болои сӯхта намакоб”, “сояи касеро аз девор тарошидан”, “нархи сабзию пиёзро напурсидан”, “гулӯи қозиро равған кардан” ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст:

“Дугонаат вақтҳои охир хандон шудааст, -гуфт марде ба занаш.

-Шавҳари ваъламаташ дандонҳояшро тилло кардааст, -гуфт зан дар ҷавоб.

-Хайр чӣ?- пурсид мард таги гапро нафаҳмида.

-Тилло бояд намоён бошад, - шарҳ дод зан” [3, с.192].

“- ... Ту ахмақи ноинсоф, хари бечора зери ин қадар бор мадори ҳаракат кардан надораду “болои сӯхта намакоб” боз ту вайро мезанӣ...” [3, с.256].

“Ба ҳавлии Афандӣ як гӯсфанд бо пойи худ даромада омад. Афандӣ ҳам нархи сабзию пиёзро напурсида, гӯсфандро сар заду бо аҳли оилааш нӯши ҷон кард...” [3, с.215].

“Қозикалон ба Мушфиқӣ дарди дил кард:

-Ману Қамарии шоири дарбор сояи якдигарро аз девор метарошем...” [3, с.56].

“Рӯзе ҳамсояи Афандӣ омада, ба вай гуфт:

-Ман ба касе як ман ҷав дода будам, имрӯз талаб кардам, мункир шуд, ба қозихона кашидам, гулӯи қозиро равған кардам, қозӣ розӣ шуд, ки ба фоидаи ман ҳукм кунад...” [3, с.65].

Дар як гурӯҳ латифаҳо асоси ҳаҷвро он чиз ташкил медиҳад, ки воҳидҳои фразеологӣ ба маънои таҳтулафзии ҷузъҳои дохилиашон қабул карда мешаванд. Масалан, дар латифаи “Имом аз аввал ақл надошт” воҳиди фразеологии “аз ақл бегона шудан” истифода шудааст.

Маънои асосии ин воҳиди фразеологӣ “девона шудан”, “ба ҷунунӣ ё савдоӣ гирифтор шудан” мебошад. Калимаи “бегона” дар дохили воҳиди фразеологӣ ба маънои маҷозии худ истифода шудааст. Лекин Афандӣ онро ба маънои аслиаш кор фармуда, имомро хандахариш намудааст:

Имоми деҳаро “аз ақл бегона шудааст” гӯён аз масҷид ронданд.

Афандӣ ин овозаро шунида, дар тааҷҷуб мондаасту гуфтааст:

-Касе, ки аз аввал ақл надошт, боз аз кадом ақл бегона шуда бошад?!” [1, с.214].

Айнан ҳамин гуна хусусияти воҳиди фразеологиро дар латифаҳои мазмунан ба латифаи болоӣ монанд дида метавонем:

“Ба Афандӣ хабар доданд, ки майнаи қозии шаҳр бечо шудааст.

Афандӣ ҳайрон шуда:

-Аҷабо вай майна дошт магар? –гуфт” [3, с.61].

“Афандӣ бо ёру ҷӯраҳояш менишаст, ки шахсе пешашон омада гуфт:

-Хабар доретон, қозикалон ақлашонро гум карда, девона шудаанд.

-Э, чизи набударо ҳам гум мекардаанд-дия?!-гуфт Афандӣ” [3, с.54].

Ё ба латифаи дигар таваҷҷуҳ фармоед:

-“Падари Афандӣ писарашро хонадор карданӣ шуда гуфтааст:

-Акнун писарам, вақти он расидааст, ки саратро дуто кунем.

Афандӣ оби дида карда пурсидааст:

-Ман чӣ гуноҳ кардам, падарҷон?” [1, с.71].

Ибораҳои “хонадор кардан” ва “сари касеро дуто кардан” ба маънои “зан гирифта додан”истеъмол мешаванд.

Воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати тобишҳои маъноияшон ба қабатҳои гуногуни услубии забон мутааллиқанд. Масалан, қисми муайяни онҳо ба услуби бадеӣ-китобӣ хос буда, хусусияти муассир ва эҳсосӣ доранд. Онҳо ҳангоми истифодаи суханҳои бошукӯҳ ва мутантан ба кор мераванд. Ба назари аввал чунин менамояд, ки дар латифаҳои халқӣ истифода бурдани онҳо чандон ҷоиз нест, чунки латифа ҳаҷв, мутоиба, ришханду истеҳзоро дар бар гирифта, бештар истеъмол гардидани воҳидҳои фразеологиеро талаб менамояд, ки хосси услуби гуфтугӯӣ мебошад. Вале бо вуҷуди ин, истифодаи чунин воҳидҳои фразеологии китобию бадеие ба мисли “ангушти ҳайрат газидан:, “чашми ҳасрат дӯхтан”, “бо дили нохоҳам”, “забон як кардан” ва ғайраро дучор намудан мумкин аст:

“... Як рӯз ба оина нигоҳ карда, дар муқобили худ марди беришеро диду ангушти ҳайрат газид” [3, с.180].

“Як кукнорӣ аз пеши дӯкони баққоле мегузашт, дид, ки сабадҳо пур аз мавизҳои калон-калони яккачин. Даҳонаш об кушод, аммо пул надошт, ки харида хӯрад. Ба сабадҳои мавиз чашми ҳасрат дӯхта, аз ин тараф ба он тараф гаштугузор кард...” [3, с. 118].

“Нависандаи ҷавоне шикоят кард:

-Муҳаррирони ҳамаи рӯзномаю маҷаллаҳо зидди ман забон як кардаанд...” [3, с.105].

“Мулло Насриддин бемор шуд. Дардаш шиддат кард, аз ҷонаш даст шуст ва дар ин ҳол ба занаш гуфт:...” [3, с.71].

Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологӣ латифаҳои тоҷикиро зебу оро дода, таъсирнокии каломи бадеъ ва халқияти онҳоро таъмин намудаанд.

Калимаҳои иқтибосӣ. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ миқдори зиёди калимаҳои дигар забонҳо мавҷуданд, ки бо истилоҳи “калимаҳои иқтибосӣ” ёдовар мешаванд. Қисми асосии калимаҳои иқтибосӣ мутааллиқи се забонанд: арабӣ, ӯзбекӣ ва русӣ. Калимаҳои иқтибосӣ дар латифаҳои халқии тоҷикӣ низ фаровон истеъмол шудаанд ва баъзан истифодаи онҳо бо мақсадҳои муайяни услубӣ сурат мегиранд.

Калимаҳои арабӣ қисми асосии иқтибоси калимаҳоро дар забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Ин раванд ҳанӯз аз асрҳои VII-VIII сарчашма мегирад. Ин аст, ки дар латифаҳои тоҷикӣ низ калимаҳои зиёди арабиро дучор намудан мумкин аст, ки кайҳо боз ба забони тоҷикӣ дохил шуда, ҳазм ва умумӣ шудаанд. Масалан, ба ҷумлаи зерин аз латифаи “Мушфиқӣ пойи росташро фаромӯш кардааст” таваҷҷуҳ фармоем:

“Мулозими амир як рӯз ба Мушфиқӣ бисёр таъкид кард, ки ҳар гоҳ ба ҳузури амир даромадани шавед, ба услуб ва адаби дарбор риоя кунед...” [1, с.209].

Дар ин ҷумла калимаҳои зерини арабӣ истифода шудаанд: мулозим, амир, таъкид, ҳузур, услуб, адаб.

Калимаҳои арабӣ дар шаклҳои гуногуни наҳвӣ, ибораю ифодаҳо мавриди истеъмол қарор гирифтаанд: дор-уш-шифо, шафоати савоб, одоби адаб, шукр, шокир, мақбара, рамл, раммол ва ғайра.

“Рӯзе Султон Маҳмуд ба дор-уш-шифо омада буд. Дид, ки девонаеро дар занҷир кашидаанд ва беист механдад.

Гуфт:

-Эй девона, ин чӣ ханда аст?

Гуфт:

-Ба ту механдам, ки ба пиндор подшоҳӣ аҷаб мағрур ва аз шафоати савоб ва одоби адаб дурӣ...” [3, с.150].

“Шахсе пеши дарвеше рафт ва ба ӯ се савол дод:

-Чаро мегӯӣ, ки худо ҳамаҷо ҳозиру нозир аст, ман ҳеҷ ҷо намебинам, бигӯ куҷост? ...” [3, с.85].

“Подшоҳе раммолонро оварда гуфт:

-Ба писари ман илми рамл таълим диҳетон, ки ӯ аз асрори ғайб хабардор шавад ва ҳар чизи пинҳонро дарёбад” [3, с.27].

Гурӯҳи дигарро калимаҳои туркию ӯзбекӣ ташкил медиҳанд. Чунин калимаҳо одатан ифодагари муносибатҳои ҷамъиятӣ, воқеаҳои давру замон буда, ба гурӯҳи калимаҳои таърихӣ мансубанд. Масалан, калимаҳои удайчӣ, ярлиқ, ясавул ва ғайра:

“Рӯзе Мушфиқӣ бо амир машғули суҳбат буд, ки удайчии амир ярлиқе оварда, ба дасти Мушфиқӣ дод...” [3, с.28].

Хусусияти асосии латифаҳои дар замони Шӯравӣ эҷодшуда аз он иборат аст, ки дар онҳо бештар калимаҳои русию интернатсионалӣ дучор меоянд, ки ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ мансубанд. Масалан, кино, билет, декан, профессор, автобус, лектор, лексия, кислород, командировка, авторучка, справка, радиоприёмник, радио, консерт, кондуктор, касса ва ғайра:

“Хасисе хоб дид, ки ҳамсояашро ба кино таклиф кардааст. Бедор шуда гуфт:

-Хайрият, бедор шудам, вагарна маҷбур будам барои ҳардуямон билет харам” [3, с.152].

“Профессори мӯйсафед имтиҳон мегирифт... . Декани факултет аз воқеа хабар ёфта, омада ба профессор фаҳмонд, ки ба донишҷӯён мувофиқи ҷавобашон баҳо гузорад...” [3, с.171].

“Дар автобус кампире ба ҷавоне рӯ оварда гуфт:...” [3, с.172].

“Лекторе баъди тамом шудани лексия аз рафиқаш пурсид...” [3, с.177].

“-Бе кислород ҳаёт номумкин бошаду кислородро дар асри гузашта кашф карда бошанд, одамони асрҳои пеш чӣ хел зиндагӣ кардаанд?” [3, с.202].

“Муаллими синфи якум ба талаба гуфт:

-Номи кадом шаҳрро медонӣ?

-Москва, Душанбе, Командировка” [3, с.204].

“-Ало духтур, писарам авторучкаи маро фурӯ бурд...” [3, с.211].

“Ду бача гуфтугӯ доштанд, яке гуфт:

-Падарам касал шуд, духтур омад, забонашро дида справка дод.

Дигаре гуфт:

-Падари ман баръакс: аввал справка гирифту баъди рафтани духтур забонашро нишон дод” [3, с.211].

Қайд кардан зарур аст, ки агар дар латифаҳои адабиёти классикии тоҷик бештар калимаҳои арабӣ ва туркию ӯзбекӣ мавқеъ дошта бошанд, дар латифаҳои замони шӯравӣ мафҳумҳои нави дар ҳаёти ҷамъиятӣ пайдошуда бештар бо калимаҳои русию интернатсионалӣ ифода гардидаанд, ки ин инъикоскунандаи дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъятӣ, пайдо шудани калимаҳои нав дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад.

Калимаҳои шевагӣ. Калимаҳои шевагӣ аз ҷумлаи он воҳидҳои луғавие мебошанд, ки доираи танги истеъмол доранд. Онҳо бештар дар услуби забони бадеӣ бо мақсадҳои гуногун корбаст мешаванд. Калимаҳои шевагӣ дар латифаҳои халқии тоҷикӣ мақоми махсуси худро доранд. “Боигарии забони халқро устокорона истифода бурдан боиси ифоданокӣ, таъсирнокӣ, рангубори табиӣ, соддагӣ, халқият ва реализми сухани бадеӣ мегардад... Сухани халқ бо самимияти хосси худ пур аз фикру ҳисси ҳаётӣ, пур аз тобишҳои нозуки маъноӣ мебошад. Вай ба забони асари бадеӣ дохил шуда, ба асар қувваи фавқуллода зиндаи ҳаётӣ мебахшад” [5, с.89-90].

Дар латифаҳои халқии тоҷикӣ калимаҳои шевагӣ барои тасвири ҳодисаҳою воқеаҳои хандаовари зиндагӣ ба кор бурда мешаванд. Маълум аст, ки аксари латифаҳои халқие, ки ба чоп мерасанд, аз тарафи мураттибон аз лиҳози забони адабӣ таҳрир карда мешаванд. Зеро онҳо барои оммаи васеи мардум нашр карда мешаванд. Агар дар намунаҳои назмӣ чунин таҳрир камтар ба назар расад ва хусусиятҳои лаҳҷа маҳфуз монда шаванд ҳам, наср бештар таҳрири адабӣ мебинад, бо вуҷуди он дар кулли латифаҳои халқии тоҷикӣ мазмуну бадеият ва оҳанги зиндаи забони гуфтугӯи нигоҳ дошта мешавад. “Як қисми ибора ва калимаҳои лаҳҷавӣ дар ифодаи мақсад аҳамияти махсус пайдо кардаанд ва дар ин маврид онҳо дар шакли асл маҳфуз мондаанд” [7, с.4].

Гоҳо мазмун ва мундариҷаи латифа маҳз бо истифодаи ҳамон калимаи шевагӣ сахт марбут аст. Масалан, дар лаҳҷаи Дарвоз калимаҳои “ғал”, “амғал”, “намғал” ба маънои “ҳозир” истифода бурда мешаванд, ки ин хусусиятро мо дар латифаҳои зерин дида метавонем:

“Як шарик шарикашро таъйин кардааст, ки агар Бухоро рафтем, ғал нагӯй барои он ки моро мазмун мегиранд. Ба ҷойи ғал ҳозир бигӯ. Вақте ки ба Бухоро мерасанд, дар вақти гап задан шарикаш ғал мегӯяд.

Дар ин вакт ӯро қаҳр мегирад ва мегӯяд:

-Ман амғал нагуфтам, ки ғал нагӯй” [6, с.110].

ё:

“Як пошхарвӣ (номи қишлоқест дар ноҳияи Дарвоз – Қ.С. ва А.О.) рафта буд, ба Қаротегин. Дар гуфтугӯ вай ба ҷойи ҳозир ғал гуфт.

Як қаротегинӣ хандид. Пошхарвӣ гуфт:

-Туро ғал намефорад? Сад ғал ғали ғал!” [6, с.110].

Дар латифаҳои халқии тоҷикӣ калимаҳои шевагӣ чи дар нутқи тасвирӣ ва чи дар нутқи персонажҳо фаровон истеъмол шуда, ба латифаҳо рӯҳ ва табиати зиндаи халқӣ мебахшанд. Чанд намуна:

“-... Эй падаринга лаънат, Раҳматилло! Ассалому алайкум ва Раҳматилло, - гуфту намозро файсад (тамом- Қ.С ва А.О.) кард“ [8, с.142].

“Рӯзе Афандӣ аз як тӯй ба хонааш рафта истода будааст, ки аз пешаш як талича (оина- Қ.С. ва А.О.) меёбад [7, с.142].

“Дар поёни кӯча як қопча (халта- Қ.С. ва А.О.) чормағз аст, рафта гиред... Чапасар (қафо- Қ.С. ва А.О.) харашро ба ҳамон тараф аз ақиби кӯдакҳо хала мекунад” [7, с.143].

Чуноне ки аён шуд, қолаби сухани бадеӣ дар латифаҳои халқии тоҷикӣ ба воситаи забон ва услуби нигориш пурмазмуну пурҷило гаштааст. Мавҷуд будани унсурҳои лексикию фразеологии забон, тобишҳои услубӣ ва маъноии калимаҳо, ибораҳо дар жанри латифа аз бойию рангинии фонду таркиби луғавӣ ва сермаъноии нутқ далолат мекунанд.

Омилҳои қолабсозии латифаҳои халқии тоҷикӣ – забону услуб нишондиҳандаи зеби сухану ҳусниёти фикри гӯянда буда, лутфи хуши жанри мазкурро дучанд афзоёнда, боиси “тир ба нишон расидан” мегарданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. -Душанбе: Маориф, 1990. – 84 с.
2. Ғаффоров Р. Услубшиносӣ / Р.Ғаффоров, С.Ҳошимов, Б.Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1995. – 123 с.
3. Латифаҳо (танзим ва таҳрири адабии Амонов Р.). - Душанбе: Ирфон, 1994. – 272 с.
4. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. - Душанбе: Маориф, 1990. – 242 с.
5. Масъумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1959. – 184 с.
6. Нам. Ф. Дарвоз (гирдоваранда ва мураттиб Розенфельд А.З. Нашри дуввум бо иловаҳо). - Душанбе: НДТ, 1962. – 262 с.
7. Фолклори диёри Восеъ (гирдоваранда ва тартибдиҳанда Чалишев С.). –Душанбе: Адиб, 1990. – 160 с.
8. Фолклори Норак (тартибдиҳанда Маҳдиев С.). -Душанбе: Маориф, 1989. – 376 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКӢ ВА УСЛУБИИ ЛАТИФАҲОИ ХАЛҚИИ ТОҶИКӢ

Дар илми забоншиносии тоҷик дар бораи забони латифаҳои халқии тоҷикӣ баъзе маълумотҳо иҷмолан дода шуда бошад ҳам, аммо паҳлуҳои гуногуни онҳо дар шакли пурра ва муфассал таҳқиқ наёфтаанд. Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои лексикӣ ва услубии латифаҳои халқии тоҷикӣ ба таври муназзам таҳлил шудаанд. Хусусиятҳои асосии лексикӣ ва услубӣ аз он иборат аст, ки дар латифаҳои халқии тоҷикӣ нақли воқеа зуд сар шуда, босуръат давом ёфта, авҷ мегирад. Аз ин рӯ, дар латифаҳо калимаҳои душворфаҳм ва ибораҳои муғлақ қариб ба назар намерасанд. Мусаллам аст, ки забони адабии ҳозираи тоҷик аз қабатҳои мухталифи луғавӣ иборат аст. Ҳамин гуна қабатҳои луғавӣ, яъне муродифҳо, омонимҳо, антонимҳо, калимаҳои иқтибосӣ, шевагӣ, инчунин ибораҳои фразеологӣ дар латифаҳои халқии тоҷикӣ хело фаровон истифода шудаанд. Дар латифаҳои халқии тоҷикӣ чун дар забони адабии тоҷик муродифҳо барои аз такрори бемавқеъ худдорӣ намудани калимаю ибораҳо истифода бурда шуда, дар айни замон барои аниқу дақиқ ва равшан ифода намудани фикр хизмат менамоянд. Дар мақола бо роҳҳои гуногун сохта шудани омонимҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Калимаҳои иқтибосии арабӣ, узбекӣ ва русӣ дар латифаҳо мафҳумҳои гуногунро ифода кардаанд. Чунончи: а) мафҳумҳои иҷтимоӣ: арбоб, раис, амир, мулозим, раммол, қозӣ, мулк, султон; б) мафҳумҳои лирикӣ – ишқӣ: муҳаббат, кайфият, ишқ, ошиқ; в) мафҳумҳои ифодагари фарҳанг ва тамаддун: маориф, илм, шеър, китоб, шоир. Воҳидҳои фразеологӣ дар латифаҳои халқии тоҷикӣ хеле фаровон истифода шуда, аз ҷиҳати тобишҳои маъноӣ ба қабатҳои гуногуни услубии забон мутааллиқанд. Қисми муайяни онҳо ба услуби китобӣ хос буда, хусусияти эҳсосӣ дошта бошанд, қисми дигари онҳоро услуби гуфтугӯӣ дар бар гирифтаанд. Дар мақола, ҳамчунин калимаҳои шевагӣ, хусусиятҳои онҳо ва истифода шудани ин намуди калимаҳо дар латифаҳои халқии тоҷикӣ баррасӣ шудаанд.

Калидвожаҳо: латифа, муродифҳо, антонимҳо, калимаҳои иқтибосӣ, шевагӣ, фразеология, ибора, услуб, лексика, таҷнис, тазод ва ғайра.

ОСОБЕННОСТИ ЛЕКСИКИ И РАЗНОВИДНОСТИ ТАДЖИКСКОЙ НАРОДНОЙ САТИРЫ

В науке языкознания даны некоторые сведения о языке народной таджикской сатиры, но данные факты необоснованны в полном значении. В данной статье дается полный анализ лексических особенностей и видов таджикской народной сатиры. Указываются основные особенности лексики таджикской народной сатиры в стремительном развитии событий в начале действия. В связи, с чем сложен процесс выявления сложных слов и словосочетаний. Безусловен тот факт, показывающий многосложность таджикского

современного литературного языка, а именно: использование таких лексических единиц, как: синонимы, антонимы, омонимы, трудные для понимания слова - диалектизмы а также фразеологические сочетания, широко бытующие в таджикской народной сатире. В таджикской народной сатире, как в современном таджикском литературном языке, синонимы используются при неверном употреблении повторяющихся слов и словосочетаний. В настоящее время они служат для уточнения или определения мысли. В статье исследуются разные пути образование омонимов. Краткое изложение арабских, узбекских, русских слов в сатире давали разные смысловые оттенки. Например: а) социальная аннотация: высший, председатель, эмир призыв, кази имущество султана; б) лирическая аннотация: любовные, любовь, наслаждение, любовь, любовник; в) Аннотация, обозначающая культуру и цивилизацию: образование, наука, стихотворение, книга, поэт. Фразеологические обороты, широко используемые в таджикской народной сатире разнослойной конструкции, имеют разные смыслы в языке. Их определённая часть относится к книжному стилю, имеющему чувственное восприятие, а другая часть ближе к разговорному стилю. В статье говорится о диалектизмах, их особенностях использования в таджикской народной сатире.

Ключевые слова: сатира, синонимы, антонимы, омонимы, диалектизмы, фразеологизмы, виды, лексика и.д.

LEXICAL PECULIARITIES AND TAJIK PEOPLE JOKE STYLE

There is some incompletely information about the language of Tajik people anecdote but it hasn't described to the other sides. lexical peculiarities and style of Tajik people anecdotes are analyzed in this article. The main lexical and style peculiarities are consist of real retells which begins and go on fast in Tajik people jokes. That's why, there are no difficult words and joke phrases in the jokes. It is correct that modern literary Tajik language consists of different lexical word structure. Like these lexical structures such as synonyms, antonyms, homonyms, borrowing words and slangs and also phraseological phrases are used in Tajik people jokes. Arabian, Uzbek, and Russian borrowed words give various meanings in Tajik people jokes. There are social meaning words such as: A) leader, chairmen, judge, sultan gift.B) lyrics – love meanings; love, pleasure, fall in love, sweet – heart; c) the words which mean express culture; education, science, poem, book, poet. Phraseological units are used very often in Tajik people jokes which concerns to different language style by their meanings. Certain part of them,the unit corresponds to book style which has sensual peculiarities but another part includes local style of speech. In this article slangs and their peculiarities are used and showed in Tajik people jokes.

Key words: joke, synonyms, antonyms, borrow words, local phraseology, word combination, style, lexis, discover, and etc.

Сведения об авторе: ***Косимов Саъди Абдулкодирович*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, кандидат филологических наук, доцент, заместитель ректора по учебной части. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 121
Алиев Одилджан - Таджикский государственный педагогический университет им С. Айни, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 121

Information about the author: ***Kosimov Sadi Abdulkodirovich*** - Tajik State Pedagogical University. S. Aini, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Deputy Rector for Studies. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Rudaki 121
Aliyev Odiljan - S. Aini Tajik State Pedagogical University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Tajik Language Department. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Rudaki 121

УДК: 491.71.3:491.550.3:61

ОБРАЗОВАНИЕ ОБЩЕМЕДИЦИНСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И ЕЕ СТРУКТУРА

Турахасанов К.Ш.
Таджикский национальный университет

Необходимо отметить, что история таджикской медицинской терминологии насчитывает более тысячи лет.

Своими корнями она уходит в начальный период формирования таджикского литературного языка в IX веке, все её достижение тесно связаны с культурным и научным прогрессом эпохи Саманидов.

Научная общемедицинская терминология не появляется на пустом месте. Научную медицинскую терминологию следует изучать и анализировать в тесной связи с терминологией других отраслей медицинской науки. Понятия терминологии различных наук до некоторой степени имеют друг с другом смысловую связь.

Исследование денотативного значения терминов в их отношении с обозначениями, понятиями в плане определения характера системного образования общемедицинской

терминологии позволило выявить тематические группы этимологически неоднородных слов [6, с.341].

Так, существительные обьединяются в тематические группы, обозначающие наименования общемедицинских отраслей и их частей, характеризуя их по наличию или отсутствию того или иного органа и деятелей общемедицинской номенклатуры, по сходству с тем или иным органом или частями человека и.т.д [1, 2, 3, 4, 18, 19].

Другие части речи, по мере возможности, дополняют их классификацию, характеризуя их по форме, характеру воздействия различных препаратов или лекарственных веществох, характеру поверхности, положению в пространстве, внутреннему строению человеческого органа.

Общемедицинская терминология представляет собой неоднородную лексико-грамматическую микросистему, релевантным компонентом которой является общемедицинская лексика таджикского языка. Лексико-грамматическую основу этой микросистемы составляют имена существительные, занимающие доминантные позиции в аспекте их номинативной значимости[6, с.17].

По нашим исследованием, они составляют 80 всех лексических единиц общемедицинской терминологии таджикского современного языка.

Распределение имен существительных по более пятьнадцати макроязыкам несколько варьируется, это различие как в логико- понятной системе, так и в отношении объема различных групп лексики (терминов) в макроязыках.

С учетом критериев тематической продуктивности, в микротерминах обозначаются следующие пласты специальной терминологии: общенаучная, общемедицинская, межотраслевая, хирургическая [1], стоматологическая [18, с.19], деонтологическая [5], травмотологическая [11], неврологическая [16], урологическая [10], офтальмологическая [8] и узкоспециальная - как разновидности общенародного таджикского литературного языка.

В количественном отношении доминируют общемедицинская терминология (55%) и межотраслевые (специальние) (48%) термины, общенаучная и узкоспециальные термины, представленные в меншем объеме.

Так, к примеру, в следующей таблице приведена имен количественная характеристика употребления терминов - существительных в главных отраслях подъязыка общемедицинской науки (в процентах):

Хирургическая терминология	15
Стоматологическая терминология	75
Уротологическая терминология	60
Офтальмологическая терминология	30
Травматологическая терминология	30
Деонтологическая терминология	10
Кардиологическая терминология	45
Неврологическая терминология	60
Онкологическая терминология	5
Ортопедическая терминология	30
Гинекологическая терминология	10
Терапевтическая терминология	40
Общемедицинская терминология	65

Самой открытой и гетерогенной по составу входящих в неё терминов является микросистема «общемедицинская», а самыми закрытыми «физиология человека», «деонтология», и «онкология». В силу специфики их научно-понятийной системы и объектов изучения.

Проведенный нами анализ лексико-грамматического состава общемедицинской терминологии таджикского литературного языка позволяет констатировать , что в функции общемедицинской терминологии, наряду с существительными, могут выступать и другие части речи, например, глаголы.

По нашему мнению, если существительные общепризнанно считаются единицами терминологии, то глаголы в статусе медицинских терминов далеко не бесспорны для исследователей, хотя очевидно , что они вполне самостоятельно представлены в медицинской терминологии других различных отраслей медицинской науки.

Общемедицинские словари, изучаемые в данной статьи в области медицинской терминологии , указывают на то, что в источниках, на базе которых они составлены, содержится немало глаголов самодостаточных как обозначения действий и процессов, изначально соотнесенных с предметами или орудиями, например: ҷарроҳӣ-ҷарроҳӣ кардан (оперировать), пешоб-пешоб кардан (мочиться), пешоб-пешоб рехтан (выпускание мочи), хун-хун рафтан (кровотечение), об-об тохтан (мочиться), раг-раг кашидан (судорога), раг-раг задан (конвульсия, судорога), дил- дил тапидан (серцебиение), дил-дил задан (серцебиение), дандон - дандон шустан (чистить зубы), осеб-осеб дидан (получать травму)…[10, с.14, 15].

Надо отметить, что именно от глаголов произошли параллельные термины – существительные для обозначения тех же прцессов, как бы доказывающие, что медицинская терминология включает далеко не только десемантизированные глаголы: раг кашидан-рагкашӣ (судорога), хун рафтан-хунравӣ (кравотечение), осеб дидан-осеббинӣ (получать травму). лахт бастан-лахтбандӣ (свертываемость), сармо задан - сармозанӣ (замороженный), дил задан- дилзанӣ (биение сердца), дил кафидан- дилкафӣ (разрыв сердца) и.т.д… [14, с.15].

Вывод из анализа этой сфери терминологии в том, что глагольные слова из общеупотребительного состава, приобретая иные функционально- качественные характеристики, не столько превращаются в термин, сколько приближаются к нему. Особенно нужно отметить, что примером, доказывающем это, может быть общеязыковые, сигнификативно -мотивизированные глаголы: буридан (резать), кардан (делать), доштан (держать), омадан (появляться). Сар додан (выпускать), которые наличествуют в текстах и словарах общемедицинской сферы с четким ограничением сигнифигативного содержания.

Этим глаголом номинируются конкретные процессии. В данном случае на то, что глагол употребляется как термин, указывают примеры: буридани ғадудомос (аденомэктомия), пешоб кардан (мочится), доштани пешоб (удержание мочи), омадани пешоб (появление мочи), сар додани пешоб (выпускание мочи)…

Поэтому исследователи медицинской терминологии и специальных терминов на базе различных языков особо подчеркивали, что вопрос образования медицинских терминов на основе действия механизма словообразования или терминообразования любого языка несёт на себе печать бесспорной актуальности (Лобан К.М.. Лось М.Б., Реформатский А., Брейтман М.Я., Гринберг Л., Лоте С.Д., Головин Б.Н., Даниленко В.П. и др.).

Можно сказать, что на базе лингвистического анализа фактического материале выявлено, что медицинская терминология таджикского языка образуется семантическим способам и другие соответствующими способами.

При семантическом способе образования медицинской терминологии наблюдаются следующие типы развития семантики слов:

а) терминологизация общелитературных (в том числе и общенародных) слов;

б) специализация значений общелитературного слова и словосочетания;

в) семантическое переосмысление издавна существующих в таджикском языке слов.

При терминологизации общеупотребительных слов, т.е. превращении слов в термин, значения общеупотребительного слова и общемедицинского термина, в том числе и уретологический термин ограничиваются друг от друга. К семантике общеупотребительного слова прибавляется ещё одно терминологическое значение. Исследуя его, можно сказать, что общемедицинские термины найча, тан, аломат, ҷонишин, ҷом, ҷомча возникли в результате терминологизации общеупотребительных слов таджикского слова.

Например, слова найча как нейтральное слово означало в таджикском языке танаи борики кӯтоҳ бӯридашудаи най (қамиш) ё чизи ба ин монанди дигар, ки бофандагон пудро ба он печонда, дар моку мегузаронанд, однако оно стало обозначать также медицинское понятие - найчаи гурда (трубочки почечные), или же слово тан (тело) в таджикском языке стало обозначать урологический термин тан - тавораи пешобу таносул (мочеполевой диафрагм); слова аломат в таджикском языке признак, а как медицинское понятие оно означает «симптомы». Наше исследование показало, что в составе общемедицинской терминологии таджикского языка функционируют простые, составные, сложные термины и словосочетания.

Простые и сложные термины подразделяются на производные и непроизводные. Надо особенно отметить, что производных медицинских терминов в таджикском языке являются больше всего:

Образование медицинских терминов при помощи суффиксов –ӣ, -а, -иш. –ча, -ак, -гар, …

В результате анализа определилась регулярная морфологическая модель слов-терминов.

В большинстве случаев это следующая последовательность:

а) корневая морфема+корневая морфема+суффиксальная морфема;

б) префиксальная морфема+корневая морфема+корневая морфема +суффиксальная морфема;

в) префиксальная морфема+корневая морфема;

В итоге последовательного выявления получен частотный список морфем в общемедицинской терминологии таджикского языка, наиболее употребительными из которых являются:

а) суффиксальные морфемы –ӣ, -а, -иш, -ак, -ча..

Основные модели, образование при помощи аффиксов:

-модель основа + ӣ: хуни обӣ (кровавый), ғализӣ (мутный), нутфаӣ (семеный), пешобӣ (мочевой), саратонӣ (онкологический), батнӣ (потомственный), исфанҷӣ (угробный), ихрочӣ (экстраторная), маҳбалӣ, зиҳорӣ….

-модель основа + а: даста. ғадуда, ҳашафа, сафеда, маҳбалӣ, сӯроха, даҳона,….

-модель основа + иш: хориш, сӯзиш, мезиш, кашиш, сабзиш…

-модель основа + ча: ҷомча, ширинча, теппача…

-модель основа +ак: чакмезак(мочеиспускание по каплям). мушак (сфинктер), пистонак(папиллома), сурхак (корь). Ҳавзак (лоханка)…

Наряду с производным способом образования общемедицинской терминологии в таджикском языке не менее продуктивным является и способ словосложения. Этим путем образованы и образуются многочисленные сложные термины, как собственно-сложные, так и смешанные с заимствованными основами из разных классических(арабского, английского, греческого. латинского и особенно из русского языка [13]. На этой основе их можно разделить на следующие группы:

а) собственно-сложные

б) смешанные слова-термины.

Сложные общемедицинские термины таджикского языка образуются в основном из двух или более основ:

1. Сложные медицинские термины, состоящие из двух основ: чарбпешобӣ (дипурия), пистономос (папиллома), хунпешоб (гематурия), гурдадард (почечные болезнь), серпешоб (полиурия), пешобшинос (уролог), дандонпизишк (стоматолог), осебшинос (травматолог). Чашмпизишк (офтальмолог), гиёҳшифо (фитотерапия);

2. Сложные термины сферы медицинской науки, образованные от заимствованных и собственно таджикских основ:бавлшинос (уролог), ферментдор (ферментурия). Вибриондор (вибрионурия), шабидрор (никтурия). хунварам (гематома)…

Аналитический строй таджикского языка способствовал образованию большого числа общемедицинских терминов-словосочетаний. Анализ данного лингвистического материала показал, что общемедицинская терминология - словосочетания именного типа-составляют основную часть таджикской медицинской терминологии: таҳлили пешоб(анализ мочи), пешоби нутфадор (сперматурия), мушаки пешоброн (мыщцы, выталкивающие мочу), гурдаи реза (карликовая почка), газаки хоя (орхит), камони гурда (дуга почечная).

Другая, так же большая часть терминосочетаний, образована по моделям:

а) существительное + существительное: сангкасал (каменная болезнь), шабидрор(никтурия), қушхоя (удвоенное яичко), дандонпизишк (стоматолог), чашмпизишк (офтальмолог)….

б) существительное + прилагательное: дандони муваққат (временный зуб), дандони модарзод (врожденные зубы), дандони дуреша (двухкоренной зуб), чангаки душона (двуплечный кламмер), пешоби оҳардор (амлурия), мании хунин (гематоспермия), маводи пешоброн (мочегонные средства)…

в) числительное + существительное + основа настоящего времени глагола доштан: якхоядор(монорхидия), якнутфадор (моноспермный). духоядор (полиорхизм)…

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Астраускас В.И. Словарь медицинских терминов на латинском, литовском и русском языках / В.И. Астраускас. - Вильнюс, 1980. - 201 с.
2. Брейтман М.Я. Словарь клинической терминологии / М.Я. Брейтман. – Ленинград, 1929. - 312 с.
3. Вольфсон С.И. Латино-русский медицинский словарь / С.И. Вольфсон. – Медгиз., 1957. - 280 с.
4. Гринберг Л. Терминологический медицинский словарь на лат. нем. франс. и русс. языках / Л. Гринберг. – Москва, 1964. - 384 с.
5. Гуськов В. С. Терминологический словарь по психиатрии / В.С. Гуськов. – Москва, 1965. - 376 с.
6. Даниленко В. П. Терминология современного языка науки / В.П. Даниленко // Терминоведение и терминография в индоевропейских языках. –Владивосток, 1987. - 768 с.
7. Джабиев З.Т. Терминология народной медицины в осетинском языке / З.Т. Джабиев. - Тбилиси, 1977. - 398 с.
8. Жалмухаммедов К.Б. Русско-казахский толковый словарь терминов глазных болезнь / К.Б. Жалмухаммедов. - Алма-ата, 1977. - 233 с.
9. Карась З.Л. Акушерско-гинекологическая терминология / З.Л. Карась. – Сталинабад, 1939. - 154 с.
10. Кодирӣ Т.Р. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ оид ба пешобшиносӣ. - Душанбе, 1994. - 28 с.
11. Лобан К.М. Терминологический словарь важнейших инфекционных и паразитарных болезней человека / К.М. Лобан. – Москва, 1968. - 260 с.
12. Лось М.В. Термины медицинской вирусологии и генетики вирусов / М.В. Лось. – Ташкент: Издательство «Медицина» АН Узб.ССР, 1969. - 76 с.
13. Лоте Д.С. Основы построения научно-технической терминологии. Вопросы теории и методики / Д.С. Лоте. – Москва: Издательство АН СССР, 1967. - 543 с.
14. Расулов М.Я. Фарҳанги тиббӣ (русӣ-тоҷикӣ-лотинӣ) / М.Я. Расулов.- Душанбе, 1986. - Ҷ.4. - 488 с.
15. Расулов М.Я. Фарҳанги тиббӣ (русӣ-тоҷикӣ- лотинӣ) / М.Я. Расулов. – Душанбе, 1973. - Ҷ.1. - 480 с.
16. Рачабалиев Ш.Ф. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикии асабшиносӣ (дастури таълимӣ) / Ш.Ф. Рачабалиев. – Душанбе, 1998. - 65 с.
17. Реформатский А. Что такое термины и терминология / А. Реформатский. – Москва: Издательство АН СССР, 1961. - С. 46-54.
18. Соатов И.С. Луғати мухтасари дандонпизишкӣ(русӣ-тоҷикӣ) / И.С. Соатов. - Душанбе, 1996. - 41 с.
19. Соатов И.С. Луғати мухтасари дандонпизишкии русӣ-форсӣ-тоҷикӣ-англисӣ / И.С. Соатов. – Душанбе, 1997. – 51 с.

ТАҲАВВУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББИИ ТОҶИКӢ ВА СОХТОРИ ОН

Тавре ба ҳамагон маълум аст, дар забони тоҷикӣ роҳу воситаҳои мухталифи истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ мавҷуд аст, ки ин ҳам яке аз сарчашмаҳои бою ғанишавии забон маҳсуб мешавад. Истилоҳоти умумитиббии забони тоҷикӣ маъмулан бо қолабҳои маъруфу мақбуле, ки аз забонҳои эронии қадим ва ҳиндии бостон боқӣ мондаанд, сохта мешаванд. Бояд зикр намуд, ки тартибу низоми маъмулии гурӯҳбандии истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ, ки имрӯз аз он истифода менамоем, аз қонуну қавоиди забонҳои ҳиндуаврупоӣ маншаъ мегирад. Чунин тарзу тариқи таснифи истилоҳотро бисёре аз забоншиносони маъруфи ватаниву хориҷӣ низ пайравӣ намуда, онро қобили қабул донистаанд. Дар мақолаи мазкур таҳаввул ва ташаккули истилоҳоти тиббӣ, бахусус, соҳаҳои мухталифи он дар забони тоҷикӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар асоси таҳлилу баррасиҳо дақиқу равшан гардид, ки, дар ҳақиқат, истилоҳоти умумитиббии забони тоҷикӣ дар заминаи таснифоти мазкур ва роҳу воситаҳои фавқуззикр ба роҳ монда шудаанд. Мақолаи мазкур бо овардани маводи мухталиф аз истилоҳоти гуногуни тиббӣ ва таҳлилу баррасии онҳо дар ҳаллу фасл намудани забони тоҷикии тиббӣ метавонад мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: истилоҳот, истилоҳоти илмӣ, забони илм, забони истилоҳоти илмӣ, ташаккули истилоҳот, истилоҳоти тиббӣ, дандонпизишк, асабшиносӣ, шикастабандӣ, муодили истилоҳ.

ОБРАЗОВАНИЕ ОБЩЕМЕДИЦИНСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И ЕЕ СТРУКТУРА

Анализ денонативного значения медицинской терминологии в его соотношении с обозначениями. Анализ системной организации общемедицинской терминологии позволил выявить тематические группы этимологически неоднородных слов. Так, существительные объединяются в тематические группы, обозначающие наименования медицинских отраслей и их частей, характеризуя их по наличию или отсутствию того или иного органа и деталей общемедицинской номенклатуры, по сходству с тем или иным органом или отраслей различных отраслей медицины. В данной статье в основном были рассмотрены задачи и вопросы по выявлению семантических и исторических особенностей общемедицинской терминологии . При изучении исследовании данного аспекта были освещены следующие моменти: для устойчивого понимания и семантического раскрытия темы исследования общемедицинской терминологии в рассматриваемых языках был затронут исторический аспект терминообразования медицины; анализ истории возникновения и развития системы медицинской терминологии в разносистемных языках, методы и пути образования общемедицинской терминологии; был проведен детальный анализ семантики общемедицинских терминов таджикском языке. Это помогло составить лексико-семантическую группу для более обширного понимания единиц - терминов; было проведено сопоставление по семантическим особенностям в современном и историческом аспекте общемедицинской терминологии в современном таджикском языке.

Ключевые слова: терминология, медицинская терминология, общемедицинская терминология, научный термин, тематические группы, номенклатура, единицы - термины, исторический аспект, лексика, семантика.

FORMATION OF GENERAL MEDICAL TERMINOLOGY OF THE MODERN TAJIK LANGUAGE AND ITS STRUCTURE

Analysis of the denonative meaning of medical terminology in their correlation with symbols. The concepts in terms of determining the nature of the systemic organization of general medical terminology made it possible to identify thematic groups of etymologically inhomogeneous words. Thus, nouns are grouped into thematic groups denoting the names of medical industries and their parts, characterizing them by the presence or absence of one or another organ and details of the general medical nomenclature, by similarity to one or another organ or branches of various branches of medicine. In this article, the tasks and questions of identifying the semantic and historical features of general medical terminology were mainly considered. When considering the analysis in the study in this aspect, the following points were covered; for a sustainable understanding and semantic disclosure of the topic of the study of general medical terminology in the languages under consideration, the historical aspect of term formation in medicine was touched upon; analysis of the history of the emergence and development of the medical terminology system in the languages of different systems, helped to identify methods and ways of forming general medical terminology; a detailed study of the semantics of general terms in the Tajik language was conducted. This helped to form a lexico-semantic group for a broader understanding of the units of terms; A comparison was made of semantic features in the modern and historical aspect of general medical terminology in the modern Tajik language.

Key words: terminology, medical terminology, general medical terminology, scientific term, thematic groups, nomenclature, units of terms, historical aspect, vocabulary, semantics.

УДК: 491.550-56:891.550:82

ДАРАҶАИ ҲАММАЪНОИИ МУРОДИФОТИ ЛУҒАВИЮ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ С.АЙНӢ

Нихмонова Р.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур

«Ҳодисаи ҳаммаъноӣ дар забон аз рӯйи эҳтиёҷи ҷамъият ба миён меояд. Муродифҳо ба ҷузъ умумият тавофути маъноӣ ва услубӣ ҳам доранд ва ҳангоми зарурати ифодаи ягон тобиши нозук мушкили забонро дар мубодилаи афкор осон менамоянд» қайд менамояд забоншинос Б. Камолиддинов [5, с. 93].

Як фикрро метавон тавассути воҳидҳои гуногуни фразеологӣ ва муродифоти луғавии он, ки муҳтавои суханро возеҳ ва сареҳ дарҷ мекунанд, ифода намуд. Ба мисли *нигоҳ кардан - чашм дӯхтан, чашм андохтан, назар афкандан* ва ғ. Калима ва фразеологизмҳои ҳаммаъно аз ҷиҳати обуранги услубӣ ва тобишҳои гуногуни маъноӣ ва мавқеи истифодаашон дар матн аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар услуби бадеӣ ва публитсистӣ синонимшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ пайиҳам истифода гардида, ба мақсади аниқтар ва пурратар тасвир намудани амалу ҳолат ба кор бурда мешаванд. Хусусан дар осори публитсистии С. Айнӣ муродифшавии фразеологизмҳои гуногун бо муродифи луғавиашон ба хотири таъсирбахш тасвир намудани ҳодисаву воқеаҳои гуногуни таърихӣ ва ҳолати рӯҳии қаҳрамонон дар асоси қоидаҳои системаи забон маъноан пайваст гардида, ба кор бурда шудааст. Воҳидҳои фразеологӣ таркибҳои нисбатан мураккаб буда, бо ин хусусияташон аз калима фарқ мекунанд, яъне фразеологизмҳо дар асоси тағйир ёфтани маънии аслии калимаҳо ва маънои маҷозӣ гирифтанашон ба вуҷуд омада, як муҳтавои томро ташкил мекунанд.

«Азбаски воҳидҳои фразеологӣ сохту таркиби нисбат ба калимаҳо мураккабтаре доранд (аз якчанд калимаи мураккаби маънодор ва ёвар дар қолаби ибора ё ҷумла шакл мегиранд), вале мисли дигар унсурҳои луғавӣ барои ҳамаи соҳибони забон сарвати умумӣ ба шумор мераванд, бо мурури замон дар натиҷаи истеъмол тағйир ёфта, қарина ё вариантҳо пайдо кардаанд: *ба дарёи андеша фурӯ рафтан – ба андеша фурӯ рафтан - ба фикр фурӯ рафтан*. Вариантҳо аз ҷиҳати таркиби луғавӣ, унсурҳои калимаю шаклсозӣ, воситаҳои грамматикии алоқаи ҷузъҳо, тартиби калима дар ибораю ҷумлаҳои рехта ва ғайра фарқ мекунанд, ки ин ба дараҷаи рехтагии он воҳидҳо ва тақозои матн ва мавриди сухан вобастагӣ дорад: *майна об кардан, об кардани майна*» [3, с.44-46].

Дар ягон услуби ҷории нутқ ба мисли услубҳои бадеию публитсистӣ ибораҳои рехта фаровон кор фармуда намешаванд. Дар асари бадеӣ тамоми саҳнаҳои воқеии ҳаёт табиӣ ва образнок тасвир мешаванд. Бинобар ин, аз имконоти услубии ВФ бештару васеътар истифода мекунанд. Тарзу усул ва дараҷаи корбурди фразеологизмҳо дар асари бадеӣ ва публитсистӣ ба мароми эҷодӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи

адиб, ба савияи забондонӣ, захираи фразеологии ӯ вобастагӣ дорад. Аслан, таркиби ВФ-ро тағйир додан мумкин нест, зеро сохти устувор дорад. Агар нигоранда захираи бойи луғавию фразеологӣ дошта бошад, нозукиҳои маъноии ҳар як калима ё ибораи рехтаро амиқ дарк намояд, дар он сурат бе осеби маъно онро тағйир дода метавонад. Чунончи, устод Айнӣ ба ҷойи ВФ-и *димоғи касе сӯхт* маънои фразеологизмро ривоҷ дода, дар шакли *димоғ сӯхта дуд мебароварад* («Марги судхӯр») гуфтааст. С. Айнӣ дар осори бадеию публитсистиаш воҳидҳои луғавию фразеологии фаровонро бо дарки маънои онҳо дар ҷо-ҷойи худаш бамавқеъ кор фармудааст. Дар мисоли зерин феъли *қатъ кардан* ва фразеологизми *худро канор кашидан* бо мақсади пурра кардани маънои якдигар истифода шудаанд:

Ҳамин ки мавқеи ҳукумати Шӯроиро маърӯзи як ҳодиса медид, музокарарро *қатъ карда*, ***худро канор мекашид*** [1, с.152].

Воҳиди фразеологии *худро ба канор кашидан (гирифтан*) ба маънои худро аз коре дур гирифтан, худро аз ногуворӣ, масъулияте дур кардан, алоқаи худро кандан, тарки алоқа кардан омадааст [12, с.309]. Дар ин матн воҳиди фразеологии ***худро канор кашидан*** бо муродифи луғавияш *қатъ кардан* пайиҳам омада, маъниро бидуни образ ифода намудааст. Тавассути фразеологизми мазкур нависанда бетарафӣ, бешарафӣ ва дӯстии ғаразнок доштани мамлакатҳои Ғарбро нисбат ба Ҳукумати Шӯроӣ таҷассум намудааст. Ин ибора эҳсосоти манфии нависандаро нисбат ба воқеаи мазкур ифода менамояд. Калимаи *“қатъ”* дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба маънои буридан, кандан, кӯтоҳ кардан шарҳ ёфтааст [10, Ҷ.2. с.681.]. Ибораи феълии “қатъ кардан (ё намудан)” бо чунин маъноҳо зикр гардидааст: нест кардан, куштан, ҳал кардан, файсала додан [10, с.682.ч.2]. Ибораи ***худро канор кашидан*** дар ин матн бо муродифи луғавиаш ба маънои «алоқаро буридан, тарки алоқа кардан» муродиф шудааст.

Воҳидҳои фразеологӣ тавассути образнокӣ ва хусусияти маҷозияшон фаъолона дар матнҳои публитсистӣ иштирок намуда, ба нависанда имкон медиҳанд, ки матлабро рангин ва таъсирбахш тасвир намояд. Чунончи: Аммо баъд аз ҷангҳои сахт *шикаст хӯрда*, *ном* баргашт [2, с.99].

Шикаст дидан (хӯрдан) – зарба дидан, зарар дидан, дучори мағлубият шудан, мағлуб кардан [12, с.442]. С. Айнӣ ин ибораро ба ин маънӣ дар ифодаи номӣ, мағлубият дар ҷанг истифода намудааст. Вариантҳои дигари ин фразеологизм *шикаст хӯрдан, ба шикаст дучор шудан* ва ғ. мағлубият, руҳафтодагӣ ва ноомади корро ифода менамоянд. Фразеологизми *шикаст дидан* дар эҷодиёти публитсистии С.Айнӣ фаровон истифода гардида, бо тобиши нозуки маъноии хеш аз воҳиди луғавии синонимиаш (ном (шудан//гардидан)) фарқ мекунад. Дар осори устод Айнӣ ВФ-и *шикаст хӯрдан* танҳо дар мавриди тасвири муборизаҳои гурӯҳӣ, яъне ҷанг, истифода шуда шуда, муродифи луғавиаш доираи истеъмоли нисбатан васеъ дорад: *дар ишқ ном шудан, дар имтиҳон ном шудан, дар мусобиқа ном шудан* ва ғ.

Калима ва фразеологизмҳо бештар ба як майдони семантикии забон ворид мегарданд. Ба тафовути онҳо нигоҳ накарда, калима ва фразеологизмҳо дар системаи забон бо ҳам дар алоқаи зич қарор доранд ва ҳамеша ба ҳам таъсир мерасонанд. Чунончи, дар мисоли зерин:

Чунонки ҷанговарони тоҷик дар қатори ҷанговарони халқҳои дигари советӣ дар фронт ба муқобили одамхӯрони немис *ҷонбозӣ карда* истодаанд, меҳнаткашони тоҷик ҳам дар қатори меҳнаткашони дигар халқҳои советӣ дар ақибгоҳ барои мустаҳкам кардани фронт ва даруни мамлакат *мубориза бурда истодаанд* [1, с.309-310].

Ҷонбозӣ кардан (намудан) - дар иҷрои коре ҷони худро дареғ надоштан, кӯшишу ғайрат кардан, қаҳрамонӣ, фидокорӣ кардан, муборизаи шадид намудан [12, с.671]. Ин калимаи мураккаб дар заминаи ВФ-и *ҷон бохтан* ба вуҷуд омадааст. Дар матни боло бо таркиби *мубориза бурдан* муродиф шудааст. *Ҷонбозӣ кардан* ҷонсупорона иҷро кардани коре, ҷонро дареғ надошта мубориза бурданро ифода намуда, дар тасвир ва баҳодиҳии ҳолати ҳақиқии қаҳрамонҳои асар нақши ҳалкунанда бозидааст. Ҳар ду ба маънои «кӯшишу ғайрат кардан дар коре» далолат менамоянд.

Инчунин дар дар эҷодиёти С.Айнӣ фразеологизмҳое низ вомехӯранд, ки дар “Фарҳанги ибораҳои рехта” қайд нашудаанд, аммо дар забони зиндаи халқ ба кор бурда мешаванд. С.Айнӣ онҳоро ба мақсади ворид намудан ба фонди адабии забон ба кор бурдааст. Чунончи:

Ҳамин қуввати маънавӣ ва эътимоди алланнафс буд, ки аз ҳеҷ таҳлука *натарсида* ва аз душманони қавӣ *наяндешида*, аз шикастҳои муваққатӣ *ба худ заъфро роҳ надода* кӯшиш карданд 1, с.57].

Воҳиди фразеологии *ба худ заъфро роҳ надодан* дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» зикр нагардидааст. Он дар ин матн ба маънои «натарсидан, наҳаросидан, дилшикаста нашудан» омада, ҳолати рӯҳии қаҳрамононро хеле хуб таҷассум намудааст. Бояд гуфт, ки дар ҷумла воҳиди фразеологӣ бо ду калима *наяндешидан* ва *натарсидан* синоним гардида, мазмуни матнро пурра намудаанд. Нависанда онҳоро пайиҳам истифода намуда, гурез аз такрори бемаврид ва қувват бахшидани мақсади хеш моҳирона истифода намудааст.

Ҳанӯз дар дасти ман ду тир ҳаст, ки барои *тамом кардани кори шумо* басанда аст, лекин маро ҳайф меояд, ки инҳоро барои рехтани хуни мурдори шумо *нобуд кунам* [2, с.62].

Ибораи рехтаи *кори касе, чизеро тамом кардан (намудан)* – ба маънои масъалаи касеро ҳал кардан, кори касеро яктарафа кардан, касеро нобуд кардан, куштан омадааст [11,с.558]. Ин ибора маъниро як андоза пардапӯшона ифода намудааст. Ин гуна ибораҳо қисми зиёди осори публитсистии С.Айниро фаро гирифтаанд. Яъне, дар сурати иваз намудани он бо синоними луғавияш маънӣ тағйир намеёбад. Фразеологизми *кори касе, чизеро тамом кардан (намудан)* барои тасвири ҳолати номатлуб, зоҳир гардидани эҳсосоти манфии қаҳрамон нисбат ба душман истифода гардидааст. Воҳиди луғавии он бошад *нобуд кардан* маъниро нисбатан камтаъсир ифода намудааст. Калимаи “нобуд” маънои номавҷуд, нестшуда; **нобуд кардан** – нест кардан, барҳам додан; **нобуд шудан** – нест шудан, барҳам хӯрданро дорад [9, с.861]. Ибораи *кори касе, чизеро тамом кардан (намудан)* бо ибораи *нест кардан* бештар дараҷаи ҳаммаъноӣ пайдо намудааст.

Синонимҳо гурурӯҳи калимаҳое мебошанд, ки дар системаи забон бо ҳамдигар наздик буда, ба ҳам таъсир намуда, дар ҳолатҳои алоҳида якдигарро иваз менамоянд ва дар алоқа ҳастанд [7, с.18].

Бештари воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ аз адабиёти классикӣ сарчашма гирифта, таърих ва ҳодисаву воқеаҳои гуногуни таърихӣ, динӣ ва миллии халқро таҷассум менамоянд. Онҳо ҳамчун дурдонаҳои бебаҳо дар эҷодиёти нависандагон ба мақсади фардикунонии нутқи қаҳрамонон ва пуробуранг тасвир намудани амалу ҳолат ва ҳолати рӯҳии қаҳрамонони асар мавриди истифода қарор гирифтаанд. Чунончи:

Ӯ одамонеро, ки аз халқҳо ба дасташ афтоданд, хоҳ пир бошанд, хоҳ тифл, хоҳ мард бошанд, хоҳ зан, кушт, шаҳрҳо ва деҳаҳоро *вайрон кард* ва *ба замин яксон намуд* [2, с.291].

Ибораи *ба замин яксон намудан (кардан)- касеро беобрӯ, шарманда, расво кардан, нобуд кардан* [11, с. 464] дар ин ҷумла ба маънои вайрон кардан, нобуд намудан омадааст. Нависанда ин фразеологизмро дар ҳаққи персонажи манфӣ кор фармуда, бераҳмӣ, ҳайвонсиратӣ ва харобазор намудани шаҳру деҳаҳоро тавассути ибораи мазкур ифода намудааст. Он бо ибораи феълии *вайрон кардан* синоним шуда, истифодаи пайиҳами онҳо боиси пурра ифода ёфтани матлаб гардидааст. Ин ибораи фразеологии пешояндор буда, миқдори он дар забони зиндаи халқ зиёдтар ба чашм мерасад. Ибораи феълии “вайрон кардан” чунин мазмунро дорост: 1. хароб кардан, шикастан, аз кор баровардан; 2. вайрона, хароба, ҷойи хароб [9, с.222] Фразеологизми *ба замин яксон намудан (кардан)* бо мазмуни якум яъне *хароб кардан* синоним шудааст.

Қисми асосии фонди ибораҳои фразеологии забони тоҷикиро ибораҳои фразеологии пешояндор ташкил медиҳанд. Сабаби миқдоран зиёд будани онҳо ба табиати забони тоҷикӣ вобаста мебошад [11, с.7]. Бинобар ин дар осори бадеию публитсистии нависанда бештар ВФ-и пешояндор бо калима муносибати муродифӣ пайдо кардаанд. Чунин воҳидҳои фразеологӣ дар эҷодиёти публитсистии С. Айнӣ ба мақсади гурез аз такрори бемаврид ва аниқ баён намудани матлаб истифода гардидаанд. Онҳо фикри нависандаро пурра намуда, дар баҳо додани хислати мусбат ва манфии қаҳрамонон инчунин дигар ҳолату воқеаҳо нақши ҳалкунанда мебозанд. Мисол:

Билхосса? аз тарафи Улуғбек, набераи Темур чӣ сон муассисаҳои илмӣ *бино ёфт*, ин пештоқе, ки дар муқобили мабҳут нишастаам, аз тарафи ин ҷавони алломаи Улуғбек ба чӣ орзу *сар ба фалак кашида шуд* [1, с.65].

Фразеологизми *сар ба фалак кашидан* дар “Фарҳанги ибораҳои рехта” қайд нагардидааст. Он дар ин матн ба маънои бино ёфтан, қад афрохтан, баланд сохта шудан ба кор бурда шуда, бештар нисбат ба ашёҳои беҷон, хусусан кӯҳу дарахтон ва биноҳои маишӣ, истифода мегардад. Калимаи асосии он, ки мафҳуми аслӣ дар он ифода ёфтааст, *сар* мебошад. Мавриди қайд аст, ки бо воҳиди луғавии *сар* фразеологизмҳои зиёд сохта шудаанд, ки дар тасвири амалу ҳолат ва таҷассум намудани рӯҳияи манфию мусбати персонажҳои асар истифода бурда мешаванд. Ин ибора дар услуби бадеӣ ва публитсистӣ зиёдтар ба кор бурда мешавад. Маънои аслӣ бо маънои маҷозии ибора алоқаи зич дорад. Таркиби феълии *бино ёфтан* бошад, маъноро хушку холӣ ва беобуранг ифода кардааст. Воҳиди луғавии “бино” иморат, хона, асос, бунёд; **бино гузоштан (ё ниҳодан)** – бунёд кардан ва сохтани иморат; **бино кардан** – бунёд кардан ва сохтани иморат, сар кардан, шурӯъ кардан [9, с.185]. Таъбири рехтаи *сар ба фалак кашидан* бо ибораи *бунёд кардан* хусусияти муродифӣ пайдо кардааст.

Муродифҳои луғавию фразеологӣ дар матн паиҳамдигар ҷуфт- ҷуфт ва ё баъзан, ҷудогона кор фармуда мешаванд. Агар онҳо пайиҳамдигар омада бошанд, се вазифаро адо мекунанд: 1) Бо нияти пурра кардани маънои калима ё ифодаи аввал муродифҳои дигар оварда мешаванд. Калима ё ифодаи баъдина ягон паҳлуи номукаммали маънои муродифи аввалро пурра мекунад. 2) Бо мақсади таъкиди як маънӣ чанд калимаи муродиф пайиҳам оварда мешаванд. 3) Барои саҳеҳ ифода кардани фикр маънои калима ё истилоҳе бо муродиф ва муодили дигар эзоҳ дода мешавад [4, с.85]

Тавассути муродифот нависанда метавонад, ки мақсади хешро дар осораш, хусусан дар асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ, рангин ва образнок ифода намояд. Аз байни анбӯҳи зиёди синонимҳои луғавӣ ва фразеологӣ ҳамонеро интихоб намояд, ки ба мақсад мувофиқ ва мутобиқ бошад. Яъне нависанда, тобишҳои нозуки маънои ва обуранги услубиро ба назар гирифта, онҳоро дар матн истифода мебарад. Хусусан, дар публитсистикаи С. Айнӣ тобишҳои пардапӯшонаи маъноӣ ба назар гирифта шуда, фразеологизмҳои ҳархела бо воҳидҳои луғавии маъноан наздик бо ҳам синоним гардидаанд, ки ин ҳам аз маҳорати баланди нависанда шаҳодат медиҳад. Мисол:

Ҳар касе, ки ба аҳвол ва тарзи идораи ҳукумати Бухоро *назар андозад*, гуфтаҳои моро чун офтоби чоштгоҳӣ равшан ва ҳувайдо *мебинад* [1, с.106].

Воҳиди фразеологии *назар андохтан (афкандан)* киноя аз нигоҳ кардан, чизеро ба пеши чашм овардан, мулоҳиза кардан омадааст [11, с.679]. Ин ибора дар шаклҳои дигар низ ба чашм мерасад, ки дар асоси илова намудани ҷузъиёти дигар сохта шуда, тарзҳои гуногуни нигоҳ кардан ва дарку фаҳмишро ифода менамояд. Фразеологизми *назар андохтан (афкандан)* дар матн ба маънои хондан, мулоҳиза кардан омада, онро бо воҳиди луғавии муродифияш иваз кардан номумкин аст. Ин фразеологизм бо тобиши нозуки маъноӣ аз калимаи *нигоҳ* фарқ намуда, мақсади нависандаро мувофиқи мақсад дарҷ намудааст. Компоненти таркибии он *назар* бо калимаи *нигоҳ* синоним гардида, як маъниро ифода мекунанд. “Дидан” киноя аз дар ҳолати биноӣ будан;нигоҳ кардан, нигаристан; муоина кардан, мушоҳида кардан; **дидан дар** –(ё андар, ба, дар) касе ё чизе нигоҳ кардан, нигаристан, назар андохтан ба касе ё чизе; мулоқот дидор;аз сар гузаронидан [9, с.368]. Ин ибора бо маънои якум зиёдтар дараҷаи ҳаммаъноӣ пайдо кардааст. Дар забони тоҷикӣ бо истифода аз ин узви бадани инсон *чашм* воҳидҳои фразеологии зиёде сохта шудаанд, ки барои тасвир намудани зебоӣ, нафосат ва ифодаи амалу ҳолат истеъмол мешаванд. Калимаҳои серистеъмоли ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, калимаҳое мебошанд, ки бо ҳаёт ва меҳнати ҳаррӯзаи инсон алоқа доранд. Хусусан аз калимаҳои ифодакунандаи аъзои бадани инсон ибораҳои фразеологии зиёде ба вуҷуд омадаанд [11, с.7].

Ҳамчунин ки пайғамбари мо талаби илмро аз маҳд то лаҳад *ба гардани мо фарз кардаанд*, эҳтиёҷи зиндагӣ низ моро *иҷбор мекунад*, ки ҳар кадоми мо камаш рӯзе ду соати умри худро ба мутолиа гузаронем [1, с.79].

Ба гардани касе чизе бор кардан – чизеро ба уҳдаи касе гузоштан, иҷрои чизеро ба касе супурдан, касеро ба иҷрои чизе вазифадор кардан [11, с.209]. Ин фразеологизм дар ҳамин шакл ва намудҳои дигар дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» дарҷ гардида, маънои маҷбуран иҷро намудани амалеро ифода менамояд. Нависанда ба таркиби он ҷузъи иловагӣ калимаи *фарзро* ҳамроҳ намуда, маъноро образноктар тасвир кардааст. Бо ҳамроҳ кардани компоненти нав маънои фразеологизм тағйир

наёфта, баръакс, мақсади муаллиф мувофиқи матлаб баромадааст. *Иҷбор* чунин мазмунҳоро ифода мекунад: маҷбур кардан, ҷабру зулм кардан, ҷабру зӯр [10, с.521]. Воҳиди луғавии *иҷбор* бо ёрии маънои якуми худ бо фразеологизми *ба гардани касе чизе бор кардан* хусусияти муродифӣ пайдо намудааст.

Воҳидҳои фразеологӣ як қисмати боигарии забонро дар бар мегиранд ва дар матн на танҳо бо воҳидҳои фразеологӣ, балки бо калимаҳо низ синоним гардида, як маънӣ ё мазмунҳои наздикро ифода менамоянд. Фразеологизм ва воҳидҳои луғавӣ бо ҳам алоқаи зич дошта, дорои хусусиятҳои умумӣ мебошанд. С. Айнӣ дар истифодаи воҳидҳои фразеологӣ бештар ба забони халқ такя намуда, тавассути возеҳию содагӣ, руҳи халқ ва ҳақиқати таърихиро таҷассум намудааст. Чунончи:

Зотан Абӯмуслим Ҳасанро барои ҳамин ба тобеъ будан ба Абӯсалама хост, ки аввал хилофатро ба авлоди Алӣ *таклиф кунад* ва агар онҳо рад кунанд, Абӯлаббосро *ба рӯйи кор оварад* [2,с.109].

Воҳиди фразеологии *ба рӯйи кор овардан* – маънои ба арса, ба майдон овардан, ба роҳбарӣ, ба ҳокимият гузоштан (пешниҳод) омадааст [11, с.932]. Ин ибора дар матн бо калимаи *таклиф* маънои наздик дошта, бо тобишҳои пӯшидаи хеш аз ҳам тавофут доранд. Калимаи *рӯй* як қисмати бадани инсон буда, ҳангоми мувофиқ намудани он бо исмҳои моддӣ ва маънавӣ дар асоси маҷоз ва ташбеҳ воҳидҳои фразеологии гуногуншакл сохта шудаанд, ки дар тасвири хислат ва хусусияти қаҳрамонҳои таърихӣ, воқеа ва ҳодисаҳо ба нависанда имконияти васеъро фароҳам меоваранд. Нависанда баъзан ба мақсади ҷоннок намудани мақсади худ, воҳидҳои фразеологӣ ва калимаҳои наздикмаъноро дар ҷумла истифода намуда, фикрашро гуногунранг ифода менамояд. Ибораи феълии *таклиф* бошад, дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ба маънои пешниҳод, даъват; азоб азият, ҷавр дарҷ шудааст [10, с. 309]. Мисол:

Дар эҷодиёти публитсистии С. Айнӣ, хусусан дар мақола ва очеркҳои таърихӣ, воҳидҳои фразеологии аз ҷиҳати обуранги услубӣ заиф бештар ба назар мерасанд, ки дар бисёр ҳолат онҳоро аз ибораҳои озод фарқ намудан душвор аст. Мисол:

Вақте ки фасоди ахлоқ дар Туркистон *роҳ ёфта*, шуҷоати ҷибиллии туркистониён сарфи ҳавои нафс шуда, худкушӣ дар байнашон *пайдо шуд,* мамлакат торумор гардид [1, с. 470].

Фразеологизми *роҳи чизеро ёфтан* - ба маънои тарзи ҳалли масъалаеро ёфтан, чораи чизеро ёфтан ифода гардидааст [11, с. 903] Он дар ин матн ба маънои пайдо шудан, ривоҷ ёфтан омадааст. Аз ин бармеояд, ки ин ибора дорои ду маънӣ буда, бо мақсадҳои гуногуни услубӣ аз ҷониби нависанда ба кор бурда шуда, нависанда хусусиятҳои нозуки онро ба назар гирифта, фразеологизм ва синоними луғавии онро мувофиқи маънӣ кор фармудааст. Ин фразеологизм дар ҷумла эҳсосоти ногувор ва назари манфии нависандаро оиди ривоҷ ёфтани ахлоқи нопок ва хароб гардидани маънавиёти мардум ифода намудааст. Калимаи *ривоҷ* бошад, дорои маъноҳои зерин аст, равнақ, нашъунамо, пешрафт, тараққӣ, бозоргир будан, часпон будани бозори чизе [9, с.137]. *Пайдо шудан* – киноя аз намоён гаштан; ошкор гардидан, зоҳир гаштан; ба вуҷуд омадан, ёфт шудан аст [9, с.15].

Муродифот як қисмати калони фонди луғавии забони тоҷикиро ташкил намуда, истифодаи синонимии лексикӣ ва фразеологию луғавӣ ба мақсади образноку ҷолиб ифода намудани нутқи персонажҳо ва ҳолату ҳаракати ашёву воқеаҳо ба кор бурда мешаванд. С.Айнӣ вобаста ба мавриди сухан баъзе воҳидҳои фразеологиро ба тағйир дода, ҳодисаву воқеаҳоро барҷаста ва тасвир намудааст. Мисол:

Амир эшонро дар таҳти манори Бухоро ба як ҳавлӣ манзил дод; дар он ҷо як сол истиқомат карданд, лекин *рӯйи ёрмандиро надиданд*. Чун аз амир Шоҳмурод мувофиқи маъмули худ *имдод* ва *муованат* наёфтанд, маъюс шуда, ба васотати Уткурсӯфӣ рухсати авдот ҳосил карданд [2, с. 21]. Калимаи *имдод* ба маънои мадад, ёрӣ [10, с.476] ва воҳиди луғавии *муованат* чун ба ҳамдигар ёрмандӣ кардан, ионат, дастгирӣ, мададгорӣ [10, с.740] ишора гардидааст. Дар ин матн калимаҳои арабии *имдод* ва *муованат*, ки мазмунан як маъниро ифода менамоянд, бо воҳиди фразеологии *рӯйи ёрмандиро надидан* синоним гардида, мазмунан якдигарро пурра намудаанд. Калимаҳои имдод ва муованат аз сабаби кам дар истеъмол буданашон хусусияти архаистӣ пайдо намудаанд.

Рӯйи чизеро надидан – дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» ба маъноҳои аз чизе маҳрум будан, ба чизе дастрасӣ надоштан далолат кардааст [11, с.933]. Айни ҳол ин ибора ёрӣ надидан, имдод наёфтан аз касе ва чизеро дар матн ифода кардааст. Ин фразеологизм бо гирифтани компоненти нав дорои тобиши маъноии хос гардидааст.

Худи калимаи *ёрӣ* бо синонимҳои луғавии *имдод* ва *муованат* муродиф гашта, як маъниро таҷассум менамоянд. Воҳиди фразеологии *рӯйи ёрмандиро надидан* бо якчанд калимаҳо синоним шуда, ҳар яки он маънии якдигарро пурра намудаанд. С. Айнӣ ба мақсади нутқро муъҷаз ва пуробуранг инъикос намудан ибораи мазкурро бо муродифоти луғавияш пайиҳам истифода намудааст, ки ин яке аз усулҳои маъмули нависанда ба ҳисоб меравад. Ин фразеологизм, инчунин беҳурматӣ, беэътиноии амирро низ хеле нозук ва пардапӯшона ифода намудааст. Аз ин бармеояд, ки воҳидҳои фразеологӣ дар тасвири мақсади аслии нависанда нақши бузург бозида, онҳо дар матн бо муродифоти луғавии хеш ҷой иваз карда наметавонанд. Дар ин маврид Р.Н. Попов чунин ишора намудааст: “Мавҷудияти шакли дохили дар воҳидҳои фразеологӣ нисбат ба калимаҳо васеъ буда, сохти ибораҳои рехтаро бойтару дар айни замон мураккабтар месозад” [8, с.33]. Яъне, фразеологизмҳо аз ҷиҳати сохт ва шакл пуробуранг буда, дар тасвири амалу ҳолат ва ҷон бахшидан ба ашёи беҷон ба кор бурда мешаванд. Чунончи:

Абдумаликтӯра аз тозагӣ дар Қаршӣ ливои истиқлол афрохта, бештар аз пештар ҳавохоҳон ба пиромуни ӯ гирд омада, аз ҷамеи вилоёт хатту хабари *итоат* меомад. Чанд нафар ҳокимони вилоёт, ки аз тарафи амир мансуб буданд, *дар банду қайди Абдумаликтӯра афтоданд* [2, с. 74]. Воҳиди фразеологии *дар банду қайди касе афтодан* дар “Фарҳанги ибораҳои рехта” дарҷ нагардидааст. Дар матн ин ибора ба маънои *ба доми касе афтодан, ба касе вобаста гардидан, ба касе тобеъ шудан* омадааст. Тавассути он нависанда муносибати манфии хешро нисбати ҳокимон ва қозиҳо ба тариқи ҳаҷв ва масхара баён намудааст. Он рӯҳияи бадбинонаи нависандаро хеле барҷаста ва дурушт таҷассум намудааст. Фразеологизми мазкур дар дигар намудҳо низ истифода шуда, аслан эҳсосоти манфии эҷодкорро инъикос менамояд. Ба мисли *бандаи фармон будан*, *косалес, лаганбардор, дар доми касе афтодан ва г., ки* маънои *итоат кардан* - ро вобаста ба амалҳои зишту неки қаҳрамонони асар образнок таҷассум менамоянд. Воҳиди фразеологии *дар банду қайди касе афтодан* дар ҷумла бо калимаи арабии *итоат* муродиф гардидааст. Калимаи *итоат* дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” бо чунин маъниҳо ифода ёфтааст: фармонбарӣ, тобеъшавӣ, фармонбардорӣ, мутеӣ [9, с. 509]. Калимаи *банд*, ки ҷузъи асосии ин фразеология ба шумор меравад, дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” бо чунин мазмун шарҳ дода шудааст: ҷойи ба ҳам пайвастани ду чиз ё ду узви бадан: *вобаста кардан*, алоқа, муносибат, пайванд: қайд, дом, бастагӣ гиреҳ [9, с.138-139]. Воҳидҳои луғавии *банд* ва *қайд* синоним буда, мазмунан як маъниро инъикос менамоянд. Фразеологияи *дар банду қайди касе афтодан* маъниро таъсирнок тасвир менамояд ва ба воситаи он нависанда, мансабпарастон, ҳамзамон амалу рафтори онҳоро ба тариқи масхара таҷассум кардааст.

Бояд қайд кард, ки дар эҷодиёти публитсистии С. Айнӣ калимаҳои арабӣ хеле фаровон истифода гардида, фаҳмиши мазмуни эҷодиёти нависандаро нисбатан душвор намудаанд. Аз сабаби нофаҳмо будани муҳтавои бештари воҳидҳои луғавӣ қисми зиёдашон аз истифодаи умум баромада, хусусияти архаистӣ пайдо намудаанд. С.Айнӣ баъзан дар матн як фразеологизмро бо ду ва зиёда калимаҳо муродиф намуда, ба ҳодисаву воқеаҳо ҷон мебахшад ва сирату сурати персонажҳои тасвирии хешро барҷаста таҷаллӣ мекунад, ки ин ҳам аз маҳорату матонати нависанда огоҳӣ медиҳад.

Ин ҳама *аз даст рафтани* фурсатҳои мусоид, ин ҳама *маҳрум монданамон* аз ҳаққҳои машрӯъ, ин ҳама фоида нагирифтанамон аз имтиёзҳои васеъ аз ҷаҳлу нодониамон аст [1, с.12].

Аз даст рафтан ба маънои мақсад аз даст баромадан, маҳрум гардидан аз чизе, киноя аз ноумедӣ ва афсӯс хурдан аз рафтани вақт, ки қиматтарин меъёр барои ба амал баровардани орзуҳои инсон аст, ба кор бурда шудааст. Ибораи мазкур тавассути пешоянд ва калимаи *даст*, ки як ҷузъи бадани инсон аст, сохта шудааст. Нависанда бо ёрии ин ибора надомат аз вақти рафтаро, ки аз нодонию бесаводӣ мебошад, ишора менамояд. Чунонки мебинем, бо ин қисмати бадани инсон, *даст,* ибораҳои фразеологии зиёде сохта шуда, дар услуби публитсистӣ, хусусан дар забони халқ, фаровон истифода мегарданд. Калимаи *маҳрум дар* “Фарҳанги забони тоҷикӣ” маъниҳои зеринро ифода мекунад: бебаҳра, бенасиб, аз чизе монда [9, с.677]. Маълум гардид, ки воҳиди фразеологии *аз даст рафтан* бо калимаи *маҳрум,* бо ҳама маъниҳои ишораёфтаи он, дараҷаи ҳаммаъноӣ пайдо кардааст. Истифодаи пайиҳами муродифшавии ду ва зиёда калимаю таркибҳои феълӣ бо воҳидҳои фразеологӣ яке аз усулҳои маъмулии нигориши С.Айнӣ буда, бо ин роҳ нависанда қаҳрамон ва

воқеаҳои таърихиро хеле ҷолиб тасвир намудааст. Баъзан ба мақсади бартараф намудани такрори бемавриди сухан нависанда калима ва воҳидҳои фразеологиро на танҳо ба маънои аслиашон, балки ба маънӣ ва тобишҳои маъногии ғайримашҳурашон ба кор мебарад. Тавассути ибораҳои рехта нависанда симои халқ ва урфу одати чандинҳазорсолаи халқи тоҷикро таҷассум намудааст. Дар эҷодиёти публитсистии С.Айнӣ бештар фразеологизмҳои аз ҷиҳати обуранги услубӣ заиф, ки хосси усулуби илмӣ ва публитсистианд, истифода гардида, дар бисёр ҳолатҳо онҳоро аз калима ва ибораҳои озод фарқ кардан душвор аст. Чунончи: ба қалам додан, сари кор омадан, рӯй овардан,аз миён бардоштан,сабақ гирифтан ва ғ.

Ҳар як воҳиди фразеологӣ дорои обуранги услубӣ ва хусусияти баҳодиҳӣ мебошад. На ҳар як ибораи рехта дорои эквиваленти луғавист. Идиомаҳо ва ВФ-и феълӣ бештар бо калима муродиф мешаванд ва аз аз ҷиҳати образнокӣ аз онҳо фарқ мекунанд. Мавриди қайд аст, ки яке аз хусусиятҳои дигари ин гуна ибораҳо ба тариқи пардапӯшона ифода кардани матлаб мебошад. Инчунин С. Айнӣ дар мақолаҳои публитсистии хеш ба мақсади тасвир намудани ҳодисаву воқеаҳои ҳаётии онвақта муродифоти гуногуни луғавию фразеологии хеле мувофиқро пайдо намуда, барои фаҳмиши хонанда онҳоро ба забони сода баён намудааст.

Хулоса, С. Айнӣ нависандае мебошад, ки аз тамоми ғановати забони адабиёти классикӣ ва шеваю лаҳҷаҳои халқи тоҷик ба тариқи васеъ истифода намуда, дурдонаҳои ноёфтро ба мисли зарбулмасалу фразеологизмҳо дарёфта, ба фонди забони адабии тоҷик дохил намудааст. Истифодаи муродифоти калима бо воҳидҳои фразеологӣ яке аз ҳодисаҳои маъмули забони тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, он тӯли асрҳо дар системаи забони мо арзи ҳастӣ кардааст. Ин навъи муродифот нуқси забон набуда, барои пурра кардани матлаб ва гурез аз такрори ноҷо ба кор бурда шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Куллиёт. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Ҷ. 9. – 415 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. - Душанбе: Ирфон, 1966. – Ҷ.10. – 342 с.
3. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд (Нуқсонҳои забони аҳли матбуоти тоҷик) / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Интернюс Тоҷикистон, 2001. – 171 с.
4. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1989. – 117 с.
5. Камолиддинов, Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1986. – 136 с.
6. Коркина Ю.Е. Синонимические отношения фразеологических единиц и слов в современном русском языке: автореферат / Ю.Е.Коркина. Великий Новгород: 2005. - 273 с.
7. Капранов, В.А. Лексическая контаминация в таджикском языке / В.А. Капранов. –Душанбе: Дониш, 1979. – 70 с.
8. Попов, Р.Н. Фразеологизмы современного русского языка с архаичными значениями и формами слов / Р.Н. Попов. – М.: Высшая школа, 1976. – 199 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – Ҷ.1. – 951 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964. – Ҷ.2. – 937 с.
11. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – Ҷ. 1. – 951.
12. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Ҷ. 2. – 949.

ДАРАҶАИ ҲАММАЪНОИИ МУРОДИФОТИ ЛУҒАВИЮ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ С.АЙНӢ

Дар мақола сухан дар бораи дараҷаи ҳаммаъноии муродифоти луғавию фразеологӣ, ки як силсилаи синонимиро ташкил медиҳанд, меравад. Дар маҷмӯъ тасвири комплексии муродифоти воҳидҳои фразеологӣ ва луғавӣ яке аз зуҳуроти мубрами парадигмӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд ки дар забоншиносии тоҷик ва умумӣ дар ин мавриди ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд, муродифоти луғавию фразеологӣ имкон медиҳанд, ки фикр ба ҳамон як тариқа баён нагашта, матлаб саҳеҳу возеҳ ифода ёбад. Зуҳуроти мазкур боиси рангин ва таъсирнок баён намудани матлаб гардида, аз такрори бемавриди калима ва фразеологизмҳо дар матн ёрӣ мерасонад. Бояд қайд кард,ки доир ба ин мавзӯъ дар забоншиносии тоҷик ба ғайр аз якчанд ишораҳо, тадқиқоти ҷиддии ба назар намерасад. Бояд қайд намуд, ки ишораҳои мазкур ҳамаҷониба омӯзиши муродиф гардидани калима бо воҳидҳои фразеологиро дар бар намегирад. Ҳангоми мавриди омӯзиш қарор додани муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносии муосири тоҷик бояд таърихи омӯзиши синоним гардидани калима бо воҳидҳои фразеологӣ, масъалаи ҳаммаъноии калима бо воҳидҳои фразеологӣ ва муродифӣ, фаҳмиши тадқиқоти забоншиносон оиди муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ, таснифоти гурӯҳбандии муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ, зуҳуроти ҳаммаъношавии семантикии фразеологизмҳо ва калима, инъикоси зуҳуроти семантикии ҳаммаъношавии муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ дар сарчашмаҳои лексикографӣ, ҷанбаҳои гуногуни ҳаммаъношавии фразеологизм ва калима, мувофиқати воҳидҳои фразеологӣ бо ҳиссаҳои нутқ ва ғайраҳо бояд мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор гиранд. Тадқиқоти ҷанбаҳои номбаргардида, мубрамият ва тадқиқоти нави илмиро дар мавзӯи интихобгардида нишон медиҳанд. Дараҷаи ҳаммаъноии муродифоти луғавию фразеологӣ дар бештари мавридҳо ба доираи истеъмоли онҳо ё ин ки аз ҳаҷми маъноии онҳо вобаста

аст. Аз таҳлили маводҳои амалӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки на ҳама вақт доираи маъноии воҳидҳои зикргардида пурра ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд. Онҳо бо ҳамдигар аз рӯйи як маъно муносибати муродифӣ пайдо намуда, бо дигар тобишҳои маъноӣ аз ҳам фарқ мекунанд.

Калидвожаҳо: муродифот, воҳидҳои луғавӣ, воҳидҳои фразеологӣ, дараҷаи ҳаммаъноӣ, наздикмаъноӣ, тобиши маъно, обуранги услубӣ.

СТЕПЕНЬ БЛИЗОСТИ ЛЕКСИКО-ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ СИНОНИМОВ В ПУБЛИЦИСТИКЕ С.АЙНИ

В статье речь идёт о степени близости значений слова и фразеологизма, составляющих один синонимический ряд. В целом, комплексное описание синонимии фразеологизмов и слов как парадигматическое явление является весьма актуальным. Несмотря на то, что по этому поводу в общем и таджикском языкознании существуют разные точки зрения, лексико-фразеологическая синонимия предоставляет возможность, не повторяя одну и ту же единицу, точно и полно выразить мысль. Данное явление способствует своеобразию и эффективности выражения мысли, исключению нецелесообразных повторов слов и фразеологизмов в контексте. Однако, за исключением некоторых заметок отечественных исследователей, в таджикском языкознании по сей день не существуют серьёзные разработки по данной проблематике. Существующие заметки, на наш взгляд, полностью не отражают все аспекты синонимии слова и фразеологизмов. Исследуя лексико-фразеологическую синонимию в современном таджикском языке, необходимо уделить внимание таким вопросам, как история изучения синонимии фразеологизмов и слов, проблема степени близости значений слова и фразеологизма в большинстве случаев определяется их кругом или объёмом охватываемых значений. Анализ фактического материала показал, что не всегда круг значений вышеуказанных единиц соответствует друг другу. Они вступают в синонимические отношения только по одному конкретному значению и отличаются по другим значениям.

Ключевые слова: синонимия, лексические единицы, фразеологические единицы, степень синонимичности, семантическая близость, смысловой оттенок, стилистическая окраска.

THE DEGREE OF AFFINITY OF THE LEXICO PHRASEOLOGICAL SYNONYMY IN THE JOURNALISM OF AINI

The article deals with the degree of affinity of the lexico phraseological synonymy which form one synonymous series.In generally, the complex description of phraseological synonyms and words as a paradigm phenomenon is very actually. Although, about this problem in general and Tajik linguistics exist different points but the lexico phraseological synonymy allows us to avoid inappropriate repetitions and to express accurately a thought. This phenomenon contributes in a peculiar way and effectively express an idea, avoiding unnecessary repetition of words and phraseological units in texts.However, except for some notes of domestic researches, in Tajik linguistics to this day there is no serious development on this issue.Existing notes in our opinion completely do not reflect all aspects of synonyms for words and phraseology. Researching Lexico phraseological synonymy in the modern Tajik language is necessary pay attention as studying the synonymy of phraseological units and words.The problem of the ratio of phraseological and words in the phenomenon of synonymy, the concept of Lexico phraseological synonymy in the studies of linguists, description of the classification of Lexico phraseological synonymy ,the phenomenon semanantic of the ratio of phraseological and words, reflection of the phenomenon semanantic and Lexico phraseological synonymy in the lexicographical sources, different aspects of the category the ratio of phraseological and words ,correlation phraseological units with part of speech. The degree of affinity of the lexico phraseological synonymy in more case is determined by their cycle or the valume of their meaning. The analysis of the actual material showed that not always the meaning aforecited units can coincide with each other. They act synonymous with each other only on one meaning and differ in other meanings.

Key words: synonymy, the lexical units, the phraseological units, the degree of synonymous, the semantic of affinity, connotation, stylistic colour.

Сведения об авторе: ***Нихмонова Рангина*** – Таджикский аграрный университет им. Ш.Шотемура, ассистент кафедры английского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 146.
Тел.: **(+992) 915-14-00-70**

Information about the author: Nihmonova Rangina - Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemura, Assistant, Department of English. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Rudaki 146.
Tel.: **(+992) 915-14-00-70**

УДК: 492.7.09+42 (03)

КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНҲОИ МУОСИРИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Одинаева Ш.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон василае аст, ки барои барқарор кардани иртибот дар байни ҷомеа хизмат мекунад ва он дар ду сурат аст, яке хаттӣ дигаре шифоҳӣ. Ин ду сурат бо якчанд сабабҳо ба таъсироти гуногун дучор мегарданд. Ҳамчунин, ин забонҳо дар таъсиргузорӣ ба якдигар гоҳе сабаби рӯ ба тараққӣ ва шукуфоӣ ё таназзул ва

форсоиш ниҳодани онҳо мегарданд. Қобили қайд аст, ки забон нишонаи ҳаёт ва ҳувияти ҳар як миллат аст, бинобар ин, барои ҳифз ва шукуфоии он бояд пайваста кӯшиш кард, зеро ҳам василаи ваҳдати ҳар як миллат аст ва ҳам пуле аст, ки гузаштаро ба имрӯз ва имрӯзро ба оянда мепайвандад [3, с.25].

Яке аз роҳҳои бой шудани фонди луғавӣ ва лексикаи ҳар забон, пеш аз ҳама, иқтибоси вожаву таркибҳо аз забонҳои бегона мебошад. Ягон забон аз тазйиқу таъсироти беруна эмин нест ва пайваста калимаҳо аз як забон ба забони дигар мегузаранд ва бо мурури замон дар таркиби забони воридшаванда ҳазм мешаванд. Бархе аз калимаҳои дигар бошад, баръакс роҳу ҷой наёфта аз байн мераванд. Ба таъбири донишманди эронӣ, Маликушшуаро Баҳор: «Ҳеҷ забоне аз забонҳои ақвоми мутамаддин аз луғоти фаровони бегона холӣ нест ва иллати ин амр он аст, ки тамаддун аз иртибот ва бархӯрди миллатҳо бо якдигар тавсеа ва тараққӣ меёбад ва ғолибан он чи миллате аз миллати дигар иқтибос мекунад бо номи аслии он ҳамроҳ аст. Шояд танҳо чанд қабилаи ваҳшӣ битавон ёфт, ки дар забонашон лафзи бегона набошад ё кам бошад, зеро бо дигарон ошноӣ ва омезиш надошта ва аз эшон чизе наомӯхтаанд» [7, с.134] ва аз ин чиз забони англисӣва тоҷикӣ низ истисно шуда наметавонад. Садҳо калимот аз забони арабӣ иқтибос гирифта шудааст, агарчи теъдоди каме аз онҳо ба таври мустақим вориди ин забонҳо шудаанд. Бинобар надоштани робитаҳои пайваста бо кишварҳои арабизабон бисёре аз калимаҳо ба тариқи забонҳои миёнарав аз қабили забонҳои фаронсавӣ, итолиёвӣ, лотинӣ вориди забони англисӣ шудаанд. Дар тӯли ҳазор соли гузашта ин забон ба таври ҳарисона унсурҳои забонҳои хориҷиро ба худ гирифтааст. Вожаҳои фаронсавӣ ва лотинӣ дар ҳоли ҳозир беш аз нисфи луғоти забони англисии имрӯзаро дар бар мегиранд. Далели ин гуфтаҳо метавонад китоби «The New Shorter Oxford English Dictionary» бошад, ки соли 1993 дар нашриёти донишгоҳи Оксфорд нашр шудааст.

Дар асрҳои миёна вожаҳои арабӣ асосан ба тариқи фаронсавӣ ба забони англисӣ ворид шудаанд. Сабаби ворид шудани онҳо ба воситаи забони фаронсавӣ ин аст, ки забони номбурда забони ашрофзодагон ва парлумон дармуддати 300 сол баъди пошхӯрии давлати Норманиҳо соли 1066 [8, с.17] ба ҳисоб мерафт ва то соли 1731 забони қонунии англисҳо боқӣ монд. Вале бархе аз калимоти арабӣ ба забони англисӣ ба тариқи форсӣ, туркӣ, урду ва забони аслии ҳинд ворид шудаанд. Чи хеле ба ҳамагон маълум аст, қариб нисфи калимаҳои тоҷикӣ аслан арабиасл буда, онҳо дар муддатҳои дарози таърихӣ шакли тоҷикӣ гирифтаанд. Бисёри ин калимот ба забони тоҷикӣ мустақиман ворид шудаанд, ки ҳамаи ин қисматҳоро дар поён зикр хоҳем кард.

Омӯзиши илмии масъалаи робитаҳо ва муомилоти забонҳои дунё бо якдигар аз ҷиҳати илмӣва таъсири забони арабӣ ба забонҳои дигар муҳим мебошад. Баъди тасарруф намудани якчанд давлатҳои Осиёи Ғарбӣ дар қарнҳои VII-VIII забонҳои маҳаллӣ аз тарафи халифаҳои Араб аз истифода берун карда шуд ва забони арабӣ забони расмӣ гардид. Таъсироти хосси забони арабӣ ба дигар забонҳои мусалмонони ҷаҳон натанҳо аз иҷборӣ шудани забони мазкур ба муддати дароз дарак медиҳад, балки дар ҳамаи мадрасаҳо забони арабӣ забони омӯзиш ба ҳисоб мерафт. Илова бар ин, мусалмонҳо бо забони Қуръон ибодат мекарданд [1, с. 9].

Дар замони Елизаветаи 1 (1533-1603) тоҷирони баҳрии англис ҷаҳони наверо берун аз Аврупо кашф намуданд ва аз Шарқи Миёна ва дигар минтақаҳои дурдаст натанҳо чизҳои қиматбаҳо, балки осори фарҳангӣ ва адабии калимаҳои арабиро бо худ оварданд. [11, с.80] Иқтибосоти арабӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти арабҳо ва умумиисломӣ тааллуқ доранд. Дар навбати аввал, калимаҳои ба соҳаи динӣ ва Худошиносӣ тааллуқдошта гузаштанд, ки ба зарурияти омӯзиши Қуръон, ҳадисҳо ва қонунгузории шариат вобаста буданд. Сипас, калимаҳои сиёсӣ, маъмурӣ ва хоҷагидорӣ ворид гаштанд [4, с.550].

Қобили қайд аст, ки як қатор калимаҳои арабие, киба дини ислом дахл доранд ба забонҳои англисӣва тоҷикӣ мустақиман дар давраи маданияти арабӣ- исломӣ дар асрҳои миёна гузаштаанд. Ба ин қабилкалимаҳо **Қуръон, Ҳаҷ, Аллоҳ, азон, бисмиллоҳ, халифа, ҳиҷрат, имом, Ислом, минорат, муаззин, муфтӣ, Муҳаммад (с), муҳаррам, мучоҳид, мучтаҳид, мулло, мусалмон, масҷид, шаҳодат ва шаҳид** дохиланд [5, с.655].

Дар асоси мақолаҳои луғати «The New Shorter Oxford English Dictionary» дар ин мақола тарзи иқтибосоте, ки ба дини Ислом дахл доранд, баррасӣ мегарданд. Дар ин

луғат тарзи талаффузи ин калимот оварда шуда,тафсири маънои онҳо ва маълумот оид ба чӣ гуна ворид гардидани ин калимаҳо ба забони англисӣ низ оварда шудааст.

Калимаи Alcoran ду шакли талаффуз дорад ælkəˈrɑːn] ва [ˈælkəran], инчунин, шакли навишти Alkoran ба Британия дар охири давраи миёнаи англисҳо (1350-1469) тавассути забони куҳна ва нави фаронсавӣ гузаштааст [8, с.48]. Дар аввали садаи 18 (1600-1629) ин калима шаклашро ба Koran [kɔːˈrɑːn] ё [kəˈrɑːn], иваз кард ва баъдан ин калима шакли орфографии Qur'an-ро гирифт. Дар забони арабӣ ин калима чун ḳur'an садо дода, маънояш "хониш, хондани умумӣ" мебошад [6, с. 750].

Дар шаклҳои Alkoran ва Alcoran қисми аввал «al-» артикли муайянии забони арабӣ мебошад. Дар забони англисӣ калимаи Koran ва ҳамаи шаклҳои дигари он ҳамчун исм истифода мешавад, ки китоби муқаддасро ифода карда, дар худ қонунҳо, тартиботи исломва меъёрҳои ҳуқуқии мусулмониро дорост [13, с. 825].

Калимаи Al-Hajj [ælˈhɑːdʒ], инчунин шакли Al-Hadj, ки ба забони англисӣ дар миёнаи асри XIX (1830 – 1869), гузаштааст, ҳамчун исм истифода мешавад. Ин калима мустақиман аз забони арабӣ иқтибос шудааст. Дар забони англисӣ он маънои ҳаҷ, яъне зиёратнамудани макони муқаддаси Маккаро дорад [8, с. 50].

Дар миёнаи асри XX забони англисӣ аз забони арабӣ калимаи дигареро аз решаи калимаи «Hajj» иқтибос гирифт. Ин калима чун -Hajji [alˈhædʒi] ва Hadji [ˈhædʒiː] садо медиҳад. Ин воҳиди лексикӣ асосан дар Африқои Ғарбӣ истифода шуда, он мусалмононеро, ки зиёрати Макка намудаанд, дар назар дорад [8, с. 50].

Вожаи арабии Allah [ˈælə] ва дигар навъи он [əˈlaː] дар ҳоли ҳозир дар забони англисӣ васеъ истифода мешавад. Он ба таври мустақим дар поёни қарни XVI-ум (1570-1599) ворид шудааст. Дар забони арабӣ ба назар мерасад,ки калимаи 'allah, мумкин аст шакли кӯтоҳшудаи al-"ilah", яъне ҳамроҳ шудани артикли муаянии «al-» ва исми "ilah" –Худо бошад. Дар забони англисӣ байни арабҳо ва мусалмонҳо он ҳамчун исм маънои Худо-ро дорад [8, с. 53].

Дар ҳоли ҳозир дар забони англисӣ калимаи azan вуҷуд дорад, ки [əˈzɑːn] талаффуз карда мешавад. Инвожа дар забони англисӣ дар миёнаи қарни XIX(1830 – 1869) ба таври мустақим дохил шудааст. Аммо дар забони арабӣ он ҳамчун "ḏān", маълум буда, маънои эълон карданро дорад [8, с. 60]. Ин воҳиди лексикӣҳамчун исм ба кор бурда шуда, маънои даъват ба намозро дорад.

Калимаи bismillah [bɪsˈmɪlə] дар забони англисӣҳамчун исм ва нидо истифода бурда мешавад. Ин калимаи арабӣ ба забони номбурда дар асри XVIII (1770-1799) бетағйир ворид шудааст, ки он маънои "ба номи Худо"-ро дорад. Дар забони англисӣ он ҳамчун муроҷиат ба Худо истифода шуда, бо садои баланд ва хитоб гуфта мешавад.Ин вожаро мусалмонон қабл аз оғози ҳар амал истифода мекунанд [8, с. 233].

Дар луғатҳои муосири забони англисӣ калимаи ба мисли caliph [ˈkeɪlɪf] ва шакли фонетикии он [ˈkaːlɪf] вомехӯрад. Ин калимаи арабии иқтибосшуда аз забони лотинии асримиёнагӣ дар шаклҳои calipha ва caliphates мебошад. Баъдтар он дар забони муосири форонсавӣ ҳамчун caliphe истифода мешавад. Дар охири давраи асримиёнагӣ (1350-1469) англисҳо ин калимаро иқтибос гирифтанд. Дар забони арабӣ ин калима ҳамчун ḵalīfa, яъне намоянда аз ҷониби Худо, ба маънии ḵalīfat Allāh-ҷонишин, фармонбардори Худо (Муҳаммад с.а.в.) омадааст. Ин калима аз феъли ḵalafa гирифта шуда, маънояш ворис будан ва ё ворис шудан мебошад. Дар забони англисӣ бошад, ин воҳиди лексикӣ дар аввали қарни XVIII (1700 – 1729) ҳамчун як мафҳуми таърихӣ мавриди истифода қарор гирифта, ба маънои "ҳокими динию мазҳабии ҷомеаи мусалмонҳо" омадааст [8, с. 319]. Дуюм маънои ин воҳиди забон (ба миёнаи асри XIX ба солҳои 1830-1869 рост меояд) дар шакли khalifa, ин нишондиҳандаи як маросимест, ки дар он раққос бо шамшер мерақсад. Ин маросим дар Африқо гузаронида мешуд [8, с.1438].

Боз як калимаи арабии дигар hegira [ˈhædʒɪrə], ки шаклҳои Hegira, Hejira, hijra низ дорад дар охири қарни XVI (1570-1599) аз тарафи англисҳо иқтибос гирифта шудааст. Дар забони англисӣ ин калима тавассути забони асримиёнагии лотинӣ ворид шудааст. Дар забони арабӣ он ҳамчун hijrah талаффуз шуда, маънои баромад аз хонаи дӯстонро дорад. Ба назар чунин мерасад, ки ин ифода аз феъли арабии hajara ба маънои ҷудо шудан, кӯч бастан омадааст. Вале дар забони англисӣ бошад ин ифода ҳамчун исм ва ба ду маъно-баромадан ва кӯчидан истифода мешавад.

Дар забони англисии муосир калимаи дигар мисли imam [ɪˈma:m] мавриди истифода қарор дорад. Дар авали асри XVII ин калима аз забони арабӣ иқтибос гирифта шуда, “imām” маънои “роҳбар, идоракунанда ва ё сардор”-ро дошт. Он аз феъли “amma”-“роҳбар будан” гирифта шудааст. Дар забони англисӣ калимаи imam ба сифати исм истифода шуда, он дар аввали асри XVII ҳамчун “пешдарои намозгузорандагон дар масҷиди мусалмонон”истифода мешуд. Ва оғоз аз миёнаи асри XVII калимаи мазкур маънои тамоми сардорон ва ё роҳбарони мусалмонҳоро дар бар мегирад. Дар асри XVIII аз ин вожа калимаи наве ба монанди imamate ба вуҷуд омад, ки маънои идора ва ё макони бузурги имомро дошт [8, с.1313].

Байни калимаҳое, ки аз забони арабӣ ба таври мустақиман ба забони англисӣ ворид шудаву то ба имрӯз мавриди истифода қарор доранд, вожаи **Islam мебошад, ки дар забони мазкур чунин талаффузҳоро дорад [ˈɪzla:m], [ɪsˈla:m] ва [ɪzˈla:m]**. Ин калима дар аввали қарни XVII (1600 –1629) вориди забон шудааст. Дар забони арабӣ бошад он ҳамчун **“islām”** талаффуз карда мешавад. Калимаи номбуда аз феъли “**aslama” гирифта шуда, дорои чунин маъноҳо мебошад: 1.** Хулус ва дурӣ аз ҳар нуқси зоҳирӣ ва ботинӣ. 2. Сулҳу оштӣ ва амну амонӣ. 3. Итоат ва фармонбардорӣ, яъне таслимшавӣ.

Дар фонди луғавии забони англисӣ боз калимаҳое ба мисли **Islamic** (сифат)-мусалмони; **Islamism-ислом, исломгароӣ; Islamite** –1) мусалмон, 2)мусалмонӣ, исломӣ; **Islamize** –қабул кардани ислом, исломӣ кардан вомехӯранд [8, с.1422].

Вожаи арабии **manāra,** ки маънои “манора”-ро дорад, низ дар фонди луғавии забони англисӣ вуҷуд дорад. Он аз феъли арабии nāra, ки яке аз маънои он “дурахшидан” аст гирифта шудааст. Барои ба фонди луғавии забони англисӣ дохил шудан ин калима роҳи дуру дарозеро тай намудааст ва тавассути забонҳои туркӣ, итолиёвӣ, испанӣ ва фаронсавӣ вориди забони англисӣ гаштааст. Дар забони туркӣ он чунин навишт дорад-mināre, дар забони итолиёвӣ бошад minaretto, дар забонҳои испанӣ ва фаронсавӣ minarete мебошад. Дар забони англисии муосир дар рафти инкишофи таърихии худ ин калима қисман шакли дигарро гирифта, тарзи навишт ва талаффузи он қадре дигаргун шуд ва он шакли “minaret”-ро гирифт. Ин вожа ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқи исм истифода мешавад. Дар охири асри XVII (1670 – 1699) ин калима маънои “бурҷи болоии масҷид”-ро дар худ дошт. Аммо дар миёнаи асри XIX ин вожа маънои ашё ва ё манораеро, ки чунин сохт дошт, дар бар мегирифт [9, с.1778].

Калимаи mufti [ˈmuftɪ] иқтибос аз забони арабӣ буда, дар асри XVI (1570 – 1599) вориди забон гаштааст. Дар забони арабӣ ин калима ҳамчун muftī садо дода, сифати феълии замони ҳозира аз феъли ’aftā ҳалли масъалаҳои тартиботи қонунӣ ҳисобида мешавад. Ин калима бо вожаи Fatwa алоқамандӣ дорад [6, с.1339]. Дар забони англисӣ ин калима ба сифати исм мавриди истифода қарор дошта, ба маънои мулло ва ё шахси ҳуқуқие, ки вазифаи идораи умури диниро бар зимма дорад [9, с. 1851] истифода мегардад.

Худи калимаи Муҳаммад **Muhammad [muˈhɑmed]** иқтибос аз забони арабӣ мебошад. Дар асри XVII (1600 – 1629) ин вожа ба фонди луғавии забони англисӣ ворид шуда, ҳамчун исми хос ва номи пайғамбари ислом Муҳаммад(с) (Мухаммед ё Магомет тақрибан солҳои 570 – 632) истифода мешавад. Китоби муқаддаси ин дин Қуръони карим мебошад. Мусалмонон бар он ақидаанд, ки Муҳаммад(с) сарвари оламу одам, хотами паёмбарони Худованд мебошанд. Дар забони англисии муосир шакли дигари ин вожа **Mohammed [məuˈhæməd]** вуҷуд дорад, ки асоси калимаҳои зерин мебошад:

- **Mohammedan-магометанӣ, муслим, муҳаммадӣ, мусулмонӣ**
- **Mohammedanism-**ин калима дар асриXVII(1600 – 1629) вориди ин забонгаштааст. Маънои ин калима мусулмонгароӣ, ислом, муҳаммадгароӣ мебошад.

Вале ин калимаҳо калимаҳои аз истифода берун ба ҳисоб мераванд [9, с. 1852].

Забони англисӣҳамчунин боз калимаи “**Mosque” [ˈmɔsk]-**ро аз забони арабӣ тавассути ба истилоҳ “забонҳои миёнарав” иқтибос гирифтааст. Дар аввал ин калима ба фонди луғавии забони юнонӣ ҳамчун “Moschee” ва баъдан ба фонди луғавии забони итолиёвӣ дар шакли “**Moschea**” ворид гаштааст. Аз забони итолиёвӣ бошад фаронсавиҳо ба шакли “**mosque**” иқтибос гирифтаанд. Баъдан ин калима аз ин забон ба фонди луғавии забони англисӣворид гаштааст. Худи ин калима дар забони

арабӣҳамчун “**masjid**” талаффуз шуда, тарҷумаи таҳтуллафзии он “ҷой барои ибодат” аст [6, с. 1351].

Ба ҳамин тарз, калимаҳои тағйирёфта ва тағйирнаёфтаи арабие, ки ба забони англисӣ ворид гаштаанд, фонди луғавии ин забонро боз ҳам ғанитар гардонидаанд. Таъсири забони арабӣ ба дигар забонҳо якранг набуда, балки аз шароити географӣ ва таърихии он вобастагӣ дорад [2, с. 45]. Калимаҳои арабие, ки ба забони англисӣ ворид шудаанд, ба тағйиротҳои фонетикиву семантикӣ дучор гаштаанд. Он ҳама иқтибосоте, ки дар боло оварда шуданд, ба қатори исмҳо тааллуқ дошта, маънои фаҳмиши арабӣ ва ҳаёти умумиисломиро дорад. Сабаби асосии гузариши калимаҳои баррасишуда дар забони англисӣ ин набудани калимаҳои ҳаммонанди онҳо дар ҳамон давру замон мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бердиева Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. - Душанбе, 1991. - 129 с.
2. Ғозиев М. Корбасти вожаҳои иқтибосии арабӣ дар матбуоти тоҷикӣ / М. Ғозиев. - Душанбе: Бебок, 2012. - 188 с.
3. Назарзода С. Забон ва истилоҳот; андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ. - Душанбе: Дониш, 2003. - 147 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. -М: Советская Энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 951 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. - М: Советская Энциклопедия, 1969. - Ҷ.2. - 950 с.
6. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ тоҷикӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2010. - 1563 с. (дар ду ҷилд).
7. Маликушшуаро Баҳор Сабкшиносӣ. - Душанбе: Бухоро, 2012. - 570 с.
8. Lesley Brown. The New Shorter Oxford English Dictionary. Volume I. - Oxford University Press, 1993. – 1876 с.
9. Lesley Brown. The New Shorter Oxford English Dictionary. Volume II. - Oxford University Press, 1993. – 1877-3801 с.
10. Horn by, A.S. Oxford Advanced Learner’s Dictionary of Current English. - Oxford University Press, 1995. –1430 с.
11. Иванова, И.В. История английского языка / И.В. Иванова, Л.П.Чахоян. - М.: Высшая школа, 1976. - 319 с.
12. Назарзода, С. Толковый словарь таджикского языка. Том 1 / С.Назарзода, А.Сангинов, С.Каримов, М.Х.Султон. – Душанбе, 2010. – 996 с.
13. Назарзода, С. Толковый словарь таджикского языка / С.Назарзода, А.Сангинов, С.Каримов, М.Х.Султон. – Душанбе, 2010. Том 2 – 997 с.
14. Саидов Ҳ. А. Система дипломатических терминов в таджикском и английском языках / Ҳ.А. Саидов. – Душанбе, 2013. - 335 с.

КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНҲОИ МУОСИРИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақола ба масъалаи рӯзмарраи забони англисӣ, яъне иқтибоси калимаҳо бахшида шудааст. Забони англисӣ фонди луғавишро на танҳо аз ҳисоби калимаҳои иқтибосии забонҳои Аврупоии ғарбӣ, балки инчунин аз ҳисоби калимаҳои иқтибосӣ аз забони арабӣ низ ғанӣ гардонидааст, ки аксари ин калимаҳо асосан ба дини ислом алоқаманданд. Дар забони форсӣ-тоҷикӣ бошад, арабҳо ҳангоми футуҳоти Эрону Осиёи Миёна осори хаттии қадим ва алифбоҳои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмиро нест карданду алифбои арабиро ҷорӣ намуданд. Ба ин васила забони арабӣ воситаи муошрати аҳли илму хирад гардид. Бинобар ин, бисёр калимаҳо аз байн рафтанду бар ивази онҳо калимаҳои арабиасл вориди забон гаштанд. Чи тавре аз баррасии мақола ба назар мерасад, ҳар забоне метавонад дар қисмати иқтибосот таъсиргузор ва таъсирпазир бошад. Бо истифода аз маълумотҳои гуногун муаллиф пайдоиш ва истифодаи чунин калимаҳоро дар таркиби забон дида баромада, муайян кардааст, ки аксари ин калимаҳо ба забони англисӣ мустақиман дохил шуда, танҳо баъзеи онҳо бо воситаи забонҳои фаронсавӣ, лотинӣ, туркӣ, форсӣ ва дигар забонҳо ба забони англисӣ ворид гардидаанд. Дар рафти гузариши маҷмӯи калимаҳои арабие, ки бо ислом алоқаманданд, баъзе тағйиротҳо дар таркиби овозӣ ва инчунин, дар маъно ба вуқӯъ омадаанд. Илова бар ин, дохил гардидани ин калимаҳо ба дигар забонҳо бо паҳншавии соҳаи дин дар давраи тамаддуни арабӣ-исломӣ дар асрҳои миёна сахт алоқаманд мебошад.

Калидвожаҳо: истилоҳ, иқтибос, ислом, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, забони арабӣ, калима, сохтор, маъно, фонди луғавӣ.

АРАБСКИЕ ЗАИМСТВОВАНИЯ В СОВРЕМЕННОМ АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена актуальной проблеме английского и таджикского языков – заимствованию. Английский язык обогатил свой словарный состав не только за счет слов из западноевропейских языков, но также и за счет заимствований из арабского языка. В основном эти словарные единицы, связанные с исламской религией, относятся к этому разряду. Во время захвата территорий Ирана и Средней Азии, вся литература и письменности такие как пехлевийский, согдейский и харезмский были уничтожены и был внедрён арабский язык. Это стало причиной того что арабский стал языком общения и литературы того времени. В следствии чего исчезла большая часть лексики и были заменены арабскими словами. Как было упомянуто выше, в случае заимствования языки имеют

обоюдное влияние. На основе разных фактических материалов автор рассматривает возникновение таких слов в составе языка и их использование. Многие из этих слов проникли в английский язык прямо, а некоторые из них перешли через французский, позднюю латынь, турецкий, персидский и другие языки. В процессе перехода арабской лексики, связанной с исламом, произошли некоторые изменения в звуковом составе, а также в значении. Их проникновение в другие языки было связано с распространением религиозной сферы в период арабо-исламской цивилизации в средние века.
Ключевые слова: терминология, заимствования, ислам, таджикский язык английский язык, арабский язык, слово, форма, значение, словарный запас, лексика.

ARABIC BORROWINGS IN MODERN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Abstract: The current article analyses the actual issue of the English language – borrowings from the Arabic language. The English language has enriched its basic stock of words not only by borrowing from the vocabulary of the West European languages, but also, by remarkable borrowings from the Arabic language. Most of these words are linked with the Islamic religion refer to such group of words. During annexation of territories of Iran and Central Asia, all literature and writings such as Pekhleviy, Sughdian and Khorezmi were destroyed and Arabic was introduced. It became the reason that Arabic became language of communication and literature of that time. In the investigation of what the most part of lexicon disappeared and were replaced with the Arabic words. As it was mentioned above, in case of donor languages have mutual influence. Based on the various actual materials the author examines the adoption and integration of such words as well as their origins and usage in the modern English language. Majority of these words penetrated into the English language directly, but some of them came through French, Mediaeval Latin, Turkish, Persian and other intermediary languages. The author of the article comes to the conclusion that penetration of such words into the English language and other languages was closely connected with spreading of the religious matters and propagation during the period of the expansion of Islamic civilization (especially, by the end of Islamic golden ages) in the Middle Ages.
Key words: terminology, borrowings, Islam, the Tajik language, the English language, Arabic language, word, form, meaning, words' reserve

Сведения об авторе: ***Одинаева Шабнам Ахмадовна*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры общеуниверситетского английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **shabnam_200795@mail.ru**

Information about the author: ***Odinaeva Shabnam Akhmadovna*** - Tajik National University, graduate student of the department of university-wide English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17. E-mail: **shabnam_200795@mail.ru**

УДК: 811.11'36

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ ЛЕКСИКАИ КИШОВАРЗӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Тоиров Ш.Қ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Маҷмӯи калимаҳо-луғатҳои забонро таркиби луғавӣ ё худ лексикаи забон мегӯянд [5, с.3]. Он қисмати забоншиносӣ, ки лексикаи забонро меомӯзад, лексикология мебошад. Лексикология яке аз қисматҳои муҳимтарини илми забоншиносӣ ба шумор меравад. Омӯзиш ва тадқиқи ҳаматарафаи он ба мо имконият медиҳад, ки ин самти илми забоншиносӣ мукаммал ва ҳаматарафа омӯхта шавад. Таҳқиқи хусусиятҳои лексикии таркиби луғавии калимаҳои забони тоҷикӣ бо истифода аз эҷодиёти шоирону нависандагони тоҷик хеле муҳим мебошад. Чунки тамоми қонуну қоида, дасттурҳои методиву таълимӣ, хулосаҳои илмӣ, дар асоси таҳлилу тадқиқи маводи ҷамъоварда аз забони халқ ва маҳсули эҷодии шоирону нависандагон тартиб дода мешавад. Бо ҳамин асос, осори устод Садриддин Айниро, ки намунаи мукаммалтарини насри асри XX ва забони адабии ҳозираи тоҷик мебошад, хостем мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор диҳем.

Дар забоншиносии тоҷик хусусиятҳои лексикии насри устодС.Айнӣ аз чанд ҷиҳат баррасӣ шудааст. Лекин ин маънои кашфии сад андар сади хусусиятҳои лексикии эҷодиёти Айниро надорад. Мурод аз ин таъкид калимаҳои соҳавӣ мебошанд, ки бо вуҷуди яке аз қисматҳои муҳимму баҳсталаби лексикаи насри Айнӣ ва умуман, таркиби луғавии забонамонро ташкил додан, мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, лозим донистем, ки чанд андешаи худро оиди мавқеи лексикаи кишоварзӣ дар яке аз асарҳои устод Айнӣ «Ёддоштҳо» [қ.1, 2] баён созем.

Дар забоншиносии собиқ шӯравӣ оид ба истилоҳоти кишоварзӣ аз тарафи як қатор олимон, аз қабили Слабанюк И.М. [8, с.28], Никитенко М. [5, с.25], Катсапов

Л.А. [3, с.18], Оленова Т.Б. [6, с.18], Маҷидов Ф. Э. [5, с.16] мақолаву рисолаҳои номзадӣ таълиф гардидаанд.

Дар забоншиносии тоҷик солҳои охир мавзӯи мазкур каму беш мавриди истифода қарор гирифтааст. Солҳои пешин аввалан ба ин мавзӯъ олими шинохта Стеблин-Каменский даст зада буд. Рисолаи доктории ӯ бо номи «Земледельческая лексика памирских языков в сравнительно историческом освешении» [9, с.33] яке аз корҳои хеле арзишманд дар ин самт ба шумор меравад. Чихеле ки аз номи худи рисола бармеояд, ҳадафи муаллиф таҳлили ҷиҳатҳои таърихӣ-муқоисавии истилоҳоти кишоварзии забонҳои помирӣ аст. Ба ғайр аз ин, забонҳои помирӣ ба гурӯҳи забонҳои эронии шарқӣ дохил мешаванд, забони адабии тоҷик бошад, ба гурӯҳи забонҳои ғарбии эронӣ мутааллиқ аст ва бештари калимаҳои ин забонҳо бо вуҷуди қариниву ҳамаслӣ аз якдигар шаклану маъноан тафовути куллӣ доранд, бинобар ин, аксари истилоҳоте, ки дарзабони адабии тоҷикӣ вуҷуд доранд дар ин асар дида намешаванд.

Баъдан дар омӯзиши лексикаи кишоварзӣ дар асарҳои олимони шинохтаи тоҷик С. Ҳалимова «Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ» [8, с.49-53], Ҷ. Саидов «Лексика муминабадского говора» [5, с.67-70] параграфу бобҳои алоҳида бахшида шудаанд.

Дар асари олимон Шарифов Н. О. ва Ҷӯраев Т. Қ.«Лексикаи касбу ҳунар-сарчашмаи терминологияи техникии тоҷик» [8, с.35-56] ҷо-ҷо ҳангоми баррасии намунаи терминҳо, лексикаи касбӣ, калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ ва олотҳои меҳнат дар шакли чанд ҷумла ё калима бо номи лексикаи хоҷагии қишлоқ истилоҳоти кишоварзӣ ёдрас мешавад, вале дар онҳо фақат бо овардани мисолҳо иктифо намуда, таҳлили хусусиятҳои пурраи лингвистии истилоҳоти номбурда сарфи назар гардидааст.

Аз рӯйи мушоҳида, кор бо луғатномаҳо, махсусан, [11] «Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон» [10], маълум мегардад, ки худи мафҳуми **кишоварзӣ** муродифи вожаҳои **деҳқонӣ**, **барзгарӣ**, **зироат**, **киштукор** ва **фалоҳат** мебошад. Агар ба тариқи муқоиса гирем, аз ин чанд калимаи номбурда сетоаш-кишоварзӣ, **деҳқонӣ** ва **барзгарӣ** дар забони адабӣ бештар истифода шудаанд. Ҳар яке аз калимаҳои зикршуда низ аз ҷиҳати доираи истеъмол ва услуб фарқ мекунанд. Бо мурури замону бо гузашти айём танҳо истилоҳи **деҳқонӣ** моҳияти худро ҳаматарафа нигоҳ дошта, ҳам дар забони зиндаи халқ ва ҳам дар забони адабӣ ба таври васеъ истеъмол шудааст. Вожаҳои **кишоварзӣ** ва **барзгарӣ** якчанд сол пеш камистеъмол шуда, қариб ки фаромӯш шуда буданд. Ба ҷойи калимаҳои **кишоварзӣ** истилоҳи **хоҷагии қишлоқ** истифода бурда мешуд.

Хушбахтона, баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [аз 5.10.2009 таҳти№ 553] калимаҳои куҳнашуда тадриҷан эҳё шудаанд, ки ба қатори онҳо лексикаи кишоварзӣ низ дохил мешавад. Бояд гуфт, ки вожаи кишоварзӣ хосси услуби илмӣ ва адабӣ буда, ба мардуми одӣ он қадар фаҳмо нест. Шояд ҳамин ҷиҳат, яъне забони халқ ва соддаю оммафаҳм будани онро ба назар гирифта, устод Айнӣ калимаи **деҳқониро** истифода кардааст. Бояд хотирнишон сохт, ки ин калима ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи касбу кор якчанд маротиба дар «Ёддоштҳо» мушоҳида гардидааст: Касби асосии аҳолии ин деҳа **деҳқонӣ** буда, бештаринашон камзамин ва безамин буданд [1, с.8]. Ту акнун ба кори **деҳқонӣ** даст мезанӣ, бояд каду корӣ [1, с.80].

Аслан калимаи деҳқонӣ ҳамчун аёнияти истилоҳи хоҷагии қишлоқ мафҳуми умумӣ буда, вобаста ба кадом навъи маҳсулот шуғл варзидани одамон ба соҳаҳо тақсим мешавад.

Дар «Ёддоштҳо» чанде аз ин соҳаҳои кишоварзӣ аз қабили **ғаллакорӣ, пахтакорӣ, боғу токдорӣ, растанипарварӣ, сабзаваткорӣ, шоликорӣ, ғӯзакорӣ** номбар шудаанд [1, с.154].

Дар баробари ин, истилоҳоти **деҳқонӣ** вобаста ба семантика ва дигар хусусиятҳои лексикӣ ба шохаҳои гуногуни тематикӣ ҷудомешаванд, ки қисме аз онҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ вомехӯранд. Инҳо истилоҳоти ифодакунандаи протсессҳои меҳнат, номи шахс аз рӯйи ихтисос, маҳсулоти **деҳқонӣ,** ҷой ва макони меҳнат, олотҳои меҳнат, ченаки вазну масоҳат ва хусусиятҳои морфологии растаниҳо мебошанд, ки зикри хусусиятҳои семантикии баъзе аз онҳоро лозим донистем.

Истилоҳоти ифодакунандаи ҷараёни меҳнат

Истилоҳоти ифодакунандаи протсесси меҳнат, ки ҷараёни кори деҳқониро ифода мекунанд, дар «Ёддошт»-ҳо хело зиёд истифода бурда шудаанд. Чунончи:

чуфтронӣ, каландгардонӣ, чӯяккашӣ, молакашӣ, киштан, шинондан, сабзондан, пайванд кардан, дугона ва ягона кардан, обдиҳӣ [қавсов ва чиллаоб], ҳосилғундорӣ, чиндан, кӯфтан, ғалбер кардан, чош кардан, чуворигундорӣ ва ғайраҳо. Вожаҳои мазкур вобастаба мутааллиқ будан ба ин ё онсоҳаи деҳқонӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар соҳаи чуворикорӣ номгӯи чунин ҷараёнҳои меҳнат, аз ҷумла, **кӯфтан, ғалбер кардан, қавсоб ва чиллаоб мондан, чош додан; чуворигундорӣ: чувориҳайгӯӣ; дар соҳаи киштҳои палакӣ, дугона ва ягона кардан, каландгардон кардан, дандона ва мола кардани замин, чӯяккашӣ [палкашӣ], варақонӣ; дар соҳаи пахтакорӣ: пахтабаркашӣ, пахтакашонӣ, ғӯзакашӣ;** дар соҳаи боғу токдорӣ: **шинондан, сабзондан ва пайванд карданро** истифода мебаранд: Ҷувориро бо ёрмандии хару аспи ҳамсоягон ва бачагони деҳа кӯфтем ва ғалбер карда **чош додем** [1, с.157]. Дар ёбон кори мо **чувориҳайгӯӣӣ** буд [1, с.154].

Калимаҳои ифодакунандаи номи шахс аз рӯйи шуғл

Ин гурӯҳи калимаҳо дар «Ёддоштҳо» бисёр истифода шудаанд. Калимаҳои мазкури соҳаи кишоварзӣ мисли дигар соҳаҳо аз навъҳои протсесси меҳнат вобастагии зиёд доранд. Масалан, шахси ба чуфтронӣ машғулбударо **чуфтрон,** ба ғӯзакашӣ машғулбударо **ғӯзакаш,** шахси ба боғбони машғулбударо **боғбон**, шахси ба пахтаҷаллобӣ машғулбударо **пахтаҷаллоб**, шахси ба пахтакашӣ машғулбударо **пахтакашон** [ҳоло пахтатозакунак] меноманд: Писари калони Нурмуҳаммад, ки **чуфтрон** буд, дар соатҳои даҳи шаб говҳоро чуфт баста, ба кор мерафт [1, с.45]. Хизматгори афғон ва ошпази ман бо **боғбон** дар пеши дар истода, ин ҳолро тамошо мекарданд [1, с.34]. Ғӯзакашон, ки ду нафар зан буданд, ман ҳам ба онҳо ёрӣ медодам [1, с.245]. **Пахтакашон** аз пахтаҷаллобон ғӯзаи пойдориро гирифта, бо даст кашида, аз ҳаллочӣ гузаронида, пахта тоза карда, бо пунбадонааш ба хӯҷаин месупоранд ва дар ин кор ҳаққи ночизе мегирифтанд.

Чанде аз ибораҳо низ вобаста ба моликияти одамон ба маънои машғулият омадаанд: **деҳқони миёнаҳол, деҳқони безамин, деҳқони камзамин.**

Дар ин деҳа як-ду нафар бойи калон ва ду-се нафар **деҳқони миёнаҳол** буда, боқимондагони аҳолӣ имрӯзро ёбанд фардо намеёбанд [1, с.10].

Зимнан бояд тазаккур дод, ки калимаи **деҳқон** низ ҳамчун деҳқонӣ мафҳуми умумӣ аст. Вай номи умумии ҳамаи шахсони ба соҳаҳои гуногуни деҳқонӣ машғулбударо ифода мекунад. Ҳамчунин дорои синонимҳои **«музореин»** [**зореъ**] ва **«хокпош»** мебошад.

Ба қатори калимаҳои ба гурӯҳи номбурда тааллуқдошта, чанд вожаи дар «Ёддоштҳо» буда, ки таърихан маҳдуд шуда мансабро ифода мекунанд, дохил мешаванд. Инҳо калимаҳои **мироб** ва **амлокдор** мебошанд. Агар калимаи **амлокдор** ҳамчун соҳибмулк андозғундориро ифода кунад, пас дар забони имрӯза калимаи **мироб** на мансаб, балки касбу корро ифода мекунад: Дар ин миён **мироб** омада, омадани обро хабар дод [1, с.76]. Дар тартиби андозағундории амир одат ин буд, ки **амлокдор** дар мавсими ҳосилпазӣба сари замин рафта, андози маҳсулоти деҳқониро ба деҳқонон менавишт [1, с.78].

Калимаҳое, ки маҳсулоти деҳқониро ифода мекунад

Вожаҳои мазкур номи умумии маҳсулотро дар бар мегирад, ки аз ибтидо ва натиҷаи ниҳоии меҳнат вобастааст ваон бо вожаҳои **кишт, зироат** ва **ҳосил** ифода меёбад. Аммо ин маънои як мафҳум будани ҳамаи калимаҳои номбаршударо надорад. Калимаи **кишт** мафҳуми на он қадар васеъ дорад. Кишт гуфта асосан, номи умумии ҳамаи маҳсулоти кишташаванда дар назар дошта мешавад. Онро аз рӯйи характер ва мавсими кишта шудан ба **киштҳои баҳорӣ**, **тирамоҳӣ** тасниф мекунанд: Аммо аз амир ба номи қозии мазкур муборакнома (фармон) омадааст, ки вай дар тумани Шофирком рафта ба кори рӯдинавбарорӣ роҳбарӣ намояд ва корро ба тарзеташкил кунад, ки то охири тобистон дар рӯди нав об ҷорӣ шуда, деҳқонон барои **кишти тирамоҳӣ** аз он истифода бурда тавонанд [1, с.71].

Заминҳои ин деҳа ҳосилхез буда, дар он ҷо киштҳои гуногун мерасиданд ва аз шолӣ гирифта то сабзавот, ки **киштҳои сероби-талаб** мебошанд, дар ин деҳа кишта мешаванд [1, с.8].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки мафҳуми кишт шакли ибтидоии меҳнатро ифода мекунад ва дар як қатор ҳолатҳо ҳангоми шарҳу эзоҳи навъи маҳсулот метавонад маънои муайян гирад: Аз ҷимобӣ бештарини киштҳои ин ҷо-**гандум, чав, кӯнок** ва **мош** буда, сабзавот ҳеҷ кишта намешуд [1, с.9].

Калимаҳои **зироат** моҳиятан муродифи калимаи кишт мебошад. Он низ номи умумии маҳсулоти кишоварзиро ифода мекунад, аммо мафҳумаш каме васеътар аст.

Дар бештари ҳолатҳо таъкид мешавад, ки калимаҳои соҳавӣ бо якмаъногӣ ва аниқияти худ фарқ мекунанд ва дар ҳолати сермаъно шудан хусусияти терминологии худро гум мекунанд. Лекин хулосаи мазкур дар мавриди ислоҳоти зироат қобили қабул нест, чунки калимаи номбурда ҳамчун истилоҳи як касб дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ [10, 576с.] ба ду маънӣ омадааст:

1. **киштукор, деҳқонӣ;**
2. **растании парваришӣ** [10]

Ва ин **калимаи зироат** низ монанди калимаи кишт тавассути шарҳу эзоҳи иловагӣ маънои мушаххас мегирад: **зироати ғалладона**, **зироати полезӣ**, **зироати хӯроки чорво** [10, с.303].

Дар боло қайд намудем, ки номи умумии маҳсулот аз шакли ибтидоӣ ва натиҷаи меҳнат вобаста аст. Калимаи **зироат** дар чунин мавриди мавқеи миёнаро ишғол мекунад, яъне вай аз калимаи номбурда он қадар вобастагӣ надорад. Номи умумии маҳсулот бо истилоҳи **ҳосил** низ ифода меёбад. Ин истилоҳро ҳангоми номбар намудани маҳсулоти тайёр истифода мебаранд. Он натиҷаи ниҳоии меҳнатро ҳам ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, номи умумии маҳсулоти хоми деҳқонӣ бо истилоҳи киштва номи умумии маҳсулоти тайёр бо истилоҳи **ҳосил** ифода меёбад.

Дар «Ёддоштҳо» номи навъҳои зиёди маҳсулоти кишоварзӣ вомехӯранд. Инҳо номи мева ва хушкмеваҳо **(ангур, себ, анор, анҷир, тут, бодом, писта, тутмавиз, мавиз, ғулинг);** маҳсулоти ғалладона **(гандум, ҷав, қӯнок, мош);** кишти полезӣ **(харбуза, тарбуз)**, сабзавот (**қаланфур, сабзӣ, пиёз, карам, нозбӯй, (райҳон)** мебошанд. Дар баъзе маврид як қатор рустаниҳои ғайрипарваришӣ; **беда, арча, сафедор, бед** номбар карда мешаванд. Аз мисолҳои номбурда маълум мегардад, ки намудҳои гуногуни маҳсулот аз рӯйи хусусиятҳои ягона ва нишонаҳои муайяни худ ба гурӯҳ ва гурӯҳчаҳои номӣ тақсим мешаванд. Чунончи сабзавот ва намудҳои он, намудҳои меваҷот, хелҳои ғалладона, ғайр аз ин, аз рӯйи дигар хусусиятҳо ва нишонаҳо маҳсулотро ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо менамоянд, ки зикри баъзе аз онҳоро ҷоиз медонем:

1. Аз рӯйи мавсими расиш (пухта шудан): **ангури зимистонӣ**, **харбузаи тирамоҳӣ, тарбузҳои миёнасолӣ, ҷаву гандуми тирамоҳӣ** ва ғайра.
2. Аз рӯйи характери инкишоф. Калимаҳои ин гурӯҳро дар шакли маҷозии **кишти беор** низ истифода мекунанд. Дар зери ин мафҳуммаҳсулоте, ки тез инкишоф ёфта меҳнати зиёдро талаб намекунад, дар назар дошта мешаванд. Ба ин гурӯҳ асосан **кадуро** дохил мекунанд. Ба гурӯҳи номбурда ҳамчунин **харбузаву ангури дерпазаку пешпазак** дохил мешаванд.
3. Аз рӯйи маза ва бӯй: **себи турш, нозбӯй (райҳон):** Бинобар ин, дар деҳа меваҳои сердарахти гӯё ҳеҷ набуд ва ҳоҷихонӣ ном як навъ **себи турш** дар он ҷо расад ҳам, дар расмҳои заминҳои кишт ҷо-ҷо буда, боғчаи алоҳида дошт [1, с.9].
4. Аз рӯйи мансубияташон ба исми шахс: **ангури ҳусайнӣ**, **ҳоҷихонӣ** ном як навъ себ: Ман як сабадча **ангури ҳусейниро** аз бозор харида гирифта бурда ба ҳавлии ӯ даромадам ва мунтазири аз дарсхона баргаштани ӯ шудам [1, с.145].
5. Аз рӯйи ранг: **ҷувории сафед, бедаи кабуд**: Падарам имсол аз ҳарсола зиёдтар меҳнат кард, як таноб заминро ғӯза ва як танобро **ҷувории сафед** корид [1, с.145].
6. Аз рӯйи макони пайдоиш ва инкишоф: **тӯтҳои балхӣ, чинигуҷум.** Мисол: Баҳор омад, навчаҳо аз гул баромаданд, навдаҳои **тути балхӣ** ғӯра бастанд, дарахтони **хасактут** барои хӯроки кирмҳои пилла каллак шудан гирифтанд [1, с.66].
7. Вобаста ба хусусиятҳои истеъмолӣ: **палавкаду, обкаду**. Хусусан, **палавкаду,** ки бар замин беор буданаш серҳосил аст [1, с.144].
8. Аз рӯйи шабоҳат: **тутмавиз:** Модарам бинобар бемориаш он сол ширинии тут пухта натавонист як ҷуволча **тутмавиз** карда монда буд [1, с.186].

Умуман дигар хусусиятҳои маҳсулоти кишоварзиро низ қайд кардан мумкин аст. Аммо азбаски мавзӯи интихобнамуда дар атрофии мавқеи истеъмоли лексикаи кишоварзӣ аст, бинобар ин аз давом додани шарҳу эзоҳи онҳо худдорӣ менамоем.

Калимаҳои ифодакунандаиҷой ва макони меҳнат

Ба гурӯҳи мазкур, пеш аз ҳама, калимаи **замин** дохил мешавад. Мафҳуми **замин** бо вуҷуди он ки серистеъмол аст, хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, сермаъно аст ва муродифоти зиёде дорад, лекин дар калимаҳои ифодакунандаи соҳаи кишоварзӣ ҷой ва макони меҳнатро ифода карда, дар шакли ибора омада, муносибатҳои гуногуни маъноии ба кори деҳқонӣ ва истеҳсолӣ вобастабударо шарҳ медиҳад. Калимаҳои мазкур ба гурӯҳҳои зерин ҷудо шуда мафҳумҳои зайлро ифода мекунанд: Вобаста ба

тарзи истифода: (**замини кишт, замини дамдода, замини рондашуда…**); хусусиятҳои фардӣ: **замини корам, замини ҳосилхез, замини куҳнаобод,** ҳамчунин намуди маҳсулот**: (замини ҷуворӣ, замини почпоя):** Агар ба пухтани ҳамаи онҳо ё ба хазонрезӣ нигарон шавӣ, корат зӯр мешавад,дар он вақти танг ба танҳоӣ ин корро карда наметавонӣ, - гуфт ва аз паҳлӯи замини ҷуворӣ мо як **замини почпоя**-ҷойи гандумро нишон дода илова кард [1, с.79].

Агар аз рӯйи доираи истеъмол гирем, калимаи замин ва дигар вожаҳои номбурдаи ба он вобаста ба ҳар як кишоварз фаҳмоанд ва умумиистеъмолӣ ба шумор мераванд. Дар баробари ин, дар «Ёддоштҳо» [1, с.154] гурӯҳи дигари истилоҳоти ба замин вобастаро вохӯрдан мумкин аст, ки ба қатори калимаҳои куҳнашуда дохил шуда, ҳоло дар истеъмол нестанд. Ин калимаҳо дар навбати худ навъе аз моликиятро ифода мекунанд. Чунончи: **замини амлок, замини ҳосилгарав** (замине, ки ҳосили он ба ивази қарзи пулӣ пешниҳод карда мешавад), **замини мулки ҳур**: Фақат шумо заминҳотонро ба ман **ҳосилгарав** мекунед ва ман ҳосили ҳарсолаи онро ба худи шумо соле ба 1000 танга мефурӯшам [1, с.154]. Бештарини тоҷикон **заминҳои амлок,** яъне заминҳои подшоҳиро киштукор мекарданд ва бештари урганҷиён майдабаққолӣ доштанд [1, с.9]. Заминҳои канори ҷӯйи Деших ва аз он ҷумла, заминҳоиНурмуҳаммад **милки ҳур** буданд, ки аз онҳо ба подшоҳӣ андози замин молиёт медоданд [1, с.145].

Ба истилоҳи мафҳуми маконӣ дошта калимаҳои **ҷӯя, пал, осиёхона, варг, нова** дохил мешаванд. Вақте ки палак таноб партофт, оби аввалинро додам ва баъд аз расидани замин падарам ҷойи ҷӯякро нишон карда дод, ки вайро кашида хокашро ба зери палакҳо пошидем [1, с.145]. Калимаҳои **полез, боғ, киштзор, зардолузор** макони фаровониро ифода мекунанд. Калимаҳои **хирман, анбор** низ тобиши маконӣ дошта, ҷоеро ифода мекунанд, ки дар он маҳсулоти деҳқонӣ ҷамъ оварда нигоҳ дошта мешавад: Дар он вақт ҳам дар ин **киштзор** ва **боғот** сабзаву себаргаҳо ба чашми кас нур ва ба дили кас ҳузур мебахшиданд [1, с.476]. Ман ба ин мақсад ҷуворипояҳои сарҳошоншикаста гирифташударо ғалтонда бароварда дар сари **хирман** як созе чайла сохтам [1, с.159].

Калимаҳои ифодакунандаи воситаҳои меҳнат

Ин навъи калимаҳо дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ номи асбобу анҷоме мебошанд, ки онро деҳқонон дар ҷараёни кори худ истифода мебурданд. Онҳо вобаста ба давру замон худ хеле одӣ буда, аксарашон ҳоло ҳам истифода мешаванд: **каланд, даскола**, **(токбур), дос, белчаи сабзавотхишовакунӣ, дандона, мола, табар, дастпеша, дастарра,** қисми дигари онҳо аз қабили гови **касона, (кироя), ҷуфти гови корӣ, ҳаллоҷӣ** (асбоби пахтатозакунӣ), **тахтаварг** (тахтае, ки барои ҷамъшавии об ва гирифтани пеши роҳи об истифода мешавад), ки ҷояшонро бо техника ва асбобу афзори ҳозиразамон иваз кардаанд, ба қатори калимаҳои куҳнашуда дохил шуда, доираи истеъмолашон маҳдуд гаштаанд: Падарам ба модарам фармуд, ки **табар, дастпеша, дастарра ва дастколаро** тайёр кунад [1, с.33]. Тағоиҳо **каланд, табар, дасткола** ва дигар асбобҳоро дар ғалтак ниҳода пеш ронданд [1, с.33]. Аъзои ин оила ҳама корӣ ва пуркор буда, дар ҳамон шабҳои кӯтоҳи тобистон дар торикии рӯз **каланд, дос** ва **белчаҳои сабзавотхишовакуниро** дастҳо гирифта ба киштзор мерафтанд [1, с.145].

Баъд аз як миқдорпахта кашида шудан, ӯ ба сари **ҳаллоҷӣ** менишаст ва тири ҳаллоҷии вай монанди чархи осиё мегашт [1, с.245]. Деҳқонони дар ин ҷо киштукоркунанда тамоман бе **ҳайвоноти корӣ** буда ва фақат бо каланду бел заминҳои майита (мурда)-ро кор карда гашта буданд [1, с.79].

Баъд аз он бо **гови касона** (кироя) заминро дуроҳа ронда ва дандонаву мола карда тухмро кишт ва баъд аз киштан ҳам як бор дандонаву мола кард, ки тухм дар зери хок ба қадри даркорӣ рафт [1, с.145].

Тахминан то 50 қадам поёнтар аз **тахтаварг** рӯд тайёр шуда буд ва дар поёнтар аз он ҷо кор давом мекард [1, с.75].

Калимаҳои ифодакунандаи ченаки вазн, масоҳат ва миқдор

Калимаҳои ба гурӯҳи номбурда тааллуқдоштаро дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва соҳаи кишоварзӣ бо як қатор калимаҳои иқтибосии русӣ-интернатсионалии грамм, килограмм, литр, сентер, тонна, сотих, гектар ифода мекунанд. Дар «Ёддоштҳо» бошад, калимаҳои мазкур бо калимаҳои аслан тоҷикӣ, ифода шудаанд, ки шарҳашон дар қавсайн оварда мешаванд: Ман ба ӯ ғайр аз **ҳазор танга, як ман ҷав, сад банд беда** додам [1, с.152]. Миёнаравон **ҳар як ман (8 пуд) ҷуворирo ба 10 танга (1 суму 50 тин)** нарх карданд [1, с.157]. Ин маблағ ба ман, ки он вақтҳо **нимча (500 грамм)** ангурро **як пул (чорьяк тин)** мефурӯхтам гаронӣ мекард [1, с.148]. Бобом

ду боғ дошт, яке аз он **ду таноб (ним гектар)** буда, бедевор ва дигаре як таноб буда, **се похса** девор дошт [1, с.34].

Калимаҳои ифодакунандаи хусусиятҳои морфологии растаниҳо

«Морфологияи растанӣ, яке аз фаслҳои муҳимми илми ботаника, ки қонуниятҳои сохт ва ташаккули растаниҳоро дар ҷараёни инкишофи фардӣ ва таърихи таҳаввулоти онҳо меомӯзад» [11]. Вобаста ба қоидаи мазкур вожаҳои ифодакунандаи хусусияти морфологии растаниҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:Ба гурӯҳи аввал калимаҳое дохил мешаванд, ки узви растаниҳоро ифода мекунанд. Чунончи: **бута, кӯрак, кокул-пӯчоқ, пунбадона, кӯкбош, навда** ва ғайра. Музди муайяне, ки дар кор ба пахтакашон мемонд, **кокӯл-пӯчоқи ғӯза** буд, ки вайро дар оташдон ва гулхан месӯхтанд [1, с.10]. **Кӯкбош (сарҳои нимрас ва ба тамом сафеднашудаи ҷуворӣ)-**робебаркаш ба хона бурдам [1, с.164]. Пахтакашон аз пахтаҷаллобонғузапояҳои ҷойдориро гирифта ба даст кашида, аз халлоҷи гузаронида пахтаи тоза карда бо пунбадонааш ба хӯҷаин месупурданд ва дар ин кор ҳаққи ночизе мегирифтанд [1, с.10].

Ба гурӯҳи дувум калимоте дохил мешаванд, ки ифодакунандаи протсесси инкишофанд. Калимаҳои **номарза, расидан, пухтан, ғӯра бастан, аз гул баромадан, сесабза шудан, рӯидан, гул кардан, ноча бастан, зард шудан, каллак шудан** аз ҷумлаи онҳо мебошанд, ки дар «Ёддоштҳо» вомехӯранд: Барои эҳтиёҷи маҳаллӣ ғуза (пахтаи ҷойдорӣ) кишта шавад ҳам, аксар тамоман беоб монда **номарза** мерасад [1, с.10]. Баҳор омад, навчаҳо аз **гул баромаданд**, навдаҳои тутҳои балхӣ **ғӯра бастанд**, дарахтони хасактут барои хӯроки кирмакҳои пила **каллак шудан** гирифтанд [1, с.66]. Дар поёни сӯфаи хонаи мо андак замини холӣ буд, ки падарам он ҷойро зардолузор карда буд ва ниҳолҳои зардолуи он ҷо **сесабза** шуда буданд [1, с.144].

Вақте, ки палаки каду **таноб партофта гул карда ба ноча бастан** даромад, дар пеши ҳар як бехи палак як «гул» ҳам, ки дар забони адабӣ шумгиёҳ меноманд, баромада ногаҳон кадуҳо **зард шуда рехтан гирифтанд**[1, с.164].

Ҳамин тариқ, омӯзиши лексикаи кишоварзӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ дар шакли як мақола барои моҳияти масъала шояд нокифоя бошад ва тадқиқоти густурдаро талаб кунад, вале ба ҳар сурат то ҷое, ки имконият даст дод кӯшиш намудем, ки андешаҳои худро оид ба ин мавзӯъ баён намоем. Ба замми ин таҳқиқи лексикаи кишоварзӣ дар «Ёддоштҳо» (манзур қ. 1.2.) бори дигар аз бою ғанӣ будани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва малакаи баланди забондонии устод Айнӣ шаҳодат медиҳад.

Мутмаинем, ки маҳсули эҷодии устод дар оянда барои олимони забоншинос ҳамчун сарчашмаи маводи хуби забони хизмат мекунад, бахусус дар қисмати омӯзиш ва таҳқиқи лексикаи соҳавӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. С. Айнӣ. Ёддоштҳо. Қисмҳои 1-2. – Душанбе: Адиб, 1954. – 320 с.
2. С.Айнӣ. Ёддоштҳо. Қисми 4. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1954. – 427 с.
3. Кацапов Л.А. Из истории земледельчикой лексики в белорусском языке: автореф. дисс. … канд. филол. наук: 10.02.02 / Л.А. Кацапов. – Минск, 1978. – 18 с.
4. Мажидов Ф.Э. Формирование терминалоги хлопкаводства на основе русского языка: автореф. дисс... канд. филол. наук / Ф.Э. Маджидов. – Саратов, 1987. – 16 с.
5. Муҳаммадиев М. Очеркҳо оид ба лексикаи забон / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 280 с.
6. Никтенко Н.М. Лексика полеводство в русских «островных»говорах Подолья: автореф. дисс… канд. филол. наук / Н.М. Никтенко. – Киев, 1927. – 25 с.
7. Оленева Т.Б. Наиминования селькохозяственных орудийи их деталей: автореф. дисс. … канд. филол. наук: 10.02.01 / Т.Б. Оленева. – М., 1981. – 18 с.
8. Слабадянюк Т.В. Лексика овощевадатва в русском языке: автореф. дисс. … канд. филол. наук / Т.В. Слабадянюк. – Киев, 1975. – 28 с.
9. Стеблин-Каменский И.М. Земледельчикой лексика памирских языков в сравнительно-историческом освещении: автореф. дисс. … д-ра филол. наук: 10.02.08 / И.М. Стеблин-Каменский. – М., 1984. – 33 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Аз асри Х то асри ХХ] иборат аз ду ҷилд.–Душанбе: «Советская энсиклопедия», 1969. -Ҷ.2. – 952 с.
11. Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. - Душанбе: Сарредаксияи миллии энсиклопедияи совети тоҷик, 1989. – 576 с.
12. Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. - Душанбе: Сарредаксияи миллии энсиклопедияи совети тоҷик, 1991. – 608 с.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ ЛЕКСИКАИ КИШОВАРЗӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Дар ин мақола ба масъалаи омӯзиши хусусиятҳои семантикии лексикаи кишоварзӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ аҳамияти хосса дода шуда, дар ин замина вожаву истилоҳоти мазкур аз нуқтаиназари хусусиятҳои маъноиву гурӯҳӣ ва услуби эҷоди нависанда, дараҷаиистифодаи онҳо дар забони тоҷикӣ, инчунин ҷиҳати таърихии баромади калимаҳои номбурда гурӯҳбандӣ шуда, бо мисолҳои аниқу дақиқ бо тартиби муайян ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Ҳамчунин, пеш аз ҳаллу фасли масъалаи номбурда, ба маводи илмӣ дар самти омӯзиши калимаҳои соҳавӣ, пеш аз ҳама, балексикаи кишоварзӣ аҳамияти махсус дода шуда, муаллиф аз андешаҳои арзишманди олимони намоёни равияи лексикология М. Муҳам-мадиев, Стеблин Каменский, З. Н. Камарова,А. А. Реформатский, Оленова П., Т. В. Слабадянюк истифода намудааст. Ҳамзамон зимни баррасии дарачаи тадқиқот доир ба лексикаи кишоварзӣкори олимони шинохтаи тоҷик С. Ҳалимова, Ш. О. Шарифов,Т. Қ. Ҷӯраев ва Ҷ. Саидов низ мавриди таҳлилу тадқиқ қарор дода шудаанд. Дар ин мақола вожаву истилоҳоти кишоварзӣ ки аксарияташон калимаҳои аслан тоҷикиро дар бар мегиранд, аз тарафи устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» хеле зиёд истифода шудаанд.Таҳқиқи мавзӯъ аз ду ҷиҳат аҳамиятнок мебошад: 1.Омӯзиши хусусиятҳои забони осори устод Айниро мукаммал месозад. 2.Бою мукаммал будани таркиби луғати забони тоҷикиро аз ҳисоби калимаҳои аслан тоҷикӣ ва лексикаи халқӣ нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: деҳқонӣ, кишоварзӣ, ҷуфтронӣ, каландгардонӣ, чиллаоб, ҷавсоб, ғӯзакашон, хокпош, деҳқони безамин, деҳқони камзамин, кишт, зироати полезӣ, зироати хӯроки чорво, кишти беор, замини корам, замини куҳнаобод, замини амлок, замини ҳосилгарав, гови касона, тахтаварғ, ғӯра бастан, каллак шудан, нимарза.

НЕКОТОРЫЕ СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ЛЕКСИКИ В «ВОСПОМИНАНИЯХ» С. АЙНИ

В этой статье особое внимание уделяется вопросу изучения семантических особенностей сельскохозяйственной лексики в «Воспоминаниях» устода Садриддина Айни, и на этой базе данная лексика и термины классифицируются с точки зрения смысловых и групповых особенностей, творческого стиля писателя, степени их использования в таджикском языке. Приведяясные и подробные примеры, автор рассматривает этимологию их происхождения. Перед решением вышеупомянутоговопроса автор, уделяя особое внимание научному материалу по изучению отраслевой лексики, прежде всего, сельскохозяйственной, подвергает анализу и исследованию ценные размышления известных ученых-лексиколовМ. Мухаммадиева, Стеблин-Каменского, З. Н. Комаровой,А. А. Реформатского, Оленовой П., Т. В. Слободнюка. В тоже время при рассмотрении сельскохозяйственной лексики анализирует и работы известных ученых С. Халимовой, Ш. О. Шарифова,Т. К. Джураева и Дж. Саидова. В данной статье отмечается, что сельскохозяйственные слова и термины, использованные в большом количестве устодом Айни в «Воспоминаниях», почти все являются собственно таджикскими словами.Статья имеет научное значение в двух аспектах: 1) дополняет изучение особенностей языка творческого наследия устодаАйни; 2)показывает богатство и совершенство словарного состава таджикского языка за счет собственно таджикских слов и народной лексики.В статье соблюдаются новые требования к написанию научных статей.

Ключевые слова: земледелие, сельское хозяйство, пахота, перекапывание, зимняя поливка, извлечение волокна из коробочек хлопчатника, крестьянин, безземельный крестьянин, малоземельный крестьянин, сев, бахчевая культура, животноводческая кормовая культура, неприхотливая культура, пахотная земля, старопахотная земля, частновладельческие земли, урожайная земля, корова, взятая в наём, доска посева, завязь плодов фруктов, подрезать ветки деревьев.

SOME SEMANTIC FEATURES OF AGRICULTURAL VOCABULARY IN "MEMORIES" S. AINI

This article focuses on the study of semantic features of agricultural vocabulary in Memoirs of Sadriddin Aini, and on this basis these vocabulary and terms are classified from the point of view of semantic and group features, the writer's creative style, and the degree of their use in Tajik. Citing clear and detailed examples, the author considers the etymology of their origin. Before solving the aforementioned question, the author, paying particular attention to the scientific material on the study of industry vocabulary, primarily agricultural, analyzes and studies the valuable reflections of famous scholars-lexicols M. Muhammadiev, Steblin-Kamensky, Z. N. Komarova, A. A. Reformatsky, Olenova P., T. V. Slobodnyuk. At the same time, when considering the degree of use and research in agricultural vocabulary, the works of famous scientists S. Khalimova, Sh. O. Sharifov, T. K. Dzhuraeva, and J. Saidov are also analyzed. This article points out that agricultural words and terms used in large quantities by the Aini method in Memories are almost all Tajik words themselves. The article is of scientific importance in two aspects: 1. Complements the study of the peculiarities of the creative heritage language of Aini. 2. Shows the richness and perfection of the vocabulary of the Tajik language at the expense of the actual Tajik words and folk vocabulary. The article complies with new requirements for writing scientific articles.

Key words: agriculture, farming, plowing, digging, winter polivaka, љavsob, extracting fiber from the cotton bolls, peasant, landless peasants, land-hungry peasants, planting, melons, livestock fodder crop, unpretentious culture, arable land, cultivated land, privately land, fruitful land, cow, taken in renting, sowing board, fruit fruit, cut the branches of trees.

Сведения об авторе: ***Тоиров Ш.К.*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, старший преподаватель кафедры таджикского языка и методики его преподавания. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С. Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 918-23-42-58**

Information about the author: ***Toirov Sh.K.*** - Kulob State University named after A.Rudaki, senior teacher of the Tajik language department with his teaching methodology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov Str., 16. Tel.: **(+992) 918-23-42-58**

УДК: 491.550-5:42-5

СИФАТИ ФЕЪЛӢ ВА КАТЕГОРИЯИ ГРАММАТИКИИ САМТИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Усмонова М.Э., Усмонова М.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Мақолаи мазкур ба омӯзиши муқоисавии сифати феълӣ ва категорияи грамматикии самти он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Гарчанд дар забоншиносии муосири англис масъалаҳои умдаи сифати феълӣ ҳаллу фасли худро ёфта бошанд ҳам, дар забоншиносии тоҷик баъзе хусусиятҳо ва намудҳои сифати феълӣ, категорияи грамматикии самти он ба омӯзиш ниёз доранд. Таҳқиқ ва омӯзиши муаммоҳои зикргардидаи сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ пайдоиши баъзе навгониҳоро тақозо менамояд. Аз ҳамин лиҳоз, дар мақола баъзе мафҳумҳо ба монанди “сифати феълии ҳамзамон”, “сифати феълии ифодакунандаи амали қабл аз амали навбатӣ иҷрошуда” ва “сифати феълии ифодакунандаи амали пас аз амали навбатӣ иҷрошуда” бо мақсади қиёс намудани гунаҳои сифати феълии забони англисӣ бо забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Роҷеъ ба ҳодисаҳои забони мазкур бевосита дар китоби дарсии профессор К.Усмонов “Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”, ки тибқи қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №2/22 аз 22.02.2017 ба чоп тавсия шудааст [9, с.182-194], инчунин фишурдаи рисолаи номзадии дотсент Ибрагимова Р.А. таҳти унвони “Сифати феълӣ дар забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ” ақидаҳо иброз гардидаанд [3, с.12].

Категорияи грамматикӣ – ин маҷмӯи ду ё зиёда шаклҳои зоҳиран ба ҳам мутақобили як калима буда, аз рӯйи маъноҳои грамматикии худ низ ба ҳам зиданд, вале аз рӯйи як вазифаи умумӣ доштанашон муттаҳид карда мешаванд [1, с.13].

Дар забони англисӣ оид ба мавҷудияти ду сифати феълӣ: сифати феълии I ва II сухан мекунанд. Дар забони тоҷикии муосир бошад ба ақидаи К.Усмонов ва Р.Ибрагимова [3] шаклҳои грамматикии навъи *«хонда(гӣ)», «хонда истода(гӣ)», «мехонда(гӣ)»* хилофи нуқтаи назари Д. Тоҷиев [7], В.С. Расторгуева, А. А. Керимова [4], А.З. Розенфелд [5] ва ғ. се намуди гуногуни сифати феълӣ набуда, балки як сифати феълӣ дар се шакли категориалӣ ба ҳисоб меравад [7, с.172].

Категорияи самти амал, ки дар забоншиносии тоҷик «категорияи тарзи феълӣ» ном гирифтааст, аз мафҳумҳои басо мураккаби системаи забонҳост. Ҳанӯз солҳои панҷоҳуми садаи XX академик В.В. Виноградов дар хусуси ин категорияи феълӣ навишта буд, ки он дар хатти аз ҳама сарҳадии байни грамматика, лексикология ва фразеология мавқеъ гирифтааст.

Асосгузори грамматикаи илмии забони англисӣ Ҳенри Суит таҳти мафҳуми самти амал *(Voice)* роҳҳои мухталифи ифодаи муносибати байни феъли гузаранда ва субъекту объекти онро фаҳмида, ду шакли категориалии онро *(Active Voice ва Passive Voice)* нишон додааст (14, с.112). Ҳамин ақидаро Ж.О. Кёрм низ тарафдорӣ кардааст [11, с.217].

Ҳ. Поутсма тафовути байни шаклҳои фоилӣ ва мафъулии феълро дар табодули объекти мантиқии ҷумла ба субъекти грамматикии он арзёбӣ карда, як шакли дигари категориалиро нишон додааст ва онро раванди нафсӣ номидааст.

Дигар англисшиносон, мисли Б.С. Хаймовичу Б.И.Роговская [12], М.Я.Блох [10], Л.С. Бархударов [1] ва чанде дигарон асосан мавҷудияти ду самти феълиро нишон медиҳанд, ки онҳо самти фоилӣ ва самти мафъулӣ мебошанд.

Л.С.Бархударов самти мафъулӣ *(Passive Voice)*-ро эътироф карда, бар хилофи дигар англисшиносон шакли фоилии феълро *«Non-passive»* номидааст ва ба ин самти амал инчунин шаклҳои навъи *«washed himself»* (шакли нафсии феълӣ), *«helped each other»* (шакли муштараки амал), *«the door opened»* (шакли миёнаи амал)-ро, ки Б.А.Илиш ва дигарон ҷудо кардаанд, дохил менамояд [1, с.120]. Ба андешаи ӯ, аз рӯйи хусусиятҳои морфологии худ ин шаклҳо *(washed himself, helped each other, the*

door opened) аз шакли фоилӣ фарқ намекунанд. Ӯ дар шакли фоилӣ якчанд маъноҳоро ҷудо мекунад. Дар ҷумлаҳои навъи *I took a pencil, John opened the door* феълҳо маънои «фоилӣ»-ро (актив) доранд. Дар ҷумлаҳои навъи *The door opened, The book sells well* феъл дар шакли фоилӣ омадааст ва маънои миёна (медиалӣ)-ро соҳиб аст. Дар ҷумлаҳои навъи

John dressed. He washed and shaved (аз он ҷумла *John dressed himself)* феълҳо маънои «нафсӣ»-ро доранд. Дар ҷумлаҳои навъи *They kissed, John and Bill met in the street (аз он ҷумла John and Bill met each other in the street)* ҳамон шакли фоилии феъл мавҷуд аст, ки маъноияш амали муштарак мебошад [15, с.122].

Беҳуда нест, ки А.И.Смирнитский тафовути байни шаклҳои фоилӣ ва мафъулии феълро дар гуногунии раванди амал дарёфтааст (6, с.167). Шояд ҳамин ақидаи А.И.Смирнитскийро ба инобат гирифта, профессор М.Я.Блох ба ин категория чунин таърифро раво донистааст: Ин категорияи феъл самти амалро нисбати иштирокчиёни воқеот, ки дар созмони синтаксисӣ мунъакис гардидааст, ифода менамояд. Иштирокчиёни воқеот – ин субъект ва объекти амал мебошанд [10, с.150].

Бояд иброз намуд, ки категорияи самт дар системаи шаклҳои ғайритасрифии феъл мисли шаклҳои тасрифии феъл хусусиятҳои морфо-синтаксисӣ ва семантикии худро дорад, ки чунин зоҳир мешаванд:

1. Дар забони англисӣ маънои пассив дар системаи шаклҳои тасрифии феъл ба воситаи феъли ёридиҳандаи *«to be»* (баъзан *to become, to get)* + *Participle II* ва дар сифати феълии II аз феълҳои объектӣ маънои мафъулӣ бе феълҳои ёридиҳанда ифода мешавад. Муқоиса кунед:

The engineer was retired after this incident [16, p. 25]. The retired engineer found a new job [18, p. 55].

2. Ҳодисаи мазкурро дар забони тоҷикӣ низ вохӯрдан мумкин аст, ки сифати феълӣ бо шакли *–а бо* маънои мафъулӣ дар як ҳолат бе феъли ёридиҳанда ва дар дигар ҳолат тавассути феъли ёридаҳандаи *шудан* ифода мешавад [8, с. 142]:

1. *Чашмони хоболуд, риши натарошида Зарифи бисту нуҳсоларо аз будаш калонсолтар карда нишон медод [20, с.20]. 2.Чашми Зариф ба ниҳолҳои трактор пахшкарда афтод [20, с.165].*

Таҳлили шаклҳои фоил ва мафъули сифати феълӣ дар забонҳои муқоисашаванда бо назардошти омилҳои дар боло зикршуда нишон дод, ки дар системаи шаклҳои ғайритасрифии феъл пайдо шудани муносибатҳои тарзи феълӣ як қатор хусусиятҳои ба худ хосро соҳиб аст.

Сифати феълии I шаклҳои фоил ва мафъул дорад, ки он низ хосси сифати феълии ҳамзамони забони тоҷикӣ мебошад. Шакли мафъули сифати феълии I-ро дар ҳолатҳое вохӯрдан мумкин аст, ки калимаи бо сифати феълӣ дар муносибати синтаксисӣ қарор гирифта, объект ё сирконстанти амалро ифода менамояд ва иҷрокунандаи амали бо сифати феълии I ифодашуда зикр намегардад:

The private sitting-room having been engaged, the party walked out to view the city and find one [15, p.348]. = Аз сабаби он ки манзилгоҳи шахсӣ ишғол карда шуда буд, он гурӯҳ ба шаҳр баромад, то манзилгоҳи дигаре дарёбад.

Дар мисоли мазкур сифати феълии I дар шакли мафъул *having been engaged* бо калимаи *sitting-room* дар муносибати синтаксисӣ қарор гирифтааст, ки объекти амали бо сифати феълӣ ифодашуда мебошад. Ғайр аз ин, он бо хабари *walked out* низ алоқаманд аст. Агар сифати феълии зикргардида бо *sitting-room* созмони мутлақ бо сифати феълӣ – ро ташкил кунад ва дар муносибати предикативии дуюмадараҷа қарор гирад, тамоми созмони мутлақ бо феъл-хабари ҷумла *walked out* дар муносибати сабабу натиҷа мебошад. *Sitting-room* нишондиҳандаи субъект набуда, объекти амали *having been engaged* ба ҳисоб меравад. Ба забони тоҷикӣ сифати феълии мазкур ба туфайли шакли тасрифии феъл дар самти мафъул тарҷума мешавад.

Ҳангоми дар шакли фоил истифода шудани сифати феълии I ҳолат тамоман дигар аст, зеро калимае, ки сифати феълӣ муайян мекунад субъекти амали бо ин сифати феълӣ ифодагардида маҳсуб мешавад. Масалан:

1) The girl approaching him on the pavement looked pale [17, p. 64]. = Духтари аз гузаргоҳ ба ӯ наздикшудаистода рангпарида менамуд. 2) There were stone steps leading to a terrace [16, p. 83]. = Зинаҳои сангини ба пешайвон баранда мавҷуд буданд.

Сифати феълии ҳамзамон аз феълҳои гузаранда дар забони тоҷикӣ ду шаклҳои самт дорад: шакли фоил *(навишта истода)* ва шакли мафъул *(навишта шуда*

истода). Бояд қайд кард, ки сифати феълии ҳамзамон дар шакли мафъул, ки давомнокии амалро ифода мекунад, хеле кам ба назар мерасад.

Ин сифати феълӣ метавонад ё ба вазифаи муайянкунанда ё ба вазифаи ҳол истифода шавад ва он шаклҳои мафъул дорад. Шакли мафъули он асосан дар вазифаи атрибутивӣ истифода мешавад. Муқоиса кунед: 1. *Ӯ сари худро бардошта ба Рухсатхони ба мактаб рафтаистода хитоб кард [20, с. 177]. 2. Мақолаҳои ба вокунишӣ мансабдорон навишта шуда истода дар ҳокимиятҳои маҳаллӣ муҳокима намешаванд [19, с.59].*

Дар мисоли якум сифати феълии ҳамзамон *рафтаистода* дар шакли фоил истифода шудааст. Он ба исми *Рухсатхон* равона шудааст, ки субъекти амали бо сифати феълӣ ифодашуда мебошад. Дар мисоли дуюм сифати феълии ҳамзамон *навишта шуда истода* муайянкунандаи исми *мақолаҳо* маҳсуб меёбад, ки объекти амали бо сифати феълӣ ифодашуда мебошад. Аз ҳамин сабаб, вай дар шакли мафъул истифода шудааст, ки аз ду феъли ёвар *(шуда ва истода)* таркиб ёфтааст. Феъли ёвари якум *(шуда)* морфемаи шакли мафъул, феъли ёвари дуюм бошад *(истода)* нишони маънои ҳамзамонӣ ва давомнокии амали бо сифати феълӣ ифодашуда *навишта* мебошад. Ҳар се ҷузъи ин созмони аналитикӣ морфемаи сифати феълӣ «-а» дорад: *навишта, шуда, истода.*

Барои муайян кардани муодили англисии шаклҳои мазкури сифати феълӣ ба тарҷумаи мисолҳои дар боло овардашуда менигарем: *1) Raising his head he addressed Ruhsatkhon who was going to school. 2) The articles which are being written today to criticize officials are not discussed in local anthorities.*

Бояд иброз дошт, ки сифати феълии ҳамзамон ҳам дар шакли фоил ва ҳам дар шакли мафъул ба забони англисӣ бо шаклҳои тасрифӣ тарҷума шудааст, дар ин ҷо созмонҳо бо сифати феълӣ бо ҷумлаҳои мураккаби муайянкунанда ифода ёфтаанд. Дар ин ҳолат сифати феълӣ ба забони англисӣ бо шаклҳои тасрифии феъл дар шакли фоил тарҷума шуда, сифати феълии мафъул бо шакли тасрифии феъл дар шакли мафъул ифода меёбад.

Сифати феълии минбаъдият бошад аз се морфема иборат аст: пешванди *«ме-»* + асоси замони гузаштаи феъл + морфемаи сифати феълӣ *«-а»: мехонда, мерафта, мегирифта* [20, с.142]. Сифати феълии мазкур аз феълҳои гузаранда низ ду шакли мафъул дорад: *мепӯшида (-гӣ) – пӯшидамешуда(-гӣ)*. Мисол: *Иморати Шумо мепӯшидагӣ ҳоло ба нақша гирифта нашудааст [18, с.62]. Тиқ-тиқи соати дастии Ҷӯра, ки дар миёнаи стол мехобид, равшан шунида мешудагӣ шуд [19, с. 121].*

Дар мисоли якум сифати феълии минбаъдият мепӯшидагӣ маънои фоил дорад, ки мавҷудияти соҳиби аломати феъл *(Шумо)* боиси он аст, дар мисоли дуюм бошад сифати феълии минбаъдият *шунида мешудагӣ* шакли мафъул мебошад, ки аз феъли комили *шунидан* дар шакли сифати феълӣ *(шунида)* ва феъли ёвари *(шудан)* дар шакли сифати феълии минбаъдият*(мешудагӣ)* таркиб ёфтааст. Бояд қайд кард, ки шакли мафъули ин сифати феълӣ хеле кам истифода мешавад.

Барои муайян намудани роҳҳои тарҷумаи шаклҳои мафъули сифати феълии минбаъдият ба забони англисӣ ба мисолҳои зерин таваҷҷуҳ мекунем:

1. *Онҳо кӯшиш мекунанд, ки мавқеи аз миён мерафтаашро аз нав барқарор кунанд [19, с. 122].*

2. Замини корами иҷора гирифта мешудагӣ барои хӯрондани ин оила кифоягӣ намекард [19, с.124].

1. They try to restore the position which will be lost.

2. The ploughed land to be rented won't be enough to supply the family.

Чи тавре ки аз мисолҳо маълум мегардад, дар ҳолати якум сифати феълии минбаъдият ба забони англисӣ ба воситаи шакли тасрифии феъл тарҷума шудааст ва феъл дар шакли замони оянда истифода шудааст, зеро сифати феълии мазкур амали пас аз амали дигар ба вуқӯъ меомадаро ифода мекунад. Дар мисоли дуюм сифати феълӣ дар шакли мафъул туфайли шакли мафъули масдар тарҷума шудааст *(иҷора гирифта мешудагӣ– to be rented)*.

Ҳамин тавр, дар ҳар ду забон ҳам ба шаклҳои тасрифӣ ва ҳам ба шаклҳои ғайритасрифии феъл категорияи самт хос мебошад. Дар забони англисӣ феълҳои объектӣ ва дар забони тоҷикӣ феълҳои гузаранда ду шаклҳои самт доранд. Шакли мафъули сифати феълии I дар забони англисӣ *(being written)* ва сифати феълии қаблият дар забони тоҷикӣ *(навишта шуда)* дар сохтори синтаксисии ҷумла баъзе хусусиятҳои махсусро зоҳир менамояд.

Дар ҳолате ки сифати феълии забони англисӣ дар шакли мафъул истифода мешавад, субъект бевосита зикр намешавад. Дар сохтори гуфтор объекти амал маҳфуз аст, ки аз ҷиҳати грамматикӣ ба воситаи сифати феълии I муайян мешавад.

Дар забони тоҷикӣ ҳамин ҳолатро дидан мумкин аст. Лекин бар хилофи қоидаҳои забони англисӣ агар субъекти амали бо сифати феълӣ ифодашуда, ишора шуда бошад, шакли мафъули сифати феълии қаблият худ маънои мафъул дошта бошад ҳам чун сифати феълии II истифода намешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани субъекти амали бо сифати феълии забони тоҷикӣ ифодашуда, он дар шакли мафъул истифода мешавад, ки ба калима бо маънои объект дар вазифаи грамматикии муайянкунанда меистад. Сифати феълии ҳамзамон ва минбаъдият инчунин шаклҳои мафъул доранд, ки одатан дар вазифаи атрибутивӣ қарор додани онҳо истифода мешаванд.

Дар забони англисӣ сифати феълии II одатан бо сифати феълии қаблият баён мегардад, сифати феълии I ба забони тоҷикӣ ё туфайли сифати феълии ҳамзамон ё сифати феълии қаблият тарҷума мешавад, ки ин аз беҳудуд ё боҳудуд будани амали ифодашуда ё аз дистрибутсияи шакли сифатии феълӣ вобаста мебошад.

Сифати феълии забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бо се роҳ баён мегардад:

1) шакли сифати феълии I ва II; 2) шакли масдар; 3) шакли тасрифии феъл.

Ин аз хусусиятҳои типологии забонҳои муқоисашаванда вобастагӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка / Л.С. Бархударов. - М., 1975. - 156 с.
2. Виноградов В.В. Русский язык / В.В. Виноградов. - М., 1972. – 476 с.
3. Ибрагимова Р.А. Причастия в современном таджикском и английском языках / Р.А. Ибрагимова. АКД. - Душанбе, 2010. - 24 с.
4. Расторгуева В. С. Система таджикского глагола / В.С.Расторгуева, А.А. Керимова. - М.: Наука, 1964. - 386 с.
5. Розенфельд А. З. Глагол / А.З. Розенфельд. - Сталинабад, 1954. - 70 с.
6. Смирницкий А.И. Морфология английского языка / А.И. Смирницкий. - М., 1967. – 265 с.
7. Таджиев Д. Причастие в современном таджикском литературном языке. В кн.: «Очерки по грамматике таджикского языка» / Д. Таджиев. - Сталинабад, 1954. -Вып. -V, - 124 с.
8. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К. Усмонов. -Хуҷанд, 2006. – 130 с.
9. Усмонов К. Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К.Усмонов. - Хуҷанд, 2017. – 372 с.
10. Blokh M.Y. A Course in Theoretical English Grammer / M.Y. Blokh. -M., 1983. -176 с.
11. Curme J.O. A Grammar of the English Language / J.O. Curme. –London. -New York, 1931.- vol. II. -220 с.
12. Khaimovich B.S. A Course in English Grammar / B.S.Khaimovich, B.I. Ragovskaya. -M., 1967. – 128 с.
13. Poutsma H. A Grammar o Late Modern English. Part II. Groningen / H. Poutsma. 1926. -100 с.
14. Sweet H. A New English Grammar. Part I, Oxford. 1892. – 138 с.
15. Dreiser Th. Sister Carry / Th.Dreiser. - M., 1977.
16. Henry O. The skylight room and other stories / O. Henry. -M., 1972.
17. Voynich E. L. The Gadfly / E. L. Voynich. - M., 1954. - 343 p.
18. Waugh E. Prose. Memoirs. Essays / E.Waugh. -M., 1980.
19. Р. Ҷалил. Одамони ҷовид. - Сталинобод, 1954.
20. Шукӯҳӣ А. Парии ҷазира. - Душанбе, 1970.

СИФАТИ ФЕЪЛӢ ВА КАТЕГОРИЯИ ГРАММАТИКИИ САМТИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур категорияи грамматикии яке аз шаклҳои ғайритасрифии феъл, яъне сифати феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Категорияи самт дар забони англисӣ тавассути феъли ёридиҳандаи *“to be”* ифода шуда, дар забони тоҷикӣ бошад он тавассути феъли ёридиҳандаи *“шудан”* ифода мешавад. Дар ҳар ду забон категорияи самт таззоди дуузваро ташкил медиҳад, яъне шакли мафъул ба шакли фоил муқобил гузошта мешавад. Шаклҳои мафъули сифати феълии I дар забони англисӣ ва сифати феълии қаблият, ҳамзамон ва минбаъдияти забони тоҷикӣ бо роҳҳои аналитикӣ сохта мешаванд. Маънои мафъул дар семантикаи сифати феълии II-и забони англисӣ маҳфуз аст. Муодили тоҷикии сифати феълии II, сифати феълии ифодакунандаи амали қабл аз амали навбатӣ иҷрошуда вобаста ба маънои луғавӣ ва мавқеи худ маънои мафъул дошта бо роҳи синтетикӣ сохта мешавад. Сифати феълии забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бо се роҳ баён мегардад: 1) шакли сифати феълии I ва II, 2) шакли масдар, 3) шакли тасрифии феъл.

Калидвожаҳо: категорияи грамматикӣ, категорияи самти амал, шаклҳои ғайритасрифии феъл, вербалия, сифати феълии I, сифати феълии II, сифати феълии қаблият, сифати феълии ҳамзамон, сифати феълии минбаъдият.

ПРИЧАСТИЕ И И ЕГО ГРАММАТИЧЕСКАЯ КАТЕГОРИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается грамматическая категория как одна из неличных форм глагола, т.е. причастие в английском и таджикском языках. Категория залога в английском языке выражается вспомогательным глаголом *"to be"* а в таджикском языке вспомогательным глаголом *"шудан"*. Категория залога в обоих языках представляет собой двучленную оппозицию: пассивная форма противопоставляется активной форме. Пассив образуется аналитическим путем у причастия I английского языка и у всех причастий таджикского языка, т.е. причастия предшествования, причастия одновременности и причастия следования. В английском языке значение пассивности причастия II заложено в его семантике. Его таджикский аналог причастие предшествования в зависимости от своего лексического значения и дистрибуции может проявлять значение пассивности своей синтетической формой. Причастия таджикского языка могут передаваться на английской язык тремя способами: 1) формой причастия I и II; 2) формой инфинитива; 3) личной формой глагола.

Ключевые слова: грамматическая категория, категория действия, несклоняемые формы глагола, вербалия, причастие I, причастие II, причастие предшествования, причастие настоящего времени, причастие будущего времени.

PARTICIPATION AND ITS GRAMMATIC CATEGORY IN THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The given article analyses grammatical categories of Participle in English and Tajik languages. The category of voice in English is expressed by the auxiliary verb "to be", but in – Tajik by auxiliary verb "shudan". The analyzing category in both languages forms two-sided opposition: the passive form is contrasted with the active form. Passive participle I of the English language and all forms of participle in Tajik language i.e. participle of precedence, participle of simultanity, participle of consistency are formed analytically. In English the meaning of passivity of participle II, is inherent in its semantics. Its Tajik analogue participle of precedence depending on its lexical meaning and distribution can show the meaning of passivity syntatically. Tajik participles can be transmitted in English in three ways: 1) with participle I and II; 2) with the infinitive; 3) with the finite form of the verb.

Key words: grammatical category, action category, unknowable forms of the verb, verbal, participle I, participle II, preceding participle, present participle, future participle.

Сведение об авторах: ***Усмонова Малохат Эхсоновна*** – Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, доцент кафедры перевода и грамматики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1

Усмонова Мухайё Носировна - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры перевода и грамматики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. E-mail: **usmonova1901@mail.ru**. Тел.: **(+992) 935-23-88-44**

Information about the authors: ***Usmonova Malokhat Ehsonovna*** - Khujand State University. B. Gafurova, Associate Professor, Department of Translation and English Grammar. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Avenue 1

Usmonova Muhayo Nosirovna - Khujand State University. B. Gafurova, Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer, Department of Translation and English Grammar. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Avenue 1. E-mail: **usmonova1901@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-23-88-44**

УДК: 491.550-3: 491.71.3 (575.3)

МУТОБИҚАТИ САДОНОКҲОИ РУСӢ БА ТОҶИКӢ ДАР ҚАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АЗ ЗАБОНИ РУСӢ ВОРИДШУДА (АЗ РӮЙИ МАВОДИ САРЧАШМАҲОИ СОЛҲОИ 20 ВА 30-ЮМИ САДАИ ХХ)

Холова М.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳодисаи иқтибосшавии калимаҳо, ки дар аксарияти забонҳои олам ба мушоҳида мерасанд, танҳо дар заминаи омилҳои забонӣ ба вуҷуд наомада, сабабҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва илмиву фарҳангӣ низ доранд. Одатан, дар ин раванд вақти зиёде сарф мегардад, то унсурҳои нав аз санҷиши забон гузаранд, мутобиқат намоянд ва пасон ҳамчун ҷузъи таркибӣ сериستеъмол гарданд.

Таркиби луғавии забони тоҷикӣ низ дар давраҳои гуногун аз қабули калимаҳои забонҳои бегона, бебаҳра намондааст. Махсусан, аз забонҳои ҳиндӣ, юнонӣ, арабӣ, туркиву муғулӣ ва русиву аврупоӣ вожаҳои зиёде дар давраҳои муайяни таърихӣ ё асрҳои ҷудогона ба забонамон ворид гардидаанд.

Имрӯз қисми зиёди онҳо бегонагии худро аз даст дода, ба фонди асосии забони тоҷикӣ ё ба ҷузъи таркибии таркиби луғавии забони тоҷикӣ гузаштаанд. Чунонки

муҳаққиқи ҳамин соҳа профессор Ҳ. Маҷидов менигорад, калимаҳое, ки ҳанӯз дар даврони моқабли таърих зери асари муносибатҳои мухталифи тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва ҳамзистии халқҳои эронинажод ба забони халқҳои дигари ба онҳо ҳамсоя қабул шудаанд, имрӯз ба куллӣ мутобиқ гардидаанд, на дар талаффуз ва на дар маъноҳову усулҳои истеъмоли онҳо ягон бегонагиро мушоҳида кардан мумкин нест. Масалан, калимаҳои аз юнонӣ воридшудаи **собун**, **алмос**, **дафтар**, **номус**, **фонус**, **ангур**, **пиёла**, **обнус** ва ё ҳамин гуна калимаҳои аз ҳиндӣ омадаи **бибӣ**, **кулол**, **шакар**, **лок**, **карбос**, **чатр**, **нил**, **банг** ва монанди инҳо аз ҳамин қабиланд [3, I, с. 247].

Калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ, ки дар забонамон аз охирҳои асри XIX ба кор бурда мешаванд, аз ин бобат то андозае ҳазм гардида, дар қатори дигар калимаҳои худӣ ва иқтибосии таркиби луғавӣ мавқеи муайянеро ишғол менамоянд. Мутобиқшавӣ ё мавқеъ пайдо кардани калимаҳои иқтибосӣ дар забони дигар яку якбора ба амал намеоянд. Дар ибтидо калима дар забони мардум коркард мешавад, талаффузи мардумиро соҳиб мегардад ва танҳо баъдан ба дигар гунаҳои забон роҳ меёбад. Маҳз дар нутқи шифоҳӣ истифода шудани вожаҳои бегона, талаффузи тоҷикии онҳоро ба вуҷуд меоварад.

Дар забони осори охири асри XIX ва ибтидои асри XX, махсусан, солҳои 20 ва 30-юми он гурӯҳи калони иқтибосоти русиву аврупоӣ дар шаклу сурати ҳазмгардида, истифода шудаанд. Тавре муҳаққиқони ҳамин давраи забони тоҷикӣ менависанд, қисми зиёди вожаҳои русӣ бо такя ба талаффузи маҳаллӣ бо тағйиротҳои савтӣ ворид шудаанд, ба монанди **бонк**, **самовор**, **патнӯс**, **чойник**, **услул**, **истанса**, **Аврупо**. Гурӯҳи дигар ба тариқи тарҷума ба истифода даромадаанд: магазин - **дӯкон**, компания - **ширкат**, диплом - **шаҳодатнома**, биржа - **савдохона**, тротуар - **пиёдагард**, план - **нақша**, пароход - **киштӣ**, театр - **тамошохона**, ҳамчунин, бо усулҳои калимасозиву иборасозиҳои нав ба монанди: **мошинхона**, **консулгарӣ**, **мошинаи суудкунанда** (лифт) ба кор бурда мешуданд [4, I, с.237-238].

Донишманди боистеъдоди асри гузаштаи тоҷик устод Н. Маъсумӣ ақида дорад, ки вобаста ба навигариҳои зиндагӣ ва ҷамъиятии ибтидои асри XX, бо пайдоиши ашё ва мафҳумҳои тоза калимаҳои русӣ ҳам беш аз пеш ба забони умумихалқӣ ва адабӣ дохил шуда, дар таркиби луғавии забон ҳиссаи муҳиммеро ташкил медоданд. Аксарияти он калимаҳо бо ҳеҷ кадом калима ва ибораҳои тоҷикӣ иваз намешуданд, қисме аз калимаҳои русӣ тадриҷан ҷойи баъзе калимаҳои аслии тоҷикӣ, арабӣ ва ӯзбекиро гирифтанд, зеро ки барои айнан ифода кардани мафҳумҳо ва тобишҳои нави маъноӣ зарурати умумиистеъмолӣ ва талаботи пешрафтаистодаи ҷамъиятро ба назар гирифтан даркор буд. Чунончи, кор фармуда шудани калимаҳои **почта**, **нумура - номер**, **магазин - дӯкон**, **параход**, **диплом**, **биржа**, **театр**, **шосса** (роҳи шоссе), **десятина**, **пилон** ва ғайра ҳамин ҷиҳати масъаларо таъкид мекунад [4, I, с.236].

Ҳар як забон ҷиҳатҳои овозӣ, калимасозӣ, қонуниятҳои инкишоф ва раванди амалкарди хосси худро дорад. Аз ин ҷиҳат, забонҳои гуногун, хусусан, он забонҳое, ки аз як оила ба вуҷуд наомадаанд, аз ҳам фарқ менамоянд. Чунин фарқиятҳоро аз рӯйи махсусиятҳои овозӣ, масалан садонокҳои забони тоҷикиву русӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Муқаррар шудааст, ки дар забони тоҷикӣ садонокҳои: **а**, **и**, **о**, **у**, **ӯ**, **э** ва дар забони русӣ садонокҳои: **а**, **и**, (**ы**), **о**, **у**, **э** дар истифода қарор доранд. Мавҷудияти овози **ӯ** дар тоҷикӣ ва **ы** дар забони русӣ фарқияти ҷиддии системаи садонокҳои ин ду забонро нишон медиҳанд. Дар талаффуз садонокҳои ҳар яке аз он забонҳо аз ҳам тафовути куллӣ доранд. Чунончи, садонокҳои **и**, **о**, **у**-и калимаҳои иқтибосии русӣ нисбат ба ҳамин гуна овозҳои **и**, **о**, **у**-и тоҷикӣ дарозтар талаффуз мешаванд: чунончи, дар вожаҳои **биология**, **тригонометрия**, **университет**, **универмаг**, **пулемёт** ва ғайраҳо инро ошкор кардан мумкин аст, таъкид мекунад, забоншиноси шинохта Шаропов Н. [5, I, с.87].

Ғайр аз ин, аксар вақт овози **о**-и калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар талаффузи тоҷикӣ тамоюли гузариш ба садоноки **у** ва гоҳе **ӯ**-ро дорад: **журнол, нуёбир**, **пируфиссур**, **калӯш** (галоши).

Махсусияти дигари калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар қисми зиёди онҳо садонокҳо ба тарзи: **аэ**, **ау**, **еа**, **иа**, **ио**, **иу**, **ео**, **оо**, **оэ** дар мавқеъҳои аввал: **аэропорт, аудитория, биология, геология, кооператив**; миёна: **аксиома, театр, социализм, социолог, авиация** ва дар охири калима: **аквариум, алоэ, авиа, социал** пасиҳам омада метавонанд.

Дар забони тоҷикӣ ғайр аз калимаҳои иқтибосии арабӣ, ба монанди **соат**, **маориф**, **маонӣ**, **мутолиа**, **иншоот**, **чамоа** ё сохтаи тоҷикӣ, мисли **ноором**, **ноогоҳ**, **беинсоф**, **ноошно** ин гуна пайиҳам омадани садонокҳо дида намешаванд, зеро таркиби калимаҳои аслии забони тоҷикӣ аз пайвасти садоноку ҳамсадо: **ангушт**, **андак**; ё ҳамсадову садонок: **вожа**, **шунидан** ба вуҷуд омадаанд. Дар мавридҳои ҷудогона садонок пеш аз ду ҳамсадо: **орд**, **асп**; ё дар байни онҳо: **пой**, **ҷой** ҷойгир мешавад.

Аз ин ҷиҳат ҳангоми гузариши калимаҳои русӣ ба тоҷикӣ баъзан яке аз садонокҳо ҳазф мегардад: **каператив, купиротиф** (кооператив), **куператсия** (кооперация); ё садоноки дувум ба ҳамсадо: **айруплон** (аэроплан), **фойтун** (фаэтон); гоҳе ба ётбарсар тағйир меёбанд: **мотириёл** (материал), **милюн, милён** (миллион), **сусиёлизм** (социализм), **тиётир** (театр):

Коператирво аз русӣ тарҷума карданӣ шаванд **купиротиф** ва комсомолро кумсумул менависанд [1, I, с.508]. Мебинед, натиҷаи изтироби душман ин ки **айроплон** бутун барҳам хӯрда ба тарафи поёни ҷанги давлатӣ рафтагӣ мебошад, асло камдилӣ накунед ба ҳамаи шумоён ҳофизи ҳол Худованд бошад, ҳар ҳафта хату хабаратон омада истад, боқӣ ассалому алайкум 1344 ҳиҷрияи набавӣ [1, II, с.273]. **Фойтун** дар рӯ ба рӯйи ӯрда ба дари маҳкамаи пристаф истод [5, II, с.170]. **Мотириёлҳои** ин канфиренсия ба номи “Алифбои нави тоҷикӣ” нашр карда шудааст [1, I, 251]. Моли заъри ҳам **милёнҳои** дар **милён** ҳарсола ба фурӯш мерасад [4, II, с.12].

Мувофиқи ҳамин гуна қонунҳои мутобиқат ҳанӯз дар даврaҳои аввали воридшавии унсурҳои русиву аврупоӣ садонокҳои гуногуни онҳо тағйир меёфтанд. Ба монанди, гузариши садоноки **а**-и русӣ ба **о**-и тоҷикӣ:

А) Дар калимаҳои якҳиҷоӣ **а**-и русӣ ҳатман ба **о** табдил меёбад: **бонк** (банк), **зол** (зал), **кодр** (кадр), **қорт** (карта), **пилон** (план), **порк** (парк), **теотр** (театр):

Даруни ин қалъа чандин раставу хиёбони бузургу **порки** низомӣ, имороти давлатӣ хеле дорад [4, II, с.150]. Тарҳи шаҳрияту растаҳои он тамом аз рӯйи **плони** муҳандисист [4, II, с.207]. Саҳн ва **золи** бисёр олиҷанобе дорад [4, II, с.15]. Банда фавран **қорти** визити худро бароварда додам [4, II, с.44]. Нафъу сарвати мамлакатро ағлаб **бонкҳо** ва капонияҳои русу яҳудиён мебаранд [4, II, с.12].

Мумкин аст, **а**-и ҳиҷои аввали калимаи русӣ ба **о** табдил ёфта бошад: **порлумон** (парламент), **ропурт** (рапорт), **портия** (партия), **солун** (салон), **тамужни** (таможная), **фобрик** (фабрика):

Чандин сад ҳазор мизу устул ва тахту нимкат дар он **солунҳо** чида буданд [4, II, 65]. Корхонаҷоти аз ҳар қабил ва **фобрикҳои** ҳарирбофӣ ва шаърбофӣ ва корхонаҳои абрешимкашӣ хеле аст [4, II, с.85]. Арзбегӣ **ропурти** моро дода муаррифӣ намуд [4, II, с. 146]. **Порлумони** Эрон ҳам кушода шуда буд [4, II, с.209]. Вале чанд **портия** соҳибмансабону руасои низомӣ мавҷуд буд [4, II, с.213]. Якеро ба камандири параход дод ва якеро ба раиси кӯшун ва **тамужнаи** Краснаводискӣ расонида баргардад [4, II, с.248].

Гоҳи дигар **а**-и ҳиҷои дуюм ва ҳатто сеюми калимаи русӣ ба **о**-и тоҷикӣ иваз мешаванд: **абхозӣ** (абхазец), **буржуозӣ** (буржуазия), **мухоник** (механик), **пуштавой** (почтовый), **паслоник** (посланник):

Муаллим ва **мухоники** (механик) ин корхона устодони моҳири Ингилистон ва Ҳиндустон мебошанд [4, II, с.135]. Ба лафзи русӣ гуфтам: “Моя **паслоник** чалавик”, яъне ман ҳамроҳи элчиам, ин бача қӯши маро гум кардааст ва маро ҳайрон намуда ва маро агар .... барад, қӯши худро меёбам [3, II, с.139]. Мо нисбат ба мамлакатҳои дигари (**буржуозии**) Шарқ тезтар ҳаракат мекунем [1, I, с.237]. Банда як шаб дар Кираснаводски монда, фардои он бо киштии **пуштавой** равонаи Бодкӯба шудам [4, II, с.28].

Ҳатто чунин калимаҳое низ дучор меоянд, ки дар зиёда аз ду ҳиҷояшон **а**-и русӣ ба **о**-и тоҷикӣ иваз шудааст: **онорхия** (анархия), **ботрок** (батрак), **квортол** (квартал), **посож** (пассаж), **тотор** (татар), **тромвой** (трамвай):

Аз рӯйи плони солона дар **квортоли** 1 қариб 40 адад китоби мактабӣ ва миқдорӣ тақрибан 300 вараҷи чопӣ (печатный лист) тайёр шуда, ба матбаа меравад [1, I, с.679]. Чаро ки ҳозир дар адабиёти тоҷикӣ як харачу марач (**онорхия**)-и забон давом мекунад [1, I, с.311]. То вақти аср бозорҳо ва растаҳо ва **посожҳои** шаҳрро тамошо намуда, асрӣ омадем ба яке аз боғҳои миллӣ, ки дар вастаи шаҳр, дар маҳалли бисёр бошукӯҳе буд [4, II, с.81]. Ҳолия дар хиёбонҳои бузурги он **тромвой** доир аст [4, II, с.16].

Шояд ба сабаби задаи луғавии тоҷикӣ, ки дар мавридҳои зиёд дар ҳиҷои охир меафтад ва садоноки **о** хеле пурқувват ва дароз талаффуз мешавад, калимаҳои иқтибосии русие, ки дар ҳиҷои охири худ овози **а** доранд, ҳатман ба **о** табдил ёфтаанд: **бағоҷ** (багаж), **диплумот** (дипломат), **каптон** (капитан), **капитол** (капитал), **минирол** (минерал), **мармилод** (мармелад), **солдот** (солдат), **самовор** (самовар), **семинор** (семинар), **тилигироф** (телеграф):

Ва он ки юзбошӣ аст ва ба сад нафар бузург аст, **каптон** (капитан) мегӯянд [4, II, с.133]. Муносибати **дипломутҳои** Эрон ба аҷнабиён бисёртар бо лотинӣ мешавад [1, I, с.515]. **Самоворчӣ** шаммаи чойникро чаппа мекард [5, II, с.271]. Мамлакатҳое, ки **капитоли** савдои араб истило кард, забони арабӣ (қисман забони форсӣ) забони умумии арабӣ шинохта шуд [1, I, с.535]. **Солдоте**, ки ҳамроҳи мо буд, ба мушорунилайҳ матлабро фаҳмонид [4, II, с.44].

Б) Гузариши **а**-и русӣ ба **у** ва **ӯ**-и тоҷикӣ: **булғор** (болгар), **калӯш** (галоши), **парлумон** (парламент), **пристуф** (пристав) **ӯтумӯбил** (автомобиль):

Як рӯз бандаро **пристуф** (пристав), яъне ҳокими он ҷо хоста пеши худ бурда, аз банда суол намуд, ки "Ин ҷо аз барои чӣ кор омадед ва ба чӣ кор машғулед, хаёли рафтани куҷоро доред?" [4, II, с.165]. **Ӯтӯмӯбил** ҳам пардаҳояш партофта ва маҳкам буд [4, II, с.220]. Полис ва ҷондарми **булғорӣ** рӯйи вагзол гардиш мекарданд [4, II, с.52]. Дар ин ҷо **лимунот** ва оби маъдан, бастании полуда ба фурӯш мерасид [4, II, с.82].

В) Дар бисёр мавридҳо **о**-и русӣ ба **а**-и тоҷикӣ мутобиқ шудааст: **адиёл** (одеяло), **вагзол** (вокзал), **дакалот** (доклад), **камандир** (командир), **кантора** (контора), **Ландан** (Лондон), **палитик** (политик), **фантан** (фонтан):

Даллолони маъсият дар шаҳрҳо то Масква **кантора** кушода, ба амир духтар ёфта мефиристоданд [2, II, с.93]. **Вагзоли** Тошканд яке аз **вагзолҳои** бузурги маъмури Туркистон аст [4, II, с.15]. Дар арсаи олам се шаҳр аст: - аввалаш **Ландан,** дувум Порис**,** сеюм Фетербурх [3, II, с.193]. Якеро ба **камандири** параход дод ва якеро ба раиси қӯшун ва тамужнаи Краснаводискӣ расонида баргардад [4, II, с.248]. Банда донистам, ки он ҳам **палитики** ҳамон шайхи ринди каззабаст, ки аз дурӯғ худашро авлод сохта, ин ҳуққаро ҳам зада, ки касе назри омадагиро гирифта натавонад [4, II, с.170].

Г) Гузариши **о**-и русӣ ба **у**:

Ин ҳодиса бештар дар ҳиҷои аввали калима ба вуқӯъ мепайвандад: **кумита** (комитет), **кумисор** (комиссар), **қунсул** (консул), **нумра** (номер), **нуёбр** (ноябрь), **фунитика** (фонетика), **ҳутел** (отель):

Маҷлиси машварати **нуёбирӣ** дар бораи дар талаффузи тоҷикӣ будану набудани ин ҳарфҳо ба як қарори қатъӣ омада натавонист [1, I, с.257-258]. Бояд арзу доди тарафайнро ин ҳар ду **кумисор** бипурсанд ва ҳар кадом аз раоёни тарафайн маҳкум ба ҷазое шавад, ҳоким худаш муҷозот мекунад [4, II, с.170]. Мо як алифбои аз ҷиҳати **фунитика** мукаммале лозим дорем [1, I, с.561]. Ҷавонон соли 1918 дар Тошканд кори **кумитаи** марказии худро ба тартиб андохта, дар Самарқанд низ шуъбае кушоданд [2, II, с.224]. **Ҳутели** мазкур бисёр ороста буд [4, II, с.25]. **Нумраҳои олӣ**, манзараҳои хуб дошт [4, II, с.35].

Дар мавриди дигар **о**-и калимаи русӣ дар ҳиҷои дуюм ба **у** табдил меёбад: **диплумот** (дипломат), **килугром** (килограмм), **нобурчик** (наборщик), **обуна** (абонемент), **ристурон**, **растурон** (ресторан):

Шомро дар солуни бузурги ҳӯтал, ки **ристурон** меноманд, майл намуда ба тамошои тиётир рафтам [4, II, с.82]. Кумитаи марказӣ дар соли аввал ба ҳарфҳои тоза эҳтиёҷ доштани ҷумҳуриятҳоро ба назар гирифта ба беш аз 55 ҳазор сӯм сармоя 30 ҳазор **килугром** ҳарфи тоза тайёр карда, ба ҷумҳуриятҳо тақсим карда дод [1, I, 286]. Зеро ки мо дар аввали кор аз сари кор шурӯъ накарда аз охири кор шурӯъ карда будем, яъне даркор будааст, ки мо аввал кори якчанд ҳуруфчин **(нобурчик**)-ҳо, лавозимоти матбаа тайёр бикунем ва баъд аз он ки василаҳои васеъ кардани домани кори худамонро омода кардем, ... [1, I, с.463].

Мумкин аст **о**-и калимаи русӣ дар якчанд ҳиҷо ба **у** табдил ёфта бошад: **афтумубил**, **утумубил** (автомобиль), **духтур** (доктор), **қунсул** (консул), **пуругуром** (программа), **фунулугия** (фонология):

Қунсул ҳам аз банда бисёр изҳори ризоият мекард [4, II, с.238]. **Пуругроми** он ҳам бисёр осон, ҳар касе ду сол дар дорулфунуни Берлин хонда бошад, қобил аст бо

чаҳор сол таҳсили Русия ва Усмонӣ [4, II, с.66-67]. Модоме ки ин ду овоз барои тоҷикон бегона нест ва ба **фунулугияи** забони мо дохил шудааст, албатта, ба зӯрӣ партофтан дуруст намебошад [1, I, с.234]. Бо **афтумубил** зиёд бор мекашонед, кам вақт ва кам заҳмат сарф мекунед [1, I, с.238]. **Духтури** қишлоқро оварданд ва захмҳои Ғуломро шуста, дору молида бастанд [5, II, с.314].

Дар ҳиҷои охир иваз шудани **о**-и калимаи русӣ ба **у**-и тоҷикӣ ба мавқеи задаи он вобастагӣ дорад. Ба тавассути задаи луғавии ҳиҷои охир овози **у**-и он ниҳоят устувор ва қавӣ талаффуз мешавад: **грамафун** (грамафон), **колхуз** (колхоз), **кантур** (контора), **кандуктур** (кондуктор), **совхуз** (совхоз), **телефун** (телефон), **тироктур** (трактор), **шофур** (шофёр):

Банда ҳам дидам, ки мушоринилайҳ ҷамбаи садо (**грамофун**) аст [4, II, с.113]. Ду шаб ҳам дар Борфурӯш меҳмони **кантури** Насибёнс будем [4, II, с.246]. Масалан, электрик, **тироктур**, коллектиф, **колхуз**, **совхуз** ва ғайра [1, I, с.421]. **Шофураш** чӣ, рафиқ Қодиров? [5, II, с.444]. **Телефунҳои** дастӣ ҳар як ба як ҷо тааллуқ дорад [4, II, с.68].

Ғ) Гузариши **о**-и русӣ ба **ӯ**-и тоҷикӣ дар калимаҳои иқтибосии ин давр аз таъсири бевоситаи шеваҳои гирду атрофи Бухоро дарак медиҳад. Азбаски намояндагони зиёиёни пешқадами тоҷик бештар аз ҳамин қаламрав буданд, таъсири талаффузи онҳо дар истифодаи чунин калимаҳои иқтибосии русӣ низ акс ёфтааст: **калӯш** (галоши), **кӯмпония** (компания), **лӯдко** (лодка), **лӯж** (ложа), **пӯчта** (почта), **патнӯс** (поднос), **пӯлитик** (политика), **фӯрма** (форма), **шӯса** (шоссе):

Идороти кантурҳо ва **кӯмпаниҳо** ҳар як дастгоҳи хубе барпо намудаанд [4, II, с.200]. Чанд адад **лӯдкои** тиҷоратӣ ҳам дорад, ки бо бандароти баҳри Ҳазар муомила мекунад [4, II, с. 211]. Киштии **пӯштавой** ҳам дар вақти убур дар он ҷо омада меистад [4, II, с.211]. Баъзе кӯча ва хиёбонҳои **шӯса**кардаи васеъ ҳам дорад [4, II, с.133]. Дар чаҳор гӯшаи он чаҳор **лӯж** (ложа) буд, ки аъёну ашхоси муътабар мешишастанд [4, II, с.83].

Д) Гузариши **у**-и русӣ ба **ӯ**-и тоҷикӣ дар ҳиҷои аввал ва дувуми калимаҳои иқтибосӣ низ сабаби маҳаллӣ дорад, яъне дар ин мавриди ҳам бояд таъсири талаффузи намояндагони зиёиёни ноҳияҳои шимол бошад: **бӯлка** (булка), **гӯлан** (гульден), **мӯза** (музей), **сӯтка** (сутки):

Хонаи ғизохӯрӣ ва қаҳваошомӣ, боғи тафарруҷ, боғчаи сарпӯшидаи булӯрӣ, хонаи таҳрир, қироатхона, варзишҷо, ҳаммом, **мӯзахона**, гулхона дар ин ҷо мавҷуд [4, II, с.68]. Ҳашт **гӯлан** (гульден), ки иборати шаш манот бошад, явмия кирояи хона медодам [4, II, с.57]. Банда дар он ҷо белати вагонро ҷиҳати як **сӯтка** таваққуф қайди дафтар намуда, як шабонарӯз ҷиҳати тамошо кардани шаҳри мазкур бимондам [4, II, с.54].

Е) Ивази **ы**-и русӣ ба **и**-и тоҷикӣ. Мавриди зикр аст, ки ҳарчанд аз ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта, калимаҳои русии овози **ы** дошта, дар гунаи тоҷикии онҳо ҳам маҳфуз мемонд, вале мардуми тоҷик онро чун **и** талаффуз мекард. Аз алифбои тоҷикӣ он фақат баъд аз қабули “Қоидаҳои имло”-и соли 1998 берун карда шуд: **вивеска** (вывеска), **виписка** (выписка), **вистафка** (выставка), **вигавор** (выговор), **музик**, **музук** (музыка), **моностир** (монастыр):

Баъд аз рубъ соат аз омадани мо се фавҷ сарбози бо либосҳои низомӣ мусаллаҳу мукаммал омада, **музиказанон** дар ҷулӯи мо саф баста истоданд [4, II, с.46].

Ғайр аз ин калимаҳои байналмилалӣ ва русие ҳастанд, ки оммаи тоҷикон онҳоро хуб мефаҳманд ва агар ба тоҷикӣ тарҷума кардан шавем, дар баробари онҳо калимаҳои рехтаи тоҷикӣ мавҷуд нестанд: монанди сусиёлизм, коммунизм, союз, ортел, ройюн, округ, **виписка**, адрес, кооператиф, узбакторг ва ғайра [1, I, с.367].

Ё) Аксар дар талаффузи тоҷикии калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ садоноки **а**-и ҳиҷои охири онҳо ихтисор меёбад: **кансерв** (консерва), **канфет** (конфета), **манот** (манета), **марк** (марка), **сигор** (сигара), **тилигиром** (телеграмма):

Сими **тилигром** ҳам аз Тачан то ба Сарахс кашида шудааст [4, II, с.158]. Қиматашро ҳам ба девор рӯйи қорта навишта буданд, ки чиҳил **марк** (марка) дар шабонарӯзӣ буд, ки ибороти ҳашт **маноти** русӣ бошад [4, II, с.61]. Ӯ барои хӯроки бегоҳӣ якто мурғи бирён, ду- се дона кулча, андаке **канфет** харида буд [5, II, с.193]. Ҳол он ки аз меваҷоти тар ҳазорон банка **кансерв** сохта, ба гӯшаю канорҳои мамлакат фиристодан мумкин [5, II, с.437]. Аз **сигор** гирифта, ило рахту либос дар мағозаҳои махсуси он ба фурӯш мерасад [4, II, с.68].

Ба ин тариқа, масъалаи воридшавӣ ва мутобиқшавии калимаҳои руси ву аврупоӣ дар забони тоҷикӣ мавзӯи нав набуда, он ҳанӯз дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX диққати аҳли зиёро ба худ ҷалб карда буд. Имрӯз вақти он расидааст, ки дар заминаи тачрибаи гузаштагон қонуниятҳои мутобиқшавии овозҳои ин гурӯҳи калимаҳо, усулҳои мутобиқшавии овозии онҳоро ба як низоми муайян дароварда, талаффузи воқеии чунин вожаҳоро муайян намоем. Мулоҳизаҳои пешниҳодкардаи мо қадами аввале дар амалӣ кардани ҳамин гуна кӯшишҳо буда, барои ба низом даровардани талаффузи сирф тоҷикии калимаҳои иқтибосии аз русӣ воридшуда, равона карда шудаанд.

I. А Д А Б И Ё Т

1. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо / А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 720 с.
2. Маҷидов Ҳ. Меъёрҳои истеъмолии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 2014. – С. 45-75.
3. Маҷидов Ҳ. Қонуни мутобиқат меъёри муҳим / Ҳ. Маҷидов. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 2014. – С. 246 - 263.
4. Маъсумӣ М. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 267 с.
5. Шаропов Н. Калимаҳои русию интернатсионалӣ дар забони адабии тоҷик / Н.Шаропов. - Душанбе: Дониш, 1972. – 168 с.

II. А Д А Б И Ё Т И Б А Д Е Й

1. Айнӣ С. Дохунда: Роман. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
2. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
3. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. – Китоби 1. – Душанбе: Дониш, 1988. – 287 с.
4. Мизо Сироҷи Ҳ. Туҳафи аҳли Бухоро. (Сафарнома). – Душанбе: Адиб, 1992. – 272 с.
5. Раҳим Ҷалил. Одамони ҷовид. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 457 с.

МУТОБИҚАТИ САДОНОКҲОИ РУСӢ БА ТОҶИКӢ ДАР КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АЗ ЗАБОНИ РУСӢ ВОРИДШУДА (аз рӯйи маводи сарчашмаҳои солҳои 20 ва 30-юми садаи XX)

Калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ, ки дар забонамон аз охирҳои асри XIX ба кор бурда мешаванд, бо мурури замон то андозае ҳазм гардида, дар қатори дигар калимаҳои худӣ ва иқтибосии таркиби луғавӣ мавқеи муайянеро ишғол менамоянд. Мутобиқшавӣ ё мавқеъ пайдо кардани калимаҳои иқтибосӣ дар забони дигар яку якбора ба амал намеоянд. Дар ибтидо калима дар забони мардум коркард мешавад, талаффузи мардумиро соҳиб мегардад ва танҳо баъдан ба дигар гунаҳои забон роҳ меёбад. Маҳз дар нутқи шифоҳӣ истифода шудани вожаҳои бегона, талаффузи тоҷикии онҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳанӯз дар давраҳои аввали қабул ва умумиистеъмол гардидани вожаҳои русӣ дар забони гуфтугӯии он давра, мувофиқати савтии онҳо, махсусан, аз ҷиҳати садонокҳо ба мушоҳида мерасанд. Ба монанди гузариши овози **о**-и русӣ ба **а**-и тоҷикӣ дар оғози калима: **патнӯс** (поднос), **чойник** (чайник); тамоюли садоноки **о** ба **ӯ**: **ӯктабр** (октябрь), **калхӯз** (колхоз), **фӯрма** (форма), **кӯпак** (копейка); афтиши садоноки **а** аз охири калимаҳои ба тоҷикӣ қабулшудаи **валут** (валюта), **газет** (газета), **копик** (копейка), **фурмул** (формула) ва монанди инҳо. Чунин раванд дар забони тоҷикӣ бесабаб набуда, яке аз қонуниятҳои асосии қабули вожаҳои бегона, ба шумор меравад, зеро ҳар як забон, махсусан, он забонҳое, ки аз як оила ба вуҷуд наомадаанд, аз ҷиҳати махсусиятҳои савтӣ, сарфӣ ва раванди амалкард аз ҳам тафовути куллӣ доранд, ки аз ин раванд забони тоҷикиву русӣ истисно нестанд.

Калидвожаҳо: гузариш, садонокҳои **о**, **а**, тамоюл, ҳазвшавӣ, калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ.

АДАПТАЦИЯ РУССКИХ ГЛАСНЫХ ЗВУКОВ ТАДЖИКСКИМИ ГЛАСНЫМИ В ЗАИМСТВОВАННЫХ СЛОВАХ ИЗ РУССКОГО ЯЗЫКА (по материалам источников 20-30-х годов XX в.в.)

Заимствованные русские и европейские слова, вошедшие в таджикский язык в конце XIX века, до такой степени вошли в обиход нашего языка, что наряду с другими словами, они играют определенную роль в составе языка. Соответствия других языках сразу не возникают. В начале эти слова распространяются и используются народом, и только после этого включаются другие варианты языка. Именно только в разговорной речи использование иноязычных слов придает им создает их таджикское произношение. Еще на первом этап принятия русских слов в разговорной речи того времени, соответствие звуков прежде всего прослеживается в гласных звуках. Как произношение русского звука **о** - с переходом на звук **а** в таджикском языке. Например: **патнӯс** (поднос), **чойник** (чайник); звук **о** с переходом на звук **ӯ**: **ӯктабр** (октябрь), **калхӯз** (колхоз), **фӯрма** (форма), **кӯпак** (копейка); выпадение гласного **а** в конце иностранных слов, вошедших в таджикский язык: **валут** (валюта), **газет** (газета), **копик** (копейка), **фурмул** (формула) и т.п. Такой процесс в таджикском языке был не прост, так как является одним из основных закономерностей принятие иноязычных слов. Потому что каждый язык, особенно языки, не относящиеся к одной семье языков с точки зрения фонетики, звукового произношения и их использования отличаются друг от друга, в этом плане таджикские и русские языки не исключение.

Ключевые слова: переход, гласные **о**, **а**, уклон, сокращение, заимствованные русские и европейские слова.

ADAPTATION OF RUSSIAN VOWEL SOUNDS BY TAJIK VOWELS IN BORROWED WORDS FROM THE RUSSIAN LANGUAGE (based on sources from the 20s-30s of the 20th century)

Borrowed Russian and European words, which came into use in Tajik language at the end of the nineteenth century, became so popular in our language that they take a certain role in the composition of the language along with their other words and borrowed words. Correspondense or a definite point of view of these borrowed words in itself simply does not appear in other languages. At the beginning, these words are spread and used by the people, and only after that they find their way to other languages. It is only in colloquial speech that the use of foreign words creates their pronunciation in Tajik language. Even in the first times of their adoption and pronunciation of Russian words in colloquial speech of that time, the correspondence of sounds, can be traced in vowel sounds. As the pronunciation of sound **o** - with the transition to sound **a** in the Tajik language. For example: a **patnus** (ponos), a **choynik** (chaynik); sound **o** with the transition to the sound **u**: **uktabr** (octyaber), **kalkhuz** (kolkhoz), **furma** (forma), **kupak** (kopeyka); loss of **a** vowel and at the end of words included in Tajik language: **valut** (voluta), **gazet** (gazeta), **kopik** (kopeyka), **furmul** (formula), etc. Such a process in Tajik language was not easy, since one of the main ways is the adoption of foreign words. Because every language, especially languages that do not belong to the same family of languages differs from the point of view of phonetics, sound pronunciation and their use from each other, in this respect Tajik and Russian are no exception.

Key words: transition, vowels o, a, incline, abbreviation, borrowed Russian and European words.

Сведение об авторе: ***Холова Мохира Буриевна*** – Таджикский национальный университет, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 907-53-14-94**

Information about the author: ***Holova Mohira Burievna*** **–** Tajik National University, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaky Ave. 17. Tel.: **(+992) 907-53-14-94**

УДК:492.7.09:47

ЗАМИНАҲОИ АСОСИИ ТАБДИЛИ АЛИФБОИ АРАБӢ БА АЛИФБОИ ЛОТИНӢ ДАР СОЛҲОИ 20-УМИ АСРИ ХХ

Иномова Ф., Асомова У., Муродова М.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

Солҳои 20-30-и асри ХХ давраи ташаккули илму фарҳанги замони нави шӯравии тоҷик ҳисоб ёфта, дар ин солҳо нахустин хишт ба бинои соҳаҳои гуногуни он дар партави ҷаҳонбинии нав гузошта мешуд. Дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ин давра тағйироту дигаргуниҳое ба миён омаданд, ки раванди инкишофи таърихи миллати тоҷикро ба роҳи дигар гардонданд. Дар илму фарҳанги миллӣ, аз ҷумла дар забон, равандҳои гуногуне пайдо шуданд, ки қисме боиси давом додани инкишофи таърихӣ гардида бошанд, қисми дигар инкишофи забонро аз ҷанбаи таърихии он дур бурданд. Олими маъруфи тоҷик академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар иртибот ба масъалаи мазкур дар муқаддима ба китоби «Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо» менигорад: «… дар забон равандҳое низ оғоз гардиданд, ки аз баъзе ҷиҳатҳо хилофи роҳи таърихии бештар аз ҳазор сол буданд, рушди забонро аз вежагиҳои таҳаввулоти таърихӣ ва табииву одатии он дур мебурданд ва ба роҳҳои нави бегона ва ғайриоддӣ равон мекарданд…» [1].

Аз даврае, ки Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт (с.1924), аввалин матбуоту нашриёт ба забони тоҷикӣ пайдо шудан гирифт. Хоссатан, аз соли 1926 сар карда дар рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ масъалаи забони адабӣ ва қабули алифбои нав аз ҷумлаи мавзӯи мубоҳисаи матбуоти ин давра гардида буд. Ин мақолаҳо дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик» (Самарқанд), «Бедории тоҷик» ва «Тоҷикистони сурх» (Душанбе), маҷаллаи «Раҳбари дониш» (Тошканд) нашр мегардиданд. Мақолаву мубоҳисаҳое, ки ба масъалаи забон бахшида шуда буданд, асосан ду паҳлуи инкишофи забони тоҷикиро дар бар мекарданд: яке масъалаи сода кардани забон ва дигаре масъалаи ивази алифбо.

Ҳукумати Шӯравӣ иваз кардани алифбои арабиасосро воситаи муҳимми маърифатнок кардани мардум медонист. Албатта, мақсади мазкур аз нияти неку савоб орӣ набуд, вале он тадриҷан моҳияти идеологӣ пайдо кард ва мавридҳое мешуданд, ки ҳукуматдорони давр масъалаи табдили алифборо ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ истифода мебурданд. Имрӯз замон тақозо менамояд, ки ба ин самти сиёсати Ҳукумати Шӯравӣ баҳои воқеӣ диҳем. Адабиётшиноси шинохтаи тоҷик Абдухолиқи Набавӣ дар мақолаи худ «Баҳсҳои илмӣ ва мафкуравӣ

оид ба забони тоҷикӣ дар солҳои 20-ум» бо назардошти омӯзиши вазъи илму фарҳанги солҳои 20-ум чунин масъалагузорӣ менамояд: «…дар баррасиҳо, пажӯҳишу баҳо додан ва натиҷагириҳои масъалаи мазкур лозим аст, ки ҳаргиз аз ҷодаи адолат берун наравем, ба ифроту тафрит роҳ надода бошем, неку бади онҳоро баробар бозгӯ кунем…» [2].

Масъалаи инкишофи забон, табдили хат, имло дар тамоми даврaҳои таърихӣ аз назари муҳаққиқон ва рӯшанфикрон дур намондааст. Масалан, пас аз истилои араб ҳарчанд тоҷикон алифбои арабиро қабул намуданд, вале дар иртибот ба хусусиятҳои забонии худ онро такмилу таҳрир карданд, дар системаи овозии он тағйиротҳо ворид сохтанд, навъҳои тоза ва хонои хатти арабиро асос гузоштанд.

Забони арабии ҳукмрон натавонист ғайр аз адабиёти динӣ дар дигар ҷабҳаҳои фарҳангу маданият мавқеъ пайдо кунад. Халқи фарҳангпарвар ва ватандӯсти тоҷик аз уламо ва удабои давр талаб мекарданд, ки мероси илмиву адабии аҷдодиро, ки тибқи талаботи замон ба забони арабӣ эҷод шуда буд, ба форсӣ тарҷума карда дастраси халқ намоянд.

Вобаста ба масъалаи мазкур тарҷумони «Таърихи Бухоро» -и Наршахӣ Абӯбакр Муҳаммад бинни Зафар Алқубовӣ дар сарсухани китоби мазкур чунин менигорад: «Ва бештар мардум ба хондани китоби арабӣ рағбат нанамоянд, дӯстон аз ман дархост карданд, ки ин китобро ба порсӣ тарҷума кун. Фақир иҷобат карда тарҷума кардам…» [3].

Умуман, масъалаи табдили алифбои арабӣ дар солҳои 20-уми қарни гузашта ба миён наомадааст, яъне табдили алифбои арабӣ сиёсати танҳо Ҳукумати Шӯравӣ набудааст, балки баҳсҳо дар атрофи ин масъала дар мамолики Шарқ хеле пештар оғоз ёфтаанд ва ҳатто дар асри XVI барои таҳияи алифбои нав кӯшишҳо карда шудаанд. Чуноне ки Фитрат дар мақолаи худ «Масъалаи алифбо» менависад: «Дар Осиёи Миёнаи мо аввал донишманде, ки нодурустии алифбои арабиро фаҳмида, ба фикри чораи ин баромадааст, Заҳириддин Муҳаммад Бобуршоҳи машҳури чиғатоӣ аст… Бобуршоҳи мазкур як алифбои тоза эҷод намуда, ба фикри нашри ӯ шуда, ба баъзе уламои замони худ нишон додааст. Лекин имрӯз аз ин алифбои бобурӣ осоре нест, натиҷааш ҳам маълум нест, ки чӣ шуда бошад» [4]. Вобаста ба чӣ андоза асоси воқеӣ доштани ин назарияи Фитрат Абдухолиқи Набавӣ дар мақолаи зикргардидаи худ менависад: «Ба банда маълум нагардид чунин як далел, ки Фитрат дар ҳангоми баҳсҳои атрофи табдили алифбо меоварад, то кадом дараҷа асоси воқеӣ дорад, ки гӯё Бобур Мирзои чиғатоӣ –асосгузори сулолаи темурӣ дар Ҳинд аз пайи як табаддулот дар алифбо будааст…»[2]. Шояд чунин вазъ аз сабаби парокандашавии марказҳои фарҳангӣ ва мавҷуд набудани давлати ягонаи миллӣ ба вуҷуд омада бошад. Зимомдорони вақт, хоссатан сулолаҳои туркнажод, аз арзишҳои фарҳангии форсзабонон канораҷӯӣ намуда, ба суст кардани мақоми адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ кӯшиш менамуданд. Чунин ба назар мерасад, ки дар вазъияти баамаломада Ҳукумати Шӯроӣ барои аз фарҳанги бостонии тоҷикон раҳоӣ ёфтан ва дур намудани мардум аз арзишҳои дини мубини ислом ислоҳоти алифбо ва забонро оғоз намуд.

Бояд зикр намоем, ки тағйиру ислоҳи алифбо ва гузаштан ба алифбои лотинӣ на фақат дар Осиёи Миёна, балки тамоми ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, махсусан забони русиро дар Маскав низ таҳдид менамуд. Дар ин самт соли 1929 ҳатто комиссияи махсус оид ба масъалаи мазкур ташкил шуда буд, вале табдили алифбои кирилӣ ба лотинӣ дар забони русӣ аз марҳилаи лоиҳакашӣ дур нарафт.

Тавре ки аз маводҳои матбуоти солҳои 20-30-ум аён мегардад, хоҳиши иваз намудани алифбои арабӣ аз ибтидои асрҳои Х1Х оғоз гардида, дар ин давра (солҳои 20-30-ум дар назар аст- Ф.И.) тамоми мамлакатҳои Шаркро фаро гирифта буд.

Аз соли 1926 сар карда аксар ҷумҳуриҳои туркзабони Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Ӯзбекистон, ки Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистӣ дар ҳайати он ташкил ёфта буд, алифбои лотиниро қабул карданд. Вобаста ба иваз шудани алифбо дар Ӯзбекистон ва татбиқи ногузири он дар Тоҷикистон аввалин шуда, яке аз татбиқгарони табдили алифбои арабӣ дар Тоҷикистон Фитрат дар мақолааш «Масъалаҳои алифбо», ки 9 августи соли 1927 дар саҳифаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» нашр гардида буд, чунин менигорад: «Маълум аст, ки ҳаёт тоҷиконро дер бозе ҳамбазму ҳамрамзи халқи Ӯзбекистон кардааст. Тоҷику ӯзбек на танҳо аз роҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ ва ҷуғрофӣ, балки аз роҳи хат ва ҳуруф ва матбуот низ ба ҳамдигар марбутанд. Бинобар он, дар чунин ҳангоме ки масъалаи лотинӣ дар

Ӯзбекистон ба ин гармӣ дар кор аст, мумкин нест, ки Тоҷикистон низ аз ин масъала мутаассир нагардад. Омӯзгорон, нависандагон ва маорифпарварони навҷавони Тоҷикистонро мумкин нест то ҳол дар бораи лозим будан ва набудани алифбои тоза фикр накарда бошанд. Ҳоло ки чунин аст, биёед, ҳамин масъалаи лозим будан ва набудани алифбои тозаро аз назар гузаронем»[4].

Дар Тоҷикистон масъалаи иваз кардани алифбо аз солҳои 1927-1928 ба таври ҷиддӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Дигар кардани алифбо ба ҳеҷ ваҷҳ танҳо ба ташаббуси шахсони алоҳида вобаста набуд. Албатта, бо роҳи дигар кардани алифбо рафтани зиёиёни ин давр барои амалӣ кардани мақсадҳои маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи онҳо иртибот дошт. Табдили алифбо дар он давр ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Шӯроӣ ва яке аз мақсадҳои асосии ин ҳукумат – татбиқи инқилоби маданӣ иртибот дошт. Чуноне ки адабиётшиноси шинохтаи тоҷик Абдухолиқи Набавӣ бо истинод ба ҳуҷҷатҳои махфии давр менависад: «… бо роҳи тағйири алифбо рафтани донишмандони гарму сарди зиндагиро санҷида кори сода набудааст»[2].

Тавре ки аз маводи дастрасгардида ва таҳлили шароити таърихии давр бармеояд, дар солҳои 20-30 ба вуҷуд овардани инқилоби маданӣ ба табдили алифбои арабиасос вобастагии қавӣ дошт. Аз ин ҷиҳат масъалаи ивази алифбо аз доираи масъалаҳои илму фарҳанг берун гардида, ба масъалаи сиёсӣ табдил ёфт, аз ин рӯ, аҳли илму адаби тоҷик, новобаста аз хоҳиш ва майли худ, ба ҷараёни ивази алифбои арабӣ пайваст гардиданд. Онҳо ба хубӣ дарк мекарданд, ки роҳи дигаре нест. Танҳо метавонистанд кӯшише ба харҷ диҳанд, ки алифбои нав дар шакли хубу сода ва мутобиқи махсусиятҳои овозии забони тоҷикӣ ҷорӣ шавад. Устод Айнӣ дар яке аз мақолаҳое, ки дар атрофи масъалаи табдили алифбо навиштааст, мутасаддиёни масъалаи мазкурро чунин вазифадор карда буд: «Алифбои нав бояд ба тарзе тартиб ёбад, ки ҳар фарзанди тоҷик дар як моҳ ҳарфшинос шуда тавонад ва баъд аз ҳарфшинос шудан ҳар калима ва ҷумлаи тоҷиконро, ки бо он алифбо навишта мешавад, бе хато кардан дар забар ва зер ва бе ғалат кардан дар лаҳҷа ва шева хонда тавонад. Ба даст даромадани ин муддао ба комёбии маҷлиси машваратӣ ва комёбии маҷлиси машваратӣ ба кӯшиши муаллим ва муҳаррирони тоҷик вобаста аст» [5].

Дар қатори устод Айнӣ намояндагони беҳтарини илму фарҳанги замона, аз қабили Лоҳутӣ [6] , Раҳим Ҳошим[7], Фитрат[4], Мунзим[8],

Бектош [9] ва муҳаққиқони рус, аз ҷумла Семёнов [10] Фрейман ва дигарон дар маъракаи табдили алифбои арабӣ ва доир намудани мубоҳисаҳо дар атрофи он фаъолона ширкат варзиданд.

Тарафдорони иваз кардани алифбо мавқеи худро бо мураккабии алифбои арабӣ асоснок мекарданд. Аз ҷумла, Фитрат дар иртибот ба масъалаи мазкур дар мақолааш «Масъалаи алифбо» чунин ибрози ақида мекунад: «…Ҳоло як савол ба хотир мерасад: бо ҳамин алифбои куҳна, ки дорем, масъалаи маориф ва маданиятро умуман ва масъалаи хатту саводро хусусан пеш бурдан мумкин аст ё не? Ман мегӯям, ки нест. То алифбо ҳамин алифбост ва ҳарф ҳамин ҳарф, пеш бурдани ин масъалаҳо мумкин нест!» [4].

Устод Айнӣ низ дар навиштаҳояш тарафдории худро ба зарурати ивази алифбои арабӣ баён дошта, аз ҷумла чунин навишта буд: «Аммо тоҷиконе, ки аз ҳар ҷиҳат озод буда, дар ҳар гуна кӯшишҳои маданӣ аз ҷумҳуриҳои муттафиқи худ ёрмандӣ мебинанд, дар ин роҳ сустӣ ба кор баранд, дар маҳкамаи таърих гунаҳгор ба шумор мераванд» [10].

Профессор Семёнов, ки муаллифи яке аз лоиҳаҳои алифбои нав буд, иваз кардани алифбои арабиро бо он асоснок мекард, ки забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ аз нуқтаи назари сарчашмаи пайдоиш ва мансубияти гурӯҳӣ ба ҳам бегонаанд ва ҳарфҳои арабӣ хусусиятҳои овозии забони тоҷикиро ифода карда наметавонанд. Дар ин бора вай дар мақолаи худ «Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ», ки дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» нашр гардида буд, чунин менависад: «Дар бораи мақсад ва вазифаҳои гузаронидану сода кардани алифбои лотинӣ дар байни тоҷикон ҷойи баҳс нест. Зеро алифбое, ки дар асоси забони сомӣ (арабӣ) тартиб дода шудааст, барои забони орӣ (тоҷикӣ) асосан бегона аст ва имконият намедиҳад, ки тоҷикон хатти худашонро мувофиқи савтҳои забонашон китобат кунанд» [10].

Ҷолиби диққат аст, ки профессор Семёнов изҳор медорад, ки дар доираи алифбои махсуси худ маҳдуд мондани тоҷикон онҳоро аз бародарони худ, ки дар Эрон зиндагӣ доранд, ҷудо хоҳад сохт. Ин мулоҳизаи Семёнов, ба назари мо, аз он

дарак медиҳад, ки вай оқибати ивази алифбои арабиро дарк мекардааст ва ба хулосае омадааст, ки аз алифбои гуногун истифода кардан ин ду халқи ҳамқавмро аз ҳам дур хоҳад сохт. Аз ин рӯ, вай таклиф мекунад, ки барои тоҷикон ва форсҳои Эрон алифбои умумӣ таҳия карда шавад: «Магар мумкин нест, ки барои ҳар ду як алифбои умумӣ тартиб дода шавад? Фарз кунем, ки тоҷикон бо алифбои махсуси худ нависанд ва эрониён ҳам алифбое, ки дар асоси лаҳҷаи Теҳрон тартиб дода шудааст, навиштан гиранд. Аҷабан ба ҳамин ҳол ин ду халқи наздик, ки пеш аз ин дар инкишофи маданӣ ҳамрикоб буда, ҳар ду як олами адабиёти форсии муштараки васеъ ба майдон овардаанд, метавонанд аз ҷиҳати маданият ба ҳамдигар наздик шаванд?

Модоме ки аз тақдири таърих ҳам тоҷикон ва ҳам форсиён бо айни алифбо, ки барои онҳо бегона буд, менавиштанд, аҷабан дар соҳаи алифбои нав (лотинӣ) барои ҳар кадоми онҳо алифбои алоҳида сохта, онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан дуруст аст?» [10].

Семёнов мақоми тоҷиконро дар саромадии адабиёти классикии форсу тоҷик махсусан қайд намуда, иброз менамояд, ки тоҷикон бо таъсиси алифбои нав дар самти таҳкими ягонагии халқҳои Аҷам хизмате дошта бошанд: «Бигузор, тоҷиконе, ки сараввал асоси адабиёти тозаи форсиро бо алифбои арабӣ ба майдон оварданд, акнун ҳам бо алифбои нав (аврупоӣ) асоси ягонагиро бо форсиён бино кунанд» [13].

Ҷанбаъҳо ва зарурати таърихии ивази алифбои арабиро дар ҳамин мақола Семёнов чунин иброз медорад: «Инак, гузаронидани алифбои лотинӣ барои тоҷикон як қадами табиӣ аст, ки ба тарафи бародарони хунии худашон - ба тарафи аврупоиёни маданӣ, монанди немис, исловиён, фаранг ва ҳоказо мегузаранд. Чун савтиёти забони тоҷикӣ ба савтиёти забонҳои аврупоӣ як аст,…дар гузаронидани алифбои лотинӣ тоҷикон ҳеҷ гуна душворӣ намекашанд»[10].

Албатта, зиёиёни давр мефаҳмиданд ва ба хубӣ эҳсос мекарданд, ки ҷорӣ шудани алифбои нав халқро аз мероси фарҳангии гузаштагон як дараҷа дур сохта, қисми дигари аҳолиро, ки бо алифбои арабиасос хондаву навишта метавонистанд, бесавод хоҳад кард. Худи Айнӣ ва аксари ҳамсафонаш то охири умр аз алифбои арабӣ истифода кардаанд ва асарҳои худро бо ҳамин хат навиштаанд. Аммо онҳо чун фарзандони даври худ аз ҳаёти сиёсии замона дур буда ва мавқеи худро ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Шӯравӣ муқобил гузошта наметавонистанд. Гумон меравад, баъдтар онҳо муносибати худро ба алифбои нав ба андозае тағйир доданд. Фикри мазкурро Абдухолиқи Набавӣ дар иртибот ба Фитрат бо изҳороти худи вай «дар вазъияти ҳозираи ман илоҷи дигаре нест» [10] асоснок намудааст.

Барои ҳалли масъалаи табдили алифбо дар назди Кумитаи иҷроияи марказии Тоҷикистон комиссияи алоҳида бо номи Кумитаи марказии алифбои нави тоҷик таъсис дода шуд, ки 27 аъзо дошта, раисии онро Нусратулло Махсум ба зимма дошт. Кумита масъалаҳои марбутаи ивази алифборо дар ҷаласа ва конференсияҳои худ ба муҳокима мегузошт**.** Ин кумита чанде аз мутахассисонро барои таҳияи лоиҳаи алифбои лотинӣ таклиф кард, ки дар қатори онҳо Фитрат низ буд. Дар ин бора ӯ менигорад: «… ман аз Кумитаи маркази алифбои нави тоҷик як таклифнома гирифтам. Аз мазмуни таклифномаи мазкур дониста шуд, ки ман ва пруфессур Семюнуфро таклиф шудааст, ки барои алифбои нави тоҷикӣ як-як лоиҳа тартиб дода тақдим намоем. Ман баъд аз он ки ин таклифномаро гирифтам, чунонки ҳар як аз одамони илмиро муносиб аст, ҳаракат кардам. Лоиҳаи худамро тартиб додам…» [2].

Соли 1927 лоиҳаи алифбои Фитрат ва пас аз чанде лоиҳаи алифбои профессор Семёнов нашр мегардад. Ин лоиҳаҳо ба муҳокимаи аҳли зиё гузошта мешаванд. Дар баҳсҳои атрофи лоиҳаҳои алифбои нав Лоҳутӣ, Бектош, Раҳим Ҳошим, Фитрат, Семёнов ва дигарон иштирок мекунанд. Мақсад аз мубоҳисаҳои мазкур аз он иборат буд, ки алифбои таълифгардида ба табиати овозии забони тоҷикӣ мувофиқат кунад, ба овозҳое, ки дар забони лотинӣ нестанд ва овозҳои махсуси забони тоҷикӣ шакли нав сохта шавад.

Дар қатори Фитрат ва Семёнов ба муҳокимаи маҷлиси машваратии Кумитаи марказии алифбои лотинӣ лоиҳаи алифбои Фрейман низ пешниҳод гардид, ки он аз ҷониби аксарияти ширкаткунандагони ҷаласаи машваратӣ қабул карда шуд. Конференсияи якуми алифбои нави тоҷикӣ, ки 28-уми октябр баргузор гардид, пас аз баҳсҳои тӯлонӣ лоиҳаи Фитратро дар асоси лоиҳаи Фрейман такмил дода, ба сифати алифбои нави тоҷикӣ қабул намуд.

Қоидаи асосие, ки дар рафти таҳияи алифбои нав аз ҷониби Фитрат ба сифати асос қабул гардид, мувофиқ кунонидани шумораи овозу ҳарфҳо буд. Дар ин бора худи ӯ менигорад: «…пеш аз он ки ба навиштани алифбои тоза шурӯъ кунем, ҳамин як қоидаи асосиро бо хатти ҷалӣ навишта рӯ ба рӯйи худ мегузорем, ки: «Дар баробари ҳар овоз як ҳарф безиёда ва нуқсон!» [10]. Аз ин рӯ, вай бардоштани баъзе овозҳои хосси забони арабиро аз алифбои тоҷикӣ талаб мекунад, зеро бо таъбири худи Фитрат: «… ин ҳарфҳои бегонаро дар алифбои тозаи мо рухсати даромадан нест».

Яке аз сабабҳои қабул гардидани лоиҳаи алифбои Фитрат дар он буд, ки ба қавли вай, дар рафти муҳокимаи лоиҳаҳо дар Конференсияи якуми алифбои нави тоҷикӣ худи профессор Семенов ҳузур надошт ва мавқеи худро ҳимоя карда натавонист. Аз тарафи дигар, сабаби қабул шудани лоиҳаашро Фитрат чунин шарҳ медиҳад: «Маҷлиси нуёбрӣ бо як овоз қабул кард, ки лоиҳаи ман аз лоиҳаи пруфессур Семюнуф сабуктар ва хубтар аст, зеро дар лоиҳаи ман барои ҳеҷ овозе шакли мураккаб нишон дода нашудааст. Дар лоиҳаи пруфессур Семюнуф панҷ шакли мураккаб мавҷуд аст» [4].

Фитрат дар иртибот ба будан ё набудани ду овози дигаре, ки аслан хосси забони арабӣ мебошанд, яъне ҳ-и ҳуттӣ ва ъайн, ҳарчанд мавқеи бетарафӣ зоҳир менамояд, вале дар баробари ин, тарафдори қабули онҳо аст. Зеро тавре ки худи Фитрат менигорад: «…имрӯз як қисм аз тоҷикҳо аз гуфтани ин овозҳо оҷиз нестанд, муносиб аст, ки ин овозҳоро қабул намоем». Дар натиҷа вай барои 25 овози ҳамсадо (сомит) ва 8 овози садонок (соит) ҳарфҳои навро қабул мекунад.

Яке аз иштирокдорони мубоҳисаҳо дар атрофи алифбои нав шоири шаҳири тоҷик Лоҳутӣ дар мақолаи худ «Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» диққати Фитратро дар самти таҳрири алифбои нав ба чанд масъала ҷалб месозад, ки яке аз онҳо дар қатори дигар овозҳои хосси арабӣ гирифта партофтани овозҳои ҳ-и ҳуттӣ ва ъайн буд. Дар мақолаи ҷавобии худ Фитрат мавқеи худро аз ҷонибдории ин овозҳо чунин шарҳ медиҳад: «Ман ду сол пеш аз ин яқин доштам, ки дар забони тоҷикӣ **ҳ** ва **ъ** нест… Лекин соли гузашта дар курси таълим ва тарбияи тоҷикӣ, ки дар Самарқанд кушода буданд, ба хидмати таълими забон ва адабиёт даромадам. Шогирдони он курс аз ҳар сӯйи Тоҷикистон ҷамъ шуда буданд. Ман хостам, ки ҳамин масъалаи **ҳ** ва **ъ**-ро биозмоям.

Озмуда дидам, ки бештари тоҷиконе, ки на аз Самарқанд ва Бухороянд, ин ду овозро он қадарҳо ба хубӣ мегӯянд, ки агар дар гуфтани ин ду овоз мусобиқае ё мукофоте эълон кунед, ман яқин дорам, ки ин тоҷикон аз худи арабҳо пештар мукофот мегиранд!» [4].

Фитрат дар лоиҳаи худ ҳарфҳои калонро қабул накард ва дар ин бора чунин нигошта буд: «Оё ҳамин ҳарфҳои бузургро, ки шаклан аз ҳарфи одӣ фарқ дорад, қабул кунем ё на?! Ба фикри ман, қабул кардани онҳо лозим нест…» [4].

Устод Лоҳутӣ дар мақолааш тарафдории худро аз қабули ҳарфҳои калон иброз дошта менависад: «Бо як будани шакли хат мувофиқам, аммо бо яксон навиштани сари суханҳо ва сари номҳо мухолифам…» [6].

Фитрат қабул накардани ҳарфи калонро бо ҳосил шудани мушкилиҳо дар роҳи таълими савод асоснок мекунад. Вай менависад, ки яке аз камбудиҳои алифбои арабӣ низ ба он вобаста буд, ки як овоз бо шаклҳои гуногун ифода мегардид: «Агар ҳарфҳои бузурге, ки дар сари ҷумлаҳо ва сари номҳои хос навишта мешаванд, бо ҳарфҳои майда ҳамшакл бошанд, мухолифат ба қабули онҳо надорем…» [4].

Дар шумораи ҳафтуми «Раҳбари дониш» аз соли 1928 мақолае бо имзои «Тоҷик» [11] нашр шуд. Дар асл мақолаи мазкур бар зидди Фитрат ва лоиҳаи алифбои вай нигаронида шуда буд. Яке аз зиёиёни давр Раҳими Мим мақолаи мазкури «Тоҷик»-ро «дашномнома» [7] меномад.

Муаллиф Фитратро айбдор месозад, ки вай ҳангоми таълифи алифбои нави тоҷикӣ ҷиҳатҳои овозии забони тоҷикӣ ва зарурати ба вуҷуд овардани алифбои муносиб ва осонро барои тоҷикон ба асос нагирифтааст, балки мақсади асосии вай «ягонагии адабиёти турку тоҷик шуморида шудааст». Бо ин гуфтаҳояш муаллифи мақола Фитратро ба пантуркистӣ ва зид баромадан ба ислоҳи хатти арабӣ ва қабули хатти лотинӣ айбдор мекунад. Вай дар ин асно гуфтаҳои

Фитратро, ки дар яке аз мақолаҳояш вобаста ба ягонагии роҳи иқтисодиву сиёсии тоҷикону ӯзбекон оварда буд, далел оварда рӯйирост менависад: «Ин мафкура ҳамон мафкураи туркпарастӣ ва исломпарастӣ аст. Фитрат барои риё мақсади худро

бо иборатҳои инқилобӣ ва шӯроӣ рангин ҳам намекунад, мастур ҳам намедорад, ошкоро бо забони ғайришӯроии худ мақсади худро ифода мекунад». Дар ҷавоби ин айбдорсозиҳо Фитрат дар шумораи №10-и «Раҳбари дониш» (1928) мақолаи ҷавобӣ менигорад ва менависад, ки гуноҳҳои ба сараш боргардида асосе надоранд, зеро вай ба ислоҳи хатти арабӣ ва қабул намудани хатти лотинӣ зид нест ва дар қатори ашхоси аввалине буд, ки масъалаи ислоҳи ҳуруфи арабиро дар Туркистон бардошт ва ба ин баҳона дучори ҳамлаи пантуркистон гардид. Вай менигорад, ки сабаби мудофиа намудани имлои нави алифбои арабӣ тадбири муваққатӣ буд ва вай ҳеҷ гоҳ зидди ислоҳоти алифбо набаромадааст: «…ҳеҷ касе ҳеҷ санаде надорад, ки моро душманони пӯшидаву ошкорои ин ислоҳот ба шумор бидиҳад» [4].

Ҷиҳати эътироз ба айбдоркуниҳои «Тоҷик» Фитрат далел меорад, ки таърихи ӯзбекҳоро аз таърихи тоҷикон ҷудо тадқиқ кардан имкон надорад. Бештарини маъхази туркзабонон бо забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шудааст ва даъват мекунад, ки дар сохмони маданияти байналмилалӣ аз ягонагии халқи ӯзбеку тоҷик истифода кардан ба манфиати кор аст: «…аз ин ягонагии таърихӣ дар роҳи ташкили маданияти байналмилали пролетарӣ чаро истифода накунем». Чунин ба назар мерасад, ки Фитрат бо истифода аз масъалаи алифбо кӯшиш дорад, ғояҳои туркпарастии худро, ки замоне ба он гаравида буд, ба сари миллати тоҷик бор намуда, дар ташаккули фарҳанги тоҷикон ӯзбекҳоро низ саҳмгузор донад.

Аз мубоҳисаи зиёиён бармеояд, ки аксари онҳо ҷонибдори табдили алифбо буда, гузаштан ба алифбои лотиниро воқеияти ногузир медонистанд. Ҳатто баъзан чунин даъвоҳо садо медоданд, ки аз гузашта пурра рӯй гардонидан лозим аст. Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, чунин рӯҳияи инкоргароӣ тамоми ҷумҳуриҳои собиқ шӯравиро фаро гирифта буд.

Дар ин давра ҳама гуна ислоҳоти забони адабӣ ва ивазшавии алифборо сиёсати замон ба мақсади ҷудо намудани тамоми миллатҳои собиқ шӯравӣ аз гузаштаи фарҳангӣ ба роҳ монда буд. Бе ягон муболиға метавон қайд кард, ки ивазшавии алифбо дар солҳои 20-ум агарчи бо мақсади саводнок кардани оммаи васеъ ба амал омада бошад ҳам, вале зиёиёне, ки аз саводи куҳна бохабар буданд, баробари омма якбора бесавод шуданд. Ин тадбир дар ин давра мардумро аз мероси маънавии гузашта то дараҷае ҷудо намуда, донишманду деҳқонро дар як сатҳ гузошт.

Сабаби ин вазъ, ба назари мо, аз ҳадафи асосии сиёсати замон бармеомад, ки забони адабиро ба сатҳи гуфтугӯӣ расонид. Ин вазъиятро устод Шакурӣ хеле хуб дарёфтаст: «Даҳаи 20-30-и асри XX давраи инкори ҳастии таърихии инон буд ва даъво доштанд, ки таърих аз даврони сотсиализм оғоз меёбад ва ҳар чӣ пеш аз ин буд, таърих набуд. Нестангорӣ (ниҳилизм) – и русӣ, ки таърихе дорад ва дар садаи XIX дар румони Тургенев «Падарон ва фарзандон» тасвир шудааст, дар садаи XX аз рӯҳияи инқилобӣ тавоноии бештар пайдо кард. Сарманшаи маънавиятситезӣ, аз ҷумла, бединии ҷангҷӯӣ аз ҳамон нестгароии таърихӣ буд. Нестигароии фарҳангӣ дар сиёсати Ҳизби коммунистӣ ва давлати шӯравӣ нуфузи комил ёфт ва саросари қаламрав ва импиротурии шӯравиро фаро гирифт. Аз эҳтимол дур нест, ки дар он ақидаи ховаршиносони рус, ки мегуфтанд тоҷикон забони адабӣ надоранд, аз ҳамин сиёсат ғизо гирифта бошад ва онҳо ба маҳзи ин ки хилофи сиёсат нараванд, чунин ақидае пеш ниҳода буданд» [12].

Чи хеле ки мебинем, инқилоб ба арзишҳои гузаштаи тамоми миллатҳо беэътиноёна муносибат мекунад ва кӯшише ба мушоҳида мерасад, ки фарҳанги гузаштаи халқҳоро нодида гирад. Чунин сиёсати худхоҳона ва худкома нисбати халқиятҳои куҳанбунёд ва маҳдудсозӣ нисбати арзишҳои фарҳангӣ ба он оварда расонид, ки насли минбаъда аз решаҳои аслии худ дур шуд.

Бо вуҷуди ин, нисбати зиёиёне, ки дар солҳои 20-ум дар нисбати ивазшавии алифбо ва муқаррар намудани меъёрҳои забони адабӣ ҷонибдорӣ менамуданд, аз нуқтаи назари вазъияти сиёсии он замон баҳогузорӣ намудан зарур аст.

Ба назари мо, чунин бармеояд, ки масъалаи алифбо ва табдили он дар солҳои 20 –ум ва 40-уми қарни гузашта масъалаи сиёсӣ буда, бо ин роҳ зимомдорони вақт, пеш аз ҳама, мехостанд моро аз мероси гузаштаи ниёгон як қадар дур сохта, ҳамчунин робитаи фарҳангӣ ва сиёсиро бо ҳамзабонон маҳдуд созанд. Бо ҳамин мақсад дар арафаи ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, матбуоти русзабони Тошканд («Правда Востока» дар назар аст- Ф.И.) масъалаи алифбо ва интихоби забони адабиро ба миён гузошт.

Имрӯз масъалаи табдили алифборо мехоҳанд ба сари зиёиёни солҳои 20-ум бор карда, бо ин роҳ мақому манзалати онҳоро дар назди таърихи тоҷикон таҳриф созанд. Вале тадқиқи вазъи таърихию сиёсии солҳои 20-ум нишон медиҳад, ки табдили алифбо ба ирода ва хоҳиши зиёиёни тоҷик иртибот надошта, балки аз талабҳои сиёсати Ҳукумати Шӯравӣ будааст. Истиқлолияти кишвар аз нав моро ба арзишҳои фарҳангӣ ва миллӣ баргардонида истодааст. Аз ҷумла, муроҷиат ба гузаштаи пурифтихор ва талош намудан баҳри арзишҳои миллӣ моро водор месозад, ки ба ҳама ҳаракату ҷунбишҳо дар ин раванд бо дарки масъулият муроҷиат намоем. Дар шароити имрӯза барои баргаштан ба баррасии масъалаи табдили алифбо ҳанӯз имконияти мусоиди иқтисодиву фарҳангиву иҷтимоӣ ба вуҷуд наомадааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Сарчашмаи муҳими илмӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. -Душанбе: Ирфон, 2007 . - С.3.
2. Абдухолиқ Набавӣ. Баҳсҳои илмӣ ва мафкуравӣ оид ба забони тоҷикӣ дар солҳои 20-ум // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. - Душанбе: Ирфон, 2007.- С.10.
3. Наршахӣ. Таърихи Бухоро. –Душанбе: Дониш, 1979. - С. 3.
4. Фитрат. Масъалаи алифбо // «Овози тоҷик», 1927. 9 август.
5. Айнӣ С. Дунёи нав ва алифбои нав // Овози тоҷик, 1927. 5 сентябр.
6. Лоҳутӣ. Дар гирди лоиҳаи нави алифбои нави тоҷикӣ // Раҳбари дониш, 1928. -№ 1-2.
7. Раҳими Мим. Дар атрофии масъалаи алифбои нав дар Эрон.// Раҳбари дониш, 1929. -№ 2, 3.
8. Мунзим. Ба роҳ мондани алифбои нав дар Тоҷикистон // Тоҷикистони сурх, 1929, 25 январ.
9. Бектош. Аз кӯҳна ба нав.- Душанбе: - Самарқанд: 1928.
10. Семёнов. Дар гирди алифбои нави (лотинии) тоҷикӣ / Семёнов // Раҳбари дониш, 1928. -№ 10.
11. Тоҷик. Мазмуни суханҳо ҳамагӣ як аст, валекин либосашон мухталиф аст // Раҳбари дониш, 1928. -№7.
12. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Сарнавишти форси тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист.- Душанбе: Адиб, 2003. - С.21.

ЗАМИНАҲОИ АСОСИИ ТАБДИЛИ АЛИФБОИ АРАБӢ БА АЛИФБОИ ЛОТИНӢ ДАР СОЛҲОИ 20-УМИ АСРИ ХХ

Мақолаи мазкур ба баррасии заминаҳои асосии табдили алифбои арабӣ ба алифбои лотинӣ дар солҳои 20-уми асри ХХ бахшида шудааст. Солҳои 20-30-и асри ХХ давраи ташаккули илму фарҳанги замони нави шӯравии тоҷик ҳисоб ёфта, дар ин солҳо нахустин хишт ба бинои соҳаҳои гуногуни он дар партави ҷаҳонбинии нав гузошта мешуд. Дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ин давра тағйироту дигаргуниҳое ба миён омаданд, ки раванди инкишофи таърихи миллати тоҷикро ба роҳи дигар гардонданд. Дар илму фарҳанги миллӣ, аз ҷумла дар забон, равандҳои гуногуне пайдо шуданд, ки қисме боиси давом додани инкишофи таърихӣ гардида бошанд, қисми дигар инкишофи забонро аз ҷанбаи таърихии он дур бурданд. Имрӯз масъалаи табдили алифборо мехоҳанд ба сари зиёиёни солҳои 20-ум бор карда, бо ин роҳ мақому манзалати онҳоро дар назди таърихи тоҷикон таҳриф созанд. Вале тадқиқи вазъи таърихию сиёсии солҳои 20-ум нишон медиҳад, ки табдили алифбо ба ирода ва хоҳиши зиёиёни тоҷик иртибот надошта, балки аз талабҳои сиёсати Ҳукумати Шӯравӣ будааст. Истиқлолияти кишвар аз нав моро ба арзишҳои фарҳангӣ ва миллӣ баргардонида истодааст. Аз ҷумла, муроҷиат ба гузаштаи пурифтихор ва талош намудан баҳри арзишҳои миллӣ моро водор месозад, ки ба ҳама ҳаракату ҷунбишҳо дар ин раванд бо дарки масъулият муроҷиат намоем. Дар шароити имрӯза барои баргаштан ба баррасии масъалаи табдили алифбо ҳанӯз имконияти мусоиди иқтисодиву фарҳангиву иҷтимоӣ ба вуҷуд наомадааст.

Калидвожаҳо: ташаккули илму фарҳанги замони нави шӯравии тоҷик, алифбо, алифбои арабӣ, алифбои лотинӣ, мубоҳиса, ҳарф, табдил, забон.

ИСТОРИЧЕСКАЯ И ПОЛИТИЧЕСКАЯ ОБУСЛОВЛЕННОСТЬ ЗАМЕНЫ АРАБСКОГО АЛФАВИТА НА ЛАТИНСКУЮ ГРАФИКУ В 20-Х ГОДАХ XX ВЕКА

Данная статья посвящена рассмотрению основных предпосылок замены арабского алфавита на латинскую графику в 20-ых годах XX столетия. 20-30-ые годы XX столетия были периодом формирования науки и культуры новой советской эпохи для таджиков, в эти годы был возложен первый кирпич основных зданий различных сфер человеческой деятельности в свете нового мировоззрения. В социальной и политической жизни данного периода произошли изменения и были введены нововведения, которые повернули процесс развития истории таджикской нации в новое русло. В национальной науке и культуре, в том числе, в сфере изучения таджикского языка, появились новые течения, часть из которых стала причиной дальнейшего исторического развития языка, другая часть, наоборот, оттеснило развитие языка от его исторического аспекта. Сегодня ответственность замены алфавита 20-ых годов хотят повесить на плечи интеллегенции того времени и тем самым исказить из место и значимость в истории таджиков. Но исследование исторического и политического состояния 20-ыз годов прошлого столетия показывает, что замена алвафита никоим обьразом не зависела от воли и желания таджиской интеллегенции, и это было лишь желанием политики Советского правительства. Независимость страны вернула нас к культурным и национальным истокам развития страны. В том числе, обращение к славному прошлому таджикского народа ради защиты и приумножения национальных ценностей вынуждает нас с чувством ответственности и достоинства относиться к данным процессам. В сегодняшних реалиях не имеется благоприятных экономических и культурно-социальных возможностей для возвращения к рассмотрению данной проблемы - замены алвафита.

Ключевые слова: формирования науки и культуры новой советской эпохи, алвафит, арабский алвафит, латинский алвафит, дискуссия, буква, замена, язык.

HISTORICAL AND POLITICAL CONDITIONALITY FOR REPLACING THE ARABIC ALPHABET TO LATIN GRAPHICS IN 20-IES OF XX CENTURY

This article is devoted to the main prerequisites for replacing the Arabic alphabet with the Latin script in the 20s of the twentieth century. The twenties and thirties of the twentieth century were the period of the formation of science and culture of the new Soviet era for Tajiks, during these years the first brick was laid of the main buildings of various spheres of human activity in the light of the new worldview. Changes took place in the social and political life of this period and innovations were introduced that turned the development of the history of the Tajik nation into a new direction. In the national science and culture, including in the study of the Tajik language, new trends emerged, some of which became the reason for the further historical development of the language, the other part, on the contrary, pushed the development of language from its historical aspect. Today, the responsibility of replacing the alphabet of the 20s wants to be hung on the shoulders of the intellectuals of that time and thereby distort the place and importance in the history of the Tajiks. But a study of the historical and political state of the 20s of the last century shows that the replacement of alvafit by any means did not depend on the will and desire of Tajik intellectuals, and this was only the desire of the policy of the Soviet government. The independence of the country brought us back to the cultural and national origins of the country's development. In particular, the appeal to the glorious past of the Tajik people for the sake of protecting and enhancing national values compels us to treat these processes with a sense of responsibility and dignity. In today's realities, there are no favorable economic, cultural and social opportunities to return to the consideration of this problem - the replacement of alvafit.

Key words: the formation of science and culture of the new Soviet era, Alvafit, Arabic Alvafit, Latin Alvafit, discussion, letter, replacement, language.

Сведения об авторах: ***Иномова Файзинисо*** – Технологический университет Таджикистана. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Карабаева 63/3
Асомова Умеда - Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибни Сино, преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** Республика Таджикистан г. Душанбе, ул. Рудаки 139. Тел.: **(+992) 987-64-00-19**
Муродова Мухайё – Таджикский государственный медицинский университет им.Абуали ибни Сино, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** Республика Таджикистан г. Душанбе, ул. Рудаки 139

Information about the authors: ***Inomova Faiziniso*** - Technological University of Tajikistan. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Karabaeva 63/3
Asomova Umeda - Tajik State Medical University, Abuali ibni Sino, teacher of the department of foreign languages. **Address:** Republic of Tajikistan Dushanbe, st. Rudaki 139. Tel.: **(+992) 987-64-00-19**
Murodova Mukhayo - Tajik State Medical University named after Abuali ibni Sino, Senior Lecturer of the Department of Foreign Languages. **Address:** Republic of Tajikistan Dushanbe, st. Rudaki 139

УДК: 801.316.3

ЭТИМОЛОГИЯИ НОМИ МЕТАЛЛИ ТИЛЛО ДАР БАЪЗЕ ЗАБОНҲО

Тухтасунов О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Тилло нахустметалл аз ҳафтгонаи металлҳои қадим мебошад, ки онро инсон дар гузаштаи ниҳоят дур дастрас намуда, барои омода ва ҳам ороиши баъзе маснуотҳои ниёзи худ истифода бурдааст. Ин металл чун дорои ранги зарду дурахши хуршедӣ аст, назари ҳар бинандаро зуд ба худ ҷалб мекунад ва дар ҳолати худрӯй дар қишри замин паҳн шудани зарраҳои он сабаб гашта, ки инсон ба он нисбати дигар металлҳо барвақт шинос гардад. Тилло дар байни металлҳо устувортарин буда, ба он ҳеҷ гуна муҳити табиӣ: обу ҳаво ва ҳатто туршию ишқорҳо таъсир намерасонад ва аз ин рӯ он маснуотҳое, ки дар замонҳои қадим аз тилло сохтаанд бе газанд то даврони мо расидаанд.

Инчунин, тилло дорои хосиятҳои хосси дигар, чун вазнинӣ ва нармӣ низ мебошад. Хосияти нармии он буд, ки инсон бо осонӣ аз он лавозимотҳои гуногуни рӯзгор ва ороишии худро сохтааст. Хосияти вазнинии тилло бошад, барои бо зудӣ ҷудо ва тоза намудани он аз таркиби ҷинсҳои бегона бо тарзи обшӯй имкон додааст.

Маълум намудаанд, ки қадимтарин маснуотҳои тиллоии археологҳо бозёфта, ба ҳазорсолаи V-IV п. а. м., ба даврои неолит тааллуқ доранд [10, с.70] ва нахустин маводе, ки қобили махлут кардани тиллоро дорад, металли дигари дунёи қадим – симоб мебошан. Симоб ягона металли моеъ мебошад, ки онро аз даврaҳои қадим барои зарандуд намудани ашёҳо истифода мекарданд. Бо ин мақсад тиллоро аввал

дар он ҳал намуда, махлути ҳосилшударо ба рӯйи маснуотҳо мемолиданд. Чун маснуотҳоро метасфониданд ва ё муддате нигоҳ медоштанд, симоби таркиби махлут бухор гашта пардаи зарҳалӣ боқӣ мемонд. Ҳоло, махлуткунандаҳои зиёдеро маълум намудаанд, чун «шароби шоҳ», ки онро аз омехтаи туршиҳои сери нитратӣ ва хлоридӣ омода менамоянд, маҳлули намакҳои сианидҳо ва ғ.

Тиллои холис металли нарми ранги зарди тобиши сурхдошта мебошад, вале чун аз он варақаҳои тунук бурида шавад аз афтиши равшанӣ тобиши сабз мегирад. Ҳарорати гудозиши тилло 1064,5°С мебошад, онро дар оташи муқаррарӣ гудохтан ғайриимкон аст. Дар байни металлҳо тилло аз ҷиҳати зичӣ ҷойи шашумро ишғол мекунад. Зичии он 19,32 г/см^3 мебошад, ки ин нисбат ба зичии оҳан қариб 2,5 маротиба зиёд аст ва лундаи қутри 4,6 см доштаи он 1 кг вазн дорад [5, с. 173; 7, с. 171]. Дар китоби Абдурраҳмони Хазинӣ «Тарозуҳои хирад» (соли 1121) зичии хоси ҳафт металли замони қадим, аз ҷумла зичии тилло 19,05 оварда шудааст [6, с.18-19]. Ин нишон медиҳад, ки алхимикони шарқ усулҳои ҳосил намудани металли ниҳоят тоза ва саҳеҳ чен кардани зичии онҳоро медонистаанд.

Тилло дар ҳазораи III-II то милод металли паҳншудаи Мисри қадим, Байнаннаҳрайн, Ҳиндустон ва Хитой ба шумор мерафт ва он чун металли қиматбаҳо барои халқиятҳои Амрико ва Аврупо низ маълум буд. Таҳлили кимиёвии маснуотҳои тиллоии аз ин минтақаҳо дарёфтгашта, нишон медиҳанд, ки онҳо аз тиллои тоза набуда дар таркиби худ боз миқдоре мис, нуқра ва дигар металлҳоро низ доранд. Танҳо дар қатори бозёфтҳои ба асри VI то милод тааллуқдоштаи Миср, тиллои дараҷаи тозагии 99,8% ошкор гардидааст [10, с70]. Аз таърих маълум аст, ки яке аз қадимтарин тамаддуни башар, тамаддуни мисриён мебошад. Дар Мисри қадим, 31 сулолаҳои шоҳигарӣ аз ҳазораи III то замони ғасби Миср аз тарафи Искандари Мақдунӣ арзи вуҷуд кардаанд. Мисриён ғайр аз тилло ба металли мис низ барвақт шинос буданд. Гарчанд дар худи Миср кони мис мавҷуд набуд, онро мисриён аз масофаи начандон дур, аз нимҷазираи Синай меоварданд. Ин буд, ки ҳангоми кофтуковҳои археологӣ, ҳатто аз гӯрхонаҳои давраи сулолаи 1 бисёр маводҳои аз мису тилло сохташуда, чун корд, сӯзан, дос, асбобҳои тарошанда ва ғ. дастрас гаштаанд [2, с.148,161].

Ҳиндуҳои Америкоӣ низ истеҳсоли тиллоро барвақт сар кардаанд. Онҳо дар маъбадҳои худ бут ва маснуотҳои зиёди аз тилло сохташударо нигоҳ медоштанд. Баъд аз кашфи ин қитъаи олам, чун ба ғарбиён маълум гашт, ки аҳли он ҷой соҳиби миқдори зиёди металлҳои қиматбаҳо мебошанд, хусусан испониёиҳо баҳри ғасб ва ғанимат гирифтани ин бойигариҳо пай дар пай киштиҳои худро равона намуданд. Мувофиқи навиштаҳои роҳиб, ҷуғрофидон ва таърихнависи испониёӣ Педро Съеса де Леон, ки шоҳиди ин ғасбкориҳо буд, дар бадали камтар аз 20 сол, солҳои миёнаи асри XVI аз тарафи испаниҳо зиёда аз 500 тонна тилло ва буту маснуотҳои аз он сохта шуда аз Амрико ба Испания интиқол ёфтааст [8].

Аз рӯйи нишондодҳои археологӣ, истихроҷи мунтазами тилло дар Шарқи наздик низ хеле барвақт оғоз ёфтааст ва онро ҳатто баробар ба давраи истихроӣ дар Мисри қадим медонанд. Ривоят мекунанд, ки дар асрҳои V-IV пеш аз милод шоҳҳои форс дар хазинаи худ миқдори зиёди тиллову нуқраро нигоҳ медоштанд. Чун Искандари Мақдунӣ мулки Дороро тасарруф кард, нахуст китоби муқаддаси Зардуштиён Авасторо оташ зад ва хазинаи пур аз тиллову нуқра ва дурру гавҳарро ба Юнон интиқол дод. Албатта, дар хазина миқдори зиёди тиллои хом, ки барои боз ҳам тоза намудан ниёз дошт, нигоҳ дошта мешуд. Дар ғарб, ҳоло тиллои хомеро, ки аз 70-80% тилло ва 20-30% нуқра ва дигар ғашҳо иборат аст, хӯлаи Доре мегӯянд, ки он шояд ба номи ҳамон шоҳи форс Доро марбут бошад, зеро дар ягон адабиётҳои илмии муосир оиди шахсияти Доре маълумоте дода нашудааст.

Инсон металли тиллоро, ҷуз дар сохтани маводҳои ороишӣ ба сифати пул дар тиҷорат низ барвақт истифода кардааст, ки ин сабаби арзиши баланди он шудааст. Аз арзишнокии тилло, ҳирси ин металл афзуда, дар як давраи тӯлонии таърих сеҳргарон, кимёгарон дар ҷустуҷӯи санги фалсафӣ, ки он гӯё қобили ба тиллову нуқра табдил додани металлҳои ғайриасилро дорад, кӯшиш ба харҷ додаанд ва ба пайдоиш ва рушди алхимия дар шарқ асос гузоштаанд. Ин металли зебо, ки онро инсон барвақт қадр намудааст, таърихсозанда низ мебошад ва дар таърих боис ба ҷангу талошҳои зиёде низ гаштааст. Баҳри ба даст овардану соҳибӣ кардан ба ин металл ва маснуотҳои аз он сохташуда ҳазорҳо шоҳу шоҳзодагон ва тиҷоратпешагон ҳаётро барвақт тарк кардаанд.

Номи тилло дар забону гӯйишҳои қадимаву имрӯза гуногун аст. Қадимтарин номи тиллоро номи мисриқадимии он «нуб (Nub)» медонанд. Маълум намудаанд, ки дар давраи сулолаи шоҳигарии миёна мисриён аз кони тиллои Нубия (Эфиопияи қадим) истифода менамуданд ва номи тилло аз номи ин маҳалли истихроҷ-«нуб» гаштааст. Инчунин, нишон медиҳанд, ки дар Байнаннаҳрайн ҳаҷми калони истихроҷи тилло ба ҳазораи II то милод рост меояд ва номи Бобулистонии тилло «хурэшу (hurasu)» мебошад, ки он бо калимаи «хризос»-и забони юнонии қадим шабеҳ аст [10, с.70]. Шояд, калимаи «хурэшу (hurasu)»-и бобулӣ ба номи тилло дар забони ҳиндуии қадим «hyrania» ва бо «хуршед», ки он дар забони форсу тоҷик синоними офтоб аст, ҳамзот бошад. Дар аксар забонҳои қадим номҳои металли тилло ва офтоб муштаракрешаанд, ки ин равобит ба фаҳмиши аҳли пешин дорад. Аҳли гузашта зарраҳои тиллоро, ки чун Офтоб рангу тобиш дорад, зарраҳои аз Офтоб бар замин рехта пиндоштанд ва аз ин рӯ Офтобу ҳам тиллоро як хел ном бурдаанд. Яъне, аз замонҳои қадим тиллоро бо Офтоб ҳамзот ва онро металли офтобӣ донистанд. Ва беҳуда нест, ки дар адабиётҳои мисрии давраи эллинӣ ва баъдина, алхимикҳо тиллову офтобро бо як аломат (доираи дар байн нуқтадошта) ифода намудаанд.

Дар забони ҳиндуи қадим тиллоро инчунин бо калимаи «ayas» низ ифода кардаанд, ки ин калима баъдтар дар баъзе забонҳо барои ифодаи мис истифода гаштааст. Шояд ин аз он сар зада бошад, ки дар байни металлҳо чун танҳо ин ду металл, мис ва тилло ранги зард доранд, баъзе халқият мису тиллоро як металл, вале мисро тиллои сифати пастдошта донистанд. Тилло дар забонҳои дигари қадим: дар лотинӣ «Aurum», дар форсии қадим ва авастоӣ «zaranya, zar (зар)», дар финикӣ - «kulda», дар олмонии қадим – «gulth, gelo», дар забони чиноӣ - «金 – цзинь» (дар ин забон бо ин калима ба ҷуз тилло боз металл, пул ва маводҳои қиматбаҳоро низ ифода мекунанд), дар забони муосири англисию олмонӣ «Gold», дар франсавӣ «Or» дар литовӣ – «geltas», дар забонҳои славянӣ – «золото, злато», дар арабӣ «заҳаб», ивритӣ «заав», дар забонҳои туркӣ ва баъзе халқҳои Сибир «олтин, алтун» мебошад. Дар адабиётҳои алхимиявӣ номҳои гуногуни тилло низ вомехӯранд, чун зарас (zaras), трикор (tricor), соль (Sol), сонир (Sonir) ва ғ. [10, с.71].

Муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки дар аксар забонҳо номи тилло бо ранги он, яъне ранги зард пайванд аст. Масалан, номи санскритии тилло «hyranya»-ро бо калимаи «hyri», ки дар ин забон ранги зард ва ҷилои тиллоиро ифода дорад, ҳамреша медонанд. Вожаи дигари ин забон «hiranin», «hiranyaya» бо маънои «ороста бо зар» ва «заргун» тавзеҳ ёфтааст [9, с.214]. Баъзе аз онҳо собит мекунанд, ки номи тилло дар забони баъзе халқиятҳои Аврупоӣ низ маънои «зард»-ро дорад. Шакли дигари боз ҳам қадимтари номи лотинии тилло «ausom»- ро бо маънои «зард» тавзеҳ дода, онро бо калимаи римии қадим «aurora» ва ё «ausosa», ки маъноҳои «шафақи саҳарӣ»-ро доштааст, шабеҳ нишон медиҳанд. Ҳамрешагии вожаи «золото»-и забонҳои славянӣ ва шакли ибтидоӣ прославянии он «злато», zolto» бо калимаи ранги зард - «желтый» ва ягонагии онро ба номи ин калима дар дигар забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ, хусусан калимаҳои англисӣ ва олмонии «gold» низ ишора кардаанд [12, с.152]. Инчунин, калимаҳои «*geltonas*»-и литовиро, «*zelts*»-и латишӣ, ки бо онҳо ҳам тилло ва ҳам ранги зардро мегӯянд, низ аз ҳамин қабил медонанд. Баъзе муҳаққиқони решашинос пайдоиши калимаи "gold"-и англисӣ ва олмониро аз номи худои юнонии қадими Офтоб «Гелиос» дониста, калимаи русии «золото»-ро ба калимаи «солнце» ҳамреша ва баргирифта аз забони ҳиндуаврупоии "Sol", ки Офтобро мегуфтаанд, мепиндоранд.

Чун ифодаҳои овоии номи тилло ва офтобро дар забонҳои қадим ва муосир дар робита бо қонунҳои шаклдигаркунии калимаҳо, ки ба он тамоми забону гӯйишҳо итоат мекунанд, таҳлил намоем, аён мегардад, ки аксари ин калимаҳо дар забонҳои мухталиф аз ҷиҳати этимологӣ ҳампайдоишанд ва ё дар вақти иқтибос гаштан шакли худро дар доираи қонунҳои фонетикӣ тағйир додаанд.

Номи форсии қадимии тилло «zar (зар)» мебошад, ки то ҳол аҳли форсзабон онро дар радифи вожаи тилло васеъ истифода мебаранд. Ибораҳои зару зевар (тиллову ороишот), симу зар (нуқраву тилло) зарандуд намудан (тиллокорӣ намудан, зарҳал молидан) ва ғ. танҳо хосси забони форсӣ-тоҷикӣ мебошанд. Дар фарҳанг ва асарҳои таҳқиқии забони авастоӣ вожаҳои «zarania, zaranya» ва «daraniya», дар забони скифӣ бошад «zarina» бо маънои «тилло» ишора ёфтаанд [4, с.73]. Вожаҳои авастоии «zarania, zaranya» ва скифии «zarina» шояд маънои аз зар сохта шуда ва ё зардгунро дошта бошад, ки аз он калимаи имрӯзаи «зарин, заргун» пайдо шудааст.

Шакли «daraniya» эҳёгашта аз «zarania», дар натиҷаи ивазгардии овои “з” бо “д” мебошад. Вожаи «зар» ҳамреша бо ранги «зард» мебошад ва ранг номи худро аз «зар» гирифтааст, зеро барои ифодаи рангҳо дар ибтидо номи он ҷисму мавҷудотҳоеро, ки дорои ранги хос мебошанд, истифода бурдаанд. Рангҳои хокистарранг, норинҷӣ, гулобӣ, осмонӣ, нилгун ва ғ. аз ҳамин қабиланд. Вожаи «зард» аз «зарт» ва он аз «зартан» бо афтиши бахши «ан» шакл гирифтааст. (Дар забонҳои қадим вожаи «тан» ва шаклҳои он «тен, тин, тян, тун» серистеъмол буда, бо маънои «ҷисм», яъне барои ифодаи ҳама гуна мавҷудот, ҳам зиндаву ва ҳам ғайризинда истифода мегашт). Масалан, номи тилло дар забонҳои туркӣ «олтин (алтин)» низ ба ранги он дар иртибот аст. Он аз ду бахш «ал(ол)» - ранги сурх, зарду сурхтоб ва «тин», ки маъноҳои «тан, ҷисм» ва «металл»-ро дорад, таркиб ёфтааст. Дар фарҳангҳои забонҳои туркӣ вожаи «ал (ол)» бо маънои ранги сурх, зарди сурхтоб тавзеҳ ёфтааст. Дар забони озарӣ ранги сурхро «ал» мегӯянд. Бояд гуфт, ки вожаи «ал» низ хеле қадима буда, дар сохтори аксар калимаҳои забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ низ бо ин маъно дучор мешавад. Калимаи забони русӣ «алый» ва калимаи форсӣ-тоҷикии «алвон» аз ин қабиланд.

Дар таърихи этимологии вожаҳо афтиши (редуксияи) бахши «ан», аз қисмати оқиби калима хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Номҳои англисӣ ва олмонии тилло «gold» низ чун таҳаввулоти вожаи «зард»-и тоҷикӣ-форсӣ, ки дар боло овардем, аз «golt» ва он аз «golten» пайдо шудаанд. Ҳоло дар забони англисӣ вожаи «golten» ба «golden» табдил ёфтааст, ки маводи аз тилло сохташударо ифода мекунад. Калимаҳои русии «жёлтый», ки решаи он «желт» аст, олмонию англисии «gold», «*geltonas*»-и литовӣ, «*zelts*»-и латишӣ, прославянии «злато, злата», zolto» ва дигар калимаҳои шабеҳи онҳо бо вожаи забони форсӣ тоҷикии «зард» этимологияи ягона доранд. Маълум аст, ки дар забону гӯйишҳо ҳангоми иқтибоси калимаҳо аз як забон ба забони дигар, ҳамсадоҳои сонарии таркиби онҳо «н» бо «м», «л» бо «р» ва инчунин, овозҳои монанд, чун «с», «з», «ҷ», «ж», «г», «ҳ» бо ҳамдигар ва «д» бо «з», «т» вобаста бо фонетикаи забони қабулкунанда, бо тартибе табдили ҳам шуда метавонанд [11, с.88-91]. Решаи калимаи забони русӣ «солнце»-ро бахши «сол» ва «золото»-ро «зол» ташкил мекунанд, ки онҳо низ хешӣ бо вожаи «зар» доранд. Чун дар ин вожаҳо ивазшавии якчанд ҳарфҳо, овои «з» бо «с» ва «р» бо «л» ба вуҷуд омадааст, аз ин таҳаввулоти ҷуқур шакли вожаҳо аз ҳам ботамом дигар гаштааст. Вале, вожаи «зар», дар калимаи дигари русӣ «зарница», ки ҳоло шафақро гӯянд, бетағйир мондааст. Дар «Бурҳони қотеъ» оиди вожаи «зар», дар бахши зои нуқтадор чунин овардаанд: «**зар** тиллоро гӯянд ва онро бо арабӣ заҳаб хонанд; ва мухаффафи зард ҳам ҳаст» [1, с.94] ва ҷое вожаи «тилло» ба маънои хол мондан низ тавзеъ ёфтааст.

Маънои худи вожаи «тилло»-ро, ки ин номро аз луғоти ҳиндуӣ медонанд, номаълум арз мекунанд (шакли ҳиндуи калимаи тилло «тҳала» мебошад). Шояд, вожаи «тилло» аз амали молидан ва зарандуд намудан пайдо шуда бошад, зеро дар китоби «Ғиёс-ул-луғот» дар «фасли тои муҳамала» оварда шуда, ки «**тило** ҳар давои рақиқе, ки ба узв бимоланд; ва бо маънии зари сурх; ва соҳиби «Рашидӣ» навишта, ки ғолибан лавзи тило муарраби тиллост, ки лавзи ҳиндист; ва муталло ба маънии зарандуда истеъмол кунанд» [3, с.27]. Чи хеле дар боло ишора рафт, барои зарандуд намудани ашёҳо ба онҳо махлути симобии тиллоро мемолиданд ва шояд ҳамон махлутро низ «тило» мегуфтанд, ки аз он вожаи «тилло» пайдо гаштааст, ки муродифи «зароб» аст ва вожаҳои «заҳаб»-и арабӣ ва «заав»-и ивритӣ бо вожаи «зароб»-и форсӣ, яъне махлути тилло низ ҳамзод бошанд, зеро дар забонҳои қадими Шарқ барои ифодаи ҳар гуна маводи моеъ-махлутҳо, ба решаи асосии калима бахши «об, аб, ав, ап» пайваст гаштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. -Душанбе, 1993. -Ҷ.1.- 416 с.
2. Всемирная история / Ред. И.Лурье, М.Полтавский. Энциклопедия: в 10 т. Т.1. -М.: Политическая литература, 1956. - 748 с.
3. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. - Душанбе: Адиб, 1988. - Ҷ.2. - 416 с.
4. Дьяконов И.М. История Мидии. От древнейших времен до конца IV века до н.э. / И.М.Дьяконов. - Баку: Нагыл Еви, 2012. -332 с.
5. Неорганическая химия: Химия переходных металлов / Под ред. Ю.Д. Третьякова. Т.3. - М.: Академия, 2007. – 400 с.
6. Соловьев Ю.И. История химии. Развитие химии с древнейших времен до конца XIX века / Ю.И.Соловьев. - М.: Просвещение, 1983. -368 с.

7. Стрижко В. С. Золото / В.С.Стрижко, М.А.Меретуков // Химическая энциклопедия - М.: Советская энциклопедия, 1990. -Т. 2. - С. 171-173.
8. Съеса де Леон, Педро. Хроники Перу. Ч.2. Владычество инков / П. Съеса де Леон (пер. Скормницкий А.). - Киев: Blok. NOT, 2011. - 411с.
9. Санскритско-русский учебный словарь / Составитель Н.П. Лихушина. 2018. -215 с.
10. Фигуровский Н.А. Открытие элементов и происхождение их названий / Н.А. Фигуровский. - М: Наука, 1970. -207 с.
11. Тухтасунов О. Основные принципы формоизменения слов / О.Тухтасунов // International scientific journal «Science and world», Vol. 2, -Volgograd, 2016. -№ 7. -P.88-91.
12. Этимологический словарь русского языка / Составитель Г.А.Крылов. – СПб, 2005. - 432 с.

ЭТИМОЛОГИЯИ НОМИ МЕТАЛЛИ ТИЛЛО ДАР БАЪЗЕ ЗАБОНҲО

Дар мақола маълумотҳои таърихӣ оиди истихроҷ ва истифодаи металли тилло, хосиятҳои хосси он оварда шуда, маънои номи тилло дар забонҳои гуногуни қадим ва муосир таҳлил ва таҳқиқ ёфтааст. Муаллиф андешаҳои муҳаққиқонро оиди алоқамандии номи тилло ба номи офтоб дар забонҳои гуногун оварда нишон додааст, ки номҳои тиллову офтоб дар аксар забонҳои муосир пайдоиши ягона доранд. Номи тилло ва офтоб аз иқтибос гаштан ба забонҳои гуногун на ба таври хаотикӣ, балки аз рӯйи қонунҳои лингвистӣ шакли худро тағйир додаанд. Маънои номи тиллову офтоб дар баъзе забонҳо ба ранг ва ё чилову нурафкании онҳо алоқамандӣ дорад. Муаллиф дар асоси қонунҳои фонетикии таҳаввули калимаҳо, ивазшавии овозҳои шабеҳ, ҳамсадоҳои сонории «н» бо «м», «л» бо «р» ва инчунин овозҳои монанд, чун «с», «з», «ч», «ж», «г», «ҳ»-ро бо ҳамдигар ва «д» бо «з», «т» асос намуда, нишон медиҳад, ки синоними форсӣ-тоҷикии тилло-зар низ ба ранги он «зард» ҳамреша мебошад ва он бо калимаҳои русии «жёлтый», ки решаи он «желт» аст, олмонию англисии «gold», «*geltonas*»-и литовӣ, «*zelts*»-и латишӣ, прославянии «злато», zolto» этимологияи ягона доранд. Дар мақола вожаи туркии «олтин (алтин)» ба маънои металли сурхтоб ва вожаи форсӣ-тоҷикии «тилло» ба маънои «зароб», ки барои зарандуд намудан истифода мегашт, тавзеҳ ёфтааст.

Калидвожаҳо: тилло, синонимҳои тилло, этимологияи калимаи тилло, таҳавулоти калимаҳо, тилло ва офтоб.

ЭТИМОЛОГИЯ НАЗВАНИЯ ЗОЛОТА В НЕКОТОРЫХ ЯЗЫКАХ

В статье, рассматривая исторические сведения о производстве, характерных свойствах металлического золота, автор анализировал значения названия этого благородного металла в различных древних и современных языках. асновываясь на мнении ряда исследователей о взаимосвязи названия металла с названием солнца в древних языках, он указывает, что древние люди представляли этот металл как солнечный металл, то есть попавший на землю с солнца. Автор подчеркивает, что названия «золото» и «солнце» в языках индоевропейской семьи произошли не хаотично (индивидуально), а при заимствовании, поэтому эти слова имеют сходную структуру. Значение слов «золото» и «солнце» во многих языках связано с их цветом, то есть имеют означение жёлтого или желто-красного цвета. Автор на основе фонетических законов трансформации слов, чередования сонорных согласных «н» на «м», «л» на «р», взаимно чередования букв: «с», «з», «ж», «г», «h» и «д» с «з» и «т», показывает, что древнеперсидское слово «зар» (золото) является корнем словом «зард», то есть «жёлтый», и оно со словами, выражающими в различных индоевропейских языках «золото» и «солнце», с английским и немецким «gold», литовским «*geltonas*», латышским «*zelts*» и праславянскими «злато», zolto, златин» имеет единую этимологию. В тюркских языках слово золото «алтин (олтин)» тоже связано с окраской металла. В некоторых турецких языках слово «ал», как в русском слове «алый», и в таджикско-персидском «алвон» выражает красный цвет. Автор также поясняет этимологию другого синонима таджикско-персидского слова «золото» – «тилло», и оно трактовалось в значении «золочение» и «раствор для золочения».

Ключевые слова: золото, синонимы золота, этимология слова «золото», формоизменение слов, золото и солнце.

ETYMOLOGY – THE NAME OF GOLD IN SOME LANGUAGES

The article considers the historical information about the production, the characteristic properties of metallic gold, the importance of the name of this noble metal are analyzed in various ancient and modern languages. Based on the views of a number of researchers, on the relationship of the name of the metal to the name of the sun, in ancient languages, shows that the ancient people represented this metal as a solar metal, that is, fallen on the ground from the sun. The author emphasizes that the name "gold" and "sun" in the languages of the Indo-European family did not occur chaotically (individually), and when borrowed, therefore, these words have a similar structure. The meaning of the word "gold" and "sun" in many languages is associated with their color, which means yellow or yellow-red. The author, on the basis of phonetic laws, transforms words, alternates the sonorous consonants "n" to "m", "l" to "p," alternating the letters "c", "h", "g", "d", "h" and "d" from "z" and "t", shows that the ancient Persian word "зар (zar)" (gold) is the root word for "zard", that is, "yellow" and with words expressing in various Indo-European languages "gold" and " sun ", then with English and German" gold ", Lithuanian" geltonas ", Latvian" zelts "and pre-Slavic" zlato ", zolto, zlatin" has a common etymology. In Turkish languages, the word gold "altin (oltin)" is also associated with the coloration of the metal. In some Turkish languages the word "al" as in the Russian word "scarlet", and in the Tajik-Persian "alvon" expresses a red color. The author also explains the etymology of another synonym for the Tajik-Persian word "gold" - "Tillo" and it was interpreted as meaning "gilding" and "gilding solution".

Key words: gold, the synonyms of the gold, etymology of the word "gold", word-form, gold and sun.

Сведения об авторе: ***Тухтасунов Обиддин*** – Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, доцент кафедры органической и прикладной химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru**. Тел.: **(+992) 927-64-33-32**

Information about the author: ***Tukhtasunov Obiddin*** - Khudzhand State University named after B. Gafurov, Associate Professor of the Department of Organic and Applied Chemistry. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-64-33-32**

УДК: 491.550-6:891.550:82

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО ДАР РОМАНИ «БАНДИИ ОЗОД»-И УРУН КӮҲЗОД

Юсупова Н.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумлаи чидааъзо дар сохтори наҳвии забони адабии тоҷик нақши муҳим дорад. Чидашавии аъзоҳои ҷумла яке аз роҳҳои муъҷазбаёнии фикр буда, вижагиҳои нозуки услубӣ дорад. Оид ба ҷумлаҳои чидааъзо дар забоншиносии муосири тоҷик мақола ва асарҳои зиёде ба табъ расидаанд. Аз ҷумла, дар китоби дарсии забони тоҷикӣ барои синфҳои 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо маълумоти мухтасар дода шудааст. Дар китоби профессор Б. Камолиддинов «Наҳви забони тоҷикӣ» ба ҷумлаи чидааъзо чунин таъриф дода шудааст: «Ҷумлае, ки дар он аз ду зиёда мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ё ҳол бо алоқаи пайваст омада, бо аъзои дигаре муносибати якхелаи маъноию грамматикӣ пайдо мекунанд, ҷумлаи чидааъзо ном дорад» [4, с.131]. Дар мақолаи забоншиноси нуктадон Эшонҷонов А таҳти унвони «Ҷумлаҳои чидааъзо ва хусусиятҳои грамматикии он» ин тавр омадааст: «…гурӯҳ-гурӯҳ чида шуда омадани аъзоҳои чидаи ҷумла ҳамчун як факти грамматикӣ характер ва хусусияти услубӣ низ дорад ва чунин як факти грамматикии аъзоҳои чидаи ҷумла як соҳаи муҳимми синтаксиси забони адабӣ мебошад» [8, с. 20]. С.Раҳматова доир ба хусусият ва мақсади корбурди аъзоҳои чидаи ҷумла чунин менигорад: «Ҷумлаи чидааъзо барои ифодаи амиқи аломат, ҳолату вазъият, ҳаракату амал ва инчунин тавзеҳи хусусиятҳои гуногуни предмет ва ё шахс истифода мешавад. Ба ин маънӣ, мавҷудият ва истифодаи он дар нутқ ба объекти асосии муҳокима ва фикрронӣ сахт алоқаманд аст» [6, с.3]. Дар «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик»-и Н. Маъсумӣ [5, с.307-317] хусусиятҳои наҳвӣ ва услубии аъзоҳои чидаи ҷумла таҳлил шудаанд. Фикру андешаҳои ин устодон барои пурратар ва амиқтар омӯхтани паҳлуҳо, хусусиятҳои услубию наҳвии ҷумлаҳои чидааъзо имконият фароҳам меоранд.

Ҳоло мо баъзе андешаҳои худро оид ба ҷумлаҳои чидааъзои романи «Бандии озод»-и устод Урун Кӯҳзод баён менамоем.

Устод Урун Кӯҳзод яке аз нависандагони сермаҳсули адабиёти муосири тоҷик маҳсуб ёфта, бо навиштани асарҳои баландпоя дар рушду ғановати забони адабии муосири тоҷик нақши арзанда гузоштааст. Ӯ дар асарҳои худ «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз», «Бандии озод», «Тақвими раҳгум», «Дар ағба», «Ҳайҷо», «Кини Хумор» масоили гуногуни зиндагониро тасвир кардааст ва хонандагони сершумори худро пайдо намудааст. Ин асарҳо дар таҳкими сохти наҳви забони адабии муосири тоҷик нақши муҳим доранд. Романи «Бандии озод» дар насри муосири тоҷик, алалхусус насри бадеии устод Урун Кӯҳзод, саҳифаи навест. Хусусиятҳои забонии роман, аз ҷумла, вижагиҳои наҳвии он ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд.

Дар забони роман адиб аз ҷумлаҳои чидааъзо хеле фаровон истифода бурдааст, ки аз завқи баланди забондонии ӯ дарак медиҳад. Мубтадо ва хабарҳои чида, ҳоли тарзи амал, замону макон, мақсад, хабарҳои номӣ бо ҳазфи бандакҳои хабарӣ, мубтадо ва пуркунандаҳои чида дар якҷоягӣ, хабар ва муайянкунандаҳои чида дар якҷоягӣ ба назар расид.

Муаллиф ҳодисаю воқеа ва ашёҳоро ба тариқи чида оварда, бо ин восита забони асарро ҷолибтар гардонидааст. Бо оҳанги махсуси такрорёбанда талаффуз шудани аъзоҳои якхелаи ҷумла диққати хонандаи асарро бештар ҷалб намуда, таъсирбахшии забони матнро таъмин намудааст. Ба чанде аз мисолҳо таваҷҷуҳ менамоем:

Мубтадоҳои чида: ***Одаму одамгарӣ, хӯрду хӯрок, даровду буро, тарзи либос – ҳамааш, нав мешавад*** [10, с.80].

Дар ҷумлаи фавқ ҳамаи мубтадоҳо ҷуфт-ҷуфт чида шуда, ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами–*у* ба ҳам алоқаманд шудаанд ва бо калимаи хулосакунандаи *ҳамааш* ҷамъбаст гардидаанд. Яъне, чидашавии калимаҳои дар нақши мубтадо буда онҷунон ҷаззоб аст, ки ба мавзӯъ диққати хонандаро зуд ҷалб менамояд. ***Дар маҷлис баробари даъватшудагон ҳангоматалабу кунҷковҳо ва бачаҳо низ омадаанд [10, с.64].***

Аъзоҳои чидаи ҷумлаи мазкур *ҳангоматалабу кунҷковҳо* ва *бачаҳо* ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунандаи *–у, ва* бо ҳам алоқаманд шуда, дар шакли ҷамъ (пасванди –ҳо) мавриди тасвир қарор гирифтаанд.

Дар корбурди воситаҳои ифодаи ҷамъ забони романи «Бандии озод» аз дигар асарҳо бо баъзе вижагиҳо фарқ менамояд. Масалан, дар ҷойи дигар овардааст: ***Забону калом ба тинату инсофи гӯянда тобеанд [10, с.95].***

Дар ҷумлаи мазкур низ мубтадои чида *забон, калом* ва пуркунандаи чида *тинат, инсоф* ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи пайи ҳами–у алоқаманд гардида, ҷуфт-ҷуфт истифода шудаанд.

Дар ҷумлаи зер мубтадоҳои чида ҳар кадом бо ҳоли тарзи амали хосси худ омада, ҳамаи мубтадоҳои чида, хабари чидаи худро доранд, ки аз вижагиҳои насри адиб ба ҳисоб меравад: ***Деҳқонов бошитиҳо, Ислом бошавқ ва Баҳром коҳилона аз табақ гӯшт мегирифтанду мехоиданду фурӯ мебурданд [10, с.95].***

1.Деҳқонов бошитиҳо мегирифту мехоиду фурӯ мебурд.

2. Ислом бошавқ мегирифту мехоиду фурӯ мебурд.

3. Баҳром коҳилона мегирифту мехоиду фурӯ мебурд.

Дар ин ҷумла *Деҳқонов, Ислом ва Баҳром-* мубтадои чида, *бошитиҳо, бошавқ, коҳилона*-ҳоли тарзи амали чида ва *мегирифтанду мехоиданду фурӯ мебурданд*-хабари чида шудаанд, ки аз қоидаи ҷамъсозии тоҷикӣ огоҳ будану аз маҳорати хуби забондонии устод Урун Кӯҳзод гувоҳӣ медиҳанд. Ин усули чидашавии аъзоҳои ҷумла дар насри бадеӣ камтар ба назар мерасад, вале дар насри бадеии нависанда Урун Куҳзод яке аз вижагиҳои тарзи баёни ӯ маҳсуб меёбад.

Хабарҳои чида: ***Онҳо нӯшиданду хӯрданд [10, с.95].***

Вай дар назди ҷевони барқади як девори хона рост истод, дастонашро ба миёнаш монда ваҷоҳати ҷангҷӯёна гирифт, лабҳои гафсашро макид ва «хайр» гӯён ҷевонро кушод [10, с.102].

Дар ҷумлаи аввал хабарҳо *нӯшиданду хӯрданд* ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи –у мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ҷумлаи дуюм бошад, хабарҳо *истод, гирифт, макид ва кушод* ҳар кадом барои ифодаи амал ва ҳаракати пайиҳам воқеъёбанда тариқи риояи қоидаи умумии забонӣ истифода шудаанд. Бояд қайд кард, ки устод Урун Кӯҳзод бо навиштани асарҳои насрии худ, аз ҷумла, «Бандии озод» имкониятҳои наҳвии забони адабии муосири тоҷикиро хеле устокорона истифода намудааст.

Соҳибхона хомӯшона то дари ҳавлӣ онҳоро гусел кард ва коҳилона ақиб гашт *[10, с.6].*

Гусел кард ва гашт- хабарҳои чидаи ҷумла, *хомӯшона ва коҳилона*-ҳолҳои тарзи амали чида мебошанд.

Одамони ҳалол тарафи Исмат шуданд, сар бардоштанд, силоҳ-белу каланду мисрон гирифтанд, омодаи ҳарбанд *[10, с.57].*

Дар ҷумлаи фавқ хабарҳо *-тараф шуданд, сар бардоштанд, гирифтанд ва омодаанд* чида шуда омадаанд ва хабари чидаи охир-«*омодаи ҳарб»* -ро тақвияту таъкид кардаанд. Ё дар ҷумлаи дигар:

Маро дар чунин як ҳолат нигоҳ медоранд, кор мефармоянду қадр намекунанд *[1, с.68]* вижагии хабари чида мушоҳида карда мешавад. Хабари чидаи охир тавассути ҳиссачаи инкории «на» бо ду хабари чидаи аввал дар муносибати хилофӣ аст.

Дар романи «Бандии озод» нависанда ба нозуктарин ҷилои маъно дар ифодаи аъзоҳои чида диққат медиҳад. Масалан, дар ҷумлаи зерин, ки амали хабарҳои чида дар як замон пайиҳам воқеъ шудаанд. Феълан дар ин тарзи ифода ба хабари аввал садоноки пайвасткунандаи «у» васл мегардад ва хусусияти таъкидӣ пайдо менамояд. Аммо устод Урун Кӯҳзод, ду хабари чидаи пайиҳамзамонро бе пайвандак, тавассути оҳанг алоқа бастааст, чунончи: ***Баҳром аз сари миз хест, назди тиреза рафт*** [10, с.112].

Гоҳо хабари номии чида, ки бандаки хабариаш ҳазф шудааст, барои таъкид ҳар кадоме аз хабари чида айнан ҳамон як муайянкунандаи беизофаи сифатӣ мегирад:

Ҳамон хел ҳамвор, ҳамон хел пурбардошт, ҳамон хел рӯзирасон [10, с.69].

Баъзан дар романи «Бандии озод» пуркунандаҳои чида бо хабарҳои чида дар якҷоягӣ вобаста шуда омадаанд, ки хеле наҷиб аст:

Ҳино мебанданду тарона мехонанд, либос мепӯшанду суруд мехонанд, зеби гардан мебанданду каф мекӯбанду мерақсанд [10, с.44].

Хамир мекунанд, нон мепазанд, биринҷ тоза мекунанд, табақу коса ҷамъ меоранд [10, с.190].

Дар ҷумлаҳои мазкур дар як вақт хабарҳои чида бо тафсилоти ба худ хос, бо пуркунандаҳои хосси худ чида шуда омадаанд, ки вижагии сохти наҳвиёти забони асарро нишон медиҳад. Дар ҳақиқат, нависанда тавонистааст, ки бо маҳорати баланди забоншиносиаш диққати хонандаро ҷалб намояд. Дар ин гуна ҷумлаҳо мавриди истифодаи хабарҳои чида пурра ва комил ба назар мерасад.

Дар роман хабарҳои номии чида бо ҳазфи бандаки хабарӣ корбаст шудаанд, ки пеши назари кас манзараҳои зебои табиатро ҷилвагар менамоянд ва ба ин восита дар боз ҳам суфта гардонидани забони адабиамон нақши муҳимме мегузоранд.

Ҳама ҷо сабз - пурнур, пуртароват [10, с.72].

Чор тараф – рӯдбор, чашмасор ва алафзор [10, с.72].

Дар ҷумлаи зерин хабарҳои номие ба мушоҳида гирифта шуд, ки барои таъкид калимаи ***як*** бо ҳар хабар такроран омадааст: ***Ин як риё, як ниқоб, як авомфиребиест, барои ба мақсадҳои худ расидан [10, с.146].***

Ҳолатҳое ба назар расид, ки якчанд пуркунандаи чидаи бевосита бо ёрии пайвандакҳои пайвасткунандаю оҳанги пайваст алоқа баста, пасванди –ро ба охири пуркунандаи охир васл гардида, ба тамоми пуркунандаҳои чида дахл дорад. Ин қоидаи маъмули наҳви забони тоҷикӣ аст.

Беадолатиҳо, ноинсофиҳо ва макру ҳиялро дид [10,с.56].

Одатан дар тартиби пайиҳам омадани аъзоҳои чида қоидаи муайян бояд риоя карда шавад, вале дар ин ҷумла аъзоҳои якуму дуюм дар шакли ҷамъ ва аъзои сеюм дар шакли танҳо ифода шудааст.

Пуркунанда ва хабари чида: ***Баҳром гардҳои рӯйи мизро тоза кард, лаби дастархони гулдори рӯйи мизро рост намуд, дастонашро ба ҳам соид, зеҳи нохунҳояшро зеҳн монда омӯхт [с. 90].***

Дар ҷумлаи зикршуда *тоза кард, рост намуд, соид, омӯхт* – хабарҳои чидаи ҷумла буда, ҳар кадом бо пуркунандаи ба худ хос *гардҳои рӯйи мизро, лаби дастархони гулдори рӯйи мизро, дастонашро, зеҳи нохунҳояшро* ифода ёфтаанд. Бо пасоянди –ро сурат гирифтани пуркунандаҳо барои боз ҳам бештар ҷалб намудани диққати хонанда истифода шудааст.

Муаллиф дар ифодаи аъзоҳои чида аз пешоянду пасоянд ва пайвандакҳо фаровон истифода бурдааст: ***Бо хотира вақт мегузаронд, аз хотира тасалло меҷӯст ва аз хотира лаззат мегирифт [10, с.35].***

Дар ҷумлаи боло ҳамаи хабарҳои чида – *вақт мегузаронд, тасолло меҷӯст ва лаззат мегирифт* бо як пуркунандаи такрор (вижа) ифода ёфтаанд.

Як вижагӣ дар корбурди аъзоҳои чида дар романи «Бандии озод» ин аст, ки нависанда аввал дар қолаби хабари номии сода ба таври хулоса сифатеро таъкид намуда, сипас онро бо аъзои чида тавзеҳ медиҳад, ки дар натиҷа он сифати таъкидшуда кушодаю возеҳ мегардад, чунончи: ***Таъминоти магазинҳо-нагз: ширинӣ, либосворӣ, собун, намак, равған, карасин ва риштаву сӯзан ҳамеша ёфт мешавад [10, с.117].***

Дастархон мирона буд – нонҳои ширмол, пораҳои калон-калони гӯшти яхнӣ ва ҳафт меваю хӯришҳо, ҳатто намакинарм [10, с.143].

Дар ҷумлаи зерин муаллиф барои махсусантаъкид намудани ҳар як аъзои чида аз пайвандаки *на* дар ифода намудани маънои инкори мутлақ истифода кардааст:

Рафтору кирдорашон на беҳтар шудааст на бадтар [10,с.158].

«Агар дар ҷумлаи чидааъзо аъзоҳои ҷумла бо ҳиссачаи на омада, ба воситаи хабар аз ҳамдигар дур шаванд, ҳиссаи дуюми ҷумла (аъзои чидаи дуюм) бе хабар ифода меёбад. Дар ин сурат хабари умумии дар байни ду аъзои чида дохил шудагӣ ба ҳар ду аъзо баробар тааллуқ дорад. Хабар дар ин гуна мавридҳо дар шакли мусбат меояд» [5, с.308-309].

Дар романи «Бандии озод» ҳолҳои гуногун низ чида шуда омадаанд, ки мо танҳо чанде аз онҳоро меорем:

а) ҳоли тарзи амали чида: ***Онҳо суҳбаткунону хандон-хандон то ба дарвоза омаданд [с.114].***

б) ҳоли мақсади чида (вижа): ***Барои ҷӯр кардани оҳанг, машқ додани овоз ва таваҷҷуҳи ҳозиринро ҷалб кардан вай се-чор рӯбоии шӯх хонд [10, с.55].***

Барои тарбияи ҷавонон, барои насл ба насл додани таҷрибаи корномаи бобоён, барои дар рӯҳи қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ ва интернатсионалӣ тарбия кардани онҳо даркор аст [10, с.90].

в) дар ҷумлаи зер дар як вақт ҳам ҳоли тарзи амал, ҳам ҳоли замон чида шуда омадааст:

Ва ин гапро гоҳо бо заҳрханда, гоҳо бо тамасхур, дар ҳолатҳои чойнӯшӣ, рӯзномахонӣ ва сафороӣ чанд бор такрор кард [10, с.142].

Ҳамин тариқ, Урун Кӯҳзод дар романи «Бандии озод» аз ҷумлаҳои чидааъзо фаровон истифода бурдааст, ки ин ҷиҳати таъсирбахшии матнро хеле афзудааст. Дар асар воситаҳои пайвасткунандаи аъзоҳои чидаи ҷумла хеле гуногунанд. Истифодаи бамавқеи пайвандакҳои пайвасткунандаи ва,–у,-ю, пасоянди –ро, интонатсия, баъзе калимаҳо дар шакли такрор бо ҳар як аъзои чида, пасвандҳои ҷамъбандӣ, ҳазфи бандаки хабарӣ аз вижагиҳои тарзи ифодаи аъзоҳои чидаи ҷумла дар роман мебошад. Калимаи хулосакунанда низ дар охири мубтадоҳои чида дучор омада, таъсирнокии суханро зиёд намудааст. Дар асар хабарҳо ҳам ба воситаи пайвандак ва ҳам бе пайвандак чида шуда омадаанд. Бардошта шудани пайвандак аз назди хабари охири ҷумла интонатсияи таъсирбахшро ба вуҷуд овардааст. Ғайр аз ин, пайвандакҳо барои пайваст намудани аъзоҳои чида ҷуфт-ҷуфт хизмат намудаанд.

Устод Урун Кӯҳзод аз адибони суханшиноси нозук маҳсуб ёфта, наҳвиёти асарҳои ӯ, аз ҷумла, «Бандии озод» хеле қавӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашри академӣ) Ҷ. 2 –Душанбе, 1987. – 351 с.
2. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р.Ғаффоров. - Душанбе: Дониш, 1967. - 217 с.
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1967. – 185 с.
4. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. -Душанбе: Собириён, 2010. - 273 с.
5. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. -Душанбе: Пайванд, 2011. –385 с.
6. Раҳматова С. Ҷумлаҳои чидааъзо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / С.Раҳматова. -Душанбе: Дониш, 1991. -106 с.
7. Хоҷаев Д. Наҳв ва аломатгузорӣ / Д. Хоҷаев, Ш.Кабиров. - Душанбе, 2012. – 78 с.
8. Эшонҷонов А. Ҷумлаи чидааъзо ва баъзе хусусиятҳои грамматикии он / А. Эшонҷонов // Маҷмӯаи илмии (серияи филологӣ) Институти давлатии педагогии Душанбе. - Душанбе, -1962. - С. 17-31.
9. Эшонҷонов А. Хабарҳои номӣ ва тарзи ифодашавии онҳо / А.Эшонҷонов. – 1969. – 83 с.
10. У.Кӯҳзод. Бандии озод. – Душанбе: Адиб, 1994. - 272 с.

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО ДАР РОМАНИ «БАНДИИ ОЗОД»-И УРУН КӮҲЗОД

Мақолаи мазкур ба чидашавии аъзоҳои ҷумла дар романи нависандаи адабиёти муосири тоҷик Урун Кӯҳзод «Бандии озод» бахшида шудааст. Муаллиф мубтадо, хабар, пуркунанда ва ҳоли чидаро дар мисолҳои романи зикршуда мавриди муҳокима қарор дода, андешаҳои худро дар тақвият ба ақидаҳои забоншиносон баён намудааст. Дар мақола баъзе вижагиҳои корбасти аъзоҳои чида бо мисолҳои мушаххас аз романи «Бандии озод» нишон дода шудааст. Аҳамияти ҷумлаҳои чидааъзо ва донистани вижагиҳои наҳвии он дар баланд бардоштани дониши хаттӣ ва шифоҳии донишҷӯён нақши муҳим мебозад, аз ин рӯ, ин таҳқиқ метавонад ба донишомӯзон ёрии амалӣ расонад. Вижагиҳои наҳвии насри Урун Кӯҳзод ба диққати доираи хонандагону донишҷӯён ва муҳаққиқони соҳаи забон пешниҳод карда мешавад.

Калидвожаҳо: ҷумлаи чидааъзо, Урун Кӯҳзод, «Бандии озод», роман, мубтадои чида, пайвандакҳои пайвасткунанда, вижа, мулоҳиза, адабиёт, наср, ҳол, хабари чида, пуркунанда.

НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ ОБ ОДНОРОДНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ В РОМАНЕ «СВОБОДНЫЙ УЗНИК» УРУНА КУХЗОДА

Данная статья посящена изучению однородных предложений в романе таджикского современного писателя Уруна Кухзода «Свободный узник». Автор подверг исследованию однородные подлежащее, сказумое, дополнение и обстоятельство и высказал свои размышления в поддержку мнения языковедов. В статье показаны некоторые особенности использования однородных членов предложения с конкретными примерами из романа «Свободный узник». Значение однородных предложений и знание его синтаксических особенностей играют важную роль в повышении уровня письменной и устной речи студентов и поэтому, данное исследование может оказать студентам практическую помощь при изучении языка. Вниманию широкого круга читателей, студентов и ссследователей Уруна Кухзода предлагаются синтаксические особенности его прозы.

Ключевые слова: однородные предложения, Урун Кухзод, «Свободный узник», роман, однородное подлежащее, сочинительные союзы, особенность, размышление, литература, проза, обстоятельство, однородное сказуемое, дополнение.

SOME REFLECTIONS ABOUT HOMOGENEOUS SUGGESTIONS IN THE NOVEL "FREE PIPE" OF URUN KUKHZOD

This article is devoted to the study of homogeneous sentences in the novel of the modern Tajik writer Urun Kukhzod "Free Prisoner". The author examined the homogeneous subject, the subject, the complement and the circumstance and expressed his thoughts in support of the opinion of linguists. The article shows some features of the use of homogeneous members of the sentence with specific examples from the novel "Free Prisoner". The value of homogeneous sentences and knowledge of its syntactic features play an important role in improving the level of written and oral speech of students and therefore, this study can provide practical assistance to students in learning the language. The syntactic features of his prose are offered to the attention of a wide range of readers, students and researchers of Urun Kukhzod.

Key words: homogeneous sentences, Urun Kukhzod, "Free Prisoner", novel, homogeneous subject, writing alliances, peculiarity, thinking, literature, prose, circumstance, homogeneous predicate, addition.

Сведения об автора: ***Юсупова Нигина Сафаровна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 7347025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-40-10-24**

Information about the author: ***Yusupova Nigina Safarovna*** - Tajik National University, applicant for the department of modern Tajik literary language. Address: 7347025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel.: **(+992) 918-40-10-24**

УДК: 491.550-3(03)

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

«Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус намунаи барҷастаи асари пуразиши мансурест, ки вазъи забони тоҷикиро дар асри XI, хусусан, дар ҷодаи истилоҳофарии истилоҳгузинӣ ба таври возеҳ муаррифӣ менамояд. Рочеъ ба муҳиммияти он муҳаққиқ М. Муллоаҳмадов чунин менигорад: «Ин китоб илова ба аҳамияти калони ахлоқиву тарбиявӣ, барои шиносоӣ бо ҳаёт, маишат, тарзи зиндагии табақаҳои гуногуни аҳолии он замон хеле судманд аст. Хонанда аз мутолиаи асар дар бораи тарзи оилаву меҳмондорӣ, тартиби таом хӯрдану ҳамравӣ, қоидаҳои молу мулк харидан, шикору чавгонбозӣ ва амсоли инҳо маълумот медиҳад» [4, с.5].

Пӯшида нест, ки «Қобуснома» аз лиҳози мазмуну мундариҷа бевосита ба мавзӯи варзиш ва шарҳи мафҳуму истилоҳоти ба он марбут бахшида нашудааст. Аз 44 боби он танҳо дар бобҳои 13-ум «Андар мазоҳ ва нарду шатранҷ ва шароити он», 18-ум «Андар шикор кардан», 19-ум «Андар савгон задан» бо баъзе истилоҳоти варзиш дучор омадан мумкин аст, ки дар онҳо муаллиф зимни тафсири суду зиёни ин ё он бозӣ ва навъи варзиш таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ҳамчунин, дар бобҳои 16-ум «Андар оини гармоба рафтан» ва 20-ум «Андар корзор кардан» бо баъзе мафҳуму истилоҳоте рӯ ба рӯ шудан мумкин аст, ки онҳо мантиқан бо варзиш қаробат доранд, зеро дар байни амалиёти варзишӣ, ҳарбӣ ва тандурустӣ робитаи зич мавҷуд аст, ки яке бо дигаре буда наметавонад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки теъдоди истилоҳоти соҳаи варзиш дар «Қобуснома» чандон зиёд нест. Онҳоро вобаста ба моҳияташон ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст: 1. Истилоҳоте, ки бо варзиши зеҳнӣ марбут мебошанд; 2. Истилоҳоте, ки ба варзиши амалӣ вобастагӣ доранд.

Ба гурӯҳи аввал истилоҳоти шатранҷ, нард, муҳра, каъбатайнро шомил намудем. Кайковус ҷонибдори ҳадду ҳудуди муайяни вақт барои ташкил ва гузаронидани бозиҳо буда, бо шарт ё гарав бозиданро маҳкум мекунад. «Ва нарду шатранҷ бисёр бохтан одат накун. Ва агар бозӣ ба авқот боз ва ба гарав мабоз» [4, с.51]. Бо шахсони маъруфу хушодоб бозиданро авлотар дониста, ба ҷавонон тариқи пандомез хитоб кардааст: «Ва агар бо касе маъруфтару муҳташамтар аз худ бозӣ, нарду шатранҷ адаб аст. Бояд, ки ту аввал даст ба муҳра наниҳӣ, то аввал ҳариф он чӣ бихоҳад баргирад. Ва агар нард бозӣ, аввал каъбатайн ба ҳариф деҳ» [4, с.52].

Аз мантиқи гуфтаҳои боло бармеояд, ки нависанда риояи одоби бозиро муҳим ҳисобида, шарҳи мабҳум ва тарзи бозӣ карданро ҳадаф қарор надодааст. Азбаски таҳлили ин самти асарро мо мақсади худ намеҳисобем, пас рӯ меорем ба тарҳи

лингвистии истилоҳоти варзиш, ки Унсурулмаолӣ дар китоби бебаҳои тарбиявию ахлоқии хеш ба кор бурдааст.

Шатранҷ. Муаллифи рисолаи «Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик» Ш. Сафаров шатранҷро бозии варзишӣ номида менависад, ки дар олами варзиш бо номи шоҳмот бисёр серистеъмол аст. Ӯ калимаи мазкурро муарраб ҳисобида, онро чунин маънидод кардааст: «Шат»-канори дарё, соҳил; «ранҷ»-меҳнат, заҳмат, кор, амал, азоб, машаққат. Ҳамчунин муҳаққиқи мазкур мафҳумҳои шатранҷбоз, шатранҷиро муродифи вожаи «шоҳмотбоз» номидааст [6, с.263-269].

Ба қисми аввали тафсири Ш. Сафаров розӣ шуда метавонем. Зеро дар «Ғиёс-ул-луғот» зимни шарҳи вожаи шитранҷ ва шатранҷ, калимаи мазкур муарраб хонда шуда, таъкид мешавад, ки «дар каломи араб наёмада, соҳиби «Баҳори аҷам» навишта, ки ин муарраби сатранг аст, ки лафзи форсист, ба маънии «бехе, ки ба сурати одамӣ бошад ва лиҳозо онро мардумгиёҳ низ гӯянд. Чун аксари муҳраҳои ин бозӣ бо номи инсон аст, ба лиҳоз ин бозиро сатранг гуфтаанд» [2, Ҷ.1.с.463].

Мулоҳизоти худро пиромуни истилоҳи шатранҷ идома дода, Муҳаммад Ғиёсуддин менависад, ки ин вожа муарраби калимаи ҳиндии читранг аст, ки решаи аввали он чатур маънии адади чаҳорро дорад ва анг, ки ба маънои узв аст ва дар маҷоз ба маънии рукн истеъмол ёфта. Лиҳозо читранг фавҷеро гӯянд, ки чаҳор рукн дорад, симои шоҳу фарзин, ки филу асп ва руху пиёда аст-(Ғиёс-ул-луғот, 1, 463). Дар баъзе манбаъҳо шакли сатрангро ба маънои «сад ҳила» низ тавзеҳ додаанд.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [8, Ҷ.2 с.2] истилоҳи шатранг «шоҳмот» маънӣ шуда. Шатранҷ шакли арабишудаи шатранг тавзеҳ дода шудааст:

Асп ору камон ору каманд ору китоб ор,
Шеъру қаламу барбату шатранҷу маю нард [8, Ҷ.2. с.572].

Дар шарҳи вожаи шатранҷ мураттиби вожаномаи «Фарҳанги Амид» Ҳасан Амид [9, с.788] амиқтар таваққуф намуда, таърихи истилоҳи мазкурро ин гуна маънидод кардааст: шатранҷ/шатранг-аз шакли паҳлавии «catrang», ки дар забони санскрит ба маънии «чаҳор хона» ё «андоми чаҳоргонаи сиёҳ: филу аспу арода ва пиёда аст. Номи бозии маъруф, ки бар рӯйи як саҳифа, ки 64 хонаи мураббаи сиёҳу сафед дорад, ки аз 32 муҳра (16-сиёҳ, 16 сафед) иборат мебошад. Ҳар даста аз муҳраҳои сиёҳ ва сафед, шомили 8 муҳраи пиёда ва 2 рух, 2 пас, 2 фил ва як вазир ё фарзин ва як шоҳ аст» [9, с.788].

Ба ҳамин тариқ, бозии шоҳмот // шоҳмот аз ашколи санскритии caturanga (чаҳор хона), ҳиндии caturang ва паҳлавии catrang ба намои чатранг-шатранг-шатранҷ ба зуҳуроти савтӣ дучор шуда, тағйири ном кардааст. Моҳияти бозии мазкурро мафҳуми тоҷикии он, ки шоҳмот мебошад, хеле хуб ифода кардааст, яъне, ҳадафи ду ҷониб мағлуб кардани қувваҳои низомӣ ва асир гирифтани шоҳ мебошад.

Бозии мазкур таърихан ихтирои ҳиндуҳо буда, асрҳои 5, 4, 3-и пеш аз милод дар замони Анӯшервони Одил ва вазираш Бузургмеҳр ба Эронзамин бо тағйири ном омадааст.

Мутаассифона, оид ба қоидаҳои ин бозии зеҳнӣ, теъдоди муҳраҳо, усулҳои гардиш ва ҳамла дар «Қобуснома» чизе гуфта нашудааст ва муаллиф танҳо аз ҷиҳати ахлоқӣ ба ин навъи варзиш рӯй овардааст.

Нард. Дар «Ғиёс-ул-луғот» муаллиф дар такя ба маълумоти «Бурҳони қотеъ» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» роҷеъ ба мафҳуми ин бозии зеҳнӣ чунин шарҳи мухтасарро ҷой додааст: «Нард номи бозиест дар муқобалаи шатранҷ ва ба маънии «таки дарахт» низ омада» [3, Ҷ.2. с.340].

Ҳасан Амид низ дар вожаномаи худ нардро бозии маъруф ва шабеҳи шатранҷ номида. Танҳо 30 адад муҳра (15 сиёҳ ва 15 садед) ва 2 тос доштан ва бо унвони тахтаи нард ҳам номгузори шудани онро ёдовар шудааст [9, с.1156].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [7, Ҷ.1] маълумоти зайл ба ташреҳи ин вожа ҷой дода шудааст. «Нард. 1) бозии шатранҷмонандест, ки бо 30 мӯҳраи сиёҳу сафед ва 2 тос бозӣ карда мешавад. Гӯё Бузугмеҳр ба муқобили шатранҷ ихтироъ карда ба Ҳинд фиристода будааст» [7, Ҷ.1. с.833].

Калимаи нард аслан тоҷикӣ (форсӣ) буда, пайдоиши ин бозӣ бо рӯйи кор омадани бозии шатранҷ марбут мебошад.

Мӯҳра – калимаи сермаъно буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» 6 маънои он шарҳ ёфтааст. Маънои асосии ин вожа «яке аз устухонҳои миёни тахтапушт ва гардан» маҳсуб ёфта, дар заминаи зуҳуроти қиёсу монандкунӣ он ба маънои дигар молик гаштааст: шоҳ, фарзин, фил, руҳ, пиёда. Азбаски вожагони мазкур бевосита

дар «Қобуснома» мавриди номбурд қарор нагирифтаанд, аз тавзеҳи онҳо айни замон худдорӣ менамоем.

Каъбатайн – калимаи арабӣ буда, ду тоси мукааби бозии нардро гӯянд [7, Ҷ.1. с.548]. Барои ифодаи мафҳуми мазкур дар гузашта истеъмоли вожаи тоҷикӣ (форсӣ)-и тостчун муродифи маъмул будааст. Унсурулмаолии Кайковус дар асри XI калимаи «каъбатайн»-ро, ки нисбат ба ашёи мукаабшакл ба кор бурда мешавад, истифода бурдааст. Азбаски бозии нард чун шатранҷ таърихи зиёда аз 2,5-3 ҳазорсола дорад, пас, муодили тоҷикии он тос дар ифодаи мафҳуми зикршуда хушоҳангу истилоҳзеб мебошад.

Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ баъзан ин калимаҳо бо унвони «кубик» ё «зарик» гардиш мехӯрад.

2. Истилоҳоте, ки бо варзиши амалӣ вобастагӣ доранд.

Ба гурӯҳи истилоҳоти ифодагари мафҳуми варзишии амалӣ дар «Қобуснома» мо асосан вожаҳоеро, ки барои номгузории мафҳумҳои шикор, чавгон ва корзор кардан ба кор рафтаанд, шомил намудем. Истилоҳоти ин қисматро вобаста ба моҳияташон боз ба се зергурӯҳ ҷудо карда, мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

А) истилоҳоте, ки мафҳумҳои ба шикор алоқамандро ифода мекунанд. Ба қатори чунин вожаҳо калимаҳои зеринро дохил мекунем: истилоҳоте, ки ба асп, навъҳои он, хислату хӯйи аспҳо ва амалҳои ба онҳо вобаста марбутанд: аспи хурд, саворпои ҳақир дорад; аспи бузург-аспи калонҷусса; аспи роҳрав-аспи сафарӣ, ки дуруштхӯй бошад; аспи ҷаҳанда – тезхӯй ва тундрав; асп тохтан – ба ҳар тараф беҳуда тозондани асп. Чанд мисол: Эй писар. Бидон, ки дар асп нишастану шикор кардан ва чавгон задан кори муҳташамон аст, хосса ба ҷавонӣ. …Аммо чун бар асп нишастӣ, бар аспи хурд манишин, ки (савор) ҳақир намояд. Ва агар марде ҳақир бошад, бар аспи бузург баланд намояд. Ва агар аспи роҳвор ҷуз дар сафар манишин, ки …марди хештанро афканда дорад. Андар шаҳр ва андар мавкиб бар аспи ҷаҳандаву тез бинишин, то аз сабаби тундии вай аз хештан ғофил набошӣ. Ва дар шикоргоҳ бар хира асп матоз, ки беҳуда асп тохтан кори ғуломону кӯдакон бошад [4, с.60].

Б) истилоҳоте, ки бо мафҳуми шикор, ҷойи шикор, анвои шикор ва амалиёти ба он алоқаманд вобастагӣ доранд:

- шикори сибоъ – шикори ҳайвони даранда, ки аз он ҳеҷ фоидае набошад;
- шикори чарғ – шикоре, ки бо истифода аз як навъи парандаи бозмонанди шикорӣ ба вуқӯъ меояд;
- шикори шоҳин – шикор ба воситаи шоҳин;
- шикори юз – шикор тариқи истифодаи юз (як навъи саги шикорӣ ва номи як навъ даранда аз паланг хурдтар, ки барои шикор дастомӯз мекунанд) (ФЗТ, 2, 624);
- шикори саг – ин навъ шикор бо истифодаи сагҳои шикорӣ сурат мегирад [4, с.61].
- сайд гирифтан –шикор кардани сайд, оҳу ё ҳайвони дигар;
- нахчир кардан- шикори нахчир кардан;
- юздорӣ кардан- парвариш ва ром кардани юзҳои шикорӣ [4, с.61].

Дар забони тоҷикӣ имкониятҳои луғавию семантикӣ ва калимасозии вожаи шикор хеле фаровон аст.

Шикор – калимаи тоҷикиасл мебошад, ки он аз натиҷаи амали шикорчӣ чунин номгузорӣ шудааст. Бар маънии нахчир, сайд, ҳайвоне, ки онро бо тир бизанад ё бо дом бигиранд; ҳайвони сайдшуда [9, с.798].

Шикоргоҳ- калимаи мураккаби тоҷикӣ ба маънои нахчиргоҳ, ҷойи шикор кардан, сарзамине, ки дар он шикор фаровон бошад, шикористон [9, с.798].

Шикоргир- шикорчии сайд, шахси шикоркунанда [9, с.799].

В) Истилоҳоте, ки ифодагари мафҳумоти марбут ба бозии чавгонанд. Дар Қобуснома оид ба чавгон бозидан боби алоҳида(19) бахшида шудааст. Муаллиф ба таълимгирандагон танҳо оид ба аҳамият ва мазаррати чавгонбозӣ, гӯй задан, савори асп дар куҷои майдон истодан ва амсоли инҳо тавсияҳои судманд додааст: «Бисёр касро аз чавгон бозидан бало расидааст. Дар соле ду бор нишоти чавгон бохтан кунӣ, раво дорам. Савор ҳашт беш набошад. Ту бар сари як майдон бипой ва яке дар охири майдон ва шаш дар миёни майдон гӯй мезананд» [4]. Пӯшида нест, ки чавгонбозӣ ихтирои мардуми эронитабор буда, то замони мо шакли классикии он дар Бадахшони Тоҷикистон ва Афғонистон роиҷ мондааст.

Чавгон – вожаи тоҷикиасл мебошад. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ ин гуна ташреҳ ёфтааст: чӯбдасти саркаҷ, ки бо он дар чавгонбозӣ гӯй, тӯби чӯбинро мезананд [8, Ҷ.2. с.518]. Ин вожа имкониятҳои зиёди калимасозӣ низ дорад:

Чавгонбозӣ – бозии гӯю чавгон;

Чавгонгар – чавгонбоз, бозандаи гӯю чавгон;

Чавгонмонанд – сархамида, чизи саркаҷ [(8, Ҷ.2. с.514].

Гӯ(й) – 1) ҳар чизи гирд, лӯнда, кулӯлаи аз латта, ресмон, чӯб ва ғайра сохташуда, ки бо он бозӣ мекунанд (тӯб, тӯби чавгон) [8, Ҷ.2. с.303].

Вожаи гӯй дар тасвири адибони классикӣ ҳамчун воситаи муҳимми ташбеҳу қиёс дар сохтани мафҳумҳои маҷозӣ хизмати назаррас дорад: гӯй рабудан – пешдастӣ кардан; гӯи гиребон – тугма; гӯи асар – курраи офтоб; гӯи гардон – дунё, ҷаҳон; гӯи замин – курраи замин; гӯи зар – офтоб; гӯи сим – моҳ; гӯи фалак – осмон; гӯи дониш бурдан – доноӣ, пешравӣ; гӯи латофат бурдан – нозукӣ, маҳинӣ; гӯи мардӣ даррабудан – мардонагӣ, шуҷоат нишон додан; гӯи саблат бурдан – ғолиб омадан, пешдастӣ; гӯи саодат рабудан – хушбахт шудан; гӯи фасоҳат бурдан – дар ширинсуханӣ аз дигарон гузаштан; гӯй аз хуршед бурдан – зебоӣ ва ғ.

Г) Истилоҳоте, ки мафҳумҳои вобаста ба корзорро зимни тафсили тартиби корзор кардан ё дар муҳориба иштирок доштан, таҷассум мекунанд. Унсурулмаолӣ як қатор дастурҳоро тавсия додааст, ки дар робита ба он аз чанд таркибу вожаҳои соҳавӣ истифода кардааст: амсоли корзор – ҷанг, муҳориба [7, Ҷ.1. с.564]; диранг // даранг – ист, таваққуф, таъхир, сустӣ, оҳистагӣ, муқобили шитоб [7, Ҷ.1. с.324]; хасм – адӯ, душман [8, Ҷ.2. с.353]; тақсир накардан –нуқсон, айб, хато, кӯтоҳӣ [8, Ҷ.2. с.353]; шамшер-сайф, шоф, қилич [8, Ҷ.2. с.564]:

Гар шер шавад адӯ чӣ бедор чӣ нуҳуфта,

Бо шер ба шамшер сухан бояд гуфт [4, с.63].

Гирифтор омадан- асир, бадӣ, мубтало гаштан, побанд шудан [7, Ҷ.1. с.258]; хуни ҳақ рехтан-бо душман мардонавор рӯ ба рӯ ҷангида ӯро мағлуб кардан; хуни ноҳақ рехтан – хуне, ки ба рехтани он касе ҳақ надошт [8, Ҷ.2. с.504]; лашкар – кӯшун, маҷмӯи фавҷҳои одамони мусаллаҳи ҷанговар [7, Ҷ.1. с.596]; банд кардан – асир кардан, гирифтор кардан [7, Ҷ.1. с.139]; сипоҳсолор – сарфармондеҳи лашкар [8, Ҷ.2. с.243]; маймака – тарафи рости лашкар, муқобили майсара; майсара – тарафи чапи лашкар, муқобили маймака [7, Ҷ.1. с.624]; тилоя – гурӯҳи пешгарди лашкар [8, Ҷ.2. с.313]; ҳазимат – шикаст хӯрдан, гурехтани лашкар, фирор кардан, мағлубият [8, Ҷ.2. с.716].

Ба ҳамин тариқ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус намунаи барҷастаи насри қарни XI-и форсу тоҷик маҳсуб ёфта, барои нишон додани хусусиятҳои гуногуни луғавию семантикӣ ва грамматикии таърихи забони адабии тоҷик ба сифати мавод хизмат карда метавонад. Бино ба қавли мусташриқи варзидаи рус Э. Бертелс «Қобуснома» на ба забони арабии асри XI, балки ба забони адабии сокинони қаламрави Сомониён, яъне тоҷикон навишта шудааст [4, с.6]. Истифодаи калимаҳои тоҷикиасли соҳаи варзиш, ансот, нард, мӯҳра, гӯй, чавгон, шикор, шикоргоҳ, сайд, нахчир, тир, каманд, шамшер ва даҳҳои дигар далели гуфтаҳои болост.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома». - Душанбе: Маориф, 1994. - 120 с.
2. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.
3. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 2. – Душанбе: Адиб, 1988. - 416 с.
4. Мулоаҳмадов М. Қобуснома / М.Мулоаҳмадов. - Душанбе: Суннатулло, 2017. - 190 с.
5. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик. Қисми 1 / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003, 490 с.
6. Сафаров Ш. Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик / Ш.Сафаров. – Душанбе: Матбуот, 2011. - 328 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. – Москва: Советская энсиклопедия, 1969. - 252 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2. – Москва: Советская энсиклопедия, 1969. - 950 с.
9. Ҳасан Амид. Фарҳанги Амид. – Теҳрон: Амири Кабир, 1383. - 1254 с.
10. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 8. – Душанбе, 1988.

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Дар мақолаи мазкур корбурди истилоҳоти соҳаи варзиш дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст. «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус намунаи барҷастаи асари пуразиши мансурест, ки вазъи забони тоҷикиро дар асри XI, хусусан, дар

ҷодаи истилоҳофарии истилоҳгузинӣ ба таври возеҳ муаррифӣ менамояд ва барои нишон додани хусусиятҳои гуногуни луғавию семантикӣ ва грамматикии таърихи забони адабии тоҷик ба сифати мавод хизмат карда метавонад. Пӯшида нест, ки «Қобуснома» аз лиҳози мазмуну мундариҷа бевосита ба мавзӯи варзиш ва шарҳи мафҳуму истилоҳоти ба он марбут бахшида нашудааст. Аз 44 боби он танҳо дар бобҳои 13-ум «Андар мазоҳ ва нарду шатранҷ ва шароити он», 18-ум «Андар шикор кардан», 19-ум «Андар савгон задан» бо баъзе истилоҳоти варзиш дучор омадан мумкин аст, ки дар онҳо муаллиф зимни тафсири суду зиёни ин ё он бозӣ ва навъи варзиш таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ҳамчунин, дар бобҳои 16-ум «Андар оини гармоба рафтан» ва 20-ум «Андар корзор кардан» бо баъзе мафҳуму истилоҳоте рӯ ба рӯ шудан мумкин аст, ки онҳо мантиқан бо варзиш қаробат доранд, зеро дар байни амалиёти варзишӣ, ҳарбӣ ва тандурустӣ робитаи зич мавҷуд аст, ки яке бо дигаре буда наметавонад.

Калидвожаҳо: ”«Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, вазъи забони тоҷикӣ, тафсири суду зиёни ин ё он бозӣ ва навъи варзиш, мафҳуму истилоҳотимантиқан бо варзиш қаробатдошта.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СПОРТИВНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В “КАБУСНАМЕ” УНСУРМАОЛИ КАЙКАВУСА

В данной статье автор подверг изучению и рассмотрению использование спортивной терминологии в произведении “Кабуснаме” Унсурмаоли Кайкавуса. Данное произведение является выдающимся памятником классической персидской и таджикской художественной прозы, который стал первым известным прозаическим произведением персидской литературы. В нем рассматривается состояние таджикского языка в XI веке, особенно, в области терминообразования. Данное произведение может послужить важным материалом при изучении различных словарных, семантических и грамматических особенностей современного таджикского языка Очевидно, что «Кабуснаме» с точки зрения значения и содержания не посвящена только теме спорта и спортивной терминологии Собрание поучений, объединенных в сорок четыре главы, повествует о том, как подобает вести себя в разных жизненных ситуациях. Из 44 его глав только в 13, 16,19, 20 главах можно встретить некоторые спортивные термины, в которых Кайкавус пишет о пользе и вреде той или иной игры или вида физического упражнения. Также в 16-ом и 20-ом главах можно встретить некоторые понятия и термины, которые логически связаны со спортом, так как среди спортивных, военных и оздоровительных операций существует близкая взаимосвязь.

Ключевые слова: «Кабуснаме» Унсурулмаоли Кайкавуса, состояние таджикского языка, толкование о пользе и вреде той или иной игры или вида физического упражнения, понятия и термины логические связанные со спортом.

USE OF SPORT TERMINOLOGY IN “KABUSNAM” UNSURMAOLI KAYKAVUS

In this article, the author has studied and considered the use of sports terminology in the work “Kabusname” by Unsurmaoli Kaikvus. This work is an outstanding monument of classical Persian and Tajik artistic prose, which was the first known prose work of Persian literature. It examines the state of the Tajik language in the XI century, especially in the field of term formation. This work can serve as an important material when studying various vocabulary, semantic and grammatical features of the modern Tajik language. how to behave in different life situations. Of the 44 chapters in only 13, 16, 19, 20 chapters, one can come across some sports terms in which Kaikavus writes about the benefits and harms of a particular game or type of physical exercise. Also in the 16th and 20th chapters, you can find some concepts and terms that are logically related to sports, since there is a close relationship among sports, military and recreational operations.

Key words: “Kabusnam” Unikurulmaoli Kaikvus, the state of the Tajik language, interpretation of the benefits and harms of a game or type of physical exercise, the concepts and logical terms associated with sports

Сведения об авторе: ***Шафоатов А.*** - Таджикский физкультурный институт им. С.Рахимова, кандидат филологических наук, заведующий кафедры языков. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Лучоб, 53

Information about the author: ***Shafoatov A***. - Tajik Institute of Physical Education. S. Rakhimova, Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Languages. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 53

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ
Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

УДК: 891.550:016:929

ИСТЕЪДОДИ НОДИР ВА ВУСЪАТИ ҶАҲОНБИНИИ Ӯ
(Назаре ба эҷодиёти Чингиз Айтматов ва иртиботи он ба тоҷикон)

Имомзода М.С., Зайниддинзода М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз мероси ақвоми туркизабон маълум мегардад, ки халқи қирғиз низ дар қатори халқиятҳои дигар дар ташаккул ва бунёди адабиёти гузаштаи умумитуркӣ саҳмгузор аст. Дар ёдгориҳои асрҳои X-XIII-и умумитуркӣ, аз қабили «Урхон-Енисей», «Қуталғу-билиқ» ва «Девони луғот-ат-Турк» номи қирғизҳо низ зикр гардидааст. Аммо халқи қирғиз беш аз ҳама ба мероси шифоҳии худ ифтихор дорад, аҳдофу вазифа ва орзуву омоле, ки дар халқҳои дигар тариқи адабиёти хаттӣ ифода ёфтаанд, барои қирғизҳо фолклор, яъне адабиёти шифоҳӣ иҷро кардааст. Эпоси бузургҳаҷми онҳо «Манас», ки як навъ таърихномаи ин халқ аст, обрӯи ҷаҳонӣ дорад.

Нависандаи шуҳратёр Чингиз Айтматов дар пешгуфтори нашри тоҷикии «Манас» ҳамин матлабро ба таври возеҳ зикр намудааст. «…Яке аз қадимтарин халқҳои Осиёи Миёна будани халқи қирғиз ба илми таърих маълум аст. Халқи қирғиз дар роҳи сабзиши худ бисёр офатҳоро паси сар карда, намунаҳои барҷастаи маданияти эпикӣ сохт. Агар халқҳои дигар маданияти қадим ва таърихи худро дар адабиёти хаттӣ, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ, театр, рассомӣ ҳифз дошта бошанд, пас халқи қирғиз идроки миллӣ, орзуву андеша, мубориза, мақсад ва дар як қатор ҳодисоти таърихӣ воқеияти худро дар жанри эҷодиёти даҳонии халқ мунъакис сохтааст» [11, с.4]. Решаҳои таърихии иртиботи байниҳамии халқҳои тоҷику қирғиз низ аз ҳамин ёдгории муҳташами лафзӣ манша мегирад. Ғайр аз иртиботе, ки аз дарунмояи ин эпос маълум мегардад, далели ҳанӯз дар асри XIV арзи андом намудани варианти тоҷикии «Манас» нишони дерина будани гуфтугӯи тамаддунҳои тоҷикиву туркӣ ва аломати натиҷабардории судманди халқу қавмҳои минтақа маҳсуб мешавад.

Бо вуҷуди ин ҳама, пешрафт ва шукуфоии адабиёти миллии қирғизӣ ба замони шӯравӣ рост меояд. Баробари тавлиди матбуоти миллӣ, каломи хаттӣ ва тадриҷан адабиёти хаттии қирғизӣ низ ташаккул ёфт. Адибони навқалами қирғиз бо такя ба назми эпикии қирғизӣ ва адабиёти халқҳои дигар адабиёти миллии худро ташаккул доданд ва эҷодкороне дар арсаи адабиёт пайдо шудаанд, ки на танҳо барои халқи қирғиз, балки барои ҳамаи халқҳои собиқ шӯравӣ боиси ифтихор гардидаанд.

Чингиз Айтматов аз зумраи ҳамин қабил адибон буда, тавассути асарҳои ҳунармандона эҷоднамудааш обрӯи ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Ҳарчанд замони кунунӣ номи Чингиз Айтматов ҳаммаъно ва ҳамрадифи халқи қирғиз гардидааст, ба ҳеҷ ваҷҳ маънои онро надорад, ки адабиёти замони шӯравии қирғизӣ танҳо аз осори ӯ иборат бошад. Чингиз Айтматов солҳои 50-уми асри XX вориди адабиёт гардид. То ин давр адибоне чун Тоқтагул Сатилғанов, Тоғолоқ Молдо, Аалӣ Токонбоев, Туғолбой Сиддиқбеков, Муқай Элбоев, Ҷавонмард Буқанбоев, Юсуф Турусбеков, Молдоғозӣ Туқабоев, Малика Собирова, Аликул Усмонов, Кубаничбек Маликов, Айсул Токомбоева, Қосималӣ Боялинов ва дигарон дар қолабҳои гуногуни назму наср ва драматургия асарҳо эҷод намуда, дар рушди адабиёти қирғизӣ ҳисса гузоштаанд.

Аммо, Чингиз Айтматов ба адабиёт бо роҳи нав, бо рӯҳи нав ва бо нафаси тоза ворид гардид. Адиби рус Константин Симонов баъди ошноӣ ба офаридаҳои аввалини Чингиз Айтматов бо хушнудӣ изҳор карда буд, ки «ба адабиёти сермиллати советӣ як истеъдоди нодир ва покиза ворид шудааст» [6, с.3].

Ин «истеъдоди нодир ва покиза» роҳи ҳаётии аҷоиберо низ тай намудааст. Ба эътибори эътирофи нависанда падар ва модараш аз аҳли савод буда, ӯ 12 декабри соли 1928 дар деҳаи Шакари райони Кирови Қирғизистон таваллуд ёфтааст. Чингиз Айтматов дар «Ёддоштҳо»-яш овардааст, ки «Бобоям Айтмат баъди сӯхтани осиёбаш бо падари ман Торекули 12-сола барои кор ба сохтмони тунели роҳи оҳани наздикии Маймак рафтааст. Падари ман дар ҳамин ҷо ба мактаби русӣ – туземии Авлиё-Ота (ҳозира шаҳри Ҷамбул) меафтад ва таҳсил мекунад. Солҳои аввали

инқилоб падари ман аз шахсони босавод ва яке аз нахустин коммунитсони қирғиз ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар вазифаҳои роҳбарикунанда низ кор карда аз сиёсат ва адабиёт огоҳии комил дошт. Модарам Наима Ҳамзаевна Айтматова низ зани босавод ва замонавӣ буд. Маҳз ҳамонҳо маро ба фарҳанги рус, забони русӣ ва адабиёти рус ошно намудаанд, муҳаббат ба забони модариро дар дили ман модаркалонам бедор намудааст» [3, с.26-27; 7, с.339; 9, с.12-25.]

Ч. Айтматов қайд намудаст, ки дар синни 5-солагӣ бори аввал ба сифати тарҷумон хидмат намуда, луқмаи гӯшти обҷӯшро чун музди хидмат гирифтааст. Ин воқеа чунин будааст: Чун ҳарвақта тобистон дар авул ҳамроҳи модаркалонаш зиндагӣ ба сар мебурду ногаҳон яке аспҳои хушзоти колхоз, ки аз Россия овардаанд, дар натиҷаи истеъмоли алафи заҳрнок ҳалок мешавад. Чӯпонони қирғиз барои исботи ин ҳодиса ва ҳароси ҷавобгарӣ, аз марказ намоянда даъват мекунанд. Намоянда забони қирғизиро намедонаду чӯпонони қирғиз забони русиро. Ногаҳон ба ёдашон Чингизи 5-сола мерасад, ки аз шаҳр ба авул, назди модаркалонаш омадаву забони русиро медонад ва ӯро назди намоянда меоранду ӯ матлаби ҷонибҳоро ба ҳам мерасонад.

Ҳамчунин нависанда дар хотираҳояш овардааст, ки сарсониҳои оилавии мо соли 1937, баъди падарамро, ки коркуни ҳизбӣ ва шунавандаи Институти профессурии сурхи Москва буду репрессия намуданд, оғоз ёфт. Дере нагузашта ҷанг оғоз меёбад ва соли 1942 Чингиз хонданро қатъ намуда боз ба деҳа бармегардад. Вақте ки ӯро ҳамчун нафари саводноки деҳа котиби шӯрои ҷамоа таъйин намуданд, 14-сола буд. Ӯ дар солҳои ҷанг чун агенти шуъбаи молияи район ва ҳисобчии бригадаи трактории низ фаъолият намудааст.

Соли 1946 баъди хатми синфи ҳаштум ба техникуми зооветинарии шаҳри Ҷамбул дохил шуда онро бо баҳои аъло хатм намуд ва якбора ба Институти хоҷагии қишлоқи Қирғизистон қабул шуда, институтро низ бо баҳои аъло ба итмом расонид.

Ба адабиёт, тарзе ишора гардид, аз ҷавонӣ иштиёқ дошта, солҳои донишҷӯӣ ҳамин рағбат ба рукни ҷудонопазири ҳаёти ӯ мубаддалгардидааст. Аммо ба кори адабиёт машғул гардидани ӯ низ як таърихчаи аҷиб дорад.

Ман бисёр мехостам, ки дар бораи ҷанг ва қаҳрамонии халқи шӯравӣ асарҳо хонам, навиштааст дар хотираҳояш. Дар адабиёти қирғиз ин мавзӯъ он замон аниқ баррасӣ нагардида буд ва Чингиз Айтматов барои ба халқаш ошно намудани воқеоти ҷанг ихтиёрӣ асарҳои «Сын полка» ва «Белую березу»-ро тарҷима намуда ба нашриёт мебарад, вале аз ходимони нашриёт мефаҳмад, ки ин асарҳо кайҳо тарҷима гардидаанд. Ӯ меафзояд, ки ҳарчанд ин ҳодиса бароям ногувор буд, вале ибтидои кори адабии ман гардид.

Ба эътибори гуфтаву навиштаҳои нависанда ҳикоятҳои аввалинаш ҳангоми чун зоотехник кор карданаш эҷод шудаанд. Соли 1956 барои таҳсил дар курси олии адабии Институти ба номи Горкий ба шаҳри Москва рафта, соли 1958, баъди хатми он чун муҳаррири маҷаллаи «Литературный Киргизстан» ва тайи 5-сол чун мухбири махсуси рӯзномаи «Правда» дар Қирғизистон адои вазифа нумудааст.

Арзанда ба зикр аст, ки ҳамон даврон ба сифати мухбири махсуси рӯзномаи «Правда» ба Тоҷикистон – ноҳияҳои Айниву Панҷакент ташриф оварда, дар маъракаи нақоти мардум аз офати обхезии шадиди рӯди Зарафшон ширкат варзида, бо унвони «Зарафшон, Зарафшон таслим шав» репортажи лирикӣ навиштааст, ки ба гумони ботил, ин аввалин дидор аз кишвари тоҷикон аст.

Дар замони камолоти нависандагӣ ва ифои вазифа дар мақомҳои гуногуни давлативу ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи Чингиз Айтматов ба Тоҷикистон ва адабу фарҳанги тоҷикӣ густариш пайдо кард ва миёни ӯву эҷодкорони тоҷик риштаҳои дӯстиву ҳамкорӣ тақвият ёфта, ба ҳаводиси рӯзгор ва сарнавишти инсон назари ҳамгун доштани онҳо ба субот расид.

Барқияи тасаллият, ки дар иртибот ба заминларзаи шадиди Ҳисор ба унвони Муъмин Қаноат ва Акбар Турсунов ирсол намудааст ва ҷадалҳои пайгирона барои оромии Тоҷикистон замони ҷанги шаҳрвандӣ нишони ҳамдиливу ҳамдардӣ ва андеша сари осоиши бани башар аст.

Дар матни барқия омада, ки «Акбари азиз! Муъмини азиз! Заминларзаи даҳшатбор дар Ҳисор, ки чандин инсонро ба ҳалокат расонид, мусибату андуҳи ҳамаи мост. Сарнавишти мо – халқҳои сокини кӯҳсорони Помиру Тиён-Шон ҳамин аст. Ман аз хеш мепурсам, ки оё замоне фаро мерасад, то илм ва иқтисоди бохирадона ба таври ҳақиқӣ ба дарки қонунҳои ҳаводиси кӯҳистон ва сукунат додани инсонҳо дар асоси илми демография машғул хоҳанд шуд? Ва ё ин ки мо

ҳамеша қурбониёни нотавони заминларза хоҳем буд? Инсон ҳамчунон ҳазор сол пеш аз ин комилан дар баробари ҳаводиси даҳшатноки табиат бедифоъ ва оҷиз мебошад. Мебояд дар тамоми минтақаи мо ба таври ҷиддиву дастҷамъӣ ва дар олитарин сатҳ омӯзиши илми зилзиласанҷиро ба роҳ андохта, барои ин кор ҳеҷ чизро дареғ наварзем. Шумо ин масъаларо дар ҷумҳуриатон ба миён гузоред ва мо ҳам матраҳ ба миён мегузорем».

Чингиз Айтматов бо ду забон – русӣ ва қирғизӣ асар менависад. Навиштаҳои нахустини ӯ як навъ бардошт ва натиҷагирӣ аз зиндагии худу халқаш буда, бо самимият ва рангу бори тозааш афзалият дорад. Ӯ нависандаест, ки ранҷу заҳмат ва шодиву сурури мардуми одиро тасвир намуда, ҳамроҳи онҳо ғусса мехӯрад ва бо онҳо шодмонӣ менамояд. Тарзе ишора гардид, фаъолияти эҷодии ӯ аз навиштани хабару мақола ва тарҷимаи осори адибони рус оғоз гардида, ба тадриҷ ба таълифи ҳикояву қисса ва романҳои калонҳаҷм расидааст. Ҳикояи нахустини ӯ «Рӯзномафурӯш Дзюйдо» буда, соли 1952 навишта шудааст. Рӯзгори рӯзномафурӯшӣ барои нависанда аз давраи бачагиаш шинос буда, талхиву шириниҳои ин касб дар вуҷуди худи ӯ низ омезиш ёфтаанд. Дар хотираҳояш менигорад, ки ҳангоми чун котиби ҷамоа кор кардан вазнинтарин лаҳзаҳо ба ҳамдеҳагон расонидани хабари марги наздикони онҳо дар ҷанг буд. Баъди таълифи ин ҳикоя ва хонанда пайдо намудани он, ҳикояҳои «Ҳошим» (1953), «Сепоячӣ», «Борони сафед» (1954), «Ҳарифон», «Дар замини лалмӣ», «Дар соҳилҳои Бойдамол» (1955) ва ниҳоят қиссаи «Рӯ ба рӯ» (1957) ба табъ расиданд.

Аммо ибтидои шуҳрати ҷаҳонӣ ёфтани ном ва осори Ч. Айтматов таълифи повести «Ҷамила» аст. Ин асар соли 1958 чоп гардид ва базудӣ ба забонҳои гуногун тарҷума шуда, дар олами адаб нуфуз пайдо намуд. Номи аввали ин асар таъбири шоиронаи «Наво»-ро дошт ва адиби номии рус А.Твардовский онро дар маҷаллаи «Новый мир» бо унвони «Ҷамила» ба табъ расонид. Нависанда дар ин асар аз ишқу муҳаббати ду дилдода – Ҷамилаву Дониёр бо усули хосси бадеӣ қисса менамояд, ки аз ҷиҳати банду баст ва мантиқи сюжет ва ҳам аз лиҳози сабки эҷод дар адабиёти советии қирғиз собиқа надошт.

Дар бораи қаҳрамони ин повест – Дониёр, нависанда менависад: «Ӯ инсоне буд ниҳоят ошиқ. Ман ҳис мекардам, ки ӯ ҳамту ба инсони дигар ошиқ набуд. Ин ишқи дигару бузургтар буд: ба зиндагӣ; ба замин. Бале, ӯ ин муҳаббатро дар худу дар навои худ ҳифз мекард ва бо он мезист. Инсони хунсард чунин суруда наметавонист, чунин овое намедошт». Воқеан ин асар зиндагиро бо ҳама амиқию нотакрорӣ ва талхиву шириниҳояш дар худ ғунҷоиш додааст. Баъди дар маҷаллаи «Новый мир» чоп гардиданаш ин повест аз ҷониби нависандаи хушсалиқаи тоҷик Пӯлод Толис пазируфта шуд ва бо ҳидояти ӯ Ф.Муҳаммадиев онро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, адабиёти тарҷумавии тоҷикро бо асари тозаи ҷолибе ғанӣ гардонид.

Нависандаи бузурги фаронсавӣ Луи Арагон ин повести Ч.Айтматовро «беҳтарин дар ҷаҳон қиссаи муҳаббат» номид. Дарвоқеъ, образи духтари подабони қирғиз Ҷамила на танҳо дар насри бадеии қирғиз, балки дар адабиёти советӣ низ сухани тоза буд.

Фазлиддин Муҳаммадиев ёдовар шудааст, ки «Он вақтҳо дар журнали «Шарқи Сурх» (ҳоло «Садои Шарқ») кор мекардем ва рӯзе Толис маро ба кабинети худ ҷеғ зада, ба дастам шумораи нави журнали «Новый мир»-ро дода гуфт: Ин ҷо «Ҷамила» ном повест чоп шудааст. Ҳаминро тарҷума мекардед… Майлаш, лекин кай? – ҳар чӣ зудтар, беҳтар, ҳамин ҳафта тайёр шавад, боз хубтар».

Фазлиддин Муҳаммадиев ба ин хидмати худ аввалан як нависандаи дорои сабку услуби тозаро ба хонандаи тоҷик ошно намуд ва барои тарҷумаҳои минбаъдаи осори Чингиз Айматов роҳ кушода бо ривоҷ ёфтани тарҷумаи асарҳои ин адиби қирғиз давраи нави робитаҳои адабии халқҳои тоҷику қирғизро низ роҳандозӣ намуд. Ин оғози файзбахши ибтикороти адабӣ тадриҷан ба ёдкарди анъанаҳои дерин ва самар овардани ҳамкории миёни эҷодкори ду халқи таърихан бо ҳам дӯсту бародар гардид.

Фазлиддин Муҳаммадиев баъди тарҷумаи «Ҷамила» (1960) ба шахсияти эҷодӣ ва осори нависандаи қирғиз меҳри афзун пайдо кард ва соли 1966 повести «Алвидо Гулсарӣ» ва соли 1984 романи «Дуроҳаи Бӯронӣ»-ро бо камоли маҳорат ба тоҷикӣ тарҷима намуд. Дар ҷараёни тарҷумаи роман, ки ривоёту асотирҳои зиёд мавриди истифода қарор гирифтаанд, дар зеҳну шуури тарҷумон оид ба мавқеи истифода ва саҳеҳияти ривоятҳои дерин андешаи дигаргуна пайдо шуд ва ба эътибори гуфтаи нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун ин қазияи суолангез дар вохӯриву суҳбати Фазлиддин Муҳаммадиев ва Чингиз Айтматов саҳеҳият пайдо намуданд.

Тарзе ба гуфта омад, Фазлиддин Муҳаммадиев ба шахсияти адабии Чингиз Айтматов низ назари худро доштанд, ки баёнгари он таълифи мақолаи «Чингизи мо», ки нахуст дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» (1977) ва баъд дар шакли такмилёфтааш дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1977, №4) бо унвони «Нориниёнем мо» нашр гардидааст.

Аз сӯйи дигар Чингиз Айтматов низ нигоҳи нек ва ихлоси худро оид ба адабиёт ва шахсиятҳои адабии тоҷик дар гуфтору навишtораш баён намудааст, ки далелаш метавонад таълифи мақолаи кӯтоҳ, вале пурмеҳри ӯ «Ду устод» бошад. Таълифи ин мақолаи Чингиз Айтматов ва бо муҳаббат оид ба ҳунари эҷодӣ ва шахсияти абармардоне чун Садриддин Айнӣ ва Мухтор Авезов сухан гуфтан, далели равшани эътирофи таърих ва корномаи фарзандони фарзонаи он аст.

Дар ин мақола баён ёфта, ки «Имрӯз ман дар назди хонандагон муҳаббату садоқати худро нисбат ба Мухтор Авезов ва Садриддин Айнӣ эътироф мекунам. Онҳо нависандагони беназиранд. Авезов ва Айнӣ сифатан бо ҳам умумият доранд, аммо дар ҳалли мавзӯъ ва масъалаҳои бузурги эҷодӣ дар онҳо тафовути махсус дида мешавад. Айнӣ одӣ, зоҳиран орому ботамкин аст. Вале дар симои қаҳрамононе, ки ин пири хирадманди шарқи мо дар даврони шикасту вуруни таърихӣ тасвир мекунад, хонандагон ғазабу изтироби беандозаро мебинанд. Ӯ халқро дар арсаи таърих дар шахси одамони нек таҷассум мекунад. Ин буд, ки ба таври фавқуллода сохти куҳна, ҳокимони «Бухорои шариф» ва муҳтасибу ҳасудони худхоҳи онро бераҳмона маҳкум кард. Айбномаи ӯро дифою рад кардан имконнопазир аст» [2, с.88-89].

Замони дигар, тарҷумаи осори адиби қирғиз пайи ҳам ба забони тоҷикӣ суръат гирифта, дастрасӣ ба эҷодиёти ӯ домани фарох пайдо кард ва омӯзишу баҳрабардорӣ аз тасвир, ҳунари образофарӣ, сужаҳо ва нигоҳи вижа ба рӯйдодҳои олам низ суръат гирифта, эҷодиёти ӯ барои адибони тоҷик ба сифати мактаби маҳорат хидмат кард. Адиби номвар Мирзо Турсунзода замоне, ки шуҳрати ҷаҳониро соҳиб буданд, бо огаҳӣ аз истеъдод ва ҳунари нависандагии Чингиз Айтматов гуфта буданд, ки «Таърих акнун ду Чингизро медонад. Чингизи аввал мехост, ки ҷаҳонро бо шамшер таслим кунад, вале худ бадноми ҷаҳон гашт. Чингизи дуюм Айтматов ҷаҳонро бо сухан тасхир кард ва некноми ҷаҳон гаштааст!» [6, с.3].

Чун худи нависандаи қирғиз муътақиди андешае аст, ки «халқи қирғиз асрҳо ҳампаҳлуи бародарони тоҷикаш зиндагӣ мекард» дар осори ӯ, бавижа повестҳояш тасвирҳо ва масъалагузорӣ, некиву бадӣ, умед ба оянда, андешаи буду набуд, муносибат ба анъанот ва дину оин, табиат ва асрори муъҷизавии он барои соири халқу миллатҳо, ғолибан халқҳои қирғизу тоҷик умумияти мантиқӣ доранд. Инро аз повестҳои «Сарвқади рӯймолсурхаки ман», «Муаллими нахустин», «Роҳи каҳкашон» ва дигар асарҳои Чингиз Айтматов ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Яъне, агар дар ташаккули реализми насри Чингиз Айтматов таъсири амиқи устодони сухан С.Айнӣ ва М.Авезов эътироф гардида бошад, айни замон Ф.Муҳаммадиев, С.Турсун, Сорбон, А.Самадов, Ю.Акобиров ва дастаи назарраси эҷодкорони қазоқу ӯзбеку туркману тотор ва умуман минтақа аз осори насрнависи соҳибистеъдоди қирғиз баҳра бардоштаанд.

Повести «Сарвқади рӯймолсурхаки ман» (1961), ки аз ишқи нобарори ду дилдода Илёс ва Асал ҳикоят мекунад аз рӯйи мавзӯъ ба повести «Ҷамила» наздикӣ ва қаробате дошта бошад ҳам, нависанда дар ин асар кӯшидааст рӯзгори муосирони моро бо тамоми мураккабӣ ва ихтилофаш тасвир намояд. Қаҳрамонони ин асар Илёс ва Асал бо осонӣ ба ҳамдигар дил баста оила бунёд мекунанд, вале кӯтоҳандешии Илёс боиси вайронии оила мегардад. Нависанда дар ин повестҳо, ки мантиқан ҳамоҳанганд, лаҳзаи оғозу анҷоми ишқро табиӣ ва боварибахш ба риштаи тасвир кашида, фалсафаи зиндагиро дар ҳалли онҳо изҳор намудааст.

«Муаллими нахустин» (1962) повесте аст, ки аз қисмати нахустин муаллими авули Куркурев Дюшени хоксору фурӯтан ҳикоят мекунад. Дюшен дар солҳои пурошӯб дар авулҳои дурдаст мактаб кушода ба наврасон савод меомӯзад ва онҳоро водор месозад, ки сиёҳу сафедро фарқ намуда барои ояндаи фирӯзашон ҷадал намоянд. Қисмати Дюшен – ин нахустмуаллими авулҳои қирғизӣ қисмати онҳоест, ки пойдевори ҳаёти имрӯзро дар он солҳои пурошӯб ниҳода, умрашонро дар ин роҳ бохтаанд.

«Повести «Роҳи каҳкашон» (1963) як навъ қуллаи нав дар эҷодиёти Ч.Айтматов буда, дар он муноҷоти зани одӣ ва фурӯтани қирғиз Тулганой дар назди инсоният, дар назди замин ва дар назди онҳоест, ки роҳи пуразоби ҷангро паймудаанд. Нависанда дили модари дилреш ва фарзандгумкардаро кушода, дард ва андешаҳои

ӯро аз авули дурдасти кӯҳистон ба модарони олам ва онҳое, ки дар ҷанг фарзандонашонро бохтаанд, мерасонад.

Ба таври умум асарҳои дар тӯли солҳои 1966-80 офаридаи Ч.Айтматовро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд. Ба гурӯҳи аввал се повести зикргардида ва «Чашми уштур»-у «Турнаҳои бармаҳал» дохил шудаанд.

Дӯсти донишманди нависанда, файласуфи тоҷик Акбари Турсон таъкид намудааст, ки «симои адабию ғоявии ин асарҳоро романтикаи инқилобӣ муайян ва мушаххас мекунад, ки аз ҷанбаи умда ва муштараки онҳост. Қаҳрамонҳои адабии ин асарҳо ғолибан фардҳои иҷтимоан фаъол – ҷавонмардон ва наврасонеанд, ки бо тақозои рӯзгор ба пешгоҳи зиндагӣ баромада, ба набарди нобаробар мепардозанд ва оқибат пирӯз мешаванд» [1, с.3].

Мавриди ба ёдоварист, ки «мувофиқати афкор ба зиндагӣ» ин донишманди фарохназари тоҷик ва Чингиз Айтматовро бо ҳам дӯсту қарин гардонида, бо муштаракӣ ва ҳамгунии назар ва ҳавсала ҷиҳати бозгӯ, масъалагузорӣ ва роҳи ҳалли қазияҳои умумибашарӣ водор намудааст. Акбари Турсон дар мақолаву асарҳояш аз арзиши умумибашарии осори Чингиз Айтматов бо сароҳат ёднишон мешавад ва решаи эҷодиёти ӯро аз «фолклори халқҳои туркизабон, адабиёти классики рус ва ҳозираи советӣ ва адабиёти ҷаҳон (махсусан адабиёти Америкаи лотинӣ ва Япония)» дониста, истифодаи асотиру ривоятҳоро аз вижагии услуби ӯ меҳисобад. Ӯ бо назардошти таҷрибаву малакаи эҷодии Н.В. Гогол, Ф. Кафка, М. Манн, М. Булгаков ва Г. Маркс иброз медорад, ки «барои нависандаи ҳунарманд асотири куҳан ё ривояти халқ сюжети сюрреалистӣ ё бофтаи фантастикӣ фақат сарчашмаи таъмулии адабиест, ки бо кашфиёти нави бадеӣ анҷом ёфта метавонад. Айтматов аз ҷумлаи чунин нигорандагон аст. Дар эҷодиёти ӯ воситаҳои мазкури адабӣ на фақат васоити тасвирро ғанӣ мегардонанд, балки доираи ҷустуҷӯҳои ғоявию бадеии нигорандаро васеъ мекунанд. Сюжетҳои офаридаи Айтматов аз фантастика ё ривоятҳои ҷудогона таркиб наёфтааст; фантастика ва ривоят фақат ба ташаккул ва инкишофи сюжет ёрӣ мерасонад ва ё ба сурати ҳикояти василатӣ даромада шоҳу барги ҷудогонаи онро ғизои маънавӣ медиҳад».

Ин андешаи аз назари амалӣ ва назариявӣ саҳеҳи донишманди тоҷикро олимони ватаниву хориҷӣ, ки оид ба паҳлуҳои мухталифи эҷодиёти Чингиз Айтматов ибрози назар кардаанд, тақвият додаанд.

Дар навбати худ Чингиз Айтматов бо қаноатмандӣ аз шиносоӣ бо ин донишманди тоҷик иброз намуда, ки «… Ва ман, бо ӯ, дар он ҷо (дар Париж, И. М., З.М.) ошно шудам, эҳсос кардам, ки риштаҳои кадомин як диди ба ҳам мутаносиби назар ва муҳимтар аз ҳама мувофиқати афкор ба зиндагӣ, ба дирӯз ва имрӯз моро ба якдигар пайванд ва дилбанд мекунад. Алҳақ, афроди аҷиб ва наҷиб кам нестанд, хосса бихрадон фузунанд. Вале фарде, ки туро чун оҳанрабо ба сӯйи хеш кашад ва ҳузури ӯ ҳар дафъа туро идгоҳ бошад, бегумон ин фард дорои фазиластест дигаргуна. Акбар Турсунов инсонест баҳравар аз сарчашмаҳои рангоранги фазлу хирад ва рӯдбори фарҳанг».

Ҳамкории эҷодӣ ва илмии ин ду нобиғаи замон фаҳмиши ҷаҳоншиносӣ, вусъати назар ва дониши ҳамдигарро такмил дода, чун шахсиятҳои таъсиргузор дар амали баҳрабардорӣ аз таҷрибаву дониш, ҳамдилӣ ва тақвияти иртиботи байниҳамии халқҳо намунаи ибрат гардиданд.

Чингиз Айтматов иқрор ба он аст, ки «Маҳз ӯ ба ман аввалан чандин иқтибос ва пасон шеърҳову пораҳои бузурги эҷоди Абӯалӣ ибни Сино, Рӯдакӣ ва дигар нобиғаҳои классики назму фалсафаи Шарқро барои қироат пешниҳод кард» [1, с.3].

Ин қазияҳо аз он башорат медиҳанд, ки нависандаи оламшумули қирғиз ва донишманди пурдону пуркори тоҷик дар давраи нави таърихӣ бо амали хеш ба робитаҳои адабӣ ва илмии халқҳои тоҷику қирғиз мазмун ва сифати тоза бахшиданд.

Повестҳои «Алвидо, Гулсарӣ» (1966), «Киштии сафед» (1970), «Саги алое, ки лаб лаби баҳр метозад» (1978) ва романи «Дуроҳаи бӯронӣ» (1980) баёнгари таҷассуми таҳаввули эҷодист, ки нависандаи қирғиз аз охири солҳои шаст ин чониб аз сар гузаронидааст. Ин ҷо сухан аз тағйир ёфтани диди эстетикии нависанда меравад, ки дар маҷрои муштараки инкишофи адабиёти советӣ сурат гирифтааст. Нависанда суст гардидани ҷанбаи романтикию дидактикӣ ва баръакс қувват гирифтани ҷанбаи реалистию фоҷиавиро дар назар дорад, ки дар насри солҳои 70-ум зоҳир мешавад.

Таълифи романи «Дуроҳаи бӯронӣ» дар назди инсоният вазифаи нав – андешаи амиқи дирӯзу имрӯз ва пайванди наслҳоро гузошт. Аз нашри ин роман фурсати зиёде

нагузашта истилоҳи «манқурт» машҳур гардид ва акнун онҳоеро, ки ба муқаддасот имон намеоранд ва аслу насли худро намешиносанд, манқурт мегӯянд. Яъне, ин кашфиёти нависандаи қирғиз моҳияти умумибашарӣ касб намуд.

Шоираи маъруф Гулрухсор низ ба ҳамин ақида аст, ки ибораи «манқурт»-и муғулӣ тавассути адиби қирғиз ҳамчун рамзи одами аз зоду бунёд, решаву асл ва падару модари хеш ғофили қимоб ба адабиёти ҷаҳон ворид гардид.

Адабиётҳо аз дӯстӣ, мукотибот, диду боздид, тарҷума ва арзишдоварии осори ҳамдигари адибон суд мебардоранд, доираи хонандагонашон густарда мешавад ва робитаҳои адабӣ сифати тоза мегирад. Хушбахтона, манфиати ин амал собиқа дорад ва дар таърихи замони шӯравии адабиёти тоҷик ба далелҳои зиёди масарратбахш рӯ ба рӯ шудан мумкин аст, ки ба манфиати адабиётҳо хидмат карда, дӯстии халқҳоро тақвият бахшидаанд.

Шахсият ва эҷодиёти Чингиз Айтматов ҳам дар замони Шӯравӣ ва ҳам замони ба истиқлолияти давлатӣ расидани халқҳои тоҷику қирғиз вазифаи васлгариро иҷро кардааст. Нависанда низ зимни бозгӯи нақши адабиёт ва эҷодкорон дар ҳаёти маънавии ҷомеа таъкид кардааст, ки «Творци литературы, как мосты, пролегают на нашем жизненном пути. Это – мосты мысли и дуна. Мосты, связующие поколения людей, связующие мир в главных нравственно-философских проблемах «единого человеческого обшежития» на планете, мосты, по которым идет накопление культурных ценностей и опыта, познаний, о духотворенных гнетической, глубоко выстраданной идеой гуманизма» [12, с.7]. Муносибатҳои эҷодии Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Муъмин Қаноат, Юсуф Акобиров ва Саттор Турсун бо Чингиз Айтматов ва натиҷаи файзбахши он ба адабиётҳои тоҷику қирғиз ба аҳли таҳқиқ ва хонандагон равшан мебошад. Гурӯҳи дигари адибон ва тарҷумонҳои тоҷик мустақиман осори Чингиз Айтматовро ба тоҷикӣ баргардон намуда, дар ғановатмандии адабиёти тарҷумавии тоҷик ва таҳкими робитаҳои адабӣ саҳм гузоштаанд.

Дар ин миён шоираи номдор Гулрухсор чун ба адабиётҳои пешрафтаи олам, ба адабиёти қирғиз ва хосса ба эҷодиёти Чингиз Айтматов таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуд ва мусофирати иҷбории чандсолаву дар шаҳри Бишкек зиндагӣ ихтиёр кардан ин ҳусни таваҷҷуҳ ва ошноӣ ба таъриху адаби халқи қирғизро таҳким бахшид. Дӯстӣ ва ҳамкории эҷодии Гулрухсор ва Чингиз Айтматов боиси муҳаббат ва дилгармии бештар пайдо намудани хонандаи тоҷики қирғиз ба намунаи шеъру насри ҳамдигар гардид. Шеъри Гулрухсор тавассути тарҷумаи русиаш алоқамандони зиёд пайдо кард ва чеҳраҳои номдори адабие чун Расул Ғамзатов ва Чингиз Айтматов шоираи тоҷикро дар радифи эҷодкорони сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта, ба маҷмӯаҳои шеъри ӯ сарсухан навиштанд. Иштироки якҷоя дар чорабиниҳои байналмилалӣ, ҷашнҳои ҳамдигар ва ҳамназарӣ ба ҳаводиси рӯзгор риштаҳои дӯстии шоираи тоҷик ва нависандаи қирғизро мустаҳкам намуд, ки ин дар навбати худ ифодагари дӯстӣ ва ҳаммаромии ду халқи бародар аст. Гулрухсор дар суханрониаш дар конференсияи ҷумҳуриявии «Нақши Чингиз Айтматов дар таҳаввули насри муосири тоҷик», ки 14-уми декабри соли 2018 дар ДМТ баргузор гардид, Чингиз Айтматовро «нависандаи шоир» номид ва афзуд, ки «ба шеър, хосса ба шеъри оламгири форсу тоҷик ҳусни таваҷҷуҳи зиёде дошт». Дар мақолааш «Кайҳоннаварди дили инсон», зимни ёдоварӣ аз шуҳрати оламгир ва фазилатҳои неки инсонии адиби қирғиз нигоштааст, ки «Чингиз Айтматов ба ман ҳаққи устодӣ дошт. Навиштаҳои маро ба ду забон-тоҷикиву русӣ таҳти назар дошт, ҳамеша дастгиру мададгор буд. Аз комёбиҳоям шод мешуд. Бо Ҷоизаи умумииттифокии комсомол, ки ба даст оварданаш, хосса барои адибони Осиёи Марказӣ, он қадар осон набуд, устод Айтматов яке аз аввалинҳо буд, ки аз хориҷа занг зада маро табрик гуфт:

«Муборак бод! Ман дар синну соли ту дар адабиёт гавак мекашидам, ту бошӣ дар синну соли донишҷӯйии ман соҳиби чунин ҷоиза гардидӣ. Ҳалолат бод, ҷоизаи ҷавонӣ!» [8, с.3].

Шеъри «Кайҳони дил»-и шоираи тоҷик, ки ба ин нависандаи номдор бахшида шудааст, ифодагари меҳру ихлоси ҷониби дигар буда, дар адабиёт метавонад чун далели равшани қаробати байниҳамии эҷодкорон, ки «ба лутфи сарнавишт ошнову ҳамзамон» будаанд, хидмат намояд.

Одами хокӣ пайи афсона бар афлок рафт,
Дуди оташ-оҳи киштӣ дар лиқои хок монд.
Боз шуд гарчи даре аз ҳафт дарҳои фалак,
Сад дари накшода андар хок чун афлок монд.

Муҳаққиқони осори Ч.Айтматов аз истифодаи бомавқеъ ва эҷодкоронаи афсонаву гуфторҳои асотирӣ сухан ба миён овардаанд. Худи нависанда низ иқрор аст, ки «ривоёти қадим ба мо барои бо назари имрӯз чашмандоз кардани ниёгони дур имкон медиҳад ва мо онҳоро бояд истифода барем ва ба ҷаҳоншиносии ҳозираи худ мувофиқ гардонем».

Асарҳои дигари Ч.Айтматов «Пораабри сафеди Чингизхон» ва романи «Зеркунанда» («Қиёмат») низ ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти инсоният, сарнавишт ва қисмати башар бахшида шуда, обрӯи ҷаҳонӣ ёфтаанд. Тасвири саҳнаҳои тезу тунд, дарки олами ботинии инсон ва истифодаи бамавқеи одату суннатҳои дерин дар романи «Қиёмат» андешаеро тақвият медиҳад, ки огоҳии нависандаи ботадбир аз мероси шифоҳӣ ва хаттии башар аз асар то асари дигар густариш ёфтааст. Масалан, дар романи «Дуроҳаи Буронӣ» як байти намояндаи адабиёти асрҳои миёнаи арман Григор Нарекатси (951-1003) истифода гардидааст, ки ба андешаи арманшиноси тоҷик Абдувалӣ Давронов (рӯҳаш шод бод) дар зарфи ҳазор сол аз мероси бузурги ин сухангустари арман танҳо ҳамин байт ба туфайли истифодаи он дар романи нависандаи қирғиз ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. Байт:

Бигир ин китобро, ки ҷисми ман аст,
Шунав ин каломро, ки ҷони ман аст.

Дар романи «Қиёмат», ҳангоми тасвири ботину зоҳири Авдий Каллистратови барои афкори куфрониаш аз семинарияи динӣ рондашуда, дар ду маврид аз Хайём ёд мешавад. Дар роман омада, ки: «ва ҳоло, ки бо дасти баста дар бордони мошин мехобад, фикрҳои шӯрангези гуногун аз хаёлаш мегузаштанд. Вале аз ҳама бештар олами танҳоӣ ӯро азият медод. Вай он дам суханони пурҳикмати қариб фаромӯшкардаашро аз кадом шоири Шарқ ва шояд ҳам аз Хайём, ба ёд овард:

Як қатраи об буд, бо дарё шуд,
Як зарраи хок, бо замин якто шуд.
Омад-шуди ту андар ин дунё чист?
Омад магасе падиду нопайдо шуд.

Мавриди дигар Авдий Каллистратов дар ҳолати изтироби ботинӣ маънои суханони пурҳикмати Хайёмро дарк мекунад, ки қаблан ин афкорро писанд намекарду ҳарза мепиндошт.

Аз омадану рафтани мо суде ку?
В-аз тори вуҷуди буди мо пуде ку?
Чандин сару пойи нозанинони ҷаҳон
Месӯзаду хок мешавад, дуде ку? [4, с.59-60].

Роҳи дигари дилбастагии тоҷикон ба осори Чингиз Айтматов тариқи драматургия ва театр роҳандозӣ гардидааст. Ҳанӯз солҳои 70-уми асри гузашта аз рӯйи асари Чингиз Айтматов ва Колтай Муҳаммадҷонов «Қуллаи Фудзияма» дар саҳнаи театри академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ намоишномае гузошта шуд, ки аз асарҳои беҳтарини саҳнаи тоҷик ба шумор меояд. Коргардони маъруф Фаррух Қосимов намоишномаҳои «Манқурт» ва «Қиёмат»-ро дар саҳнаи театри Аҳорун ба намоиш гузошт. «Рӯзи дарозтар аз аср» аз ҷониби коргардони дигари тоҷик Султон Усмонов дар саҳнаи Театри давлатии ҷавонони ба номи М.Воҳидов ба намоиш гузошта шуд ва тадриҷан ин иқдоми нек дар театрҳои вилоятиву ноҳиявӣ низ амалӣ гардида, драматургияи миллии қирғизро ба доираи васеи иштиёқмандон ошно намуд.

Ч.Айтматов яке аз хонотарин нависандаи ҷаҳонӣ буда, барои хонандаи тоҷик нависандаи маҳбуб ва писандида маҳсуб меёбад. Тарзе ба гуфта омад, аз ҳикояву повестҳои аввалин то асарҳои тозанашри ӯ ҳамагӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума гардидаву донишмандони тоҷик оид ба паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ӯ ибрози андеша намудаанд. Дар тарҷумаи асарҳои ӯ нависандагон ва мутарҷимони ҳунарманди тоҷик Ф.Муҳаммадиев, Ҳ.Аҳрорӣ, Шамси Собир, Сорбон, Б.Муртазоев, Т.Ботирқулов, Б.Абдурраҳмон, С.Салоҳ, Истад Қосимзода, Низоми Қосим, Ҳикмат Раҳмат, Мирзо Шукурзода, Рустам Ваҳҳобзода ва дигарон ҳисса гузоштаанд.

Аз ин мурури кӯтоҳ ба рӯзгор ва эҷодиёти Чингиз Айтматов натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки сарнавишти инсон ва осоиши олам аз масъалаҳои калидии эҷодиёти ӯ буда, паҳнои огаҳӣ ва омӯзиши ӯ воқеан густарда ва фарох аст.

Ва ҳамин диду назари фарох ва вусъати ҷаҳонбинӣ имкон фароҳам овардааст, ки дар эҷодиёти ӯ таассур ва таъсир тавъам ҷараён бигирад ва бояд ҳангоми зикри таъсирпазирии эҷодкорони тоҷик аз Чингиз Айтматов ин қонуниятмандии робитаҳои адабӣ дар мадди назар бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айтматов Ч. Дар баёни дӯсти тоҷикам / Ч. Айтматов // Тоҷикистони советӣ, 1988, 17-уми декабр. – С.3.
2. Айтматов Ч. Ду устод / Ч. Айтматов // Маҷмӯаи «Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ». – Душанбе: Ирфон, 1978. – С.88-89.
3. Айтматов Ч. Заметки о себе / Ч. Айтматов // Сборник. Статьи, выступления, диалоги, интервю. - М.: Изд-во Агентства печати Новости, 1988. - С. 26-27.
4. Айтматов Ч. Қиёмат / Ч. Айтматов. – Душанбе: Адиб, 2006. – С.59-60.
5. Акматалиев А. Чингиз Айтматов и взаимосвязи литератур / А.Акматалиев. – Бишкек: Адабият, 1991. – 184 с.
6. Акобиров Ю. Адиби мумтоз / Ю.Акобиров // Комсомоли Тоҷикистон. – 1988. – 16-уми декабр. – С.3.
7. Варонов Вл. Чингиз Айтматов. Очерк творчество / Вл.Варонов. – Москва: Советский писатель, 1976. – 239 с.
8. Гулрухсор. Кайҳоннаварди дили инсон // Адабиёт ва санъат, 2013, 19-уми декабр. – С.3.
9. Зайниддинов М. Ёде аз бузургон / М.Зайниддинов. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – С.12-25.
10. Ибрагимов Османакун. – История кыргызской литературы XX века. В 2-х томах / Османакун Ибрагимов. - Бишкек, Том второй. – 512 с.
11. Манас. Эпоси халқи қирғиз; аз қирғизӣ тарҷумаи Аслам Адҳам. – Душанбе: Ирфон, 1982. - С.4.
12. Миннегулов Х. Татарская литература и Восточная классика (Вопросы взаимосвязей и поэтики) / Х. Миннегулов. – Казан: Изд-во КГУ, 1993. – С.7.
13. Миннегулов Х. Тюрко-татарская словесность в контексте межлитературных связей / Х. Миннегулов. – Казан: Ихлас, 2017. – 328 с.
14. Набавӣ А. Чингиз Айтматов ва баъзе масъалаҳои инкишофи насри муосири тоҷик // Маҷмӯаи «Паёми бародарӣ». – Душанбе: Истеъдод, 2018. – С.102-114.

ИСТЕЪДОДИ НОДИР ВА ВУСЪАТИ ҶАҲОНБИНИИ Ӯ

(назаре ба эҷодиёти Чингиз Айтматов ва иртиботи он ба тоҷикон)

Ин мақола бо назари иҷмолӣ ба таърихи ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи халқҳои тоҷику қирғиз оғоз гардида, давраи баровари он, ки ба замони нав рост меояд мавриди зикр қарор гирифтааст. Ба гуфта омада, ки эпоси бузурги қирғизҳо «Манас», баёнгари таваҷҷӯҳи байниҳамдигарии халқҳои тоҷику қирғиз буда, тариқи тарҷумааш ба забони тоҷикӣ доираи васеи ихлосмандонро аз қаробати таърихии ин халқҳо огоҳ месозад. Адибону олимони даврони дигар бо такя ба ҳамин суннати дерин бо таълифи асарҳои назмиву насрӣ ва пажуҳишҳои худ робитаҳои адабии халқҳои тоҷику қирғизро нерӯи тоза бахшиданд. Нависандаи номдори қирғиз Чингиз Айтматов дар давраи оғозини ташаккулёбии эҷодиёти худ дар радифи адабиётҳои пуразиши халқҳои дигар аз адабу фарҳанги форсии тоҷикӣ ва давраи нави он баҳра бардоштаву дар давраи дигар бо насри реалистиаш ба эҷодиёти нависандагони тоҷик таъсир расонидааст. Ба эҷодиёти ин адиби номвар таваҷҷуҳ пайдо кардани хонандаи тоҷик аз тарҷумаи ҳикояву қисса ва романҳои ӯ маълум мегардад. Дар мақола натиҷагирӣ мешавад, ки дар мисоли эҷодиёти Чингиз Айтматов таассур ва таъсир барин қонуниятҳои робитаҳои адабӣ ба таври равшан падидор мегардад.

Калидвожаҳо: робитаҳо, адабиёт, эпос, тарҷума, миф, асотирҳо, ҳамкорӣ, баҳрабардорӣ, тоҷикон, қирғизҳо, Чингиз Айтматов, Садриддин Айнӣ, адабиёти классикӣ, адабиёти аҳди нав, таъсир, таассур.

ЕГО РЕДКИЙ ТАЛАНТ И ШИРОКОЕ МИРОВОЗЗРЕНИЕ

(Художественные произведения Чингиза Айтматова и их отношение к таджикам)

Данная статья вкратце рассматривает историю многосторонних взаимодействий таджикского и киргизского народов, особо останавливаясь на плодовитом периоде этих взаимоотношений –периоде нового времени. В статье говорится, что великий эпос киргизского народа –«Манас» отражает взаимное внимание таджикского и киргизского народов, а его перевод на таджикский язык ознакомил широкий круг поклонников с историческим сходством этих народностей. Поэты, писатели и ученые последующих эпох написали множество поэтических и прозаических произведений, опираясь на эту давнюю традицию, и своими исследованиями укрепили литературные связи таджиков и киргизов. Знаменитый киргизский писатель Чингиз Айтматов в начале своей писательской деятельности, помимо ценного литературного наследия других народов, оказывался под влиянием персидско-таджикской литературы и культуры. И становясь успешным писателем, своей реалистичной прозой оказывал влияние на произведения таджикских писателей. Особое внимание таджикских читателей к этому великому мастеру слова проявляется в многочисленных переводах его рассказов, повестей и романов на таджикский язык. В статье выясняется, что произведения Чингиза Айтматова прекрасно иллюстрируют такие закономерности литературных связей, как взаимодействие и взаимовлияние литератур друг на друга.

Ключевые слова: связи, литература, эпос, перевод, миф, взаимодействие, использование, таджики, киргизы, Чингиз Айтматов, Садриддин Айни, классическая литература, литература нового времени, взаимовлияние, воздействие.

HIS RARE TALENT AND WIDE WORLD OUTLOOK

(The works of art by Chingiz Aitmatov and their relation to the Tajiks)

This article briefly reviews the history of the multilateral interactions of the Tajik and Kyrgyz peoples, especially focusing on the prolific period of these relationships - the contemporary period. The article says that the great epic of the Kyrgyz people, “Manas,” reflects the mutual attention of the Tajik and Kyrgyz peoples to each other, and its translation into the Tajik language introduces a wide circle of admirers to the

historical similarities of these peoples. Poets, writers and scholars of subsequent epochs wrote many poetic and prose works based on this old tradition, and with their researches they strengthened the literary relations of the Tajiks and Kyrgyz people. The famous Kyrgyz writer Chingiz Aitmatov at the beginning of his writing activities, in addition to the valuable literary heritage of other nations, was influenced by Persian-Tajik literature and culture. And becoming a successful writer, with his realistic prose influenced the works of Tajik writers. The special attention of Tajik readers to this great master of the word is manifested in numerous translations of his short stories, stories and novels into the Tajik language. The article shows that the works of Chingiz Aitmatov perfectly illustrate such regularities of the literary relations as interaction and influence of literatures to each other.

Key words: relations, literature, epic, translation, myth, interaction, use, Tajiks, Kyrgyz, Chingiz Aitmatov, Sadriddin Aini, classical literature, literature of the new time, mutual influence, interaction.

Сведения об авторах: ***Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали*** - Таджикский национальный университет, академик АН РТ, ректор Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17
Зайниддинзода М. - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой теории и новейшей персидско-таджикской лиетартуры. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the authors: ***Imomzoda Muhammadyusuf Saydali*** - Tajik National University, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
Zayniddinzoda M. - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Theory and Modern Persian-Tajik Literary Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17

УДК: 891.550:82

СУХАНЕ ЧАНД ДОИР БА ЯК МУНОЗАРАИ МАНСУРИ САЪДӢ

Тоиров У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки мунозара аз анвои хеле қадими адабиёти форс-тоҷик буда, асосан, ба ду маънӣ истифода мешавад. Якум, номи илмест, ки дорои мафҳум ва истилоҳоти алоҳида буда, ҳангоми баҳс кардан ҳар ду тарафи муқобил бояд одоб ва шартҳои онро ҳатман ба инобат гиранд. Дуюм, мунозара ҳамчун асари адабиест, ки байни ду кас ё зиёда аз он баҳсу талош ба вуқӯъ меояд. Агар чуқуртару амиқтар назар андозем, мунозара аз ҷиҳати сохт як навъи ҳамосаро ба хотир меорад, зеро дар он байни ду чиз ё ду-се кас сари масъалае ё бартарию фазилати яке бар дигаре ихтилофи лафзӣ ба вуҷуд меояд. Дар мунозара ҳар ду тарафи муқобил кӯшиш мекунанд, ки бартарию тавоноии худро бо бурҳону далелҳои мантиқию боэътимод ва суханони сареҳу равшан исбот созанд. Дар бештари мунозараҳо яке аз ҳарифон бар дигаре ғолиб меояд ё ин ки мунозараи онҳо бо сулҳу оштӣ ба анҷом мерасад. Дар мунозара чизи аз ҳама муҳим он аст, ки адиб мавқеи худро, ақидаи хешро чӣ тавр ҳимоя карда метавонад. Дар бештари мунозараҳо мақсади адиб, ки тавассути санъатҳои тамсилу ташхис ифода меёбад, дар охир ҷамъбаст карда мешавад. Аз мазмуну мундариҷаи мунозараҳое, ки аз ибтидои адабиёти классикии форс-тоҷик то замони мо боқӣ мондаанд, маълум мешавад, ки қаҳрамонони бештари мунозараҳо ашхоси касбу кори гуногун, адибону донишмандон, ашёе, ки бо ҳам аз ягон ҷиҳат муносибат доранд (гулу булбул, гулу сарв, шабу рӯз, тиру камон, замину осмон, шамъу парвона, фаслҳои сол, камону найза, гӯй ва чавгон, найзаю қалам) ё аз ягон ҷиҳат ба ҳам зидданд, маҳсуб мешаванд.

Муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши илми адаб машғуланд, дар ин ақидаанд, ки мунозара, асосан, дар шакли манзум эҷод карда мешавад. Албатта, дар ин маврид мо низ гуфтаҳои онҳоро ҷонибдорӣ мекунем, зеро қолаби шеърии мунозара ҳамоно қасида, қитъа ва гоҳе маснавӣ мебошад. Аммо ин нуктаро бояд таъкид кард, ки мунозара гоҳе дар шакли наср низ эҷод карда мешавад.

Чи хеле ки маълум аст, чанде аз мақомаҳои «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Ҳамидуддини Балхӣ (асри XII) дар шакли мунозараи мансур эҷод гардидааст (мақомаи ҳафтуму мақомаи сездаҳуму мақомаи нуздаҳум байни сунию мулҳид ва табибу мунаҷҷим ва ғайра).

Мувофиқи пажӯҳиши адабиётшиносон, дар адабиёти қадими араб низ мунозара, асосан, дар наср будааст, мисли «Мунозараи тирамоҳу баҳор»-и Ҷоҳиз Абӯусмон ибни Баҳр (асри IX).

Асоси мунозараро саволу ҷавоб ташкил медиҳад ва мувофиқи тасдиқи донишмандони адабиёт ҳам саволу ҷавоб ва ҳам мунозара решаи эронӣ доранд ва, ба қавли донишманди бузурги эронӣ – Сируси Шамисо, мунозара «хосси шеъри форсист ва қабл аз ислом ҳам дар адабиёти мо собиқа дошта ва намунаи он манзумаи «Дарахти Ассурик» аст. Ба ҳар ҳол, эроният пеш аз ақвоми дигар ба мунозара алоқа доштаанд ва аз тарафи дигар, ин навъ дар адабиёти бисёре аз милал дида намешавад ё нодир аст» [9, с.230].

Бино ба назари муҳаққиқон, дар таърихи адабиёти форс-тоҷик нахустин адибе, ки мунозараи манзум навиштааст, шоири асри XI Асадии Тӯсист.

Мунозараҳои ӯ: «Мунозараи Арабу Аҷам», «Мунозараи шабу рӯз», «Мунозараи осмону замин», «Мунозараи габру мусулмон», «Мунозараи найзаву камон» хеле машҳуранд, ки дар шакли қасида эҷод карда шудаанд. Баъди Асадии Тӯсӣ навиштани мунозара дар шакли манзум ба ҳукми анъана даромад. Шоироне чун Унсурӣ (асри XI), Муиззӣ ва Анварӣ (асри XII), Саъдӣ (асри XIII), Салмони Соваҷӣ (асри XIV), Низории Кӯҳистонӣ (асри XIV), Орифи Ҳиравӣ (асри XVI), Толиби Ҷоҷармӣ (асри XV), Масъуди Кӯммӣ (асри XV), Суҳайли Ҷавҳаризода (асри XX), Абдусалом Деҳотӣ (асри XX), Тӯроқул Зеҳнӣ (асри XX) ва дигарон мунозара навиштаанд.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, навиштани мунозара дар шакли наср дар адабиёти форс-тоҷик низ вуҷуд дошт ва намунаи олии онро мо дар эҷодиёти Саъдии Шерозӣ мебинем.

Дар охири боби ҳафтуми «Гулистон» фасле бо номи «Ҷидоли Саъдӣ бо муддаъӣ дар баёни тавонгарию дарвешӣ» ҷой дода шудааст, ки аз рӯйи услуб ва тарзи нигориш ба қонуну қоидаҳои мунозаранависӣ пурра ҷавоб медиҳад. Мунозараи Саъдӣ дар ниҳояти фасоҳату балоғат эҷод шудааст, мутолиаи он ба ҳар хонандаи хушзавқ аз манфиат холӣ нест. Аз мазмуни мунозара маълум мешавад, ки Саъдӣ тавонгариро аз камбағалӣ афзалтар медонад ва барои исботи он бурҳону далелҳои қотеъ меорад. Аммо даъвогар низ паст намеояд, ҳар гуфтаашро исбот мекунад. Кор ба ҷое мерасад, ки байни ҳарду ҷангу ҷидол сар мезанад ва кор то ба қозӣ мерасад. Ва дар охир, мисли баъзе мунозараҳо ҳар ду тараф рӯ ба мадоро меоранду сар бар қадами якдигар мегузоранд ва оштӣ мекунанд. Ҳоло худи мунозараро пешкаши хонандагони гиромӣ мекунем, то ки аз файзи килки Саъдӣ дар эҷоди мунозараи мансур бори дигар маърифат бигиранд:

ҶИДОЛИ САЪДӢ БО МУДДАЪӢ ДАР БАЁНИ ТАВОНГАРИЮ ДАРВЕШӢ

Яке дар сурати дарвешон, на бар сифати (ахлоқи) эшон дар маҳфиле (ҷамъомаде) дидам нишаста ва шунъате (зиштие) дарпайваста (оғоз карда) ва дафтари шикоят ва замми (сарзаниши) тавонгарон оғоз карда, сухан бад-ин ҷо расонида, ки дарвешро дасти қудрат баста асту тавонгарро пойи иродат (хоҳиш) шикаста.

Каримонро ба даст - андар дирам нест,
Ҳудовандони неъматро карам нест.

Маро, ки парвардайи неъмати бузургонам, ин сухан сахт омад. Гуфтам:

– Ай ёр, тавонгарон дахли мискинонанд ва захирайи гӯшанишинон ва мақсади зоирону (зиёраткунандагон) каҳфи (паноҳгоҳи) мусофирон ва муҳтамили (барандаи) бори гарон баҳри роҳати дигарон. Дасти тановул (истеъмол кардан) он гаҳ ба таом баранд, ки мутааллиқон (вобастагон) ва зердастон бихӯранд ва фазлаи (боқимондаи) макорими (ҷавонмардии) эшон ба аромилу (бевазанон) пирону ақорибу (наздикон) ҷайрон (ҳамсоягон) расида.

Тавонгаронро вақф асту назру меҳмонӣ,
Закоту фитрау иътоқу ҳадю қурбонӣ.
Ту кай ба давлати эшон расӣ, ки натвонӣ
Ҷуз ин ду ракъату он ҳам ба сад парешонӣ?!

Агар қудрати ҷуд (бахшиш) асту гар қуввати сӯҷуд (саҷда кардан), тавонгаронро беҳ муяссар шавад, ки моли музакко (ҳалол) доранд ва ҷомаи поку ирзи масуну (обрӯйи маҳфузу) дили фориғ ва қуввату тоат дар луқмаи латиф аст ва сиҳҳати ибодат дар кисвати назиф (ҷомаи покиза). Пайдост, ки аз меъдаи холӣ чӣ қувват ояд ва аз дасти тиҳӣ (холӣ) чӣ мурувват (ҷавомардӣ) ва аз пойи ташна (ташнаком) чӣ сайр ояду аз дасти гурусна чӣ хайр.

Шаб пароканда хусбад он, ки падид

Набувад вақҳи бомдодонаш.
Мӯр гирд оварад ба тобистон,
То фароғат бувад зимистонаш.

Фароғат бо фоқа (тангдастӣ) напайвандад ва қамъият дар тангдастӣ сурат набандад. Яке таҳримаи ишо (иқди намози хуфтан) баставу дигаре мунтазири ашо (шом) нишаста. Ҳаргиз бад-он кай монад?

Ҳудованди мукнат ба Ҳақ муштағил,
Парокандарӯзе – парокандадил!

Пас, ибодати инон ба қабул авлотар аст, ки қамъанду ҳозир, на парешону парокандахотир. Асбоби маишат сохта ва ба авроди ибодат пардохта.

Араб гӯяд: «Аузу би-л-лоҳи мина-л-фақри-л-мукибби ва қивори ман лойуҳиббу». (Тарқума: «Худо нигаҳ дорад аз фақри бардавом ва ҳамсоягии касе, ки дӯсташ надорам»).

Ва дар хабар аст: «Ал-фақру саводу-л-вақҳи фи-д-дорайн» (Тарқума:« Нодорӣ рӯсиёҳӣ дар ҳар ду дунёст»).

Гуфто:

- Нашунидайӣ, ки Пайғамбар, алайҳиссалом гуфт: «Ал-фақру фахрӣ?! (Тарқума: Дарвешӣ ифтихори ман аст?!)».

Гуфтам: «Хомӯш, ки ишорати Хоқаи алайҳиссалом (с) ба фақри тоифаест, ки марди майдони ризоанду таслими тири қазо, на инон, ки хирқаи аброр (некон) пӯшанд ва луқмаи идрор фурӯшанд».

Ай табли баландбонгу дар ботин ҳеч,
Бе тӯша чӣ тадбир кунӣ вақти басич?
Рӯйи тамаъ аз халқ бипеч, ар мардӣ,
Тасбеҳи ҳазордона бар даст мапеч!

Дарвеши бемаърифат наёромад, то фақраш ба куфр анқомад. «Кода-л-фақру ан якуна куфран» (Тарқумааш: «Тангдастӣ ба куфр меанқомад»), ки нашояд қуз ба вуқуди неъмат бараҳнае пӯшидан ё дар истихлоси (халос кардан) гирифторе кӯшидан. Ва абнои қинси моро ба мартабаи эшон расонад ва яди улё (дасти доранда) ба яди суфло (дасти гиранда) чӣ монад? Набинӣ, ки Ҳақ қалла ва ало (бузургу батра аз ҳар чиз) дар муҳками Танзил (ояти устувори Қуръон) ва наими аҳли Биҳишт хабар медиҳад, ки «Улоика лаҳум ризқум маълум» («онҳоро ризқе муайян бошад»). То бидонӣ, ки машғули кафоф аз давлати афоф (покдоманӣ) маҳрум асту мулки фароғат зери нигини ризқи маълум.

Ташнагонро намояд андар хоб
Ҳама олам ба чашм чашмаи об.

Ҳолӣ ки ман ин сухан бигуфтам, инони тоқати дарвеш аз дасти таҳаммул бирафт, теғи забон баркашид ва бар ман давонид ва асби фасоҳат дар майдони вақоҳат (бешармӣ) қаҳониду гуфт:

– Чандон муболиға дар васфи эшон бикардӣ ва суханҳои парешон бигуфтӣ, ки ваҳм тасаввур кунад, ки тарёқанд ё калиди хизонаи арзоқ, муште мутакаббир, мағрур, муқиби (худписанд) манфури муштағили (саргарми) молу неъмат, мутаффанини қоҳу сарват, ки сухан нагӯянд илло ба сафоҳату назар накунанд илло ба кароҳат; уламоро ба гадойӣ мансуб кунанду фуқароро ба бесарупойӣ маъюб гардонанд ва ба иззати моле, ки доранду иззати қоҳе, ки пиндоранд, бартари ҳама нишинанд ва худро беҳтар аз ҳама бинанд. Ва на он дар сар доранд, ки сар ба касе бардоранд, бехабар аз қавли ҳукамо, ки гуфтаанд: «Ҳар кӣ ба тоат аз дигарон кам асту ба неъмат беш, ба сурат тавонгар асту ба маънӣ дарвеш».

Гар беҳунар ба мол кунад кибр бар ҳаким,
Куни хараш шумор в-агар гови анбар аст!

Гуфтам:

– Мазаммати эшон раво мадор, ки худованди (соҳиби) караманд!

Гуфт:

– Ғалат гуфтӣ, ки бандаи дираманд. Чӣ фоида, чун абри озоранду намеборанд ва чашмаи офтобанду бар кас наметобанд, бар маркаби иститоат (тавоноӣ) саворанду намеронанд ва қадаме баҳри Худо наниҳанду дираме бе манну азо (миннат ва озор) надиҳанд? Моле ба машаққат фароҳам оранду ба хиссат (фурӯмоягӣ) нигоҳ доранду ба ҳасрат бигузоранд, чунонки ҳакимон гӯянд: «Сими бахил аз хок вақте барояд, ки вай дар хок равад!»

Ба ранқу саъй касе неъмате ба чанг орад,
Дигар кас ояду бе саъю ранқ бардорад!

Гуфтамаш:

– Бар бухли худовандони неъмат вуқуф (огоҳӣ) наёфтаӣ, илло ба иллати гадоиӣ вагарна ҳар кӣ тамаъ як сӯ ниҳад, кариму бахилаш яке намояд. Маҳак донад, ки зар чисту гадо донад, ки мумсик кист.

Гуфто:

– Ба таҷрибати он ҳамегӯям, ки мутааллиқон бар дар бидоранду ғализони шадид (хидматгорони сахтдилу сахтгир) баргуморанд, то бори азизон надиҳанд ва даст бар синаи соҳибтамизон наниҳанд ва гӯянд: «Кас ин ҷо дар нест!» Ва рост гуфта бошанд.

Онро, ки ақлу ҳиммату тадбиру рой нест,
Хуш гуфт пардадор, ки кас дар сарой нест.

Гуфтам:

– Ба узри (сабаби) он ки аз дасти мутаваққиъон (уммедворон) ба ҷон омадаанд ва руқъаи гадоён ба фиғон ва муҳоли ақл аст, агар реги биёбон дур шавад, ки чашми гадоён пур шавад!

Дидаи аҳли тамаъ ба неъмати дунё
Пур нашавад, ҳамчунон ки чоҳ ба шабнам.

Ҳар кӯҷо сахтикашидае, талхидидаеро бинӣ, худро ба шараҳ (ҳирс) дар корҳои махуф (бимнок) андозад ва аз авоқиби (оқибати) он напарҳезад ва аз уқубати Эзад наҳаросад ва ҳалол аз ҳаром нашиносад.

Сагеро гар кулӯхе бар сар ояд.
Зи шодӣ барҷахад, к-ин устухонест
В-агар наъше ду кас бар дӯш гиранд,
Лаимуттабъ пиндорад, ки хонест.

Аммо соҳиби неъмати дунё ба айни иноят (лутфи) Ҳақ малҳуз (нигарон) аст ва ба ҳалол аз ҳаром маҳфуз. Ман ҳамоно, ки тақрири ин сухан накардам ва бурҳону баён наёвардам, инсоф аз ту таваққуъ дорам, ҳаргиз дидаӣ, дасти дағое (дағал) бар китф баста ё бенавое ба зиндон дарнишаста, ё пардаи маъсуме дарида ё каффе аз миъсам (банди даст) бурида, илло ба иллати дарвешӣ шермардонро ба ҳукми зарурат дар нақбҳо гирифтаанду каъбҳо (банди устухони пою соқ) суфта. Ва муҳтамал аст, он ки якеро аз дарвешон нафси аммора талаб кунад, чун қуввати эҳсонаш набошад, ба исён мубтало гардад, ки батну фарҷ (шикампарастию шаҳватронӣ) тавъаманд, яъне ду фарзанд дар як шикаманд. Модом, ки ин яке барҷояст, он дигар барпояст.

Шунидам, ки дарвешро бо ҳадасе (кори зишт) бар хубсе (амали зишт) гирифтанд. Бо он ки шармсорӣ бурд, бими сангсорӣ буд. Гуфт:

– Эй мусулмонон, қувват надорам, ки зан кунам ва тоқат на, ки сабр кунам, чӣ кунам? «Ло руҳбонията фи-л-ислом» («Дар ислом гӯшанишинӣ ва тарки дунё манъ аст»).

Ва аз ҷумлаи мавоҷиби сукун ва ҷамъияти дарун, ки мар тавонгарро муяссар мешавад, яке он ки ҳар шаб санаме дар бар гирад, ки ҳар рӯз бад-ӯ ҷавонӣ аз сар гирад. Субҳи тобонро даст аз сабоҳати ӯ бар дилу сарви хиромонро пой аз хиҷолати ӯ дар гил аст:

Ба хуни азизон фурӯ бурда чанг,
Сарангуштҳо карда уннобранг.

Муҳол аст, ки бо ҳусни талъати ӯ гирди маноҳӣ (корҳои ношоиста) гардад ё қасди табоҳӣ кунад.

Диле, ки ҳури биҳиштӣ рабуду ягмо кард,
Кай илтифот кунад бар бутони ягмоӣ?

Ман кона байна ядайҳи моштаҳо рутабун.
Югниҳи золика ан раҷми-л-аноқиди.

Тарҷумаи байт:

Он кас, ки ҳар қадар майл кунад, хурмои тоза дар дастрас дорад, аз санг андохтан ба хушаҳо бениёз аст.

Ағлаби тиҳидастон дар домани исмат ба маъсият олоянд ва гуруснагон нон рабоянд.

Чун саги дарранда гӯшт ёфт, напурсад,
К-ин шутури Солиҳ аст ё хари Даҷҷол.

Чӣ моя мастурон (парданишинон) ба иллати дарвешӣ дар айни фасод афтода ва ирзи (эътибори) гиромӣ ба боди зиштномӣ бардода!

Бо гурсунагӣ қуввати парҳез намонад,

Ифлос инон аз кафи тақво биситонад.

Ҳотами Тойӣ, ки биёбоннишин буд, агар шаҳрӣ будӣ, аз ҷӯши гадоён бечора шудӣ ва ҷома бар ӯ пора кардандӣ!

Гуфто:

– На, и ман бар ҳоли эшон раҳмат мебарам!

Гуфтам:

– На, ки бар моли эшон ҳасрат мехӯрӣ!

Мо дар ин гуфтору ҳар ду ба ҳам гирифтор, ҳар байдаке (пиёдаи шатранҷ), ки бирондӣ, ба дафъи он бикӯшидаме ва ҳар шоҳе, ки бихондӣ, ба фарзин бипайвастаме, то нақди кисаи ҳиммат дарбохт ва тири ҷаъбаи (тирдон) ҳуҷҷат ҳама бияндохт.

Ҳон, то сипар наяфканӣ аз ҳамлаи фасеҳ,
К-ӯро ба ҷуз муболиғаи мустаор нест.
Дин варзу маърифат, ки сухандони саҷъгӯй
Бар дар силоҳ дорад у кас дар ҳисор нест!

То оқибатуламр далелаш намонад, залилаш (хораш) кардам. Дасти тааддӣ (душманӣ) дароз карду беҳуда гуфтан оғоз. Ва суннати ҷоҳилон аст, ки чун ба далел аз хасм фурӯ монанд, силсилаи хусумат бичунбонанд, чун Озари буттарош, ки ба ҳуҷҷат бо писар барнаёмад, ба ҷангаш бархост, ки «лаин лам тантаҳӣ раҷуманнака» («агар бас накунӣ, сангсорат кунам»).

Дашном дод, сақаташ гуфтам, гиребонам дарид, занахдонаш гирифтам.

Ӯ дар ману ман дар ӯ фитода,
Халқ аз пайи мо давону хандон.
Ангушти тааҷҷуби ҷаҳоне
Аз гуфтушуниди мо ба дандон.

Алқисса, мурофиаи ин сухан пеши қозӣ бурдему ба ҳукумати адл розӣ шудем, то ҳокими мусулмонон маслиҳате бичӯяду миёни тавонгарону дарвешон фарқе бигӯяд. Қозӣ чун ҳолати (зиракии) мо бидиду мантиқи мо бишунид, сар ба ҷайби тафаккур фурӯ бурду пас аз тааммули бисёр сар бароварда ва гуфт:

– Эй он ки тавонгаронро сано гуфтӣ, бар дарвешон ҷафо раво доштӣ, бидон, ки ҳар кучо, ки гул аст, хор асту бо хамр хумор аст ва бар сари ганҷ мор аст ва он ҷо, ки дурри шоҳвор аст, наҳанги мардумхор аст, лаззати айши дунёро ладғаи (неш задани) аҷал дар пеш аст ва наими Биҳиштро девори макориҳ (макрӯҳот) дар пеш.

Ҷаври душман чӣ кунад, гар накашад толиби дӯст,
Ганҷу мору гулу хору ғаму шодӣ ба ҳаманд.

Назар накунӣ дар бӯстон, ки беди мушк асту чӯби хушк, ҳамчунин дар зумраи тавонгарон шокиранду кафур (носипос) ва дар ҳалқаи дарвешон собиранду заҷур (нолону малӯл).

Агар жола ҳар қатрае дурр шудӣ,
Чу хармуҳра бозор аз ӯ пур шудӣ.

Муқаррабони Ҳақ ҷалла ва ало (Бузург асту баландпойгоҳ) тавонгаронанд дарвешсират ва дарвешонанд тавонгарҳиммат. Ва меҳини (бузургтарини) тавонгарон он аст, ки ғами дарвеш хӯрад ва беҳини дарвешон он аст, ки ками тавонгар гирад. «Ва ман ятаваккалу ала-л-илоҳи фаҳува ҳасбуҳу» (Тарҷумааш: «Ва касе, ки бар Худо такя кунад ва умед ба ӯ бандад, ҳаминаш бас аст»).

Пас рӯйи итоб аз ман ба ҷониби дарвеш оварду гуфт:

– Эй, ки гуфтӣ: тавонгарон муштағиланду соҳӣ (ғофил) ва масти малоҳӣ наам (оре), тоифае ҳастанд бар ин сифат, ки баён кардӣ, қосирҳиммат (кӯтоҳҳиммат), кофирнеъмат (носипос), ки бибаранду биниҳанд ва нахӯранду надиҳанд ва гар ба масал, борон наборад ё тӯфон ҷаҳон бардорад, ба эътимоди мукнати (сарвати) хеш аз меҳнати дарвеш напурсанду аз Худои азза ва ҷалла натарсанд ва гӯянд:

Гар аз нестӣ дигаре шуд ҳалок,
Маро ҳаст, батро зи тӯфон чӣ бок?

Ва рокиботу ниёкин фӣ ҳаводиҷиҳо
Лам ялтафитна ило ман госа фи-л-кусуби!

Тарҷумаи байт:

Ва заноне, ки дар каҷоваҳо бар шутурони мода саворанд, ба он кас, ки дар тӯдаҳои рег фурӯ рафтааст, таваҷҷуҳе надоранд.

Дунон чу гилеми хеш берун бурданд.
Гӯянд: «Чӣ ғам, гар ҳама олам мурданд»!

Қавме бар ин намат (тариқа), ки шунидӣ ва тоифае хони неъмат ниҳода ва дасти карам кушода, толиби номанду маърифат ва соҳиби дунёву охират. Чун бандагони ҳазрати подшоҳи олами одил, муаййиди музаффару мансур, молики азиммаи аном (сарриштаи ихтиёри мардум), ҳомии суғури (марзҳои) ислом, вориси мулки Сулаймон (а), аъдали (додгартари) мулуки замон, музаффаруддунё ва-д-дин Атобак Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ.

Падар ба ҷои писар ҳаргиз ин карам накунад,
Ки дасти ҷуди ту бо хонадони Одам кард!
Худой хост, ки бар оламе бибахшояд,
Туро ба раҳмати худ подшоҳи олам кард.

Қозӣ чун сухан бад-ин ғоят расонид ва аз ҳадди қиёси мо асби муболаға даргузаронид, ба муқтазои (мутобиқи) ҳукми қазо ризо додему аз момазо (он чи гузашт) даргузаштем ва баъд аз муҷоро (мунозара) тариқи мудоро гирифтем ва сар ба тадорук (дарёфтан) бар қадами якдигар ниҳодем ва бӯса бар сару рӯйи ҳам додему хатми сухан бар ин буд:

Макун зи гардиши гетӣ шикоят, ай дарвеш,
Ки тирабахтӣ, агар ҳам бар ин насақ мурдӣ!
Тавонгаро, чу дилу дасти комронат ҳаст,
Бихӯр, бибахш, ки дунёву охират бурдӣ!

А Д А Б И Ё Т

1. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Ҷ. 3. (Мураттиб ва муаллифи сарсухан Саҳобиддин Сиддиқов). – Душанбе: Адиб, 1990. – 326 с.
2. Саъдӣ. Гулистон; бо кӯшиши дуктур Халил Хатиби Раҳбар. – Теҳрон, 1338. – 800 с.
3. Тоиров У. Рӯдакӣ – офаридгори назми оламгир / У. Тоиров, С. Дурманова. – Душанбе, 2013.
4. Тоиров Урватулло. Меъёр ва андозаҳои шеър / У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 2013. – 320 с.
5. Тоиров У. Китобҳои таълимии адабӣ / У. Тоиров, М. Солеҳов. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 240 с.
6. Тоиров У. Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд / У. Тоиров, М. Солеҳов. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 334 с.
7. Тоиров У., Солеҳов М. Шеъре агар ҳаст / У. Тоиров, М. Солеҳов. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 3160 с.
8. Шакурзода Обид. Шарҳи «Гулистон». – Душанбе: Адиб, 20146. – 540 с.
9. Шамисо Сирус. Анвои адабӣ / С. Шамисо. – Теҳрон, 1370.
10. Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе: Эр-граф, 2013. -Ҷ. 5. – 662 с.

СУХАНЕ ЧАНД ДОИР БА ЯК МУНОЗАРАИ МАНСУРИ САЪДӢ

Дар ин мақола муаллиф доир ба таҳаввул ва такомули анвои адабӣ, алалхусус, доир ба мунозара изҳори ақида менамояд. Ба қавли муаллиф, мунозара ба ду маънӣ истифода мешавад, яке номи илмест, ки ҳангоми баҳс ҳар ду тарафи муқобил бояд одоб ва шартҳои баҳсро ҳатман ба инобат гиранд. Дуюм, мунозара ҳамчун асари адабиест, ки байни ду кас ё гурӯҳе ба вуқӯъ меояд. Мунозара дар ибтидо бо назм навишта мешуд. Аммо дар таърихи адабиёт мунозараҳое мавҷуданд, ки дар шакли мансур таълиф шудаанд ва мунозараи Саъдӣ аз ҷумлаи онҳост.

Калидвожаҳо: адабиёти форс-тоҷик, назм, наср, каломи манзум, каломи мансур, анвои адабӣ, шеър, шоир, мунозара, Асадии Тӯсӣ, Анварӣ, Муиззӣ, Саъдӣ, Деҳотӣ.

НЕСКОЛЬКО СЛОВ ОБ ОДНОЙ ПОЛЕМИКЕ МАНСУРА САДИ

В данной статье автор приводит свои доводы относительно эволюции и усовершенствования литературных жанров, особенно относительно жанра полемики. По мнению автора, полемика используется в двух значениях, одно из них название науки, при которой две протвоположные стороны должны обязательно соблюдать этику и условия полемики. Второе, полемика как художественное произведение, которое возникает между двумя людьми или несколькими группами. Полемика изначально писалась в поэтической форме. Но в истории существуют литературные полемики, которые написаны в прозаической форме, и полемика Саади является одной из них.

Ключевые слова: персидско-таджикская литература, проза, поэзия, поэтическое произведение, прозаическое произведение, литературные жанры, стих, поэт, полемика, Асади Туси, Анвари, Муиззи, Саади, Дехоти.

A FEW WORDS ABOUT ONE POLEMS OF SAADI MANSOUR

In this article, the author presents his arguments regarding the evolution and improvement of literary genres, especially regarding the genre of controversy. According to the author, the controversy is used in two values, one of them is the name of science, in which the two opposite sides must necessarily observe ethics and the conditions of controversy. Second, the controversy as a work of art that occurs between two people or several groups. The controversy was originally written in poetic form. But in history there are literary controversies that are written in prose form, and Saadi's controversy is one of them.

Key words: Persian-Tajik literature, prose, poetry, poetry, prose, literary genres, verse, poet, controversy, Asadi Tusi, Anvari, Muizzi, Saadi, Dehoti.

Сведения об авторе: ***Тоиров Урватулло*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 905-55-99-00**

Information about the author: ***Toirov Urvatullo*** - Tajik National University, doctor of philological sciences, professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 905-55-99-00**

УДК: 14+82 (575.2)

ОСОБЫЙ СОСТАВ И СОЗВУЧИЯ В ГАЗЕЛИ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

Кодиров К.
Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава

Различные жанры Мир Сайида Али Хамадани собраны в сборнике под названием «Чиҳил асрор» («Сорок тайн»), который имеет и второе название «Гулшани асрор» («Цветник тайн»), В этом сборнике основное место занимает газель, которая в творчестве Мир Сайида Али Хамадани служит главным лирическим средством изложения ирфанических положений и мотивов. В своих газелях Мир Сайид Али Хамадани пользуется двумя поэтическими псевдонимами «Али» и «Алайи».

Ирфаническая «любовь» в газелях Мир Сайида Али Хамадани выступает главным мотивом, сосредоточением влечений и становления на истинный путь к просветлению полной всех манифестаций Истины, и средством завершения слияния ‘арифа с возлюбленной - так **упорно искомой а**бсолютной Истиной.

Газель Мир Сайида Али Хамадани, совершенствуется и превращается в поэзию волнений, экстаза, бунта и единства. Его газели свойственно особое звучание, которое способно направлять вставшего на путь мистического самосовершенствования путника к самоосознанию. Газель Мир Сайида Али Хамадани изображает действительное состояние духовности и с помощью слов и выражений поэтической структуры призывает идущего по пути самосовершенствования к песне и пляске, терпению и благомыслию. Этим способом ведёт их в незнакомые просторы полных чудес и творящих прекрасное, дабы он не оставался в неведении и косности от истинности множественности и единства.

Говоря о газели Мир Сайида Али Хамадани, следует обратить особое внимание на то обстоятельство, что свою ирфаническую лирику поэт направил на укрепление основ уже традиционного ислама путем синкретизации норм официальной религии и эмоциональных средств ирфана. Экстативный душевный настрой поэта весьма характерно передан, например, в этом фрагменте его газели:

Тирборони бало бар ҳар ки ҳаст,
Аз камони пурхами абрӯи ӯст.
Ҳар гирифторе, ки андар олам аст,
Аз каманди зулфи анбарбуйи ӯст.
*Ҳар гуле, **ки** руст дар **боғи** вуҷуд ,*
Оби ҳайвоне ҳаме дар ҷӯйи ӯст
(Если кто-то подвергается обстрелу невзгод,
То от туго лука её бровей.
Всякий пленный на этом свете,
Пленён арканом её благоухающих амброй кудрей.
Ручей каждого цветка, выросшего в этом саду,
Орошаем всей живой сущей водой) [1, с. 49].

Газели Сайида Али Хамадани предвечны и божественны и составляют одно целое с Богом. В существе духа множество и единство действительны, более того, их единство - сама действительность. Множество является сущностью вахдата (единство) и, как творец, вбирает в себя всё сотворенное в собственной субстанции. Вахдат (единство), являясь существом Истины, произошел из манифестации лика материального мира. Этот акт Мир Сайид Али Хамадани изображает в газели «Таҷалии ҷамол» («Манифестация лика»):

Он ки бар ҳар варақе акси ҷамоли ту надид,
Ғарқи обест, ки як қатра зулолат начашид.
Дар зукоми ғами ҳичри ту фурӯ рафт ба как,
Он ки аз турраи мушкини ту бӯйе нашамид.

Ҳар кӣ берун зи худ андар талабот саъйе кард,
Аз пайи об чу моҳӣ ҳама умр битапид.
Он ки бо ақл талаб кард, ҳама умр наёфт,
Ва-он ки бе хеш даромад, ба яке ламҳа расид.
Хоби ғаҳл аз ҳарами қурб маро дур афканд,
В-арна наздиктар аз дӯст касе ҳеҷ надид.
Аз таҷаллои ҷамолаш ҳама зарроти вуҷуд,
Масти ишқанд ба баде, ки аз он кӯй вазид.
Ҳама парвардаи лутфанд: чи ҳушёр, чи маст,
Ҳама дар айни висоланд, чи пиру чи мурид.
Ҷун ту ӯро ҳама бинӣ, ҳама донӣ ба яқин,
Ёфтӣ ганҷи ҳақиқат, ки бар он нест мазид.
Партави акси рухаш чун зи паси парда битофт,
Шабнами ҷони Алӣ сӯи хуршед кашид.
(Тот, кто на каждом листе не увидел отражение Твоего лика,
Тонет в воде, которая подарила Тебе прозрачную каплю.
И если спастись от тоски и разлуки с Тобой ушёл под землю,
Тот, кто не понюхал аромат Твоих мускусных кудрей хоть раз.
Тот, кто не в себе постарался в Твоём поиске,
Всю жизнь, как рыба, барахтался из-за воды.
Тот, кто разумом всю жизнь искал, не нашёл,
А тот, кто не в себе выступил, за мгновение ***дошёл.***
Спячка невежества отбросила далеко от храма близости,
Не то, ближе друга никто никогда не видал.
Отблеска голика все частицы сущего,
Опьянены любовью от ветра, идущего с той улицы.
Все взращены милостью: что трезвый, что ***пьяный,***
Все в пору соития: что наставник, что последователь.
Если ты его видишь всем, принимаешь за всё, наверняка,
Нашел клад истины, больше которого не найти.
Когда отражение его Лика засияло из-за завесы,
Роса души Алайи устремилась к солнцу) [2, №546, Л. 377[а]].

В газели Мир Сайид Али Хамадани высказывает о человеке различные мысли, но при всём этом придает ему очень важное значение. Эту позицию он занимает в соответствии с общей концепцией ирфанического теогнозиса: ведь в этой концепции человек предстаёт эманацией Бога. Как макромир, человек в этой поэзии воспринимается как ворота в микромир, мир вещественный, откуда открывается другая дверь, уже к Богу. Человек должен общаться с Богом. Увидев Бога, человек становится способным видеть всё. Взглянем, как этот тезис поэт развертывает в этой газели:

Ошиқон акси рухат дар ҳама ашё бинанд,
Сирри савдои ту дар сина ҳувайдо бинанд.
Ҳар киро як нафасе бо ту муҳайё гардад,
Ду ҷаҳон пеши дараш айш муҳанно бинанд.
Хоки роҳе, ки саги кӯи ту бар вай гузарад,
Тӯтиёи рамади дидаи бино бинанд.
Дарди ишқат, ки ҳимоятгари ҳар дармон аст,
Хуштар аз моидаи ҷаннати маъво бинанд.
Оташе, к-аз гами ту рахти дилу ҷон сӯзад,
Аз фурӯғи қабасаш нури таҷалло бинанд.
Аз вуҷуҳи сануриҳим хати асмо хонанд,
Бас ба таҳқиқ ҳама айни мусаммо бинанд.
Уди ҷонро ҳама шаб сӯхта дар маҷмари ишқ,
Дами хушбӯйи сабо дар дил аз он ҷо бинанд.
Дасти ҳиммат ба баду неки ҷаҳон н-олоянд,
Чун дил аз ҳар чӣ дурангист, мубарро бинанд.
Соликон тӯшаи ин раҳ зи ано сохтаанд,
Давлати охират аз меҳнати дунё бинанд.
Дар палоси табу фақр бад-ӯ менозанд,
К-аз палоси гами ӯ рӯҳи Масеҳо бинанд.
Ҷаннат-ул-ҷаннат чун кард Алӣ таҳқиқ,

К-аз пайи ранҷу тааб ганҷи мукофо бинанд.

(Влюблённые отражение Твоего лика видят во всех вещах,
Страсти любовные находят в своей груди.
Если кому-то подвернётся миг общения с Тобой,
Два мира ***наслаждений*** *у порога своего находят даром.*
Пыль дороги, по которой собака Твоей улицы проходит,
Находят тутией воспалённого глаза зрячего.
Муки Твоей любви, которые защищают от всякой болезни,
Предпочитают угощению в райском прибежище.
Огонь, который от тоски по тебе сжигает ткани сердца и души,
Принимают за сияние света манифестации.
Всё, что существует, принимают за зеркало субстанции,
Желанный лик в тех зеркалах видят наяву.
Всю ночь сжигая алое души в кадильнице любви,
Ароматное дыхание зари в сердце от того находят.
Руку усердия не оскверняют в мирских зле и добре,
Коль чувствуют сердце свободным от всяких лицемерий.
Припасом этой дорога путники сделали страдание,
Счастье загробной жизни в мирских мучениях.
В лохмотьях тоски по ней лицезрение улыбнется им.
Семь раев когда Алайи исследовал, [и понял],
Что после страданий и лишений увидят клад даров) [2, № 546, Л. 373^{б}-374^{а}].

Мир Сайид Али Хамадани считает, что все высокие положения и человеческое счастье являются плодами смирения и богослужения. Смирение бывает трех разновидностей: во-первых, это душевное смирение, которое выражается в таухиде - в уповании на Бога, терпеливости, благодарности, покорности, преданности, довольствовании, просветлении и т.п., во-вторых, это телесное смирение, которое бывает двух видов, первый из которых принадлежит Истине. Это - молитва, пост, а второй вид принадлежит людям и выражается в благотворительности.

Когда Мир Сайид Али Хамадани воспевает «любовь» газель в этом процессе играет более важную роль, ибо и ирфан не в малой степени послужил развитою газели. Искренний ‘ариф, Мир Сайид Али Хамадани сумел создать такую газель, которая служит ирфану, так как в нем между «любовью» и Богом образовалась духовная взаимосвязь. На этой основе в газели Мир Сайида Али Хамадани появились понятия, термины, лексика, свойственные этому теогностическому течению.

Все аллегории, использованные Мир Сайидом Али Хамадани в газели, имеют ирфаническое предназначение и выражают определенное значение. Целенаправленность таких аллегорий не вызывает никаких сомнений, поэтому следует признать и то, что поэт при этом преследовал эффект восприятия их значения. Обратимся к примеру:

Ҳар он ҷон, к-аз гамаш бар вай рақам нест,
Надимаш дар ду олам ҷуз надам нест.
Диле, к-аз дарди ӯ дармон насозад,
Вуҷуди ӯ ба маънӣ ҷуз адам нест.
Саре, к-аз сирри маънӣ бохабар шуд,
Дар ӯ гунҷойиши шодию гам нест.
Ҷаҳон аз акси рӯяш гашта равшан,
Агар акмаҳ набинад, ҳеҷ гам нест.
Ту маҳрам нестӣ, маҳрум аз онӣ,
Раҳи номаҳрамон андар ҳарам нест.
Ҳиҷоби туст ин ҳастии мавҳум,
Ки ҳаргиз нур бо зулмат ба ҳам нест.
Чу дар дарёи ваҳдат гум нагаштӣ,
Аз онат дурри ирфон дар шикам нест.
Агар фонӣ шавӣ дар баҳри тавҳид,
Аён бинӣ, ки он ҷо кайфу кам нест.
Чу боз ар чашми ҳиммат бастӣ аз кулл,
Мақарри иззи ту ҷуз дасти Ҷам нест.
Ба ҷуз ҳиммат наёбад роҳи мақсуд,
Ҳумои ҳиммат он ҷо муттаҳам нест.

Алӣ, чун ҳимати олӣ надорӣ,
Туро гоме зи кӯяш лоҷарам нест.
(Каждая душа, на которой нет метки от грусти по ней,
Наперсников ее в двух мирах нет, кроме раскаяния.
Сердце, которое из боли по нём не делает себе бальзам.
Его существования по сути нет нигде, кроме небытия.
Голова, которой стала известна тайна существа,
В ней нет места для радости и печали.
Мир засветился от отражения его лица,
Если тогда не увидит, никакой печали нет.
Ты не близкий друг, ты лишён его,
Доступ недозволенным в гарем запрещен.
Твоим покрывалом является эта мнимая действительность,
Ибо свет со тьмою никогда не сходятся вместе.
Так как ты не исчез в океане вахдата,
В твоем желудке нет жемчужины ирфана.
Если аннигилируешься в море таухида,
Воочию увидишь, что там не «что» и «как»...
Ничто, кроме стремления, не найдет дорогу к цели,
Феникс стремления там не возрадим.
Али, раз у тебя нет высокого стремления,
Тебе от его переулка, следовательно, пользы нет) [2, № 546. Л. 369^{б}].

Газели Мир Сайида Али Хамадани глубоко содержательны, внешне чарующи и обладают другими свойствами высокой поэзии ирфанического содержания. Все сорок одна газель, которые он оставил после себя, посвящены божественной любви, ирфану. Они же выступают поэтическими толкованиями ирфанической символики и иных средств изображения. Обратимся к примеру:

Арбоби завқ дар гами ӯ орамидаанд,
В-аз шодиву наими ду олам рамидаанд.
Ҳурони хулдро ба пашизе намехаранд,
То аз мисоли ҳусни ту рамзе шунидаанд.
Полудаи шиканҷаи ишқанд, аз он сабаб,
З-олудагони ҷифаи дунё буридаанд.
Мургони ишқро ба ду қавн илтифот нест,
Чун дар фазои шавқи ту рӯзе паридаанд.
Аз зиқи хонақоҳи сувар хирқаи вуҷуд,
Бар торуми ҳазоири қудсӣ кашидаанд.
Аз нози ёру меҳнати агёр фориғанд.
Чун дар суродиқоти ҷалолат расидаанд.
Дар маҷлиси шуҳуд нишаста мулуквор,
Завқе зи ҷоми унс ба сад ҷон харидаанд.
Бар буйи меҳри туст Алоӣ раҳини гам,
Ин давлат аз азал ба гилаш дардамидаанд.
(Мужи восторга в печали по нему застыли,
И от радостей и благ двух миров отвернулись.
Райских гурий за медный грош не берут,
С тех пор, как о подобии твоей красоты услышали намек.
Они выжимки пыток любви, потому что
Отказались от скверны падали мирской.
Птицам любви нет интереса к двум мирам,
Раз в пространстве твоего влечения разок порхали.
От восторга обители образа власяницу существования
Натянули на зеленые ограды мира святости.
Они безразличны к капризам друга и беспокойству врага,
Когда добрались до сияния божественного величия.
На собраниях созерцания сидя как повелители,
Восторг от кубка близости приобрели за тысячи душ.
Из-за запаха твоей любви Алайи заложник тоски,
Что это счастье от газели в его глину вдохнули) [2, № 546. Л. 369^{а}- 369^{б}].

Газели Мир Сайида Али Хамадани отличаются глубиной содержания и просветленческой направленностью замысла, волнующей мелодичностью, качествами как нельзя более необходимыми для внедрения ирфанических настроений.

При изображении сложного вопроса манифестации субстанции Бога поэт разворачивает тему возврата от множества к единству, узнавания и соединения. В этом сложном процессе центральной темой выступает освобождение духовного начала из-под давления материального. Этой теме поэт посвятил газель «Водии асрор» («Долина тайн»):

Гар насими водии асрор хоҳӣ, тан гудоз,
В-ар таҷаллии ҷамоли ёр хоҳӣ, ҷон бибоз.
Тан чу зиндон асту ҷонат банди роҳи ҷони ҷон.
Ҷони ҷон гар боядат, бо банду бо зиндон масоз.
Ҳар чӣ гайри ӯст, душман дон ту андар роҳи ӯ.
Дар ҳузури душманон бо дӯст натвон гуфт роз.
Шеваи риндони ин даргоҳ ҷонбозӣ бувад,
Чун ту ин бозӣ надорӣ дар раҳи ӯ кач мабоз.
Пеши борони балои дӯст ҳар к-ӯ сар ниҳод,
Бар фарози торами улвӣ кунандаш сарфароз.
Тоату зуҳди риёиро бар он дар қадр нест,
Туҳфае он ҷо наёбад кас беҳ аз сӯзу гудоз.
Бо гами ишқаш ту аз лаззоти ҷисмонӣ магӯй,
Бо вуҷуди равзаи ризвон ту аз гулхан маноз.
Файзе аз рухалқудус гар хоҳӣ андар сирри ҷон,
Маркаби ҳирсу ҳаворо дар пайи гӯлон матоз.
Чатри рифъат бар сари Кайвон, Алоӣ, баркашӣ,
Чашми ҳиммат гар аз ин дунон ту бардӯзӣ чу боз.
(Если хочешь ветерка долины тайн, изнуряй тело,
А коль желаешь проявления красоты подруги, жизнью рискуй.
Твое тело – темница, а душа препятствие на пути души,
Если душа, души тебе надобно, не мирись с путями и темницей.
Все, кто не она, ты считай врагом на пути к ней,
В присутствии врагов с другом нельзя делиться тайнами.
Поведение бесшабашных при этом дворе – игра с жизнью,
Коль ты не играешь в эту игру, не плутуй.
Кто под дождем несчастий за друга голову кладет,
Того вознесут к вышине небесного порога.
Послушание, подвижничество и лицемерие там не в почете,
Там никакого лучшего дара, чем страдании, не ожидают.
Страдая от любви к ней, о телесных наслаждениях не говори,
Имея райский источник, ты не отвергай костра.
Если желаешь блага от святого духа о тайне души
Не гони скакуна желаний и страстей за оборотнями.
Ты зонт возвышения на пике Сатурна, Алайи, поставишь,
Если, как сокол, взор высоких помыслов отвратишь от этих низких деяний) [2. № 546. Л. 377^{б}].

То, что Мир Сайид Али Хамадани постоянно находит в центре противоречий, действий и воспеваний, является любовью. «Любовь» Мир Сайида Али Хамадани напоминает растение, внутреннее воздействие которого находится в сговоре с красотой и истиной, посредником между Творцом и человеком. «Любовь» предстаёт вместилищем притяжения и роста, всякого рода проявлений и манифестаций «ащака» - любований. Исходя из изложенной концепции любви, Мир Сайид Али Хамадани приходит к стилистике изображения любви. Поэт убеждён, что мысль о Боге есть совершенная красота любви и всякое проявление красоты в телесном мире – это лишь отражение красоты этой мысли. В газели «Оинаи ҷамол» («Зеркало красоты») поэт пишет:

Сайри ҳумои ишқаш воло бувад ҳамеша,
Зилли ҷалоли ҳукмаш барпо бувад ҳамеша.
Чун маснади ҷалолаш дилҳои бедилон аст,
Бас шоҳбози ҳуснаш бо мо бувад ҳамеша.
Бӯйе зи хоки кӯяш бар ҷони ҳар кӣ ояд,
Анфоси мушкбораш бӯё бувад ҳамеша.
В-он ки амои гафлат пӯшида чашми сирраш,

Ҳаззи вай аз мусаммо асмо бувад ҳамеша.
Оинаи ҷамолаш чун нури маърифат шуд,
Сирри сафои ориф зебо бувад ҳамеша.
Ҷоне, ки сӯзи ишқаш манзил кунад замоне,
Лаззоти ҷовидонӣ он ҷо бувад ҳамеша.
Ҳар к-ӯ надид рӯяш, кӯри ду олам омад,
В-онро, ки дида шуд ӯ, бино бувад ҳамеша.
Савдоии висолаш шайдои анҷуман шуд,
Дар офтоб зарра пайдо бувад ҳамеша.
Бар даргаҳаш, Алоӣ, аз мову ман гузар кун,
Зеро ки базми айшаш бе мо бувад ҳамеша.
(Полет феникса его любви - всегда высок,
Тень величия его веления - всегда над нами.
Так как престол его величия есть сердце влюблённых,
Следовательно сокол его красоты всегда будет с нами.
Если благоухание праха его улицы достигает души кого-то,
Его мускусное дыхание всегда будет благоухать.
А тот, кому слепота неведения закрыла глаза,
Его писание от препятствий всегда бывают имена.
Когда зеркало его красоты стало светом просветления,
Глянец чистоты ‘арифа будет всегда прекрасным.
Душа, в которой на миг гнездился жар его любви,
Вечные наслаждения останутся навсегда.
Всякий, кто не видел его лица, остался слепым в двух мирах,
А тот, кому он стал зрением, всегда будет зрячим.
Безумный от его любви стал безумным на миру,
На солнце частицы присутствуют всегда.
У его порога, Алайи, забудь о «мы» и «я»,
Ибо пиры его веселья всегда бывают без нас) [2, № 546. Л. 37б[а]-37б[б]].

Любовь в газели Мир Сайида Али Хамадани предстаёт своеобразным способом восприятия действительности и творческой силой. Как влечение и стремление к вечности, любовь присутствует во всевозможных актах рождения и творения, мышления и деяния, направления и сопутствия «приятных» и «счастливых»:

Зи акси рӯйи ту ёбанд мақбулон ҳидоятҳо;
Зи хоки кӯйи ту бинанд масъудон саодатҳо.
Ту он анфоси раҳмонӣ, ки ҷонҳо аз дамат ёбанд,
Ту он дарёи гуфронӣ, ки мешӯяд хиҷолатҳо.
Қабоҳатҳои феъли мо, ки саг з-он шарм медорад,
Ба гайр аз пардаи афват кӣ пӯшад ин қабоҳатҳо?
Иноятҳои беиллат, ки бо ҳар муфлисе дорӣ,
Тасалло медиҳад дилро уммеди он иноятҳо.
Ҳимоятҳои фазл овард ҷонро аз адам берун,
Дигар раҳ чашм медорад фазилат аз ҳимоятҳо.
Ҳумои лутф агар як дам назар бар ҳолам андозад,
Сари ҳар мӯи ман ёбад аз он давлат кароматҳо.
Зи ҳуснат ҳар касе ҳар дам ҳадисе дигар огозад,
Рухат гар ҷилвае созад, намонад он ҳикоятҳо.
Уқули қудсиён чун шуд, ки андар ҳар хами зулфат,
Зи муште хокиён он ҷо чӣ санҷад ин мақолатҳо.
Алоӣ, домани ҳиммат агар аз худ барафшонӣ,
Расӣ дар оламе, к-он ҷо набошад ин малолатҳо.
(От отражения Твоего лица приятные получают напутствие,
От праха Твоей улицы получают счастливое счастье.
Ты - то божественное дыхание, которое дарит жизнь,
Ты - то море милосердия, смывающее наш позор.
Пакости нашей натуры, которых стыдятся даже собаки,
Что еще, кроме покрывала Твоего прощения, покроет?
Бескорыстные благоволения, которые Ты оказываешь нищим,
Утешает сердца надежда на те благоволения.
Защита мудрости вывела душу из небытия,

Еще раз ожидает мудрость защиты.
Если феникс милости окинет взглядом моё состояние,
Каждый мой волос получит от этого счастья милость.
О Твоей красоте каждый всякий раз начинает другой сказ,
Если Твой лик раз покажется, прекратятся эти рассказы.
Что стал с умами небожителей, что на каждом завитке твоих кудрей,
От горстки земножителей, как испытают эти разговоры.
О, Алайи, если подол усердия стряхнешь,
Попадешь в такой мир, где не будет этих огорчений) [2, № 546. Л.377[а]].

В своей теогностической газели Мир Сайид Али Хамадани пользуется традиционными поэтическими средствами типа хат (пушок), хол (родинка), чашм (око), зулф (кудри), май (вино), маъшук (возлюбленная), с помощью которых усиливается лиризм поэтического слога:

Ҳар саҳаргаҳ, бӯйи лутфаш ҷон ба боло мекашад.
Сурати мавҳумро хат дар ману мо мекашад.
Соя дар хуршед гум мегардад, эй симурги фазл,
Золи зорафтодаро аз тиҳи савдо мекашад.
Ҷон хиромон мешавад дар ҳавдаҷи гайби яқин,
Ҳотифи иззат дил аз чоҳи таманно мекашад.
Дасти гайрат гулхан аз гӯлони нафсӣ карда пок,
Рахти дил бар гулшани ин сақфи ҳазро мекашад.
Ҳаркӣ ӯ дар кӯйи ваҳдат ҷони худро сохт завқ.
Рояти иззу шарафро то ба Сурайё мекашад.
Абри рӯяш чун нисори файзи раҳмат мекунад,
Хокиёни хастаро дар саффи аъло мекашад.
Зубдаи асрори қавну нақди меъёри вуҷуд,
Дар ниҳоди пайкари хокӣ аз он ҷо мекашад.
Чун Алоӣ сайди анқои ҷалолаш гашт, аз он,
Бар замираш доги ашколи муаммо мекашад.
(Каждое утро аромат его милости тянет душу ввысь,
Абстрактное подобие рисует в «я» и «мы».
Тень исчезает в солнце, о Симург мудрости,
Беспомощного старца из тебя вытянет на страсть.
Душа плавно выступит на палантине тайной достоверности,
Глас достоинства порвет с ямой попрошайничества.
Ищущую целого части пыли улицы того высокородного,
Если кто найдет аромат, решимость потянет вдаль.
Всяк, кто на пути к единству свою душу превратил в восторг,
Знамя достоинства и славы поднимет на Плеяды.
Тучи своего лица раз жертвует на благодеяния,
Изнуренных землян вытянет в высочайший ряд.
Суть тайн бытия и наличие мерил существования,
В природе тела из глины оттуда вытянет.
Раз Алайи стал добычей анка его сияния, то,
В своей душе выжгет знаки форм шарады) [2. № 546. Л. 374[а]-374[б]].

Исходя из того, что газель Мир Сайида Али Хамадани ведёт к самоосознанию и богопознанию, поэтому высказывает убеждение, что сердце, способное вместить в себя любовь к Богу, и способно взрастить добро и истину:

Он дил, ки ёфт як дам аз кӯйи ту нишоне,
Гардад нисори роҳаш дар ҳар нафасфишонӣ.
Рӯҳониёни улвӣ дар рашку ҳайрат уфтанд,
Чун бедиле нишинад бо ёди ту замоне.
(То сердце, которое на миг нашло твой адрес,
Приносит себя в жертву каждый миг на этом пути.
Небесные духи приходят в ревность и изумление,
Когда какой-нибудь влюблённый на миг задумается о тебе) [3, с. 86].

В газели Мир Сайид Али Хамадани подвергает оценке критерии и принципы, которые исходят из веры и убеждений. Тем не менее, главным критерием его газели

выступает субстанция Бога и всё, что связано с ней. Служить Богу, стремиться к нему – главнейшая задача поэта:

Субҳи васлам дамад аз машриқи рӯят рӯзе.
Ҷони ҳаҷрам шавад андар сари мӯят рӯзе.
Нури хуршеди умедам, ки фурӯ шуд ба гамат.
Ҳам биёяд зи раҳи матлаи кӯят рӯзе.
(Заря встречи когда-нибудь взойдет с востока Твоего лица,
Душа когда-нибудь покинет тело из-за Тебя.
Луч солнца моей надежды, закатившегося от тоски по тебе,
Взойдет навстречу мне восход Твоего лика как-нибудь) [2, № 546. Л.376^{б}].

Газели Мир Сайид Али Хамадани в отношении языка, как лексики, так и синтаксического строя, внутренней рифмы и радифа так же звучат ирфанически. Его газели отражают различное состояние человека, философию бытия, перипетии жизни. В его газелях – любовь самое яркое, глубокое понятие и вокруг неё крутится огромное ирфаническое творчество ‘арифа.

Все газели сборника «Чиҳил асрор» («Сорок тайн») Мир Сайида Али Хамадани направлены на то, чтобы убедить маловеров в том, то Мансур Халладж, которого замучили маловерные ортодоксы, был прав в том, что в человеке глубоко сидит божественное начало, поэту необходимо «осветить» его память. Мир Сайид Али Хамадани этой цели отдал всю свою щедрую душу.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ашкул Баёни. «Мантиқи ишқи ирфонӣ» («Логика ирфанической любви»). – Тегеран, 1364 ш. – 224 с. (на перс.яз.).
2. Мир Сайид Али Хамадани. «Ғазалиёт» («Газели») // Рукопись Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени Рудаки Академии наук Республики Таджикистан. - № 546.
3. Мир Сайид Али Хамадани. «Ганҷи ирфон» («Сокровища ирфана»). - Составители, комментарии и толкования словаря М. Султанзаде, Х. Асозаде, К.Турдиева.– Душанбе: Ирфон, 2015. -Т.1. – 380 с; -Т.2. – 288 с.
4. Кодиров К. «Ирфаническая поэзия Мир Сайида Али Хамадани» / К.Кодиров. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 262 с.
5. Ризокулихон Хидоят. «Тазкираи риёзи ал - орифин» («Антология «Сад мистиков»). – Тегеран, 1344 ш. – 201с. (на перс.яз.).
6. Сирус Шамисо. «Сайри ғазал дар шеъри форсӣ» («Путешествия «газели в персидской поэзии»). – Тегеран, 1973. – 289 с. (на перс. яз.).

ВИЖАГИҲОИ МАЪНАВӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Дар мақола мавзӯи вақҳи илоҳӣ дар заминаи ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Гузориш дода мешавад, ки ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ азамати ишқи илоҳӣ ва риёзат аст. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар эҷоди ғазал бо калом сару кор дорад ва мурод аз калом, ҳамон рӯҳи қудси асмоӣ аст, ки дар ғазал суруда шудааст. Ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тараннуми вақҳи илоҳӣ аст. Фикри Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз маърифати илоҳӣ саррез аст ва суханаш ҷалолпазир аст, ки ҷойгоҳи воло дорад. Дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ғазал аз вақҳи таъолӣ ва мартабаи инсонӣ назар мекунад ва аз ин ҳайс ба арзишҳое пайванд аст, ки сурати лутф доранд. Истеҳкоми лутф ва маънии ғазали Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз таркибот ва ҳамоҳангии хос барҳӯрдор аст. Фазои ғазали ӯ бо мизони қобили таваҷҷуҳи доманадор аст. Ташреҳ ва тафсири истилоҳот дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таҳқиқи хос дорад. Таъбирот дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дорои вақҳи илоҳианд. Тадриҷан таъбирот аз маънии худ интиқол ёфта, барои ифодаи мурод аз маъонӣ, ки мурод ва мақсуди шарҳ аст, ба кор меравад. Маҳз ин таъбирот дар ғазалиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо забони аҳли шарҳ ривоҷ ёфтааст.

Калидвожаҳо: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ғазал, вақҳ, истилоҳот, таъбирот, вожа, ишқ, ирфон.

ОСОБЫЙ СОСТАВ И СОЗВУЧИЯ В ГАЗЕЛИ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

Газели Мир Сайида Али Хамадани – это величие любви, бескрайний мир, как бескрайня любовь к Богу. Отмечается, что в газелях Мир Сайида Али Хамадани переданы положения калама и в этом отношении он следует за Истиной. Газели Мир Сайида Али Хамадани выступают синтезом любви разума, узорами разума и болезненными корнями духа. Поэтому его газели зовут к Истине и справедливости, наполнены каламом. Газели Мир Сайида Али Хамадани состоят из тонких мыслей, в которых слова без скрытого луча не вмещаются. Здесь тайное горение и внутреннее волнение придают превосходство поэтическому слову. Газели Мир Сайида Али Хамадани наполнены просветлением, слова торжественны и возвышенны. Мир в газелях Мир Сайида Али Хамадани полон щедрости, а «божественная позиция» имеет осмысливающую оболочку. В газелях Мир Сайида Али Хамадани «божественная позиция» выступает с человеческим достоинством, и поэтому связана с ценностями, носящими знаки благости. Прочность благости и смысл газели пользуются особым составом речи и созвучием.

Ключевые слова: Мир Сайид Али Хамадани, газель, прочность благости, термин, символика, слова, любовь, ирфан.

THE SPECIAL COMPOSITION AND CONSONANCES IN THE GHAZAL OF MIR SAYYID ALI HAMADANI

Gazelles Mir Sayyid Ali Hamadani is the greatness of love, the endless world, as endless as the love of God. It is noted that in the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani the provisions of Kalam follow and in this respect he follows the Truth. Gazelles Mir Sayyid Ali Hamadani acts as a synthesis of the love of the mind, patterns of the mind and painful roots of the spirit. Therefore, his ghazal calls for truth and justice, filled with calam. Gazelles of Mir Sayyid Ali Hamadani consist of subtle thoughts in which words without a hidden ray do not fit. Here, secret burning and inner excitement give superiority to the poetic word. Gazelles Mir Sayyid Ali Hamadani is filled with enlightenment, the words are solemn and sublime. The world in the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani is full of generosity, and the "divine position" has an interpretive shell. In the ghazal of Mir Sayyid Ali Hamadani, the "divine position" emerges from human dignity and therefore is associated with values bearing signs of goodness. The strength of goodness and the meaning of the ghazal use special compositions and consonance.

Key words: Mir Sayyid Ali Hamadani, gazell, strength of goodness, term, symbolism, words, love, irfon.

Сведения об авторе: ***Кодиров Каримджон*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, и.о., профессор кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735041. Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Тел.: **(+992) 985-47-66-69**

Information about the author: ***Kodirov Karimdzhon*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, acting, professor of the department of Tajik literature. **Address:** 735041. Republic of Tajikistan, Bokhtar, st.Aini, 67. Tel.: **(+992) 985-47-66-69**

УДК: 891.550:82

ТАЪСИРИ ЗАМАХШАРӢ БАР МУФАССИРОНИ БАЪД АЗ ХУД

Очилова М.И.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Дар қаламрави хилофати араб қарор гирифтани марзҳои Осиёи Миёна ва паҳн шудани дини ислом дар ин сарзаминҳо дар таҳаввули андеша ва фарҳанги ҷамъият нақши бузург бозидааст. Ба ақидаи олимону муҳаққиқон ба туфайли сиёсати арабҳо дар мамолики тобеи худ забони арабӣ забони умумӣ ва ягонаи хилофат ва инчунин забони илм гардид.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар ин бора изҳори назар намуда, навишта буд: «Забони арабӣ ҳамон мавқееро, ки забони лотинӣ дар Европаи Ғарбии асримиёнагӣ дошт, дар дохили хилофат соҳиб гардида, дар байни халқҳои гуногун эътибори забони умумии илмиро пайдо мекунад [1, с.321].

Дар асрҳои VIII-X забони арабӣ дар байни шоирону нависандагони Хуросону Мовароуннаҳр, Хоразму Форс низ роиҷ гашт ва чунонки муҳаққиқи тафсири «Қуръон» Умеда Ғаффорова таъйин менамояд: «...дар ин давра адабиёти арабизабони форс-тоҷик ба вуҷуд омад ва сурудани шеър ба забони арабӣ оғоз гардид. Адади шоироне, ки ба забони арабӣ шеър мегуфтанд, ё ҳам ба арабӣ ва ҳам ба форсии дарӣ эҷод мекарданд, кам набуд. Масалан, қисми чаҳоруми «Ятимат-уд-даҳр» фақат дар бораи 124 нафар шоири арабизабони форсу тоҷикзоди Хуросону Мовароуннаҳр маълумот медиҳад» [2, с.25].

Аммо осори адабии дар ин давра ба забони арабӣ, дар сарзамини Осиёи Миёна, бавуҷудомада ба фикри пажӯҳишгарон Е.Э. Бертелс, Н. Зоҳидов, Т.Мардонов бинобар мавзӯъ ва услуб ҷузъи адабиёти классикии форсу тоҷик ба шумор меояд.

Дар асри мавриди баррасии мо баробари улуми фаровон илми тафсир низ аз аҳамияти вижа бурхӯрдор буда, олимону муфассирон, қуръонпажӯҳон то қадри бинишу фаҳмишу дониш барои ниёзмандон Қуръонро шарҳу тафсир менамуданд. Зеро «Қуръон китобест, ки барои дарки маънии матлуб ва пайдо намудани дақоиқи ботинии он ҳатман аз обишхӯрҳое бояд баҳра бурд» [6, с.96]. Аз ин сабаб, олимону қуръонпажӯҳон ба илми тафсир рӯ оварданд ва зарурати омӯхтани онро барои ҷӯяндагони каломуллоҳ таъкид намуданд. Суютӣ аз забони Заркашӣ чунин оварда: «Тафсир илмест, ки бо он фаҳми Қуръон, баёни маонӣ, истихроҷи аҳком ва ҳикматҳои он анҷом мепазирад. Илмҳои луғат, наҳв, сарф, илми баён ва усули фиқҳу қироат кумакгари он мебошанд, ҳамчунин ба шинохтани асбоби нузули оёт ва носиху мансух ниёз дорад» [6, с.96].

Абдулазими Зарқонӣ дар ин бора навишта: «Тафсир илмест, ки дар он Қуръони маҷид, тибқи далолаташ бар муроди Худованд ба андозаи тавони фаҳми башар баҳс ва таҳқиқ мепазирад» [6, с.32].

Пажӯҳишгари «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ», доктори илми филология Умеда Ғаффорова қайд менамояд: «Аз улуми шаръиву адабӣ сар карда, то илмҳои табииву кайҳоншиносӣ ҳамагӣ дар заминаи ниёзҳои шинохту фаҳми «Қуръон» пешрафт кардаанд. Алалхусус, дар ин замина илмҳои қуръонӣ ба вуҷуд омада, фарҳанги исломиро ғанӣ ва шинохти «Қуръон»-ро осон намуданд» [2, с.38].

Аввалин муфассироне, ки ба ин илм рӯ оварданд, ҳамзамонони паёмбари ислом Муҳаммад (с) буданд. Бино ба қавли А.Холов «Ин саҳобагони киром дар натиҷаи футуҳоти дини ислом ба ҳар гӯшаву акнофи хилофат мунташир гардиданд, то мардумро аз Қуръону аҳодис ва тафсир мутталеъ созанд [9, с.17]. Аз саҳобагон Ибни Аббос (р) дар Макка, Убай ибни Каъб (р) дар Мадина ва Ибни Масъуд (р) дар Ироқ, мадориси тафсирӣ ташкил намуда, ҳар яке аз онон шогирдони худро доштанд, ки аҳли тобеин буданд. Ба мактаби Ибни Аббос Саъид ибни Ҷубайр, Муҷоҳид ибни Ҷабар, Икрима, Товус ибни Кайсон, Ато ибни Абдураббиҳӣ, ба мактаби Убай - Ибни Каъб Абулолия, Рафеъ ибни Меҳрон, Муҳаммад ибни Каъби Қарзӣ, Зайд ибни Аслам ва ба мактаби Ибни Масъуд Алқама ибни Қайс, Масруқ ибни Абдурраҳмон, Асвад ибни Язид, Марраи Ҳамдонӣ, Ҳасани Басрӣ, Қатода ибни Диомаи Судусӣ мансуб буданд. Зимнан, бояд ёдовар шуд, ки осори ин муфассирин то ба замони мо пурра боқӣ намонда, ба туфайли дигар осор аз онҳо пораҳо расидаанд.

Дар хусуси пешрафти ин илм Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ – олими қуръонпажӯҳи эронӣ 14 навъи улуми қуръониро номбар мекунад, ки яке аз онҳо илми тафсир ва таъвил аст ва соҳибони ин илмро муфассир меноманд [3, с.257].

Дар асрҳои IX – X ва минбаъда дар таърихи улуми динӣ ва адабӣ бисёр муфассирон ҳиссаи худро гузоштаанд ва осори гаронбаҳои тафсирӣ офаридаанд: Алӣ ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алӣ ал-Имом Воҳидӣ (соҳиби китобҳои «Басит», «Васит», «ал-Эъроб фӣ илми-л-эроб»), Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Иброҳим ан-Нисобурӣ ас-Саълабӣ - устоди ал-Воҳидӣ, Муқотил ибни Сулаймон ибни Башир ал-Лоздии Марвазӣ, Муфаззал ибни Муҳаммад ал-Исбаҳи Абулқосим ар-Роғиб (муаллифи «Муфрадот-ул-қуръон» ва «Афонин-ул-балоға»), Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Язид ал-Имом Абӯҷаъфар ат-Табарӣ ал-Омулӣ, Абӯисҳоқ аз-Зуҷоҷ, Абӯалӣ ал-Форсӣ, Муҳаммад ибни Умар ибни Юсуф ибни Абӯабдуллоҳ ал-Ансорӣ ал-Қуртубӣ.

Бино ба қавли муҳаққиқон Умеда Ғаффорова, Зиёзода Идибеки Ғозӣ ва Холов Аълохӯҷа навъҳои тафсир: маъсур (нақлӣ) ва раъйӣ (ақлӣ) буда, бисёр бузургони илму адаб кӯшидаанд, каломи Илоҳиро ба қадри вусъати бинишу дониши худ маънидод намоянд ва равзанае ба олами маонии ин китоби бузург кушоянд.

Зимнан, бояд қайд намуд, ки дар илми тафсир аз давраи пайдоиши он тафсири «Қуръон» ба 2 забон – арабӣ ва форсӣ сурат гирифта, осори маъруфе дар ин замина рӯйи кор омаданд.

Ҷоруллоҳ Замахшарӣ ба далели тақобили муътазилаву ашоира ва таассубе, ки нисбат ба афкори эътизолии худ дошт, саъй кард, ки ба дифоъ аз омӯзаҳои муътазилии худ барояд ва дар партави нури ақл, бо такя бар усули ақлӣ ва мантиқӣ ва бо дарки амиқи мабоҳиси улуми балоғӣ тафсире бо рӯйкарди каломӣ, адабӣ, балоғӣ бинигорад ва оётеро, ки бо усули муътазила мухолиф аст, таъвил кунад. Хирадгароии ӯ боис гардид, ки нақши муҳимму асосиро дар тафсири Қуръон бар уҳдаи ақл ниҳад ва бо таваҷҷуҳи дақиқ ба мабоҳиси улуми балоғат ба тафсир ва табйини оёти Қуръони карим бипардозад, аз ин сабаб дар тафсири «ал-Кашшоф» бо дидгоҳи хирадгароёна рӯй овардааст.

Навъе, ки қайд гардид, тафсири «ал-Кашшоф» Қуръонро вобаста ба мазҳаби муътазила шарҳ медиҳад. Бинобар ин, лозим меояд, ки ба ин равияи мазҳабӣ назар карда шавад. «Муътазила» аз забони арабӣ: иътазала-дур шудан, ҷудо шудан гирифта шуда, ҷараёни динӣ-фалсафиест, ки дар ибтидои асри VIII дар Шому Ироқ ва Мадина ба вуҷуд омада, зуд дар олами ислом паҳн шудааст. Асосгузорони ин равия, ки аввалин системаи илоҳиёти майлони ратсионалистиро дар ислом ба вуҷуд оварданд, Восил ибни Ато (699-748м.) ва Амр ибни Убайд (ваф.744м.) ба шумор мераванд. Онҳо бо гурӯҳи ҳамфикрон аз ҳавзаи устодашон Ҳасани Басрӣ (642-726м.) бо сабаби баъзе ихтилофҳои назарӣ «ҷудо шуданд» ва дар тамаддуни исломӣ боиси эҷоди як наҳзат ва таҳаввули бузурги фикрӣ шуданд. Муътазилиён барои исботи афкори худ ба мабоҳиси ақливу мантиқӣ ва фалсафа рӯй меоварданд. Онҳо ақидаҳои худро роҷеъ ба тавҳид, адами имкони руъяти Худо, офарида шудани Қуръон ва ғ. асоснок мекарданд. Дар давраи ҳукмронии халифа Маъмун (813-833) муътазилия мақоми давлатӣ пайдо кард. Вале баъдтар аз ҷониби халифаҳои аббосӣ пайравони

муътазила таъқиб карда шудаанд. Муътазилиён илми каломро асос гузоштаанд. Дар замони Ҳорунаррашид аҳли муътазила ҷазо дода шуда, ҳабс карда шудаанд. Дар замони халифа Маъмун ташвиқоти муътазилиён пурзӯр шуда буд. Дар замони халифа Муътасим ин равия гоҳ ошкор, гоҳ махфӣ давом намуда, дар замони ал-Восиқ ва ал-Мутаваккил ниҳоят ривоҷ ёфта буд. Муътазилиёни машҳур дар таърихи ин равия инҳо буданд: ал-Ҷоҳиз, Абӯҳузайл ал-Аллоф, Иброҳим ан-Низом, Восил ибни Ато, Аҳмад ибни Ҳобит, Бишр ибни ал-Муътамар, Маъмар ибни Ибоду-с-Саламӣ, Абӯмӯсо Исо ал-мулаққаб би-л-Муздод, Самомата ибни Ашраз, Ҳишом ибни Умар ал-Fӯтӣ, Абулҳасан ибн Абӯамр ал-Хайёт, Устозу-л-Каъбий Абӯалӣ ал-Ҷабоӣ (Ҷубоӣ), устозу-ш-Шайх Абулҳасан ал-Ашъарӣ ва писари ӯ Абӯҳошим Абдуссалом ва дигарон [10, с.104].

Қумӣ (т. Бағдод, 800 ҳ.қ.) дар тафсири худ ба номи «Тафсири Нишопурӣ» дар мақоми баёни истифода аз «ал-Кашшоф» чунин гӯяд: «Ин тафсир («Тафсири Нишопурӣ»)-и ҷомеи бисёре аз тафосири умда мебошад. Аз ҷумла муштамил аст бар қисмати аъзам аз тафсири «ал-Кашшоф» ва аксари аҳодис ва вақҳаи қироат низ аз «ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ манқул аст». Ибни Халдун (722-808) чунин меорад: «Арзандатарин тафсири Қуръон, ки балоғат ва эъҷози онро дар ҳадди камол баррасӣ кардааст, ҳамон тафсири «ал-Кашшоф» мебошад, ки мутолеаи он барои уламо зарурат дорад. Ин тафсир, ки аз ҷиҳати нукоти баёнии Қуръон мунҳасир ба худ буда ва аз дигар тафосир гӯйи сабқат рабудааст» [3, с. 27].

Ин асари Замахшариро олимон, толибилмон ва касоне, ба омӯзиши илми наҳв машғул буданд, бо шавқ мутолиа намудаанд. Аз рӯйи гуфтаи муосири Хоҷа Ҳофиз Абулаббос Аҳмад ибни Абулхайр - муаллифи «Шерознома» маълум мегардад, ки яке аз китобҳои муҳимми дарсии он рӯзгор тафсири аллома Ҷоруллоҳ Маҳмуди Замахшарии Хоразмӣ «ал-Кашшоф ан ҳақоиқ-ит-танзил» будааст. Байти Ҳофизи Шерозӣ низ ин фикрро тасдиқ менамояд:

Бихоҳ дафтари ашъору раҳи саҳро гир,
Чи вақти мадрасаву баҳси кашфи «Кашшоф» аст.

Шореҳи ғазалиёти Ҳофиз Судии Буснавӣ низ дар ин бора ишора дорад: «Арабидонии Ҳофиз ҳам аз муламмаоти устодонаи ӯ бармеояд ва ҳам аз пардохтани ӯ ба улуми балоға, ки дар қарни Ҳофиз дар Шероз авҷ гирифта буд ва низ аз эътиқодаш ба эъҷози забонӣ ё адабии «Қуръон». Муқтадояш дар қавл ба эъҷози адабии «Қуръон» Ҷоруллоҳи Замахшарӣ - соҳиби «ал-Кашшоф» аст, ки бештар аз ҳар муфассири дигар ба баҳс дар зароифи забонии «Қуръон» пардохтааст ва китобаш беш аз ҳар тафсири дигар маҳбуби Ҳофиз будааст.

Барҷастатарин муфассире, ки аз вай асар пазируфтааст, Аминуддин ибни Алифазл ибни Ҳусайн ибин Фазли Табрасӣ соҳиби «Маҷмаъ-ул-баён» аст. Вай мутаваллиди соли 470 ҳ.қ. ва мутавафӣ дар соли 548 ҳ.қ. аст. Осори муҳимми вай «Маҷмаъ-ул-баён фил улум-ил-Қуръон» ва «Ҷавомеъ-ул-ҷомеъ» аст, ки пас аз мутолеаи «ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ навишта ва баъдҳо ду китоби «ал-Вофи-ул-вақиз» ва «ал-Васит»-ро дар талхиси «Ҷавомеъ-ул-ҷомеъ» таҳрир кард.

Муаллифи «Маҷолис-ул-муъминин» муътақид аст пас аз таълифи «Маҷмаъ-ул-баён» китоби «ал-Кашшоф»-ро дида ва баъдан китобе муштамил бар фавоиди тафсири аввали худ ва латоифи «ал-Кашшоф» ба номи «Ал-ҷавомеъ» тадвин кардааст. Лекин Ҳоҷӣ Халифа, муаллифи «Кашф-ул-зунун» [8, с.131], «ал-Кашшоф»-ро мухтасар намуда ва онро «Ҷавомеъ-ул-ҷомеъ» ном ниҳодааст. Он чи дарк кардаам ин аст, ки Қозӣ Нуруллоҳи Шуштари соҳиби маҷолис-ул-муъминин иштибоҳ кардааст. Чи он, ки баъд аз мутолеаи «ал-Кашшоф», Табарсӣ «ал-Коф-уш-шоф мин китоб-ил-Кашшоф»-ро бадон гуна, ки худ дар муқаддима гӯяд, таълиф фармудааст ва ҳамчунин муаллифи «Кашф-уз-зуннун» ҳам ба хато рафтааст, чи он, ки ӯТӯсиро бо Табарсӣ махлут карда, «Маҷмаъ-ул-баён»-ро ба Тусӣ нисбат додааст. Соҳиби Рафзот аз китоби «Мақобис»-и Асадуллоҳ Козимӣ нақл намуда ва гӯяд Табарсиро китобе ба номи «ал-Коф-уш-шоф мин китоб-ил-Кашшоф» мебошад ва зоҳиран ҳамин китоб аст, ки ба “ал-Васит” маъруф аст.

Дар муқаддимаи «Ҷавомеъ-ул-ҷомеъ» худ гӯяд: бо он, ки синнам аз 70 таҷовуз карда буд, бар ҳасби хоҳиши фарзандам Абунасри Ҳасан, аз маҷмӯаи ду китоби «Маҷмаъ-ул-баён» ва «ал-Коф-уш-шоф мин китоб-ил-Кашшоф», ки пас аз мутолеаи «ал-Кашшоф» навишта будам, тафсири муҷаз ва мухтасари «Ҷавомеъ-ул-ҷомеъ»-ро тадвин карда, таълифи он соли 524 дар моҳи сафар шуруъ ва дар авохири зул-ҳиҷҷаи ҳамон сол поён ёфтааст. Ин китоб дар соли 1321 дар Эрон чоп шудааст» [11, с.87].

«Ҷавомеъ-ул-ҷомеъ» баъдҳо бо эъробгузорӣ, тасҳеҳи дақиқ ва муқаддимаи фозилонаи устод дуктур Абулқосими Гурҷӣ тавассути донишгоҳи Теҳрон таҷдиди табъ ва тарҷумаи порсии он дар солҳои охир дар чанд муҷаллад тавассути интишороти «Остони Қудси Разавӣ» интишор ёфтааст [8, с.131]. Китоби дигаре, ки таҳти асари «ал-Кашшоф» навишта шуда, аз Аллома Ҳиллӣ аст. Ҷамолиддини Ҳасан ибни Юсуф ибни Мутаҳҳарии Ҳиллӣ мутавафи 726 ҳ.қ. китобе бо унвони «Наҳҷ-ул-баён» дар тафсири Қуръон навишта, ки дар он хулосаи «ал-Кашшоф» ва тибёнро нақл карда аст. Ҳамзамон, бо вай Низомиддини Ҳасан ибни Ҳусайни Қумии Нишобурӣ маъруф ба Низоми Эъраҷ низ, ки аз мардони машҳури асри худ буда аст, бар ҳамин наҳҷ, китобе дар тафсири Қуръон таълиф карда.

Муаллифи Равзот дар [7, с.131] аз мушоҳири уламои асри худ мешиносад ва таърихи таълифи хатми тафсири ӯро рӯзи панҷшанбе 11 муҳаррами соли 728 ҳ.қ. таъйин кардааст. Ба ривояти «Кашф-ул-зуннун» – ҷилди аввал 288 с. – таърихи хатми таълифи ин тафсир, рабиъ-ул-аввали соли 711 ҳ.қ. будааст. Ин китоб, ки тафсири «Нишобурӣ» ном дорад, асарест ҷомеъ ва мулаххаси «Тафсири кабир» –и Фахри Розӣ ва «ал-Кашшоф»–и Замахшарӣ, ки тарҷумаи форсии оёту ҷиҳот, қироот ва шумораи ҳуруфу калимот ва адади оётро зикр намуда, дорои 11 муқаддима, дар матолиби муқаддимоти номгузоришуда ба «Ғароиб-ул-Қуръон ва рағоиб-ул-фурқон» аст .

Ҳудуди ду қарн баъд, Баҳоуддин Алӣ ибни Абдулкарим ибни Абдулҳамиди Ҳасани Найлии Наҷафӣ, устод Аҳмад ибни Фаҳди Ҳиллӣ мутавафӣ дар соли 841 ҳ.қ., ки шогирди Фахр-ул-муҳаққиқин будааст, ду китоб дар радди «ал-Кашшоф» таълиф кард. Яке ба номи «Баён-ул-ҷизоф дар тибёни инҳирофи соҳиби «ал-Кашшоф» ва дигаре, ки таърихи китобати он соли 950 ҳ.қ. аст, «ал-Инсоф дар радди Кашшоф» [7, с.15].

Дар қарни даҳум, Сайидамир Абифатҳ ибни Махдум ибни Амир Шамсиддини Муҳаммад ибни Амир Сайидшарифи Ҳасании Ҷурҷонӣ – мутавафӣ дар соли 986 ҳ.қ. соҳиби «Тафсири шоҳӣ» китобе ба забони арабӣ дорад, ки ҳошияе ба забони арабӣ бар «ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ аст. Ин асар танҳо то тафсири ояти 21 сураи «Бақара» таҳрир шуда ва нотамом аст [6, с.98].

Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ дар «Маҷолис-ул-муъминин» дар шарҳи аҳволоти файласуфи номдори қарни даҳум, Ҳаким Амир Ғиёсуддини Мансур ибни Амиркабир Садриддини Ҳусайнии Даштакии Шерозӣ, мутавафӣ дар соли 948 ҳ.қ. менависад, ки вай ҳошияе бар «ал-Кашшоф» -и Замахшарӣ дорад, ки ӯ дидааст ва изофа мекунад, ки аз «Мавқуфоти ибни Хотун буда ва дар Хазонаи Разавӣ» аст [12, с. 232].

Дар қарни ёздаҳуми ҳичрӣ Мирзо Муҳаммади Машҳадии Тӯсӣ аз уламои имомия, соҳиби тафсири «Канз-уд-дақоиқ ва баҳр-ул-ғароиб» низ ҳошияе бар «ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ навишта, ки дар аввали «Канз-ул-дақоиқ» овардааст [9, с.36]. Яке дигар аз ҳошиянависон бар «ал-Кашшоф» дар ҳамин қарн ҳошиянавис Сайид Абдурраҳмон ибни Абдулҳалими Маръашӣ аст, ки сураи «Нисо»-ро то ояти 51 тафсир кардааст. Муаллифи муфассирони шиа навиштааст: «нусхае ба хатти муаллиф дар 183 барг ҳаст, ки дар 1040 аз тадвини он фароғат ёфт ва маҷмӯан бо ҳошияе, ки бар «ал-Кашшоф» -и Замахшарӣ навишта якҷо сабт аст» [4, с.27].

Инҳо намунаҳое аз таъсири Замахшари бар уламо ва муфассирон аст. Бисёр олимон тафсир ва ақодҳои вайро мустанади навиштаҳо ва тафосири ҳуд қарор медоданд ва онро пазируфта ва бо талхису таҳшия боз тавлид мекардаанд ё мавриди радду нақд қарор медоданд. Шояд метавон гуфт, машҳуртарин асар дар ин замина «Анвор-ул-танзил ва асрор-ул-таъвил»-и Қозии Байзовӣ, мутаваи байни солҳои 1286 ҳ.қ. ва 1316 ҳ.қ. буда, кӯшидааст ҷавҳари «ал-Кашшоф»-ро талхис ва муаррифӣ кунад, бархе дидгоҳҳое дар хури сарзанишро ҳам ҳазф кардааст. Аз сӯйи дигар, барои худи муътазила, «ал-Кашшоф» нимоди авҷи ҳусули ақлонӣ дар тафосири қуръонӣ аст.

Афзун бар он чи гуфта шуд, метавон ин қавл аз мутарҷими «Кашшоф»-ро низ дар бораи шарҳҳои «ал-Кашшоф» ин ҷо зикр кард: «Чандин кас аз олимон, «ал-Кашшоф»-ро шарҳ кардаанд, ки муҳимтарини онҳо шарҳи Муҳаммади Илёни Марзуқӣ аст, ки ҳошияе бо унвони «Мушоҳидаҳ-ул-инсоф ало шавоҳид-ил-Кашшоф» навиштааст ва ҳамчунин шарҳи Муҳиббиддини Афандӣ, ки онро таҳти унвони «Танзил-ул-оёт алал шавоҳиди ан абёт» навиштааст ва бисёре аз донишмандон ва муфассирон низ «ал-Кашшоф»-ро мухтасар кардаанд, ки аз муҳимтарини онҳо метавон аз мухтасари Муҳаммад ибни Алии Ансорӣ, Абдуллоҳ бин Умари Байзовӣ, Муҳаммад ибни Масъуд ибни Маҳмуд ибни Абулфатҳи Сайрофӣ, Муҳаммад ибни

Аҳмад маъруф ба Мавлонозодаи Ҳанафӣ ва ғайра ном бурд ва шумори бисёре ҳам дар бораи «ал-Кашшоф» китобҳои муфассале навиштаанд ...» [3, с.29].

Аҳамияти ин тафсир, ки ҷовидонагии боиззати Замахшарӣ мадюни он аст, моро бар он дошт, ки гуфторамонро ба гӯшаҳое аз нуктасанҷиҳо ва розу рамзҳои ин асари гаронбаҳо ихтисос диҳем, зеро «هوَ المِسکُ ما کرّزتَه یَتَضوَّعُ» (Ҳар чӣ такрор кунӣ, бӯйи хуш мепароканад) [5 с.73].

Яке аз муътабартарин манобеи тафсири Қуръон миёни омма ва хосса ва арзандатарин асари боқимондаи андешаи муътазила, ки ағлаби қариб ба иттифоқи муфассирон таҳти таъсир ва нуфузи он воқеъ шудаанд, тафсири ҷомеъ ва арзандаи «ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғафуров, Б. Тоҷикон. (Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна). – Китоби 1 / Б. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1983. -С. 704.
2. Ғаффорова, У. Қиссаҳои “Қуръон” дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” / У. Ғаффорова. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. – С. 400.
3. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил. Тарҷумаи Масъуди Ансорӣ. Ҷ.1. – Теҳрон: Қуқнус, 1389. -С. 854.
4. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил. Тарҷумаи
5. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомизи-т-танзил ва уюни-л-ақовил фӣ вуҷуҳи-т-таъвил. Ҳошия: Сайид Шариф Ҷурҷонӣ.- Бейрут: Дорул-фикр, 2008. -С. 567.
6. Насриддинов Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ – тоҷикӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2012. -С. 576.
7. Суютӣ, Ҷалолиддин Абдурраҳмон. Табақот-ул-муфассирин. Ҷ.1. – Бейрут: Дор ул-кутуб-ул-илмия, 1976. -С. 188.
8. Халифа, Ҳоҷӣ Мустафо ибни Абдуллоҳ. Кашф–уз–зуннун. Ҷ.1. –Қум: Муассисаи фарҳангӣ ва иттилои расонаи Тибён, 1387. -С. 478.
9. Холов А. Арзишҳои адабии «Тафсири Яъқуби Чархӣ». Рисолаи магистрӣ. –Душанбе, 2015. -С.145.
10. Ҳазратӣ М., Саидиён И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он (маълумотнома – Душанбе: Ориёно, 1993. – С. 224.
11. Шафеӣ, Муҳаммад. Муфассирони шиа. – Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Паҳлавӣ, 1349. -С. 104.
12. Шуштарӣ, Қозӣ Нуруллоҳ. Маҷолис – ул – муъминин. Китобфуруши исломия, 1354. -С. 471.

ТАЪСИРИ ЗАМАХШАРӢ БАР МУФАССИРОНИ БАЪД АЗ ХУД

Дар мақолаи мазкур муаллиф таъсири Замахшариро бар муфассирони баъд аз ӯ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Дар қаламрави хилофати араб қарор гирифтани марзҳои Осиёи Миёна ва паҳн шудани дини ислом дар ин сарзаминҳо дар таҳаввули андеша ва фарҳанги ҷамъият нақши бузург бозидааст. Ба ақидаи олимону муҳаққиқон ба туфайли сиёсати арабҳо дар мамолики тобеи худ забони арабӣ забони умумӣ ва ягонаи хилофат ва инчунин забони илм гардид. Дар асрҳои VIII-X забони арабӣ дар байни шоирону нависандагони Хуросону Мовароуннаҳр, Хоразму Форс низ роиҷ гашт. Аммо осори адабии дар ин давра ба забони арабӣ, дар сарзамини Осиёи Миёна, бавучудомада ба фикри пажӯҳишгарон Е.Э. Бертелс, Н. Зоҳидов, Т.Мардонов бинобар мавзӯъ ва услуб ҷузъи адабиёти классикии форсу тоҷик ба шумор меояд. Дар асри мавриди баррасии мо баробари улуми фаровон илми тафсир низ аз аҳамияти вижа бурхӯрдор буда, олимону муфассирон, қуръонпажӯҳон то қадри бинишу фаҳмишу дониш барои ниёзмандон Қуръонро шарҳу тафсир менамуданд. Яке аз муътабартарин манобеи тафсири Қуръон миёни омма ва хосса ва арзандатарин асари боқимондаи андешаи муътазила, ки ағлаби қариб ба иттифоқи муфассирон таҳти таъсир ва нуфузи он воқеъ шудаанд, тафсири ҷомеъ ва арзандаи «ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ аст.

Калидвожаҳо: Замахшарӣ, илми тафсир, Қуръон, манобеи тафсири Қуръон, адабиёти классикии форсу тоҷик, муфассирони Қуръон.

ВЛИЯНИЕ ЗАМАХШАРИ НА ПОСЛЕДУЮЩИХ ТОЛКОВАТЕЛЕЙ КОРАНА

В данной статье автор подверг изучению и рассмотрению влияние Замахшари на последующих толкователей Корана. На территории Средней Азии, подвластной арабскому халифату и распространение религии ислама сыграли важную роль в эволюции мысли и культуры общества. По мнению ученых и исследователей благодаря политике арабов на подвластных им территориях единым языком общения, а также языком науки стал арабский язык. В VIII-X веках арабский язык стал очень широко распространяться среди поэтов и писателей Хорасана, Мавераннахра, Хорезма и Персии. Но литературное наследие написанное в данный период в Средней Азии, по мнению исследователей Е.Э. Бертельса, Н. Зохидова, Т.Мардонова, относительно темы и стиля написания считаются элементами персидско-таджикской классической литературы. В данный исторический период, который нами рассматривается в данной статье, наука толкования также получила очень широкое распротранение. И поэты –толкователи Корана по мере своей осведомленности занимались объяснением смыслов аятов из Корана. Однако самым известным трудом в деле толкования Корана является произведение “аль-Кашшаф” известного мусульманского толкователя Корана, ханафитскского правоведа, знаток калама, литератора Замахшари.

Ключевые слова: Замахшари, наука толкования, Коран, источники толкования Корана, персидско-таджикская литература, толкователи Корана.

INFLUENCE OF THE WOMAN IN THE NEXT KORAN POSTERS

In this article, the author has studied and examined the influence of Zamahshari on subsequent interpreters of the Koran. On the territory of Central Asia, subject to the Arab Caliphate and the spread of the religion of Islam played an important role in the evolution of thought and culture of society. According to scientists and researchers, due to the policy of the Arabs on their territories, the Arabic language became the single language of communication, as well as the language of science. In the VIII-X centuries, the Arabic language became very widely distributed among poets and writers of Khorasan, Maverranakhra, Khorezm and Persia. But the literary heritage written in this period in Central Asia, according to researchers E.E. Bertels, N. Zokhidova, T. Mardonova, regarding the subject and style of writing are considered elements of Persian-Tajik classical literature. In this historical period, which we consider in this article, the science of interpretation has also received a very wide dissemination. And poets - interpreters of the Qur'an, as far as they were aware, were engaged in explaining the meanings of ayahs from the Qur'an. However, the most famous work in the interpretation of the Koran is the work of "Al-Kashshaf" by the well-known Muslim interpreter of the Koran, a Hanafi jurist, a connoisseur of Kalam, a writer Zamahshari.

Key words: Zamahshari, the science of interpretation, the Koran, sources of interpretation of the Koran, Persian-Tajik literature, interpreters of the Koran.

Сведения об авторе: ***Очилова Мехринисо Илхомовна*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры персидского и китайского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. E-mail: **ochilova.86@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-770-11-65**

Information about the author: ***Ochilova Mehriniso Ilhomovna*** - Khujand State University named after B. Gafurova, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Persian and Chinese Languages Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, prospect Mavlyanbekova 1.
E-mail: **ochilova.86@mail.ru**. Tel.: **(+992) 92-770-11-65**

УДК: 891.55:398:82

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПЕРСИДСКИХ ПОГОВОРОК В "ЛАТАИФ-АЛ-АМСАЛ И ТАРАИФ-УЛ-АКВАЛ" РАШИДУДДИНА ВАТВОТА

Анварова М.Н.
Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова

В истории как арабоязычной, так и персидско-таджикской литературы пристальное внимание к составлению литературных сборников, в частности сборников, содержащих поговорки и афоризмы, связанные с первым веком распространения ислама, хотя в литературных источниках существуют некоторые мнения о существовании поговорок в арабской литературе и в доисламский период, в так называемый период арабской "джахилии". Однако опираясь на пехлевийские литературные источники, можно утверждать, что несмотря на то, что в сборниках не присутствуют поговорки и афоризмы, однако данный жанр проявился в виде первых литературных произведений именно в персидско-таджикской литературе.

С распространением исламской культуры одним из литературных жанров, получившим развитие и занявшим достойное и обособленное место в арабской и арабоязычной литературе, стало составление сборников афоризмов и поговорок. Наряду с тем, что подобные произведения в своем большинстве написаны на арабском языке и содержат толкования и комментарии также на арабском языке, одним из первых литераторов в персидско-таджикскойлитературе, осуществивших попытку толкования и комментирования 281 поговорки на таджикском языке, и что примечательно, в отдельном произведении, вместе с упоминанием их источников в персидской литературе, считается Рашидуддин Ватвот. Произведение Рашидуддина Ватвота "Латаиф-ал-амсал ва тараиф-ул-аквал" получило широкую известность и признано одним из важнейших источников исследования арабских пословиц в персидско-таджикской литературе. Также наряду с сочинением данного произведения перу Рашидуддина Ватвота также принадлежит великолепная поэзия, собранная в его "Диване", многочисленные теоретические и научные произведения в области литературоведения,поэтики, риторики, корреспонденции. Будучи двуязычным поэтом, он внес огромный вклад в развитие персидско-таджикской литературы.

"**Латаиф-ал-амсал ва тараиф-ал-аквал**" является сборником поговорок и мудрых афоризмов, написанных в традициях сочинения подобных произведений, однако комментарии и толкования, сделанные на персидском языке, отличаются своим особым

стилем, где искусно перемежаются новеллы и сопоставление поговорок с их аналогами из персидско-таджикского языка, что придает сборнику высокую литературную ценность. Также следует отметить, что посредством упомянутого произведения можно получить доступ к неизвестной ранее арабской поэзии и на основании этого причислить автора данного произведения к числу величайших литераторов и знатоков арабской поэзии и прозы.

Исследование содержания “Латаиф-ал-амсал” подтвержает тот факт, что, несмотря на то, что произведение в основном состоит из перевода и толкования арабских поговорок, автор попытался в процессе написания сравнить данные арабские поговорки с их аналогами из таджикского языка или же в некоторых случаях привести похожие по смысловому значению поговорки из персидского языка.

Согласно статистическому подсчету употребления персидских поговорок в сборнике выясняется, что Рашидуддин Ватвот использовал 22 персидские поговорки. В целом, вопрос практического исследования арабских и персидских поговорок рассмотрен Салманом Сакитом в статье под названием “Связь арабских и персидских поговорок в “Латаиф-ал-амсал ва тараиф-ал аквал”, опубликованной в журнале “Ад-дисарат-улабадият” № 67-68-69 в Бейруте в 2009 году. В данной статье автор исследует вопрос роли персидских поговорок в произведении Рашиддадина Ватвота и, как результат, автор статьи утверждает, что Ватвот приводит данные персидские поговорки “для их дальнейшего сохранения наряду с арабскими поговорками”[1, с. 143].

Основной целью употребления персидских поговорок является их сравнение и сопоставление с арабскими поговорками и их смысловая идентичность. К примеру, при переводе и толковании арабской поговорки автор сборника далее делает следующее отступление для приведения её аналога на персидском языке:“**Ас-сакалию туҳиббус-сакалия**”, чтоженщина, потерявшая ребенка, любит (ощущает привязанность) к такой же женщине, потерявшейребенка. Такаяпривязанность выражается в близости и сочувствии, и от этого она чувствует радость и в таких случаях также говорят: “**Ал-ла-абияҳу изо ъаммат хаффат**”.

Персы говорят так: “Тот, кто разорён, хочет того, кто также разорён” Это означает, что кто испытал трудности и впал в отчаяние, увидев такого же человека, у кого такая же горесть, привязывается к нему и успакаивается”[2, с. 59-60].

Следует отметить, что Ватвот для усиления эффекта для толкования одной арабской поговорки приводит вторую, и далее добавляет к комментарию еще и персидский вариант данной поговорки. Эта поговорка также встречается и в других произведениях, к примеру, в книге “ТафсирАбулфутуха Рази” также приводится данная поговорка:

Данная поговорка приводится для толкования следующего аята:

“Ва гуфтаанд: **Мурод аст: «وَدُّوا لَوْ تَكفُرُونَ كَما كَفَرُوا» كما قال الله تعالى: ва ин он масал аст, ки порсиён гўянд: “Хирмансўхта сўхта хоҳад хирман”. Ҳар кї ба офате гирифтор бошад ва ба айбе олуда, хоҳад, ки ҳама ъаҳон чї ў бошад, то айби ў пўшида шавад.//Ибо сказано: Это все от неверия и салолат: «وَدُّوا لَوْ تَكفُرُونَ كَما كَفَرُوا» تعالى: и эта поговорка как у персов: Хирман сўхта сўхта хоҳад хирман”// “Тот, кто разорён, хочет того, кто также разорён”. Кто испытал несчастье и имеет вину, хочет, что весь мир был похож на него, чтобы скрыть свою вину” [8, т.1, 123].**

Из толкования данного аята выясняется, что данная поговорка берет корни в священной книге Коран, где в суре Ниса, аят 89 приводится: **“Онон орзу мекунанд, ки Шумо ҳам монанди эшон кофир шавед ва мусовии якдигар бошед. Аз онҳо дўстоне интихоб накунед, магар ин ки (тавба кунанд ва) дар роҳи Худо ҳиљрат намоянд. Ҳар гоҳ аз ин кор сар боз зананд, (ва ба иқдом бар зидди шумо идома диҳанд), ҳар љо онҳо дўст ёру ёварї ихтиёр накунанд”// Им бы хотелось, чтоб вы стали столь же неверны, как они, чтоб с ними одинаковы вы были. Вы не берите их к себе в друзья, пока не переселятся они (из нечисти) на путь Господний. Но если же они вас предадут, то, где бы вы их ни нашли, хватайте их и предавайте смерти; и не берите никогда из них ни друга, ни помощника себе”.**

Опираясь на аят как источник возникновения данной поговорки, можно утверждать тот факт, что поговорка и на арабском, и на персидском языке сказана в ироничном смысле о лицах, которые хотят видеть других людей в горести и своем несчастье подобными себе. Видимо, именно в этой связи Ватвот при толковании отмечает, что “Женщина, потерявшая ребенка любит (ощущает привязанность) к такой же женщине, потерявшей ребенка. Такая привязанность выражается в близости и сочувствии, и от

этого она чувствует радость. То есть радость заключается в том, чтобы видеть другого в своем обличии, не сожалеть об этом, а радоваться этому". Мавляна также приводит в "Масневи маъневи" подобныйказус из уст Иблиса, который увидев подобных себе невежд, радуется и далее приводит данную персидскую поговорку в оглавлении одного из своих рассказов: "О том, как злодей, получивший силу и власть, увидев благочестивых людей, становится дьяволом и чинит препятствия благодеяниям из зависти, как дьявол, который хочет видеть всех подобными себе". В одном двустишии масневи приводится:

Ҳар киро бошад мизоҷу табъ суст,
Ӯ нахоҳад ҳеҷ касро тандуруст [4,5, 231].

Тот, у кого характер слаб и ничтожна воля,
Не хочет видеть других сильнее себя [4,5, 231].

При толковании другой арабской поговорки "Ҷовир маликан авбаҳран" также наблюдается процесс сравнения и сопоставления её с персидской поговоркой. Суть её в том, что "Соседствуй с правителем, либо с рекой", то есть сила исходит от этих двух и персы в этом случае говорят: "Могущество с правителем или с рекой. Эту поговорку говорят тогда, когда наставляют кого-то, ищущего могущество и богатство" [2, с.64].

Данная поговорка нуждается в толковании, однако о ней ни в одном из источников сведений нет и Ватвот, приводящий для толкования каждой поговоркиотступление, либо рассказ, также оставил ее без подробного описания, либо толкования. Но стоит отметить важность её сопоставления с персидским аналогом поговорки, которое отсутствует в других сборниках.

Толкование и описание другой поговорки"Инна ашшафиќа бисуъи занни мувлаъун"приводится автором сборника на арабском языке с ее персидским переводом из уст жителей Аджама:"Воистину, "возлюбленная подозревает доброе". Подобной этой поговорке в Аджаме говорят, что "Пусть будет то, что подозревает женщина, да не сбудется то, о чём думает мать" [3, с.32]. Далее Ватвот приводит такое толкование данной поговорки: "то есть, если мужчина отсутствует, женщина думает, что он ушел к другой женщине и приятнопроводит с ней свое время, а мать думает, что он попал или попадет в какую-то беду. Это подозрение женщин от их жестокосердия, а рассуждения матери от любви и милосердия. Эту поговорку приводят тогда, когда кто-то в раздумиях об отсутствии или деле какого-то лица думает, что с ним случилась или случит беда" [2, с.46-47].

Толкование данной пословицы также приведено в книге "Нафаис-ул-фунун" Шамсиддина Мухаммада Омули и при сравнении текстаеё перевода выясняется, чтоавтор в основном использовал перевод Ватвота, так как имеются лишь незначительные различия в словах и их аффиксальных окончаниях.

Для сравнения приведем текст толкования пословиц у обоих авторов:

«Латаиф-ал-амсал» Рашидуддина Ватвот:

"То есть, если мужчина отсутствует, женщина скажет, что он ушел к другой женщине и приятно проводит с ней свое время, а мать думает, что он попал или попадёт в какую-то беду. Это подозрение женщин от их жестокосердия, а рассуждения матери от любви и милосердия. Эту поговорку приводят тогда, когда кто-то в раздумиях об отсутствии или деле какого-то лицадумает, что с ним случилась или случится беда" [2, с.78].

"**Нафаис-ал-фунун" Шамсиддини Омули:**

"То есть, если мужчина отсутствует, женщина скажет, что он ушел к другой женщине и приятно проводит с ней свое время, а мать из вечного милосердия думает, что же с ним случилось. Хоть бы с ним ничего плохого не случилось и несчастья с ним не приключилось, и эту поговорку приводят тогда, когда кто-то в раздумиях об отсутствии или деле какого-то лица думает, что с ним случилась или случится беда" [6, с.184].

Следует отметить, что несмотря на то, что "Латаиф-ал-амсал" составлен на основании текста "Маджма'-ал-амсал" Майдани, однако это первый сборник в истории персидско-таджикской литературы, содержащий персидский перевод и подробное толкование арабских поговорок. Также следует отметить, что подражание и использование Омули толкований из "Латаиф-ал-амсал" отражает влияние произведения Рашидуддина Ватвота на дальнейшее становление подобного рода сборников.

В "Фарханг-е амсал-е фарси" ("Сборнике персидских поговорок") данная поговорка приводится в следующей форме:"Њама бод он, ки зан дарандешад ва он мабод, ки модар

андешад” // “Пусть сбудется то, о чём думает женщина и не сбудется то, о чём думает мать”. Толкуется данная поговорка автором таким образом: “Если мужчина отсутствует, его женщина подумает, что он веселится и проводит время в увеселениях, мать же, напротив, боится того, чтобы с ним не случилось несчастье”[9, с.283].

Исток другой поговорки Рашидуддин Ватвот нашел в арабской поговорке, которая приведена в “Латаиф-ал-амсал” следующим образом:“Ҳуббука-ш-шайъа юъмӣ ва юсиму”//Любовь к чему-то тебя ослепляет и делает глухим”, то есть любовь и привязанность к чему-то покрывает все её (той вещи) недостатки и изъяны и персы также говорят: “влюбленный слеп” [2, с.70]. В сборниках арабских поговорок приводится другая похожая по смыслу поговорка, сказанная устами Али (р): “Чашми ошиќ аз дидани айбњои маъшуќ кӯр аст ва гӯши ӯ шунидани зиштии бадињояш кар” //Глаза влюбленного слепы при виде изъянов возлюбленной и уши его глухи к звукам её жестокости” [9, с.132].

В другом случае Рашидуддин Ватвот при толковании поговорки “Ҳифзан мин калика” сопоставил ее с персидской поговоркой: «Нигоҳ дор тани хешро аз нигоҳдоранда ту// Храни себя от хранящего тебя». Рашидаддин Ватвот приводит: «персы приводят эту поговорку так: «О Боже, храни меня от хранящего меня». Поговорка приводится в случаях, когда у кого-то или чего-то есть хранитель, не внушающий доверия, и от него исходит большая опасность, чем от других» [2, с.70].

Необходимо отметить, что Рашидуддин Ватвот тщательно сопоставляет поговорки, отмечает их сходство и вместе с тем также предполагает факт их принадлежности арабскому языку и их аналогов в персидском языке. В связи с этим, он каждый раз отмечает, что персы приводят поговорку тем или иным образом.

В простонародной речи таджикского народа широко употребляется еще одна поговорка, которая, по утверждению Рашидуддина Ватвот, имеет арабское происхождение, однако примечателен тот факт, что наряду с упоминанием арабской поговорки, он также приводит несколько ее персидских аналогов и сопоставляет их друг с другом. Речь о поговорке:“Ма њакка заањрї мислу ядї”//**Ничто не почешет мою спину, кроме моейже руки».** Данная поговорка приводится в случае, когда не нужно надеяться или опираться на кого-либо в гостях и у персов есть поговорки, имеющие похожий смысл: “Њель мурдае маро чун ман нагирад//Никакой мертвец не примет меня, кроме меня» или же другая поговорка **«Мор бо дасти дигарон бояд гирифта**// Змею нужно ловить чужими руками» или же «Ҳеҷ кас нахоҳад омад, ки кори ту кунад//Никто не придет, чтобы сделать работу вместо тебя» и поговорок, отражающих смысл приведенной выше арабской поговорки, в различных языках множество [2, с.154].

Необходимо отметить, что упомянутая арабская поговорка вошла в персидскую поэзию в виде «ничто, кроме ногтей твоих рук, не почешет спину твою» и Гани Кашмири приводит:

Кори худро худ кунӣ, то нек ояд кори ту,
Кас нахорад пушти ту ҷуз нохуни ангушти ту [3, с.121].

Примись за дела своими руками, чтоб пришло благодеяние,
Ничто, кроме ногтей твоих рук, не почешет спину твою.

Следует отметить, что если в арабской поговорке приводится форма «ничто не почешет мою спину, кроме моейже руки», то в персидской поговорке сказано: «ничто, кроме ногтей твоих рук, не почешет спину твою» и можно утверждать, что Гани Кашмири усовершенствовал арабскую форму, и его поэтические строки в точности отражают содержание данной поговорки. На основании исследования данной арабской поговорки можно утверждать то, что, хотя Рашидуддин Ватвот и причислил ее персидские аналоги простонародному языку, аналог поговорки на персидском языке нашел свое отражение и в персидско-таджикской литературе, а также широко использовался многими литераторами.

В целом, из исследования персидских поговорок в “Латаиф-ул-амсал”исходит, что хотя Рашидуддин Ватвот в своем произведении привел всего лишь 22 персидских поговорки для сравнения и сопоставления с арабскими поговорками, однако данное произведение стало новым веянием в составлении сборников арабских поговорок. С большой уверенностью можно утверждать, что новое начинание Рашидаддина Ватвота – наряду с переводом поговорок, также и сравнением, и сопоставлением арабских и персидских поговорок – придало его сборнику наибольшую ценность в числе других сборников персидско-таджикской литературы.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Баҳроми, Акрам. Хонадони Хуҷандиён. Династии художандцев // Сборник выступлений на Седьмом конгрессе иранских исследований.-Том третий, без года издания. – С. 489-502.
2. Ватвот Рашидуддин. “Латаиф -ул -амсал”. Стараниями Хабибы Донишомуз. - Тегеран: Мероси мактуб, 1391.
3. Гани Кашмири. “Мунтахабот” (Избранные произведения) Абдуллоджон Гаффоров. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 210 с.
4. Мавлави, Джалолиддин Мухаммад ибн Мухаммад. Куллиёт-е Шамс (Сборник Шамса). - Тегеран: Хирмис, 1386; 1761. - 14 с.
5. Мавлави. Маснави-е маънаве (по рукоп.Николсона). - Тегеран: Пажмон, 1373. - Т.1, 2.
6. Омули.“Нафаис-ул-фунун фи араис-ил-уюн”/ Под ред. Абулхасана Шерани. - Тегеран: Исломия, 1336. - Т.1. - 595 с.
7. Писарчик А. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикї (Таджикские поговорки и пословицы) / А.Писарчик. - Сталинабад: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон,1960. -266 с.
8. Тафсир-е Абулфутуҳ Разї. - Тегеран, Мавсуатун куръанийя: Ширкати Нур,1390. - Т.1.
9. Юсуфи Джамшедпур. Фаранг-е амсал-е фарси. - Тегеран, 1968. - 345.

КОРБУРДИ АМСОЛИ ФОРСӢ ДАР “ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ ВА ТАРОИФ-УЛ-АҚВОЛ” -и РАШИДДУДИНИ ВАТВОТ

Дар мақола масъалаи истифодаи масалҳои форсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зимни таҳлил аз баҳсу баррасии истифодаи амсоли форсӣ дар китоби “Латоиф -ул- амсол” бармеояд, ки ҳарчанд Ватвот дар умум дар асари хеш 22 масали форсиро барои муқоиса ва нишон додани қаробати маънавии амсоли арабиву форсӣ ба кор гирифтааст, аммо ин шеваи кори ӯ дар ҷараёни фарҳангнависии амсоли арабӣ ибтикоре ба шумор меравад. Метавон бо итминон таъкид намуд, ки яке аз ибтикоре, ки дар баробари тарҷумаи амсол Ватвот аз тарафи худ анҷом додааст, ҳамин муқоисаи амсоли арабиву форсӣ ба шумор меравад, ки арзиши ин фарҳангро дар фарҳангнависии форсу тоҷик боло мебардорад. Дар канори ин, кори тарҷумаи амсоли арабӣ ба форсӣ ва муқоисаи он бо масалҳои дигари маъруф дар миёни мардумони форсизабон аз он дарак медиҳад, ки тавассути тарҷумаи анҷомёфта аз тарафи Ватвот ва дигар фарҳангнависон ин масалҳо дар миёни мардумони форс роиҷ гардида, ҳатто, сурат ва намунаҳои хоссаи форсии хешро низ пайдо намудаанд. Аз ин нуқтаи назар, ҷойгоҳи фарҳанги амсоли “Латоиф- ул -амсол ва тароиф- ул-ақвол”-и Рашидуддини Ватвот дар рушду густариши фарҳангнависӣ дар ин равиш ва, ҳамзамон, интишори намунаҳои форсии амсоли арабӣ дар адабиёти форсу тоҷик муҳим ва қобили таъкид маҳсуб меёбад.

Калидвожа: Рашидуддини Ватвот, амсоли форсӣ, фарҳанги амсолу ҳикам, адабиёти форсу-тоҷик.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПЕРСИДСКИХ ПОГОВОРОК В “ЛАТАИФ-АЛ-АМСАЛ И ТАРАИФ-АЛ-АКВАЛ” РАШИДУДДИНА ВАТВОТА

В статье рассмотрены использование персидских поговорок, их сравнение в другими известными арабскими поговорками, что свидетельствует о том, что посредством перевода Рашидуддина Ватвота и последующих составителей сборников данные переводы стали известны и популярны среди персоязычных народов и даже получили свою уникальную персоязычную форму. В целом, из исследования персидских поговорок в “Латаиф-ул-амсал” исходит, что хотя Рашидуддин Ватвот в своем произведении привел всего лишь 22 персидских поговорки для сравнения и сопоставления с арабскими поговорками, однако данное произведение стало новым веянием в составлении сборников арабских поговорок. С большой уверенностью можно утверждать, что новое начинание Рашидуддина Ватвота – наряду с переводом поговорок, также и сравнением, и сопоставлением арабских и персидских поговорок – придало его сборнику наибольшую ценность в числе других сборников персидско-таджикской литературы. В связи с этим, роль сборника поговорок “Латаиф-ул-амсал ва тараиф-ул-аквал” Рашидуддина Ватвота в становлении и развитии сборников, и в распространении персидских форм арабских поговорок в персидско-таджикской литературе весьма важна и существенна.

Ключевые слова: Рашидуддин Ватват, персидская поговорока, паремиологический словарь, персидско-таджикская литература.

THE USE OF THE PERSIAN PROVERBS IN “LATAIF-AL-AMSAL AND TARAIF-AL-AQVAL” RASHIDUDDIN VATVAT

In the article the use of Persian Proverbs compares them to other well-known Arab proverb suggests that the transfer of Rashiduddin Vatvat and subsequent compilers of collections, data transfers have become famous and popular among the Persian-speaking peoples and even got its own, unique Persian form. Overall, from the study of the Persian Proverbs in “Lataif-ul-Amsal” assumes that although Rashiduddin Vatvatin his work brought only 22 Persian sayings for comparing and contrasting Arab Proverbs, however, this work has become a new trend in collection of Arabic Proverbs. It can be said with great confidence that Rashiduddin Vatvot's new initiative – along with the translation of the Proverbs as well as the comparison and comparison of Arabic and Persian Proverbs – gave his collection the greatest value among other collections of Persian-Tajik literature. Based on the study, it can be argued that the analogue of sayings in the Persian language which ranked Rashiduddi Vatvat, is reflected not only in the Persian-Tajik literature , but also widely used by many writers.In this regard, the role of the collection of sayings “Lataif-ul-amsal va Tareef-ul-equal” Rashiduddin Vatvat in the formation and development of collections and the dissemination of the Persian forms of the Arabic sayings in Persian-Tajik literature is very important and essential.

Key words: Rashiduddin Vatvat, Persian Proverbs, paremiological dictionary, Persian-Tajik literature.

Сведения об авторе: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-767-36-63**

Information about the author: ***Anvarova Marifat Narzulloevna*** - Khujand State University named after B.Gafurov, senior teacher at Arabic philology Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-767-36-63**

УДК: 891.550-1

ИНЪИКОСИ ВАҲДАТ ВА ОБОДГАРӢ ДАР АДАБИЁТИ АТФОЛИ ТОҶИК

Ҳусейнзода Ф. Давлатов У.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Ваҳдат-неъмати арзишмандест, ки ба қадри он ҳамагон бояд бирасем. Он дар замони Истиқлолияти давлатӣ барои мо, ба осонӣ ба даст наомадааст. Мо маорифчиён ва аҳли зиёву адабро лозим аст, ки тавассути соатҳои дарсӣ, дастовардҳои эҷодӣ ва китобу гузоришҳоямон ба воситаи садову симо онро ба самъи меваҳои ширини замони Истиқлол-кӯдакону наврасон расонем. Аз овони хурдӣ метавон муҳаббат ва самимияти онҳоро нисбат ба Тоҷикистони озоду обод, заҳматҳои бесобиқаи фарзанди фарзонаи меҳан –Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бедор намуд. Дар ин самт раҳнамои мо омӯзгор ва китоб бояд бошад.

Китобҳои хосса барои кӯдакон аз ибтидои пайдоиши адабиёти форс-тоҷик вуҷуд дошт. Бузургони тамаддуни мо ҳамеша завқи хонандаи хурдсолро зери назар доштаанд ва барояшон махсус китоб навиштаанд. Аз тарафи дигар, аҳли адаб ба ҳар васила бештар барои тарбия, таҷрибаандӯзӣ ва пешрафти фазилату камоли фарзандон ва талабгорон асар навиштаанд, ки қимати тарбиявӣ доранд ва адабиёти кӯдакро то ҷое ташаккул додаанд. Адабиётшинос Ф.Ҳусейнзода барҳақ гуфтааст: «Ҳар як адиб бо ниятҳои мушаххас қалам ба даст гирифта, асар эҷод намудааст, кӯшиш ба харҷ додааст, то асари бадеии ӯ воқеият ва ҳаводиси рӯзгору муҳит алоқаи ногусастание дошта бошад ва ба манфияти тарбия хизмат кунад» [11, с. 274].

Имрӯз адабиёти кӯдак дар бештар аз панҷоҳ кишвари ҷаҳон вуҷуд дорад ва созмоне ҳамчун Иттиҳодияи байналмилалии адабиёти кӯдак зери сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид расман амал мекунад ва ҷоизаҳои махсусе барои беҳтарин китоби кӯдакон, амсоли Ҷоизаи байналмилалии Ҳанс Кристиан Андерсен таъсис додааст.

Дар кишварҳои ҳамзамони Эрон ва Афғонистон низ адабиёти кӯдак арзи вуҷуд дорад. Дар ин ҷо дар мадди аввал шеъри Ҳофиз, Саъдӣ, Фирдавсӣ, Ҷалолиддини Румӣ ва дигар шуарои форсизабон ба кӯдакон таълим дода мешаванд. Шояд ҳамин суннат аст, ки дар зери болини кӯдаки навзод модарон девони Ҳофизро мегузоранд ва «Чаҳоркитоб» нахусткитоби таълимии модарон ба кӯдакон аст.

Таърихи такомули адабиёти кӯдакон дар Тоҷикистон то ҳол омӯхта нашудааст. Дар китоби таърихи адабиёти советии тоҷик адабиётшинос

Раҷаб Амонов нигоштааст: «Ин таърих бо вуҷуди он ки зиёда аз ним асрро дар бар мегирад, ҳанӯз омӯхта нашудааст, ҳанӯз асаре, ки протсесҳои инкишофи адабиёти бачагонаи тоҷикро аз ҷиҳати илм ва ҳаматарафа тадқиқ карда бошад, ба миён наомадааст». Албатта, чанд тан муҳаққиқони адабиёт кӯшидаанд, ки дар ин боб ба баъзе масъалаҳо равшанӣ андозанд. Навиштаҳои Абдусалом Деҳотӣ, Раҷаб Амонов,

Ҷонон Бобокалонова, Убайди Раҷаб, Баҳроми Шермуҳаммадиён, Неъматҷон Файзуллоев, Юсуф Акобиров, Азим Аминов ва чанде дигарон далел шуда метавонанд. Пӯшида нест, ки дар ин таълифот аҳли назар бисёр гиреҳҳоро кушодаанд.

Дар аксарияти тадқиқот таҳлили ҳамаҷонибаи асарҳо мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст. Меъёри баҳо низ саҳеҳ муайян нашудааст ва ин кори ояндаи аҳли илм аст. Омӯзиши адабиёти кӯдак нишон медиҳад, ки панду андарз дар ин адабиёт, алалхусус дар эҷоди бузургони ин адабиёт, мақоми хоссае дорад. Кӯдакону наврасон

баъд аз мутолиаи китоб ҳусну тавоҷҷуҳашон ба ободгарӣ, дӯст доштани Ватан, ба қадри сулҳу амонӣ расидан, марзу буми меҳанро ҳимоя кардан ва амсоли онро дар қалб мепарваранд.

Тавре ёдрас шудем, яке аз рукнҳои асосии ободгарӣ дӯст доштани Ватан-Модар, марзу бум ва табиати биҳиштосои он аст. Ин гуна муҳаббати гарм доштани аҳолӣ нисбат ба табиат муҳтавои чандин асарҳои манзуми шоирон гаштаанд.

Достони «Баҳси газу ҳезум»-и Алӣ Бобоҷон (1980) дар шакли муколама, яъне дар заминаи гуфтугузори газу ҳезум ва гӯгирд сурат гирифтааст. Дар он яке хешро таъриф мекунад ва дигаре паст мезанад.

Чунончи, газ ба ҳезум мегӯяд:

Дуди ғализат бисёр
Касро медиҳад озор.

Ҳезум ба газ:

Агар туро дар баллон
Ҷо накунанд одамон,
Хавху хатар меорӣ
Фақат зарар меорӣ.

Баҳсу мунозираи ҳезуму газро гӯгирд анҷом медиҳад. Гӯгирд ба онҳо мефаҳмонад, ки ҳар ду ҳам ба мардум заруранд, лекин бе гӯгирд ҳеҷанд. Ва ба онҳо хотиррасон мекунад, ки агар ҳар се як ҷо муттаҳид гардида, заҳмат кашанд, ба мардум бештар фоида меоранд:

Ба ҷойи баҳсу нифоқ
Бо ҳам кунем иттифоқ.
Хизмати инсон кунем,
*Мушкилаш осон ку*нем [3, с.114].

Хулосаи мантиқии манзума, ки ҳикмати халқии «ду кас, агар аҳл шавад, кори олам саҳл шавад»-ро ба хотир меоварад ба услуби масал мувофиқ меояд. Мисолҳои реалӣ барои идроки бачагон низ мафҳуманд ва аз ин рӯ, ин асар ба кори тарбияи завқи якдилӣ ва муҳим донистани ин ҳама ашёи моддӣ барои ҳаёту мамот мусоидат карда метавонанд. Газ, ҳезум ва гӯгирдро чун ашёи ногузиру зарурии рӯзгор эҳтиёт бояд кард.

Дар манзумаи дигар, ки ҳоло зикру тавсиф хоҳем кард, низ ҷонваре ба тасвир кашида шудааст, ки ба инсон манфиат меорад ва онро қадр бояд кард. Аломат ва нишондоди реалие, ки муаллиф дар ин асар ба қалам додааст, ба хонандаи тоҷик маърифати наве ҳам медиҳад. Қаҳрамони асосии ин асар делфин аст, ки дар шароити Тоҷикистони мо зиндагӣ карда наметавонад. Аммо, бубинед, ки М.Ҳайдаршо ба ин тасвир чӣ тобиши тоза додааст.

Инак, дар достони «Суҳбат бо делфин»-и М.Ҳайдаршо (1983) таассуроти аз Баҳри Сиёҳ бардоштани тоҷикбачаро баён кардааст. Чун делфин дар мавриди шиносоӣ бо тоҷикписар мепурсад, ки дар кишварат оё ягон баҳр ҳаст ё не ва дар ҷавоб сайёҳи наврас Қайроқум, Норакро тавсиф карда, мехоҳад бо ин роҳ делфинро ба Тоҷикистон биёрад, маърифати нав ҳосил мешавад. Яъне, делфин розӣ намешавад ва хонаи худро аз ҳама гӯшаи дунё беҳтар медонад, ки ҷанбаи ватандӯстии ғояи асарро пуркувват кардааст:

Дар ин баҳри бепоён,
Дар ин баҳри пуртуғён.
Ҷойи аҷдоди ман аст,
Ҷойи авлоди ман аст [*3, с. 6-8*].

Шоир тавассути образи делфин хостааст ба кӯдак фаҳмонад, ки барои ҳар як фард Ватан ҷойи муқаддас аст. Бояд ҳамагон баҳри ободии он заҳмат ба харҷ диҳанд, то ин ки он зеботару дилработар гардад.

Ҳамзамон хонандаи тоҷик дар бораи делфин ва хусусиятҳои танҳо ба ин ҷонвар хос маълумоти нав пайдо кардааст. Ин хуб аст, зеро ба кӯдак бо асаре додани маърифати нав яке аз мақсадҳои асосии асар офаридан мебошад.

Дигар ин ки, дар минтақаи Осиёи Марказӣ - Тоҷикистон ягона кишварест, захираи фаровони об дорад. Кӯдакону наврасон на танҳо аз баҳрҳои Қайроқуму Норак, балки аз обанборҳои азими Сангтӯдаю Роғун низ болиданашон ба мавриди аст. Дар қиссаи «Роғун»-и Убайди Раҷаб омадааст:

…Роғун ҷояки зебост,
Ҳавояш софу нарм аст,
Донӣ Роғун дар куҷост,

Дар бари Оби Гарм аст…(III)
Бахти ман, ҷӯра , хандид,
Толеи ман омад кард,
Падарҷонам аз Норак
Маро ба Рогун овард (vII) [8, с. 13].

Аз параҳои зикршудаи 7-қисмати қисса бармеояд, ки навраси 12-сола (хонандаи синфи шаш-Ф.Ҳ) бо ифтихор аз сохтмони қасри нури аср дар дарёи Вахши Тоҷикистон ҳарф мезанад. Ӯ ҳамроҳи падараш майли кор кардан дар ин сохтмонро дорад. Ҷанбаи романтикӣ ва реалистии қисса он аст, ки орзу дар ҷавонӣ айб нест. Шояд садҳо делфинҳо орзуи дар кишвари дорои оби тоза зиндагӣ карданро парваранд. Шояд…

Тарғиби ватандӯстӣ дар «Ҳамсоя» (1994) ном достони Убайди Раҷаб низ ба назар мерасад. Мазмуни мухтасари достон чунин аст: замоне Кафтару Мусича дар як макон, дар ҳамсоягӣ умр ба сар мебурданд. Кафтар оламро сайр карда, аз неку бади дунё воқиф мегардад. Аммо Мусича ба касе дасти ёрӣ дароз кардан намехоҳад ва ба суханони Кафтар ҳам гӯш намедиҳад. Ҳангоми сафари навбатӣ ба беша Кафтар мебинад, ки ду шаҳбозчӯҷаи кӯчак аз лонаашон ба замин афтодаанд. Ҳар дуро навозиш карда, ба лонаашон мегузорад. Ин некиро модари чӯҷаҳо дида, гумон мебарад, ки Кафтар қасди ҷони бачагони вайро дорад. Ҳақиқати ҳолро чӯҷаҳо ба модарашон мегӯянд. Модар ба Кафтар изҳори миннатдорӣ карда, аз вай хоҳиш менамояд, ки бар ивази ин меҳрубониаш чӣ некӣ кунад? Кафтар ҳамаи инро ба худ ҳамчун қарз шуморида, дар ҷавоб мегӯяд:

Рӯйи ҷаҳон гардидаӣ,
Кӯҳу биёбон дидаӣ,
Бо худ бари сӯе агар,
Тоҷе ниҳӣ аз зар ба сар.
Шаҳбоз гуфто:- Бар сафар
Омода шав фардо саҳар…

Пас аз шунидани муждаи хуш Кафтар болида ба назди ҳамсояаш Мусича меояд мехоҳад, ки воқеаро нақл кунад. Мусича намегузорад, ки Кафтар сухан гӯяд. Вақте ки Кафтар омодаи сафар мешавад, Мусича аз ҷараёни воқеа огоҳӣ ёфта, майли бо вай ба сафар баромадан мекунад. Аз дидани манзараҳои зебо Мусича ба суханони Кафтар бовар мекунад.

Сипас, дар дили мусича майли берун аз Ватан парвоз кардан пайдо мешавад. Ҳарчанд Кафтар ба вай мефаҳмонад, ки Ватан ҷойи муқаддас аст, Мусича бовар намекунад ва якравӣ карда мехоҳад, ки роҳи кишвари бегонаро пеш гирад. Кафтар мегӯяд:

Ин ҷо Ватан аз баҳри мост,
Тарки Ватан кори хатост.

Ба суханони самимонаи Кафтар Мусича гӯш намедиҳад. Кафтар булҳавасии Мусичаро пай бурда, мехоҳад ӯро аз роҳаш гардонад. Аммо кӯшишҳои вай натиҷае намедиҳад. Мусича ба сӯйи диёри бегона парвоз мекунад. Мурғакони раҳгузар хабар доданд, ки вай дар ғарибӣ дур аз Ватан ҷон додааст:

Бо чашми во сӯи Ватан,
Дар ҳасрати рӯи Ватан.
Дур аз Ватан чун бе Ватан,
Бар марги ноҷо дод тан [9, с. 10].

Ба пиндори мо мавзӯи достон агарчи нав нест, вале дар шароити ҳозира аз аҳамият орӣ намебошад. Достон як навъ муроҷиате мебошад, ки ба касони аз Ватан дурафтода нигаронида шудааст. Он вазъиятеро акс мекунад, ки солҳои охир ба сари мардуми тоҷик омад.

Тавассути он ақидаи муҳим ифода ёфтааст: сарфи назар аз он ки берун аз Ватан касе сазовори тавсифу таъриф бошад, хуб зиндагӣ кунад он ҳама ҷойи Ватанро гирифта наметавонад. Бадбахт онест, ки қадри Ватанро надониста, ихтиёрӣ тарки диёр мекунад ва зиёда аз ин дар ғурбат ҷон ба ҳақ месупорад.

Ҳамин тариқ, метавон ба чунин хулоса омад:

1.Шоирон, хксусан, Убайди Раҷаб, Алӣ Бобоҷон ва М.Ҳайдаршо тавонистаанд, ки дар тарбияи насли наврас барои аҳли ҷомеа (волидайн, мураббиҳо, муаллимон) тавассути асарҳои бадеӣ аз ҷумла қисса, достон, манзума саҳми худро гузоранд. Бештари он қиссаҳое, ки солҳои пеш эҷод шудаанд ва дар китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ворид гаштаанд, миёни кӯдакон ва наврасон ба ҳайси асарҳои

шифоҳӣ паҳн шудаанд. Ин ҳодиса шаҳодат медиҳад, ки чунин асарҳо барои ҷомеаи мо имрӯз ҳам заруранд ва адабиёти кӯдакон ва наврасони тоҷик низ дар ин ҷода кори бузурге карданист ва онро идома медиҳад.

Бо вуҷуди ин, адибон бештар ба мавзӯъҳои анъанавӣ таваҷҷуҳ кардаанд ва аз зиндагии имрӯзаи кӯдакон кам асар офаридаанд. Ба ифшо намудани хислатҳои ношоистаи кӯдакон ва наврасони имрӯза кам руҷӯъ кардаанд.

2. Асарҳои манзуми барои бачагон эҷодшуда вижагиҳоеро соҳибанд, ки онро дар ҳадаф ва содагӣ, муҳтаво ва забону баён аз адабиёти калонсолон ҷудо мекунад, вале ба назари мо дар таъриф ва тавсиф ҳарду яксонанд. Бинобар ин, шоирони бачагон ҳангоми эҷоди асарҳо барои кӯдакон ва наврасон бояд чунин устокорӣ нишон диҳанд, ки ин содагиҳо ба ҳадди эътидол риоя гарданд.

3. Дар замони истиқлолият шоирону нависандагонро лозим аст, бештар ба мавзӯъҳои худшиносии миллӣ, дастовардҳои замони соҳибистиқлолии кишвар ва ваҳдат даст зананд.

Дар ин сурат мо вазифаи хешро иҷрошуда меҳисобем.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав. -Душанбе: Адиб, 2004. -198 с.
2. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон / Р.Амонов. -Душанбе: Ирфон, 1981. -244 с.
3. Али Бобоҷон. Осмондара. -Душанбе: Маориф, 1981. -114 с.
4. Бобокалонова Ҷ. Таърихи адабиёти атфол / Ҷ.Бобокалонова. -Душанбе: Маориф ва Фарҳанг, 2006. -Ҷ.1. -568 с.
5. М.Ҳайдаршо. Суҳбат бо делфин // Машъал, 1983. - №8.
6. Саидова М. Садриддин Айнӣ-нависандаи бачагон / М. Саидова. -Душанбе: Ирфон, 1973. -142 с.
7. У.Раҷаб. Ҳадияи бобо. -Душанбе: Адиб, 2006. -256 с.
8. Убайди Раҷаб. Себаки ғелон. -Душанбе: Адиб, 1997.-110 с.
9. Файзуллоев Н. Назми кӯдакон / Н.Файзуллоев. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. - 664 с.
10. Ҳусейнзода Ф. Убайд Раджаб и эволюция таджикской детской литературы. -Душанбе: Ирфон, 2015. -193 с.
11. Ҳусензода Ф. Руҷӯе ба таҳқиқи се қиссаи марғуби Убайди Раҷаб // Паёми ДМТ 4/6(146). - Душанбе: Сино, 2014. -С.272-274.

ИНЪИКОСИ ВАҲДАТ ВА ОБОДГАРӢ ДАР АДАБИЁТИ АТФОЛИ ТОҶИК

Дар ин мақола роҷеъ ба дастовардҳои замони Истиқлолият ва масъулияти маорифчиёни Тоҷикистонро нисбати таълиму тарбияи насли наврас ва комҳои худро аз меваҳои шаҳдбори замони Истиқлол дар ниҳоди кӯдакон ба воситаи достонҳою ҳикояҳои намакин ширин кардан, нишон дода шудааст. Инчунин, ба воситаи ин мақола аз хурдӣ дар дар дили кӯдакон парвариданӣ муҳаббату самимият нисбат ба Ватан, заҳматҳои фарзанди фарзонаи миллат –Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бедор карда мешавад. Дастовардҳои адабиёти кӯдак дар кишварҳои ҳамзабони мо дар мисоли Эрону Афғонистон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Бештари он достонҳое, ки дар ин мақола гирд оварда шудаанд, достонҳои тамсилӣ буда, кӯдакон ин образҳоро дӯст медоранд ва бо зудӣ қабул мекунанд. Ба воситаи достони «Баҳси газу ҳезум» шоир Алӣ Бобоҷон ҳикмати халқии «Ду кас агар аҳл шавад, кори олам саҳл шавад»-ро ба хотир оварда, дар ниҳоди кӯдакон эҳтиёт кардани ҳамаи ашёи моддиро, ки барои инсон лозим аст, тавсия намудааст. Инчунин, бо овардани достони «Суҳбат бо делфин»-и шоир М.Ҳайдаршо, муаллифон ҷабҳаҳои ватандӯстиро дар кӯдакон ба воситаи тахайюли бадеӣ нишон додаанд. Тавассути образи делфин шоир хостаст ба кӯдакон фаҳмонд, ки Ватан барои ҳар як фард мукаддас мебошад. Ҷанбаҳои ватандӯстӣ дар достони «Ҳамсоя»-и дорандаи дипломи байналхалқии ба номи Ҳ.Г.Андерсен Убайди Раҷаб мавқеи хосса доранд. Дар мақолаи таъкид ба он оварда шудааст, ки дар замони Истиқлолият аҳли адабро лозим аст, бештар ба мавзӯъҳои худшиносӣ, дастовардҳои замони соҳибистиқлол даст зананд, асар эҷод кунанд, ки он аз аҳамият холӣ нест.

Калидвожаҳо: Истиқлолият, адабиёти кӯдак, тарбия, Ватан-Модар, таъриф, тавсиф, табиат, Тоҷикистон.

ИЗОБРАЖЕНИЕ ЕДИНСТВА И ПРОЦВЕТАНИЯ В ТАДЖИКСКОЙ ДЕТСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В статье речь идёт о достижениях периода независимости Таджикистана в системе просвещения, обучения и воспитания молодого поколения. В том числе воспитания детей на рассказах и сказаниях жизни периода независимости. Содержание статьи направлено на то, чтобы у детей возрождались великая любовь и верность к родной земли, к Родине и чтобы они убедились в великих заслугах Основателя мира и единства Лидера нации Эмомали Рахмона, Президента нашей независимой республики. Достижения детской литературы изучаются и в других соседних и одноязычных с нами странах, таких как Иран и Афганистан. Множества поэм и сказаний, собранных в данной статье, составляют басни, которые легко воспринимаются детьми и они любят их. Али Бободжан в своей поэме “Бахси газу хезум”, которая означает «Спор гребенщика с дровами», вспоминая народное предание “Ду кас агар аҳл шавад, кори олам саҳл шавад”- “Двое если дружят им работать легко“ хочет воспитывать у детей любовь и уважение ко всем окружаюшим нас материальным благам, которые мы должны беречь, они нужны человечеству. В том числе в поэме “Беседа с дельфином” поэт М. Хайдаршо художественным воображением хочет довести до подрастающего поколения, то что Родина, родная земля и все, что принадлежит ей, и все, проживающие на ней, священны каждому из нас. Каждый, кто находится на земле, имеет право на спокойную и радостную жизнь. Любовь к

Родине занимает особое место и в поэме лауреата международного конкурса имени Х.Г. Андерсена Убада Ражаб “Хамсоя”, означающей “Сосед”. В данной статье особо подчеривается, что в период независимости литераторы и научные деятели должны больше говорить и писать об успехах, достижениях и новшествах периода независимости и о самосознании. И все это, конечно, было бы замечательно и принесло бы великую пользу.

Ключевые слова: независимость, детская литература, воспитание, Родина, доброта, реальный, мать, хвала и характеристика, природа.

SOLIDERITY REFORM AND ADVOCACY IN TAJIK CHILDREN'S LITERATURE

This article shows the achievements of the independence and the responsibility of educators in Tajikistan to educate and train their young offspring and heretics from the dead free fruits of the childhood through the children's epilepsy and epilepsy. Also, through this article, young children in the field of childhood love and sincerity in respect of patriotism, patriotism of national patriotism - the foundation of peace and national unity - the leader of the nation, dear Emomali Rahmon is awakened. Children's literature in our native countries in the example of Iran and Afghanistan Mauriti received. Most of the stories that are included in this article are literary legends, and children love these pictures and soon adopt this article. By the story "Talk about the gas and fuel" of poet Ali Bobojon, the people's wisdom, "If a person becomes accustomed to the work of the world «Recall that the child care center recommended that all medical material needed for the person needs to be cautious. Also, with the lyrics of the poet "Delphin", poet M Haidarsho shows the patriotic moments of the children through the imagination of the poet, inspired by the poet's poetry poet, to explain to the children that the Holy Father is for every individual. The patriotic aspects of the book "Hamas" of the author of the international diploma named after H.G. Andersen Ubaid Rajab has a special position. In the scientific article, it is said that in the time of independence, the people need to be more involved in the subject of self-knowledge, the achievements of the independent time, create a work that is not significant.

Key words: independence, child literature, training, motherland, qood, realiy, mother, defition, desripton, nature.

Сведения об авторах: ***Хусейнзода Фарход*** – Дангаринский государственный университет, доктор филологических наук, заведующий кафедрой таджикского языка и литература. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 92-753-87-65**

Давлатов У.М. – Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3.Тел.: **(+992) 907-85-01-06**

Information about the authors: ***Huseinzoda Farhod*** - Dangara State University, doctor of philological sciences, head of the Tajik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3. Tel.: **(+992) 92-753-87-65**

Davlatov U.M. - Dangara State University, Senior Lecturer in the Tajik Language and Literature Department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3.Tel.: **(+992) 907-85-01-06**

УДК: 891.550:82

ФАЪОЛИЯТИ АДАБӢ ВА БАЪЗЕ МАСОИЛИ МАЪРИФАТИ ЭСТЕТИКӢ

Раҳмонов Ҳ.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Роҷеъ ба адабиёти бадеӣ ва вазоифу аҳдофи он, чи барои башарият дар умум ва чи барои кишварҳои алоҳида, шояд ҳазорон ҳазор китоб ва рисолаву таҳқиқот ба нашр расида бошад, аммо ҳар қадар зиёд навишта шавад ҳам, аммо боз холигоҳ боқӣ мемонад. Гап дар ин ки то кунун ба таври мушаххас таърифи илмии эҷоди бадеӣ мавҷуд нест. Қазовату баррасиҳо қонеъкунанда нестанд, баҳсҳо зиёданд, фаъолияти бадеиро ҳар муҳаққиқ мувофиқ ба тасаввури хеш баҳо медиҳад.

Адабиёт як навъи ҳунар аст ва ҳунарро аксаран аз рӯйи аломатҳои муайян, масалан, ҳамчун падидаи эстетикӣ, муносиботи байнишахсӣ, ҳатто шакли махсуси бозӣ, фаъолияти маърифатӣ, таҷассуми мавқеъ ва ҷаҳонфаҳмии муаллиф, образофаринӣ, корбурди аломатҳо ё семиотика (аломатшиносӣ) ба таҳқиқ мегиранд. Аммо адабиёт падидаи хеле мураккаб ва полифункционалист, ки аз маҷмӯи хосияту нишонаҳо иборат аст. Ҳамин аст, ки ба қавли аксар суханшиносон, «таъйини таърифи илмии ҳунар ва назарияи ягонаи он усулан ғайримумкин аст, чунки эҷодиёти бадеӣ таърихан гуногунсифат буда, фаҳму дарки он аз завқи эстетикӣ ва майлу рағбату ишқу ҳавсалаи муҳаққиқони ин ё он кишвар ва ин ё он марҳилаи таърих вобастагӣ дорад» [17, с.56; 9].

Аммо дар назариёти ҳунар чизи бебаҳс ҳамин аст, ки ҳунар хислати эҷодӣ ва ё созандагӣ дорад. Ин хислат аз фаъолияте бармеояд, ки таҳкурсиаш илҳом аст ва ҳадафаш ҳифз ва таҳкими арзишҳои фарҳангӣ ва башарист. Ба қавли В.Е. Хализев, «эҷодиёт фаъолияти ташаббускоронаву рӯҳбаландонаи одамон ба нафъи нигаҳдошт

ва устуворгардонии арзишҳои мавҷуда – ҳам табииву ҳам фарҳангист. Хислати эҷодӣ дар ҳама анвои фаъолияти мардум ҳаст, ҳатто дар ҷузъитарин зуҳуроти он – муомилоти ҳамарӯза, тахайюлот дар танҳоӣ, таассуроту ҳиссиёт, муроқибаву мулоҳиза. Аммо неруҳои эҷодӣ ва қобилияти одамон нисбатан комилтар дар фаъолияти аз нигоҳи иҷтимоъ баэътибортари фаъолияти одамон – дар соҳаи илм, хадамоти давлатию сиёсӣ, фалсафӣ ва, албатта, дар соҳаи эҷодӣ зуҳур мекунад» [18, с. 11].

Умуман, фаъолияти эҷодӣ дар маҷмӯъ, ба се ҳадаф нигаронида шудааст, ки яке талқини зебоӣ, дигаре ангехтани инсон ба маърифати ашё ва ниҳоят ҷаҳонфаҳмию дунёшиносист. Баҳси адабиёт чун таърихи олами вуҷуд ва такомули башар қадим аст ва дар ҳар марҳалаи таърих андешаҳое ҷолиб роҷеъ ба табиати адабиёт ба ҳусул омадаанд, ки баъдан онҳо ё ривоҷ ёфтаанд ва ё инкор шудаанд. Замоне буд, ки мутафаккирони бузурге чун Кант, Шеллинг ва Гегел ҳунарро болотару волотар аз ҳаёт маърифат мекарданд, чун ҳунари юнониҳои бостон, ки бо гузашти ҳазорсолаҳо ҳеҷ куҳнагӣ пайдо накард ва далели қотеъ барои ин даъвии онон гардид.

Таҳқиқот ва маҳсули андешаи фалсафии Иммануил Кант (1724-1804), гули сари сабади фалсафаи классикии олмонӣ, дар рушди эстетикаи фалсафӣ бебаҳост ва тӯли садсолаҳо раҳнамои ҷумлаи ҳаводорони фарҳанг буд ва имрӯзҳо низ қимати хешро аз даст надодааст. Мулоҳизоти эстетикии ӯ, махсусан дар марҳилаи охири фаъолияти ӯ, дар осори мондагоре чун «Нақди хиради холис» (1781), «Нақди хиради амалӣ» (1788) ва «Нақди қобилияти мулоҳизаронӣ» (1790) таъсири бузурге дар фаҳму дарки санъат доранд. Санъатро Кант ба механикиву эстетикӣ ҷудо карда, аз он сабаб механикӣ гуфта, ки агар он маърифатро таҷассум карда тавонад. Саноеи эстетикӣ дар навбати худ ба ду навъ – гуворо ва нафиса тафриқа мешаванд. «Саноеи гуворо барои ҳаловат бурдан, саргарм шудан ва хушгузаронии вақт хидмат мекунанд, аммо ҳадафи саноеи нафиса ба ташаккули «фарҳанги қобилияти рӯҳ» равона шуда, соҳаи эстетикиро ба соҳаи маърифат наздик мекунанд» [11, с. 203].

Кант аз ҷумлаи аввалинҳо дар таърихи эстетика мебошад, ки ба таснифи саноеи нафиса даст задааст ва асоси ин тасниф тарзи ифодаи ғояҳои эстетикӣ, яъне зебоӣ будааст. Аз назари ин мутафаккир, навъҳои гуногуни санъат навъҳои гуногуни зебоиянд. Инҳо метавонанд зебоии афкор ва ё зебоии муроқиба бошанд. Дар навбати дуюм, маводи устоди санъат метавонад ё мундариҷа ва ё шакл бошад. Пас, се навъи саноеи нафиса вуҷуд дошта метавонад, ки яке ба сухан, дигаре ба тасвир (рассомӣ) дахл доранд ва савумӣ – бозиҳои зоиқаанд. Аз назари Кант, аз миёни ҳама анвоъ маҳз балоғат ва шеър шаклҳои олии эҷоди ҳунарианд. «Аҳамияти шеър дар он аст, ки неруҳои ақлонӣ ва ахлоқии моро такмил дода, афкорро бозӣ доронда, аз марзи воситаҳои мафҳумии ифода берун меояд ва хирадро тамрин мекунад, вай роҳ ба улвият дорад ва нишон медиҳад, ки инсон на фақат ҷузъи табиат, балки офаринандаи олами озодист» [7, с. 167].

Барои баррасии асари санъат чизи муҳим завқ аст. Ҳамин тариқ, тибқи андешаи Кант, санъат ҳамчун хориқаи эстетикӣ маҳсули истеъдоди фитрист, ки тавассути вай табиат барои санъат қоида муайян мекунад. Ин қоида оригиналӣ буда, ба шарҳу тафсир эҳтиёҷ надорад ва намунае барои тақлиди суханварони камистеъдод мегардад. Санъат василаи муҳимми вуруд ба олами фароҳиссӣ мебошад. Бо ин низоми андеша Кант адабу фарҳангро ҳамчун ҷузъи ҳунари умумӣ ҳатто аз фалсафаю дин низ болотар гузошт.

Аз назари Фридрих Вилгелм Йозеф Шеллинг (1775-1854), асари санъат ончунон фарох аст, ки тафсири беохирро мехоҳад. Фаразан, фоҷиаҳои Шекспир на танҳо аз сужет ва мисраъҳои шеърӣ иборатанд, балки зарфияти беохире барои шарҳу маънидод доранд. Ӯ барои исботи даъвиаш мифологияи юнониро мисол меорад, ки дар як замоне пайдо шуда, ҳамчун образҳои рамзӣ барои фаҳмиши беҳадду ҳудуд тӯли асрҳо хидмат мекунанд. Натиҷаи дигари афкори Шеллинг ин аст, ки дар осори санъат ду ҷанба – идеалию реалӣ дар таносуби қавӣ қарор мегиранд. Дар ин таносуб айнияти мутлақ инъикос меёбад. Баъдтар дар яке аз нутқҳояш бо унвони «Дар бораи муносибати санъати тасвирӣ ба табиат» Шеллинг мегӯяд, ки санъат бар хилофи ақидаи садсолаҳо маъмул, «муҳокоти табиат нест, балки болотар аз табиат аст. Санъат муҳокоти табиатро қатъ карда, ба сари худ мустақил шудааст» [22, с. 62].

Ӯ дар санъат эманатсияи мутлақро медид. Суханвар бо эҷоди хеш ғояи ҷовиди инсонро, ки дар Худо таҷассум ёфтааст, ифода мекунад, ки он бо рӯҳ вобаста буда, якҷо бо рӯҳ ягонагии томро ташкил медиҳад. Ҳамин зуҳури яздонӣ дар инсон нубуғ аст, ки ба фард имкони татбиқи ҷаҳони идеалиро фароҳам меорад. Дар санъат ӯ

хотимаи рӯҳи ҷаҳонӣ, ҳамбастагии рӯҳ ва табиат, ҷанбаҳои объективӣ ва субъективӣ, зоҳирӣ ва ботинӣ, шуур ва ғайришуур, зарурат ва озодиро ба мушоҳида мегирифт. Санъат барои ӯ чузъе аз фалсафаи ҳақиқат буд ва аз ин рӯ, масъала оид ба бунёди соҳаи нави эстетика – фалсафаи ҳунарро ба миён мегузорад.

Фалсафаи классикии олмонӣ, ки барои фаҳму дарки ҳунар нақши бузурге дорад, дар осори мондагори санъатшиносии Георг Вилгелм Фридрих Гегел (1770-1831), бахусус дар асари машҳураш – «Эстетика» хотима меёбад. Ин асар аз муқаддима, таълимот дар бораи зебоӣ ё идеал, се шакли мавҷудияти санъат ва назарияи навъҳои алоҳидаи он – пайкарсозӣ, меъморӣ, манзаранигорӣ ва поэзия иборат аст. Гегел дар ин асар принсипи таърихии баррасии санъатро ба роҳбарӣ гирифта, аҳамияти бузурги иҷтимоии ин падидаро таъкид кардааст. Тибқи ин консепсияи эстетикӣ санъат се марҳиларо тай кардааст, ки ин мароҳил тағйирёбии таносуби мундариҷа ва шаклро ифода мекунанд: сумбулӣ, классикӣ ва романтикӣ. Маълум, ки ҳама афкору ақоиди Гегел аз идеализми субъективӣ маншаъ мегирад. Аз назари ин олим, асоси ҳама олами вуҷуд идеяи мутлақ, яъне рӯҳ аст, ки ба ҳеҷ чизи дигаре вобастагӣ надорад. Маҳз санъат яке аз шаклҳои ошкоркунандаи рӯҳи мутлақ буда, ҳамчун навъи муайяни ҳунар бо тарзи муайяни ҳаёти мардум, бо сохти давлатдорӣ ва шакли идора, бо маънавият ва зиндагии иҷтимоӣ, бо илму дин ҳамбастагӣ дорад. Гегел се шакли муносиботи ғоя ва шаклофариниро ба миён гузоштааст. Ибтидо ғоя дар шакли таҷридӣ ва яктарафа зоҳир мешавад. Ин навъи рамзӣ ё сумбулии ҳунар аст. Таърихан ин навъ ба мардумони Шарқи бостон хос аст. Ин ҳунарест саропо аз муаммо, таъбиру рамзнигорӣ ва улвият. Мазмуни абстрактии тараққинаёфта ҳоло шакли мувофиқи хешро наёфтааст. Шакли рамзӣ ё сумбулии санъат ба навъи классикӣ бадал мегардад. Ин ҳамон санъати антиқаи (юнонию римии) даврони классикист. Дар ин марҳила барои таҷассуми мазмуни ғоя образҳои мувофиқ, ки ба рӯҳонияти инфиродии озод ҳамвазн бошад, дарёфт мешавад. Дар ин шакл ғоя ё мазмун ба сатҳи мушаххас мерасад.

Баъди марҳилаи классикӣ марҳилаи романтизм фаро мерасад. Дар ин давра санъат ба он дараҷаи инкишофи маънавӣ мерасад, ки дунёи рӯҳ гӯиё ба олами зоҳир пирӯз мегардад ва дигар наметавонад таҷассуми ҳамвазни ҳиссии худро пайдо кунад. Дар ин марҳила озодшавии рӯҳ аз парда ё пӯсти ҳиссӣ ба амал омада, гузариш ба шаклҳои нави худшиносию маърифати худӣ – ба дин ва баъдан ба фалсафа татбиқ мешавад. Ҳамин тавр, аз нигоҳи Гегел, шакли романтикии санъат ҳамон дараҷаи инкишоф аст, ки баъди он ҳунар таназзул оғоз меёбад. Ин марҳилаи анҷом ё хатми санъат аст. Воқеияти санъат ва меъёри татбиқи санъатро Гегел дар идеал мебинад. Аз ҳамин нуқтаи назар, ӯ ба андешаи Арасту оид ба муҳокоти табиат будани ҳунар комилан зид баромадааст. Таҷассуми идеал гурез аз воқеият нест, балки тасвири амиқ, умумиятдодашуда ва ҷиддан дар мазраи андеша баррасишудаи он аст, чунки худи идеал дар батни воқеият қарор дорад.

Ҳаётӣ будани идеал дар он зоҳир мешавад, ки маънои асосии рӯҳӣ, ки бояд дар тасвир биёяд, дар ҳама паҳлуҳои падидаҳои олами зоҳир нақш дорад. Яъне тасвири моҳиятдор, таҷассуми маънои рӯҳӣ, ошкор намудани муҳимтарин ҷанбаҳои воқеият маънои баррасӣ ва ифодаи идеалро дорад. Ин андешаи Гегел бо мафҳуми имрӯзаи ҳақиқати бадеӣ созгор аст. Андешаҳои Гегел оид ба категорияи зебоӣ дар олами ҳунар низ куҳнагӣ надоранд. «Дар ҳаёти муқаррарӣ одамон зиёд аз ранги зебо, дарёи зебо, гулҳои зебо, ҳайвоноти зебо ва бештар аз ҳама – одамони зебо сухан мегӯянд. Ба ин баҳс, ки то чӣ андоза ашёи номбурда ба сифати зебоӣ мувофиқанд ё не, дода нашуда, ҳаминро мегӯем, ки зебоии бадеӣ аз зебоии табиӣ болотар аст. Чунки зебоӣ дар санъат зебоиест, ки дар заминаи рӯҳ зода ва ё эҳё шудааст, азбаски рӯҳ ва маҳсули он аз табиату ашёи он болотар қарор дорад, ҳамон гуна зебоӣ дар санъат аз зебоии табиӣ волотар мебошад» [4, с. 75].

Бояд гуфт, ки ҳам Кант, ҳам Шеллингу Гегел файласуфони маъруфе буданд, ки ба соҳаи эстетикаи фалсафӣ ҳамчун илми мустақили фалсафаи ҳунар ибтидо гузоштаанд. Ҳарчанд дар радифи фалсафа гузоштани ҳунар имкон надорад, аммо тӯли асрҳо маҳз анвои гуногуни ҳунар ғизобахши фалсафа буд, то чое, ки мутафаккири маъруфи қарни XIX-и рус Феофан Прокопович дар асари машҳураш «Оид ба ҳунари поэтикӣ» менависад: «Шамъи бузурги ақли инсонӣ – фалсафа ё тавлидшуда аз адабиёт аст, ё ширхӯрда аз пистони ӯ. Онҳое, ки аз мактабу равияҳои гуногуни фалсафӣ навиштаанд, тасдиқ мекунанд, ки фалсафа аз замонҳои қадиму ибтидоӣ ҳунарӣ ё поэтикӣ будааст ва он ҳақиқатҳоеро, ки одамон бо фалсафаронӣ

дарёфт мекарданд, онҳоро маҳз тавассути сурудҳо ва ё ривоятҳо баён мекарданд» [14, с. 335-459].

Бархе мулоҳизоти ин олим воқеан ҷолибанд, аз ин хотир, нақли мухтасари баъзеи онҳо ин ҷо муфид ба назар мерасад. Дар ҳақиқат, фалсафа ашёро дар шакли ҷомеъ ба баррасӣ мегирад, на ҷузъӣ, чунки аз назари мутахассисони диалектика, илм дар бораи ҷузъиёт вуҷуд надорад. Ана дар ҳамин асно роҳи фалсафа аз адабиёт ҷудо мешавад. Зеро файласуф дар маҷмӯъ чизи умумиро гирифта, онро бо ин ё он хусусият маҳдуд намесозад. Шоир нуқсу иллатҳо ва ё кирдорҳои некро дар умум ба тасвир мегирад, аммо ҳамчун кирдори вижаи ин ё он шахсият. Файласуфи сиёсӣ таълим медиҳад, ки ин ё он шахс бояд ҷасур бошад. Шоир васф мекунад, ки фалонӣ чунину чунон буд. Шоир рафтору кирдори ин ё он шахсро тасвир мекунад, муаррих низ ҳамин корро мекунад, аммо муаррих чӣ гуна рух додани ин рафтору кирдорро айнан рӯйи қоғаз меорад, шоир бошад, бо шеваи дигар, яъне он рафтору кирдор чӣ гуна бояд рух медод… Шоир мисли файласуф амалҳои умумии одамонро ба мушоҳида мегирад, аммо файласуф ба таври мавҳум, муҷаррадан, бидуни намунаҳо он амалҳоро баррасӣ мекунад. Шоир бошад, он рафтору кирдорҳоро ба одамони муайян нисбат медиҳад. Сабаби ин ҳолат дар он аст, ки вазифаи шоир ба ояндагон нақл кардани саргузаштҳо набуда, сабақ додани онҳо роҷеъ ба тарзи дурусти рафтор дар ин ё он вазъияти ҳаётист, ки ин корро файласуф низ мекунад. Аммо шоир афкори шаҳрвандии хешро гӯиё рӯбарӯи ойина дар мисоли ин ё он қаҳрамон баён мекунад ва ӯро ситоиш намуда, ҳамчун намуна барои дигарон манзур месозад.

Чун сухан аз муносибати адабиёту фалсафа рафт, муҳтавои рисолаи олими фалсафа ва доктори санъатшиносӣ В.И. Тасалов «Бесарусомонӣ ва тартибот: диалектикаи иҷтимоию бадеӣ» беихтиёр ба ёд омад [15]. Сухан аз мушкилтарин ҷараёнҳои ҳаётиву фарҳангии вобаста ба ин ду мафҳум меравад. Дар образҳои хаос ва кайҳон ҳатто дар замонҳои қадим на амали ихтилофангези ин ду ҷараён, балки маҷмӯи қонунмандиҳои байниҳамдигарии инкишофи оламу одам таҷассум меёфт. Ба таври одӣ, хаос, қабл аз ҳама – ноустуворӣ, зуҳури ногаҳонии ин ё он воқеият, беандозагӣ, бешуурӣ ва ғайра бошад, пас, тартибот - устуворӣ, сохтори ягона, муташаккилӣ ва ҳар чизи дигари росту дуруст аст. Аммо дар воқеият ягон аломату нишонаҳои ин ду рада худ аз худ зоҳир намешаванд. Миёнаҷои ин ҷараёнҳо лаҳзаҳои қобили ҳаёт будани синтез аст, ки метавонад тазоди байни ҳис ва хирад, инстинкти рӯҳ ва ҳисоби аниқро пушти сар кунад. Дар ин миёна барои рӯшан намудани масъалаи фавқ олими мазкур рубоии Умари Хайёмро меорад, ки беҳтарин посух ба ин масъалаи ҷовидонаи фалсафист:

То ҳушёрам, тараб зи ман пинҳон аст,
Чун маст шавам, дар хирадам нуқсон аст.
Ҳолест миёни мастию ҳушёрӣ,
Ман бандаи он, ки зиндагонӣ он аст [13, с. 205].†

Яъне аз нигоҳи Хайём, ҳар ҳодисаи эҷод ҳузуру ҳаловати кайҳонии материя аст, ки зимни он тазоди миёни бесарусомониву тартибот аз байн рафта, онҳо дар иқоъи (гармонияи) чизи навпайдои комилу яклухт якҷову рехта мешаванд. Фарқ нест, ки сухан аз чӣ меравад, хоҳ аз пайдоиши ситораҳои нав дар осмон, хоҳ бавуҷудоии низоми нави офтобӣ ва ё таваллуди тифл, ё ҳар навъе аз фаъолияти иҷтимоии одамон…

Бармегардем ба мулоҳизоте, ки қабл аз масъалаи иртиботи адабиёту фалсафа баён мекардем. Нимаи дуюми асри XIX файласуф ва ҷомеашиноси франсавӣ

---

† Дар китоби В.И. Тасалов ин рубоӣ чунин тарҷума шудааст:
Когда я трезв, ни в чем мне отрады нет,
Когда я пьян, слабеет разума свет.
Есть время блаженства меж трезвостью и опьянением,
И в этом жизнь, скажи, я прав или нет? [15, с. 12-13].
Дар тарҷумаи Владимир Державин мисраи чорум ин гуна тарҷума шудааст: *«И в этом жизнь. Я прав или нет? Дай ответ»* [13, с. 205]. Ба андешаи мо, тарҷумаи худи Тасалов беҳтару солистар менамояд. Дар асари Муҳаммад Авфии Бухороӣ ин рубоӣ ба тариқи зер омадааст:
То ҳушёрам, дар тарабам нуқсон аст,
Чун маст шавам, бар хирадам нуқсон аст.
Ҳолест миёни мастиву ҳушёрӣ,
Ман бандаи он, ки зиндагонӣ он аст [1, с. 250].

Ипполит Тэн (1823-1893) усулу методҳои улуми зистшиносиро нисбат ба ҳунару адабиёт ба кор бурд ва таҳлили фактҳои таърихиро дар ташхиси падидаҳои адабӣ нозарур мешумурд, ҳамчунин авомили рушди адабиёту ҳунарро дар вижагиҳои ирқу нажод, муҳиту фазо ва вазъи таърихӣ медонист. Зери таъсири ин назария метод ё мактабе бо номи мактаби фарҳангию таърихӣ ташаккул ёфта, садҳо таҳқиқоти шоиста дар ин замина ба вуҷуд омад. Мунаққидони ин олим хатои асосии ӯро дар он диданд, ки мавсуф ду омили муҳим – иҷтимоӣ ва иқтисодиро сарфи назар карда, муҳит ва ирқу нажодро меъёрҳои доимӣ ва ивазнашаванда донистааст.

Аммо чун нек бингарем, ин назария чандон бемавқеъ ҳам нест. «Барои фаҳму дарки асари санъат, - менависад И. Тэн, - ё суханвару рассом сатҳи ҷаҳонфаҳмӣ ва маънавияту ахлоқи ҳамон марҳалаву даврараро дуруст тасаввур бояд кард. Маҳз ин омилҳо сабабҳои дараҷаи аввал мебошанд. Воқеан, агар ба марҳалаҳои муҳимми таърихи санъат нигарем, маълум мегардад, ки кулли ҳунарҳо ҳамзамон бо ҷараёнҳои муайяни соҳаи ақидаву афкору ахлоқ, ки бо онҳо алоқаманданд, пайдо мешаванд ва завол меёбанд. Аз ин рӯ, маҳсули рӯҳи инсонӣ, мисли осори табиат, вобаста ба муҳити атрофашон дуруст фаҳмида мешаванд» [16, с. 15-17].

Вобаста ба омилҳои муҳит ва ирқу нажод, ки Тэн дар мадди аввал медонист, дар Чини оғози садаи XX баҳсе оғоз шуд андар фаҳми он маънӣ, ки Шарқу Ғарб чӣ тафовутҳое дорад дар шинохти тинати одамӣ, ки боис ба рушди ҳаррангаи адабиётҳо ва фарҳанг дар умум шудааст. Мегуфтанд, ки дарунмояи ниҳоди башарии Шарқ маънавияту рӯҳоният ва завқу фаросат аст, дар Ғарб бошад, хиради прогматикӣ (амалгаро), ин ҷо оҳистаравию рукуд асос дорад, он ҷо ҷунбишу прогресс. Яке аз фарҳехтагони ин кишвар Ли Да-ҷао таҳқиқоте дар ин замина низ анҷом дод бо унвони «Вижагиҳои асосҳои тамаддуни Шарқу Ғарб». Ӯ даъват ба миён овард, ки дар заминаи синтези фарҳанги Шарқу Ғарб як тамаддуни умумиҷаҳониро метавон ба вуҷуд овард [10; 6].

Ва омили дигар, ки ба рушди бесобиқаи адабу фарҳанги аврупоиён боис шуд, ҷунбиши мазҳабии протестантизм буд, ки саъю талоши номаҳдудро барои дарёфти зиндагии шоиста барои ҳар фард заминаи саодатмандӣ мегуфт. Акнун ба тариқи қиёс ба Шарқ нигариста, бояд иқрор шавем, ки машҳуртарин шоҳкорҳои адаби ин минтақа дар пояи маънавияти исломӣ зуҳур кардаанд. Аммо бар асари таассубу хурофот рушд накардани ҳунарҳои зебое чун пайкарасозиву қиёфанигорӣ (манзур - кашидани сурати одам) ва анвои дром (хоссатан трожедӣ) асрҳои аср монеаи тақвияти завқи эстетикии мардум гардид.

Меъмориву катибанависӣ, муҷассамасозиву шарҳиҳолнависӣ, агарчи дар ҳазораи IV-уми қабл аз милод дар Мисри бостон зуҳур карда бошанд ҳам, аммо коркарди назарии онҳо ба вуҷуд наомад. Ҳанӯз то таъсиси мактаби Файсоғурас дар ин минтақа ҳисобро (математикаро) барои ҳалли масоили бадеиву эстетикӣ истифода мекарданд. Дар нимаи дуюми ҳазораи II дар Бобулистон тамаддун ба ҳадде расид, ки дар достони маъруфи Гилгамиш инсон дар муқобили назму тартиботи кайҳонӣ қарор дода шуд. Аммо назария, ки набуд, маърифати он тамаддун низ густарда нашуд.

Акнун руҷӯъ кунем ба Ғарб. Ҳанӯз дар асри VI назарияи космологии Пифагор сари кор омад, ки характери эстетикӣ дошт, яъне тартиботу иқоъро мавриди назар мегирифт. Назариёти мимесис (тақлиду муҳокот) ва катарсис (поксозии вуҷуди инсон тавассути тарсу шафқат аз роҳи тамошои фоҷиаҳо)-и Арастуи ҳаким инқилобе дар маърифати ҳунар ба вуҷуд овард. Арасту моҳияти тақлид (муҳокотро) дар боби «Андар пайдоиш ва навъҳои шеър»-и асари маъруфаш «Поэтика» дар қиёс бо шарҳи катарсис, ки хеле хираву мухтасар аст, чунин манзури фаҳми дигарон кардааст: «Пайдоиши шеър ду сабаб дорад ва ҳарду ҳам табиист. Якум, тақлид кардан ба одамон аз хурдсолӣ сар мезанад ва онҳо аз ҳайвоноту дигар ҷонварон бо ҳамин фарқ мекунанд ва ба тақлидкорӣ қобилияти зиёдтар доранд. Ба туфайли ҳамин, нахуст дониш ҳосил мекунанд. Дуюм, самараи тақлид ба ҳама лаззат мебахшад. Инро далеле собит месозад, ки воқеан ҳам рух доданаш мумкин аст: ба он чизе, ки аз диданаш кас нафрат мекунад, мо сурати аксёфтаи онро бо ҳавас тамошо мекунем. Мисол, сурати ҳайвоноти даҳшатбор ва ҷасади беҷони онҳоро. Сабаби ин дар он аст, ки андӯхтани дониш ҳодисаи бисёр дилхушкунандаест, на танҳо барои файласуфҳо, барои одамони одӣ ҳам он яксон аст. Танҳо одамони одӣ онро дер гоҳ дар ёд нигоҳ дошта наметавонанд. Ба аксҳо ҳайратзада менигаранд, зеро ба онҳо наззоракунон муҳокимаро низ меомӯзанд, гӯё чизе ҳаст, мисол, ин ҳамон чиз аст, ки агар пеш аз ин надида бошанд. Пас, чизи тасвиршуда ба онҳо завқ мебахшад, танҳо бо

тақлидшавиаш не, балки бо зебоӣ, ё ранг ва ё ягон сифати дигари ба ҳамин монандаш. Ҳамин тавр, тақлид ба мо эҳдои табиат аст» [2, с. 18-19].

Аммо Афлотун, устоди Арасту, олами ашёро инъикоси идеяҳо медонист, азбаски ҳунар низ инъикоси ба истилоҳи имрӯза образноки воқеияти олам аст, пас, дар худии худ маҳсули адабиёт инъикоси дуюмбораи идеяҳост. Ӯ ҳатто ба давлати ормонии хеш аҳли адабу ҳунарро роҳ додан нахост. Арасту, баръакси устодаш, адабиёт ва ҳунарро на бозофаринии воқеият, балки инъикоси эҷодкоронаи он дониста, чаҳор масъалаи муҳимтарини дарку маърифати ҳунар – муносибати шуури эстетикӣ ба воқеият, табиати ҳунар, моҳияти эҷоди бадеӣ, ҷойгоҳи ҳунарро дар ҷомеа ба таҳқиқ гирифт.

Инқилоби фикрии Арасту баъди асрҳо дар Шарқи қурунивустоӣ дар баррасиҳои илмию назарии Ибни Сино, Форобӣ, Ибни Рушд ва Насираддини Тӯсӣ акси садо пайдо кард, ба ҳадде, ки ӯро «муаллими аввал» эътироф карданд. Иртиботи ҳунар ба фаъолияти маънавии инсонҳо дар маркази таваҷҷуҳи Арасту қарор дошт: ӯ ҳамон гуна, ки адабиётро ба ҳамосаву дром ва лирика ҷудо кард, мусиқиро низ ба се навъ – мусиқии накусозандаи ахлоқ, такондиҳанда ба фаъолияту кор ва саргармкунанда ба ваҷд (экстаз) таъйину мушаххас кард.

Дар ҳар давру замон ҷойгоҳи адаби бадеӣ дар қиёс бо анвои дигари ҳунарҳо тағйир мекард, масалан, мутафаккирони антиқа то замони Ренессанс пайкарасозиву манзаранигориро болотару волотар аз каломи бадеъ медонистанд. Сустии адабиётро онҳо дар адами аёният дар образҳои поэтикӣ ва шартиву сунъӣ будани аломатҳои он медонистанд. Дар даврони романтизм шеъру мусиқӣ ба радаи аввал баромад. Танҳо шурӯъ аз қарни XVIII адабиёт бологузари ҳама анвои ҳунар эътироф шуд. Хидмати бузурги шоиру драматург ва назариётчии санъату адабиёт, бунёдгузори адабиёти классикии олмонӣ Готҳолд Эфраим Лессинг (1729-1781) буд, ки афзалияти адабиётро (шеърро) нисбат ба манзаранигорӣ ва муҷассамасозӣ дар «Лаокоон» ном асари бунёдиаш ба ҳукми исбот расонид. Ӯ дар мисоли осори гаронмояи Гомери юнонӣ ба ин натиҷа расид, ки адабиёт на соҳаи сокиту ором, балки ниҳоят фаъол аст, чун мухлисашро ба ҷараёни эҷоду офаринандагӣ ҷалб ва ҳамроҳ месозад. Маҳз аз ҷониби Лессинг он баҳси қадима, ки чӣ болотар аст: санъат ва ё ҳаёт, ба манфиати ҳаёт ҳал шуд. «Ҳаёт аз расму лавҳаву манзара авлавияту афзалият дорад. Шакли олии зебоӣ – зебоии инсони зинда аст. Зебоӣ на идеали мавҳуму муҷаррад, балки дар худи воқеият таҷассум меёбад ва амал ҳамчун зуҳури ҳастии инсон бояд рӯҳи шеърро ифода кунад» [12, с. 385-516].

Гегел тасдиқ мекард, ки «дар ихтиёри санъати сухан ба эътибори мазмун ва тарзи ифода майдони фарохтаре нисбат ба дигар анвои ҳунар вуҷуд дорад. Ҳама мазмуну маъно дар шеър шакл мегирад, ҳама ашёи рӯҳ ва табиат, воқеоту ҳаводис, таърих, рафтору кирдор ва вазъи зоҳиру ботин, хуллас шеър, ҳунарест ҷомеъ ё ҳамагонӣ» [5, с. 348].

Ин андешаро баъдан мутафаккири бузурги рус В.Г. Белинский (1811-1848) тақвият дод: «Шеър (поэзия) дар сухани озоди инсон ифода меёбад, ки ҳамзамон садо дораду ҳам манзара ва ҳам тасаввури фаҳмои баёншуда. Аз ин ҷост, ки он аз ҳама абзори дигар ҳунарҳо истифода мекунад» [3, с. 7].

Ин мулоҳизаро метавон боз идома дод ва шарҳу тафсире аз ин ҳам бештар андар манфиати адабиёт ва арзиши волои он баён кард. Ин мулоҳизотро метавон бо як хулосаи Максим Горкий хулоса кард, ки «адабиёт фанни одамшиносист» [8, с. 17]. Гузашта аз ин, афзудан метавон, ки адабиёт фаннест роҷеъ ба инсон ва муносибати ӯ ба табиату ҷамъият ва худии худ. Мавзӯи адабиёт на фақат ҳастии одам, балки ҳар чизе буда метавонад, ки мавриди таваҷҷуҳи инсон қарор мегирад. Ҳатто дар осоре, ки инсон дар тарҳу қолаби он, яъне дар хатти сужаи он нест, масалан, дар лирикаи манзара ё пейзажӣ, эҳсосоти шоир аз диду дарёфти эстетикии табиат ба хонанда интиқол меёбад. Ҳамин аст, ки аз назари ҷомеашиносон адабиёти бадеӣ баъди театр дар мавқеи дуюм қарор дорад. Ба эътибор бигирем, ки маҳсулоти асосии намоишномаҳо сухани манзуму мансур, яъне каломи бадеист, пас, адабиёт, бешак, мавқеи аввалдараҷа дар олами ҳунар дорад.

Ҳадафи эстетикии адабиёт, албатта, дар образи бадеии он, ба қавли зиндаёд Худоӣ Шарифзода «нақши ҳунарии он ё нақши ҳастии парвардаи хаёл» [20, с. 105] маълум мегардад. Х. Шарифзода бамавқеъ менависад, ки «дар адабиёти асрҳои миёнаи мо чунин мафҳум (яъне образ) вуҷуд надошт. Адибон ва андешамандон чизе дар ниҳоди ҳунари адабӣ эҳсос мекарданд, ки онҳоро аз асари илмӣ тафовут медиҳад. Бо ин сабаб, онҳо, масалан, ҳикоёти «Калила ва Димна»-ро «сурати ҳазл» ва ба

пайравӣ аз юнониён муҳокот мегуфтанд. Аммо ин образ доминанта ё мафҳуми марказии хосияти адабиёти бадеӣ ва раҳнамои моҳиятсози он аст. Дар бораи як ҳодиса ё шахс хабар, таърих ва чизҳои дигар навиштан мумкин аст. Аммо ҳамон рӯйдод ба шарте сурат ва моҳияти адабии бадеӣ мегирад, ки образ ё нақши эстетикии онро ба вуҷуд оварда бошад. Образ замири маъно ва моҳият ва дар айни замон боровари сурати (шакли) асари бадеӣ мебошад. Маънои фалсафии асари адабӣ, чун диду дарёфти эстетикӣ низ ба воситаи пажӯҳиш ва дарёфт дар маънои образ ба ҳусул мепайвандад» [21, с. 401].

Дар адабиёт бо назардошти даҳҳо равияҳои навпайдои он, муҳим ин аст, матлаб чӣ гуна баён шудааст, на ин ки чӣ гуфта шудааст. Паҳлуи дигари ин муносибат ҳам ҳаст, ки онро анестетикӣ мегӯянд: яъне чӣ матолибе дар адабиёт инъикос мешавад, на чӣ гуна инъикос мешавад. Аз ин ифода маълум мегардад, ки арзиши эстетикии ҳар навъ асари адабӣ аз мундариҷаи ғоявии он вобаста ҳам нест. Мо шояд аз ҳосили андешаҳои устод Мирзо Турсунзода, Владимир Маяковский ва ё Пайрав Сулаймонӣ чандон истиқболи хуш накунем, яъне ин ки дар чӣ мавзӯъҳое онҳо эҷод кардаанд, аммо аз ғояҳои бадеии осорашон ҳаловат мебарем, аз истеъдоде, ки онҳо дар офариниши асар ба кор бурдаанд, дар тааҷҷуб мемонем. Ҳар қадар ду сутуни асар - яке бадеият ва дигаре ғояи он ба ҳам мутаносиб афтода бошад, ҳамон андоза асари бадеӣ комилтар хоҳад шуд. Сатҳи камолоти ин пайванд на бо ақлу хирад, балки бо ҳисси баланди эстетикӣ муайян мешавад. Агар дар ҷараёни кору заҳмат инсон комил гардад, дар илм қонунҳоро кашф намояд, заруратро маърифат кунад, пас, дар адабиёт ҳар инсоне озодии хешро маърифат мекунад, олами ашёро на фақат тавассути қонунҳои зарурат, балки бо қонунҳои зебоӣ маърифат хоҳад кард.

Зиёданд мардуме, ки аз назари онҳо асари бадеӣ барои он эҷод мешавад, ки на танҳо мазмун дуруст фаҳмида шавад, балки эҳсоси одамиро барангезад, инсонро мутаассир бикунад, ба мазмуну муҳтавояш шарик гардонад. Агар илм воситаи табодули афкор бошад, пас, адабиёти бадеӣ ғайр аз ин, абзори мубодилаи эҳсоси одамӣ низ ҳаст. Барои хубтар дарк намудани ин ақида худи ҷараёни эҷоди бадеиро маърифат кардан лозим меояд. Ҷараёни эҷод ба се унсур рабт дорад, ки яке объекти инъикос ё худи воқеият, дигаре субъекти инъикос, яъне эҷодкор ва дигарӣ - хонандаест, ки қобилияти фаҳму дарки ин асарро дорад.

Чӣ хуб аст, ки агар эҷодкор хонандаашро дарёфт кунад, зеро хоставу нахоста, дар таҳшуури адиб гурӯҳи хонандагоне тасаввур мешавад, ки асари бадеӣ маҳз ба хотири онҳо эҷод хоҳад шуд. Аммо дар ин миён адибоне ҳастанд, ки осорашон ба хотири наслҳои минбаъда эҷод мешавад ва онҳо ҳеҷ пешгӯӣ ва ҳисобу китобе дар ин масъала надоранд, инҳо адибоне ҳастанд, ки осорашон намиранда ва пояндаву ҷовидонист. Ба хотири ислоҳи замон ё масоили доғи вақт навиштани асар барои ҳар шоиру нависанда хатаре ҳам ба дунбол хоҳад дошт. Дар ин хусус нависанда ва мунаққиди ҳунарманди Фаронса Бернар Пенго дуруст таъкид кардааст: «Ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки романҳои имрӯзаи мо дар шуури фардоиён ғунҷида метавонанд. Агар бо нияти хушнуд сохтани гурӯҳе, чи аз лиҳози сиёсӣ ва чи ахлоқӣ эҷод бикунем, пас китобҳои мо баробари мо нобуд хоҳанд шуд. Дар ҳайратам, ки чӣ гуна «Илиада» ё «Дон Кихот», фоҷиаи классикии франсавӣ барин осор ин қадар умри дароз мебинанд, аз ҳунари одамшиносӣ барои мардум маводи фикрӣ медиҳанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ фарсуда нахоҳанд шуд» [19, с. 154].

Ҳамин тавр, зери мафҳуми каломи бадеъ ё адабиёти бадеӣ аз ҷониби на танҳо уламои суханшинос, балки файласуфону фарҳангшиносон низ кайҳост, ки яке аз навъҳои асосии ҳунар – санъати сухан фаҳму дарк шудааст. Дар таърихи афкори эстетикӣ назари олимон ба мақоми каломи бадеъ миёни анвои дигари ҳунар, ки маводи он сухан ва сухан ифодагари тасвири воқеият ва ифодаи ҳаяҷон аст, гуногун будааст. Ин гуногунии мавқеи олимон аз дарки мушкили табиати фалсафию эстетикии сухани бадеӣ сар мезанад, ки дар тӯли асрҳо ҳадафи ниҳоии он муҳаббат ба зебоӣ буд ва дар он саъю талош ба саодат, некӣ, хирад ва неруи баланди маънавӣ таҷассум меёфт.

Танҳо дар асри ХХ миёни олимон чунин хулосаи умум ба вуҷуд омад, ки адабиёт ҳамчун навъи ҳунар дар як радиф бо илми фалсафа, сиёсат, шуури маънавию амалӣ қарор дорад. Дигар андешаи муҳим ин аст, ки аз рӯйи қонуни диалектика ҳама навъи ҳунар, аз ҷумла ба адабиёти бадеӣ низ рушди ҳамешагӣ хос аст ва заминаи ин рушд эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ба воситаҳои нав ба нави дарки бадеии зиндагист. Бояд гуфт, ки масъалаи тасвир аз масоили муҳимтарини татбиқсозандаи функсияи эстетикии адабиёт аст, ки дар маркази он принсипи фарзият ва асоси фарзӣ

буданашро бевосита тасаввуру тахайюл таъмин мекунад. Аз Арасту ин андеша боқист, ки ягон асари бадеӣ наметавонад бидуни тасвири амалу ҳолат офарида шавад, яъне гиреҳкушои асар аз инкишофи фабула ва характерҳо вобаста аст ва ин маънӣ барои на фақат адабиёт, балки кулли ҳунарҳо аҳамият дорад.

Масъалаи дигари марбут ба ин мавзӯъ масъалаи ҷараёни эҷодист, ки асоси онро фаъолияти маърифатии худи устодони сухан ташкил медиҳад. Чунин фаҳму дарки раванди эҷод, ки оғозгоҳаш назариёти ҳунаршиносии Арастуи ҳаким аст, ба мутафаккирони бузурги Шарқ - Ибни Сино, Ибни Рушд, Форобӣ, Насираддини Тӯсӣ таъсири бузург бахшидааст. Дар маҷмӯъ, назари умумии олимони мазкур ин буда, ки муҳокот яке аз шаклҳои маърифат ва донистани ҳаёт буда, ҳаловат ё лаззати маънавӣ ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки ашёи тасвир ва образи тасаввурию тахайюлӣ ба ҳам дар ҳоли қиёс дар мизони тафаккур гузошта шаванд. Аз назари Форобӣ, дониши тавассути тасаввуру тахайюл ҳосилшуда тасаввури образноки воқеият аст, аммо ҳақиқат дар он тахайюлист. Аз ин рӯ, донишу афкори инсон ҳамеша бо ашёи тасаввуршуда дар ҳоли мухолифат қарор мегирад.

Ҳамин тариқ, каломи бадеъ танҳо дар соҳаи ҳастии бетарафона вуҷуд дорад ва наметавонад тақлиди ҳаводиси ҷудогонаи муҳити атроф бошад. Он ҳастие, ки предмети муҳокот аст, бетараф ба маънои тасдиқ ё инкори муқаррарии мост ва ҳамин дарёфт тимсоли асари бадеист. Барои ҳамин ҳам, мо оид ба моҳияти асари бадеӣ андеша намуда, аз ин ё он образи бадеӣ таассурот гирифта, ин образҳоро бо тимсолҳои онҳо дар қиёс мегирем ва ҳамин қиёсгириҳо моҳияти эҳсосоти моро ифода мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Авфӣ Муҳаммад. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ул-ривоёт; бо кӯшиши Ҳ. Сангова, муҳаррир М. Акбарзод. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 320 с.
2. Арасту. Поэтика ё худ андар санъати шеъру шоирӣ; аз русӣ тарҷумаи И. Қосимзода. – Душанбе: Бухоро, 2016. – 120 с.
3. Белинский В.Г. Полное собрание сочинений в 13 т. Т. 5 / В.Г. Белинский. – М.: Изд-во АН СССР, 1953-1959. – 846 с.
4. Гегель Г.В. Ф. Эстетика. В 4 т. Т.1. / Г.В. Гегель; пер с нем. Б.Г. Столпнера. – М.: Искусство, 1968-1973. – 330 с.
5. Гегель. Г.В. Ф. Эстетика. В 4 т. Т.3. / Г.В. Гегель; пер с нем. Б.Г. Столпнера. – М.: Искусство, 1971. – 623 с.
6. Григорьева Т. И еще раз о Востоке и Западе / Т.Григорьева // Иностранная литература. – 1975. - № 7.
7. Гулыга А.В. Кант / А.В. Гулыга. – М.: Молодая гвардия, 1977. – 305 с.
8. Гуляев Н.А. Теория литературы в связи с проблемами эстетики / Н.А.Гуляев, А.Н.Богданов, Л.Г. Юдкевич. – М.: Высшая школа, 1970. – 214 с.
9. Гущина В.А. Модернизм и аналитическая эстетика / В.А. Гущина // Вопросы философии. - 1983. - № 3.
10. Делюсин Л. Дискуссия о культурах Востока и Запада в Китае 20-х годов / Л.Делюсин // Иностранная литература. – 1977. - № 1.
11. Кант И. Сочинения в 6-ти т. Т. 5. Сочинения по эстетике / И.Кант; под общ. ред. В.Ф. Асмуса, А.В. Гулыги, Т.И. Ойзермана. – М.: Мысль, 1966. – 564 с.
12. Лессинг Г.Э. Лаокоон, или о границах живописи и поэзии / Г.Э. Лессинг; пер. Е. Эдельсона, под ред. Н.Н. Кузнецовой) // Избранные произведения. - М.: Художественная литература, 1953. - 640 с.
13. Назир У. Рубоиёти Хайём. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. – 384 с.
14. Прокопович Ф. О поэтическом искусстве. Сочинения / Ф.Прокопович; под ред. И.В. Еремина. – М. – Л.: Изд-во АН СССР (Пушкинский дом). – 1961. – 502 с.
15. Тасалов В.И. Хаос и порядок: социально-художественная диалектика / В.И. Тасалов. – М.: Знание, 1990. – 64 с.
16. Тэн И. Философия искусства / И.Тэн; пер. Н. Соболевского. – М.: Республика, 1996. – 360 с.
17. Фарино Е. Введение в литературоведение / Е. Фарино.– СПб: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2004. – 639 с.
18. Хализев В.Е. Теория литературы / В.Е. Хализев. - М.: Высшая школа, 1999. – 241 с.
19. Храпченко. М.Б. Познание литературы и искусства / М.Б. Храпченко. – М.: Наука, 1987. – 576 с.
20. Шарифов Ҳ. Шоир ва шеър / Ҳ. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 218 с.
21. Шарифов Ҳ. Суҳан аз адабиёти миллӣ / Ҳ. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.
22. Шеллинг Ф.В.Й. Собрание сочинений в 2 т. Т. 2. Об отношении изобразительных искусств к природе / Ф.В.Й.Шеллинг; под ред. А.В. Гулыги. – М.: Мысль, 1989. - 637 с.

ФАЪОЛИЯТИ АДАБӢ ВА МАСОИЛИ МАЪРИФАТИ ЭСТЕТИКӢ

Адабиёт як навъи ҳунар аст ва ҳунарро аксаран аз рӯйи аломатҳои муайян, масалан, ҳамчун падидаи эстетикӣ, муносиботи байнишахсӣ, ҳатто шакли махсуси бозӣ, фаъолияти маърифатӣ, тачассуми мавқеъ ва ҷаҳонфаҳмии муаллиф, образофаринӣ, корбурди аломатҳо ва ғайра ба таҳқиқ мегиранд. Аммо адабиёт падидаи хеле мураккаб буда, аз маҷмӯи хосияту нишонаҳо иборат аст. То кунун коркард нашудани таърифи мушаххаси илмии эҷоди бадеӣ боиси ба вуҷуд омадани равияҳои гуногуни назарӣ дар шинохти осори бадеӣ гардидааст. Дар мақола суҳан аз масъалаҳои муҳимми

маърифати каломи ҳунарӣ, тарзу усулҳои дарки асари санъат, мавқеи каломи бадеъ дар миёни анвои дигари ҳунар, вижагиҳои арзиши эстетикии адабиёти бадеӣ меравад. Ҳамчунин, дар мақола масъалаҳои баҳсноки эҷоди бадеӣ, махсусиятҳои осори санъат, ҷойгоҳи адабиёт дар олами ҳунар, ҷанбаҳои эстетикӣ, маърифатӣ ва ҷаҳоншиносии адабиёт мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба таври муфассал афкори фалсафию эстетикии назариётчиёни маъруфи Ғарб – Кант, Шеллинг, Гегел, Тэн, Лессинг, Пенго, олимони суханшиноси рус - В.Г. Белинский, Ф. Прокопович, М. Горький ва дигарон роҷеъ ба моҳияти адабиёти бадеӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Таҳлили таърихию қиёсӣ ақоиди назарии сухансанҷони ғарбӣ бо мутафаккирони маъруфи Шарқ оид ба масоили ҳунар дар адаби бадеӣ паҳлуи дигари мақолаи мазкур ба шумор меравад. Диду дарёфти муаллиф оид ба проблемаи дарки асари бадеӣ ва махсусиятҳои ҷараёни эҷод дар ин таҳқиқот мавқеи муҳим дорад.

Калидвожаҳо: адабиёт, эстетика, маърифати бадеӣ, ҷараёни эҷодиёт, муҳокот, шакл, мундариҷа, таъсир, назария, санъат, идрок.

ЛИТЕРАТУРНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ И ПРОБЛЕМЫ ЭСТЕТИЧЕСКОГО ПОЗНАНИЯ

В наше время под термином художественная литература всеми учеными-филологами, философами, культурологами, искусствоведами понимается один из основных видов искусства – искусство слова. В статье подробно исследуются дискуссионные вопросы о научном определении художественного творчества, о месте литературы в мире искусств, характерных чертах и признаках художественной литературы, эстетических, познавательнны и миросозерцательных аспектах литературы. Подробно освещаются философско-эстетические взгляды известных западноевропейских теоретиков искусства – Канта, Шеллинга, Гегеля, Тэна, Лессинга, Пенго, русских ученых – В.Г. Белинского, Ф. Прокоповича, М. Горького и ряд др. о сущности литературы, проводится историко-сравнительный анализ теоретических мыслей ведущих знатоков и ценителей художественного слова Запада и Востока. Автор также акцентирует внимание на проблемах восприятия художественной литературы и особенностей художественного процесса. Поскольку в художественном творчестве, при восприятии произведений в немалой степени осуществляется самопознание личности, осознание ею своих поступков и действий, то становится ясно, какую роль играет художественное творчество и восприятие в формировании духовного мира человека. По замыслу автора, литература каждого народа изображает свою жизнь, выражает свой дух и характер. Вместе с тем, в национальных литературах заключена большая доля общечеловеческих ценностей, к которым должен приобщиться каждый народ. Часть статьи посвящена влиянию научных теорий и концептуальных разработок Аристотеля на развитие теоретической поэтики величайших мыслителей Востока, таких как Ибн Сино, Фараби, Туси, Ибн Рушда, а также вопросам взаимосвязей философии и художественной литературы.

Ключевые слова: литература, эстетика, художественное восприятие, творческий процесс, подражание, форма, содержание, влияние, теория, искусство, познание.

LITERARY ACTIVITY AND PROBLEMS OF AESTHETIC KNOWLEDGE

In our time, the term fictional literature by all scholars-philologists, philosophers, culturologists, art historians is understood as one of the main types of art - the art of the word. This article explores in detail debatable questions about the scientific definition of artistic creativity, the place of literature in the world of art, the characteristic features and attributes of fiction, the aesthetic, cognitive and philosophical aspects of literature. The philosophical and aesthetic views of well-known Western European art theorists such as Kant, Schelling, Hegel, Taine, Lessing, Pengo, and Russian scholars VG Belinsky, F. Prokopovich, M. Gorky and a number of others on the nature of literature, a historical and comparative analysis of the theoretical thoughts of leading experts and connoisseurs of the artistic word of the West and the East is conducted. The author also focuses on the problems of perception of fiction and the features of the artistic process. Since in the creative work, when the works are perceived to a large extent, the self-knowledge of the individual, the recognition of his actions and actions, it becomes clear what role artistic creativity and perception play in shaping the spiritual world of man. According to the author's intention, the literature of each nation depicts its life, expresses its spirit and character. At the same time, a large share of universal values is included in national literature, to which every people must join. Part of the article is devoted to the influence of Aristotle's scientific theories and conceptual developments on the development of the theoretical poetics of the greatest thinkers of the East-Ibn Sina, Farabi, Tusi, Ibn Rushd, and the interrelationships of philosophy and fiction.

Key words: literature, aesthetics, artistic perception, creative process, imitation, form, content, influence, theory, art, cognition.

Сведения об авторе: ***Рахмонов Х.А.*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **hafizrahmon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-90-04-29**

Information about the author: ***Rahmonov Kh.A.*** - Tajik National University, the senior lecturer of the department of the theory of the newest Tajik-Persian literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **hafizrahmon@mail.ru.** Tel.: **(+992) 900-90-04-29**

УДК: 891.550:82

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ СТРУКТУРЫ И СОДЕРЖАНИЯ «МИСБАХ-УЛ-ХИДАЯ ВА МИФТАХ-УЛ-КИФАЯ» ИЗЗУДДИНА КАШАНИ И «АВАРИФ АЛ-МА'АРИФ» ШИХАБУДДИНА СУХРАВАРДИ

Мансурова З.А.
Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова

«Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани (ум. в 735 г. по хиджре) -один из ценных памятников суфийской персидско-таджикской прозы конца XIII и начала XIV вв. Это произведение фактически является вольным переводом «Авариф ал-ма'ариф», автором которого является Шихабуддин Сухраварди.

Необходимо подчеркнуть, что не следует путать Шихабуддина Абухафса Умара Сухраварди с другим философом и представителем суфизма того времени и его тёзкой – Шихабуддином Яхья Сухраварди. *Шихабуддин Яхья ибн Хабаш ибн Амирак ас-Сухраварди (ум. в 1191г.)* – персидский философ и мистик, также был выходцем из азербайджанского города Сухравард, персидской провинции Джибал. Шихабуддин Яхья Сухраварди является автором философии *(хикма)* «озарения» *(ал-ишрак)* и основателем ордена *(тариката)* Ишракия. Был казнен в 1191 году в г. Алеппо Сирии за вероотступничество. В связи с этим, был наречён прозвищем«Шайх-уль-мактуль».

Шихабуддин Абухафс Умар Сухраварди (1145-1234), один из известнейших представителей суфизма и религиозно-философской мысли XII-XIIIвв., теолог, политик, дипломат, основатель ордена *(тариката)* Сухравардия, «шейх аль-шуюх, «шейх аль-ислам» [7, с.27].

Главным трудом Шихабуддина Абухафса Умара Сухраварди считается трактат «Авариф ал-ма'ариф» («Дары божественного знания»), который является своего рода руководством для суфия на пути постижения Истины.

Как было упомянуто выше, «Мисбах-ул-хидаявамифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани-это вольный перевод «Авариф ал-ма'ариф» Сухраварди на персидский язык, который он, в свою очередь,дополнил своими комментариями и пояснениями. Прежде чем приступить к описанию проведенного исследования и его результатов, считаем необходимым дать краткий экскурс в теорию перевода.

Теория перевода сформировалась в самостоятельную научную дисциплину в начале второй половины XX века. Этому способствовало резкое возрастание количества международных договоров и документов, так как в разных концах света появились различные государства. М.Ю. Илюшкина в своей книге «Теория перевода: основные понятия и проблемы» даёт следующую классификацию перевода:

1. ***Жанрово-стилистическая классификация***, которая подразумевает ***художественный переводи информационный (специальный) перевод***. «Художественный перевод –перевод произведений художественной литературы, цель которого – создать речевое произведение, способное оказывать художественно-эстетическое воздействие на читателя» [10, с.12]. Для данного вида перевода характерно отклонение от смысловой точности в пользу художественности перевода литературного произведения. В свою очередь, информационный (специальный) перевод несет в себе функцию донесения информации в точности без отклонений и обычно используется при переводе деловых, общеполитических и научных материалов.
2. ***Психолингвистическая классификация*** разделяется на два вида: ***письменный и устный перевод***.

Для проведения сопоставительного анализа оригинала и перевода, автор статьииспользовала следующие источники:

1. Оригинал «Авариф ал-ма'ариф» в двух томах на арабском языке. Первый том (Аль-джузъ аль-авваль) издан под редакцией доктора Ахмада Абдуррахима ас-Сайяха издательством Библиотеки исламской культуры (Мактаба ас-Сакафа ад-динийя) в Каире в 2006 году. Второй том произведения (Аль-джузъас-сани) издан под редакцией Абдульхалима Махмуда издательством «Дар-уль-ма'ариф» в Каире в 2000 году. В предисловии отмечается, что данная редакция книги «Авариф ал-ма'ариф» «была подготовлена на основе издания, выпущенного в 613 году хиджры» [4, предисловие].

2. «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани на персидском языке, изданный под редакцией Иффата Карбаси и доктора Мухаммада Риза Барзгар Халики, издательством «Национальной библиотеки Ирана» в Тегеране в 1969 г.

«Мисбах-ул-хидаявамифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани на персидском языке, изданный под редакцией и с дополнительными комментариями Джалалуддина Хумаи издательством «Сухун» в Тегеране в 1394 х./1974г. В предисловии от редактора сказано, что для подготовки книги были использованы три рукописи, датируемые 749 х./1348г.,первой половиной восьмого и началом девятого века хиджры и рукописью, «предположительно относящейся ко времени жизни автора» [11, 110; 113; 117].

В результате проведенного исследования были выявлено несколько различий перевода от оригинала:

1. Структура произведения и последовательность глав

«Авариф ал-ма'ариф» состоит из двух томов и 63 (шестидесяти трёх) глав, каждая из которых посвящена определенной теме. Исходя из того, что философия Сухраварди полностью основывается на Коране, хадисах и сунне (шафиитского направления), автор полагает, что разделение книги «Авариф ал-ма'ариф» на 63 главы не является случайностью. Из источников известно, что Пророк Мухаммад (с) прожил шестдесят три года, поэтому цифра 63 почитается мусульманами суннитами как сакральной, что может обосновать разделение книги на 63 главы как дань уважения Сухраварди к Пророку Мухаммаду (с).

В отличие от оригинала, «Мисбах-ул-хидаявамифтах-ул-кифая» состоит из десяти глав *(боб)*:

1. О верованиях *(и'тикадат)* суфиев;
2. О науках *('улум);*
3. О знании (*ма'рифат*)
4. О терминологии суфиев (*истилахат*)
5. О суфийской благодетели (*мустахсинат*)
6. О поведении (*адаб*)
7. О труде (*а'мал*)
8. Об этике (*ахлак*)
9. О стадиях-остановках *(макамат)*
10. О состояниях (*ахваль*) и заключение (*хатм*)

Каждая глава книги состоит из десяти разделов *(фасл)*, итого состав книги насчитывает сто разделов и десять глав. Каждый раздел поэтапно раскрывает суть главы, тем самым, донося до читателя основную мысль автора произведения.

При сравнении содержания и названия глав становится очевидным, что ИззуддинКашани распределил содержимое книги «Авариф ал-ма'ариф» по своему усмотрению без соблюдения последовательности оригинала. Также он дополнил каждый раздел своими комментариями.

2. Наличие дополнения к основному тексту оригинала

ИззуддинКашанине только не ограничился дополнением текста «Авариф ал-ма'ариф» своими комментариями и рассуждениями, но и в конце «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» приводит список лиц *(Фехрастиа'лом* или *Тавзехотиашхос)*, имена которых упомянуты, повторяются в книге или же в тексте книги даны их биографические данные. Кашани пишет: «Эти мужи, о которых в некоторых темах текста приведена их биография, а в некоторых местах, по необходимости, просто упомянуты или повторены мною их имена» [11, с.435]. Следовательно, можно сделать вывод, что ИззуддинКашани не просто выполнил перевод, но и дополнил «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» ценными историческими и биографическими сведениямио своих предшественниках и современниках: ученых, мистиках *(арифов)*, поэтах писателях.

3. Цитирование коранических аятов

При цитировании коранических аятов в «Авариф ал-ма'ариф» в конце страницы даётся ссылка с указанием номера аята и названием суры. В «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани этого не наблюдается. Поэтому иранские редакторы и комментаторы, которые готовили к изданию книгу, решили дополнить ее списком аятов и сур, упоминаемых в тексте *(Фехрастиоёт).*

4. Цитирование хадисов Пророка Мухаммада (с)

При цитировании хадисов Пророка Мухаммада (с), Иззуддин Кашани, в отличие от Сухраварди, сократил цепочку ссылок на рассказчиков *(иснад),* которая по обычаю

писателей тех времен приводилась для удостоверения достоверности хадиса. Например, в шестой главе «Авариф ал-ма’ариф» - «О понятиях «мутасаввиф» и «походящим на него» перед цитированием хадиса и его предистории, приводится цепочка ссылок рассказчиков:

"اخبرنا شيخنا الاسلام أبو النجيب السروردي إجازة قال: أنا الشيخ أبو منصور بن خيرون قال: أنا أبو محمد الحسن بن على الجوهري إجازة قال: أنا محمد بن العباس بن زكريا قال:أنا أبو محمد يحي بن محمد بن صاعد الإصفهاني قال: أنا المعتمر بن سليمان قال: أنا حميد الطويل عن أنس بن مالك قال:..."

Что в переводе с арабского языка на русский означает:«Донес до нашего сведения Шайх-уль-ислам Абу наджиб ас-Сурури, который сказал: Шейх Абумансур ибн аль-‘Аббас ибнЗакарийя сказал: Абу Мухаммад Яхьяибн Мухаммад ибнСа’ид аль-Исфахани сказал: аль-Му’тамар ибн Сулейман сказал: Хамид Тавил поведал от Анасаибн Малика, который сказал:..» [3, с.70].

И, например, в четвертом разделе «О науке учения *(дирасат)* и практике учения *(вирасат)*» первой главы «О верованиях *(и’тикадат)* суфиев» «Мисбах-ул-хидаявамифтах-ул-кифая» говорится:

"و این معنی مستفاد است از این حدیث که..."

Что в переводе с персидского языка означает: «И этот смысл становится очевидным из данного хадиса…»[12, с.41]. Далее по тексту цитируется хадис на арабском языке без указания ссылки на рассказчиков *(иснада)*.

Вышеизложенные результаты наглядно демонстрируют отличия «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани от «Авариф ал-ма’ариф» Шихабуддина Сухраварди. Выводы автора статьи свидетельствуют о том, что «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани является художественным переводом и вполне самостоятельным произведением персидско-таджикской литературы. Тем самым, подтверждается высказывание исследователя мусульманского мистицизма и классической арабской литературы, востоковеда А.Д. Кныша, который в своей книге «Мусульманский мистицизм», говоря о «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани, отмечает: «…Оно представляет собой детальное изложение Авариф-ал-ма’ариф, которое дополнено собственными рассуждениями Кашани относительно этики и правил поведения, принятых среди суфиев его эпохи» [5, с.230].

Оба произведения представляют собой интересный и ценный источник литературного, исторического, культурного, философского и языкового персидско-таджикского наследия. Необходимо отметить, что «Авариф ал-ма’ариф» Шихабуддина Сухраварди также считается арабо-язычным памятником персидско-таджикской литературы. К сожалению, «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» и «Авариф ал-ма’ариф» малоизучены таджикскими и русскими исследователями и не переведены на таджикский и русский язык. Следовательно, исследование этих произведений имеет важное значение иможет открыть новую страницу в изучении персидско-таджикского культурного наследия.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. А.Али-заде. Исламский энциклопедический словарь. Серия: Золотой фонд исламской мысли. -М.: Ансар, 2007. – 400 с.
2. ‘Абд ал-Хусайн Зарринкуб. Ценность суфийского наследия / Пер. с. Перс. С примеч. М. Махшулова / Под ред. А.А. Хисматулина. -СПб.: Петербургское Востоковедение, 2012.- 304 с.
3. «Авариф ал-ма’ариф», том 1 (Аль-джузъ аль-авваль), под редакцией доктора Ахмада Абдуррахима ас-Сайяха, издательство Библиотеки Исламской культуры (*Мактаба ас-Сакафа ад-динийя)*, -Каир, 2006.– 303 с. (на араб.яз.)
4. «Авариф ал-ма’ариф», том 2 (Аль-джузъ ас-сани), под редакцией Абдуль халима Махмуда, издательство Доруль-ма’ариф, -Каир, 2000. – 340 с. (на араб.яз.)
5. А.Д. Кныш. Мусульманский мистицизм / А.Д. Кныш; пер. с англ. М.Г. Романовой. СПб.: Диля, 2004. - С.230.
6. Анри Корбен. Световой человек в иранском суфизме / пер. с фр. Ю. Стефановой; предисл. Я. Эшотса. - М.: ООО «Садра», 2013.- 240 с.
7. Ахроров Ф.М. Религиозно-мистические воззрения Шихабуддина Абухафса Умара Сухраварди на основе его трактата «Авариф-ал-ма’ариф», ТГПУ им.С.Айни / Ф.М. Ахроров. - Душанбе, 2012.
8. Баранов Х.К. Большой арабско-русский словарь: В 2 т. Ок. 100 000 слов и словосочетаний / Х.К. Баранов. - 12-е изд., стер. - М.: Живой язык, 2008.
9. Бертельс Е.Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература / Е.Э. Бертельс. -М.: Наука, Главная редакция восточной литературы. 1965.- 528 с.
10. Илюшкина М.Ю. Теория перевода: основные понятия и проблемы: Учебные пособие / М. Ю. Илюшкина. [науч. ред. М. О. Гузикова]; М-во образования и науки Рос. Федерации, Урал.федер.ун-т- Екатеринбург: Изд-во Урал. Ун-та, 2015. – 84 с.

11. «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани под редакцией и с дополнительными комментариями ДжалалуддинаХумаи, издательство Сухун, -Тегеран, 1394 х./1974г.– 574 с. (на перс.яз.)
12. «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Махмуда Кашани, ред. и комментарии Иффат Карбоси и Доктора Мухаммада Риза Барзгар Халики, -Техран, 1969.– 656 с. (на перс.яз.)
13. Суфизм в контексте мусульманской культуры. -М.: Наука, Главная редакция восточной литературы, 1989.-341 с.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ СОХТОР ВА МУНДАРИҶАИ «МИСБОҲ-УЛ-ҲИДОЯ ВА МИФТОҲ-УЛ-КИФОЯ» -И ИЗЗУДДИН КОШОНӢ ВА «АВОРИФАЛ-МАЪОРИФ»- И ШАҲОБУДДИН СУҲРАВАРДӢ

Дар мақола ёдгории осори насрии сӯфии адабиёти форсу тоҷик «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи асар Изуддин Маҳмуди Кошонӣ – файласуф, намоянда имаданияту адабиёт, теолог ва олими арсҳои XIII-XIV мебошад. Қайд карда шудааст, ки «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя» тарҷумаи озоди асари «Авориф-ул-маъориф»-и Шаҳобуддин Суҳравардӣ аст ва натиҷаҳои таҳлили муқоисавии сохтор ва мундариҷаи нусхаи аслӣ ва «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя» оварда шудаанд. Барои гузаронидани таҳлил муаллифи мақола нусхаи аслии асари «Авориф-ул-маъориф»-и Суҳравардиро бо забони арабӣ дар ду ҷилд, ки солҳои 2000 ва 2004 дар Қоҳира ва «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя»-и Иззуддини Кошониро бо забони форсӣ, ки солҳои 1969 ва 1974 дар Теҳрон нашр шудаанд, истифода бурдааст. Муаллиф, сараввал дар бораи назарияи тарҷума ва таснифбандии он сухан ронда, сониян, умумият ва фарқиятҳои «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя» ва «Авориful-маъориф»-ро овардааст. Дар асоси қонуну қавоиди эътирофшудаи назарияи тарҷума ва натиҷаҳои таҳлил хулосабароварда шудааст, ки «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя» -и Иззуддини Кошонӣ на танҳо тарҷумаи озод, балки ҳамчун тарҷумаи бадеии асари «Авориф-ул-маъориф»-и Суҳравардӣ бояд эътироф карда шавад. Қайд карда мешавад, ки дар чорчӯбаи идеологияи худшиносии миллӣ, омӯзиш ва мавриди баррасии илмӣ қарор додани ёдгории осори форсу тоҷик - «Мисбоҳ-ул-ҳидоя ва мифтоҳ-ул-кифоя» барои мардуми тоҷик аҳамияти хоссе пайдо мекунад.

Калидвожаҳо: таҳлили муқоисавӣ, Сӯҳравардӣ, Мисбоҳ-ул-ҳидоя, Иззуддини Кошонӣ, Авориф-ул-маъориф, тасаввуф, адабиёти сӯфӣ, тарҷума, мундариҷаи Мисбоҳ-ул-ҳидоя.

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ СТРУКТУРЫ И СОДЕРЖАНИЯ «МИСБАХ-УЛ-ХИДАЯ ВА МИФТАХ-УЛ-КИФАЯ» ИЗЗУДДИНА КАШАНИ И «АВАРИФ АЛ-МА'АРИФ» ШИХАБУДДИНА СУХРАВАРДИ

В статье рассматривается памятник персидско-таджикской суфийской прозы «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Кашани – философа, деятеля культуры и литературы, теолога и ученого XIII-XIV вв. Отмечается, что «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» является вольным переводом «Авариф ал-ма'ариф» Шихабуддина Сухраварди и приводятся результаты сопоставительного анализа структуры и содержания оригинала и перевода. В качестве источников автор использовал два издания «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» от 1979 и 1969 года, опубликованные в Тегеране на персидском языке и оригинал «Авариф ал-ма'ариф» Шихабуддина Сухраварди в двух томах на арабском языке, изданные в Каире в 2000 и 2006 году. Автор даёт информацию по теории перевода и предоставляет общности и различия «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» и «Авариф ал-ма'ариф». Основываясь на научно-признанных характеристиках, классификации по теории перевода, ина полученных результатах, сделан вывод, что «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» Иззуддина Кашани является не вольным, а художественным переводом «Авариф ал-ма'ариф» Шихабуддина Сухраварди. Отмечается, что в рамках идеологии определения национальной идентичности, изучение памятника персидско-таджикской литературы «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-кифая» приобретает особое значение для таджикского народа.

Ключевые слова: сопоставительный анализ, Сухраварди, Мисбах-ул-хидая, Иззудин Кашани, Аввариф-ал-маариф, суфизм, суфийская литература, перевод, содержание Мисбах-ул-хидая.

COMPERATIVE ANALYSES OF "MISBAH-UL-HIDAYAVAMIFTAH-UL-KIFAYA" OF 'IZZUDDINMAHMUDKASHANIWITH "AVARIF AL-MA'ARIF" OF SHIHABUDDIN SUHRAVARDI

The article presents a monument of Persian-tajik Sufi proze "Misbah-ul-hidayavamiftah-ul-kifaya" which author is Izzuddin Mahmud Kashani – philosopher, cultural and literature figure, theologist and scientist of XII-XIV centuries. Itisnotedthat "Misbah-ul-hidaya va miftah-ul-kifaya" isfree interpretation of "Avarif al-ma'arif" of Shihabuddin Suhravardi and the results of comparative analyses between original and "Misbah-ul-hidaya va miftah-ul-kifaya"have been given. As a source aut hor used two publications of "Misbah-ul-hidaya va miftah-ul-kifaya" from 1979 and 1969, which were issued in Tehran in Persian language. Als of or conduction of comparative analyses authorused "Avarifal-ma'arif" in two chapters in Arabic language, which werepublished in Cairo in 2000 and 2004-2006. It was given information about the oryand basic classifications of translation, than provides information about common characteristics and differences between original and translation. On the bases of recognized postulates of translation the oryandreceived resultsauth or makes conclusion that "Misbah-ul-hidayavamiftah-ul-kifaya" of Izzuddin Kashani is not only free interpretation, but it is a literary translation of "Avarif al-ma"arif" of Shihabuddin Suhravardi. It is not edthatwithin the frame work of ideology of definition of nationalidentityre search of monument of persian-tajik literature "Misbah-ul-hidaya va miftah-ul-kifaya" takes on particular importance for Tajik people.

Key words:comparative analyses, Suhravardi, Misbah-ul-hidaya, Avarif al-ma'arif, IzzuddinKashani, Sufism, Sufism literature, translation, content of Misbah-ul-hidaya.

Сведения об авторе: ***Мансурова Зебунисо Абдурауфовна*** **–** Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова, соискатель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1 а. E-mail: **zina847@gmail.com.** Тел.: (+992) **927-04-88-69; 928-33-99-88**

Information about the author: ***Mansurova Zebuniso Abduraufovna*** – Khujand State University named after B.Gafurov, candidate for a degreeof Faculty of oriental languages, Arabic philology department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova Str. 1 a. E-mail: **zina847@gmail.com.**
Tel.: (+992) **927-04-88-69; 928-33-99-88**

УДК: 891.550:016:929

УБАЙДИ ЗОКОНӢ ВА ДАРАҶАИ ОМӮХТА ШУДАНИ ҲАЁТУ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ВАЙ

Ғаффоров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик ҳамчун шоири боистеъдод ва носири латифапардози беҳамто эътироф гаштааст. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯ ба замони бузургтарин шоирони адабиёти форсу тоҷик – Салмони Соваҷӣ, Шайх Камоли Хуҷандӣ ва Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ рост меояд. Ӯ соли 668 ҳичрӣ мутобиқ ба 1270 милодӣ дар деҳкадаи Зокони вилояти Қазвин таваллуд ёфта, тахминан соли 770 - 1370 милодӣ дарБағдод вафот кардааст.

Бо вуҷуди он ки Убайди Зоконӣ ҳанӯз дар даврони зиндагонии худ шуҳрати адабиро ҳам дар назм ва ҳам дар наср ба даст оварда буд, дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти эҷодии вай дар сарчашмаҳо маълумоти бисёр кам оварда шудаанд. Маълумотеро, ки мо метавонем оид ба таърихи ҳаёти Убайди Зоконӣ ва эҷодиёти адабии ӯ аз сарчашмаҳо пайдо намоем, бисёр ҷузъиву нокофиянд, ки ин ҳолат барои кушодан ва пурраравшаннамуданизиндагинома ва мероси адабии Убайд мушкилотро ба бор меорад. Ҳатто дар хусуси соли дақиқи вафоти адиб маълумоти аниқе дастрас нест ва он дар осори муҳаққиқони муосир нокушода ва тахминӣ боқӣ мондааст.

Миёни ҳама китобҳои тазкиравӣ мо метавонем дар тазкираи маъруфи Давлатшоҳи Самарқандӣ роҷеъ ба паҳлуҳое аз ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Убайди Зоконӣ маълумоти васеътарро дарёфт намоем, ки он метавонад то ҷое мушкили моро дар робита ба шинохти шахсияти адиб осон намояд ва тавассути он чеҳраи адабии Убайди Зоконӣ кушода шавад. Дар тазкираи Давлатшоҳ фасле ба номи адиб зери унвони “Зикри мафхарулфузало Убайди Зоконӣ” ихтисос ёфтааст. Аз унвонгузории мазкур то чӣ андоза нисбат ба Убайд таваҷҷуҳ доштани муаллифи тазкира маълум мегардад. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар асари худ маҳорати адабии Убайдро тавсиф карда, “дар фунун ва улум соҳибвусуқ” будани ӯро қайд намудааст [2, с.288].

Дар тазкираи мазкур чӣ тавр бо Шоҳ Абӯисҳоқ муносибат пайдо кардани Убайд, чӣ гуна дар хидмати вазир Аминуддин будани ӯ, чӣ тавр вохӯрӣ кардани вай бо шоири маъруфи дарборӣ Салмони Соваҷӣ ва, ҳамчунин, оид ба рӯзгори сахту кулфатбори Убайд маълумот оварда шудааст.

Ҷуз аз тазкираи Давлатшоҳ дар тазкираи Мавлавӣ Муҳаммад Ҳусайни Сабо ҳам дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Убайди Зоконӣ каме маълумот оварда шудааст, ки он ҳам, агарчи нисбат ба маълумоти Давлатшоҳ камтар аст, вале барои таъйини баъзе аз паҳлуҳои ҳаёти шахсӣ ва эҷодиёти Убайд аз фоида холӣ нахоҳад буд. Аз сабаби он ки муаллифи “Рӯзи рӯшан” хеле пас аз Давлатшоҳ қадам ба арсаи фаъолияти нависандагӣ гузоштааст, бешубҳа, маълумоти овардаи вай маъхуз аз тазкираи Давлатшоҳ ва дигар китобҳои қабл аз вай аст. Аммо, бояд зикр кард, ки дар ин маълумоти кам ҳам баъзе нуктаҳоеро метавон дарёфт намуд, ки дар тазкираҳои дигар вонамехӯранд ва дар убайдшиносии муосир басо муҳимманд. Яке аз онҳо иртибот дорад ба рисолаи маъруфи ҳаҷман хурди Убайди Зоконӣ бо номи “Таърифот”, ки ба исми “Даҳ фасл” низ иштиҳор дорад. Муаллифи тазкираи мазкур ин рисолаи Убайдро на бо унвонҳои “Таърифот” ё “Даҳ фасл”, балки ба исми “Ал-номия” ном гирифтааст ва, ҳамчунин, таъкид кардааст, ки ҷуз аз “Ал-номия”- и Убайд бо ҳамин ном рисолаи дигаре низ мавҷуд аст, ки муаллифи он Мулло Дупиёза

– ном шоирест ва “ғолибан, Мулло Дупиёза “Ал-номия”- и худ ба татаббуаш (яъне, дар пайравии Убайд – Ғ.Ш.) навишта” [12, с.534].

Муҳиммияти ин маълумот дар он аст, ки дар адабиётшиносии даврони шӯравӣ дар иртибот ба тааллуқияти рисолаи мазкур ба Убайд андешаҳои мутаноқиз баромадаанд, ки вуҷуди онҳо масоили убайдшиносиро боз ҳам мушкил гардонидаанд. Аз ҷумлаи муҳаққиқоне, ки андеша доранд “Таърифот” ё “Ал-номия” моли Убайд нест, адабиётшиноси маъруфи даврони шӯравии тоҷик Ҷобулқо Додалишоев мебошад, ки мусаҳҳеҳ ва муаллифи муқаддимаи бисёр муфассал ва арзишманди “Осор”- и соли 1991 дар нашриёти “Дониш” ба табърасидаи Убайд мебошад. Мазкур зимни муаррифии китоб оид ба ҳар яке аз анвои назмӣ ва насрии эҷодиёти Убайд сухан ронда, ҳамчунин, қайд менамояд:

“... Дар баъзе мавриди дигар котибон нусахоти қаламии асарҳои насрии ин ё он шоирону нависандагони отиро ҳамчун таълифоти Убайд ба осори ӯ ворид кардаанд. Ба Убайди Зоконӣ нисбат додан ва дар зимни осори ӯ овардани рисолаи “Таърифот”- и донишманди маъруфи охири асри XVII ва аввали асри XVIII Ҳиндустон Абдулмуъмини Деҳлавӣ – мулаққаб ба Дупиёза гувоҳи равшани ин иддаост. Маълумоти дар тазкираи “Рӯзи рӯшан” доир ба ҳаёт ва осори Дупиёза сабтгардида дурустии ин фикрро таъйид менамояд”[11, с.2].

Дар ҳақиқат, дар тазкираи “Рӯзи рӯшан” барои Мулло Дупиёза чун дигар шоирон унвони алоҳидае дар ҳаҷми чаҳор саҳифа – аз саҳ.263 то саҳ. 267 ихтисос ёфтааст. Ва ҷойи аҷобат аст, ки муаллифи “Рӯзи рӯшан”, бо он ки мегӯяд Мулло Дупиёза рисолаи худро дар пайравии рисолаи Убайд навиштааст, боз дар фасли ба Мулло Дупиёза бахшидааш соҳиби рисолаи "Ал-номия" будани ӯро қайд намуда, ҳамчунин, аз рисолаи вай намунаҳое меоварад, ки матни он ба пуррагӣ бо намунаҳои матни рисолаи Убайд мушобиҳат дорад. Шояд мусаҳҳеҳи нусхаи дастхатти Убайд – Ҷ. Додалишоев ҳамин нуктаро ба назар гирифта, дар тааллуқияти рисолаи “Таърифот” ба Убайди Зоконӣ шубҳаи худро изҳор кардааст.

Аммо, бояд зикр кард, Холиқ Мирзозода - яке аз аввалин муҳаққиқони тоҷик, ки дар мавзӯи Убайди Зоконӣ таҳқиқоти судманд бурдааст, ҳам дар таҳқиқоти густурдаи соли 1939 бурдааш (ки дар поён дар ин хусус қайд хоҳем кард) ва ҳамдар фасли ба Убайди Зоконӣ бахшидаи “Таърихи адабиёти тоҷик”- аш рисолаи “Таърифот” ё “Ал-номия”- ро бо исми “Даҳ фасл” ном гирифта ва онро дар қатори дигар осори мансуб ба Убайд номгир кардааст [7, с.3; 8, с.212].

Дар нусхаи қадимтарини осори Убайди Зоконӣ, ки зери шумораи 555/13 дар Феҳристи Ганҷинаи дастхатҳои шарқии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон маҳфуз аст ва он баъд аз сиву панҷ соли вафоти Убайд китобат шудааст, дар қатори нуҳ номгӯйи осори назмиву насрии адиб ин рисола низ таҳти унвони “Даҳ фасл” дида мешавад. Аҷаб ин аст, ки мусаҳҳеҳи куллиёти соли 1991 ба табърасидаи Убайд – Ҷ. Додалишоев онро, чунонки худ дар қисмати муқаддима изҳор доштааст, дар асоси ҳамин нусхаи қадимтарини тоҷикистонӣ омода намудааст ва дар ду ҷойи муқаддима таъкид ҳам кардааст, ки нусхаи қаламии мазкур аз ҳар ҷиҳат қадимитар, боэтимодтар, аз дастбурди котибон эминтар аст [11, с. 5-12].

Ғайр аз тазкираҳои Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Ҳусайни Сабо, дар тазкираҳои умумӣ ё ҷомеъ, яъне дар тазкираҳое, ки оид ба ҳаёт ва фаъолияти шоирони асрҳои гуногун маълумот оварда шудаанд, монанди “Маҷолис-уннафоис”- и Мир Алишери Навоӣ, “Натоиҷ-ул-афкор”- и Муҳаммад Қудратуллоҳ маъруф ба Гупомӯӣ, “Наштари ишқ”- и Ҳусайнқулихони Азимободӣ, ҳарчанд дар хусуси шоирони ҳамасри Убайди Зоконӣ қайдҳо ба назар мерасанд, мутаассифона, дар онҳо оид ба шахсияти Убайд ва мероси адабии ӯ чизе оварда нашудааст. Масалан, дар “Натоиҷ-ул-афкор” аксари адибони ҳамасри Убайд мавриди тавсиф қарор гирифтаанд, аммо дар хусуси вай чизе гуфта нашудааст. Ҳолонки дар тазкираи мазкур маълумот маҳдудба даврaҳои алоҳида нестанд ва дар он, ҳатто, оид ба ҳаёт ва эҷодиёти шоирони даврони сомонӣ, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, маълумоти муфассал оварда шудааст. Бо чӣ сабаб бошад, ки Муҳаммад Қудратуллоҳ ҳангоме ки оид ба Салмони Совачӣ сухан мегӯяд ва барои вай фасли алоҳидае дар тазкираи хеш ихтисос медиҳад ва панҷ саҳифаро барои шарҳи зиндагонии Салмон мебахшад, роҷеъ ба вохӯрии шоири мазкур бо Убайди Зоконӣ ва мусоҳибаи маъруфи ҳарду шоир чизе намегӯяд [4, с.323-327]. Дар “Маҷолис-ун-нафоис” ва“Наштариишқ” ҳам, ҳарчанд дар хусуси шоирони асри XIV ва аз ҷумла Хоҷа Салмони Совачӣ, ки бо Убайд ҳамсуҳбат

гардида буд, маълумот оварда шудаанд, аммо дар иртибот бо ин вохӯрии таърихии Убайди Зоконӣ бо Салмон маълумоте дода нашудааст [10, с.353-354; 1, с.404-711].

Аз китобҳои таърихӣ дар таърихномаи маъруф ба “Таърихи гузида”- и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар қисмате, ки оид ба ҳокими Шероз - Абӯисҳоқа шоирони дарбори ӯ сухан меравад, оид ба Убайд ҳам маълумоти мухтасар оварда шудааст, ки он то ҷое барои боз ҳаммаълумтар намудани шахсияти Убайд кумак мерасонад. Муаллифи “Таърихи гузида” Убайдро ба қабилаи бани ҳафаҷаи араб мансуб дониста, ҳамчунин, дар бобати маҳорати адабии Убайд қайд менамояд, ки ӯ шоиру нависандаи баландистеъдод буда, “ашъори хуб ва рисолаҳои беназир” дорад [9, с.845-846].

Аммо, бояд қайд кард, ки маълумоти овардаи Давлатшоҳи Самарқандӣ нисбат ба тамоми маълумотҳои дигар сарчашмаҳо оид ба шоирони асри XIV ва ҳаёту эҷодиёти Убайди Зоконӣ муфассалтар мебошад. Ҳарчанд ки дар тазкираи бузурги Мир Тақиуддин Муҳаммадбинни Шарафуддин Алӣ Ҳусайни Кошонӣ зери унвони “Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор”, ки шомили зиёда аз 600 шоири мутақаддим ва мутааххир мебошад, дар бораи Убайди Зоконӣҳам маълумот оварда шудааст, бояд қайдкард, ки бо сабаби пешии замон маълумоти тазкираи Давлатшоҳ қиматтар аст. Зеро аввал ин ки “Тазкират-уш-шуаро” соли 892 ҳ. Милодӣ навишта шудааст ва “Хулосат-ул-ашъор” – соли 1016 ҳ., дувум ин ки маълумоти тазкираи ахир, аксаран, такрорӣваиқтибосшудааст. Аммо, бояд қайднамуд, ки агарчи Давлатшоҳ дар хусуси соли вафоти Убайд маълумоте надодааст, Мир Тақиуддин дар ин бора дар рукни дувуми қисмати аркони арбааи тазкираи худ маълумот дода, онро соли 772 ҳ. қайд намудааст, ки мутобиқастба 1371 мелодӣ [3, с.87].

Дар адабиётшиносии муосир аз хориҷиён Забеҳуллоҳи Сафо ва аз муҳаққиқони ватанӣ Холиқ Мирзозода, М. Бақоев ва Ҷобулқо Додалишоев роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Убайди Зоконӣ таҳқиқоти муфассалтар бурдаанд. Ҳарчандки таҳқиқоти муҳаққиқони мазкур дар робита бар зиндагонии Убайди Зоконӣ бештар ҳовии нақли мукаррари маълумоти кутуби тазкира ва таърих аст, аммо, зимнан бояд қайд намуд, ки дар иртибот бар ҳунари шоириву нависандагии Убайди Зоконӣ, хусусиятҳои гуногуни эҷодиёти гуногунжанри вай ва, умуман, паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ӯ дар таълифоти ҳар се ҷанбаи хуби таҳлилӣ ва андешаронии шахсӣ ҳис карда мешавад.

Забеҳуллоҳи Сафо дар бахши дувуми ҷилди савуми “Таърихи адабиёти Эрон” ду фасли алоҳидаро, ки якетаҳти №41 ва дигаре таҳти № 47мебошад, бо номи “Убайди Зоконӣ” ихтисос додааст, яъне ду фасл зери як унвон. Дар аввалӣ муҳаққиқи мазбур оид ба осори насрии адиб ва хусусиятҳои сабкиву услубии онҳо андешаҳои ҷолиберо иброз доштааст [12, с.1270-1274], ки аз онҳо пиромуни таҳқиқи мавзӯоти алоқаманд ба осори мансури Убайд метавон суд гирифт. Таҳқиқоти Забеҳуллоҳи Сафо дар фасли мазкур, аслан, марбут аст ба осори мансури Убайди Зоконӣ. Дар он муаллиф оид ба баъзе хусусиятҳои рисолаҳои “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Ришнома”, “Садпанд”, “Дилкушо” ва “Таърифот” ақидаҳои ҷолиб баён кардааст. Дар фасли дувум Забеҳуллоҳи Сафо оид ба тарҷумаи ҳоли адиб, аҳволи иҷтимоии вай, чигунагии муносиботи Убайд бо аркони давлатӣ – Шоҳ Абӯисҳоқ, вазири вай – Рукниддин Амидулмулк, шарҳи чигунагии дурустӣ ва нодурустии баъзе аз маълумотҳои сарчашмаҳо роҷеъ ба муносиботи Убайд бо Шоҳ Абӯисҳоқ ва вазири вай, чигунагии тааллуқияти баъзе аз ҳаҷвиёти назмии бо номи Убайд сабтшуда ва шуҳратёфта, оид ба осори назмии Убайд, шарҳи интисоби достони “Мушу гурба”, ки Сафо онро қасида ном гирифтааст ва монанди инҳо фикрҳои ҷолиб баён кардааст, ки то чӣ дараҷа сиҳҳату дуруст будани баъзеи онҳо таҳқиқоти ҷиддитарро тақозо дорад.

Шояд битавон гуфт, ки аввалин касе, ки дар адабиётшиносии даврони шӯравии тоҷик роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Убайди Зоконӣ ва хусусиятҳои гуногунпаҳлуи осори вай, бавижа асарҳои насрияш, таҳқиқоти қобили таваҷҷуҳ бурдааст, Холиқ Мирзозода мебошад. Муҳаққиқи мазкур ҳанӯз соли 1939 дар се шумораи нашрияи “Газетаи муаллимон”, ки он замон бо расмулхатти лотинӣ нашр мегашт, зери унвони “Сатиристи бузург Убайди Зоконӣ” мақолаи калонҳаҷме навишта буд, ки маълумоти дар он овардашуда ва ҷанбаи қобили таваҷҷуҳи илмии он баҳри таъйини мақоми адабӣ ва ҳунарии Убайди Зоконӣ дар таҳқиқоти минбаъдаи муҳаққиқон бисёр арзишманд мебошад [5, с.6; 6, с.4; 7, с.3-4]. Х. Мирзозода дар мақолаи мазкур дар хусуси авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва адабӣ-фарҳангии асри XIV, ки Убайд дар ҳамин даврон умр ба сар бурдааст, ҳаёт ва фаъолияти эҷодии адиб, чӣ гуна ба дарбор роҳ ёфтан ва чӣ тариқ аз дарбор дур гаштани Убайд,

сабабҳои беқадрии вай дар даврон, оғози эҷодиёти вай, сабабҳои ба ҳаҷви иҷтимоӣ рӯ овардан, нисбат ба аҳкоми дин ва риҷоли бузурги рӯҳонӣ нафрат пайдо кардан, омилҳои ба танқиди ҳокимону қудратмандон рӯ овардани Убайд, афкори лоуболона ва ё риндиёти Убайд, афкори таҷаддудхоҳонаи вай, хусусиёти бадеӣ-эстетикӣ ва услуби баёни ӯ, аҳамияти услуби баёни ӯ, дар хусуси чигунагии мансубияти рисолаҳои насрии ӯ, нусхаҳои осори адиб ва дар хусуси соли таваллуд ва вафоти Убайд таҳқиқоти боарзиш бурдааст.

Бояд қайд кард, ки мақолаи мазкури Х. Мирзозода дар убайдшиносии даврои ҳам шӯравӣ ва ҳам муосири тоҷик мақоми бунёдӣ дорад, зеро он дар таҳқиқоти баъдии адабиётшиносони тоҷик ба ҳайси якумин ва фарогиртарин таҳқиқот ҷиҳати рӯйи кор омадани дигар асару мақолаҳо оид ба ҳаёт ва фаъолияти Убайди Зоконӣ хидмат кардааст ва минбаъд ҳам баҳри таъйини мақоми иҷтимоӣ ва адабии Убайди Зоконӣ саҳм хоҳад гузошт.

Ҳарчанд адабиётшинос М. Бақоев дар мақолаи оид ба Убайди Зоконӣ навиштааш қайд намудааст, ки мақолаи мазкури Х. Мирзозода “хеле баҳсталаб” аст [3, с. 81], бояд иқрор кард, ки дар убайдшиносии ҳам даврони шӯравӣ ва ҳам муосири тоҷик таҳқиқоти Х. Мирзозода аз чанд ҷиҳат дорои арзиши илмӣ аст. Якум, ин ки ин таҳқиқот яке аз аввалин таҳқиқот дар адабиётшиносии муосири тоҷик ба шумор меравад, ки дар ҳаҷми як мақолаи бузургу густурда дар се шумораи нашрияи мазкур ба чоп расида буд. Дар замоне ки мақолаи мазкур манзури хонандагони худ гашт, мардуми тоҷик на ин ки бо осори Убайди Зоконӣ, бо худи шахсияти адиб қариб ки ошноӣ надоштанд. Дуюм, ин ки дар мақолаи мазкур паҳлуҳои зиёди ҳаёт ва фаъолияти эҷодии осори Убайд, махсусан, асарҳои насрии вай ва асоситарин хусусиятҳои осори ӯ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Х. Мирзозода баъдар – соли 1977 дар қисмати дувуми китоби арзишманди хеш зери унвони “Таърихи адабиёти тоҷик” фасли алоҳидаеро бо номи “Низомиддин Убайди Зоконӣ (1270-1370)” ба адиби мазкур ихтисос додааст [8, с.197-228]. Эҳтимоли қавӣ меравад, ки таҳқиқоти оид ба Убайд бурдаи Х. Мирзозода дар ин китоб шакли таҷдиди назаршудаи ҳамон мақолаи дар “Газетаи муаллимон” чопшуда мебошад, ҳам аз нигоҳи услуби нигориш ва ҳам аз ҳайси сабки таҳлил. Зеро дар нигоҳи қиёсӣ ба мақола ва фасли ба Убайди Зоконӣ бахшидашудаи китоби “Таърихи адабиёти тоҷик” маълум мегардад, ки забону услуби баёни муҳаққиқ дар мақола бисёр сода, гоҳо наздик ба гӯйишҳои мардумӣ аст, тарзи таҳлил дар он бештар эҳсосиву зери таъсири сахти мафкураи замон аст ва сабки таҳқиқи мавзӯъҳо нисбат ба фасли ҷудошуда дар “Таърихи адабиёти тоҷик” харобтару хеле сода аст. М. Бақоев шояд дар нигоҳ ба ҳамин хусусиёти зикршуда мақолаи мазкурро, чунонки қаблан зикр кардем, хеле баҳсталаб номидааст. Бояд зикр кард, ки барои ҳар муҳаққиқ ин як ҳолати табиист, зеро ҳангоме ки Холиқ Мирзозода мақолаи худро менавишт, бисёр ҷавон буд ва ҳанӯз ба камоли ҳунарӣ даст наёфта буд.

Бояд қайд кард, ки шумораи осори назмӣ ва насрии Убайди Зоконӣ дар сарчашмаҳо гуногун қайд гардидаанд. Дар тазкираҳо ин масъала ҳалли собити худро наёфтааст, зеро ҳеҷ як аз соҳибони кутуби тазкира ба муайян кардани шумори дақиқи осори адиб напардохтаанд ва танҳо ба номгир кардани баъзе аз осори вай, он ҳам ё ба зарурат, ё аз рӯйи огоҳӣ доштан, иктифо кардаанд.Шумори осори Убайдро, пеш аз ҳама, бояд дар нусхаҳои қаламӣ ва чопии худи вай ҷустуҷӯ кард, хусусан, нусхаҳои аз ҳайси замон пештар ё қадимитар. Чунонки пештар оварда будем, қадимтарин нусхаи қаламӣ ё дастхатти осори Убайд дар Ганҷинаи дастхатҳои Академияи илмҳои Тоҷикистон маҳфуз аст. Нусхаи мазкур аз 85 барг иборат аст ва бо хатти бисёр зебо навишта шудааст. Дар он 9 асари Убайд сабт гардидаанд, ки сетои он назмӣ ва шаши дигар насрӣ мебошанд. Осори назмии дар ин нусха китобатшуда муштамил бар 23 қасида, 61 ғазал, 33 рубоӣ, ду таркиббанд, ду тарҷеъбанд, 27 муқаттаъ, як муаммо, 8 дубайтӣ ба лаҳҷаи қазвинӣ (фаҳлавиёт), 113 тазминот ва маснавии “Ушшоқнома” мебошанд, ки дар маҷмӯъ 2668 байтро ташкил медиҳанд. Асарҳои насрии адиб дар нусхаи мазкур инҳоянд: рисолаи “Ахлоқ-ул-ашроф”, рисолаи “Риш”, “Даҳ фасл”, “Панднома”, “Мактуботи қаландарон”, рисолаи “Дилкушо”.

Нусхаи дигари нисбатан маъруфтари осори Убайди Зоконӣ нусхае мебошад, ки шомили танҳо осори насрии адиб буда, тавассути муҳаққиқи фаронсавӣ Мисю Фарта соли 1303 ҳ. дар Истамбули Туркия омода гардидааст ва он ду бор – солҳои 1334ҳ. ва 1343 ҳ. дар Эрон чоп шудааст.

Нусхаи дигари дастнависи осори Убайд, ки аз ҳайси ҷомеият нисбат ба нусхаи омоданамудаи муҳаққиқи фаронсавӣ хеле комилтар ба ҳисоб меравад, алҳол дар осорхонаи миллии Британия маҳфуз аст ва нусхаи фотокопии он алҳол дар Ганҷинаи дастхатҳои Академияи илмҳои Тоҷикистон таҳти шумораи 420 ҳифз карда мешавад. Нусхаи мазкур фарогири ҳам осори назмӣ ва ҳам насрии адиб буда, шомили 26 қасида, 2 таркиббанд, 4 қитъа, 66 ғазал, 24 рубоӣ, 2 тарҷеъбанд, 52 тазминот, маснавии “Ушшоқнома”, рисолаҳои “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Риш”, “Дилкушо”, “Садпанд” мебошад. Аммо, рисолаи “Даҳ фасл” дар ин нусха дида намешавад.

Нусхае, ки бори аввал дар Тоҷикистон тавассути Ҷобулқо Додалишоев омодаи чоп гардидааст, дар муқоиса бо нусхаҳои таҳти рақами 555/13 ва 420, яъне қадимтарин нусхаи адиб, нусхаи фотокопии осорхонаи Британия ва ду чопи эронии аз рӯйи нусхаи Мисю Фарта ва ба вуҷуд омадааст. Вале, бояд қайд кард, ки асоси нусхаи омоданамудаи муҳаққиқи тоҷикро, чунонки худ дар муқаддимаи осори Убайди Зоконӣ изҳор доштааст, нусхаи қадими таҳти рақами № 555/13 ташкил медиҳад [11, сездаҳ].

Заҳматҳои адабиётшиноси тоҷик дар самти убайдшиносӣ ва таъйину муқаррар намудани осори адиб қобили мулоҳиза аст. Имрӯз нусхаи омоданамудаи Додалишоевро метавон яке аз комилтарин ва саҳеҳтарин нусхаҳои то ба ҳол чопшуда ҳисоб кард. Ин нусха фарогири таркиббандҳо, қасоид, муқаттаот, ғазалиёт, рубоиёт, маснавии “Ушшоқнома”, ҳазлиёт, Рисолаҳои “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Риш”, “Даҳ фасл”, “Панднома” ё “Садпанд” ва “Дилкушо мебошад”. Достони “Мушу гурба”, ҳарчанд ки бисёре аз муҳаққиқон, аз ҷумла Забеҳуллоҳ Сафо, иддао доранд, ки моли Убайд аст, дар он ҷой дода нашудааст, чун Додалишоев дар такя ба сарчашмаҳои асосӣ онро аз они Убайд намешуморад.

Дар нигоҳ ба нишондоди маълумоти сарчашмаҳои таърихиву тазкиравӣ, дастхатҳои осори Убайд ва таҳқиқоти муосирони асри пешину муосир, мо метавонем ин шохисҳоро дар иртибот ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Убайди Зоконӣ ба таври хулоса қайд намоем:

1.Убайди Зоконӣ аз шуъбаи дувуми қабилаи банӣ ҳафаҷаи аъроби Қазвин аст, ки ба зокониён маъруф буданд ва ҳангоми муҳоҷират аз сарзаминҳои арабнишин дар Қазвини Эрон сукунат ихтиёр карда буданд

2.Убайди Зоконӣ, бинобар шомил будан ба табақаи судур ё маснаднишин, ҳанӯз аз овони хурдӣ ба омӯзиши илму фан машғул гардидааст. Маълумоти баъзе аз кутуби тазкира, ки мувофиқи онҳо гӯё Убайд ҳангоми ба Шероз муроҷиат кардан (ки дар он ҳангом синни вай аз 30 зиёд буд) ба омӯзиши илмҳои гуногун пардохта бошад, ба назари мо, сиҳҳати мантиқӣ надорад.

3.Дар тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳамсуҳбат шудани Убайди Зоконӣ ва Салмони Совачӣ қайд гардидааст, ки, ба назари мо, вуқӯи вохӯрии мазкур аз ҳақиқат дур нест, зеро ҳар ду дар як замон мезистанд, макони зисти ҳар ду анқариб дар як ҷо воқеъ буд ва ҳар ду бо доираи дарбор иртибот доштанд. Аммо, аз сабаби он ки дар тазкираҳои “Маҷолис-уннафоис”- и Мир Алишери Навоӣ, “Натоиҷ-ул-афкор”-и Муҳаммад Қудратуллоҳ маъруф ба Гупомӯй, “Наштари ишқ”- и Ҳусайнқулихони Азимободӣ оид ба вохӯрии таърихии Убайди Зоконӣ бо Салмони Совачӣ қайде ба назар намерасад, сиҳҳати маълумоти дар ин бобат додаи муаллифи “Тазкират-уш-шуаро”- ро барои баъзе муҳаққиқони асри пешин ва давраи муосир зери шубҳа қарор медиҳанд. Ин сабаб гардидааст, ки муҳаққиқони муосир, аз ҷумла Забеҳуллоҳ Сафо вохурии ду адибро ғайривоқеӣ биҳисобанд.

4.Убайди Зоконӣ хитоби ифтихории Хоҷаро ҳангоми наздикӣ доштан бо дарбори Шероз ва дар хидмати Шоҳ Абӯисҳоқ ва вазири вай – Рукниддин Амидулмулк будан бар худ гирифта буд. Ин хитоб, ки дар сарчашмаҳо дар радифи ному насаби Убайд оварда шудааст, то чӣ дараҷа соҳибэҳтиром будани адибро ҳангоми бо дарбор робита доштани вай шаҳодат медиҳад.

5.Аз маълумоти сарчашмаҳо маълум мегардад, ки Убайди Зоконӣ ҳанӯз дар қайди ҳаёт буданаш шуҳрати адабиро касб карда будааст. Сухани Ҳамдуллоҳи Муставфӣ – ҳамасри адиб, ки навишта буд: Убайд “ашъори хуб ва рисолаҳоибеназир” дорад, мисоли возеҳи ин гуфтаҳост.

6.Аз нишондоди сарчашмаҳо маълум мегардад, ки номи дувуми рисолаи “Таърифот”- и Убайди Зоконӣ “Ал-номия” (/“Ан-номия”) будааст.

7.Ғайр аз Убайд дар таърихи адабиёти форсу тоҷик адиби дигаре бо номи Мулло Дупиёза, ки баъд аз даврони Убайд умр ба сар бурда буд, рисолае ҳаммонанди “Таърифот”- и Убайд зери унвони “Ал-номия” навишта будааст. Бо ин

ки муаллифи тазкираи “Рӯзи рӯшан” рисолаи Мулло Дупиёзаро дар татаббуи рисолаи мазкури Убайд қайд кардааст, эҳтимоли қавӣ меравад, ки он на пайравӣ, балки шакли ахзшудаи асари Убайди Зоконӣ аст. Зеро, аввал ин ки Убайд хеле пеш аз даврони ҳаёту фаъолияти Мулло Дупиёза умр ба сар бурда буд, дувум ин ки матни рисолаи Мулло Дупиёза қариб ба пуррагӣ ҳамон матни рисолаи Убайд аст. Ба ин худи намунаҳои овардаи Ҳусайни Сабо аз рисолаи Мулло Дупиёза, ки дар фасли ба вай бахшида овардааст, мисол шуда метавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Наштариишқ; Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Зериназари Аълохон Афсаҳзод ва Ҷобулқо Додалишоев. - Душанбе: Дониш, 1982. - Ҷ. II. - 782 с.
2. Ассамарқандӣ, Амир Давлатшоҳ бинни Алоуддавла Бахтишоҳ. Тазкират-уш-шуаро; бо саъй ва эҳтимом ва тасҳеҳи Э.Браун.- Лондон, 1318 мутобиқ ба 1900 мелодӣ.
3. Бақоев М. Убайди Зоконӣ / М. Бақоев // Очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV.- Қисмидуюм. Муҳаррири масъул: Расул Ҳодизода.- Душанбе: Дониш, 1983. - 229 с.
4. Гупомӯйӣ, Муҳаммад Қудратуллоҳи Ҳиндустонӣ. Натоиҷ-ул-афкор. Ношир: Ардашери Буншоҳӣ фарзанди Худораҳм Марзбони Оллоҳободӣ.- Бомбай: Султонӣ, 1336 ҳ.- 800 с.
5. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ // “Газетаи муаллимон”.- Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ–миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ–политикии РСС Тоҷикистон. - №32 (594), 14-уми июли 1939.- С. 6.
6. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ // “Газетаи муаллимон”.- Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ–миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ–политикии РСС Тоҷикистон.- №35 (596), 30-юми июли 1939.- С. 4.
7. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ // “Газетаи муаллимон”.- Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ–миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ–политикии РСС Тоҷикистон.- №36 (597), 12-уми августи 1939.- С. 3-4.
8. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. – К.2 (асрҳои XII-XV).- Душанбе: Маориф, 1977.- 394 с.
9. Муставфӣ, Ҳамдуллоҳ. Таърихи гузида. - Лондон, 1910. - Ҷилди аввал. - 900 с.
10. Навоӣ, Мир Низомиддин Алишер. Маҷолис-ун-нафоис. Мутарҷим: Фахрии Ҳиротӣ, 1323.- 468 с.
11. Зоконӣ, Убайд. Осор. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев. Зериназари Асғари Ҷонфидо ва Аълохон Афсаҳзод.- Душанбе: Дониш, 1991.- 212 с. (бо хатти форсӣ)
12. Сабо, Мавлавӣ Муҳаммад Музаффар Ҳусайн. Рӯзи рӯшан; ба тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Ҳусайн Рукнзодаи Одамият.- Теҳрон: Китобхонаи Розӣ, 1343.- 976 с.
13. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон. Аз авоили қарни ҳафтум то поёни қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ. - Ҷилди савум. - Бахши дувум.- Теҳрон: Фирдавсӣ, 1363.- 1461 с.

УБАЙДИ ЗОКОНӢ ВА ДАРАҶАИ ОМӮХТА ШУДАНИ ҲАЁТУ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ВАЙ

Муаллифи мақола оид ба яке аз чеҳраҳои намоёни адабиёти асри XIV форсу тоҷик Низомиддин Убайди Зоконӣ таҳқиқот бурдааст. Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиёти тоҷик бо ду самти эҷодияш шуҳратманд гаштааст: ҳам назм ва ҳам наср. Дар назм Убайди Зоконӣ дар жанрҳои гуногун аз қабили қасида, ғазал, муқаттаъ, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ ва достон ва монанди инҳо қувваозмоӣ карда, ба дараҷаи камоли шоирӣ даст ёфтааст. Дар ин самт Убайдро муаллифони тазкираҳо ҳамчун шоири баркамол ва устоди қасида, ғазал ва маснавӣ эътироф намудаанд. Дар наср ҳам Убайд устоди жанрҳои гуногуни насрии классикӣ ба ҳисоб меравад. Шуҳрати адабии Убайд, махсусан бо насри гуногунжанри вай алоқаи зич дорад. Бояд қайд намуд, ки шуҳрату маъруфияти Убайди Зоконӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик, аслан, ба воситаи асарҳои насрияш, хусусан, осори дар мавзӯъҳои ҳаҷву мутоиба навиштааш ба вуҷуд омадаанд, ки аз рӯйи ҳаҷм аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Муаллиф тазкираҳои асрҳои гуногунро бо ҳам муқоиса карда, қайд менамояд, ки дар асарҳои мазкур оид ба ҳаёту фаъолияти адиб маълумоти кофӣ мавҷуд нестанд ва бинобар ин, аз рӯйи онҳо таъйин кардани зиндагинома ва эҷодиёти адиб мушкил аст. Самти асосии эҷодиёти насрии Убайд,- қайд менамояд муаллифи мақола,- аслан мутоибот ва ҳаҷви ҳаёти воқеии ҷомеаи даврони ӯст, ки дар пардаи танзу киноя ба вуҷуд оварда шудаанд. Убайд бо осори насрии ҳаҷвии хеш ҳаёти иҷтимоии даврони худро тасвир карда, зулму бераҳмӣ, ҷаҳолату нодонӣ ва фиску фасоди ҷомеаи асри XIV Эронро дар мисоли шаҳрҳои Эрон, Исфаҳон, Кирмон ва ғ. бо роҳи киноя ва масхара қаламдод кардааст.

Калидвожаҳо: навъҳои жанрии наср, наср, насри ҳаҷвӣ ва мутоиба, сарчашмаҳо, тазкира, ҳаҷв, Убайди Зоконӣ.

УБАЙД ЗОКОНИ И СТЕПЕНЬ ИЗУЧЕННОСТИ ЕГО ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВА

Автором статьи исследована жизнь и творческая деятельность одного из ярких представителей персидско-таджикской литературы четырнадцатого столетия Низамеддина Убайд Зокони. Убайд Зокони в истории таджикской литературы успеха и известности достиг двумя литературными направлениями: поэзией и прозой. В поэзии Убайд Зокони сочинил стихи в разных жанровых разновидностях, таких как касыда, газели, мукатта’, четверостишие, двустишие, месневи и в этих жанрах достиг совершенства. Автора антологии Убайда в этом литературном направлении признали как поэта-мастера, в особенности в сочинении касыд, газелей и месневи. Убайд и в прозаических произведениях является мастером персидско-таджикского словотворчества, так как его литературная популярность тесно связана с его прозаическими

жанрами. Следует отметить, что известность Убайда в области классической прозы была связана с его сатирическими произведениями, по своему, которые отличаются друг от друга. Автор, сопоставительно анализируя антологии, относящиеся к разным векам, отметил, что в вышеупомянутых произведениях существует очень мало сведений о жизни и творческой деятельности и по этой причине очень сложно определить настоящую биографию и поэтический портрет Убайда и его творчество. Основная линия прозаических произведений Убайда, отмечает автор статьи,-заключается в особенности его сатиры и комедийных художественных описания реалий жизни его общества, которые осуществлялись посредством метономических и аллегорических высказываний. Сатирическо-прозаическими жанрами Убайд на примере городов Шираза, Исфагана, Кирмана, художественными приёмами, такими как метонимия и аллегория, описывает социальную реальность Ирана своего времени - четырнадцатого века, погруженную в гнет и насилие, невежество, и незнание, и безнравственность.

Ключевые слова: антология, источники, проза, прозаические жанровые разновидности, сатира, сатирическая проза, Убайд Зокони.

UBAYD ZEKONI AND THE DEGREE OF STUDYING HIS LIFE AND CREATIVITY

The author of the article investigated the life and creative activity of one of the brightest representatives of the fourteenth-century Persian-Tajik literature, Nizameddin Ubaid Zokoni. Ubayd Zokoni in the history of Tajik literature has achieved success and fame in two literary directions: poetry and prose. In the poetry, Ubaid Zokoni composed poems in various genre varieties, such as Qasida, ghazal, muqatta, quatrain, couplet, mesnei, and in these genres reached perfection. The author of the Ubaydah anthology in this literary direction was recognized as a master poet, especially in the work of kasyd, ghazals and mesnevi. Ubayd and in prose works is a master of Persian-Tajik word-making, since his literary popularity is closely related to his prose genres. It should be noted that Ubayd's fame in the field of classical prose was associated with his satirical works, in their own way, which differ from each other. The author, comparatively analyzing the anthologies relating to different centuries, noted that in the above-mentioned works there is very little information about life and creative activity, and for this reason it is very difficult to determine the real biography and poetic portrait of Ubaid and his work. The main line of the prose works of Ubaid, the author of the article notes, consists in particular of his satires and comedic artistic descriptions of the realities of his life, which were carried out by means of metonomic and allegorical utterances. The satirical and prose genres of Ubayd using the cities of Shiraz, Isfahan, Kirman, artistic techniques such as metonymy and allegory describe the social reality of Iran of its time - the fourteenth century, immersed in oppression and violence, ignorance, and ignorance, and immorality.

Key words: anthology, sources, prose, prosaic genre variations, satire, satirical prose, Ubaid Zoconi.

Сведения об атвора: ***Гаффоров Шохрух*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about atvora: ***Gafforov Shokhrukh*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Tajik Language and Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК: 891.550-1:82

АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА “ФАВОИД-УЗ-ЗИЁИЯ”-И Ӯ

Исмонов К.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

На ҳама тамаддунҳои бузурги таърих аз худ анъанаҳои забоншиносӣ ба мерос гузоштаанд. Масалан, тамаддуни Мисри қадим бузургтарин осори меъморӣ ва ёдгориҳои гуногуни илмиро ба мерос гузоштааст, вале дар бахши забоншиносӣ аз мисриёни қадим чизе ёдгор намондааст, дар ҳоле ки нигоштаҳои бозёфтшуда аз суханвариву балоғати онҳо шаҳодат медиҳад [11]. Пас аз забоншиносии Ҳинд ва юнонӣ-лотинӣ забоншиносии араб дорои таърихи куҳан буда, мисли дигар мактабҳои забоншиносии куҳан ба пайдоиш ва ташаккули забоншиносии умумӣ таъсири назаррасе доштааст [8, с.7]. Дар тӯли таърих забоншиносии араб хазинаи худро бо таълифоту таснифоти бузургтарин донишмандону забоншиносони Шарқу Ғарб ғанӣ гардонида, тариқаи хосси мавзӯӣ ва пажӯҳишии худро доро будааст [6, с.5].

Аз омӯзиши таърихи забоншиносии араб бармеояд, ки пас аз ба майдони наҳви араб омадани “ал-Китоб”-и Сибавайҳ таълифу тадвини рисолаву китоб дар илми мазкур дар байни донишмандону забоншиносони араб маъмул гашт ва дар як муддати кӯтоҳе китобхонаи наҳви араб бо садҳо китоб ғанитар гашт. Вале дар таърихи беш аз ҳазорсолаи забоншиносии араб на ҳама китобҳои ба наҳву сарф бахшида мавриди таваҷҷуҳи донишпажӯҳону дӯстдорони наҳв қарор гирифтааст.

Масалан, китоби “ал-Муқтазаб” –и Абулаббоси Мубаррид бо он ҳама бузургҳаҷмию фарогирии нуктаҳои нозуки сарфию наҳвӣ натавониста, ки таваҷҷуҳи донишмандони муосиру баъдии ӯро ҷалб кунад. Баръакси ин боз китобҳои наҳвию сарфие тадвин шудаанд, ки сарфи назар аз хурдии ҳаҷм оламшумул, мавриди таваҷҷуҳи ому хос ва китоби рӯйимизии забономӯзону забонпажӯҳон гардидаанд. Дар ин росто метавон аз китоби “ал-Кофия”-и Ҷамолиддин ибни Ҳоҷиб мисол овард, ки бо он ҳама муъҷазӣ китоби рӯйимизии ҳар дӯстдори наҳв гашта, дар тӯли таърих зиёда аз дусад шарҳ ба он ихтисос дода шудааст [5, с.7]. Аз ҷумлаи шарҳҳои машҳури ин китоб “ал-Фавоид-уз-зиёия” –и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ба шумор меравад.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик на фақат ҳамчун шоири забардасту адиби дақиқбин, балки ҳамчун забоншинос низ шинохта шудааст. Воқеан, Мавлоно Ҷомӣ дар баробари шарҳу тафсир ва тавҷеҳи осори гузаштагон, ки бешубҳа ҷанбаи забоншиносӣ низ доранд, бевосита дар мавриди сарфу наҳви арабӣ низ асарҳои махсус навиштааст [4, с.160].

Дар миёни асарҳои илмии таълифнамудаи Абдурраҳмони Ҷомӣ китоби «ал-Фавоид уз-зиёия» мавқеи махсус дорад. Зеро ин асар, ки масоили гуногуни наҳвиро дар бар мегирад, самараи заҳматҳои чандсолаи муҳаққиқ маҳсуб мешавад ва он охирин асари таълифнамудаи Мавлоно Ҷомӣ ба шумор меравад, зеро онро ҳамагӣ чор моҳ пеш аз поёнрасии умраш, яъне соли 1492 навиштааст. “Ал-Фавоид уз-зиёия» дар мадрасаҳои Осиёи Миёна, Покистон, Ҳиндустон ва Аморати Бухоро то Инқилоби октябр аз китобҳои ҳатмии дарсӣ буда, дар кишварҳои арабӣ ҳанӯз ҳам дар истифодааст. Дар хусуси арзиши он яке аз тазкиранигорони асри XVII Мирзо Тоҳири Насрободӣ чунин мегӯяд: “Аз ҷумлаи таълифоти ӯ “Шарҳи Ҷомӣ” –ст, ки бидуни хондани он дар илми наҳву сарф рабти тамом ба ҳам намерасад [4, с.160-161]. «Фавоиди Зиёия фи шарҳ-ил-Кофия» минбаъд дар доираи мадрасаҳо бо номҳои «Шарҳи Мулло», «Шарҳи Мулло Ҷомӣ» ва «ал-Фавоид-уз- зиёия» машҳур мегардад.

Зикри ин нукта ҷолиб аст, ки “ал-Фавоид-уз-зиёия” ҳанӯз аз замони муаллифаш ба баъд дар доираҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр, хусусан дар мадрасаҳои Бухоро ҳамчун муҳимтарин китоб дар омӯзиши грамматикаи забони арабӣ ҷойгоҳи хоссаеро касб менамояд. Устод Айнӣ дар робита ба ин шарҳ ва дар барномаи дарсии мадрасаҳои вақти Бухоро будани он дар “Ёддоштҳо” менигорад: “Пас аз ин «Шарҳи Мулло» ном китобе, ки асари Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ буда, дар наҳви арабӣ шарҳи «Кофия» буд, сар мешуд... Ин дарс 5 сол давом мекард. ...ва инчунин, дарси «Шарҳи Мулло»-ро пеш аз он, ки ба пеши домуллои дарсхонагӣ рафта хонад, аввал ба пеши домуллои кунҷакӣ мегузаронид” [3, с. 135].

«Ал-Фавоид-уз-зиёия» дар муқоиса ба дигар шарҳҳои «Кофия» аз муҷазбаёнӣ ва масъалагузорӣ саҳлу диққатҷалбкунанда буда, маҳз бо ин хусусиятҳои худ мақбули ому хос гаштааст. Аз ҷумла, дар ситоиш ва тавсифи он соҳиби «Кашф-уз-зунун» мегӯяд: «Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ шарҳе тасниф намудааст, ки дар он беҳтарин гуфторҳову баёнҳоро аз дигар шарҳҳои «Кофия» барчида, бо беҳтарин баёну комилтарин таъбир овардааст ва онро «Фавоид-уз-зиёия» номидааст, ки имрӯз машҳур ва мақбули ҳамагон аст» [10, с.1372].

Аз таъкиди донишмандон бармеояд, ки пас аз тасниф шудани «ал-Фавоид-уз-зиёия» қариб тамоми китобҳои муфассали наҳвӣ аз барномаҳои дарсии мадрасаҳои Осиёи Миёна, бавижа хиттаи Бухоро канора монданд. Ҳамин аст, ки донишмандон андешаҳои наҳвии худро маҳз дар ҳошияи ин китоб менавиштанд. Дар натиҷа дар байни шарҳҳои «ал-Фавоид-уз-зиёия» шарҳҳои зидду нақизе ба майдон омаданд, ки бархе андешаҳои наҳвии Мавлоно Ҷомиро таъйид мекарданд ва бархе дигар ба нуктагирӣ ба он мепардохтанд. Устод Айнӣ маҳз ҳаминро ба инобат гирифта, дар «Ёддоштҳо» таъкид менамояд, ки: «Баъд аз Ҷомӣ аз ҳамзамонони Ҷомӣ Мулло Исомиддин «Кофия»-ро шарҳ карда, дар бисёр ҷоҳо бо усули мунозираи схоластикӣ ба Ҷомӣ зид баромадааст. Пас аз вай, аз шогирдони Абдурраҳмони Ҷомӣ — Мулло Абдулғафури Лорӣ ба «Шарҳи Мулло» ҳошия баста, Ҷомиро мудофаа ва гуфтаҳои Мулло Исомиддинро рад кардааст. Баъд аз вай, аз шогирдони Мулло Абдулғафур — Лабиб ном касе як ҳошия баста, гуфтаҳои Ҷомӣ ва Абдулғафурро эзоҳ карда, ба Мулло Исомиддин сангпарронӣ кардааст. Баъд аз ҳамаи инҳо Мавлоно Шарифи Бухоронӣ, ки дар охири асри XVII гузаштааст, ба «Шарҳи Мулло» як ҳошияи ботафсиле баста ҳамаи мунозараҳои ҳошияҳои дар боло зикршударо нақл карда, дар миёнаи онҳо муҳокима давондааст ва кӯшиш намудааст, ки «ҳаққи» беҳақиқати дар миёнаи мунозирачиён гузаштаро изҳор намояд» [3, с.138].

Мавлоно Ҷомӣ ба мисли дигар шореҳон «ал-Фавоид-уз-зиёия»-ро бо шарҳи муфассале оғоз намуда, пас аз ҳамду ситоиши Худованд ва дуруду санои Паёмбари Худо (с) ва олу асҳоби Ӯ (с) ба тавсифи шарҳ пардохтааст. Ҳамзамон, иллати таълифи шарҳи худро ёдрас гашта, афзудааст, ки: «Ин фавоиди вофия дар ҳалли мушкилоти «Кофия»-и алломаи дар Шарқу Ғарб машҳур Шайх Ибни Ҳоҷиб мебошад, ки Худованди таоло ӯро аз бахшоиши худ барҳӯрдор гардонаду ҷойгоҳашро биҳишт ва ин (шарҳ)-ро барои фарзанди меҳрубон Зиёуддин Юсуф, ки Худованд аз пушаймониву афсӯсхӯрӣ нигаҳбонаш бошад, ба силки таҳрир кашидам ва номи онро «ал-Фавоид-уз-зиёия» гузоштам [1, с.13-14].

Иҷтиҳодоти наҳвии Мавлоно Ҷомӣ дар “ал-Фавоид-уз-зиёия”. Бархе донишмандон ҳанӯз дар замони ба майдони наҳв омадани “ал-Китоб”-и Сибавайҳ таъкид намуда буданд, ки баъди китоби мазкур агар нафаре дар наҳв чизе навиштан хоҳад, бояд шарм дорад, зеро Сибавайҳ бо як баёни фарогир асари бунёдие дар наҳв тадвин намудааст. Бо ин нигоҳ пас аз Сибавайҳу Касоӣ, Заҷҷоҷию Замахшарӣ ва Ибни Ҳоҷибу Ибни Молик иҷтиҳоде дар наҳв намудан на корест осон. Вале бо муқоиса намудани шарҳҳои “Кофия” ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки Мавлоно дар таснифи шарҳи худ ба гунае даст ба иҷтиҳодот задааст, ба ин маъно, ки гом ба гом ба шарҳҳои дигари “Кофия” тақлид нанамуда, бо тартибу масъалагузории худ фарқ мекунад. Муҳаққиқи аршади “ал-Фавоид-уз-зиёия” Тоҳо Рафоӣ таъкид менамояд, ки “ҳангоми нақду баррасии “ал-Фавоид-уз-зиёия”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ пажӯҳанда ба чунин хулоса меояд, ки мусанниф дар навиштани ин шарҳ аз шарҳҳои зиёди “Кофия” истифода кардааст ва бавижа ду шарҳи “Кофия”-ро, ки яке ба худи Ибни Ҳоҷиб ва дигаре ба қалами Разии Астарободӣ тааллуқ дорад, меҳвари шарҳи худ қарор додааст. Ҳарчанд дар ин шарҳ нуктасанҷию чирадастии Мавлоно дар робита ба наҳви арабӣ баръало намоён аст” [9, с.97].

Гузашта аз ин, Мавлоно Ҷомӣ дар шарҳи худ кӯшидааст, то аз манҳаҷ ва тартиби мавзӯии Ибни Ҳоҷиб гом берун нагузорад. Аз ин рӯ, ҳангоми шарҳ ҳар нуктаеро дар робита ба ҳамон мавзӯе, ки дар «Кофия» омадааст, шарҳ медиҳад ва аз он дур намешавад. Масалан, дар «ал-Фаврид-уз-зиёия» ду мавзӯъ: навъҳои танвин [2,с.452] ва ҳазфи алифи «ибн» [2, с.459] айнан дар ҳамон ҷойе шарҳ дода шудаанд, ки Ибни Ҳоҷиб ба онҳо ба таври муфассалтар ишора намудааст, дар ҳоле ки дигар шореҳони «Кофия», аз қабили Разии Астарободӣ, Ибни Ақил ва ғ. навъҳои танвинро ҳангоми зикр намудани вижагиҳои исм ва ҳазфи алифи «ибн»-ро дар боби мунодо ба таври муфассал овардаанд [9, с.92].

Маънои луғавии истилоҳоти наҳвиро овардан ва боз бештари истилоҳотро таъриф додан аз нуктаҳои хоссе дар «ал-Фавоид-уз-зиёия» мебошад, ки метавон онҳоро чун иҷтиҳодот ва ибтикороти Мавлоно Ҷомӣ ба қалам дод. Масалан, ҳангоми пардохтан ба шарҳи вожаи лафз мегӯяд: «лафз дар луғат ба маънои рамй\партофтан, андохтан мебошад, ба монанди «акалту-т-тамрата ва лафазту –н-нувота» (хурморо хӯрдаму донаашро партофтам)» [1, с.18]. Баъдан ба шарҳи истилоҳии он шурӯъ карда, таъкид менамояд, ки «дар истилоҳи наҳвиён лафз ба маънои малфуз мебошад, ҳамон гунае ки халқ ба маънои махлуқ» [1, с.18]. Ё худ ҳангоми баҳси калом нахуст маънои луғавии онро ба таври зер: «калом дар луғат гуфторест, ки ба таври кам ё зиёд гуфта шавад» [1, с.37] оварда, сипас такя ба гуфтори соҳиби «Кофия» дар баёни маънои истилоҳии он пардохтааст.

Гузашта аз ин, Мавлоно Ҷомӣ кӯшидааст, то ба ҳар таърифи луғавию истилоҳии худ ба пайравӣ аз донишмандони пешини илми наҳв то дараҷае аз оёти қуръонӣ ва ё аз ашъори шоирони машҳури араб шоҳиде оварад.

Баръакси дигар шореҳон Мавлоно Ҷомӣ ҳар нуктаи «Кофия»-ро таҳлили грамматикӣ нанамуда, танҳо ба эъроб намудан ва баёни хусусиятҳои синтаксисии бархе калимоти Ибни Ҳоҷиб ва шарҳи дастурии шавоҳиди шеърии дар «Кофия»-омада пардохтааст. Аз ҷумла, дар эъроби ин мисраъ: «Ано ибну-т-Торик-ил-Бакрийи Бушр» мегӯяд: Агар «Бушр»-ро атфи баён ба «Бакрӣ» гардонӣ, ҷоиз аст, аммо агар онро бадал аз он бишуморӣ, ҷоиз нест. Зеро бадал дар ҳукм такрор намудани омил мебошад, дар ин сурат тақдири ин ҷумла «ано ибну-т-торик бишрин» мешавад, ки ҷоиз нест» [2, с.15].

Хулоса, иҷтиҳодоти наҳвии Мавлоно Ҷомӣ ҳарчанд дар забоншиносии араб чизи тозаву нав ба шумор наравад ҳам, вале дар байни шарҳҳои «Кофия» тозаву хондани мебошад.

Аз ҷумлаи вижагиҳои “ал-Фаовид-уз-зиёия” ин аст, ки мусанниф дар он кӯшидааст, то барои бархе гуфторҳои мармузу мубҳами соҳиби “Кофия” сабабу

тавҷеҳе зикр намояд, дар ҳоле ки дар дигар шарҳҳои китоби мазкур ин нукта ба назар намерасад. Масалан, масъалаи бе санову дуруд оғоз шудани “Кофия” маҳз дар “Шарҳи мулло” мавриди баҳс қарор гирифтааст. Чунончи Мавлоно Ҷомӣ дар ин маврид мегӯяд: “Бидон, ки шайх (Ибни Ҳоҷиб) (Худованд биомурзадаш) ин китоби худро бо ҳамди Худованди пок оғоз накардааст, ба ин маъно, ки онро бахше аз он нагардонидааст. Шояд (аз хоксорӣ) чунин тасаввур доштааст, ки китобаш ба мисли китобҳои гузаштагон (Худованд биёмурзадашон) нест, аз ин рӯ, ба мисли онҳо китобашро бо ситоиш оғоз нанамуда. Аммо ин наметавонад, ки ба таври пурра ба ҳамд оғоз нанамудан далел шавад, ба гунае ки бо тарки он (тибқи ҳадис) нокомил гардад. Зеро метавон ҳамдро бе гардонидани он бахше аз китоб оварда (ба ин маъно, ки мусанниф онро нанавишта бошад ҳам, ҳангоми тадвини китоб бо он дар лафз оғоз кардааст)» [1, с. 13-14].

Чи тавре дар боло ишора шуд, дар шарҳҳои дигари «Кофия» аз қабили шарҳи Разии Асторободӣ [7, с.19] ва шарҳи Бадриддин ибни Ҷамоа [5, с.57] аз ин иллатгузорӣ нишонае нест, балки онҳо баъд аз ҳамду ситоиш ва дуруду сано бевосита ба шарҳи каломи Ибни Ҳоҷиб пардохтаанд. Ба гумони ғолиб, Мавлоно Ҷомӣ иллатгузориҳову тавҷеҳоти худро бештар ҳамчун эътирозе ба эътирозоти дигар шореҳони «Кофия» овардааст, ки дар мавриди Ибни Ҳоҷиб нуктагирӣ намудаанд.

Аз пажӯҳиши «ал-Фавоид-уз-зиёия» бармеояд, ки мусанниф ҳангоми шарҳ додани масоили наҳвӣ аз таъбирот ва истилоҳоти мантиқӣ низ истифода намудааст. Чунончи, пажӯҳишгари арабии «ал-Фавоид-уз-зиёия» мегӯяд: «Дар аснои гуфтори Ҷомӣ бархе ибораҳои донишмандоне дида мешавад, ки дар ғайри наҳв, яъне дар дигар улум аз қабили мантиқу калом даст доштаанд. Аз ҷумла, дар шарҳи мазкур истилоҳоти ориз, маъруз, адамӣ, вуҷудӣ, сабаби қариб, сабаби баъид, истилзом, мутобиқат, мураккаботи каломӣ ва ғайрикаломӣ, таркиби суноии ақлӣ, манъ-ул-хулув ва дигар таъбироти аҳли мантиқ оварда шудааст» [9, с. 97]. Хусусан, дар таҳлили бахши аввали «-ал-Фавоид-уз-зиёия» такя ба мантиқ намудани Мавлоно Ҷомӣ бараъло дида мешавад. Чунончи, дар шарҳу таърифи луғавию истилоҳии маъно Мавлоно мегӯяд: «Маъно: он чизе, ки қасд карда мешавад ва (аз нигоҳи сохторӣ маъно) исми макон (мафъал) ва ифодагари мақсад аст ва ё масдари мимӣ ба маънои (мафъул) ва ё шакли тахфифёфтаи сифати феълии тарзи мафъулӣ мебошад, ба монанди мармий. Чун маъно аз вазъ гирифта мешавад, аз ин рӯ, маъно баъди вазъ ва барои вижагардонии он оварда шудааст. Ба ин маъно, ки бо овардани вазъ калимаҳои бемаъно аз назар дур карда мешавад, дар ҳоле ки ба ҳеҷ гунаву вижагардонию тахсис бастагӣ надорад, аз ин рӯ, ҳарфҳои ҳиҷо, ки ба хотири таркиб гузошта шудаанд, на дар муқобили маъно, бо овардани калимаи маъно аз байн меафтанд. Зеро овардани ҳарфҳои ҳиҷо барои таркиб аст, на дар муқобили маъно. Вале агар гӯӣ, ки бархе лафзҳо дар муқобили баъзе дигар қарор мегиранд, пас, чӣ гуна он барои маъно оварда шудааст? Дар посух мегӯем, ки маъно он чизест, ки қасд ба он бастагӣ дорад, аз ин рӯ, метавонад лафз ва ё ғайри он бошад» [1, с.7].

Бад-ин тартиб гоҳе дар зимни шарҳи Мавлоно Ҷомӣ ба масоили наҳвӣ бархе натиҷагириҳое дида мешавад, ки маншаъ аз мантиқ мегирад. Вале ин нукта бояд зикр шавад, ки корбурди истилоҳоти мантиқӣ дар наҳви арабӣ ва гароишҳои мантиқӣ дар наҳв аз ибтикороти Мавлоно Ҷомӣ нест, балки ҳанӯз аз замони Заҷҷоҷӣ ҳатто пештар аз он истилоҳоти мантиқӣ ва бархе хулосагириҳои он ба наҳви арабӣ роҳ ёфта буд.

Хулоса, «ал-Фавоид-уз-зиёия» яке аз машҳуртарин шарҳҳо бар «ал-Кофия»-и Ибни Ҳоҷиб буда, дар доираҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр аз муҳимтарин китобҳои дарсии наҳви арабӣ ба шумор мерафтааст. Имрӯз низ китоби мазкур дар доираҳои арабшиносии ватаниву хориҷӣ ва дар донишгоҳҳои арабӣ аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор буда, ҳамчун сарчашмаи муҳимме дар шинохти дастури арабӣ эътироф мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмон ал-Ҷомӣ. Ал-Фавоид-уз-зиёия ало матн-ил-кофия фи-н-наҳв; таҳқиқи Аҳмад Иззуиноя ва Алӣ Муҳаммад Мустафо. – Бейрут-Лубнон: Дор-ул-эҳё ва-т-турос-ил-арабӣ. -Ҷ.1. – 2009. – 527 с. [бо забони арабӣ]
2. Абдурраҳмон ал-Ҷомӣ. Ал-Фавоид-уз-зиёия ало матн-ил-кофия фи-н-наҳв; таҳқиқи Аҳмад Иззуиноя ва Алӣ Муҳаммад Мустафо. – Бейрут-Лубнон: Дор-ул-эҳё ва-т-турос-ил-арабӣ, 2009. -Ҷ.2. – 471 с. [бо забони арабӣ]
3. С.Айнӣ Ёддоштҳо [чаҳор қисм]. Иборат аз як китоб. –Душанбе, 2009. -680 с.

4. Афсаҳзод А. Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 384 с.
5. Бадриддин ибни Ҷамоъа. Шарҳу Кофияти Ибни Ҳоҷиб. Таҳқиқу Муҳаммад Довуд. – Ал-Қоҳира: Дор-ул-манор, 2000. – 408 с. [бо забони арабӣ]
6. Исмонов К.Б.Тобишҳои лексикӣ-грамматикии эъроб дар забони тоҷикӣ / К.Б. Исмонов.-Душанбе: «Душанбе-Принт", 2015. -192 с.
7. Разиюддин ал-Астарабозӣ. Шарҳ-ур-Разӣ ало-л-кофия. Таҳқиқу Юсуф Ҳасан Умар. – Банғозӣ, 1996. -Ҷ. 1. – 341 с. [бо забони арабӣ]
8. Рыбалкин В.С. Классическое арабское языкознание / В.С. Рыбалкин. -К.: Стилос, 2003.- 406 с.
9. Тоҳо ар-Рифоъӣ. Ал-Фавоид-уз-зиёия шарҳу Кофияти Ибни Ҳоҷиб Нуриддин Абдураҳмон ал-Ҷомӣ. Диросатун ва таҳқиқ. Бидуни санна. -Ҷ.1. – 452 с. [бо забони арабӣ]
10. Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун ан асом-ил-кутуби ва-л-фунун. – Бейрут: -Лубнон: Дор-ул-эҳё ва-т-турос-ил-арабӣ, 2009. -Ҷ.2. -2058 с. [бо забони арабӣ]
11. [Захираи электронӣ] http://scicenter.online/obschee-yazyikoznanie-scicenter/vse-velikie-tsivilizatsii-drevnosti-sozdali-101203.html [санаи истифода 26.12.2018].

АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА «АЛ-ФАВОИД-УЗ-ЗИЁИЯ»-И Ӯ

Дар мақола бо таҳлилу баррасии забоншиносии араб ишора ба он шудааст, ки дар тӯли таърих забоншиносии мазкур хазинаи худро бо таълифоту таснифоти бузургтарин донишмандону забоншиносони Шарқу Ғарб, хусусан донишмандони форсу тоҷик ғанӣ гардонидааст.Мақола таъкид бар он менамояд, ки муассиртарин китоби наҳви арабӣ, ки дар нимаи дувуми асри XV ба майдон омадаву то имрӯз дар ҳалқаҳои илмии арабшиносии Осиёи Миёна аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор аст, "ал-Фавоид-уз-зиёия"-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад. "Ал-Фавоид аз-зиёия» дар мадрасаҳои Осиёи Миёна, Покистон, Ҳиндустон ва Аморати Бухоро то Инқилоби октябр аз китобҳои ҳатмии дарсӣ буда, дар кишварҳои арабӣ ҳанӯз ҳам дар истифодааст. Китоби "ал-Фавоид-уз-зиёия", ки Мавлоно Ҷомӣ ба фарзандаш бахшидааст, шарҳи "Кофия"-и Ибни Ҳоҷиб" буда, ба фарқ аз дигар шарҳҳои китоби мазкур як навъ ба ҳимояи муаллифи он-Ибни Ҳоҷиб бархостааст. Мақола ишора ба он менамояд, ки ҳарчанд Мавлоно Ҷомӣ дар навиштани ин шарҳ аз шарҳҳои зиёди "Кофия" истифода кардааст ва ба вижа ду шарҳи "Кофия"-ро, ки яке ба худи Ибни Ҳоҷиб ва дигаре ба қалами Разии Асторободӣ тааллуқ дорад, меҳвари шарҳи худ қарор дода бошад ҳам, вале дар он нуктасанҷию чирадастӣ ва ба гунае иҷтиҳодоти Мавлоно дар масоили марбут ба наҳви арабӣ баръало намоён аст.

Калидвожаҳо: Абдураҳмони Ҷомӣ, "ал-Фавоид-уз-зиёия", "Кофия", забоншиносии араб, китобҳо, шарҳ, мактаб.

АБДУРАХМАН ДЖАМИ И ЕГО «АЛ-ФАВОИД-УЗ-ЗИЁИЯ»

В статье на основе изучения и анализа арабского языкознания показано, что арабская лингвистика в ходе истории обогащалась трудами западных и восточных ученых и языковедов, особенно большой вклад в это дело внесли персидско-таджикские ученые. В статье указывается, что написанный во второй половине XV века фундаментальный труд Абдурахмана Джами по арабской грамматике "ал-Фавоид-уз-зиёия" оказал заметное влияние на все школы арабистики Среднего Востока и по сегодняшний день занимает достойное место в научных исследованиях арабистов. До Октябрьской революции "ал-Фавоид-уз-зиёия» был обязательным учебником в медресе Средней Азии, Пакистана, Индии и Бухарского Эмирата, а в некоторых арабских странах и поныне используется в качестве учебника по арабской грамматике. Абдурахман Джами посвятил "ал-Фавоид-уз-зиёия" своему сыну – Зиёвуддину и он является толкованием, "Кофия" Ибн Ходжиба. В отличие от многих других толкований, Абдурахман Джами в "ал-Фавоид-уз-зиёия" некоторым образом поддержал стиль и форму изложений Ибн Ходжиба. Автор указывает, что несмотря на то, что Маулана Джами в написании своего труда опирался на многие толкования "Кофия", особенно два толкования - толкования самого Ибн Ходжиба и толкования Рази Астарабади, все же прослеживается мастерство и новаторство Абдурахмана Джами в вопросах арабской грамматики.

Ключевые слова: Абдурахмон Джами, "ал-Фавоид-уз-зиёия", "Кофия", арабское языкознание, лингвистика, толкование, школа.

ABDURAHMAN JAMI AND HIS "AL-FAVAID-UZ-ZIYA"

In this article author considers the development of Arabic linguistics. He believes that Tajik scholars and linguists participated on development of it. The author puts emphasis on "al-Favaid-uz-ziya" which was written by Mavlana Jami at fifteen century. He insists on that, the book was one of the well-known books among another books which was written on Arabic linguistics and it has till now the special status on Central Asia`s linguistics schools. He has the opinion that "al-Favaid-uz-ziya" was the main book in medreses of Central Asia, Pakistan, India and Emirate of Bukhara till the October Revolution but in Arabic countries they continue to use it. Al-Favaid-uz-ziya is an explanation of Ibni Hojib`s "KAFIYA". Jami wrote it to his son. In his book Jami supported Ibni Hojib and the author of the paper believes this is one of the differences of "al-Favaid-uz-ziya" from others explanation of "Kafiya". The author of the paper gives a sign that Mavlana Jami used other explanations of "Kafiya", such as an explanation of Ibni Hojib and Razi Astarabadi. But Jami gives to understand "Kafiya" very skillfully and it shows his extraordinary skills in Arabic grammar.

Key words: Aburahman Jami, Al-Favaid-uz-Ziya, KAFIYA, Arabic linguistic, book, explanation, schools.

Сведения об авторе: ***Исмонов К.*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Information about the author: ***Ismonov K.*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 917-44-40-40**

УДК: 82-1/29

СЕ САБКИ ҒАЗАЛСАРОЙ ДАР ЭҶОДИЁТИ САЛИМИ ХАТЛОНӢ

Қосимов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ғазал чун яке аз шаклҳои марғубу маъруфи суннатӣ дар шеъри ҳазорсолаи форсу тоҷик мавқеи пешбар дошта бошад ҳам, нуфузаш дар назми даврони шӯравии тоҷик, махсусан дар солҳои 40-ум ва 50-уми асри ХХ хеле кам будааст. Ин жанр аз солҳои 60-уми асри ХХ боз дар назми тоҷик мавқеи муносиб пайдо намуд ва шоироне чун Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар Келдӣ, Муҳаммад Ғоиб, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Фарзона «дар такмили забон, услуб ва мундариҷаи ғазал ба комёбиҳои бештар ноил гардиданд» [4, с.16].

Ғазал дар эҷодиёти Салими Хатлонӣ аз нигоҳи муҳтаво ва баён мавқеи сазовор дошта, миқдори он дар се ҷилди «Мунтахаби ашъор» ба 811 адад мерасад. Худи шоир тамоми ғазалиёташро ба ду қисмат ҷудо намудааст: «Ғазалҳо» ва «Армуғони муғон». Мунаққид Соҳиб Табаров моҳияти табақабандии ғазалиёти Салимро чунин шарҳ додааст: «Дар равияву услуби ғазалиёти ирфониву иҷтимоии Ҳофиз, Бедил, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Соиб, Сайидо эҷод шудани қисми «Ғазалҳо» ва бо сабки Ҷамолуддини Румӣ ва ғазалсароёни тасаввуф офариниши «Армуғони муғон» андешаҳои фавқро тасдиқ кунонда метавонад» [8, с.3].

Аз мулоҳизаҳои ин мунаққиди борикназар маълум мешавад, ки Салими Хатлонӣ аз сарчашмаву хазинаи ниҳоят ғании ғазалиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик хеле хуб воқиф ва бархӯрдор буда, тамоми қонуну нозукиҳои ин жанри маъруфи лирикиро аз бар кардааст. Ҳамин аст, ки дар ғазалиёти ӯ қонуниятҳои дохилӣ, санъату воситаҳои тасвири бадеӣ, таносуби сухану вижагиҳои забонӣ басо моҳирона истифода шудааст. Муҳаммадалии Аҷамӣ бартарии ғазалиёти Салимро нисбат ба дигар ҳамтоёнаш чунин ба қалам додааст: «Салими Хатлонӣ дар кори ғазал батамом шоири дигар аст ва дар ин сабк табъи закӣ ва ниҳоят равон дорад. Забони ғазалҳои ӯ гарм, пурбор ва латиф аст ва ин ҳолат дар ғазали муосир камтар ба назар меояд» [2, с.22].

Дар ҳақиқат, мавзӯи марказии ғазал дар адабиёти куҳанбунёди форсу тоҷик тараннуми ишқи поку беолоиш мебошад ва ин ҳолат эҷодкорону суханваронро водор мекунад, ки ҳарчи латифтар ва зеботару писандидатар арзи ҳол намоянд, то ба маъшуқаи сарбаланду латофатбори худ писанди хотир гарданд. Вақте ки ғазалҳои Салимро дар мавзӯи ишқ мехонем, қувваи ҷозиба ва латофати сухан комилан эҳсос мегардад:

Ноз-ноз аз ин чаман танноз меояд бурун,
Сарфароз аз пардаи эъҷоз меояд бурун.
Пой дар завлонаи ишқ аст оҳи бандаро,
Фитна аз ин завқ ҳиллатбоз меояд бурун.
Метавон оё фиреби маҳз гуфтан ақлро?
Ҳарф дар ҳангомаи ин роз меояд бурун [11, с.240].

Ғазалҳои Салими Хатлонӣ дар баробари васф намудани ишқи поку муқаддас боз мавзӯъҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ахлоқиро низ фаро мегиранд ва фикру ақидаҳои мушаххас, андешаву хаёлоти рӯзмарраи башардӯстона ва муносибати ҳасанаи қаҳрамони лирикӣ ба мардуми оламу давлату халқи худ ба хонандаи дилогоҳу андешапарвар завқи эстетикӣ, эҳсоси амиқи гуманистиву инсонпарварӣ ва рӯҳи садоқату поктинатӣ ато мекунад.

Ҷавонӣ то ҳавои эътибор андар Ватан дорад,
Ғубор аз хиҷлати навмедиям дар сар задан дорад.
Баландӣ ёфт номи бедилон аз заҳмати номус,
Нисори ишқ ори Бесутун аз Кӯҳкан дорад.
Дигар созе намехоҳам зи барги бенавоиҳо,
Ҷу булбул рафт, ин савсан таманнои заган дорад.

Мурод аз муждаи як номаам бар дӯст дидоре,
Ҷу нури дидаи Яъқуб бӯйи пираҳан дорад [10, с.277].

Чун порчаи боло дар аксари ғазалҳои шоир баёни фикр муҷаррад нест, балки ҳар андеша ҳатман бо мисоле ё ҳикмате аз ҷараёни зиндагӣ таъкид мегардад ва чунин тарзи тасвир хонандаро водор мекунад, ки ба умқи баён сар фурӯ бурда, аз он маъние бардорад, ки бисёр андешаҳои ҳаётӣ, муносибатҳои инсонӣ ва хислатҳои инфиродии одамонро дар худ ғунҷоиш додааст. Чунонки қимати ору номуси инсонӣ ба заҳмати дар Бесутун кашидаи Фарҳод ва дарачаи асари номаи дӯст ба нур гирифтани чашми Яъқуб аз бӯйи пираҳани Юсуф монанд шудааст.

Бояд гуфт, ки як хусусияти умдаи ғазалиёти Салим дар комилан ба ҳам мувофиқ омадани мундариҷаву лафзи онҳо мебошад. Вазну қофияи мувофиқ, матлаъ ва мақтаи ҷолибу фарогир, обуранги бадеӣ ва қолиби ягонаи баён (ҳамаи ғазалҳои шоир аз шаш байт иборат мебошанд) дар ифодаи саҳеҳу марғуби мазмун мусоидат кардаанд. Дар ғазали зерин, ки дар серистеъмолтарин баҳрҳои арӯзи арабу аҷам - рамали мусаммани маҳзуф (фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун) эҷод гардидааст, андешаҳои шоир оид ба қадру қимати ваҳдату ҳамдастӣ ва нуқсу заъфи парокандагиву марказгурезӣ тавассути ягонагии лафзу маънӣ басо самимӣ ва табиӣ ифода ёфтаанд. Махсусан, вожаву таркибҳои санги аз фалохун ҷаста, риштаи бигсаста, пайкари симоб, соғари бишкаста, ашки мотам, теша ва фароғи даста боиси ифодаи комили ҷанбаи халқӣ ва рӯҳи пандуахлоқии матн гардидаанд:

Роҳ кӯтоҳ аст санги аз фалохун ҷастаро,
Аз гирех нуқсе физояд риштаи бигсастаро.
Пайкари симоб тарзи изтироб овардааст,
Оқибат амри ҷудоӣ медиҳад пайвастаро.
Вижаи носозгорӣ дар мусибат мунҳал аст,
Бода бошад ашки мотам соғари бишкастаро.
Теша дар чӯби ҳадаф рамзе намеорад дуруст,
То набинад ёрии дасту фароғи дастаро [10, с.196].

Ё худ дар ғазали зерин ҳам вазни сабуку марғуб (ҳазаҷи масаддаси ахраби мақбузи маҳзуф / -- v/v-v-/v--), ҳам қофияи солим (рӯзгор, эътибор, интизор, баҳор…) ва ҳам радифи мувофиқ (бошӣ) ба матн қувваи баланди ифоданокӣ бахшида, боиси афзоиши оҳангнокӣ ва ҷанбаи миллии он гардидааст, зеро чи хеле ки Д. Муҳиддинова қайд мекунад: «Радиф ин ихтирои мардуми форсизабон аст ва ба шеъри дигар халқҳо аз қабили арабу турк баъдтар ворид гаштааст» [9, с.88].

Шамси ҳама рӯзгор бошӣ,
Аз бахт баэътибор бошӣ.
Имрӯзи маро умеди фардо,
Як умр дар ин шумор бошӣ.
Мастони ҷамоли ту ба хоканд,
Хатлониву хоксор бошӣ [10, с.282].

Ҳамон тавре ёдовар шудем, Салими Хатлонӣ дар навъҳои гуногуни ҷинси лирика шеър гуфтааст ва ғазалиёти ӯ дар байни дигар жанрҳои шеърии шоир мавқеи болотар дорад, ки ин ҳолат аз назари танқиди адабӣ дур намондааст: «Ҷилваҳои маънову тасвир ва забон дар ғазалҳои шоир ҳолу аҳволи дигаре доранд, - таваҷҷуҳ кардааст Муҳаммадалии Аҷамӣ. – Ва ин ҳолу аҳвол дар шеърҳои нимоӣ, чаҳорпора ва маснавиҳои ӯ ингуна нест. Бетардид, Салими Хатлонӣ дар халқи ғазал ва кори ғазал шоиртар аст, дар қиёс бо жанрҳои дигари адабӣ» [3].

Дар ҳақиқат, Салим дар офариниши ғазал ҷустуҷӯ ва омӯзиши бештаре дорад. Ҳамин аст, ки шоир афкору ақида ва муносибати худро ба паҳлуҳои гуногуни ҳодисаву рӯйдодҳои гуногунҷабҳаи зиндагӣ дар шакли ғазал бо муваффақият ва бо маҳорати баланд ифода намудааст. Чун ғазалсароёни воломақоми классикӣ дар ғазалҳои Салими Хатлонӣ ҳам шоҳбайтҳо ва фардбайтҳое вомехӯранд, ки мавзӯъ, масъала, муаммо ва мазмунҳои ишқӣ, иҷтимоӣ ва фалсафиро басо ҷолиб ва омӯзанда дар худ ғунҷоиш додаанд:

Ғурури ҳолати шӯридагӣ вопас бало зояд,
Шикаст орад нафасро оқибат боло париданҳо [10, с.204].

Адабро тарбият гӯ, то адабомӯзи дил бошӣ,
Равонро офият афрӯхт, ҳар ҷо ақл сар омад [10, с.195].

Ҳар кӣ аз андозаи пиндор по орад бурун,
Заъфи дил меофарад, нороҳатӣ тан мекунад [10, с.196].

Зиндагӣ бодест, тӯфони ҳаводис дар дамаш,
Гар сабуксорист бар одат, ҳавоят мебарад [10, с.214].

Миёни ғазалсароёни баргузидаи адабиёти классикии форсу тоҷик Шайх Саъдӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Хоҷа Ҳофиз ва Мирзо Абдулқодири Бедил ба мақоми сарварӣ ноил гардидаанд ва бузургии Ҳофиз, ба таъбири академик А. Мирзоев, дар он аст, ки ӯ ду равияи хосси ғазалсароии Саъдӣ ва Мавлонои Румро ба ҳам даромехт. Тавассути ин корнамоии Ҳофиз ғазал дар асри XIV «чи аз нуқтаи назари маонии баланди ҳаёт ва чи аз ҷиҳати услуби баён – мувофиқати лафзу маънӣ, интихоби мавзӯъҳои хосси ғазал, устодона кор фармудани санъатҳои бадеӣ ва дар айни ҳол риоя намудани равонӣ – ширинии сухан ва амсоли он ба авҷи тараққиёти худ мерасад» [5, с.216].

Дар ғазали Салими Хатлонӣ бошад, бештар тарзи ифода ва баёни орифона, инсондӯстона ва ҳаётдӯстонаи Ҳофиз, равияи ҳакимона ва файласуфонаи Бедил ва равишу маърифати Мавлонои Румро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳамин аст, ки дар ғазалиёти Салим «ирфони зебоӣ, ҳикмат ва маърифат бо шеваҳову ваҷҳҳо бо якдигар пайваст хӯрдааст» ва вақте ки шоир бо шавқи саршор ба ғазал рӯ меорад, ӯ «ба қолаб, радиф, қофия ва забон, мазмуну маҳаки маърифат ва бадеияти шеър тасарруфи тамом дорад» [2, с.25].

Аҳли таҳқиқ инчунин ба сабки нигориши ғазалиёти Салими Хатлонӣ низ ишораҳо кардаанд. Ба гуфти адабиётшинос К. Саидолимов, ғазалиёти Салим аслан дар пайравии сабки ҳиндӣ эҷод шудаанд, вале «аз баёни печида ва файласуфона, ки хосси сабки Бедил аст, камтар истифода карда, бештар ба саҳли мумтанеъ гироиш пайдо мекунад» [7, с.464].

Дар ҳақиқат, бархе аз ғазалиёти Салим хусусиятҳои сабки ҳиндиро комилан дар худ таҷассум намудаанд. Аз ҷумла, ғазали зерин сар то по аз ташбеҳи мураккаб, ки бештар дар осори бадеии шоирони сабки ҳиндӣ мушоҳида мешавад [6, с. 60], иборат мебошад ва ҷолиб аст, ки он дар вазну қофияи ғазали Бедил суруда шудааст:

Абдулқодири Бедил:

Ақбаи дигар набошад рӯҳи аз тан растаро,
Нест бими сӯхтан дуди зи оташ ҷастаро.
Шикваи гардун далели тангдастиҳои мост,
Нола дар парвоз бошад тойири парбастаро.
Мавҷ чун бо якдигар ҷӯшид, гавҳар мешавад,
Дил тавон гуфтан нафасҳои ба ҳам пайвастаро [1, с.144].

Салими Хатлонӣ:

Эътибор ин аст бори кардаву нокардаро,
Завқи рафтан мефизояд роҳ ин овардаро.
Орзуи васл орои ҷудоӣ додааст,
Нестӣ аз ҳаст таълим аст ин офардаро.
Заҳраро гар менадонӣ, ҳикмати шеърӣ чаро?
Бими нодонӣ барад аз заҳрадонат зардаро [10, с.199].

Доир ба иртиботи ғазалиёти Салими Хатлонӣ ба сабкҳои адабӣ мулоҳизаҳои Муҳаммадалии Аҷамӣ ҷолибтар ва густурдатар мебошад. Муҳаққиқ дар се сабки шеъри тоҷикӣ эҷод гардидани ғазалиёти Салимро ёдовар шуда, дар айни ҳол дар шеъри шоир мавқеи муайянкунанда доштани сабки хуросониро таъкид мекунад: «Ғазалҳои Салим дар ду буъд эҷод шудааст, сабки хуросонӣ, ироқӣ ва қисман ҳиндӣ. Сабки хуросонӣ дар ғазалҳои Салими Хатлонӣ маншаъ мегирад аз ҳамон сабки қадими хуросонӣ» [2, с.26].

Салими Хатлонӣ на танҳо дар эҷоди ғазал аз сабки хуросонӣ фаровон истифода намуд, инчунин ба қавли Аҷамӣ, ғазали қаландариро, ки дар эҷодиёти Шайх Аттор шурӯъ шуда буду баъдҳо аз байн рафт, дубора эҳё кард:

Соқиро раҳо кардам! Соқии хамӯшонро!
Тарки ин даҳо кардам! Садри боданӯшонро!
Вирд гуфтам аз хешӣ! Дар баҳои дарвешӣ!
Дар қаландарӣ додам ёди хирқанӯшонро!
Ҳарфи май ба ҷӯш омад! Сарфи ақлу ҳуш омад!
Ёри раҳнамо хоҳам, аҳди сахткӯшонро! [11, с.310].

Салими Хатлонӣ дар сабки ирокӣ низ, ки дар он «равияҳои шӯхию ирфонии ғазал бо ҳам омезиш ёфт» [13, с.76], ғазал эҷод кардааст:

Умр тоат дошт, то дар манзари эъҷозҳо,
Пардадори бахт шуд бепарда аз ин розҳо.
Муҳр дорад бар сари хомӯшӣ ин ломунтаҳо,
Завқро дунболи ишрат мекашад ин нозҳо…
Хатми имкон аст, к-ин тоб оварад ранги ҳаё,
Бори миннат медиҳад ин ганҷ аз оғозҳо [11, с.258].

М. Аҷамӣ дар мақолаи «Балоғати нигоҳ ва асолати шеър» чанд байт аз Салим оварда, бо ҳамин ба сабки ҳиндӣ низ иртибот доштани бархе аз ғазалиёти шоирро таъкид мекунад. Дар ҳақиқат, Салим, ки дар ғазалҳояш ба офаридани мазмун, махсусан мазмунҳои ахлоқиву иҷтимоӣ дилбастагӣ дорад, ба ин сабк таваҷҷуҳ кардани ӯ табиист, зеро ба гуфти адабиётшинос Ҷ.Саидзода, «сабки ҳиндӣ, ки асосан дар ғазал худро намоён мекунад, сабки мазмунгарост» [6, с.6].

Дар гулистони маъонӣ нест барги эътибор,
Ранг мебозам, ки чун аз нофа бӯ барбастаам [11, с.195].

Чанд бо ин гусса хӯ кардам ҳавои ноларо,
Хуни дил додам намо, овард рашки ноларо [11, с.200].

Сабкҳои ирокӣ ва ҳиндӣ дар натиҷаи тозакорӣ ва навигарии шоирони бузурги форсу тоҷик дар сабки хуросонӣ ба вуҷуд омадаанд, бинобар ин, сабки хуросонӣ сарчашмаи ду сабки баъдӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, Салими Хатлонӣ, ки муътақиди шоирони барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик мебошад, дар ғазалиёти ӯ хусусиятҳои ин се сабки адабӣ баръало мушоҳида мешавад.

Масъалаи дигаре, ки дар мавриди таҳлили ғазалиёти Салими Хатлонӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ мешавад, таъсири огоҳонаи шоир аз осори бадеии Ҷалолуддини Балхӣ мебошад. Бояд гуфт, ки шеваи таваҷҷуҳ ба офариниши ҳастӣ, маърифати ишқ дар шеъри муосири тоҷик аз шоироне чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар, Искандари Хатлонӣ оғоз гардида, «аз шоирони насли ҷавонтар Низом Қосим, Фарзона, Доро Наҷот ба ирфон гароиши бештар аз худ нишон додаанд» [2, с.33].

Вале дар марҳалае, ки шеъри муосири тоҷик зери таъсири Мавлоно рӯҳоният, эътимод ва ирфони худро мунтазам шакл медиҳад, Салими Хатлонӣ беш аз ҳар шоири дигар эътиқоду самимият ва майлу рағбати худро ба ин орифи бузург нишон дода тавонистааст, ки ба ин маснавиҳои «Ниёиш», «Шамими бодаву бод», «Хокистари ҳубоб», «Эй ба сират!!! Не ба сурат!!!» ва қисми умдаи ғазалиёти ӯ, ки «Армуғони муғон» ном гирифтаанд, мисол шуда метавонанд. Чунонки худ гуфтааст:

Ҳамчу Мавло бош гулхандори ишқ,
Хамчу Мавло бош бал бемори ишқ.
Аз ту зод ангезаи Мавлои Рум,
Шуҳратовои фазову марзу бум [10, с.344].

Бояд гуфт, ки дар адабиёти форсу тоҷик пайравии шоире ба шеъри шоири дигар таърихи қадима дорад ва баъзан пайравии ноогоҳона ва беҳунарона ба тақлид бадал мешавад. Вале Салим ба шеъри Мавлоно нигоҳи пурбор дорад ва дар ин росто ҳарфи худро мегӯяд. Ба гуфти М. Аҷамӣ, «Салими Хатлонӣ дар ҳунари шеър, Мавлоноро он гуна, ки ҳаст, такрор накардааст, балки дар худ такрор мешавад. Ӯ аз Мавлоно дарси маърифат ва сулуки андешаро омӯхтааст, аммо дар роҳи ҳунар худро қадам задааст» [2, с.35].

Агар аз ҳамин нуқтаи назар ба қисмати ғазалиёти «Армуғони муғон» назар андозем, мебинем, ки чӣ андоза мактаби шоирии Мавлоно дар ниҳоди Салим шоирона нигористан, ошиқона муносибат кардан ва шӯру шавқро ба бор овардааст, ба андозае ки ӯ дар шеъри худ ҷилваи тоза ва тасвирҳои шоистаеро ҷорӣ мекунад:

Даст ба ҷон омадаӣ! Роҳати ҷонро чӣ кунам?
Марг аён омадаӣ! Фикри амонро чӣ кунам?
Эй ба ниҳон гашта аён! Эй ба айн гашта ниҳон!
Зикр туӣ! Зора туӣ! Айну ниҳонро чӣ кунам?
Эй ҷигари пораи ман! Менакунӣ чораи ман!
Хуни дил афзун чу равад, чорагаронро чӣ кунам?
Чашму дилу гӯш манам! Сӯи ту хомӯш манам!
Мегузарам ҷониби ту! Ҳарфи баёнро чӣ кунам?

Заҳраи шерона барам! Рахт зи ин хона барам!
Роҳи дари хона намо! Кавну маконро чӣ кунам?
Пеши ту, эй ёр, хушам! Аз ту ба озор хушам!
Пеши ту хоҳам ба сафо! Хешвашонро чӣ кунам? [11, с.309].

Дар ин ғазали Салим, чун дар ғазалиёти Мавлоно, ирфон ва маърифат басо нозук ва марғуб садо медиҳад, ки хонандаро беихтиёр ба худ ҷалб месозад ва ӯро водор мекунад, ки худро кашф созад. Дар ин ғазал аз худ растан ва ба маъшуқи азалӣ расидани қаҳрамони лирикӣ дар либоси шинами бадеӣ баён гардидааст. Тарзи баён, забон ва санъатҳои бадеии ғазал аз ҳунари нигорандагии шоир дарак медиҳад.

Салими Хатлонӣ ҷаҳду талош мекунад, ки дар фазо ба сабки Мавлоно диди ба худ хос дошта бошад ва забон, андеша ва мусиқии ғазалиёти ин суханвари малакутиро дар ҳавзаи шеъри имрӯз баррасӣ намояд. Муқоисаҳои поён аз эътиқод, ҷазб ва самимияти Салим ба ашъори Мавлоно дарак медиҳад.

Мавлоно:
Боз омадам чун иди нав, то қуфли зиндон бишканам,
В-ин чархи мардумхорро чанголу дандон бишканам [12, с.191].

Салими Хатлонӣ:
Деворҳоро бишканам, то сӯи саҳро бингарам,
Ин хешро бар ҳам занам, аз хеш бар мо бингарам [10, с.334].

Мавлоно:
Ёр маро, ёр маро, ишқи ҷигархор маро,
Ёр туйӣ, ғор туйӣ, хоҷа, нигаҳ дор маро.
Нур туйӣ, сур туйӣ, давлати Мансур туйӣ,
Мурғи кӯҳи Тур туйӣ, хаста ба минқор маро [12, с.39].

Салими Хатлонӣ:
Ғолия бӯ, ғолия бӯ, ғолия бӯ медиҳадам,
Пайки сабӯ, пайки сабӯ, пайки сабӯ медиҳадам.
Боди сабо, боди сабо, боди сабо мегузарад,
Бӯса ба рӯ, бӯса ба рӯ, бӯса ба рӯ медиҳадам [11, с.321].

Такрори калимаву таркибҳо ҳам дар ғазали Мавлоно ва ҳам дар ғазали Салими Хатлонӣ ҷанбаи амиқи мусиқӣ ато намудааст. Ҳамчунин, Салим дар ғазалиёташ аз саноеи адабӣ, махсусан ташбеҳ, истиора, таҷнис, киноя, маҷоз басо бомаҳорат истифода мекунад. Дар байти зерин ба саг ташбеҳ шудани қаҳрамони лирикӣ ва ҳам басо мувофиқ омадани таносуби сухан ифоданокӣ ва рӯҳи халқии матнро таъмин намуда, дар баёни мазмун (ба як устухон қаноат кардани саг далели вафодорӣ ва аҷзу ниёзи ошиқ аст) низ мусоидат кардааст:

Бо дидани ҷамоли ту донам, ки ҷон хуш аст,
Ин саг ба қадри лаззати як устухон хуш аст [11, с.209].

Ё худ дар байти зерин чор маротиба зикр шудан ва ҳар бор маънои дигарро ифода намудани калимаи чанг, ки дар адабиётшиносӣ таҷниси лафзӣ ном дорад, матнро ҷолиб ва муассир гардонидааст:

Рост, эй Зуҳра, нашуд қомати чанг аз чангат,
Бадтар аз чанги ту, эй гард, аҷалро чанг аст [11, с.206].

Дар назари шоир, сайёраи Зуҳра мутриби фалак мебошад ва чанг (асбоби мусиқӣ) дорад, ки чӯби он камоншакл (чанг) аст. Дар мисраи дуюм чанги аввал маънои ғубор ва чанги сонӣ маънои панҷаи дастро дорад. Шоир ба маҷоз аҷалро чун инсоне тасвир кардааст, ки сарпанҷаи бақувват дорад ва аз чанги он касе раҳо ёфта наметавонад.

Аз ҳама бештар дар ғазалиёти Салим санъати талмеҳ истифода шудааст. Шоир ҳунари нигорандагӣ ва дастовардҳои адабию эстетикии худро тавассути образҳои асотирӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, динӣ, афсонавӣ ва ирфонии Одам, Ҳаво, Юсуф, Фиръавн, Доро, Искандар, Сом, Рустам, Ҷамшед, Маҷнун, Фарҳод, Фаридун, Заҳҳок, Мансур, Ширин, Зуҳра ва ғайра ошкор месозад. Масалан, номҳои ҷуғрофии Чин ва Банғола ба байти зерин мазмуни барҷастаи ватандорӣ ва меҳанпарастӣ бахшидааст:

Дар Ватан парвард бояд эътимоди ақлро,
Нест дар Чин эътиборе зодаи Банголаро [11, с.200].

Дар ҳақиқат, шахсоне ҳастанд, ки неруи ақлонӣ ва имкониятҳои созандагии худро ба манфиати бегонагон ва ободии мулки онҳо сарф мекунанд, вале онҳо бояд донанд, ки фақат дар Ватани худ эътибор дошта метавонанду халос.

Талмеҳоти Салими Хатлонӣ, ки ба дониши фарогир ва умқи андешаҳои шоир ишора мекунанд, низ аз ҳарорату балоғати ашъори ӯ дарак медиҳанд. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи эҷодиёти Салим дар шеъри имрӯзаи тоҷик дар ҳамин ишораҳои фаровони ӯ ба қисса ва достонҳои асотирӣ ва диниву мазҳабӣ мебошад ва «касе дар шеъри муосир дар истифодаи санъати талмеҳ ба Салими Хатлонӣ баробар намеояд» [2, с.40].

Дар байти зерин шоир дар ифодаи андешаи борик, вале қадрнашудаи истеъдоди худ ба яке аз пайғамбарони исроилӣ - Юсуф, ки тавассути ҳусни беҳамто ва истеъдоди фавқулода ба подшоҳии Миср мерасад, ишора кардааст:

Юсуфи Канъон ба ҳуснаш Мисрро арзон гирифт,
Юсуфи андешаи мо тоҷдори чоҳ буд [10, с.301].

Донишманди эронӣ Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ дар «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» ном асараш асотири Ҷоми Ҷамро чунин шарҳ додааст: «Бинобар бархе ривоёти «Маздаясно» пайдоиши май ба замони Ҷамшед марбут мешавад. Ҳамин масъала муҷиби мулозимаи (нисбати) ҷом бо Ҷамшед ва пайдоиши таркиби «ҷоми Ҷам» дар маънии зоҳирӣ ва ирфонии он дар адаби форсӣ шудааст» [25, с.154]. Салим дар ғазалиёташ ба ин ривоят ишораи фаровон дорад. Аз ҷумла, дар ҷое гуфтааст:

Ҷамшедсиратем ба овозаи нафас,
Ҷоме сипардаему Ҷам аз ҷо надидаем [10, с.287].

Шоир дар ин байт зоҳирбинӣ ва ибратнопазирии вопасмондагонро ба ниёгони барӯманди худ тавассути талмеҳан овардани ҷоми Ҷам таъкид намудаст.

Умуман, ғазалиёти Салими Хатлонӣ басо нозукхаёлона ва андешамандонаву борикбинона эҷод гардида, муҳимтарин масъала, муаммо ва мазмунҳои ҳаётӣ, иҷтимоӣ ва фалсафиро дар бар кардаанд ва ба тасвирҳои орифона, ҳаётдӯстона ва инсоннекбинонаи худ дар шеъри муосири тоҷик мақоми сазовор ва барозанда касб кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулқодири Бедил. Осор. - Душанбе: Адиб, 1989. -Ҷ.1. - 352 с.
2. Аҷамӣ М. Балоғати нигоҳ ва асолати шеър // Салими Хатлонӣ. Мунтахаби ашъор.–Душанбе: Истеъдод, 2010. -Ҷ.3. – С. 3-40.
3. Ғоиб Ҳ. Унсурҳои шеъри Салим // Садои мардум. - 2002. - 18 апрел.
4. Казва А. Жанр газели в современной таджикской поэзии: автореферат дисс…канд. фил. наук: 10.01.03 - Литература народов стран зарубежья (таджикская литература) / А. Казва. – Душанбе, 2012. – 26 с.
5. Мирзоев А. Фонӣ ва Ҳофиз / А.Мирзоев // Сездаҳ мақола. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 238 с.
6. Саидзода Ҷ. Сабки ҳиндӣ гарчи сабки тоза буд // Адабиёт ва санъат. – 2012. - 23 феврал.
7. Саидолимов К. Шеърро бар дафтар аз хуни ҷигар овардаанд / К.Саидолимов // Салими Хатлонӣ. Мунтахаби ашъор. - Душанбе: Ҳумо, 2007. -Ҷ.2. - С. 460-476.
8. Табаров С. Дилбохтаи ғазал / С.Табаров // Садои мардум. – 2001.- 21 июл.
9. Хатлони С. Переводы стихов с русского на таджикский язык (Дипломная работа). - М., 1989. – 87 с.
10. Хатлонӣ С.Мунтахаби ашъор. - Душанбе: Ҳумо, 2007. -Ҷ.2.– 484 с.
11. Хатлонӣ С. Мунтахаби ашъор. - Душанбе:Истеъдод, 2010. -Ҷ.3. – 152 с.
12. Ҷалолуддини Румӣ. Девони кабир. - Душанбе: Адиб, 1992. -Ҷ.1.- 448 с.
13. Шарифов Х. Сабки ирокӣ / Х.Шарифов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. - Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭМТ, 2004. -Қ.3. – 654 с.

СЕ САБКИ ҒАЗАЛСАРОӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ САЛИМИ ХАТЛОНӢ

Ғазал ҳамчун жанри аз ҳама серистеъмол дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ҷойгоҳ ва манзалати баланд дошт ва бо вуҷуди як муддат дар даврони шӯравӣ кунд шудани истифодааш дубора дар адабиёти замони истиқлол эҳё шуд ва дар сатҳи волои камолу қудрат қарор гирифт. Тақрибан адиберо ёфтан муҳол аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ машқи ғазал накарда бошад. Адибони маъруфе, мисли Муъмин Қаноат, Гулрухсор, Низом Қосим, Муҳаммад Ғоиб, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Камол Насрулло ва даҳҳо дигарон дар сурудани ғазал шуҳрат пайдо карда, беҳтарин навъҳои онро офаридаанд. Ғазали давраи нав аз марзи ситоиши мавзӯи ҷовидонии он – ишқу муҳаббат убур карда, масоили гуногуни ҳастии маънавии башариятро фаро мегирифтагӣ шуд. Дар ин миёна эҷодиёти Салими Хатлонӣ аз ҳар ҷиҳат қобили таҳқиқ буда метавонад, зеро дар осори манзуми ин шоири тавонманд анвои гуногуни ғазал ва сабкҳои маъруфи адабиёти классикии тоҷик – хуросонӣ, ирокӣ ва ҳиндӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ғазалиёти ӯ қонуниятҳои дохилӣ, санъату воситаҳои тасвири бадеӣ, таносуби сухану вижагиҳои забонӣ басо моҳирона истифода шудааст. Шоир асосан дар се сабки шеъри тоҷикӣ –ҳиндӣ, ирокӣ ва хуросонӣ эҷод кардааст, аммо аксаран дар шеъри шоир сабки хуросонӣ мавқеи аввалдараҷа дорад. Бархе ғазалиёти Салим дар пайравии сабки ҳиндӣ эҷод шудааст, вале аз баёни печида ва файласуфона, ки хосси сабки Бедил аст, камтар истифода карда, бештар ба саҳли мумтанеъ гироиш намудааст. Дар мақола асосан масоили сабки баён ва тарзи ифодаи шоир дар ғазалиёташ мавриди баррасӣ қарор гирифта, вижагиҳои ҳунари шоирии ин эҷодкор рӯшан карда шудаанд.

Калидвожаҳо: сабки баён, хаёл, ифода, ҳунари шоирӣ, образ, рӯҳоният, маънавият, эҳсос, ишқ, байт, ситоиш, камолот, ақида.

ТРИ СТИЛЯ СОЧИНЕНИЯ ГАЗЕЛЕЙ В ТВОРЧЕСТВЕ САЛИМА ХАТЛОНИ

Газель в истории персидско-таджикской литературы является самым распространненым жанром лирики. Её образно называют царицей поэзии. Это стихотворение, преимущественно лирическое, состоящее из двустиший – бейтов, которые связаны между собой рифмой. Она представлена в творчестве всех выдающихся таджикских поэтов, как в советской эпохи, так и в периоде независимости Республики Таджикистан. В данной статье исследуется вопросы разновидностей жанра газели, тематические и художественные особенности газелей Салими Хатлони, одного из виднейших поэтов-лириков современной таджикской литературы. В творчестве Салими Хатлони газель занимает особое место и в ней поэт следует за великими поэтами – классиками, такими как Хафиз, Саади, Камоли Худжанди, Соиб, Сайидо. В газелях Салими Хатлони ярко прослеживается духовное и художественно-эстетическое влияние Джалалуддина Балхи. Другая особенность газелей Салима Хатлони является его творческое подражание другим талантливым поэтам-классикам - Соиби Табрези и Сайидои Насафи. Кроме того, в газелях Салими Хатлони можно проследить влияние содержания, рифмы и тематики современных поэтов, таких как Муъмин Каноата, Лоика Шерали, Гулрухсора, Гулназара, Искандари Хатлони, и наряду с этим его стиль можно уподобить стилю его современников, таких как Низом Косим, Фарзона, Доро Наджот, в газелях которых выражаются мистические размышления наших классиков. Таким образом, в поэтическом творчестве Салима Хатлони обнаруживаются три стиля сочинения газелей – хорасанский, индийский и иракский стили. Манера изложения поэта, особенно при его подражании Бедилю, отличается крайней сложностью, образы становятся глубокими и многозначными. В статье также автор рассматривает другие вопросы касательно поэтического мастерства поэта, его особую манеру изложения и вопросы художественности.

Ключевые слова: стиль изложения, воображение, изображение, поэтическое мастерство, образ, духовность, нравственность, чувство, любовь, бейт, совершенство, мысль.

THREE STYLE OF ELEVATING GASELS IN CREATIVITY SALIM KHATLONI

Gazelle in the history of Persian-Tajik literature is the most widespread genre of lyrics. She is figuratively called the queen of poetry. This poem, mostly lyrical, consisting of couplets - bayts, which are connected by rhyme. It is represented in the works of all outstanding Tajik poets, both in the Soviet era and in the period of independence of the Republic of Tajikistan. This article explores the variations of the gazelle genre, the thematic and artistic features of the ghazals of Salimi Khatloni, one of the most prominent lyric poets of modern Tajik literature. In the works of Salimi Khatlon, the ghazal occupies a special place and in them the poet follows great poets - classics such as Hafiz, Saadi, Kamoli Khujandi, Soib, Sayido. In the ghazals of Salimi Khatlon, the spiritual and artistic-aesthetic influence of Jalaluddin Balkhi is clearly traced. Another feature of the gazelles of Salim Khatloni is his creative imitation of other talented classic poets - Soibi Tabrezi and Sayidoi Nasafi. In addition, in the ghazals of Salimi Khatloni, one can trace the influence of the content, rhyme, and themes of modern poets, such as Mumin Kanoat, Loik Sherali, Gulrukhsora, Gulnazar, Iskandari Khatloni, and at the same time his style can be likened to the style of his contemporaries, such as Nizom Kosim, Farzona, Doro Najot, in the ghazals of which the mystical reflections of our classics are expressed. Thus, in the poetry of Salim Khatlon, there are three styles of writing gazelles - Khorasan, Indian and Iraqi styles. The manner of presentation of the poet, especially when imitating Bedil, is extremely complex, the images become deep and multivalued. In the article, the author also examines other issues regarding the poet's poetic mastery, his particular manner of presentation and questions of artistry.

Key words: presentation style, imagination, image, poetic skill, image, spirituality, morality, feeling, love, beit, perfection, thought.

Сведения об авторе: ***Косимов Солех Салимович*** **–** Таджикский национальный университет**,** кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **soleh_76@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-837-67-76**

Information about the author: ***Solekh Salimovich Kosimov*** - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **soleh_76@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-837-67-76**

УДК: 891.550-1:82

ВАТАНДОРӢ ВА ИШҚИ ВАТАН – ЯКЕ АЗ МАВЗӮЪҲОИ МАРКАЗӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ МЕҲРИНИСО ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН

Бекназарова Н.У.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Мавзӯи Ватан, ватандӯстӣ, ватандорӣ, ишқу муҳаббат нисбат ба Ватан ва сарзамини аҷдодиву зодгоҳ дар адабиёти ҳам назмӣ ва ҳам насрии пас аз даврони истиқлолияти тоҷик ба яке аз мавзӯъҳои марказӣ ва қадимтарин табдил ёфта, адибони тоҷик тайи зиёда аз ду даҳсола дар ин мавзӯъ осори хубу хондanӣ ба вуҷуд овардаанд.

Ҳарчанд ки то даврони истиқлолият, бахусус, дар даҳсолаи ахири мавҷудияти давлати шӯравӣ, яъне дар солҳои 80-уми асри ХХ, шоирону нависандагони тоҷик бо эҳсоси баланду завқи махсус оид ба мавзӯъҳои алоқаманд ба миллату худшиносии миллӣ ва хештандориву ватандорӣ, эҳтиром нисбат ба таърихи гузаштаи миллат асарҳои хубе рӯйи сафҳа оварда буданд, аммо ин мавзӯъ дар даврони пас аз истиқлолият ба нуқтаи баландтарини такмили худ даст ёфт. Ҳам дар назму ҳам дар наср маҳсули зеҳнӣ ва бадеии хубе ба вуҷуд оварда шуданд, ки имрӯз бархе аз онҳоро бо сабаби ба ҳадди зиёд гӯшрасу маъруф шуданашон метавон ба ҳайси беҳтарин ашъори шиорона ва шуҳратёфта эътироф намуд. Яке аз ин гурӯҳи адибони тоҷик, ки дар осори онон мавзӯъҳои алоқаманд ба худшиносиву миллатдӯстӣ ва эҳтиром аз таърихи аҷдод зиёд вомехӯранд ва дар онҳо эҳсоси ботинии ишқу муҳаббат нисбат ба Меҳан – Модар ҷӯш ва аланга мезанад, ин шоираи хушқареҳа ва бозавқу ҳунар Меҳринисо мебошад. Дар ашъори ба мавзӯи меҳандӯстиву ватандорӣ бахшидашудаи Меҳринисо, аслан, сабку услуби содаву оммафаҳм, равониву хушбаёнӣ истифода гардида, тарзи баён, бакоргирии вожаҳову таркибҳо ва истиораҳои дилнишин суханони ӯро ба тарзи гуфтори халқ бисёр наздик намудаанд. Адабиётшиноси шаҳири садаи пешини тоҷик устод Носирҷон Маъсумӣ ҳам яке аз афзалиятҳои ҳунари ҳар суханварро дар ҳамин ҷиҳати дар боло зикршуда маънидод карда, зимнан, қайд кардааст, ки халқӣ будани асар забони вазнин ва муғлақбаёнӣ дар забонро рад мекунад [1, с.211].

Мавзӯи ватандорӣ бо тобишҳои нави худ маҷмӯаҳои ашъори Меҳринисоро зебу зинат медиҳад. Тараннуми ваҳдати байниҳамдигарии тоҷикон, ифтихор аз соҳибватан будан, фахр аз зебоии сарзамини аҷдодӣ - инҳо аз рукнҳои муҳаббати шоира нисбат ба Ватан – Модар мебошанд. Меҳринисо ваҳдати миллиро шиори кору фаъолияти рӯзмарраи иҷтимоӣ шумурда, онро сабабгори бахту иқболи мардуми тоҷик медонад, ки ҳақиқати маҳз аст. Бинобар ин, ӯ орзу дорад, ки чун имрӯз Тоҷикистони азизамон ҳамеша зери нури хуршеди дӯстиву рафоқат қарор бигирад. Зеро, чунонки вай қайд карда, ифтихори ҳар тоҷик – ин Ватан ва ватандорӣ аст:

Ваҳдати миллат шиори кори мо,	*Ибтикори ҳар накукорӣ, Ватан.*
Бахт бошад ҷовидона ёри мо.	*Шукри некуӣ бувад армони мо,*
Зери нури офтоби дӯстӣ	*Чашмаи ҷӯшандаи даврони мо.*
Зинда бодо мулки нотакрори мо.	*Яктану якҷону якрӯ бо Ватан,*
Ифтихори мо ватандорӣ, Ватан,	*Халқ бошад қувваи имони мо [1, с.5].*

Он гуна ки аз ашъори Меҳринисо бармеояд, ӯ ифтихор ва мояи ғурури ҳар фарди тоҷик ва навовариҳову накукориҳои ӯро иборат аз Ватан медонад ва, зимни ин гуфтаҳо, Тоҷикистонро биҳишти дунё, ҳатто, маъбади тоҷикон меҳисобад, ки ин мазмун дар ашъори ба мавзӯи Ватан ва ватандорӣ бахшидашудаи адабиёти муосири тоҷик нав аст:

Тоҷикистон ҷаннати рӯйи замин,
Маъбади тоҷик ҳамин асту ҳамин [1, с.5].

Чунонки дида мешавад, дар ҳамчунин ашъор эҳсосоти меҳандӯстии Меҳринисо ҷӯш мезанад. Ӯ аз ғалабаи эҳсосот Тоҷикистонро маъбадгоҳи тоҷикон меҳисобад ва аз сари завқ ҷаннати рӯйи заминаш мепиндорад. Аммо ин баландгӯйиҳои шоира ҷой доранд, зеро Тоҷикистон, барҳақ, зодгоҳи шеъру фарҳанг ва ҳунару истеъдодҳост. Тоҷикистон, чунонки худи шоира мегӯяд, остони офариниши ориён мебошад:

Зодгоҳи шеъру фарҳангу ҳунар,
Остони ориёноофарин [1, с.5].

Ишқи Ватан, албатта, барои ҳар инсони соҳибдиле аз ишқи зодгоҳ ва муҳаббат бар он сарзамине, ки дар он ҷо ӯ рӯ ба дунёи ҳастӣ овардааст, оғоз меёбад. Меҳринисо ба зодбуми хеш чун ҳар фарди соҳибдилу вафодор муҳаббати беандоза дорад. Ҷуз аз ду мафҳуми муқаддас - Худо ва Модар, ки ягон мафҳум ва ягон чизе ҷойи он дуро ҳаргиз нахоҳад гирифт, дар қалби ҳассоси Меҳринисо ишқ нисбат ба зодгоҳаш – Панҷакент ҷой гирифтааст:

Куҳандиёрам, Панҷакент,
Кавни таборам, Панҷакент.
Баъд аз Худову модарам,
Парвардигорам, Панҷакент [1, с.27].

Ишқи зодбум аст, ки муҳаббати Ватан – Тоҷикистонро дар қалби Меҳринисо дар ҷӯш меоварад ва сарчашмаи розу ниёзмандиҳои вай дар баробари остони Ватан мегардад. Ӯ дар намоз ҳам ёди Ватан мекунад ва тоҷикӣ намоз мегузорад, дар баробари накҳати атромези кишвараш мадҳуш мегардад ва дар ситоиши он инони ихтиёр аз даст медиҳад ва зеботарин суханҳоро ба меҳани биҳиштосои худ мебахшад:

Тоҷикистон, ман намозамро ба номат мегузорам тоҷикӣ,
Ифтихорам тоҷикӣ, дору надорам тоҷикӣ...

...Ваҳдати миллат таманнои дили Меҳринисо,
Ин башорат шуълаи санги мазорам тоҷикӣ [2, с.12].

Ҷойи дигар шоира Меҳринисо бо эҳсоси хос ба як зан – шоир меваи ваҳдати тоҷиконро ба қалами тасвир кашида ва аз ватани тинҷу ором ва пурфайзии кишвари маҳбубаш изҳори хушнудиву фраҳмандии зиёд менамояд. Зинда шудани номи Оли Сомон, самараи шаҳдбори сулҳу видоди миллӣ, эҳёи фарри каёнӣ ва бар сари миллату давлат фаро омадани бози иқболу хушбахтӣ – ҳама сарчашмаи илҳом ва барангехтани эҳсосоти ботинии Меҳринисо гардида, ӯро ба дунёи тахайюлоти шоирона равона сохтаанд:

Сомонӣ ба сомон шуд, Сомон муборак бод!
Покиза ба даврон шуд, даврон муборак бод!...

...Ин бози сари давлат, рамзу алами ваҳдат,
Матлуби ҳабибон шуд, ин шон муборак бод! [1]

Бояд қайд намуд, ки дар ашъори ба мавзӯъҳои Ватан, ватандорӣ, ваҳдат ва сулҳи тоҷикон бахшидаи Меҳринисо як навъ сабки хосси ӯ ҷилвагар мешавад. Вожаҳову таркибҳои содаву дилнишин, ибораву таркибҳои хубу муассир, мазомини наву гуворо ва, ниҳоятан, вазнҳои сабуку тездарёдшаванда ашъори ватанхоҳонаи Меҳринисоро басо хонданиву таъсирбахш гардонидаанд. Аз ҷумла, дар абёти поён аз як шеъри ӯ дар ин мавзӯъ то чӣ дараҷа ба ҳақиқат наздикӣ доштани суханҳои боло собит мегарданд:

Тоҷдорӣ суннати мо, *Растагорӣ зинати мо.* *Бахту тахту савлати мо,*	*Бошад андар ваҳдати мо* *Тоҷикистон, Тоҷикистон,* *Каъбаи дил, нури имон [2, с.5].*

Шоир бар он итминон дорад, ки меҳани азизамон – Тоҷикистон доиман дар ҳифзу илтифоти Худой аст ва, ҳамчунин, дар ишора бар душманон хитоб менамояд, ки бигзор онҳо дар оташи бухлу ҳасад бисӯзанд:

Тоҷикистонро Аҳуро раҳнамоӣ мекунад,
То бисӯзад аз ҳасад ҳафтод пушти Аҳриман [2, с.10].

Дар як шеъраш Меҳринисо ваҳдатро тасвири басо дилнишину таъсирбахш намуда, онро овои паёмбар номидааст. Ҳамчунин, ба хонандаи худ таъкид намудааст, ки агар хостгори озодӣ бошӣ, ваҳдатро аз таҳти дил дӯст бидор ва онро парастиш бикун:

Ободии кишвар аст, ваҳдат, *Овои паямбар аст ваҳдат.*	*Озодӣ ба коми дил бихоҳӣ,* *Дарёбу ба ҷон параст ваҳдат [2, с.11].*

Мавзӯи ватандорӣ ё муҳаббат ба Меҳан дар тамоми давраҳои эҷодиёти пас аз истиқлолияти шоира Меҳринисо ҷилои махсус дорад. Ашъори ӯ дар ин мавзӯъ бисёр дилчаспу ҷаззобанд, хонандаро бо содагиву дилнишинии худ зуд ба хеш ҷазб менамоянд. Дар онҳо газофагӯйӣ, сохтакорӣ, яъне ба таври ғайризинда сухан пардохтан ба назар намерасад. Калимаҳои фаҳмову сабки равон ва услуби оммафаҳм - ҳама зебоиву ҷаззобият дар ашъори ба ин мавзӯъ бахшидаи ӯро ба вуҷуд овардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб.- Ҷ.I. Адабиётшиносӣ ва танқид.- Душанбе: Ирфон, 1977.- 363 с.
2. Меҳринисо. Замзамаи зебоӣ.- Душанбе: Адиб, 2001.- 95 с.
3. Меҳринисо. Марде аз табори равшанӣ. – Душанбе, 2013, -311 с.
4. Меҳринисо. Шароби нур.- Душанбе, 1996.- 158 с.

ВАТАНДОРӢ ВА ИШҚИ ВАТАН – ЯКЕ АЗ МАВЗӮЪҲОИ МАРКАЗӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ МЕҲРИНИСО ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН

Муаллиф дар мақола оид ба эҷодиёти яке аз беҳтарин занони суханвари тоҷик - Меҳринисо сухан меронад. Мавзӯи ватандӯстӣ ва худшиносӣ,-қайд менамояд муаллиф,- яке аз асоситарин ва марказитарин мавзӯъҳо дар эҷодиёти шоира Меҳринисо ба шумор меравад. Дар тараннум ва тасвири мавзӯи ватандӯстӣ ҳолати ботинии шоира инъикос меёбад, эҳсосоти шоиронаи вай равшан мегардад. Муаллиф қайд менамояд, ки ин мавзӯъ пас аз мавзӯи ишқу муҳаббат дар эҷодиёти Меҳринисо ҷойи

марказиро ишғол менамояд. Дар ашъори ба мавзӯи меҳандӯстиву ватандорӣ бахшидашудаи Меҳринисо, аслан, сабку услуби содаву оммафаҳм, равониву хушбаёнӣ истифода гардида, тарзи баён, бакоргирии вожаҳо, ибораҳо ва таркибҳои халқӣ ва намунаҳое аз истиораҳои дилнишину зинда суханони ӯро ба тарзи гуфтори халқ бисёр наздик намудаанд, ки ин далолаткунандаи вуҷуди воқеият ва халқият дар эҷодиёти ӯст. Мавзӯи ватандорӣ бо тобишҳои нави худ маҷмӯаҳои ашъори Меҳринисоро зебу зинат медиҳад. Тараннуми ваҳдати байниҳамдигарии тоҷикон, ифтихор аз соҳибватан будан, фахр аз зебоии сарзамини аҷдодӣ - инҳо аз рукнҳои муҳаббати шоира нисбат ба Ватан – Модар мебошанд. Меҳринисо ваҳдати миллиро шиори кору фаъолияти рӯзмарраи иҷтимоӣ шумурда, онро сабабгори бахту иқболи мардуми тоҷик медонад, ки ҳақиқати маҳз аст.

Калидвожаҳо: Меҳринисо, Ватан, ватандӯстӣ, ватандорӣ, худшиносӣ, хештандорӣ, эҳсоси ботинӣ.

ЛЮБОВЬ К РОДИНЕ – ОДНА ИЗ ЦЕНТРАЛЬНЫХ ТЕМ ТВОРЧЕСТВА МЕХРИНИСО В ЭПОХУ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье говорится о лучшей и уважаемой женщине – матери, красноречивой Мехринисо и её творчестве. Автор статьи рассматривает темы творчества Мехринисо, актуальные на сегодняшный день. В статье отмечается, что одной из основных тем поэзии Мехринисо являются национальное самопознание и любовь к Родине. Воспевание любви к Родине, отчизне в ее творчестве отображает внутренное состояние поэтессы Мехринисо и чувство любви в её сердце. Это тема в творчестве Мехринисо занимает особое и значимое место. В стихах поэтессы, посвященных любви к Родине, в основном, использован простой и доступный стиль, который понятен простому читателю. Применение Мехринисо красивых слов, словосочетаний и народных вариантов языковых оборотов, свежих и изумительных примеров поэтической фигуры - метафоры, послужило сближению стиля изложения поэтессы с устной народной речью, что действительно говорит о реальности и народности ее стихотворений. Тема любви к Родине своими новыми красками украшает сборники стихов Мехринисо. Воспевание солидарности и единства таджиков, гордости от того, что у таджиков есть единая и самостоятельная страна Таджикистан, восхищение красотой природы родины – все это является крепкими столпами любви поэтессы к Родине. Национальное единство для Мехринисо стало повседневным девизом ее социальной жизни, и поэтесса считает его основной причиной счастья и радости таджиков, что, без сомнения, является правдой.

Ключевые слова: Родина, любовь к родине, патриотизм, самопознание, внутреннее чувство.

LOVE FOR THE MOTHERLAND – IS ONE OF THE CENTRAL THEMES IN THE CREATION OF MEHRINISO IN THE ERA OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

The author speaks in her article about one of the best rhetoric Tajik woman – Mehriniso. Love of motherland and self-knowledge themes occupy the main and central themes in Mehriniso's creative work.Her internal condition reflects in praising and describing the love of Motherland theme, her poetic feeling becomes clear. The author notes, that the love of Motherland theme occupies the central place after the theme of love in Mehriniso's creative work. In the verses of the poetess devoted to love for the country, basically, it is used simple and accessible style which is clear even to each simple reader. Using of beautiful words by Mehriniso, word combinations and national variants of language turns, fresh and amazing examples of a poetic figure - metaphors, served approach of style of a statement of the poetess to oral folk speech that, really speaks about a reality and a nationality of her poems. Love for the country theme the new shades decorate collections of Mehriniso's verses. Poetizing solidarity and unity of Tajiks to be proud to that Tajiks have a uniform and independent country under the name of Tajikistan, to be proud of beauty of the nature of the native land - all are strong columns of love of the poetess to the Native land. The national unity for Mehriniso is the daily motto in her social life and the poetess considers as her main cause of happiness and pleasure of Tajiks that, it is undoubtedly truth.

Key words: Love of motherland, patriotic, motherland, self-knowledge, internal sufferings.

Сведение об автора: ***Бекназарова Нозила Усмоновна*** – Дангаринский государственный университет, аспирант кафедры таджикского языка и литературы факультета лингвистики и телекоммуникационных сетей. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-50-92-62**

Information about the author: ***Beknazarova Nozila Usmonovna*** - Dangara State University, graduate student of the Tajik language and literature department of the faculty of linguistics and telecommunication networks. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Markazi 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Tel.: **(+992) 907-50-92-62**

УДК: 8т1

НУСХАШИНОСИИ ОСОРИ АҲМАДИ ҶОМ

Мирзоҳофизиён М.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Дар таҳқиқи андеша ва афкори суханварон маърифати осори эшон муҳим арзёбӣ мегардад. Марҳилаи аввал ба нусхашиносии осор марбут мебошад. Дар ин таҳқиқ мавзӯи мазкурро дар мисоли осори суханвари номии асри XI Аҳмади Ҷом ба баррасӣ мегирем. Пажӯҳишро дар ду мабҳаси асосӣ анҷом медиҳем.

I. Нусхаҳои хаттии осори Аҳмади Ҷом

1) *“Анис-ут-тоибин”.* Номи пурраи асар “Анис-ут-тоибин ва сиротуллоҳи мубин” буда, бештар бо номи ихтисории “Анис-ут-тоибин” ёдоварӣ мешавад. Таърихи таълифаш дақиқ маълум нест. Зоҳиран аз осори нахустини Аҳмади Ҷом ба ҳисоб меравад. Муаллиф асарро дар посухи суолҳои муридони худ навиштааст. Асар аз 45 боб иборат аст. То имрӯз панҷ нусхаи хаттии ин асар дар китобхонаҳои ҷаҳон нигаҳдорӣ мешавад.

а) Нусхаи китобхонаи Анҷумани Осиёии Бангол, воқеъ дар Калкутта. Нусхаи мазкур пурра буда, бо хатти куҳан навишта шудааст. Таърихи китобат ва котиби он маълум нест. Ин нусха аз 214 варақ иборат буда, ҳар як саҳифа 17 сатрӣ бо хатти насхи равшан дастнавис гардидааст. Нусхаи мазкурро ховаршиноси машҳури рус В.Иванов хондааст ва ӯ соли 1924 дар бораи ин китоб мақолае низ чоп кардааст. Матншиносон китобати ин нусхаро дар асри XVI медонанд, аммо мусаҳҳеҳи китоби мазкур Алӣ Фозил ҳангоми радду бадали нусхаҳо ба ин андеша расида, ки “... мулоҳизаи хусусиёти чашмгир ва дархури эътино дар ин дастнавис ва муқоисаи он бо соири махтутоти мушобеҳ, таърихи китобати онро ба солҳои пеш аз ин таърих мусаллам месозад” [15, с.35].

б) Нусхаи китобхонаи “Остони қудси разавӣ” (Машҳад). Нусхаи мазкур таҳти рақами 4054 дар китобхонаи мазкур сабт гардида, он аз 171 варақ иборат мебошад ва ҳар як варақ дорои 16 сатр матн мебошад. Нусха каме ноқис буда, 9 варақи аввали он то мо нарасидааст. Аз боби савум оғоз мешавад: “Мепурсанд, ки тавҳид чист ва муваҳҳид кист?”. Нусхаи хаттии мазкур дар соли 928 ҳиҷрӣ, яъне дар асри XVI навишта шуда, яке аз нусхаҳои нисбатан комили то мо расида ба ҳисоб меравад. Нуктаи ҷолиби нусха дар он аст, ки куниятҳои Аҳмади Ҷом дар ин нусха аз чаҳор нусхаи дигар дида, изофатар баён гардидааст.

в) Нусхаи китобхонаи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, шаҳри Тошканд. Нусха комил мебошад. Ин нусха дар ганҷинаи дастнависҳои мазкур, таҳти рақами 2781 нигаҳдорӣ мешавад. Котиби нусха Мирзо Юсуфи Бухорӣ буда, асари мазкурро соли 1291 ҳиҷрӣ китобат кардааст. Нусха дорои 258 варақ буда, дар ҳар як варақ 15 сатр матн китобат шудааст.

г) Нусхаи мутааллиқ ба Муҳаммад Аъзами Ҷомии Аҳмадӣ, ки дар Ҳирот аст. Нусха ҷадид аст, бо хатти настаълиқи хуш навишта шудааст. Муҳаммад Аъзами Ҷомии Аҳмадӣ онро дар соли 1360 ҳиҷрӣ аз рӯйи нусхаҳое, ки дар ихтиёр дошта, дар 585 саҳифа навиштааст. Дар ҳар як саҳифа 15 - 16 сатр матн китобат гардидааст.

ғ) Нусхаи китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон. Нусхаи аксии китоб буда, таҳти рақами 6443 ва микрофилми он таҳти рақами 3324 дар китобхонаи мазкур нигаҳдорӣ мешавад. Котиби нусха шахсе бо номи “Абдулвоҳид” дар поёни китоб исми худро оварда, таърихи китобатро моҳи муҳаррами соли 1249 ҳиҷрӣ қаламдод намудааст. Аммо, мусаҳҳеҳи китоб Алӣ Фозил чунин баён менамояд: “... нусхае аст ҷадидуттаҳрир наздик ба замони мо ва зоҳиран таърихе, ки барои китобати он қаламдод шуда, сазовори тардид ва тааммул аст” [7, с.163; 15, с.35-46].

2) *“Равзат-ул-музнибин”.* Номи пурраи ин китоб “Равзат-ул-музнибин ва ҷаннат-ул-муштоқин” буда, аз 23 боб иборат мебошад. Дар байни солҳои 520-526/1126-1131 таълиф гардидааст. “Равзат-ул-музнибин” яке аз осори пуразиши сӯфиёнаи Шайх Аҳмад мебошад, ки дар адабиёти форсу тоҷик барои шинохти андешаҳои орифонаи ӯ хизмат хоҳад кард. Китоби мазкур ба султон Санҷар (1084-1157) эҳдо гардидааст. Шоҳ Қосими Анвор ин китобро бисёр сутуда ва дар васфаш абёте низ иншо намудааст [1, с.32; 5, 7, с.452; 8, с.325].

а) Нусхаи китобхонаи “Маҷлиси Шӯрои миллӣ”. Дар китобхонаи мазкур нусхаи дастнависи асари “Равзат-ул-музнибин”-и Аҳмади Ҷом таҳти рақами 7628 нигаҳдорӣ мешавад. Нусха дорои 72 варақ буда, матн дар ҳар варақ дар 19 сатр навишта шудааст. Котиби нусха шахсе бо тахаллуси “Исфизорӣ” буда, таърихи таълифи нусхаро дар ду ҷо моҳи муҳаррами соли 856 ҳиҷрӣ қаламдод намудааст. Нусха хеле қадима буда, котиб дар он саҳву хатоҳои зиёд намудааст, аммо дар ин нусха ҳифзи сурати асил ва куҳани вожаҳо дида мешавад.

б) Нусхаи маҳфуз дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон. Нусха аксбардоришуда буда, таҳти рақами 6466 ва микрофилми он зери шумораи 3325 дар ин китобхона нигаҳдорӣ мешавад. Котиби нусха Муҳаммад Аъзами Ҷомии Аҳмадӣ мебошад. Нусхаи мазкур дорои 213 варақ буда, бо хатти хуши настаълиқи шикаста ва насхи мутавассита навишта шудааст. Чунончи котиб навишта, нусха бо нусхаи асл муқобала гардидааст: “Пас аз итмоми таҳрири ин нусхаи муборака бо асл муқобала

шуд, ҳар ҷо каму зиёд ва саҳв шуда буд, мутобиқ ба китобе, ки ин аз рӯйи он таҳрир шуда, тасҳеҳ гардид” [16, с.100]. Бо вуҷуди ин, афтодани матн ва ғалатҳо ба назар мерасад.

в) Нусхаи китобхонаи Боязиди Истанбул. Нусха таҳти шумораи 36878 нигаҳдорӣ мешавад. Таърихи китобат соли 910 ҳиҷрист. Нусха бо хатти насх китобат гардидааст. Котиб Аҳмад ибни Насруллоҳ мебошад. Нусхаи асар дар 93 варақ дарҷ гардида, дар ҳар варақ 20 сатр матн навишта шудааст. Матншиносон ин нусхаро дорои ғалатҳои бисёр медонанд.

г) Нусхаи китобхонаи Ганҷбахши Исломобод. Таҳти шумораи 4238 нусхаи китоби “Равзат-ул-музнибин” нигаҳдорӣ мешавад. Котиби нусха Абдулаҳмад ибни Охунд Мулло Абдуссамади Соғарӣ буда, онро дар асри XVII бо хаттӣ настаълиқ китобат намудааст [10, с.111-115; 16, с.98-102].

3) *“Сироҷ-ус-соирин”*. Асар шомили 75 боб аст. Муаллиф онро дар 72-солагӣ оғоз намуда, дар 73-солагӣ ба анҷом расонидааст. Мавзӯи асосии китоб ба илоҳиёт, тиб ва нуҷум равона гардидааст. Шайх Аҳмади Ҷом тавониста дар як асар, ки шомили се ҷилд аст, пайванди адабиёт ва илмҳои дақиқро нишон диҳад. Мутаассифона, як ҷилди ин асари пуразриш дар ҳаводиси таърих аз байн рафтааст [9, с.44-49].

а) Нусхаи китобхонаи “Остони қудси разавӣ” (Машҳад). Нусхаи мазкур ягона ва мунҳасир ба фард буда, то ҳол намунаи дигаре аз он ба даст наомадааст. Котиби нусха ва таърихи китобати он маҷҳул мебошад. Таҳти шумораи 2465 маҳфуз аст. Дорои 218 варақ буда, дар ҳар варақ 15 сатр матни асар китобат гардидааст. Танҳо 24 боби асар дар ин нусха мавҷуд аст, ки бо хатти настаълиқи хом, ки мутааллиқ ба асри XVI мебошад, навишта шудааст [1, с.32; 5, 7, с.474; 10, с.115-120].

4) *“Рисолаи Самарқандия”*. Рисолаи мухтасар аст. Рисола дорои номаҳои Шайх Аҳмади Ҷом дар посух ба суолҳои муридон, ёрон, эътиқодмандон ва мардумон мебошад. Аз он рӯ, ки қисми зиёди пурсишҳо аз мардуми Самарқанд ва атрофи он буда, рисола бо унвони “Самарқандия” машҳур гардидааст. Инчунин дар байни номаҳои ҷавобӣ, номае ҳаст, ки он дар посух ба пурсиши султон Санҷар навишта шудааст. Рисолаи мазкур дар таҳқиқи сайри таърихии номанависӣ дар адабиёти тоҷик арзиши хосса дорад [1, с.32].

а) Нусхаи китобхонаи “Нофизпошшо”-и Туркия. Нусхаи хаттии ин рисола дар китобхонаи мазкур, таҳти рақами 399 ҳифз мегардад.

б) Нусхаи Китобхонаи марказии Донишгоҳи Техрон. Нусхаи аксии “Рисолаи Самарқандия” таҳти “Маҷмӯаи Тубинган” зери шумораи Or.oct.3752, 3753 нигаҳдорӣ мешавад [10, с.107].

5) *“Мифтоҳ-ун-наҷот”*. Китоби тарбиявӣ-ахлоқии Аҳмади Ҷом буда, аз муқаддима ва 7 боб иборат аст. Аҳмади Ҷом китобро бо хоҳиши яке аз фарзандони худ – Наҷмиддин Абӯбакр ва ба хотири тавбаи ӯ дар охири моҳи шаъбони соли 522/1128, дар синни 82-солагӣ таълиф намудааст. Асари мазкур забони содаву равон дошта, аз лиҳози забонӣ арзиши баланд дорад. Аз нусхаҳои хаттии асари мазкур панҷ нусхаро мешиносем. Дар аксар сарчашмаҳо замони таълифи ин асари Аҳмади Ҷом пас аз “Кунуз-ул-ҳикмат” ёд гардида, ки бояд иштибоҳ бошад. Зеро Шайхи Ҷом “Мифтоҳ-ун-наҷот”-ро дар 82-солагӣ навиштааст ва “Кунуз-ул-ҳикмат”-ро бошад дар охирҳои ҳаёти худ дар 93-солагӣ таълиф намудааст [1, с.32; 2, с.46; 5, 7, с.929].

а) Нусхаи Музейи салтанати Вен (Утриш). Шумораи нусха 1676 мебошад. Матншиносон ин нусхаро аз нусхаҳои хаттии куҳани асари мазкур медонанд. Котиб маҷҳул мебошад. Таърихи китобати он на дертар аз асрҳои XII-XIII аст. Хатти нусха насхи куҳна аст. Нусха дорои 55 варақ аст. Дар ҳар як саҳифа 20 сатр матн ҷой дода шудааст. Дар нусхаи мазкур оят, ҳадис ва ахбор бо забти эъроб навишта шудааст. Котиб калимаҳоеро, ки мутолиа намуда натавонистааст, бе эъроб гузошта, қироати онро ба хонанда вогузор намудааст.

б) Нусхаи китобхонаи Асъад Афандӣ (Туркия). Дар китобхонаи мазкур дастнависи “Мифтоҳ-ун-наҷот”-и Аҳмади Ҷом таҳти шумораи 1728 нигаҳдорӣ мешавад. Нусха комил буда, матни асар дар 119 варақ навишта шудааст ва ҳар варақ дорои 9 сатр мебошад. Матн бо хатти настаълиқи мутавассита китобат шудааст. Котибаш маҳҷул мебошад. Котиб таърихи китобатро моҳи шаъбони соли 836 ҳиҷрӣ ба қалам додааст. Дар ин нусха ҳарфҳои нуқтадор ғолибан бенуқта китобат шудаанд. Нусхаест куҳан ва камғалат, ки дар он калимаҳои асил зоҳиран бетағйир то замони мо омада расидаанд.

в) Нусхаи мутааллиқ ба Музейи Қуния. Нусхаи хаттии мазкур таҳти рақами 1249 дар Хона-музейи Қуния нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи аксбардоришудаи он дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон таҳти шумораи 522 маҳфуз аст. Котиби нусха номаълум аст. Нусха мукаммал набуда, то нимаи боби ҳафтуми асарро шомил аст. Нусха дорои 76 варақ буда, дар ҳар саҳфа 11 сатр матн китобат шудааст.

г) Нусхаи маҳфуз дар китобхонаи Донишгоҳи Тубинган, воқеъ дар Олмон. Шумораи нусхаи хаттии китоби "Мифтоҳ-ун-наҷот"-и Аҳмади Ҷом дар китобхонаи мазкур 1716 буда, дорои 38 варақ ва ҳар саҳифаи он дорои 19 сатр матн мебошад. Бо хатти настаълиқи бисёр хуш навишта шудааст. Таърихи китобати он аз охири китоб ҳазф шуда, дар садри варақи аввали нусха чунин ҷумла сабт гардидааст: "Аз кутуб ва мутамалликоти ҳақири фақир Абдуллоҳи Муншии Табарӣ аст. Дар рағабу-л-мураҷҷаби 1265 дар Шероз ибтиёъ шуд" [14, с.36].

ғ) Нусхаи китобхонаи Вазорати иттилоот ва култури Афғонистон (шаҳри Кобул). Котиби нусха Яҳёи Гозургоҳӣ буда, асарро дар соли 1330 ҳиҷрӣ бо хатти настаълиқи зебо навиштааст. Дар ҳар саҳифа 11 сатр матни асар ҷой дода шудааст. Дар нусхаи мазкур оятҳои Қуръони карим ва аҳодиси Расули акрам (с) бо қалами хосса навишта шудаанд [9, с.44-49; 10, с.120-123; 14, с.32-37].

б) *"Биҳор-ул-ҳақиқат".* Аз осори Аҳмади Ҷом, ки то ба имрӯз чоп нагардидааст. Ин асарро Аҳмади Ҷом соли 527/1133 дар як ҷилд ва 18 боб тасниф намудааст. Шайхи Ҷом дар ин китоб ба мавзӯоте чун басту таҳлили мабоҳис ва андешаҳои сӯфиёна сару кор гирифтааст. Ӯ бинобар хоҳиши муридон ва ҳозирони маҷлис, ин асарро ба мисоли асари дигари хеш "Кунуз-ул-ҳикмат" ба тарҷума ва тафсири Қуръон бо як сабки дилнишин ва омӯзанда баҳри кулли ҳаводоронаш таълиф намудааст. Дар заминаи тарҷума ва шарҳи оятҳои Қуръон аз баъзе қориёни машҳур ва муфассирони номдор бо зикри ном ва навъи қироати онҳо аснод овардааст [1, с.32; 4, с.115-136; 5, 7, с.141; 10, с.126-131].

а) Нусхаи Ҳирот. Нусха моликияти Муҳаммад Аъзам ибни Шайх Султон Аҳмади Ҷомии Аҳмадӣ - яке аз боқимондагони авлоди Пири Ҷом. Нусха комил ва дорои 186 варақ аст. Котиби нусха молики мазкур буда, онро соли 1358 ҳиҷрӣ нусхабардорӣ намудааст. Ин нусха бо дигар дастнависҳое, ки дар дасти котиб будааст, муқоиса ва муқобала карда шудааст. Чун худаш дар ин бора мегӯяд: "Китоби ҳозо бо китобе, ки ин китоб аз рӯйи он таҳрир шуда буд, муқобала ва қироат шуд. Ҷузъи саҳве, ки рафта буд, дар китобат тасҳеҳ гардид".

б) Нусхаи Китобхонаи умумии Истанбул. Нусха дар китобхонаи мазкур таҳти шумораи 3678 қарор дорад. Дорои 111 барга буда, матн дар ҳар варақ дар 19 сатр китобат ёфтааст. Котиби нусха "Аҳмад ибни Насруллоҳ" буда, таърихи поёни китобатро моҳи рамазони соли 906 ҳиҷрӣ қайд намудааст [5,7, с.141; 10, с.126-131].

7) *"Кунуз-ул-ҳикмат".* Асари ирфонӣ буда, дар шарҳи тафсири мавзӯоти илми асрор, маърифат ва қисмҳои он навишта шудааст. "Кунуз-ул-ҳикмат"-ро Аҳмади Ҷом дар охири умри хеш, соли 533/1138 дар 20 боб таълиф намудааст. Аз осори охирини Шайх-ул-ислом ба ҳисоб меравад, чаро ки муаллиф китоби мазкурро дар 93-солагиаш ба риштаи қалам кашидааст [1, с.32; 5, 7, с.779; 17, с.1].

а) Нусхаи хаттии Турбати Ҷом. Нусха комил аст. Аз 358 саҳифа иборат буда, матн дар ҳар варақ дар 12 сатр китобат гардидааст. Котиби нусха Муҳаммадиброҳим Ҷомии Аҳмадӣ буда, нусхаро дар моҳи рамазони соли 1382 ба итмом расонидааст.

б) Нусхаи Ҳирот. Нусха ба Муҳаммад Аъзами Ҷомии Аҳмадӣ, сокини шаҳри Ҳироти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мутааллиқ мебошад. Нусха дорои 363 саҳифа буда, котиби он худи Муҳаммад Аъзами Ҷомии Аҳмадӣ аст ва таърихи китобати онро чунин баён доштааст: "... ба таърихи явми ҷумъа, ҳафтуми шаҳри муҳаррам-ул-ҳаром санаи 1359 қамарӣ, мутобиқи 27 бурҷи далви соли 1318 шамсӣ ба яди ... Муҳаммад Аъзам ибни Ҳоҷӣ Аҳмади Ҷомии Аҳмадӣ дар балдаи Ҳирот ихтимом пазируфт".

в) Нусхаи китобхонаи Донишгоҳи Тубинган, воқеъ дар Олмон. Нусхаи хаттии асари мазкур дар китобхонаи Донишгоҳи Тубингани Олмон таҳти шумораи 1716 нигаҳдорӣ мешавад. Нусха дорои 200 саҳифа буда, матн дар ҳар саҳифа дар 19 сатр китобат шудааст. Котиб номи худро зикр накардааст ва таърихи китобати он, ки шояд дар варақи охир бошад, маҳв шудааст [10, с.123-126].

8) *"Девон"*- и Аҳмади Ҷом. Нусхаҳои хаттии "Девон"-и Аҳмади Ҷом дар китобхонаҳои Ҳиндустон, Англия, Ӯзбекистон ва Туркия нигаҳдорӣ мешаванд. Дар тазкираҳо Аҳмади Ҷомро ҳамчун шоири "соҳибдевон" зикр менамоянд [3, с.32]. Аммо чунин ба назар мерасад, ки гоҳ-гоҳ бо мурури замон дар тӯли таърих бо номи ӯ

шеъру ғазал навишта, дар девонаш ҷой додаанд. Зеро имрӯз матншиносон баъзе аз ашъори девонро аз эҷодиёти ӯ намедонанд [4, с.115-136]. Маҷмӯаи ашъори Жандапил нахуст дар Лоҳур ва баъд дар дигар шаҳрҳо рӯйи чоп омадааст. Дар китобхонаҳои муътабари донишгоҳҳои шахсиву байналмилалии ҷаҳон нусхаҳои хаттии девони шеъри Аҳмади Ҷом то ҳол нигаҳдорӣ мешаванд [2, с.48; 3, с.9].

а) Нусхаи маҳфуз дар Музейи Биритания. Нусхаи девони Аҳмади Ҷом дар Музейи Биритания таҳти рақами or.269 нигаҳдорӣ мешавад. Навъи хат настаълиқ буда, котиб ва таърихи китобати он маълум нест. Пажӯҳишгарон таърихи китобати нусхаро асри XVIII медонанд [10, с.142].

Ҳамзамон, нусхаи дигар дар ҳамин музей таҳти шумораи or.5599 мавҷуд мебошад, ки таърихи китобати он соли 1031 ҳиҷрӣ мебошад. Дар ин маҷмӯаи хаттии гирдовардашуда, ки шомили ғазалҳои Ҳилолии Чағатонӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ аст, девони Аҳмади Ҷом низ ҷой дода шудааст. Дар ин баёз ашъори Аҳмади Ҷом аз вараҳи 52 оғоз шуда, дар вараҳи 106 хатм мегардад.

Боз ду нусхаи дигар аз девони ашъори Жандапил дар китобхонаи Девони Ҳинд (Англия) нигаҳдорӣ мешавад.

б) Нусхаи китобхонаи “Ганҷбахш”-и Исломобод. Ин нусха таҳти шумораи 850 нигаҳдорӣ мегардад. Нусха шомили 118 варақ буда, ҳар саҳифа дорои 13 сатр матн мебошад. Номи котиби девон равшан нест. Нусха бо хатти зебои насхи равшан тахмин дар қарни XVIII китобат гардидааст [10, с.135-156].

в) Нусхаи Институти дастхатҳои ба номи Х.С. Сулаймонови АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Нусхаи хаттии “Девон”-и Аҳмади Ҷом таҳти рақами 1776 дар китобхонаи мазкур нигаҳдорӣ мешавад. Дар нусха ду тарзи тахаллуси Аҳмади Ҷом “Аҳмад” ва “Аҳмадӣ” бо фарқият дар дарозиву кӯтоҳии ғазалҳо зикр гардидааст. Хатти навишташудаи девон насхи шикаста буда, тахмин меравад дар асри XIX навишта шуда бошад. Навъи коғаз ва дигар меъёрҳои нусхашиносии нусха ба ин далолат менамоянд. Дастнависи мазкур муқова надошта, дар 93 варақ китобат гардидааст. Номи котиб ва ҷойи китобат шудани девон нишон дода нашудааст [3, с.9].

г) Нусхаи китобхонаи Нофизпошшои Истанбул. Дар ин китобхона таҳти шумораи 399 нусхаи девони шеъри Аҳмади Ҷом нигаҳдорӣ мешавад. Котиби нусха маҷҳул аст. Нусха аз 78 варақ иборат буда, дар ҳар саҳифа 15 сатр матн китобат шудааст. Дар маҷмӯъ нусха шомили 2537 байт мебошад. Хусусияти хосси нусха дар он аст, ки дар он рубоиёти Жандапил ҷой дода шудааст. Мо инро дар дигар нусхаҳо мушоҳида наменамоем.

Инчунин, дар “Ганҷинаи дастхатҳои шарқшиносӣ ба номи А.Мирзоев”-и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаҳое аз ашъори Аҳмади Ҷом дар баёзҳое, ки таҳти шумораҳои 1538_{83}, 1552_{51}, 1612_{39} ва 1637_{7} маҳфуз мебошанд, нигаҳдорӣ мешаванд [6, с.380].

Дар сарчашмаҳо достоне бо номи “Қиссаи Сабзпарӣ ва Зардпарӣ ва шоҳзодаи Сарандеб”-ро низ ба Аҳмади Ҷом нисбат додаанд. Шояд иштибоҳан достони мазкурро тазкиранависон дар байни осори Аҳмади Ҷом ҷой додаанд ва ё котибе ҳангоми китобати матн аз Аҳмади Ҷом донистааст. Ба ин сабаб афроди зиёд дар феҳристи осори ӯ ин достонро қайд кардаанд. Бояд дар назар дошт, ки мазмун ва муҳтавои асар ошиқона буда, ба ҷаҳонбинӣ ва мундариҷаи осори Аҳмади Ҷом муфовиқ намебошад. Нусхае аз ин достон дар Институти шарқшиносии шаҳри Тошканд таҳти рақами 226/11 нигаҳдорӣ мешавад. Тахмин меравад, ки матн дар асри XIX китобат гардидааст. Достони “Қиссаи Сабзпарӣ ва Зардпарӣ ва шоҳзодаи Сарандеб” дар ин китобхона аз 50 варақ иборат мебошад [7, с.439].

Шоистаи ёдоварист, ки ду асари хаттии дигарро ба Аҳмади Ҷом мутааллиқ медонанд. Яъне, нусхае, ки микрофилми он бо номи “Зикр” таҳти шумораи 492/1 дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон қарор дорад. Ин нусха шояд “Тазкирот” бошад, ки ба ӯ мансуб медонанд. Дигаре “Номаҳои Аҳмади Ҷом” аст. Ин маҷмӯа шомили чандин номаҳои хаттӣ мебошад. Аз гузориши осори таърихӣ, адабӣ, илмӣ ва таҳқиқотӣ метавон дарёфт, ки онҳо низ дар мавзӯи ирфон ба қалам омадаанд. Онҳо аз ин қабиланд: Ду нома ба Шайх Музаффари Шамси Балхӣ, номае дар посух ба Хоҷа Имом Фасеҳуддин ва инчунин тафсири сураи “Фотиҳа”.

II. **Осори нашршудаи Аҳмади Ҷом**

1) *“Анис-ут-тоибин”*. Шайх Абӯнаср Аҳмад ибни Абулҳасан Номиқии Ҷомӣ, маъруф ба Жандапил асари “Анис-ут-тоибин ва сиротуллоҳи мубин”-ро дар зимни мабоҳиси мухталиф бо сокинон ва баҳри огоҳии онҳо аз мақомоти муҳимми ирфон

таълиф намудааст. Ин асар аввалан дар Лоҳур чопи сангӣ меёбад, сипас 20 боби онро Алии Фозил дар чопхонаи Доварпаноҳ, интишороти бунёди фарҳанги Эрон (Теҳрон, 1350) ва баъдан матни комили онро Ҷалолуддин Ҳумоӣ дар муассисаи интишороти Тӯс (Теҳрон, 1368) чоп намудааст.

2) *"Равзат-ул-музнибин"*. Номи пурраи ин китоб "Равзат-ул-музнибин ва ҷаннат-ул-муштоқин" буда, аз 23 боб иборат мебошад. Байни солҳои 520-526/1126-1131 таълиф гардидааст. Матни пурраи ин асар бо муқаддима ва тавзеҳи Алии Фозил дар як ҷилд дар чопхонаи Ҳайдарӣ, интишороти бунёди фарҳанги Эрон (Теҳрон, 1355) чоп гардидааст. Бори дигар китоби мазкур бо шарҳу иловаҳо дар Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ (Теҳрон, 1382) чоп гардидааст.

3) *"Сироҷ-ус-соирин"*. Асар шомили 75 боб аст. Муаллиф онро дар 72-солагӣ оғоз намуда, дар 73-солагӣ ба анҷом расонидааст. Мутаассифона, як ҷилди ин осори пуразриш дар ҳаводиси таърих аз байн рафтааст. Мунтахаби матни "Сироҷ-ус-соирин"-ро дар "Муассисаи чоп ва интишороти Остони Қудси Разавӣ" (Машҳад, 1368) рӯйи чоп овардаанд [9, с.120]. Бори дигар китоби мазкур дар Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ (Теҳрон, 1389) рӯи нашр омадааст.

4) *"Рисолаи Самарқандия"*. Рисолаи мухтасар аст. Бахше аз қисматҳои ин рисоларо Ҳашматуллоҳи Муайяд дар Интишороти илмӣ-фарҳангӣ (Теҳрон, 1384) дар замимаи "Мақомоти Жандапили Ғазнавӣ" тасҳеҳ ва чоп намудааст.

5) *"Мифтоҳ-ун-наҷот"*. Китоби мазкур дар чопхонаи Муҳаммадалии Аламӣ (Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, Теҳрон, 1347) бо саъю талоши Алии Фозил чоп гардидааст. Ҳамзамон дар Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ (Теҳрон, 1374) бо иловаи нуктаҳои тоза интишор ёфтааст.

6) *"Кунуз-ул-ҳикмат"*. Баъзе аз қисматҳои "Кунуз-ул-ҳикмат" бо кӯшиши Алии Фозил тасҳеҳ гардида, дар чопхонаи Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ (Теҳрон, 1387) чоп шудааст.

7) Девони ашъори Жандапил. Аввал дар Лоҳур рӯйи чоп омадааст. Аҳмади Карамӣ соли 1365 дар Теҳрон девони мазкурро нашр месозад. Инчунин, дар Лакҳнав ва хусусан Конпур борҳо чоп шудааст. Давоми солҳои 1883 то 1923 девони ашъори Аҳмади Ҷом панҷ маротиба дар Ҳиндустон ва Покистон рӯйи чоп омадааст. Дар кишвари мо низ гулчини ғазалиёти Аҳмади Ҷом бо номи "Жандапил" (Гулчин аз девон) дар нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 2007) нашр гардидааст [1, с.32; 2, с.46-48; 10, с.135-164].

Қобили зикр аст, ки ба Шайх Аҳмади Ҷом боз чанд асар нисбат дода шуда, ки "Анис-ул-мустаънисин", "Футуҳ-ур-рӯҳ", "Эътиқоднома", "Тазкирот" ва "Зуҳдиёт" аз ҷумлаи онҳоянд. Аммо ин осор то ҳол ба даст наомадаанд. Зоҳиран, дар ҳаводиси рӯзгор аз байн рафтаанд [1, с.32].

Ҳосили баррасиро метавон дар чунин нуктаҳо ҷамъ намуд:

а) Аҳмади Ҷом аз ҷумлаи суханварони зуфунун буда, илова ба назм, дар наср низ осори арзишманд аз худ ба мерос гузоштааст;

б) бештари дастхатҳои осори ӯ дар махзанҳои нусхаи хаттии кишварҳои форсизабон ва иддае дар китобхонаҳои Аврупо нигаҳдорӣ мешавад;

в) ҳанӯз дар гӯшаву канори олам дастхатҳои наомӯхтаи осори Аҳмади Ҷом мавҷуд буда, бояд дар тасҳеҳи илмӣ-интиқодии мероси ин суханвар аз онҳо баҳра ҷуст;

г) иддае аз мероси насрии Аҳмади Ҷом дар хориҷа чоп шудаанд, аммо дар кишвари мо ҷойи онҳо холист.

ғ) чанде аз навиштаҳои мансури Аҳмади Ҷом аз байн рафтаанд ва танҳо ном аз онҳо боқӣ мондааст.

д) Нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом метавонад, дар омӯзишу таҳқиқ ва нашри илмии таълифоти ӯ мусоидат намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмади Ҷом. Доиратулмаорифи бузурги исломӣ; бо кӯшиши Муҳаммадҷавводи Шамс. Ҷ.1. - Теҳрон, 1375. – С. 30 – 33.
2. Ғазнавӣ, Садидуддин Муҳаммад. Мақомоти Жандапил; тасҳеҳи Ҳашматуллоҳи Муайяд –Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва адабӣ, 1384. – 424 с.
3. Каюмов А.П. Каталог фонда института рукописей / А.П. Каюмов. Институт рукописей им.Х.С.Сулейманова АН УзССР, –Ташкент, 1988. -Т.2. - 393 с.
4. Мутлақ, Ядуллоҳи Баҳманӣ. Таҳлили афкор ва муаррифии осори Шайх Аҳмади Ҷом. Фаслномаи тахассусии сабкшиносии назм ва насри форсӣ, илмӣ-пажӯҳишӣ. 1390. -№ 3. – 115-136 с.

5. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳриствораи китобҳои форсӣ (Иборат аз 10 ҷилд).–Теҳрон: Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1382. –Ҷ.7. – 793 с.
6. Мирзоев А.М. Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон (ҷилди 5) / А.М.Мирзоев, А.Е.Бертелс. –Душанбе, 1974. -С. 380.
7. Семенова, А.А. Собрание восточных рукописей АН Уз ССС. 11 Томах / А.А. Семенова. – Ташкент, 1951-1987 г. - Т.3. – 553 с.
8. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкирату-ш-шуаро; таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.
9. Фозил, Алӣ. Сайре дар осори Аҳмади Ҷом (Жандапил). Кайҳони фарҳангӣ. 1367. -№ 52. –С. 44-49.
10. Фозил, Алӣ. Корномаи Аҳмади Ҷоми Номиқӣ (Пажуҳиш ва таҳқиқ). - Теҳрон, 1383. – 511 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.–Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёт ба номи Рӯдакӣ, иборат аз 2 ҷилд. 2008.-С. 496.
12. Хонбобо, Моушор. Феҳрасти китобҳои чопии форсӣ (ҷилди 1 -5). Ҷ.1.-С. 540, 1481, 1732, 1833; Ҷ.2.-С. 2280, 2538; Ҷ.3.-С. 3913; Ҷ.4.-С. 4854, 4875, 4876; Ҷ.5.-С. 5404. -Теҳрон, 1350.
13. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳотул-унс мин ҳазароти-л-қудс; тасҳеҳи Маҳмуд Обидӣ. -Теҳрон: Иттилоот, 1315. – 740 с.
14. Ҷом, Аҳмад. Мифтоҳу-н-наҷот; тасҳеҳи Алии Фозил. -Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1347. – 382 с.
15. Ҷом, Аҳмад. Анису-т-тоибин; тасҳеҳи Алии Фозил.- Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1350. – 478 с.
16. Ҷом, Аҳмад. Равзату-л-музнибин ва ҷаннату-л-муштоқин; тасҳеҳи Алии Фозил. -Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1355. – 590 с.
17. Ҷом, Аҳмад. Кунузу-л-ҳикмат; тасҳеҳи Алӣ Фозил.-Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1387. – 310 с.
18. Ҷомӣ, Аҳмад. Жандапил (Гулчин аз девон). Ҳозиркунандаи чоп: Ромиз Собир. -Душанбе: Адиб, 2007. -120 с.
19. Энсиклопедияи советии тоҷик. –Душанбе: Нашриёти Комитети давлатии совети вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб, 1978. -Ҷ.1. –С.335.

НУСХАШИНОСИИ ОСОРИ АҲМАДИ ҶОМ

Мақола дар нусхашиносии суханвари номовари тоҷик Аҳмади Ҷом ба қалам омадааст. Таҳқиқ дар ду бахш – нусхашиносии осори хаттӣ ва чопӣ сурат гирифтааст. Муаллиф дар бораи ҳашт нусхаи қаламии осори суханвари мазкур маълумот дода, мушаххасоти онҳоро зикр намудааст. Бахши дигари мақола ба осори нашршудаи Аҳмади Ҷом тааллуқ дорад, ки дар ин бахш ҳафт асари чопшудаи суханвар муаррифӣ гардидаанд. Муаллиф роҷеъ ба асарҳои Аҳмади Ҷом, ки дар ганҷинаи дастхатҳои Осиёи Миёна, Руссия, Аврупо, Ҳинду Покистон ва Эрон нигаҳдорӣ мешаванд, маълумоти дақиқи нусхашиносӣ пешниҳод намудааст. Муаллиф дар бораи мушаххасоти китобҳои нашршуда ва чопҳои такрории онҳо маълумоти кофӣ оварда, зимни таҳқиқ ба таърихи таълиф ва нусхаҳои осори Аҳмади Ҷом, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Истифода аз сарчашмаҳои дасти аввал ва феҳриствораҳову дигар манобеи илмӣ ба муаллиф даст дода, ки маълумоти судмандеро дарҷ намояд. Пажӯҳишгар бар асоси муҳтавои осори Аҳмади Ҷом ва асноди дигар нақши осори мансури Аҳмади Ҷомро дар ташаккули адабиётшиносии тоҷику форс муҳим арзёбӣ намудааст.

Калидвожаҳо: Аҳмади Ҷом, осори хаттӣ, котиб, нусхашиносӣ, китобхона, нусхаҳои хаттӣ, навъи хат.

ИССЛЕДОВАНИЕ РУКОПИСНОГО НАСЛЕДИЯ АХМАДА ДЖОМА

Статья посвящена исследованию рукописного наследия известного таджикского поэта Ахмада Джома. Исследование осуществлено в двух направлениях - кодикология письменного наследия и литографических изданий. Автор, предоставляя сведения о восьми рукописях этого литератора, рассматривает их особенности. В статье также говорится о семи изданных произведений Ахмада Джома. Автор приводит достоверные сведения о произведениях Ахмада Джома, хранящихся в рукописных фондах Средней Азии, России, Европы, Индии, Пакистана и Ирана. В ходе исследования уделено внимание истории написания рукописей, местам их хранения, некоторым особенностям произведений Ахмада Джома. Использование первоисточников, каталогов и других научных источников дало возможность автору статьи собрать и предоставить полезные сведения, касающиеся наследия Ахмада Джома. Автор на основе изучения произведений Ахмада Джома и фактологического материала приходит к выводу, что проза этого литератора сыграла важную роль в формировании и развитии персидско-таджикского литературоведения.

Ключевые слова*:* Ахмад Джом, письменное наследие, переписчик, кодикология, библиотека, рукописи, вид письма.

EXPLORATION BESET WITH AHMAD JOM`S HAND-WRITTEN HERITAGE

The article dwells on the exploration beset with the hand-written heritage belonging to the pen of the famous Tajik poet - Ahmad Jom. The author of the article canvasses two streamlines such as: codicology of hand-written heritage and lithographic editions. Adducing the information concerned with seven hand-written of this man-of-letter, the author deals with their peculiarities. In his article the author speaks about seven literary productions of Ahamd Jom. The author adduces reliable information dealing with Ahmad Jom`s literary productions preserved in the hand-written funds including Central Asia, Russia, Europe, India, Pakistan and Iran. In the course of considering the author pays his own attention to the history of writing, script heritage, their places of storage, and certain peculiarities of Ahmad Jom's literary productions. Resorting to the utterly valuable originals, catalogues and other scientific sources the author of the article managed to collect and produce useful information concerning Ahmad Jom`s legacy. Designing on the

premise of comprehensive and profound analysis in reference to Ahmad Jom`s literary productions and factological materials, the author of the article comes to the conclusion that the mentioned man-of-letter`s prose played the important role to the formation and development of Persian-Tajik literary criticism.
Key words: Ahmad Jom, hand-written heritage, copyist, codicology, library, manuscripts, type of letter.

Сведения об авторе: ***Мирзохофизиён Мехрафкан Мирзохофиз*** – Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, докторант Ph.D. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 34 мкр, д.24, кв 11. E-mail: **mirzohofiz@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-14-00-92**

Information about the author: ***Mirzohofiziyon Mehrafkan Mirzohofiz*** **-** Khujand State University named after B. Gafurova, Ph.D. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 34 md, 24, ap. 11. E-mail: **mirzohofiz@mail.ru**. Tel.: **(+992) 927-14-00-92**

УДК: 891.550-1:82:491.550

ТАЪРИФИ ИСТИЛОҲӢ ВА ЛУҒАВИИ МАФҲУМИ ХУРОФОТ

С.Мухаммадшарифзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Хурофот дар анъанаҳои миллӣ ва динии тоҷикон ва халқу миллатҳои гуногуни ҷаҳон дар тамоми қишр ва табақаҳои ҷомеа ва дар ҳамаи динҳо нуфузу густариш пайдо намуда, ба мисли терроризму экстремизм ва коррупсия мавзӯи доғи рӯз ба шумор меравад. Аз ҷумла, дар кишвари мо хурофот дар айни замон ҷойи баъзе анъанаҳои миллӣ ва диниро иваз намудааст. Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” барои пешгирӣ ва бартараф кардани пайомадҳои манфии иҷтимоиву иқтисодии ин падидаи номатлуб шароит ва заминаи мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуд. Дар айни замон дар натиҷаи татбиқи Қонуни танзим, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва иҷрои меъёру талаботи Қонунҳои амалкунанда, нақш ва таъсири хурофот дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа тадриҷан коҳиш меёбад.

Барои дарки дурусти таъриф ва мафҳуму моҳияти хурофот бояд, ки дар бораи таърих, заминаҳои пайдоиш, мафҳуму муҳтаво ва навъҳои хурофот маълумоти муфассалеро матраҳ намуда, то кадом дараҷа дар байни мардуми омма ва дар анъанаҳои миллӣ ва динии мардуми Тоҷикистон нуфузу густариш пайдо намудани хурофотро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор диҳем.

Барои расидан ба ин ҳадаф бояд заминаҳои пайдоиш ва пайомадҳои иҷтимоии хурофот, инчунин муайян ва мушаххас намудани роҳҳои бартараф намудани он муайяну мушаххас ва таҳқиқ шавад.

Умуман, мавзӯи хурофот ва ҷойгоҳи он дар ҳаёти фарҳангиву иҷтимоии қавму миллатҳои гуногуни ҷаҳон яке аз мавзӯъҳои мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ ва диншиносӣ ба шумор меравад ва доир ба он то ҳол тадқиқоти зиёде бо забонҳои русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, арабӣ ва форсӣ ба анҷом расонида шудааст.

Дар ин тадқиқот омилҳо ва шароити пайдоишу густариши хурофот дар фарҳанги қавму миллатҳои гуногун, анвои хурофот, масъалаи таснифи хурофот аз дидгоҳи фалсафаи иҷтимоӣ ва диншиносии таърихӣ-муқоисавӣ, нақшу вазифаҳои иҷтимоии хурофот, пайомадҳои иҷтимоиву иқтисодии он ва дигар ҷанбаҳои мавзӯи хурофот мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода шудааст. Бархе аз ин таҳқиқот ба таъйини мақоми хурофот дар кишварҳои рӯ ба инкишоф бахшида шудаанд. Мутаассифона, дар адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ мавзӯи мақом ва нақши хурофот дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон то ҳол ба таври муфассал ва ҷудогона таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст. Аз ин лиҳоз, омӯзиши мавзӯи зикршуда барои таъйини мақоми хурофот дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва ташхиси роҳҳои пешгирӣ кардани таъсироту пайомадҳои номатлуби иҷтимоиву иқтисодии он муоидат намуда метавонад.

Бояд зикр намуд, ки яке аз ҳадафҳои асосии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба низоми муайяну меъёрнок ва идорашаванда даровардани анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ ва динӣ, инчунин, бартараф кардани хурофоти сершуморе мебошад, ки дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ба таркиби фарҳанги динӣ ва миллии

мардуми тоҷик ворид шудаанд. Дар сархати Қонун омадааст, ки “Қонуни мазкур бо тақозои рушди ҷомеа анъана ва ҷашну маросимро танзим намуда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ, эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст” [19, с.2].

Яъне, ҳадафи асосӣ аз қабули ин Қонун ба танзим даровардани равандҳои динӣ, аз ҷашну маросимҳои динӣ ва миллӣ ҷудо намудани хурофот ва аз байн бурдани онҳо мебошад. Хурофот дар аксар мавридҳо мардумро ба худ гирифтор сохта, барои ба таври пайваста баланду беҳтар шудани сатҳи зиндагии онҳо монеъ мешавад. Барои ба таври пурсамар дар амал татбиқ намудани Қонуни танзим ва бартараф кардани хурофоте, ки дар суннатҳои динию фарҳангии мо ҷой дошта, барои рушди ҳаёти ҷомеа монеъ мешаванд, пеш аз ҳама, таҳқиқи амиқи илмии хурофот ва моҳияти он зарур аст. Бинобар ин, мо дар ин мақола тасмим гирифтем, ки ин мавзӯъро ба тафсил ба риштаи таҳқиқ кашем. Барои равшан дарк намудани маънои истилоҳии калимаи “хурофот” ва фарқи он аз эътиқоду одоби динӣ ва миллӣ, бо баъзе таърифҳои ин мафҳум шинос мешавем.

Аз нуқтаи назари таълимоти динӣ: “Хурофот чизест, ки аз доираи дин берун аст” [27, с.14]. Аз нигоҳи илмӣ бошад, “Хурофот гуфта, чизеро меноманд, ки илман исбот нашудааст” [27, с.15].

Дар адабиёти илмӣ ҷанбаҳои гуногуни хурофот таҳқиқ шуда, муҳаққиқон роҷеъ ба мафҳуму муҳтавои падидаи мазкур ва пайомадҳои иҷтимоиву иқтисодии он фикру андешаҳои ҷолиберо баён кардаанд. Аз ҷумла, Ғуломҳусайн Садри Афшорӣ хурофотро чунин таъриф додааст: “Хурофот сабаби дарки нодурусти воқеият, пайдоиши тарсу воҳимаҳои беасос аз қувваҳои номаълум ва дигар падидаҳои беморимонанди равонию маънавӣ гардида, яке аз омилҳои зуҳури ифротгароӣ [17, с.413] ва ҳар навъ ақидаҳои номаълуму беасос мегардад” [33, с.419], ки онҳо ба ҳаёти фард ва ҷомеа таъсири фавқулода мерасонанд ва “ақидаҳои боқимонда аз гузашта” [12-13, 866] ба шумор мераванд.

Густаво Ҷоҳудо дар бораи хурофот чунин гуфтааст: “Мафҳуми хурофот ин падидаи ифодагари амали беақлона, воҳима ё тарси беасосу ғайримантиқӣ аз як чизи номаълум ва пурасрору хаёлӣ, шубҳа ё одате мебошад, ки дар пояи ҷаҳолат ва нодонӣ пайдо шудааст” [15-16, 5].

Таърифи нисбатан муфассали хурофотро бошад, муҳаққиқи англис Роберт Ингерсон пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, хурофот аз унсурҳои зерин иборат мебошад: “Боварӣ ба падидаҳое, ки дарки онҳо аз доираи қудрати шуури мо берун аст; тахмини як роз ба воситаи рози дигар; пешниҳоди афкор доир ба манфиату мақсадҳое, ки моҳиятан ба он ишора шудааст; боварӣ ба он ки зеҳн қодир аст, падидаҳоро идора намояд; боварӣ ба он ки қувваҳои беруна аз зоти худ ҳастанд ва ё зот аз неруҳои худ берун аст; боварӣ ба қувваи фавқулода ва ба муъҷиза, сеҳр, тилисм ва фолбинҳо” [37, с.5]. Ба андешаи ин муҳаққиқ, хурофот асосан аз нодонӣ ва ҷоҳилии одамоне сар мезанад, ки онҳо ба сухани ҳар гуна авомфиребон, монанди ҷодугарон, фолбинон, тилисмшиканон, ки гӯё онҳо илми ғайбро медонанд, бовар мекунанд. Инчунин, хурофот дар натиҷаи боварӣ ба чизҳои хаёлие, ки дарки онҳо аз доираи қудрати шуури инсон берун мебошад, низ пайдо мешавад.

Муҳаққиқи дигар Петро Кохлер хурофотро чунин шарҳ медиҳад: “Хурофот ин боварӣ ба чизи беасос ё ғайриилмӣ дар мавриди ашё ва нақши падидаҳо дар ҷаҳон аст, ки ин боварӣ дар асоси тақлид, шакл гирифта ё одатан бо манфиатҳо ҳамроҳ аст. Бинобар ин, хурофот бо муъҷиза ва тилисм ҳамроҳ аст” [38, с.5]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки хурофот боварӣ ба қувваи фавқулодаи сеҳромезест, ки аз олами тахайюлӣ сарчашма гирифта, бо фарҳанг омехта гардидааст ва минбаъд тавассути аъзои ҷомеа ҳамчун як амри табиӣ пазируфта шудааст.

Аксари муҳаққиқон хурофотро муродифи ақидаи ботил ва дурӯғину ғайримантиқӣ мешуморанд. Дар адабиёти динӣ ва фалсафии арабиву форсӣ истилоҳи “хурофот” ҳамчун муродифи калимаи англисии “superstition” истифода шудааст. Аслан, ин истилоҳ буда, аз решаи арабии “харафа”гирифта шудааст, ки маънои умумиистемолиаш чидани мева мебошад. Вале калимаи “хурофот” дар фарҳангномаҳо бо маънои истилоҳиаш маҷмӯи ҳикоя, қисса, ақидаҳои фосид ва раъйи ботилеро ифода мекунад, ки ба ақл, мантиқ ва воқеият созгор нестанд. Пас хурофотпарастӣ низ аз пайравии ақидаҳои ботил ва беасос иборат аст. Ақидаҳое, ки онҳоро шахси хурофотӣ пайравӣ мекунад, ба дараҷаи фарҳанг ва фаҳмишу дониши

он ҷомеа, ки ин шахс фарди он мебошад, ҳеҷ қаробату таносубе надоранд [3-4-5-6, 387], [21, с.1], [28, с.1].

Муҳаммадҳусайни Покдоман низ дар китоби худ хурофотро чунин шарҳ додааст: “Хурофа ё хурофот муодили калимаи англисии “superstition” ва решаи арабии калимаи “ҳарафа” мебошад, ки ба маънои чидани мева омадааст. Ин калима бо илова намудани ҳарфи “Х” маънои ҳикоя, қисса, ақидаҳои фосид ва раъйи ботилро ифода мекунад, ки дар якҷоягӣ ҳамаи онҳоро хурофот меноманд” [25-26, 34].

Аммо муаллифи “Фарҳангномаи форсӣ дар забони арабӣ” Муҳаммадалии Шуштарӣ бо суханони Алиакбари Деҳхудо ва Муҳаммадҳусайни Покдоман дар бораи решаи арабии ин калима мувофиқ набуда, боварӣ дорад, ки решаи аслии калимаи “хурофот” форсӣ буда, сипас ба забони арабӣ ворид гаштааст. Вай менависад, ки калимаи “хурофот” аз “харафат”-и форсӣ гирифта шуда, дар арабӣ масдар ва феъли онро сохтаанд. Калимаи хурофот дар форсӣ низ ба маънои афсона буда, калимаи “харафат” ба маънии гич истифода мешавад. Дар Хузистон ин калимаро “харифа” талаффуз мекунанд, ки маънои хонаҳо ва дахмаҳоро дорад. Дар замони зардуштӣ дар болои кӯҳҳо ҳар кас ба худ як мақбараи хонаводагӣ доштааст. Дар миёни сокинони Шуштар ин афсона ривоҷ дорад, ки дар даврони бостон тули зиндагии инсонҳо дароз буда, шахсони солхурдаеро, ки гиҷ ва хаста мешуданд, фарзандонашон бо бағоҷ ва об дар ин хаймаҳо мениҳоданд, то бақияи умри худро дар он ҷо бигзаронанд [23, с.199].

Ҳамчунин “хурофот”-ро дар китобҳои гуногун ва фарҳангномаҳо “ҳадиси ботил, сухани беҳуда [7-8-9, 1001], “сафсатаву афсона” [22, с. 802] ва амсоли инҳо маънидод кардаанд.

Дар “Энсиклопедияи советии тоҷик” мафҳуми хурофот чунин тафсир карда шудааст: “Хурофот фикру мафҳумҳои беасос ва боқимондаҳои урфу одати гузаштагон мебошад, ки онҳо дар сохти нави ҷамъиятӣ низ амал карда, дар муносибатҳои иқдисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, миллӣ зоҳир мешаванд” [36, с. 110-111].

Дар заминаи муқоисаи андешаҳои дар боби хурофот баёншуда, мафҳуми хурофотро чунин шарҳ додан мумкин аст: “Хурофот силсилаи бовариҳо ва ақидаҳо оид ба ин ё он мавзӯи хоссеро меноманд, ки дар зеҳни ин ё он гурӯҳи муайян, бо сабаби дар бораи ин мавзӯъ дониши кофӣ надоштанашон шакл гирифтааст. Бо ҳамин асос метавон собит намуд, ки хурофот дар зеҳни инсон дар натиҷаи ноогоҳии ӯ аз робитаҳои байни ҳодисаҳо ва падидаҳои олами айнӣ зуҳур намуда, аз лиҳози объективӣ ва илмӣ исботнашаванда аст” [27, с. 14-15]. Аз ҳамин ҷо чунин хулосаи мантиқӣ баровардан мумкин аст, ки хурофот дар кадом ҷомеае, ки набошад, бештар дар байни афроде густариш ва нуфуз дорад, ки камтар таҳсил кардаанд ё сатҳи донишу маърифати илмиашон паст мебошад.

Бархе аз хурофот реша ба афсонаҳо доранд, бархеи онҳо иборатанд аз тағйироти хосси усули мазҳабӣ, бархе дигарашон бошад, аз даҳон ба даҳон ҳамчун нақл шуда, бидуни он ки рост ё дурӯғ будани онҳо таҳқиқ шавад, пазируфта шудаанд.

Муҳаққиқи дигар Садр Сайидҷаводи Ҳоҷӣ мафҳуму муҳтавои хурофотро чунин шарҳ додааст: “Хурофа” ё “хурофот” иборат аст аз эътиқодоти беасосе, ки бо ақл, мантиқ, илм ва воқеият созгор нест, монанди эътиқод ба бад будани адади сенздаҳ (сенздаҳи фарвардинмоҳ назди мардуми Форс ва якшанбеи сенздаҳуми сол назди мардуми Аврупо), фоли нек ва бад, шум будани рӯзи чаҳоршанбе барои мусофират, ҷонгирӣ, нахуст ҳадя додани корд, шикастани намакдон, саодат овардани оташафрӯзӣ дар чаҳоршанбе, испанд дуд кардан, пешгӯйӣ кардани ранги сиёҳ, ҷоду, эътиқод ба шанс ва ғ.” [29, с. 276].

Ҳамчунин хурофот аз “боварии шадиди эҳсосӣ ва вобастаги ба як амал” иборат аст. Дар боваршиносӣ “хурофот” ин амали фавқулода ва хориҷ аз тартиботи одӣ, табиӣ ва илмӣ мебошад, ки дар пайдоиш, таҳаввул ва ё аз байн рафтани ин ё он ҳодиса воқеъ мешавад [28, с. 1].

Хурофот гуфта дар таърифи умумӣ сухани беҳуда, парешон вале хушояндро дар назар доранд [32, с. 200].

Инчунин, дар “Бурҳони қотеъ” омадааст, ки: “Хурофот иборат аст, аз суханони парешон ва номарбут” [14, с. 200]. Алиакбари Деҳхудо дар “ёддоштҳо”-и худ онро “эътиқоди ботил”, “анёб-ул-ағвол (дандони ғул (мавҷудоти хаёлие, ки онро ғул гӯянд))”, “ҳадиси дурӯғ” [3-4-5-6, с. 387], дар “Фарҳанги Оксфорд” “хурофот”-ро “ҳар навъ ақидаи номаъқул ва беасос” таъриф кардаанд [33, с. 419].

Умуман, дар бораи мафҳум ва муҳтавои хурофот таърифи ягонаро ироа намудан, кори басо мушкил аст. Ба таври умумӣ хурофот иборат аст аз “муътақидот, бовариҳо ё анҷоми корҳое, ки ҳеҷ гуна решаи ақлонӣ надоранд. Ин муътақидот, маҷмӯаҳое аз ахбор, ақида, андешаҳо, одат, аъмоли ғайри илмӣ ва хилофи мантиқ мебошад, ки дар робита бо мавзӯъҳо ва падидаҳои табиӣ ва айнӣ ба вуҷуд омадааст” [27, с. 185].

Инчунин, Алиакбари Деҳхудо дар фарҳанги худ дар мавриди шахсияти Хурофа менависад: “Хурофа номи марде аз қабилаи Узро будааст. Ӯ он чӣ аз париён медид, мешунид, нақл мекард. Мардум суханҳои ӯро дурӯғ мепиндоштанду бовар надоштанд ва мегуфтанд: “Ҳозо ҳадисул Хурофа ва ҳия мустамлаҳул казб (Ин сухани Хурофа аст, ки ҳамааш дурӯғи намакин аст)” [3-4-5-6, с. 387].

Инчунин, дар мавриди шахсияти Хурофа Абӯисо Муҳаммади Тирмизӣ яке аз ровиёни шашгонаи илми ҳадис ва муаллифони китоби “Сунани арбаъа” ҳадисеро дар китоби шарҳи “Шамоили набӣ”, “Шарҳу шамоили набӣ” аз Оиша (р) ривоят мекунад, ки: **Паёмбар (С) мегӯяд, ки оё медонед, ки Хурофа кист: Хурофа марде аз оилаиУзро буда, дар замони ҷоҳилият зиндагонӣ мекард. Як муддат дар байни париён зиндагӣ карда, бо яке аз париён хонадор ҳам мешавад. Пас ба сӯйи мардум омада, аз он чизҳои аҷоиби дидаву шунидааш аз париён ба мардум нақл мекард. Мардум мегуфтанд, ин сухани Хурофа аст ва аз хурофот гап мезанад** [35, ҳадиси 253, 218], [10, ҳадиси 25244 (25758), 176 (292)], [2, ҳадиси 442, 336]. Донишмандони исломӣ ва ровиёну донандагони илми ҳадис ин ҳадисро ҳадиси заиф номидаанд, чунки асноди ин ҳадис дар силсилаи илми ҳадисшиносӣ заиф мебошад. Бояд қайд намуд, ки ровии ин ҳадис шахсе бо номи Муъолид ибни Саъид мебошад ва аз сабаби хотираи мустаҳам надоштанаш ин ҳадисро ҳадиси заиф номида, Муъолид ибни Саъидро бошад, ба хотираи мустаҳкам надоштанаш муттаҳам намудаанд. Гарчанде ки ин ҳадис ҳадиси заиф бошад ҳам, ровиёни шашгонаи илми ҳадис ва донандагони илми ҳадис, ба монанди Абӯисо Муҳаммади Тирмизӣ, Аҳмади Ҳанбалӣ, Абуяъло, Суютӣ ва дигарон дар китобҳои муътамади худ ин ҳадисро оварда, онро ҳадиси заиф номидаанд.

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон ба хотири танзими муносибатҳои оилавӣ, таҳкими тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани ҳисси масъулияти волидон дар таълиму тарбияи фарзандон ва пешгирӣ кардани густариши хурофот дар байни насли наврас чорабиниҳои қатъӣ андешида шудааст. Яке аз ин чорабиниҳо тасвиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” мебошад. Дар сархати ин Қонун чунин зикр шудааст: **“Мақсади Қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад”**[20, с. 1].

Тавре ки зикр шуд, аксари хурофот ва хурофотпарастӣ дар байни занон аз камсаводӣ ва ноогоҳии онҳо, нарафтани духтарон ба мактабу донишгоҳҳо пайдо мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд намуданд: **“Халқу миллатҳои пешрафта аз таркиби ҳавову нури офтоб маҳсулот истеҳсол мекунанд, дастовардҳои илму маҳсули тафаккурашонро дар бозори ҷаҳонӣ мефурӯшанд. Мо бошем, пойбанди расму оинҳо монда, ақаллан кушиш намекунем, ки ба фарзандони худ дониши замонавӣ диҳем, ақлу тафаккурашонро бедор намоем, ҳеҷ набошад, қисми ночизи маблағҳои барои тӯю маъракаҳо сарфшавандаро барои соҳиби маълумот шудани онҳо сарф намоем. Ё худ ба ҷойи сарфи беҳуда ба онҳо шароити мусоиди зиндагӣ фароҳам оварем. Фарзандонеро ба камол расонем, ки дар арсаи ҷаҳонӣ аз давлати соҳибистиқлол ва миллати сарбаланди худ намояндагӣ карда тавонанд, Ватани азиз ва сарзамини аҷдодиро соҳибӣ кунанд”** [18, с. 12], [30, с. 2], [31, с. 3].Бо қабули ин Қонун ба камсаводии занону духтарон ва умуман мардум хотима дода, бо ин усул пеши роҳи густариши хурофот ва амалҳои хурофотӣ, ифротгароӣ ва дигар амалу рафторҳои номатлубу ғайриқонуниро дар байни наврасон метавон гирифт.

Умуман, таҳқиқи решаи хурофот нишон медиҳад, ки омилҳои дарунӣ ва берунии зиёде боиси густариши хурофот дар байни мардуми тоҷику форс шудаанд. Дар гузашта, дар тӯли садсолаҳо, яке аз пайомадҳои номатлуби фарҳангии падидаи хурофотпарастӣ дар ин буд, ки он боиси дар ҷомеа таъсир ва нуфузи калон пайдо кардани бархе ашхоси корчаллону авомфиребе, мисли фолбинҳо ва ҷодугарҳо

мешуд, ки бо такя ба хурофот мардумро гул зада, манфиатҳои худро пиёда менамуданд [28, с. 1].

Хушбахтона, дар замони муосир, алалхусус дар даврони Истиқлол, дар натиҷаи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани дараҷаи маълумоти аҳолӣ, пурзӯр намудани кори тарбиявӣ ва инкишофи ҷаҳонбинии мардум хурофот низ тадриҷан аз байн рафта, пайомадҳои номатлуби фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳо бартараф шуда истодаанд [36, с. 110-111].

Фикру андешаҳои илмии дар боби хурофот баёншуда барои таҳқиқи ҷойгоҳи хурофот дар ҳаёти ҷомеаи муосири тоҷик муҳим мебошад. Бо такя ба фикру андешаҳои мазкур тамоми ақоиди хурофотиеро, ки дар байни тоҷикон ва дигар халқиятҳои маскуни Тоҷикистон ва ҷаҳон густариш ёфтаанд, ба чор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: 1) Хурофоте, ки дар анъанаву маросимҳо ва ҷашнҳои динии тоҷикон ва дигар миллатҳо вуҷуд доранд; 2) Хурофоте, ки дар анъанаву маросимҳо ва ҷашнҳои миллии мо ва дигар халқиятҳо мавҷуд аст; 3) Хурофоте, ки ба дин ва фарҳанги миллии тоҷикон ҳеҷ гуна алоқамандӣ надошта, дар натиҷаи пайравӣ ба фарҳанги бегона ё синтези фарҳанги миллии тоҷикон бо фарҳанги дигар қавму миллатҳо пайдо шудаанд; 4) Хурофоте, ки ҳеҷ гуна асоси динӣ надошта, онҳоро худи мардум бофтаанд.

Қариб ҳамаи навъҳои хурофоте, ки муҳаққиқон муайян кардаанд, дар байни мардуми Тоҷикистон дар ин ё он ҳад вуҷуд дошта, дар ҳаёти қишрҳои муайяни ҷомеа нақши муайянеро иҷро мекунанд. Алалхусус, дар байни занони тоҷику ӯзбек ва миллатҳои гуногуни дунё эътиқод ба сеҳру ҷоду, фолбинӣ, гармкунӣ, хунуккунӣ ва дигар навъҳои хурофот аз замонҳои хеле қадим то имрӯз густариш ёфтааст.

Сабаби асосии ин навъи хурофотпарастӣ, камсаводӣ ва маҳдуд будани доираи донишу ҷаҳонбинии худи заноне мебошад, ки ба ин падидаи номатлуб гирифтор шудаанд. Чунин қабил занон, агар дар зиндагии онҳо ягон мушкилии хурдакак сар занад, дарҳол ба фолбинҳову ҷодугарон муроҷиат карда, кӯшиш менамоянд, ки ба ҳамин васила роҳи ҳалли мушкилиро ёбанд. Муроҷиати занон ба фолбинҳову ҷодугарон ба онҳо ҳеҷ фоида набахшида, баръакс, мушкили онҳоро афзунтар мекунад ва боиси хонавайронии онҳо мегардад. Ин навъи хурофотро баъзеҳо ба дин мансуб медонанд, аммо, дар ҳақиқат, дини ислом ҳама гуна сеҳру ҷоду ва фолбиниро қотеона маҳкум кардааст. Ҳеҷ дин ва ҳеҷ қонун занро маҷбур намекунад, ки барои ҳалли мушкилоти худ аз ҷодугарону фолбинҳо мадад ҷӯяд. **Ҳар шахсе, ки ба назди фолбин равад ва аз ӯ чизе талаб намояд, чиҳил шаба намози вай ботил мегардад** [1, ҳадиси 37/7, 25].

Чи тавре, ки Бранислав Малиновский ишора мекунад: “Инсон замоне ба ҷоду бовар мекунад, ки дар шароити зиндагии худ иттифоқотро ба воситаи шуури худ дарк карда натавонад” [15-16, с. 218].

Дар Қуръони карим Худованд барои онҳое, ки роҳ ба сӯйи сеҳру ҷоду мепаймоянд, чунин гуфтааст: **“Ба ҷуз марди ҷодукарда касеро пайравӣ намекунед”** [24, Исро, 47], **“Ба ҷуз марди ҷодузада [касеро] пайравӣ намекунед”** [24, Фурқон, 8].

Чуноне ки қаблан ишора гардид, хурофот дар байни тамоми мардуми ҷаҳон ба назар мерасад. Ақидаву бовариҳои хурофотӣ аз лиҳози илмӣ ва таҷрибавӣ қобили қабул набуда, мардум онҳоро кӯр-кӯрона тақлид мекунанд. Аз лиҳози дигар, хурофот падидаи нисбӣ ва вобаста ба замону макон аст. Ба ибораи дигар, мумкин аст амре, ки аз дидгоҳи мардуми як замон ва ё дар як минтақаи ҷаҳон хурофот ба шумор меравад, аз диди мардуми мутааллиқ ба замон ва ё макони дигар комилан мантиқӣ шуморида шавад. Натиҷа ин аст, ки ҷое ва ё замонеро наметавон ёфт, ки хурофот вуҷуд надошта бошад, чи дар байни бумиёни Африқо ва чи дар байни мардуми Амрико. Аммо шиддат ва заъфи хурофот дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон вобаста аз сатҳи рушди ҷаҳонбинӣ, шуурнокӣ ва маърифати аҳолӣ, мутафовит аст.Масалан, дар манотиқе аз Африкои Ҷанубӣ бисёре аз донишҷуён тарҷеҳ медиҳанд, ки пеш аз баргузории имтиҳонот назди ҷодугарон раванд, то муваффақияташонро кафолат диҳанд [11, с. 87].

Дар Ҳинд ақди никоҳро аз рӯйи ҳисоби ситорашиносӣ анҷом медиҳанд.

Дар кишварҳои Амрико ва Аврупо тибқи ақидаҳои хурофотӣ мардум аз истифодаи шумораи “сездаҳ” мутаассибона иҷтиноб меварзанд. Масалан, дар бархе аз сохтмонҳои баланд дар Амрико табақаи бо ном “сенздаҳум” вуҷуд надорад. Табақаи дар болои табақаи дувоздаҳум ҷойгиршударо мардуме Амрико табақаи чаҳордаҳум мешуморанд. Соли 1965 ҳангоми маликаи Англия аз Олмон боздид мекард, раиси истгоҳи Дуйсбург шумораи платформае, ки қатораи малика аз он убур

мекард, аз сенздаҳ ба дувоздаҳ тағйир дод. Шветсиягиҳо муътақиданд, ки рақами сенздаҳ пайдо шудани пайомади аломати вуқӯи ҷангро дорад [34, с. 155].

Роҳҳои мубориза бо хурофот ва бартараф кардани онҳо:

1. Ба мардум фаҳмонидани моҳияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷкистон ва дигар қонунҳои амалкунанда.

2. Дар мактабҳои миёна ва олӣ гузоштани дарси таърихи дин, маърифати оиладорӣ ва ҷоннок намудани дарсҳои одобнома ва соати тарбиявӣ.

3. Фарқ гузоштан байни намояндагони дин (уламои дин), табибони халқӣ ва фолбинҳову ҷодугарон чун аксари фолбинҳову ҷодугарон худро ё табиби халқӣ ва ё намояндаи дин (мулло) муаррифӣ мекунанд.

4. Баргузор кардани конфронсу семинарҳои илмӣ ва амалӣ дар мавзӯи хурофот, хурофотпарастӣ, исрофкорӣ ва зарари сеҳру ҷоду ва фолбинӣ дар ҷомеа.

5. Бо таълимоти Қуръону ҳадис ва мазҳаби ҳанафӣ роҷеъ ба тақдиру сарнавишт шинос намудани мардум, инчунин, аз дидгоҳҳои илмҳои ҷомеашиносӣ ва қонунҳои амалкунанда тавассути ВАО, аз ҷумла телевизиону радио ва китоб ба мардум фаҳмонидани моҳияти ин масъала ҷиҳати пешгирӣ аз ғалатфаҳмиҳо ва ифроту хурофот дар боби сарнавишт дар ҷомеа.

6. Нақши ВАО, бахусус телевизион ба унвони расонаҳое, ки бештарин тамошобинро дорад, дар мубориза бо хурофот бисёр аҳамият дорад. Барномарезон, нависандагон ва дигар дастандаркорони ВАО ва матбуот бо сохтани филм ва ҳаҷвномаҳо дар бораи хурофот, ироаи барномаҳо, мақолаҳо, мизи гирд ва дигар чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ метавонанд мардумро аз пайомадҳои манфии хурофот огоҳ созанд ва бо ин усул таъсири манфии бисёре аз хурофотро аз байн бибаранд.

7. Чоп ва паҳн кардани китобу китобчаҳо яке аз роҳҳои дигари мубориза бо хурофот мебошад. Интишори матлабҳо дар мавриди навъҳои хурофоти мавҷуда, пайомадҳои номатлуб ва натиҷаҳои харобиовари онҳо дар зиндагии рӯзмарраи ҳама қишрҳои ҷомеа барои аз байн бурдани хурофот нақши муҳиммеро иҷро мекунад.

8. Анҷоми таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ ҷиҳати шинохти фарҳанг, тамаркузи стратегияи тавсеаи барнамасозии фарҳангӣ ва таваҷҷуҳи бештар ба нақши фарҳанг ҷиҳати тавсеаи ақидаву андешаҳои солиму илмӣ ва коҳиши сатҳи хурофотпарастӣ дар сатҳи ҷомеа.

Дар фарҷоми сухан бояд гуфт, ки истилоҳи хурофот ниёз ба кори фарҳангии давра ба давра ва доимӣ дорад. Дар ин раванд телевизиону радио дар як калима аҳли зиё ва муҳаққиқони соҳаи фарҳанги кишвар метавонанд дар ин замина иқдомоти муассире дошта бошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абуҳасан Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ ибни Муслими Қашири Нишобурӣ. Ҷомиъ-ул-саҳеҳ. -Бейрут, 1967, -Ҷ,1. -202.
2. Абуяъло Ҳофиз Аҳмад ибни Алӣ ибни Мусано Тамимӣ. Муснад. –Ҷ.1. -Димишқ-Бейрут, дор-ул-ил-сом-ун-ил-турос, 1894, -463.
3. Алиакбари Деҳхудо. Ёддоштҳо. –Теҳрон: Муассисаи донишгоҳи луғатномаи Деҳхудо, 1325.
4. Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома. –Теҳрон: Муассисаи донишгоҳи луғатномаи Деҳхудо, 1325.
5. Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома. –Теҳрон: Созмони Луғатнома, 1334.
6. Алиакбари Деҳхудо. Фарҳанги Деҳхудо. -Теҳрон: Муассисаи донишгоҳи луғатномаи Деҳхудо, -Ҷ,6. 1325.
7. Амид Ҳасан. Луғатнома. -Теҳрон, Амир Кабир, 1379.
8. Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. Шомили вожаномаҳои форсӣ ва луғати арабӣ, истилоҳ дар забони форсӣ. -Теҳрон, Интишороти Амир Кабир, 1365.
9. Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. Ҷ,2, -Теҳрон: Амир Кабир, 1365.
10. Аҳмад ибни Ҳанбал. Муснад. Ҷ,8, -Бейрут-Лубнон, ҷомеъ-ул-ҳуқуқ-ва-нашри-маъфузат-ли-дори-табъату-уло, 1419 ҳ-1998 м, -949.
11. Бовариҳои хурофотӣ дар ноҳияҳои рустои Африқои Ҷанубӣ. Маҷаллаи Каҳкашон, соли 5, -№7, 1337.
12. Боқири Сорухонӣ. Доират-ул-маорифи улуми иҷтимоӣ. –Теҳрон: Кайҳон, 1376.
13. Боқири Сорухонӣ. Муқаддимае бар Доират-ул-маорифи улуми иҷтимоӣ. –Теҳрон: Кайҳон, 1375.
14. Бурҳони қотеъ. Тарҷумаи Амон Нуров, -Душанбе,1993. -Ҷ,1.-416.
15. Густаво Ҷоҳудо. Хурофоти равоншиносӣ; тарҷумаи Муҳаммадтақии Бароҳанӣ, -Теҳрон: Най, 1363.
16. Густаво Ҷоҳудо. Хурофоти равоншиносӣ. Тарҷумаи Муҳаммадтақи Бароҳанӣ, -Теҳрон: Албурз, 1371.
17. Ғуломҳусайн Садрии Афшорӣ. Фарҳанги форсии имрӯза. –Теҳрон: Нашри Калима, 1370.
18. Даҳ соли сарфаву сариштакорӣ (2007-2017). -Душанбе, 2017, - 12.

19. Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2007.
20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. -Душанбе, 2011.
21. Мавлавӣ Ганҷӣ. Ҷомеашиносӣ. –Теҳрон: Калима, 1382.
22. Маҷиди Фурӯтан. Фарҳанги форсӣ. -Теҳрон, Интишороти Моҳтоб, 1374.
23. Муҳаммадалии Шуштарӣ. Фарҳанги вожаҳои форсӣ дар забони арабӣ. –Теҳрон: Баҳман, 1367.
24. Муҳаммадҷон Умаров. Қуръони карим. -Душанбе, 2009.
25. Муҳаммадҳасани Покдоман. Ҷомеа дар қаболи хурофот. –Гуновах: Гутенбург, 1378.
26. Муҳаммадҳасани Покдоман. Ҷомеа дар қаболи хурофот. -Машҳад, Марнадиз, 1378.
27. Пажӯҳиши ҷомеашиносии хурофот дар Эрон. -Теҳрон, Маҷмӯи мақолаҳо, 1995.
28. Ризои Хошиъӣ. Падидоршиносии хурофот дар Эрон // Рӯзномаи Ҳамшаҳрӣ, 1379.
29. Садр Сайидҷаводӣ Ҳоҷӣ. Доират-ул-маориф ташайюъ; тарҷумаи Сайиди Муҳибӣ, -Теҳрон: Илм, 1375.
30. Суханронӣ дар Маҷлиси умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои халқӣ. 9.06.1999.
31. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи умуми ҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои динӣ. [Захираи электронӣ] http://www.president.tj/node/12099 24.05.2007
32. Фарҳанги Муайян. -Ҷ, 1.
33. Фарҳанги Оксфорд. -Ҷ, 6.
34. Филип Воринг. Фарҳанги хурофот, аҷибтарин хурофоти мардуми ҷаҳон. Тарҷумаи Аҳмад Ҳаҷорон, интишороти Ҳаҷорон, -Теҳрон, 1371.
35. Ҳофиз Абуисо Муҳаммад ибни Исои Тирмизӣ. Авсоф-ун-набӣ (С). Шарҳу шамоили Тирмизӣ. -Бейрут, Табъат-ул-уло, Дор-ул-ҷил 1967, -356.
36. Энсиклопедияи советии тоҷик. -Душанбе, -Ҷ,8. 1987.
37. [Захираи электронӣ] Ingersol Robert Green. Superstition. Published by Kessinger Publishing, 2002.
38. Peter Kohler, What is Superstition? About.com [Захираи электронӣ]
(http://urbanlegends.about.com/cs/folklore/f/superstition1.htm)

ТАЪРИФИ ИСТИЛОҲӢ ВА ЛУҒАВИИ МАФҲУМИ ХУРОФОТ

Ин мақола ба таҳқиқи падидаи хурофот ва хурофотпарастӣ, навъҳои хурофот ва мавқеи он дар фарҳанги милливу динии тоҷикон ва чанде миллатҳои дигари мусулмон ва ғайримусулмони ҷахон бахшида шудааст. Мақола дар заминаи корбурди усули таҳлили муқоисавӣ ва мутолиаи асарҳои илмии як қатор муҳаққиқони маъруфи падидаи хурофот таълиф шудааст. Муаллиф дар заминаи баррасии маводи илмии ба ин мавзӯъ бахшидашуда собит менамояд, ки падидаи хурофот ва хурофотпарастӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Миёна собиқаи тӯлонии таърихӣ дошта, алалхусус, дар байни афроди чаласаводу ноогоҳ густариши зиёд пайдо намудааст. Ба андешаи муаллиф, хурофот ва хурофотпарастӣ як масъалаи меҳварӣ ва доғи рӯз мебошад, ки фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ ва диниро ба нестӣ мекашад. Сабаби асосии хурофотпарастӣ, камсаводӣ ва маҳдуд будани доираи донишу ҷаҳонбинии худи афроде мебошад, ки ба ин падидаи номатлуб гирифтор шудаанд. Чунин афрод агар дар зиндагии онҳо ягон мушкилии хурдакак сар занад, дарҳол ба фолбинҳову ҷодугарон мурочиат карда, кӯшиш менамоянд, ки ба ҳамин васила роҳи ҳалли мушкилиро ёбанд. Мурочиати афрод ба фолбинҳову ҷодугарон ба онҳо ҳеҷ фоида набахшида, баръакс, мушкили онҳоро афзунтар мекунад ва боиси хонавайронии онҳо мегардад. Аксарияти мардум хурофотро ба дин мансуб медонанд, ҳол он ки дини ислом ҳама гуна сеҳру ҷоду ва фолбиниро қотеона маҳкум кардааст. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки ҳеҷ дин ва ҳеҷ қонун мардумро мачбур намекунад, ки барои ҳалли мушкилоти худ аз ҷодугарону фолбинҳо мадад ҷӯянд. Зимни ҷамъбасти таҳқиқи мавзӯъ муаллиф чунин хулоса баён кардааст, ки барои пешгирӣ ва аз байн бурдани хурофот ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо иштироки зиёиёну ходимони дин ва пахши барномаҳои телевизионӣ дар атрофи ин мавзӯъ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ хеле муҳим мебошад.

Калидвожаҳо: фарҳанг, ҷашн, маросим, танзим,хурофот, хурофотпарастӣ, сеҳр, ҷоду, фолбинӣ, ақидаҳои фосид, раъйи ботил, сухани беҳуда, сафсата, афсона.

ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКИЕ И ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПОНЯТИЯ «СУЕВЕРИЕ»

Данная статья посвящена анализу феномена суеверия, его разновидностям и месту данного явления в религиозной и национальной культуре таджиков и других мусульманских и немусульманских народов мира. Статья написана с применением метода сравнительного анализа и использованием научных трудов ряда известных исследователей этого явления. Автор на основе анализа научных материалов, посвятивщихся данной теме, доказывает, что явление суеверия в Таджикистане и других странах Средней Азии имеет многовековую историю и распространено особенно среди малограмотной части населения. По мнению автора, суеверия относится к числу актуальных и злободневных проблем современности. Оно прежде всего оказывает разрушительное влияние на религиозные и национальные традиции. Основной причиной суеверий является ограниченный круг знаний и мировоззрения самих людей, подвергавшихся этим явлениям. Такие люди, если они имеют небольшие проблемы в своей жизни, немедленно обращаются к гадалкам и колдунам, пытаясь найти способ решения этих проблем. Обращение таких людей к гадалкам и колдунам не только не приносит им пользу, напротив, ещё больше усложняет их проблемы и становится причиной разрушения их семей. Большинство людей связывают суеверие с религией, в то время как религия ислама категорически осуждает всякие суеверия и колдовство. Автор также заявляет, что никакая религия и ни один закон не принуждают людям обращаться к гадалкам и колдунам для решения их проблем. Во время обобщения темы автор резюмирует, что для

предотвращения и устранения суеверий важное теоретическое и практическое значение имеет проведение разъяснительной работы с участием духовенства, также разработка и трансляция телевизионных программ по данной тематике.

Ключевые слова: культура, праздник, обряд, упорядочение, суеверие, суеверный, порча, колдовство, гадание, порочные мнения, ложное мнение,бред, вздор, сказка.

TERMINOLOGICAL AND LINGUISTIC DEFINITIONS OF THE CONCEPT OF SUPERSTITION

This article is devoted to the analysis of the phenomenon of superstition, varieties and place of this phenomenon in the religious and national culture of the Tajiks and other Muslim and non-Muslim peoples of the world. The article is based on the application of the method of comparative analysis and the use of scientific works of a number of well-known researchers of the phenomenon of superstition. The author, on the basis of an analysis of scientific materials devoted to this topic, proves that the phenomenon of superstition in Tajikistan and other countries of Central Asia has a centuries-old history and is spread especially among the uneducated part of the population. In the author's opinion, superstition is one of the topical problems of our time. It primarily has a devastating effect on religious and national traditions. The main reason for superstition is the limited circle of knowledge and worldview of the people themselves, who are exposed to this phenomenon. Such people, if they faced to a small problem in their lives, right away they go to fortunetellers and sorcerers, trying to find a way to solve this problem. Appeal of such people to fortunetellers and sorcerers not only does not benefit them, on the contrary, further complicates their problem and causes the destruction of their family. Most people associate superstition with religion, however the religion of Islam categorically condemns all superstition and witchcraft. The author also amphasized that no religion and no law would not compel people to go to fortunetellers and sorcerers to solve their problems. During the generalization of the analysis of the topic, the author summarizes that in order to prevent and eliminate superstitions, it is of great theoretical and practical importance to conduct explanatory work involving the clergy, as well as developing and broadcasting television programs around this topic.

Key words: Culture, celebration, rite, ordering, superstition, superstitious, corruption, witchcraft, divination, vicious opinions, false opinion, delirium, nonsense, fairy tale.

Сведения об авторе: С. ***Мухаммадшарифзода*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 985-58-47-61**

Information about the author: ***S. Muhammadsharifzoda*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
Tel.: **(+992) 985-58-47-61**

УДК: 891.550:016:929

МУХТАСАРЕ АЗ РӮЗГОРИ ШОҲНЕЪМАТУЛЛОҲИ ВАЛӢ

Мадимарова Г.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Доир ба вазъи таърихӣ ва илмиву адабии асрҳои XIV-XV- замони зиндагии Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ муаллифони китобҳое, ба монанди Хондамир, Шарафиддин Алии Яздӣ, Муҳаммад Қосимӣ, Акбар Сабурӣ, Ҳиндушоҳи Астарободӣ ва дигарон маълумот додаанд. Ҳамчунин муаррихони ватаниву хориҷӣ аз қабили Б. Ғафуров, В.В Бартолд, Ашрафин ва амсоли инҳо дар асоси сарчашмаҳои мазкур ва дигар асарҳои муътамади илмиву таърихӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида, авзои сиёсии ин даврро ба таври хеле муфассал баён кардаанд. Бинобар ин, мо низ кӯшиш кардем дар такя ба онҳо, атрофи вазъи сиёсӣ ва илмиву адабии Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро ба таври хеле мухтасар зикр намоем.

Замони таваллуди Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ ба охири солҳои ҳукуматдории бозмондагони муғул дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Форсу Ироқ, ки дар таърих ба номи давраи элхонон маъруф аст, рост меояд. Аниқтараш, шоир дар солҳои охири ҳукмронии яке аз султонони муқтадири элхонӣ Абӯсаид Баҳодурхон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Бояд гуфт, ки тамоми сарзамини Мовароуннаҳр аз замони забти чингизиён то нимаи аввали асри XIV дар ихтиёри писари дуюми Чингизхон- Чағатой ва пасояндагони ӯ қарор доштанд. Ба қавли Б. Ғафуров, дар охири солҳои 50-уми асри XIV давлати чағатоӣ тақрибан ба сӣ мулки ҷудогона тақсим гардид. Баъди аз байн рафтани усули чағатоӣ дар зери тасарруфи муғулҳо танҳо Туркистони Шарқӣ ва вилояти Ҳафтрӯд боқӣ монд [2, с.413].

Ин ҳама бесарусомониҳо ва марказгурезии ҳокимони маҳаллӣ ва истиқлолхоҳии онҳо то зуҳури Темур, ки дар таърих бо номи Темури Ланг машҳур аст, идома меёбад. Ба гуфтаи А.М Гуревич, яке аз даврaҳои тиратарини

Мовароуннаҳр дар асри XIV аз рӯзи марги амир Қазонхон то ба сари қудрат омадани Темур маҳсуб мегардад, ки баъдан давлатҳои майда ва пароканда бо ҳам муттаҳид гашта, як давлати абарқудрате ба миён меояд.

Бино ба маълумоти Рашидаддин, Мангуқхон аз рӯйи муносибати бародарона Ҳалокухонро насиҳат фармуда гуфтааст, ки бояд лашкарро ба марзи Тӯрон ба кишвари Эрон фиристад. Баъд аз забти Эрон аз тарафи Ҳалокухон аз ҷониби Ҳубуланқоон ба ӯ унвони элхон (унвони подшоҳи муғул) дода мешавад. Ҳалокухон дар ин қисмати Эрон соли 1261 давлати элхониҳоро барпо мекунад, ки ин давлат бо мурури замон бо номи Элхониён машҳур мешавад. Ҳалокухон барои ободонии ин қисмати Эрон бисёр кӯшишҳо намудааст. Давлати Элхониён дар ин сарзамин то соли 1334 барқарор буд ва баъди вафоти султон Абӯсаидхони Баҳодур, ки охирин ҳокими элхониён маҳсуб мешуд, аз байн меравад.

Авзои адабӣ ва фарҳангии замони шоирро низ адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ аз қабили Садриддин Айнӣ, Холиқ Мирзозода, С. Брагинский, Е. Э.Бертелс, Забеҳуллои Сафо, Саид Нафисӣ, Ризозода Шафақ, Шибилӣ Нӯъмонӣ , Эдвард Бравн, Ҳерман Этте ва дигарони дар асоси сарчашмаҳои мӯътамади адабию таърихӣ ва тазкираҳо мавриди омӯзиш қарор дода, ба таври муфассал ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.

Замоне, ки Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ зиндагӣ ва эҷод намудааст, ҳамчун замони марҳилаи пастравии ҳаёти маданӣ, вайроншавии мадрасаҳо, расонидани зарар ба фарҳанги моддиву маънавӣ дар таърих муаррифӣ мегардад. Ба хулосаи И.С.Брагинский, “Адабиёт бо забони форсӣ-тоҷикӣ нуқтаи баландтарини инкишофи худро дар асри XIV дар эҷодиёти Ибни Ямину Убайди Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ ба даст овардааст” [3, с.390]. Дар нимаи дуюми ари XIV-XV адабиёт ба забони тоҷикӣ-форсӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Эҷодиёти шоирон дар Мовароуннаҳру Хуросон, Эрон ва ҳатто Ҳинд низ ба ин забон сурат мегирифт. Ба гуфтаи муаллифи асари “Маҷолис-ун-нафоис” Алишери Навоӣ аз 336 шоире, ки дар ин давр эҷод мекарданд беш аз 90%-и онҳо ашъорашонро бо забони форсӣ- тоҷикӣ менавиштанд, ҳатто шоирони турктабор низ шеърҳои худро ба забони мазкур эҷод мекарданд. Аммо буданд шоироне, ки бо ҳар ду забон, яъне туркиву тоҷикӣ тарсеҳ мекарданд, ба монанди худи Алишери Навоӣ [4, с.106].

Дар асрҳои XIV-XV адабиёти калассикии тоҷику форс дар чанд намуди адабӣ инкишоф ёфтааст. Назм, насри бадеӣ ва насри илмӣ. Баъзе аз адибон ҳам нозим буданд ва ҳам носир. Масалан, дар ин асрҳо дар равияи эҷоди панду ахлоқ Саъдии Шерозӣ, ҳаҷв ва танқид Убайди Зоконӣ, лирикаи ишқӣ ва ғазалсароӣ Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ ва достонҳои ишқӣ-романтикии анъанавӣ Хусрави Деҳлавӣ ва дигарон хеле пешқадам буданд. Ба ҳамин тариқ, дар чунин муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки арсаи инкишофу пешрафти як қатор мактабу ҷараёнҳои гуногуни фалсафиву адабӣ ва ҳамзамон даврони муборизаи байни ҳокимону амалдорон ва рӯҳониёни мутаассибу равшанфикрони озодихоҳ буд, Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ умр ба сар бурдааст.

Замони зиндагии Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ, чуноне ки зикр кардем, ба асрҳои XIV-XV- давраи ҳукмронии сулолаи Темуриён рост меояд. Гарчанде ки Амир Темур ва ҷонишинонаш дар таърих ҳамчун шахси золим муаррифӣ шудаанд, аммо ба қавли баъзе муҳаққиқон нисбати пешвоёни дин ва сӯфиёну шайхҳо эҳтиром мегузоштаанд. Чуноне ки М.Р Раҷабов дар китобаш қайд мекунад: “Барои он ки тасаввуфро ба фоидаи хеш истифода кунанд, бойҳо, заминдорони калон ва давлатдорону амироне, ки ҳукмрон буданд, бештар вақт ба ҷамъияти сӯфиён ворид мешуданд ва худро аъзои онҳо мегуфтанд... ҳукуматдорони темурӣ ба монанди Шоҳрухмирзо, Абӯсаид, Султон Ҳусайни Бойқаро аз қабили ҳамин гуна амирон буданд” [10, с.174]. Ва ё ин ки муҳаққиқи дигаре оиди муносибати амирони темурӣ бо аҳли тасаввуф чунин гуфтааст: “.. аз дигар сӯ, эҳтироме, ки ӯ ва ҷонишинонаш барои машоихи сӯфия қоил буданд, муҷиби ташдиди иқболи мардум ба онҳо мешуд ва хонақоҳҳову паноҳгоҳҳо ва қасри азиме пур аз мардум мегардид [9, с.119]. Бахусус Амир Темур, чунонки дар “Зафарнома” ва “Таърихи Темурӣ” низ омадааст, аз ҳар шаҳре, ки мегузашт, ба зиёрати машоихи зинда ва қубури бузургони мутасаввиф мерафт ва ба камоли одоб дасти иродат ба остони онҳо дароз мекард ва ҳиммат металабид [7, с.91].

Аз сарчашмаҳои асосӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ, пеш аз ҳама, ба ашъори худи шоир такя кардан бар манофеи кор аст. Шоир дар порчаҳои шеърӣ ва сатрҳои ҷудогонаи эҷодиёташ дар баъзе мавридҳо, бораи лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаёташ қайд кардааст. Бинобар ин, истифода аз ин гуна ишораҳо дар

омӯзиши ҳаёт ва рӯзгори ӯ аҳамияти калон доранд. Манобеи дигаре, ки барои равшан намудани ҷараёни рӯзгору аҳволи шоир кӯмак мерасонанд, тазкираҳо, маъхазҳои хаттӣ ва адабию таърихӣ, адабиётҳои илмӣ назарӣ буда, дар онҳо роҷеъ ба зиндагиномаи шоир, осору эҷодиёташ маълумот дода мешавад.

Дар миёни сарчашмаҳо ва маъхазҳои аввалине, ки оид ба осор ва рӯзгори шоир дар онҳо маълумот зикр шудааст, тазкираи Абдурраззоқи Кирмонӣ хеле муътамад ба назар мерасад. Муаллиф дар замони зиндагии Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ умр ба сар бурда, бо иҷозати худи шоир ба навиштани шарҳи ҳоли ӯ даст задааст. Дар тазкираи Абдурраззоқи Кирмонӣ омадааст, ки дар замони зиндагии шоир инчунин, ду рисолаи дигаре низ таълиф гардидаанд, ки яке аз онҳо “Рисола дар сайри Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ” ном дошта, ба қалами Абдулазиз Шермалики Воизӣ тааллуқ дорад. Ғайр аз ин, китобҳое бо монанли “Бӯстон-ус-сайёҳа”, “Тароиқ-ул-ҳақоиқ”, “Риёз-ул-орифин”, “Номаи Донишварон” ва дигар сарчашмаҳо оиди зиндагӣ ва ашъори шоир маълумоти муфассале додаанд.

Дар хусуси сол ва ҷойи таваллуди Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ маълумоти аниқ дода нашудааст. Лутфалибеки Озар дар тазкираи “Оташкада” соли таваллуди Шоҳнеъматуллоҳи Валиро тахминан солҳои 730-731ҳ. баён кардааст. Муаллифи тазкира менависад: “Сайид Нуриддин Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ ибни Абдулло ибни Муҳаммад ибни Абдулло ибни Камолиддини Ҳалабии Кӯҳбинонии Кирмонӣ, муассис ба ном ва арҷманди тариқаи неъматуллоҳӣ дар тасаввуф буда, рӯзи панҷшанбе 22-юми раҷаби соли 730 ё 731 ҳ. дар Ҳалаб таваллуд шудааст” [8, с. 465].

Бештари сарчашмаҳо соли таваллуди шоирро тахминан дар байни солҳои 730-731 ҳ. зикр кардаанд ва дар ягон сарчашмае ба таври возеҳу равшан таърихи валодати Шоҳнеъматуллоҳ баён нагардидааст. Аммо муаллифи рисолаи “Сайри Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ” Шермалик Воизӣ менависад,ки шоир худ фармудаанд: “Дол бар валодати ман зол малфуз аст”, ки санаи 731ҳ. Мебошад [13, с.19-24]. Ва ба ин далел метавон қазоват бар он кард, ки соли таваллуди шоир 731ҳ. баробар ба соли 1331 мелодӣ мебошад.

Дар хусуси ҷойи таваллудаш низ ихтилофи назар мавҷуд аст. Шермалик Воизӣ менависад, ки “Валодати он ҳазрат дар шаҳри Ҳалаб иттифоқ афтода, модараш аҳли шубонкораи форс ва падараш аҳли Ҳалаб буд” [13, с.15]. Соҳиби “Риёз-ул-орифин” таваллуди ӯро дар кӯҳистони Ҳирот мегӯяд, вале муаллифи “Бӯстон-ус-сайёҳа” шоирро зодаи Кӯҳбанон навиштааст. Аммо Забеҳулло Сафо дар ин бора чунин қайд кардааст: “Аҷдоди Шоҳнеъматуллоҳ дар шаҳри Ҳалаб истиқомат доштанд. Ва падари шоир аз Ҳалаб ба ноҳияи Кечу Мукрон муҳоҷират карда, баъд бо умарои шубонкораи форс аз роҳи ба никоҳи хеш даровардани духтарашон, ба онҳо риштаи хешовандӣ пайдо мекунад ва дар Кирмон маскан мегирад. Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ дар ин шаҳр дар соли 730 ё 731-и ҳ/қ таваллуд мешавад [5, с. 299]. Ба ҳамин тартиб, баъзе сарчашмаҳо шоирро зодаи шаҳри Ҳалаб ва баъзеашон Кирмони Эрон ва Моҳон меҳисобанд. Ҳамид Фарзом дар асари худ “Таҳқиқ дар аҳвол ва нақди осору афкори Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ” нисбати рӯзгори шоир дар муқоиса ба маъхазҳои қаблӣ маълумоти бештареро овардааст ва ақидаи онҳоеро, ки шоирро мутаваллиди Кирмони Эрон мешуморанд, инкор намуда, менависад: “Бешубҳа, метавон гуфт, ки мавлуди Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ бар хилофи машҳур шаҳри Ҳалаб буда, на Кирмон ва соҳибони тазкираҳо ва нависандагон аз се қарн пеш то кунун дар ин бора ба хато рафтаанд”[6, с.18].

Дар баъзе манбаъҳои дигар низ таваллуди ӯро дар шаҳри Ҳалаб навиштаанд. Овардаанд, ки модараш аз аҳли шубонкораи форс буду падараш аҳли Ҳалаб ва ин шеъри худи шоирро далел овардаанд:

Неъматуллоҳ Нуриддин дорам лақаб,
Нури дин аз Неъматуллоҳ металаб.
Муддате будам муҷовир дар Аҷам,
Гарчи аслам бошад аз мулки Араб.
Ман муҷовир ҳолиё дар мулки форс,
Ҷадди ман осуда дар шаҳри Ҳалаб [6, с.17].

Абдурраззоқи Кирмонӣ насаби пурраи шоирро дар тазкираи худ “Маноқиби ҳазрати Шоҳнематуллоҳи Валӣ” чунин овардааст: “Неъматуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Камолиддини Яҳё ибн Ҳошим ибн Мусо ибн

Ҷаъфар ибн Солеҳ ибн Муҳаммад ибн Ҷаъфар ибн Алҳусайн ибни Муҳаммад ибн Исмоил ибн Абӯабдуллоҳ ибн Муҳаммади Боқир ибни Зайнулобиддин ибн Ҳусайн ибн Алӣ...”. Ва баъд ин шеърро аз забони худи шоир овардааст:

Неъматуллоҳам ва аз оли расул, *Падараш Ҳошим асту ҷадд Мусо,*
Марҳами орифони раббонӣ. *Модараш шоҳзодаи сомонӣ.*
Қурратулъайни Мир Абдуллоҳ, *Дигар он Ҷаъфари хуҷасталиқо,*
Муршиди вақту пири рӯҳонӣ. *Авҷи маҳзу латифу нуронӣ.*
Падари он Муҳаммади Саид, *Саидсаллоҳ асту Аҳмад ном,*
Ки набудаш ба ҳеҷ ру сонӣ. *Ҷамъ мебуд аз парешонӣ.*
Боз султони авлиёи ҷаҳон, *Пас Муҳаммад, ки назди ҳиммати ӯ*
Мир Абдуллоҳ аст, то донӣ. *Мухтассар буд олами фонӣ.*
Пири комил Камолиддини Яҳё, *Боз Ҷаъфар, ки буд олиқадр,*
Саиди маснади сулаймонӣ. *К-он эҳсони баҳри ирфонӣ ...[1, с. 15].*

Ҳамин тавр, шоир дар мавриди аслу насаби хеш қитъаи мазкурро таълиф намуда, дар абёти охираш нуздаҳум ҷадди хеш будани Ҳазрати Муҳаммад (с)-ро таъкид мекунад:

Нуздаҳум ҷадди ман расули Худост,
Ошкорост, нест пинҳонӣ [1, с. 17].

Шоҳнеъматуллоҳ дорои зеҳни фавқулодаву ҳуши баланд буда, Қуръони каримро дар овони кӯдакӣ ҳифз намудааст. Дар масъалаи аз файзи раббонӣ баҳравар буданаш ва қобилияту истеъдоди ғайримуқаррарӣ доштанаш дар девонаш ишораҳо ба назар мерасанд. Аз абёти зерини шоир ин мавзӯъ баръало аён аст:

Маро илме, ки андар сина доданд,
Яқин медон, ки он дар сӣ надоданд.
Ба се ҳоле маро гардид маълум,
Ки шайхи чилларо дарсе надоданд [12, с.23].

Неъматуллоҳи Валӣ осори ирфонии машҳури замони хеш, аз ҷумла “Мирод- ал-ибод”-и Наҷмуддини Доӣ, “ал-Ишорот”-и Абӯалӣ ибни Сино ва махсусан “Фусус-ал-ҳикам”-и Муҳайиддин ибн ал-Арабиро комилан ҳифз намуда будааст.

Худи адиб дар рисолае, ки дар шарҳи абёти “Фусус-ал-ҳикам” навиштааст, мефармояд:

Калимоти “Фусус” дар дили мо,
Чун нигин дар мақоми худ биншаст.
Аз Расули Худо расид ба мо,
Боз аз рӯҳи ӯ ба мо пайваст [12, с.78].

Шоир аз овони кӯдакиаш истеъдоди фавқулода барои дарки маонӣ ва каломи ирфонӣ доштааст. Азбаски падари шоир яке аз суфиёни машҳури замони худ ба шумор мерафт, ин амали ӯ ба писараш – Шоҳнеъматуллоҳ низ бетаъсир намондааст. Мир Абдуллоҳ ба хурдсол будани фарзандаш нигоҳ накарда, ӯро ҳамвора ҳамроҳаш ба маҷлисҳои сӯфиён мебурд. Ин аст, ки дар дили шоир аз даврони кӯдакиаш ба дунёи сӯфиён муҳаббати зиёде пайдо мегардад. Бешак метавон гуфт, ки аввалин муаллиме, ки шоирро ба дунёи сӯфиён ошно кард, ин падараш буд. Баъд аз андаке соҳиби андешаи шахсӣ ва дониши хуб гаштан Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ ба назди олимони машҳури давр барои такмил додани илмаш меравад. Шоир ба дунёи орифон муҳаббати бепоён доштани хешро зикр мекунад:

Соли умрам бист ё худ бешу кам,
Нури ирфон аз дилам мезад алам [12, с.95].

Яке аз аввалин устодоне, ки Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ дар пеши ӯ таълим гирифтааст, Шайх Рукниддини Шерозӣ аст. Баъдан барои андӯхтани илми балоғат назди Шамсиддини Маккӣ меравад ва ҳамчунин илми каломро аз Саид Ҷалолиддини Хоразмӣ омӯхтааст. Аммо нафаре, ки Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ ҳамчун пир ва утоди воқеӣ пазируфтааст, ин Абдуллои Ёфеъӣ мебошад.

Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ баъд аз сафарҳои зиёде оқибат ба Кирмон бармегардад ва дар он ҷо муқимӣ мешавад. Аз Кирмон рӯзе барои тафриҷ ба Саросиёби Моҳон рафтанӣ шуд. Гӯянд пиразоле суфрае ноне ва косаи шире аз сари ихлос ба ҳузури вай оварда, хоҳиш намуд, ки Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ дар Моҳон бимонад. Саид Неъматуллоҳ хоҳиши ӯро қабул фармуда, сокини Моҳон гардид ва то охири умр ҳамон ҷо буд [15, с.89].

Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ 22-уми раҷаби соли 834 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1431 мелодӣ дар 104 ё 103 солагӣ аз дунё мегузарад. Ҷасади шоир ва сӯфии машҳурро дар Моҳони

Кирмон ба хок супориданд. Баъдҳо амир Султонаҳмади Баҳманӣ подшоҳи Дакан мақбарае барои ӯ сохт, ки соли 840 ба итмом расид. Дар давраи шоҳ Аббос биноҳои дигаре ба хотири Шоҳнеъматуллоҳ сохта шуданд, ки то ҳол вуҷуд доранд ва зиёратгоҳи сӯфиёни неъматуллоҳӣ мебошанд[9, с.411].

Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ дар бархе аз ашъори хеш ишора ба тӯли умри худ кардааст. Чунонки мегӯяд:

Қурби сад соли умри ман бигузашт,
Қасди мӯре накардаам ба Худо [12, с.615].

Хулоса, Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ яке аз пешварони бузурги тасаввуф, ориф ва сӯфӣ буда, тариқаеро бо номи неъматуллоҳия аз худ боқӣ гузоштааст, ки пайравону эътиқодмандонаш ҳанӯз ҳам дар кишварҳои Эрону Ҳиндустон ва ҳатто давлатҳои ғарб ба монанди Канада, Англия, Амрико сукунат доранд.

Аз омӯзиши фаъолият ва эҷодиёти шоир бармеояд, ки ӯ дар таърихи ирфон ва тасаввуфи адабиёти форсу тоҷик ҳамчун шоири шинохта ҷойгоҳи хосси худро дорад. Зиндагии шоир пур аз намунаҳои таълими ахлоқу одоб ва шинохти ботинии инсоният аст. Шоҳнеъматуллоҳи Валиро метавон ҳамчун шоири ҷаҳонгард низ саромади дигар шоирони ҳамзамононаш донист, зеро ӯ қариб аз нисф зиёди умрашро барои сафар ва омӯзиши илму ҳунар паси сар кардааст. Ҳамин сабаб буд, ки шоир тавонист дар тамоми Хуросону Эрони он давр соҳиби мақому мазалати баланде гардида, дили пайравону мухлисони зиёдеро ба даст орад. Ҳатто шоҳону амирони замонаш низ ба ӯ иродат варзида, худро аз дӯстдорон ва пайравони шоир медонистанд ва баъзеи онҳо шеъру каломи ӯро мехонданду таҳсинаш мегуфтанд. Яке аз сабабҳои умдаи соҳиби ҳаводорони зиёд гардидани шоирро мо дар он хулоса мекунем, ки ӯ тавонист анъанаи пешинаи тасаввуфро, ки бештарашон талқин ба дунёбезорӣ, бекорӣ, инкори ақл ва ғайра мекарданд, шикаст дода, шогирдон ва пайравонашро ба кору фаъолият дар рӯзгори ҳаррӯза, бахусус кишоварзӣ даъват кард. Шоир худ низ бештари вақт ба зироаткорӣ, боғдорӣ ва ободии хонаву гирду атроф даст мезад, ки ин хислати ӯ боиси таваҷҷуҳи мардуми зиёд ба ӯ гашта, дилгармии онҳоро нисбат ба шоир афзудааст.

Ғайр аз ин, шеъри шоир, муносибати ӯ бо ҳамзамононаш, баҳси илмиву фалсафии ӯ бо олимони давр, дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мавқеи хеле арзишмандеро бархӯрдор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураззоқи Кирмонӣ. Маноқиби ҳазрати Шоҳнеъматуллои Валӣ. Кирмонӣ А. –Теҳран, 1730.-С. 394.
2. Б. Ғаффуров. Тоҷикон / Б. Ғаффуров. –Москва, 1972.
3. Брагинский И.С. Проблеми востоковедения / И.С. Брагинский. Актуальный вопросы восточного литературовидение. -М, 1974. -С.267.
4. Бартолд В.В. Туркистон в эпоху мангольского нашествия / В.В. Бартолд. -С.106-107.
5. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. –Теҳрон, -Ҷ 4. -С.-229.
6. Ҳамид Фарзом. Таҳқиқ дар аҳвол ва нақди осору афкори Шоҳнеъматуллои Валӣ. –Теҳрон, 1369. -С.-890.
7. Зафарнома. Низомиддини Сомӣ. – Прага, 1902.
8. Лутфалибеки Озар. Оташкада. –Теҳрон,1376. -С. 587.
9. Муҳсин Киёнӣ.Таърихи хонақоҳ дар Эрон. –Теҳрон, - С.411.
10. Рачабов. М.Р Абдураҳмони Ҷомӣ ва фалсафаи тоҷик дар асри 15 / М.Р. Рачабов. -Душанбе, 1968.
11. Шеъри форсӣ дар аҳди Шорух. Эҳсонёр Шоҳтур, чопи дуввум, Донишгоҳи Теҳрон 1373. -С. 287.
12. Шермалик Воизӣ. Сайри Шоҳнеъматуллои Валӣ. -Теҳрон, 1310.
13. Саид Нафисӣ. Девони Шоҳнеъматуллои Валӣ. -Теҳрон, 1391.-С.790
14. Ризонури Неъматуллоҳӣ. Ганҷинаи подшоҳии шоҳи Моҳон. –Теҳрон: Таърихи нашраш номаълум. -С.278.

МУХТАСАРЕ АЗ РӮЗГОРИ ШОҲНЕЪМАТУЛЛОҲИ ВАЛӢ

Мақолаи мазкур оид ба зиндагӣ ва фаъолияти шоир ва сӯфии маъруфи асри XIV-XV Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ бахшида шудааст. Муаллиф бар он назар аст, ки ӯ ҳамчун яке аз шоирони шинохта дар рушди шеъру адаби форсу тоҷик нақши босазое гузоштааст. Оид ба зиндагӣ ва эҷодиёти ӯ дар сарчашмаҳои гуногун маълумот дода шудааст. Дар замони зиндагии ӯ дар Кирмон шуҳрати мутафаккир тамоми Эрон, Хуросон ва Ҳиндро фаро гирифта буд. Шоир охири умрашро дар Моҳон гузаронида, ҷасади ӯро муридон ва ҳаводоронаш дар ҳамон ҷо ба хок супориданд. Баъди омӯхтан ва мутолиаи китобҳои муҳимми замони худ шоир ба кишварҳои гуногуни дунё сафар намуда, бо намояндагони маъруфи тасаввуф, аз ҷумла Абдуллоҳи Ёфеъӣ дар Макка вомехӯрад. Шоҳнеъматуллоҳ ҳамчунин ба шаҳрои Самарқанд, Миср, Туркистон низ сафар кардааст. Аз ҳама асари муҳимме, ки шоир мутолиа мекунад ва ба ҷаҳонбинии ӯ таъсири амиқ расондааст, ин китоби «Фусус-ал-ҳикам»-и Ибни Арабӣ мебошад. Аз Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ зиёда аз 116 рисола ва 13000 абёти тасаввуфӣ боқӣ мондааст. Ӯ зиёда аз сад сол умр дидааст. Шоҳнеъматуллҳо Валӣ дар адабиёти тасаввуф мақоми баланд дорад.

Калидвожаҳо: Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ, насаб, ҷаҳони маънавӣ, таҳсилот, ҷаҳонбинӣ, сайру саёҳат, тасаввуф, ашъор.

КРАТКИЙ ОБЗОР О ЖИЗНЕННОГО ПУТИ ШАХНЕМАТУЛЛА ВАЛИ

Данная статья посвящена жизни одного великого поэта и суфия Шахниматулла Вали, известного представителя персидско-таджикской классической литературы XIV-XV вв. Автор приходит к вывод, что Шахнематулла Вали, как хороший поэт и софийский мастер, внес большой вклад в таджикско-персидскую литературу. О жизни и творчестве поэта написано в разных научных источниках. Мыслитель родился в 1331 году в Алеппо и умер в 1432 году в Кирмане. Во время пребывания Шахниматулла в Кермане слава о нем распространилась по всем областям Ирана, Хурасана и Индии, откуда приходили жаждущие встретиться с ним. Его тело было передано Махану - придворные и слуги, дервиши и знатные люди - несли его плечом к плечу - и там похоронили. Изучив важные книги своего времени, он путешествовал по всему миру и посещал многих софийских мастеров, пока не встретил великого мастера шейха Абдуллу Яфея в Мекке. Шахнематулла практиковал духовные упражнения в течение семи лет под руководством этого мастера. После этого мыслитель отправился в Египет, Иран, Туркестан и Самарканд для уретрита и духовного карантина. Но наиболее важным было изучение книги *Фусусал-Хикам* («Геммы мудрости») Ибн Араби, которую он выучил наизусть. ШахнематуллаВали написал не менее 116 трактатов и более 13 000 мистических стихов. Он прожил около ста лет. Шахнематулла Вали достиг совершенства в области суфийский поэзии.

Ключевые слова: Шахнематулла Вали, родословная, жизнь, образование, мировоззрение, суфизм, путешествие, духовная нищета, материальный мир, познания, произведения.

SUMMARY OF THE LIFE WAY OF SHAHNEMATULLA VALI

This article is dedicated to the life of one great Sufi poet, Shah NimatullahVali, a prominent representative of Persian-Tajik classical literature of the XIV-XV centuries.About his life and work is written in various scientific sources. He was born in 1331 in Aleppo and died in 1432 in Kirman. During the stay of Shahnimatulla in Kerman, his fame spread to all regions of Iran, Khurasan and India, from where the eager to meet him came from. His body was handed over to Makhan - courtiers and servants, dervishes and noble people carried him shoulder to shoulder - and buried there. Having studied the important books of his time, he traveled around the world and visited many Sufi masters, until he met the great master Sheikh Abdullah Yayfei in Mecca. He practiced spiritual poverty for seven years under the guidance of this master. After that, he went to Egypt, Iran, Turkestan and Samarkand for arthritis and spiritual quarantine. But the most important was the study of the book Fusus al-Hikam ("Gems of Wisdom") by Ibn Arabi, which he learned by heart. Later, when he embarked on the path of spiritual poverty, leaving worldly concerns and turning inward to him, it was given to comprehend the meaning of this book through intuitive insights. Shahnematulla wrote at least 116 essays and more than 13,000 mystical poems. He lived about a hundred years. Shah Nematulla Wali achieved perfection in the field of mystical poems.

Key words: Shah Nimatullah Vali, genealogy, life, education, worldview, spiritual poverty, Sufism, travel, spiritual world, material world, knowledge, poetry.

Сведение об автора: ***Мадимарова Гулхаё*** - Таджикского государственного института языков имени С. Улугзода, аспирант. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6.
E-mail: **gulhayom@gmail.com.** Тел.: **(+992) 935-08-19-89**

Information about the author: ***Madimarova Gulhayo*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda, graduate student. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Muhammadiev 17/6.
E-mail: **gulhayom@gmail.com.** Tel.: **(+992) 935-08-19-89**

УДК: 891.550:82

ТАҲҚИҚУ БАРРАСИИ ИХТИЛОФ ВА БАРХУРДҲОИ АҚОИДИ ИСЛОМӢ ДАР “МЕЪЁР-УТ-ТАДОЮН”-И АҲМАДИ ДОНИШ

Олимова Х.Ҳ.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳодисаҳои дар нимаи дувуми садаи XIX дар Бухоро рухдодаро Аҳмади Дониш дар “Меъёр-ут-тадоюн” ҷиҳати баррасии бархурдҳои мазҳабӣ иншо намудааст. Пайваста ба ин, Аҳмади Дониш чун мутафаккири замон аз муҳтаво ва аҳдофи мазоҳиби мухталиф воқиф мебошад ва мушкилиро тавре ба қалам овардааст, ки мутолеакунандаро дар ҳайрат мегузорад, чунки масоили баррасишуда дар китоби “Меъёр-ут-тадоюн” имрӯз низ ҷомеаи шаҳрвандиро фаро гирифта, барои таҳмил намудани манофеи геополитикӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. “Меъёр-ут-тадоюн” аз муқаддима, се фасл ва хотима таркиб ёфтааст. Китоб андешаҳои динии нависандаро фароҳам гирифтааст ва дар муқаддима низ меорад: “Ниҳодани чароғи рӯҳ дар фонуси ҷисм ҳидояте қабл аз халқ аст ва имтиёзи хайру шарр ба воситаи ин рӯшноӣ раҳмате баъд аз халқ” [1, с.15].

Мақсади асосии рисоларо худи Аҳмад Махдуми Дониш чунин иброз намудааст: “Аммо баъд ин рисолаест дар ислоҳи зотулбайни миёни шиъаи шаниъа ва суннии сания ва баёни мухолифату муонадати фариқиён ба ҳамдигар ва амр ба мувосо ба тарафи мухолиф мураттаб ба як муқаддима ва се фаслу хотима” [1, с.17].

Дар муқаддимаи асар муаллиф воқеияти воридшавии Русия ба сарзамини Мовароуннаҳр ва вазъияти Самарқанд ҳангоми ҷанг бо Русияро тасвир намудааст: “миқдори ҳашт ҳазор аз аскари Русияро ба забти ҳаволии Мовароунаҳр аз давлати Рус маъмур гаштанд, монанди мӯр, ки аз роҳи борик қатор шавад ва аз пайи ҳамдигар равад, рост омада, ба Самарқанд даромаданд ва ба атрофи ӯ мунташир шуда, билохира дар Бухоро низ дохил гаштанд... Аз он ки Русия чанд навбат ба сабаби хиёнати аҳолии он ҷо илтизом оварда, яъне қатли омми Самарқанд намуданд, лекин маслиҳат надидаанд” [1, с.21].

Ба қавли Дониш чун дар ин мамалакат харобии аҳвол ва диёнат буд, имкони базудӣ гирифтани сарзамини Моваруннаҳр муяссар гардида, аз ҷониби дигар баъзе пайвастагиҳо ба Самарқанд масъалаи базудӣ таслим гардидани Бухоро ба амал меояд. Аҳмад Махдуми Дониш чунин меорад: “Ва баъд аз ин, агар вилояти Бухоро ба эътимоди оби Самарқанд тараддуди об барои аҳолии худ накунанд, қаҳтии Бухоро дар замони отия муқаррар хоҳад шуд, чунки оби Самарқанд назар ба қарори имораташ, ки Русия фармон додааст, ба худи он ҷо ба сафар хоҳад рафт, ва-л-иёзу би-л-Лоҳи, агар се сол аз Самарқанд оби Бухоро қатъ шавад, чоҳҳо низ об нахоҳад дод. Ва мафоди Каломи илҳом ба вуқӯъ хоҳад пайваст, лекин баъд аз ӯ раҳи Самарқанд, агар он рост ояд, обе ки инҳо оранд ва аз ҳар ҷо ёбанд, оташ шаваду суд надиҳад, то қалами тақдир муҳаррифу мутағайир нагардад, тақдими Самарқанд дар тахриб ва-л-Лоҳу аълам аз ҷиҳати тақдими иморат бошад” [2, с. 201,21].

Аҳмади Дониш масъалаи ободии шаҳри Бухороро аз оби Самарқанд медонад ва маълум аст, ки оби Самарқанд аз дарёи Зарафшон меояд. Дар ин маврид Аҳмади Дониш ҳикоят аз замони амир Ҳайдар меорад. Ба қавле дар замони амир Ҳайдар сафире аз Кобул меояд ва дар чаҳорбоғе аз саршории оби Бухоро маълум мекунад, ки об аз Самарқанд аст. Ҳамзамон дар суҳбат маълум намуд, ки мардуми Бухоро Самарқанду Бухороро то ба ҳадди як шаҳр медонанд ва сафир дар ин маврид таъкид бар он мекунад, ки агар ин фикр баръакс бошад, беҳтараш ин шаҳрро дар назди дарёи Ому мебояд сохт.

Дар ин ҷо ободии шаҳрҳоро дар “обҳои ҷорӣ ва чашмасор” медонад “то зироат кунанд, маишати халқро” [1, с.22].

Истилои Русия ба андешаи мутафаккир “балое буд осмонӣ”, вале баробари он “ҳудуси дини ташайюъ, ки дар ин билод зуҳур гирифт, ба сабаби тадохули шиъӣ дар умури мулкӣ ва сиёсӣ” меҳисобад. Ва ба қавли Дониш “дар асри ду подшоҳ кори шиъиён хеле боло гирифт, ки дар умури давлатӣ ва салтанатӣ дар ин давлат шарик шуданд” [1, с.23].

Аз ҳамин хотир, таҳлилҳои мусанниф ва баҳсҳои мазҳабии ӯ ҳатто барои ояндагон аз аҳамият холӣ нест. Аҳли шиъа ба дурӯягӣ машғул гардида, анқариб мардуми Бухороро дар ғафлат гузошта буданд ва дар ин маврид дар бораи яке аз намояндагони ин мазҳаб андешаашро баён менамояд: “Ва яке аз муҷтаҳиди бузурги эшонро, ки ба сурати воиз баромада, дар рӯзҳо ба халқи омма тазкир мегуфт ва шабҳангом шиъиёнро ба мазҳаби ибоҳат ва сулуки чароғкӯш тарғиб менамуд ва аз ваъз низ муродаш ҳубби муртазавиро ба хотир қарор додан ва таъзияи шаҳодати Ҳусайнро ба тариқи савобу ҳасанот баршумурдан ва муғолатаи сунниён кардан буд. Баъд аз таҳқиқ мазҳаби ӯ бармало, амир ӯро ба қатл оварда, хост ки ҷамоаи шиъӣ алявм бар мардуми исломӣ хеле зиёдатӣ доранд, балки ҳамсарӣ ва пешӣ меҷӯянд ва дар давоъии тағаллубу тафаввуқ дар замир доранд, балки агар тавонанд Туркистонро ба давлати Эрон мулҳақ карданӣ, лекин ал-ҳаққу йаъло ва ло йуъло” [1, с.23].

Дарвоқеъ, дахолат кардан ба сиёсати кишварҳои аҳли суннат аз хоҳишҳои асосии мусалмонон аз ҷониби аҳли ташайюъ бошад ҳам, аммо бинобар бепарвоӣ ва дар зулмати ҷаҳлу нодонӣ қарор доштани аморат ва атрофиёни он, боиси пастравии Бухоро мегардад. Дониш дар ин ҷо аз ғаразҳои сиёсии Русия дар мавриди аз ҳисоби “қазоқу қирғиз” омода намудани асокир фақат ба хотири забт намудани кишварҳои дигар бинобар ба ғоратгарӣ иштиғол доштани худи қазоқҳо ва қирғизҳо осон

мегардад. Ба андешаи Дониш, ҳукамои Русия онҳоро бехирад ва “монанди сабоъи даштӣ дар биёбон беқайду таклиф чарида ва номи мусулмон доранд, аммо масдари беимонианд” меҳисобиданд [1, с.25]. Онҳо қарор доданд, ки ин ду мардумро дониш фароҳам оранд ва барои мақсадҳои худ истифода намоянд. Воқеан, қазоққо ва қирғизҳо бодиянишин буданд ва кори онҳо аз ғорат кардани маҳаллу шаҳрҳо ва корвонҳо иборат буд. Дар замони амир Музаффар, агар шиён ҷой гирифта бошанд, ба қавли Дониш, дар замони амир Абдулаҳад онҳо мавқеъ пайдо намуда, то ба ҳадде ки “сунниён аз шиён метарсанд, чандон ки яҳуд аз эшон меҳаросанд” [1, с. 26].

Аҳмади Дониш сабаби ҳароси мардумро аз мазҳаби шиъа беасос намедонад, чунки аҳли ташайюъ ба мусалмонони аҳли суннат бинобар ихтилофоти ақоид дар мусалмонӣ хатар доштанд ва ба андешаи мутафаккир: “Он ки дар ҳар вилояте ин ҷамоати шуми дунтар аз бум сар бардоштанд ва дар умури давлатии он вилоят ширкат ёфта, фисқу фасод боло гирифтааст, вабо ва зилзила ва қаҳт афтода дар охир поймоли кафараи фаҷара шуда” [1, с 26].

Ва Аҳмади Дониш бо тамоми бузургию нотакрорияш ба он ишора менамояд, ки ҳақ надорад касеро носеҳӣ намояд, аммо барои таъкиди андешааш аз Сураи Қаҳф, ояти 17-ро меорад, ки ин гуна аст: “Ва ҳар кас, ки Худо ӯро гумроҳ кунад, пас барои ӯ ҳеҷ дӯсти роҳнамоянда наёбӣ”. [1, с. 29] Гузашта аз ин, Дониш таъкид мекунад, ки мақсади таълифи китоб ин баррасии мазҳаби шиъа дар асоси китоби ”Чор унсур”-и Бедил мебошад. Бедил дар асари зикркардааш аҳли шиаро бениҳоят зиёд танқид намудааст ва ӯ ин масъаларо худ таҳқиқ менамояд ва хулоса мебарорад, ки дар ҳақиқат омили бадбахтии мусалмонон ҳамин ташайюъ аст.

Яъне, дар умум ин китоб барои он таҳия гардид, ки дар замоне ки Дониш умр ба сар мебурд, нисбат ба мазҳаби суннӣ бепарвоӣ пайдо мешавад ва бештари мардум шиагаро мегарданд, чунки паноҳгоҳи онҳо дар дарбор роҳ ёфта буд. Аҳмади Дониш дар асари мазкур масъалаҳои баҳсталаби диниро таҳқиқ менамояд ва барои амалӣ гардидани мақсади худ аз бузургони аҳли дини ислом, мутафаккирон ва мутасаввифон ёд мекунад ва ҳамзамон Бедилро дар таҳкими андешаҳояш ва бунёди меъёри адён ба хотири тафовут гузоштан байни мазҳаби шиа ва бартарии аҳли суннат сари ин масъала истифода мебарад ва ҳатто таъкид менамояд: “... агар касе хоҳад, ки бузургворони дини исломро теъдод кунад ва авлиё ва маҷзубони Ҳақ бишносад, дар “Тазкират-ул-авлиё”-и Шайх Фариди Аттор ва “Нафаҳот-ул-унс”- и Ҷомӣ бинад” [1, с.36]. Аммо Дониш Бедилро тавсиф менамояд ва ӯро “Фурқони матин”, “сеҳри мубин ва ҳеҷ сухани ӯ бетаҳаммулу тафаккури балиғ ба фаҳми ҳеҷ як аз уқалову булағо дарнаёмада ва ибороту истиорот, ки ба лисону ҳисси баёни ӯ рафта, ҳеҷ касро пеш аз ӯ ва баъд аз ӯ надоданд”. Яке аз муъҷизоти асосии қалами Бедилро дар таъкиди қотеъияти дини мубини Ислом медонад ва барои исботаш байте аз Бедил меорад:

Фитратат Бедил, ҳамон оинаи муъҷизанамост,
Ҳар сухан к-аз хомаат меҷӯшад, илҳом астү бас [1, с.36].

Воқеан, аз гумон холӣ нест, ки яке аз омилҳои дар мактабу мадрасаҳои Мовароуннаҳр аз Бедил таҳсил дидани муҳассилин дар заминаи андешаҳои қавии Бедил дар иртибот ба дини мубини ислом, хоссатан дарёфти тафриқаҳои мазҳабӣ дар байни мусалмонон ва бартарии мазҳаби ҳанафия мебошад.

Дар замони мо барои рафъи шубҳаҳоти мазҳабӣ дар кишвар тибқи пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли Имоми Аъзам (р) эълон гардид ва ин барои амнияти мусалмонон ва пешгирӣ аз гироиш ба ҳар гуна фирқаҳо хеле бомаврид буд, аммо то ба имрӯз душманони дини мубини ислом ба хотири фитна андохтан байни мусалмонон аз мазоҳиби мухталифа истифода менамоянд.

Дар фасли аввали асари мавсуф бо номи “Дар таҳқиқи тадайюн ва диндорӣ ва тафаҳҳуси роҳи рост, ки сироти мустақим аст”, асосан дар бораи андоза ва ё худ меъёри асосии мусалмононро дар роҳи дин баррасӣ намудааст, ки асоси онро покизагии ботин ва таҳорат ташкил медиҳад. Дар фасли дувум ба таҳқиқи дин миёни чаҳор гурӯҳ аз аҳли ислом ва яҳудиёну насрониён ва аҳли ташайюъ меомӯзад ва дар ин мавриди сараввал ҳикояте аз баҳси Аврангзеб бо аҳли динҳои мухталифи дунё овардааст. Дар он баҳсҳои Аврангзеб ҷиҳати интихоби дин пас аз дини яҳудӣ, ё ин ки насоро ва ё худ маҷус ва аҳли кавокиб аз ҳар нафаре посух мешунавад, ки “дини исломро лобуд, бояд ки иқбол кунад, ки соҳиби номус ва беҳтарин адён аст” [1, с.52].

Ин ҷо Аҳмади Дониш илму ақлро ба бедори хоболуда шабеҳ дониста, ёдовар мешавад: “... Илму дониш, ки аз натиҷаи ақл аст ва камоли ақл аз илм зоҳир шавад.

Ва илм ба музовалаи кутуби мутақаддимин ва мутааххирин ҳосил шавад. Ва улуми авроқӣ монанди шахси хобида ва мурда аст. Бинобар ин, улуму маорифи илоҳия ба иборат дарнағунҷад... Пас, он камол, ки ба худ гумон карда, аз фарти татаббӯъ ва варақ гардонӣ ва донише, ки ба худ иснод менамоӣ, бедори хоболуда аст, ки тамизи неку бад натавонад кард" [1, с.56].

Агар ба таҳлилҳои муаллиф таваҷҷуҳ кунед, ба як хулоса меоед, ки ҳодисаҳо новобаста аз хусусият ва шакли нигориш ҳақиқат мебошанд ва онҳоро Аҳмади Носируддин худ дидааст ва ё шунидааст. Аз ҳамин хотир, услуби нигориши Аҳмади Дониш дар китоби "Меъёр-ут-тадоюн" таҳқиқу пажӯҳиши воқеии он рӯйдодҳоест, ки дар нимаи дувуми садаи XIX дар аморати Бухоро рух додаанд ва мусанниф онҳоро бо далоили таърихӣ исбот намуда, барои мутолеакунанда пешкаш намудааст. Сабаби таълифи "Меъёр-ут-тадоюн" ҳамон ҳаводиси Бухорост, ки дар нимаи дувуми асри XIX аз солшумории масеҳӣ дар ниқоби бархӯрди мазҳабҳо дар таърих сабт гардидааст.

Гузашта аз ин, Аҳмади Дониш на танҳо ихтилофи байнимазҳабии муслиминро баррасӣ мекунад, балки аз ин муноқишаҳо дуртар рафта, ихтилофи адёнро низ таҳқиқ менамояд ва ҳамчунин ба хулосае меояд, ки аз ихтилофи мазҳабҳо як идда афроди манфиатҷӯ истифода карда, ин ихтилофро ба ҳадди ҷангу харҳаша мерасонанд. Махдуми Бухорӣ дар иртибот бо нигораҳои мазҳабии Мирзо Абдулқодири Бедил чунин мегӯяд: "Одамӣ, ки бори таклиф ба дӯш дорад, ба ҳазор меҳнату машаққат ҳамоғӯш, агар дар авқоти шабу рӯз соате ба заъми худ фароғат ёбад, дар ин соат кори ӯ тавбату инобат ва истиғфор аст, бояд ки тадоруки нуқсону ҷароими хеш кунад, на ки ба мадҳу замми хешу бегона ва шумора кардани неку бади ғайр ин соатро зоеъ кунад ва маъсам бар масоим афзояд" [1, с.155]. Ҷойи дигар дар иртибот бо рубоии мансуб ба Абулмаонии Бедил истифода шудани пашму пӯсти сутуронро аз ҷониби башар инчунин тавзеҳ медиҳад: "Пеш аз ту пӯстини Хусраву Парвиз ва Ҳурмузу Нушервон аз он буд ва имрӯз пероҳи ифтихори ту гаштааст. Ва кулоҳи шол, ки имрӯз ту бар сар ниҳодаӣ, дирӯз ороиши думи буз ва меш буд, ки бад – он магасронӣ мекард" [1, с.253].

Аҳмади Носируддин дар китоби "Меъёр-ут-тадоюн" ҷиҳати эътиқоди мардумон дахолат варзида, омили асосии ғасбшавии Моваруннаҳро дар заъфи динию имонии онҳое мебинад, ки дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро сукно доштанд, аммо агар истило шудани марзро аз сӯйи Русия балои осмонӣ номидааст, вале ба андешаи мутафаккир тарвиҷ ёфтани кеши ташайюъ дар минтақаи мазкур офати заминӣ будааст: "... бо замми он офати заминӣ бархост, яъне ҳудуси дини ташайюъ, ки дар ин билод зуҳур гирифт ба сабаби тадохули шиъӣ дар умури мулкӣ ва сиёсӣ" [1, с.23].

Сипас, мусанниф аз эътимод пайдо намудани ду подшоҳи силсилаи Манғития пас аз салтанати Амир Насруллоҳ ба аҳли ташайюъ ҳарф зада, онро аз авомили ташаннуҷ ёфтани авзои сиёсӣ дар Моваруннаҳр донистааст. Ба андешаи Аҳмади Дониш бархӯрдҳои мазҳабӣ шароит фароҳам оварданд, ки мулк аз ҷониби аҷнабӣ ғасб карда шавад. Аҳмади Дониш чун муҳаққиқ ва мушоҳидакор аз авзои сиёсии замони хеш бохабар буд ва медонист, ки мусалмонии иқоматкунандагони шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва бадавиёни исломпазируфтаи атроф дар кадом сатҳе қарор дорад. Минҷумла, муаллиф ҷамоаи бадавии қазоқия ва қирғизияи авулнишинро ин гуна ба қалам овардааст: "Ин ҷамоаи элотия агарчи шуҷоъ ва далеранд ва пархошҷӯй, аммо сахт сафеҳу бехираданд, монанди сибоъи даштӣ дар биёбон беқайду таклиф чарида ва номи мусалмонӣ доранд, аммо масдари беимониand" [1, с.24].

Яъне, омили асосии мавриди истилои аҷнабӣ қарор доштани сарзамини аҷдодии мо дар маҳвшавии ислом ва мусалмоние буд, ки бар шариат асос меёфт ва дар замони мусаннифи китоби "Меъёр-ут-тадоюн" мусалмонии аҳли Самарқанду Бухоро танҳо хусусияти тақлидӣ дошту ҳеҷ иртиботе бо ислом надошт, бинобар ин, кишвари мазкур бидуни бархӯрд аз ҷониби аҷнабӣ забт гардид ва дере нагузашта ба генерал – губернатории Туркистон табдил ёфт.

Гузашта аз ин, Аҳмади Дониш ба ҳайси як нафар донишманд ба таҳқиқи раёсати амир Музаффар пардохта, номбурдаро дар ноуҳдабароии сиёсӣ муттаҳам месозад ва нуфузи шиъаро бар аҳли суннат ва ҷамоат маҳз дар амалҳои ин подшоҳи ғофил ҷустуҷӯ мекунад. Аз ҷумла, дар "Меъёр-ут-тадоюн" меоварад: "Амир

Музаффар бардоштагони падари номварро фуруд овард ва ғуломону чокарони худро бароварда ва мансаби вазорати адлияву аморати молия ба дасти шиъиён афтод” [1, с.25].

Аз таҳқиқоти Аҳмади Носируддин маълум мешавад, ки бархӯрдҳои мазҳабии аморати Бухоро ва ба сунниву шиъа пароканда шудани муслимини он замон имконият пайдо намуданд, ки асокири рус бе мамониат ин давлатро ишғол намуда, дар кӯтоҳтарин муддат онро ба калонияи худ мубаддал созанд. Агар саҳеҳтар фикр кунед, эҳсос мешавад, ки ягона мавзеи дардзо барои муслимин ҷудошавии онҳо ба мазҳабҳост ва маҳз ин фироқ аз сӯйи аҷнабӣ сӯиистифода хоҳад шуд. Аз ҷониби дигар, хурофотпарастии аҳли дин онҳоро аз ҳақиқат фарсаххо дур меронад ва имкон намедиҳад, ки онҳо дар натиҷаи таҳқиқу пажӯҳиш рушду тараққӣ кунанд ва ҳокими кишвари хеш гарданд. Баръакс, розҷӯии мазҳабӣ афроди диндорро водор мекунад, ки ҷиҳати мавқеъ ёфтани худ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ бар ҳамагон мутанаффир бошанд ва ин омил ӯро бар дигарон бадбин менамояд. Аҳмади Дониш дар китоби таълифкардаи хеш бо номи “Меъёр-ут-тадоюн” кӯшидааст то омилҳои парокандагию бо ҳам нафратдориро муаррифӣ намуда, сабаби тасарруфи хиттаи Бухороро аз сӯйи аҷнабӣ барои ҳамватанон ошкор созад. Мусанниф дар ин ақида устувор мебошад, ки маҳз ҷудошавии муслимини Бухоро ба фирқаҳои гуногуни мазҳабӣ онҳоро аз ҳифзи Меҳан маҳрум карду нагузошт, ки мисли пешин дар тасаллути аҷнабӣ набошанд. Агарчи ҳанӯз пеш аз ғасбшавии минтақа аҳолии он дар авзои поймолшавии ҳуқуқҳои хеш зиста, барои бурун афкандани худ аз чунин вазъият талош надоштанд ва қаҳтиву танбалӣ дар зеҳни онҳо ғолиб омада буд. Дигар омили бемамоният истило гардидани минтақаи мазкур бегонагироии аҳли зиё маҳсуб мешавад ва аксар шахсони соҳибмаълумот даъво мекарданд, ки бухороии асил бояд дар қаламрави усмонӣ таҳсил намуда, сатҳи ҷаҳонбинии худро он ҷо сайқал намояд. Маҳз инчунин андешаи заиф ба парокандагии равонии табақаи ашроф мусоидат намуд ва барои зудтар барҳамхӯрии системаи сиёсии аморати Бухоро оварда расонид. Аҳмади Носируддин эҳсоси худро пинҳон накарда, бар мазҳабгароёни ҷудоиандоз фиғон мекунад ва чунин посухро барояшон муносиб дидааст: “Ва абас корест, ки ихтиёр кардаанд ва онро тадайюн ном ниҳодаанд ва надонистанд, ки одамӣ ба абас махлуқ нагаштааст. Ва ӯро аз барои маърифату ибодат овардаанд ва на сари худро дар охур кунанд ва ба абнои худ лагад андозанд ва гардани радиф бихоянд” [1, с.202].

Аҳмади Носируддин дар китоби “Меъёр-ут-тадюн” 16 ҳикоятро дар васати баррасиҳои фалсафӣ ва ташреҳи адёну мазоҳиб овардааст, ки дар он аз ҳаёти ашхоси таърихӣ ва ё ин ки ҳодисаҳои шунидашуда мисолҳо ба манфиати покии дини мубини ислом овардааст, ки ғараз аз ин намунаҳо исботи андеша ва таҳкими хотироти муосиронаш мебошад, ки аз мазоҳиби бегона ёрӣ наҷӯянд. Аз ҷумлаи ин ҳикоят дар мавриди вазъи аҳли суннат дар минтақаи Шероз мебошад. Ба қавли Аҳмади Дониш “яке аз маорифи шаръӣ дар Шероз” боғе дошт, ки аз он ҳам аҳли суннат ва ҳам аҳли шиа тановул мекарданд, аммо чун суннӣ меомад, мард ба ҳоли онҳо мегирист ва чун ин аҳвол пурсиданд, гуфтааст, ки “Аз ин ки назар ба қарори аимма ва муҷтаҳидини мо эшон аз аҳли норанд ва ба ғазаби илоҳӣ гирифтор риққат меёрам, ки кош эшон ҳам аз мо будандӣ то беҳисоб дохили биҳишт шудандӣ ва аз дӯзах раҳо ёфтандӣ” [1, с. 211].

Ҳуҷҷатулислом Муҳаммади Ғаззолӣ дар “Эҳёулулумиддин” дар бораи воҷиботи дини мубини ислом андешаронӣ менамояд ва мақсади асосии ҳақиқати исломро баён менамояду аз он дар ҳарос аст, ки тавлиди мазоҳиб дар як кишвар боиси фитнаҳо хоҳад гашт: “Ва ҳеҷ офат бештар аз он набувад, ки андар шаҳре таассуби мазҳабӣ бувад ва гурӯҳе, ки талаби ҷоҳу табаъ кунанд, фаро намоянд, ки ҷадал гуфтан аз дин аст - ва табъ сабъият ва такаббур худ тақозои он ҳаме кунад...” [2, с. 450].

Муҳаммади Ғазолӣ дар иртиботи мардуми гуногункеш ба дини мубини ислом боиси дармондагӣ ва аз воқеияти ислом дур рафтани муслимин мегардад. Дар ин мавриди чунин менигорад: “Ва аммо тақлид ҳиҷоб аст, ки чун мазҳаби касе эътиқод гирад ва бар сабили ҷадал сухани вай бишунавад, ҳеҷ чизи дигарро андар дили вай ҷой намонад: бояд, ки он ҳама фаромӯш кунад ва ба маънии «Ло илоҳа иллаллоҳу» имон оварад ва таҳқиқи ин он бувад, ки вайро ҳеҷ маъбуд намонад, ки вайро тоат дорад ҷуз Худои таъоло. Ва ҳар кӣ ҳаво бар вай ғолиб шуд, ҳаво маъбуди вай бувад, чун ин ҳол ҳақиқат шавад, бояд, ки кашфи корҳо аз муҷоҳидат ҷӯяд, на аз муҷодалат” [2, с.425].

Он чӣ барои Дониш маълум буд, ин тазоди муслимин, ки боиси ба ақиб рафтани мусалмонон мегардад ва онҳо наметавонанд, ки вазъияти худро дигар намоянд, дар ҳоле ки эҳсосоту тақлидҳои бемавриди онҳо аз ҷониби душманон истифода мегардад ва боиси дар ҷаҳолату таассуб боқӣ мондани чӣ уламо ва чи вузаро ва чи омма хоҳад гашт. Омили асосии эҷоди "Меъёр-ут-тадоюн" низ раҳоӣ аз ҳар гуна таассуб ва фитнаҳо дар Бухоро буд.

Аҳмади Дониш бар он ақида аст, ки ҳар қадар хоҳанд, ки ба китоби илоҳӣ ва шарҳи он тағйироте ворид намоянд, аммо касе ба ин муваффақ шуда наметавонад. Дар замоне, ки Аҳмади Дониш мезист, бархӯрдҳои мазҳабӣ бештар рух додаанд. Яке аз авомили ба Бедил рӯоварии мусаннифи "Меъёр-ут-тадоюн" низ ҳамин музокираҳои мазҳабӣ маҳсуб мешаванд. Чунки ихтилофи аҳли шиъаву суннатро сафавиёну шайбониён барпо намуданд ва Абулмаонӣ Бедил бинобар тезутундшавии он ба ин масъала пардохтааст. Аҳмади Дониш аз баррасиҳои Бедил мутафаккир мешавад ва ягона роҳи наҷотро дар таҳқиқи мазоҳиб мебинад. Аммо омили асосӣ дар таҳқиқ ва баррасии адён дар "Меъёр-ут-тадоюн" ба таблиғ пардохтани аҳли ташайюъ ва кинхоҳии эшон аҳли суннатро дар замони муаллиф маҳсуб мешавад.

Ин шахсияти бузург барои муосирони худ ва барои ояндагон тавонистааст, ки низомияи шариати исломиро тибқи оятҳои шарифа ва аҳодиси набавӣ таҳия намояд. Дар навбати худ роҷеъ ба Имоми Аъзам яке аз алломаҳои давр Аҳмади Дониш низ на фақат андешаҳои худро баён менамояд, балки ҳангоми таҳлили аҳкоми исломӣ аз ақоиди ӯ дастгирӣ намуда, барои исботи фикр аз он истифода мебарад. Ба андешаи Аҳмади Дониш ҳангоми ҳидоят бояд мутаваҷҷеҳ ба оят ва ҳадис намуд.

Гузашта аз ин, Аҳмади Дониш меорад, ки Абӯҳанифа ҳангоми таҳқиқу таҳлили аҳкоми шаръӣ бидуни санад, фикр, далел ва қиёс андешаашро баён намекард. Зеро: «Пас, то вақте ки ҳукм дар Қуръон ва ҳадис мусарраҳ ва зоҳир аст, иҷтиҳодро дар он дахл набояд дод. Ва хилофи он агар дар кутуби муҷтаҳиддин ҳам барояд, аз он чашм пӯшид ва тамассук бо Қуръон ва ҳадис бояд кард, вагарна насхи Қуръон аз қавли муҷтаҳид лозим ояд. Аз ин ҷиҳат Абӯҳанифа гуфт: «Агар қавли маро мухолиф ба ҳадис ёбед, ба девор занед». Дигар: «Ҷоиз нест амал намудан касеро, то ин ки надонад, ки ин сухан аз куҷо гуфтаам» [3, с. 32].

Ба қавли Дониш баъзе аз фақеҳони замонааш аз Қуръон чизеро намедонанд, аммо ба шарҳи он мепардозанд, Дониш онҳоро "фақеҳони дилмурда" номидааст. Баръакс, агар нафаре нодурустии андешаҳои фақеҳонро бифаҳмонад, ба андешаи Дониш норизоӣ сар мезанад. Инчунин, Дониш ҳангоми баёни масъала тақлидро раво надида, барои рад намудани тақлид ақлро муҳим медонад. Барои исботи андеша қавли Абӯҳанифаро меорад: «Бар ману Молик ва дигарон тақлид накунед. Ҳукмҳоро аз ҷое, ки ӯ гирифтааст, бигиред» [3, с. 31].

Ин ҷо аниқ дармеёбем, ки Абӯҳанифа тақлид намуданҳоро инкор мекард ва таҳмил намуданҳоро бадтарин амал медонист. Дар иртибот бо ҳамин андеша Аҳмади Носируддин аз бамавриду бемаврид истифода шудани исми Имоми Аъзам изҳори нобоварӣ намуда, аз ҷумла ба муосирони хеш ин гуна хитоб менамояд: «Уламо ҷиҳати майли раёсат ҳақиқати дину диёнатро ба таъвил мепӯшанд, аз аломати ислом ҳамин амомаҳо бар сар аст ва аз шиори имон ҳамон азон ба манора ва бар забонҳо «Қола Абӯҳанифа» ҷорист. Аммо дар кирдор ва рафтор тафовути фоҳиш дар миён аст, ки ба ҳеҷ миллат ошнойӣ надорад» [3, с. 31]. Ба андешаи Дониш уламои исломӣ бемаврид, носанҷида ва ба маънӣ сарфаҳм нарафта даъвои фақеҳӣ менамоянд, ки дар ин маврид беҳтарин посухро Абӯҳанифа додааст: яъне «на ҳар борабардори фиқҳ фақеҳ аст» [3, с. 33]. Аҳмади Дониш саодатмандии инсонро, қабл аз ҳама, дар пайравӣ аз ҳақиқати ислом медонад ва мазҳаби ҳанафияро "татҳиру нафсу ҷон" медонад [3, с. 40].

Дар боби «Дар муомилаи салотин бо фуқаро ва раият ва расидан ба ғаври муҳиммоти онҳо» ривоёте дар мавриди Анӯшервони Одил ва ҳолати ӯ баъд аз марг меорад:«Нӯшервони Одил, ки дар куфр мурд, дидандаш дар ҷойгоҳи сабзу хуррам. Пурсидандаш, ки «ин мақом ба чӣ ёфтӣ?» Гуфт: «Бар муҷримон шафқат набурдам (мушфиқ будам) ва бегуноҳро наёзурдам» [4, с.177]. Яъне, ин ҷо хислати бахшояндагии Анӯшервон ифода ёфта, инъикос дар ғайривақт ва ғайримакон аст. Ин мазмун фақат ишора ба адолатпешагии Анӯшервон нисбат ба зердастон маънӣ гирифтааст. Ё ин ки тарзи кишвардории салотини Туркистонро аз таъсири Чингиз медонад. Зеро « …вазъи он маҳз барои шаҳобат ва шукӯҳ бувад, ки (то) Чингиз дар назари халқ муҳиб намояд, чунки бедод аз ҳад гузаронида буд ва ба аксари билоди

машҳура ғолиб омада, рафтуои салотин ва элчиён ба даргоҳаш бештар воқеъ мешуд» [4, с.177].

Асоси тадқиқоти назариявӣ дар мавриди осори Дониш аз ҷониби олими маъруф Р. Ҳодизода ба анҷом расида бошад ҳам, чӣ хеле ки худи ӯ дар баҳси «Ҷадидия ва дурнамои таърих» қайд мекунад: «…ҳанӯз андешаҳои Аҳмади Дониш чун маорифпарвар дуруст омӯхта нашудааст» [5, с.15].

Сайфуллоев А. ба таври умумӣ зикр менамояд:«…дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ҳаракати маорифпарварӣ дар як қатор мамлакатҳои Шарқ пайваста бо эҷоди адабиёти нав давом мекард» [6, с.31].

Раҷабов З. роҷеъ ба таваҷҷуҳи Аҳмади Дониш ба тағйирот дар ҷомеа ва пешрафти ҳаёти мардум, интиқоди Дониш аз сохти давлатдории амирони замон андешаронӣ намуда, чунин меорад: “Ҷаҳонбинии Аҳмади Донишро фақат ба шарти аниқ ба ҳисоб гирифтани ду ҷиҳати он фаҳмидан мумкин аст. Аввало дар асоси муфассал таҳлил кардани рафти инкишоф ақидаҳои ҷамъиятӣ ва сиёсии ӯ, ки бениҳоят печ дар печ аст, вале басо бошиддат буд. Сониян, дар асоси ба ҳадди иҷтимоӣ ва таърихии Бухорои нимаи дуюми асри Х1Х айнан нисбат додани ақидаҳои ӯ” [7, с.106].

Аз ин хотир, худи Аҳмади Дониш ба гузаштагони худ бо нигоҳи дигар ва ё ба қавли худаш “бо либоси дигар” баромад намуда, воқеияти зиндагиро дар хаёлпардозию носеҳӣ надида, баръакс инсонро ба амал даъват менамояд ва дунёро дори амал меномад. Яъне, ҷаҳонбинии исломии Дониш ба воқеияти талаботи дини мубини ислом наздик аст ва ба умқи андешаи хонанда бо дарназардошти ҷудо кардани ақидаҳои хурофотӣ ва таассуби мазҳабӣ ба ҳадафи воқеии ислом мепардозад ва ин онро мефаҳмонад, ки Дониш яке аз нахустин донишмандони дини мубини ислом буд, ки муосиронашро ба воқеияти ин дин ошно менамояд.

Ҷойи баҳс нест, ки Дониш аз зумраи фарзонагони миллат аст, ки маҳз бо далел ба ҳамасрони худ асолати исломро баён намуда, пасрафти фарди мусалмонро аз ҷоҳилию нодонӣ ва бегонагироии вай дониста, пешрафту такомули Ғарбро дар асоси низомияи шариати исломӣ пиндоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Дониш, Аҳмад Махдум. Меъёр-ут-тадайюн. – Душанбе: Эрграф, 2010. -307 с.
2. Ғаззолӣ, Муҳаммад. Кимиёи саодат (Ҷилдҳои I ва II). - Теҳрон, 1999. -828 с.
3. Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 1. – Душанбе: Дониш, 1988. - 288 с.
4. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2.– Душанбе: Дониш, 1988. - 344 с.
5. Ҷадидия ва дурнамои таърих // Садои Шарқ, 1990. -№3. - С.12-16.
6. Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. - 352 с.
7. Раҷабов З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш / З.Ш.Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 1964. - 308 с.

ТАҲҚИҚУ БАРРАСИИ ИХТИЛОФ ВА БАРХУРДҲОИ АҚОИДИ ИСЛОМӢ ДАР “МЕЪЁР-УТ-ТАДОЮН”-И АҲМАДИ ДОНИШ

Дар адабиёти классикии форсу тоҷик тасвири воқеияти зиндагии инсонҳо дар заминаи воқеияти динӣ нигаронида шудааст. Яъне, адибони гузашта аҳкоми исломиро, ки аз адл ва адолат замина мегирад, тараннум намуда, аммо амалҳои инсонҳоро дар ҷомеа матраҳ накардаанд. Осори насрии адабиёти классики мавзӯъҳои тарбиявӣ-ахлоқиро дар бар гирифта, воқеияти бархӯрдҳои мазҳабиро қариб баён намекарданд ва он зери парда ниҳон мемонад. Дар охири асри ХIХ аҳли аморати Бухоро аз мазҳаби асили дини мебини ислом- мазҳаби Ҳанафия дур монда, таассуб бар мазоҳиби дигар мекарданд. Ин масъала зиёиёни маорифпарвари Бухороро бетафовут намонд. Аз зумраи онҳо Аҳмад Махдуми Дониш буд, ки бартарии дини мӯбини исломро аз дигар адён ва ростии мазҳаби Имоми Аъзамро бо далоил дар китоби “МЕЪЁР-УТ-ТАДОЮН” ифшо намудааст. Аҳмад Махдуми Дониш дар замони салтанати ду амир Музаффар ва Абдулаҳад, падару писар, ки аз силсилаи Манғития буданд, зиндагӣ карда, аз бетадбирии онҳо дар масоили давлатдорӣ ва сохти идории давлатӣ интиқод намудааст. Таърих баҳогузории маорифпарвари тоҷикро нисбат ба ин ду амир исбот кардааст. Дар мақолаи фавқ муаллиф нигоҳи тозаи Аҳмад Махдуми Донишро ба мазоҳиб мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Калидвожаҳо: ходиса, бархӯрд, мазҳаб, мутафаккир, замон, муҳтаво, ҳадаф, рисола, муқаддима, воқеият, мамлакат, харобӣ, масъала, ободӣ, таҳлил, баҳс, андеша, дурӯягӣ, ошкоро, зулмат, дин, ростӣ, хиёнат, аҳолӣ.

АНАЛИЗ РАЗНОГЛАСИЙ И СТОЛКНОВЕНИЙ ИСЛАМСКИХ ВЗГЛЯДОВ В МЕЪЁРУТТАДАЮН” (“РЕЛИГИОЗНЫХ НОРМАХ”) АХМАДА ДОНИША

В персидской и таджикской литературе изображение реальной жизни людей описано на основе религиозного реализма. Основное содержание прозиведений в классической литературе включает воспитательно - нравственные темы, так как столкновение религиозных направлений не было показано в литературе. В конце Х1Х века приближеные Бухарского эмира не обращали внимание на основное направление ислама- Ханафию-и стали следить другими направлениями. В основном просветители хотели

вернуться к основам ислама и приспособить его к новым условиям. Другими словами, один из них, Ахмад Дониш, стремился показать своему читателю в доступной форме реальность исламских предписаний в книге «Меъёр-ут-тадоюн» («Религиозные нормы»), считая тем самым борьбу за религию, устремления во имя божьего слова, необходимым для человека качеством его действий и реальность ханафитского направления на основе Коранических слов. Ахмад Махдуми Дониш жил во время владычество двух эмиров Музаффар и Абдулахад, отец и сын, представители династии Мангитов и критиковал династии за безответственности и структур эмирского государство. История подтверждал оценок таджикского просветителя к эмиром из династии Мангитов. В этой статье автор показывает новый взгляд писателя на религиозные ветви.

Ключевые слова: случаи, столкновение, ветвь, мыслитель, время, содержание, цель, монография, введение, реальность, страна, разрушение, проблема, процветание, анализ, спор, двухличность, реально, тупик.

STUDY DISAGREEMENT AND CLASH OF ISLAMIC THINKING “MEYERUTTAYUN” (“RELIGIOUS NORMS”) OF AHMAD DONISH

In Persian and Tajik literature the depiction of real life of people is described on the basis of religious realism. The main content of prose in classical literature is expressed from educational-moral themes, as the clash of religious branches has not been shown in the literature. At the end of the XIX century, the circle of Bukhara Emirate did not pay attention to the main branch of Islam - hanafia and began to take care of other branches. Basically, the enlighteners wanted to return to the basics of Islam and adapt it to new conditions. In other words, one of them, that is, Donish seeks to show its readers in an accessible form the reality of Islamic prescriptions in the book "Meyeruttayun" (Religious norms), considering the struggle for religion, aspirations in the name of the word of God necessary for human quality of his actions and to show the reality of the Hanafi branch on the basis of the Quranic words. Ahmad Donish lived in time dominion of two emirs - Muzaffar and Abdulahad, father and son, representatives of dynasty Mangits and criticized dynasties for irresponsibility and structures emir the state. History confirmed estimations of the Tajik enlightener to an emir from a dynasty Mangits**.** In this article the author shows a new view of the writer to the religious branch.

Key words: cases, collision, branch, thinker, time, content, purpose, monograph, introductions, reality, country, destruction, problem, prosperity, analysis, dispute, duplicity, real, impasse.

Сведения об авторе: ***Олимова Хосият Хакимовна*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, кандидат илологических наук, доцент, докторант. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Мухаммадиева 17/6.E-mail: **hosiyat.olimova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-16-07-91**

Information about the author: ***Olimova Khosiyat Khakimovna*** - Tajik State Institute of Languages named after S.S. Ulugzoda, Candidate of Illological Sciences, Associate Professor, Doctoral Candidate. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Mukhammadiev 17 / 6.E-mail: hosiyat.olimova@mail.ru. Tel.: **(+992) 917-16-07-91**

УДК: 891.550: 746, 344 (575.34)

ЧАКАН ДАР ШЕЪРИ ШОИРОНИ ДОИРАИ АДАБИИ КӮЛОБ

Ҳадиятуллоҳ Амриддин
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ

Дунёи ҳунарро метавон марзе донист, ки агар як асари эҷодкардаи дасти башар аз он гузар кунад, ба як асари ҳунарӣ мубаддал мешавад ва агар натавонад аз он бигзарад, асари ҳунарӣ ба ҳисоб нахоҳад рафт. Ҳунар аст, ки зиндагии якранги башарро рангоранг намуда ба он рӯҳи тоза мебахшад.

Халқи тоҷик аз ҷумлаи мардумони ҳунарманд ва ҳунарофаре мебошад, ки то имрӯз намунаи бисёри ҳунарҳоро барои мусоидат дар кору рӯзгори одамият ба ҷаҳониён эҳдо намудааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо халқи тоҷик муаллифи садҳо навъи ҳунар аз қабили кулолгарӣ, оҳангарӣ, табақтарошӣ, бофандагиву ресандагӣ, пухтану дӯхтан ва ғайра будааст, ки, мутаассифона, қисмати зиёди онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтаанд.

Гулдӯзиву кашидадӯзӣ, махсусан чакандӯзӣ, аз ҷумлаи ҳунарҳои мардумии тоҷикон ба шумор рафта, реша ба таърихи дуру дароз дорад. Чунонки бозёфтҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, қадимтарин намунаи ҳунари чакандӯзӣ аз ноҳияи Фархори вилояти Хатлон пайдо шудааст, ки мутобиқ ба асри 2 – 3-и мелодӣ аст.

Чакан бо вижагиҳои худ инъикоскунандаи ҳунар ва завқи зебоипарастии миллати тоҷик буда, аз замонҳои пешин бо тарзу услуби гуногун ва ҷилваву тобиши мухталиф дар ҳар нақши худ паҳлуҳои мутааддиди фарҳанги миллати тоҷикро ба намоиш гузоштааст. Чакан либоси миллии халқи тоҷик буда, вобаста ба манотиқи кишвар тарзу тарҳҳои гуногунро дорост. Чакан ёдгорест аз гузаштаи фарҳангии мардуми фарҳангсолоре бо номи тоҷик.

Аслан ин навъи либосро дар вилояти Хатлон, хосса минтақаи Кӯлоб ва навоҳии Рашту Дарвоз, васеъ истифода мебаранд ва дар шеъри шоирони ин манотиқ оид ба чакандӯзиву кашидадӯзӣ ашъоре қобили таваҷҷуҳ дида мешавад, аммо чакан дар шеъри шоирони шаҳру навоҳии Кӯлоб доманаи густурдатаре дорад ва шоёни таваҷҷуҳи бештарест нисбати адибони Рашту Дарвоз ва дигар манотиқи кишвар. Аз ин хотир, дар ин мақола сайре дар дирӯзу имрӯзи чакан дар шеъри шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб хоҳад шуд.

Доираи адабии Кӯлоб аз замонҳои қадим дар рушду инкишофи шеъру адаби форс-тоҷик нақши бориз дошта, шоирону нависандагони зиёдеро ба воя расонида, ба ин тариқ хизмати шоистае дар назди фарҳангу адаби халқи тоҷик анҷом додааст. Адибони Кӯлобзаминро дар давраи нав метавон ба ду даста ҷудо кард. Чунонки дар навиштаи А. Абдураҳимов дар фаслномаи адабии «Рӯдакӣ» мебинем: «Ба гурӯҳи якум шоирон ва нависандагоне аз қабили Ашӯр Сафар, Ғулом Исоев, Раҷаб Назар, Саидҷон Ҳакимзода, Аҳмад Ҳилолӣ, Гулназар Ҳикмат, Мизроби Қанд, Пӯлод Раҳматов, Азизи Раҳим, Саид Муъмин, Фаридун, Табар Мирзоев, Ҳақназар Ғоиб, Абдулҳай Қаландар, Хосият Вализода, Сафар Амирхон, Ғафоралӣ Сафар, Маҳтоб Зокир, Тулқин Хоҷа, Носирзода, Муҳаммад Холзода, Назари Халил, Зикруллоҳ Файзулло ва… шомиланд, ки сокини шаҳр ва минтақаи Кӯлоб мебошанд. Ба гурӯҳи дувуми адибон Ғаффор Мирзо, Одина Мирак, Ҳадиса Қурбонова, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳабибулло Файзулло, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Раҳмат Назрӣ, Муҳаммад Ғоиб, Абдулқодир Раҳимов, Салими Хатлонӣ, Акбар Абдулло, Рафоҳат, Завқӣ Содиқ, Абдулҳамид Самад, Сайф Раҳимзоди Афардӣ, Мираҳмади Амиршоҳ, Сипеҳр Ҳасанзода, Бароталии Абдураҳмон тааллуқ доранд, ки асосан сокини Душанбе мебошанд» [1, с. 8].

Агар гӯем дар ашъори ҳамаи шоирони Кӯлобзамин дар мавриди ҳунари чакандӯзӣ шеърҳо дида мешавад, дурустии суханро зери тардид мебарад, чунки на ҳамаи онҳо чаканро васфу ситоиш кардаанд, вале қисмати бисёри ин адибон чаканро ҳамчун намунаи олии гулдӯзӣ тараннум намудаанд. Дар тасвири Ҳақназар Ғоиб ҳар як нақши чакан вобаста ба рангаш дар худ сирру асроре дорад. Косагулҳои шукуфта бо ранги сурх нишон аз сурхии офтоб буда, дили чун офтоб гарму беғаш ва саховатмандии шахси пӯшандаашро мунъакис мекунад:

Ин сӯзанӣ, ки акс кунад қурси офтоб,
Аз гармии муҳаббати дил офтобӣ аст [4, с.47].

Занони ҳунарманди тоҷик аз қадимулайём дар баробари дигар анвои ҳунарҳои дастӣ бо вуҷуди сахтиҳо ва печу хами рӯзгор чакандӯзиро ҳамчу мероси гузаштаи воломақоми худ ҳифз намуда ба наслҳои пас аз худ бо шаклу усули замонавӣ меомӯхтанд. Ин аст, ки ин шакли санъати асили аҷдодӣ то ба замони мо бо ашколи мухталиф омада расидааст.

Нақшҳои чакан гӯё аз дирӯзу имрӯз, аз шукуфтану рӯйидан, аз умеду орзу ва ниятҳои хайри шахси ҳунарманд қисса мекунад. Чакан гӯё забон дорад ва аз дилу ҷон ҳарф зада ва дар ниҳоди инсон ҷой мегирад:

Ҳар нақш забон дорад,
Гӯё дилу ҷон дорад [8, с.52].

Ҳунари гулдӯзии ҳар як халқ вижагиҳои зеҳнияти он мардумро инъикос намуда, ба ҳисси зебоипарастии онҳо созгор мебошад. Чаканро ҳар печутоби нақшҳо рамзеву маъноест. Ҳар ранге, ки дар чакан истифода мешавад, маънои хоссе дошта, санъати асилест аз насли ориёӣ:

Чакан пероҳани беҳад қашанг аст,
Ки бар нақшу нигораш ранг-ранг аст.
Чакан дорад ҳазору як маонӣ,
Чаканро дӯст дор, эй ориёнӣ [7, с.306].

Саидҷон Ҳакимзода қаҳрамони лирикии худро дар ҳолате мебинад, ки олоти дӯзандагӣ, яъне риштаву сӯзан дар даст дар ҳоли гулдӯзӣ аст ва ба гумони шоир нақше, ки ӯ медӯзад, рамзи ишқу муҳаббат аст ва бо сад нози ошиқона рӯйи матои нозук мунаққаш мегардад:

Ба дастат риштаву сӯзан даме шероз медӯзӣ,
Хаёлам, ки гули ишқи маро бо ноз медӯзӣ [8, с.74].

Устод Сафармуҳаммад Айюбӣ аз ҷумлаи адибони ҳунарманду шинохта буда, ашъораш дарбаргирандаи мазомини мухталифи ҳаётӣ мебошад. Чакан дар миёни ашъори фаровони шоир мақоми худро ёфтааст. Вале шеъри ба ин мавзӯъ бахшидаи ӯро наметавон аз ашъори дигар шоирон фарқкунанда донист, чунки ӯ низ мисли

баъзе адибон ба ин мавзӯъ ба таври махсус назар накардааст. Ҳамон нақшу нигори дилфиреб, ҳамон зебоӣ ва розу ниёзи чакан, ки дар ашъори дигар шоирон дида мешавад, низ дар шеъри Айюбӣ мавҷуд аст. Аммо як масъалае, ки дар шеъри дигар шоирон дида нашуд ин аст, ки С. Айюбӣ дар шеъраш чаканро номе дигаргуна мегирад, ки чаканро бо ин ном хеле кам вохӯрдан мумкин аст. С. Айюбӣ шеъре дорад бо номи «Куртасарандӣ», ки дар он сухан дар атрофи либоси чакан меравад, аммо дар ин ҷо ба ҷойи калимаи чакан калимаи сарандӣ истифода шудааст ва худи шоир дар поварақи китоби «Шохаи барқ» ин калимаро шарҳ дода мегӯяд: «Сарандӣ – куртаи чакандӯзии қадима» [2, с.30].

Шояд куртаи чаканро «сарандӣ» ҳам мегуфтаанд, лекин ин номро дар маъхазҳо хеле кам вохӯрдан мумкин аст, аммо калимаи чакан дар бисёр фарҳангҳо бо шаклҳои гуногун зикр гардидааст. Дар машҳуртарин фарҳангномаҳо аз ҷумла «Бурҳони қотеъ», «Ғиёс-ул-луғот», «Рашидӣ» ва «Кашф», чакан бо ашколи мухталиф ёд шудааст. Ин мафҳум дар «Бурҳони қотеъ» ба шакли «чакин», ҳам «чикин» ва дар «Ғиёс-ул-луғот» ба шакли «чикин» омадааст. Тавзеҳи ин мафҳум дар «Бурҳони қотеъ» чунин аст: «навъе аз кашида ва заркашдӯзӣ ва бахиядӯзӣ бошад ва ҷома ва қабоеро, ки чунин дӯхта бошанд, чакиндӯзӣ гӯянд…» [5, с. 352].

Ногуфта намонад, ки худи шоир ин калимаро дугуна истифода кардааст, дар китоби «Шохаи барқ», ки соли 1986 чоп шудааст ин калимаро «сарандӣ» зикр кардааст ва дар китоби «Мунтахаби осор»-и худ, ки соли 2000 рӯйи чопро дид ин мафҳумро дигаргуна, яъне «сарандеб» ёд кардааст. Ба ҳар ҳол С. Айюбӣ бо ин мафҳум тавониста вижагиеро дар шеъраш ҷой диҳад, ки басо ҷолиб ҳам ҳаст:

Аз домани мисли чамани куртасарандӣ,	*Пироҳанаш аз барги гули тозабаҳор аст,*
Хандид гули пираҳани куртасарандӣ.	*Монандаи гулбутта тани куртасарандӣ.*
Дар рақс даромад дилам аз шодии дидор,	*Симои Ватанро ба қадаш дидаму гуфтам,*
Ҳангоми хиромон шудани куртасарандӣ.	*- Шодам, ки манам аз Ватани куртасарандӣ [2, с.30].*

Ҳар нақши либоси чаканро ҳазор розесту пӯшандаашро ҳазор ноз ва гӯяндаи шеъри чаканро бошад, ҳазор эъҷоз. Дар миёни ашъоре, ки ба тасвири чакан бахшида шудаанд, самимитару равонтар, пурмазмунтару волотар шеъре пайдо кардан аз шеъри устод Хайрандеш душвор аст. Хайрандеш аз ҷумлаи шоирони хушсалиқа ва бомаҳорати имрӯзи адабиёти тоҷик аст. Табъи латиф ва ҳунари асилаш коргоҳеро мемонад, ки ҳамеша маҳсулаш харидори худро дорад. Устод дар шеъри «Таронаи чакан» ба дунёи пур аз рамз ва розу ниёзи чакан меравад. Қаҳрамони лирикии Хайрандеш замоне аз худ бехуд шуда ба як чакани зебое табдил меёбад ва сайре ба таърихи тӯлонии он менамояд. Дар ин шеър «ман»-и шоир «ман»-и Хайрандеш нест, балки «ман»-и чаканест, ки парда аз рӯйи сирру асрори гузашта мебардорад ва аз дирӯзу имрӯзи худ ба дигарон қисса мекунад:

Ман чакан ҳастам, чакан ҳастам, чакан ҳастам, чакан,
Ман чаман ҳастам, чаман ҳастам, чаман ҳастам, чаман.
Ман чакан ҳастам, ки нақшамро ҳазор асрор ҳаст,
Ман чаман ҳастам, ки булбул дар чаман бисёр ҳаст [7, с.135].

Дар ин шеъри Хайрандеш чаканро метавон ба мисоли одаме тасаввур кард, ки аз рӯзи ба дунё омадани худ, аз рушду камол ва ҳаводиси ба сараш омада ҳикоят мекунад. Муҳаммадалии Аҷамӣ дар китоби «Тафаккур ва ҳис дар шеър» мегӯяд: «Дастёбӣ ба шеъри асил аз тариқи тасвирҳои тоза ва таркибҳои равон ҳосил нахоҳад шуд. Балки аз тариқи андеша, он ҳам андешаи баланд сурат мегирад» [3, с.5]. Дарвоқеъ, дар шеъри Хайрандеш андешаи баланду қавӣ эҳсос мешавад, зеро шоир андешаҳои худро бо мадракҳои таърихӣ истоб мекунад. Ин ҳам бошад тавассути пайдо шудани санги нақшине аз ноҳияи Фархор, ки мутааллиқи асри яки мелодӣ ва чакансанге дигар аз шаҳри Кӯлоб мебошад:

Санги нақшине, ки аз асри яки мелодӣ аст,
Низ аз Фархор пайдо шуд, ки ҷойи шодӣ аст.
Иски Кӯлоб аст ҷойи куҳнафарҳанги дигар,
Тоза пайдо шуд аз он ҷо як чакансанги дигар [7, с.135].

Чакан аз ҷумлаи офаридаҳои беҳамтои халқи тоҷик аст, ки дар нақшҳои ӯ метавон акси гулу булбул, барги дарахту мори печон, чашму абрӯ ва иззи ҷонварони гуногун, холу хат ва нохунаку нилуфару садҳо нақшу рамзҳои дигарро пайдо кард, ки ҳар яки он ба худ маънои хос дорад. Аммо бояд гуфт, ки ҳунари нақшдӯзӣ танҳо ба куртаи чакан маҳдуд намешавад, балки ба воситаи ин ҳунар дигар анвои

маҳсулот, аз қабили «даврӣ» - матои калони гулдӯзӣ, ки одатан барои наварӯсон дӯхта мешавад ва дар девори хона барои зебу зиннат овезон мекарданд, «пардаи тиреза», ки он ҳам нақшин буда, барои ороиши хона истифода мешавад ва ҳамчунин «тоқии нақшин», ки барои мардон омода мешавад ва бештар онро дар рӯзҳои ҷашну хурсандӣ ба сар мениҳанд. Ин тоқӣ низ мисли куртаи чакан хусусият ва рамзҳои зиёд дорад, ки дар ҳар нақши он маънои махсусе нуҳуфтааст. Гулҳои онро вобаста ба хоҳиши худ бо орзуҳои гуногун нақш мекарданд ва онро бо нияту фоли нек тоҷи сар мегуфтанд. Устод Раҳмат Назрӣ ин масъаларо дар шеъраш басо дилчасп тасвир кардааст:

Бар сарам тоқии гулдӯзии тоқи қаламӣ, *Нусхаи гунбади афрӯхтаи ахтари ман.* *Бар сарам пӯпаки он тоҷи баланди хуршед,* *Нақши шерозаи он номаи бахтовари ман.*	*Дар муаммои гули ранг ба рангаш пинҳон,* *Орзу ҳамчу дуои падару модари ман.* *- Кош, дар роҳи ҷавонӣ набарад боди гурур,* *Ҳеҷ гаҳ давлати сар, тоқии ман аз сари манн [6, с.168].*

Ҳунари чакандӯзӣ вобаста ба он ки миллати тоҷик дар тӯли таърих зери тобеияти сулолаҳои гуногуни бегона буд ва ҷабру ситами таърихро бисёр дидааст, низ дар ин адвор ба ҳаводиси гуногуни замона рӯ ба рӯ шуд. Ҳунари гулдӯзиро борҳо хавфи нобудӣ таҳдид мекард, аммо ин санъати олиро дастони муъҷизаофари бонувони тоҷик то ба имрӯз зинда нигоҳ дошт. Бо вуҷуди он ки кишвари азизи мо соҳибистиқлол гаштааст, бонувони тоҷик имрӯз ба ин ҳунар кам таваҷҷуҳ мекунанд. Чаканро махсусан рӯзҳои ҷашнҳои давлатӣ, наврӯз ва хеле кам дар тӯйҳои арӯсӣ истифода мебаранд. Албатта, ин аз таъсири фарҳангҳои бегона дар замони муосир дарак медиҳад, ки то андозае ин мероси фарҳангии халқи тоҷикро дар миёни худи мардуми тоҷик дуюмдараҷа кардааст. Ин масъаларо, пеш аз ҳама, шоирон бояд эҳсос намуда, мардумро ба худшиносиву худогоҳӣ ва рӯ овардан ба арзишҳои миллӣ талқин намоянд. Воқеан Саидҷон Ҳакимзода ин падидаро хуб дарк карда буд, ки дар шеъраш занони тоҷикро ба пӯшидани либоси миллӣ, махсусан куртаи чакан, дар рӯзҳои тӯйи арӯсӣ даъват менамояд:

Кӯчида ранги навбаҳор	*Ин курта бар ёд оварад,*
Бар куртаи алвони ӯ.	*Як рӯз наврӯзи варо.*
Сӯзанд шамъи лолаҳо	*Момои дилсӯзи варо,*
Гӯё ки дар домони ӯ.	*Дастони гулдӯзи варо.*
Модар барояш дӯхтааст	*Рӯзи ҳикоят ҳар гулаш*
Ин куртаи гулдорро.	*Аз шаҳбаробар мекунад.*
То бахти ӯ ҳам гул кунад,	*Аз гиряҳои додару*
Хушбахт созад ёрро.	*Аз ашки хоҳар мекунад.*
Ин курта мезебад ба ӯ	*Даври арӯсӣ бигзарад,*
Ҳамчун гуле бар шохи тар.	*Ин курта монад ёдгор.*
Бар ҳусни модарзоди ӯ	*Бар ӯву фарзандони ӯ*
Бахшида сад ҳусни дигар.	*Аз рангҳои навбаҳор [9, с. 87].*

Дар ин шеъри Саидҷон Ҳакимзода мушоҳида мешавад, ки куртаи чакан, ки барои наварӯсон дӯхта мешавад, бо зебоӣ ва гулҳои рангоранги зарҳалини худ аз дигар куртаҳо фарқ мекунад ва бо чӣ умеду орзу аз ҷониби модарон дӯхта мешавад. Бисёр хуб мешуд, ки наварӯсони имрӯза низ дар рӯзҳои тӯяшон аз либоси чакан, ки сирф либоси миллати тоҷик аст, ба ҷойи либосҳои шаффофу нимурён ва гаронарзиши хориҷӣ истифода кунанд.

Инак, баъд аз асрҳои зиёд адолати таърихӣ барқарор шуд ва миллати шарафманди тоҷик бори дигар соҳиби давлати миллии худ гашт. Истиқлолият омили рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти мардум мебошад. Эҳё намудани суннату анъанаҳои гузаштагон, посдории мероси арзишманди халқ вазифаи насли имрӯз аст. Модом ки чакан аз имтиҳони сахти таърих бо сарбаландӣ гузашта қисмате аз фарҳанги моро рӯйи нақшу нигори худ ҳифз кардааст, пас арҷгузорӣ ба ин ҳунари асили аҷдодӣ тақозои давру замон аст. Хосса дар шароите, ки раванди бархӯрди тамаддунҳо хавфи нобудии анвои гуногуни ҳунарҳои башариро ба миён овардааст.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзу эҳёи мероси гаронбаҳои мардуми тоҷик шароити созгор фароҳам омада истодааст. Эълон гаштани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» иқдоми шоистаи Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳифзи муқаддасоти миллӣ ба ҳисоб

меравад. Куртаи чаканро ҳифз кардану густариш додан ин дар айни ҳол арҷ гузоштан ба ҳунарҳои мардумӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳимов А. Адабиёти Кӯлоб / А.Абдураҳимов // Рӯдакӣ, фаслномаи адабӣ-фарҳангии Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. – 2006. - №11. – С. – 57 - 69.
2. Айюбӣ С. Шохаи барқ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 128 с.
3. Аҷамӣ М. Тафаккур ва ҳис дар шеър. – Душанбе: Адиб, 2008. – 295 с.
4. Ғоиб Ҳ. Нафас то бар нафас овози вақт аст. – Душанбе: Нур, 2005. – 418 с.
5. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. – Душанбе: Адиб, 1993. – Ҷ 1. – 416 с.
6. Назрӣ Р. Дида ба дида. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 356 с.
7. Хайрандеш. Куллиёт.– Душанбе: Адиб, 2010. - Ҷ 1. - 800 с.
8. Ҳакимзода С. Кӯҳпора. – Душанбе: Адиб, 1996. - 128 с.
9. Ҳакимзода С. Ҷигаргӯша. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 128 с.

ЧАКАН ДАР ШЕЪРИ ШОИРОНИ ДОИРАИ АДАБИИ КӮЛОБ

Халқи тоҷик аз ҷумлаи мардумони ҳунарманд ва ҳунарпарвар мебошад, ки то имрӯз намунаи бисёри ҳунарҳоро барои мусоидат дар кору рӯзгори одамият ба ҷаҳониён эҳдо намудааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо халқи тоҷик, муаллифи садҳо навъи ҳунар аз қабили кулолӣ, оҳангарӣ, табақтарошӣ, бофандагӣ, ресандагӣ, пухтупазу дӯхтан ва ғайра будааст, ки, мутаассифона, қисмати зиёди онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтаанд. Гулдӯзӣ, махсусан чакандӯзӣ, аз ҷумлаи ҳунарҳои мардумии тоҷикон ба шумор рафта, реша ба таърихи дуру дароз дорад. Чунонки бозёфтҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, қадимтарин намунаи ҳунари чакандӯзӣ аз ноҳияи Фарҳори вилояти Хатлон пайдо шудааст, ки мутобиқ ба асри II-III-и мелодӣ аст. Чакан бо вижагиҳои худ инъикоскунандаи ҳунар ва завқи зебоипарастии миллати тоҷик буда, аз замонҳои пешин бо тарзу услуби гуногун ва ҷилваву тобиши мухталиф дар ҳар нақши худ паҳлуҳои гуногуни фарҳанги миллати тоҷикро ба намоиш гузоштааст. Чакан либоси миллии халқи тоҷик буда, вобаста ба манотиқи кишвар тарзу тарҳҳои гуногунро дорост. Яке аз сабабҳои умри дароз дидани чакан, истифодаи фаровони он аз ҷониби бонувони тоҷик бошад, аз тарафи дигар, маҳз шоирон бо эҷоди ашъори дилчаспу баландмазмун тавонистанд, ки чаканро умри тӯлонӣ бахшанд. Гулдӯзӣ ва чакандӯзӣ дар ашъори адибони доираи адабии Кӯлоб мақоми хосса дорад, ки шоёни таваҷҷуҳ аст. Ҷойи тардид нест, ки дар ашъори тамоми шоирони Кӯлобзамин доир ба нақшдӯзӣ ва чакандӯзӣ метавон шеъре пайдо кард. Бо ба даст омадани Истиқлолият дар кишвар, адибони тоҷик ба мавзӯъҳои ҳифзи арзишҳои миллӣ диққати махсус зоҳир менамоянд. Истиқлолият заминаи воқеии эҳёи дубораи фарҳанг ва расму оинҳои миллатро гузошт.

Калидвожаҳо: гулдӯзӣ, чакан, ҳунар, шоир, ҳунарманд, тоқии гулдӯзӣ, либоси миллӣ.

ЧАКАН В ПОЭЗИИ ПОЭТОВ ЛИТЕРАТУРНОГО КРУГА КУЛЯБА

Таджикский народ богат мастерами и ремесленниками, выпускившими множество видов ремесленных изделий. По словам источника, таджикский народ, автор сотен видов ремесел, таких как «оҳангарӣ», «табақтарошӣ», текстильные изделия, прядильные, кулинария, швейные изделия и т.д., к сожалению, многие из них были забыты. «Гулдузи», особенно «чакандузи», это один из самых важных видов ремесел в истории таджикской нации, имеет свои корни и долгую историю. Как показывают археологические находки, самый старый из тропических артефактов был обнаружен в районе Фархор Хатлонской области, относящемся ко 2-му веку нашей эры. Чакан отражает особенности художника и красоту таджикского народа, разные способы и формы, таджикской народной культуры. Чакан - национальная одежда таджикского народа разных районов страны. Одной из причин долголетия чакана является использование его таджикскими женщинами, с другой стороны, благодаря поэтам создавшим страстные стихи, высокого содержания, чакан обрел долгую жизнь. «Гулдузи» и «чакандузи» занимают особое место в стихах Куляба, которые достойны внимания. Нет сомнений в том, что можно найти в поэзии Кулябского региона стихи на темы: «накшдузи» и «чакана». С обретением независимости Республики, авторы уделяют особое внимание темам защиты национальных ценностей. Независимость заложила основы для восстановления культурных и художественных традиций нации.

Ключевые слова: вышивка, чакан, искусства, поэт, художник, вышивание тюбетейки, национальная одежда

CHAKAN IN THE POETRY OF LITERARY POETS OF KULOB

The Tajik people are among the people of artsand skillswho have so far introduced many examples of crafts to the world of humanity.According to the sources, the Tajik people are the establisher of hundreds of craftssuch as fictility, making plates, smithcraft, weaving, spinning, sewing, cooking etc. Unfortunately, nowadays many of them are forgotten. Needlework and stitching, especially chakan, are among the folk arts of Tajikpeople that have an old history. As archaeological findings show, the oldest exampleof chakan sewing crafts were found in Farkhor district of Khatlon province, which corresponds to 2-3 A.C. Chakan with its unique characteristics reflects the craftsmanship and beauty of the Tajik nationand it has been showing the different aspects of the Tajik nation's culture in various ways since past times.Chakan is the national dress of the Tajik people. It includes different styles and designsdepending on the various areas of the country. If on the one hand the purpose of long-lived life of chakan considered to bean abundant use of the Tajik women, on the other hand the poets could keep it with their attractive and appealing poetries. The needlework and chakan sewing have a particular status in the poems of the authorities ofKulob. There is no doubt that the poems about stitching and chakan sewing can be found in all poetries of the poets of the Kulob area. By the independence of the country, the Tajik authorities have special emphasis on the protection ofnational

values.Theindependence has laid the real background for the restoration of the culture and traditions of the nation.

Key words: needlework, chakan, craft, poet, people of artsand skills, national dress.

Сведения об атворе: ***Хадиятуллох Амриддин*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. Tel.: **(+992) 918-26-80-83**

Information about atvor: ***Hadiyatulloh Amriddin*** - Institute of Language and Literature. A. Rudaki AS RT, the applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, pr. Rudaki 21. Tel.: **(+992) 918-26-80-83**

УДК: 891.550-1:82

МУБОЛИҒА ВА ИРСОЛИ МАСАЛ ДАР ШЕЪРИ ҚАТРОН

Бобобеков А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қатрони Табрезӣ аз қасидасароёни асри XI ба шумор рафта, дар густариш ва ташаккулу таҳаввули шеъру шоирӣ ба забони форсии дарӣ дар манотиқи ғарбии Эрон чун Озарбойҷон, Аррон, Ганҷа, Рой ва амсоли онҳо саҳми бориз гузоштааст.

Бояд гуфт, ки ашъори бузургтарин намояндагони адабиётамон аз он сабаб ба дили хонанда ҷой гирифтааст, ки дар онҳо маъниҳои олӣ дар ниҳояти пирояи бадеият ороиш ёфтаанд. Қатрони Табрезӣ дар истифодаи кулли санъатҳои бадеӣ маҳорати баланди шоирона дорад. Аз ҷумла, санъати муболиға ва ирсоли масалро барои тақвияти андешаҳои шоиронааш хеле ҷолиб истифода бурдааст. Муболиға он санъати маънавии бадеъ аст, ки шоирон барои барҷастатар ва ё пастгар нишон додани сифати маъшуқ ё мамдуҳ ба кор мебаранд.

Қайд бояд кард, ки санъати муболиға дар қасоиди мадҳи фаровон ба кор меравад, зеро шоирони қасидасаро барои беш аз андоза нишон ва ё таъкид кардани сифатҳои мамдуҳони худ, ки аксаран шоҳу шоҳзода, вазиру вазирзода ва ҳадди ақал сарватманду сохибноманд, аз муболиға кор мегиранд, то ба мамдуҳ зиёдтар писанд оянд ва он чи мурод аст, ба даст биёранд.

То замони зиндагии Қатрон мо муболиғаро бештар дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ҳангоми ҷангу корзори паҳлавонон ва дар мадҳияҳои шоирони қасидасарои аҳди Ғазнавӣ Унсури, Фаррухи, Манучеҳрӣ ва ғайра мушоҳида мекунем, ки лозимаи ҳунари тасвиру тавсифи ин шоирон аст. Дар шеъри Қатрон бо намунаҳои зиёде аз истифодаи санъати муболиға вомехӯрем, ки шоир онҳоро асосан дар васфи мамдуҳони худ ба кор бурдааст. Чунончи:

На Кайвонро бувад боло зи олиҳиммати сад як,
На сад як бошад аз кофе кафи у чархро паҳно [1, с.5].

Дар қасидаҳои мадҳӣ аксаран шоирон мамдуҳонро аз андозаи муқаррарӣ бештар васф намуда, баъзан аз муболиға ҳам болотар рафта суханро ба иғроқ мекашанд. «Агар муболиға ба ақл мумкин буда, вале ба одату воқеъ мумкин набошад, онро муболиғаи иғроқ, ё ки мухтасаран иғроқ мегӯянд» [2, с. 66].

Ё дар байти дигар бо намунае аз иғроқ сару кор дорем, ки шоир қадри шоҳро чунон боло медонад, ки дар пеши он осмон ба ҷойи тахт ба ҳисоб омада, родмардию саховати ӯро ба ҳадде медонад, ки дарё пеши кафи ӯ (ё саховати ӯ) чун сароб менамояд:

Ба ҷойи қадраш гардун бувад ба чои сарир,
Ба ҷойи дасташ дарё бувад ба ҷойи сароб [1, с.35].

Шоир гоҳо аз сарҳади иғроқ ҳам гузашта, дар тавсифу мадҳи мамдуҳ аз андоза берун зиёдарави мекунад, ки дар ин ҳол сухан ба сарҳади гулу мегузарад.

Дар байтҳои баъдӣ ин навъи муболиға, яъне гулу истифода шудааст, ки тасвиру тавсифхои шоир аз хадди аклу воқеият убур кардаанд ва қабул кардани онҳо ба ақлу мантиқ душвор менамояд. Чунончи:

Гоҳе бахшиш пеши кофе каффи у дарёи жарф,
Ҳамчу пеши дурр ба дарё қатраи борон бувад [1, с.97].

Шоир дар ин байт кафи шоҳро дарёи жарф, яъне амиқ ҳисобида, дарёро дар пеши кафи атобахши шоҳ ба қатраи борон баробар намудааст.

Ҳамин гуна тавсифҳои аз ҳадду андоза берун дар мадҳияҳои шоирони асримиёнагӣ хеле зиёд аст ва гоҳо мавриди мазаммати шоирони бузург ҳам шудааст.

Дар байтҳои дигар Қатрон тасвирҳо ва тавсифро ба муболиғаи гулу мебарад. Шоир дар як байт зимни мадҳи Абунасри Мамлон таъкид кардааст, ки аз абри ҷуди ӯ дарё падид меояд ва аз гармию ҳарорати теғи ӯ дарё монанди биёбон хушк мегардад:

Зи абри ҷуди ӯ пайдо шавад монандаи дарё,
Зи таффи теғи ӯ дарё шавад монандаи байдо [1, с.28].

Шоир ин санъатро асосан дар васфи мамдуҳони худ ба кор бурдааст. Чунончи:

Ҷаҳон тӯфон нагаштӣ оташи теғаш агар будӣ,
Ки хӯрдӣ оташи теғаш ба як рӯз оби тӯфонро.

Шоир гӯяд, ки агар оташи теғаш бошад, ҷаҳон ба тӯфон мувоҷеҳ намегардад, зеро оташи теғи ӯ оби тӯфонро дар як рӯз хӯрда нест мекунад.

Ирсоли масал дар луғат ба маънии равон кардани масал, овардану эрод кардани суханони машҳуру вирди забон буда, ҳамчун истилоҳ яке аз санъатҳои бадеии маънавии назму насри адабиёти мо мебошад.

Дар хусуси санъати ирсоли масал адабиётшиноси маъруфи точик Худоӣ Шарифов чунин изҳори андеша кардааст: “Маъноях овардани масал, зарбулмасал ва ё сухани ҳакимона дар шеъру наср мебошад. Масал, зарбулмасал ё тамсил ҳамчун ҳақиқати дар рузгор санҷида, барои тасдиқи мақсад, ё даъвои муаллиф оварда мешавад ва василаи тақвияти сухани муаллиф аст” [5, с.109].

Дар шеъри Катрон ирсоли масал чандон зиёд нест, вале гоҳ-гоҳ шоир барои тасдики андешаҳои худ аз ин навъи санъати сухан истифода бурдааст. Чунончи:

Агар хусрав фузунӣ ҷусту ранҷаш омад аз ҷустан,
Ба ранҷ андар бувад роҳат, ба хор андар бувад хурмо [1, с.3].

Дар байти боло шоир мақоли “Меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ”-ро ба кор бурдааст.

Ҳар киро мор ҳама умр ба як бор газид,
Доим ӯро расани песа бувад морнамой [1, с. 363].

Дар байти боло мақоли “Моргазида аз ресмони ало метарсад”-ро хеле моҳирона ба қалам додааст.

Дар байти зерин бошад ҳадиси пайғамбарро овардаву ба ҳаёти хеш пайвастааст:

Ба бало тан зи гунаҳ пок шавад, қавли набист,
Чӣ бало донӣ, к-аз ниқрис бадтар хонӣ.

Хулоса, Қатрони Табрезӣ бо вуҷуди пайравӣ ба шоирони Хуросон кӯшидааст, аз худ осори арзандае боқӣ гузорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Девони Ҳаким Қатрони Табрезӣ (аз рӯйи нусхаи Муҳаммад Нахҷувонӣ). – Теҳрон, 1362. - 552 с.
2. Мусулмонкулов Р. Сачъ ва сайри таърихии он дар насри точик / Р.Мусулмонкулов. - Душанбе, 1970. -217с.
3. Тӯрақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе, 1992. - 304 с.
4. Шарифов Х. Услуб ва камолоти сухан / Х. Шарифов. - Душанбе, 1985. – 176 с.
5. Шарифов Х. Балогат ва суханвари / Х.Шарифов. - Душанбе, 2002. - 278 с.

МУБОЛИҒА ВА ИРСОЛИ МАСАЛ ДАР ШЕЪРИ ҚАТРОН

Абумансур Қатрони Табрезӣ яке аз шоирони форсизабони Эрони Ғарбӣ мебошад, ки дар натиҷаи омӯзиш ва истифодабарии забони форсӣ, дар ашъори худ на танҳо ба қуллаҳои баланди назмсароӣ расид, инчунин ба паҳншавии забони форсӣ дар ин минтақа саҳми бузург гузошта, ба эҷодиёти наслҳои ояндаи Эрони Ғарбӣ, Мовароуннаҳр ва Хуросон таъсири калон расонидааст. Қатрон ба рушди жанрҳо ва шаклҳои жанрии назми форсу тоҷик ба монанди қасида, қитъа, рубоӣ, тарҷеҳбанд, ва таркиббанд, мусаммат саҳми калон гузоштааст. Омӯзиши мероси эҷодии Катрони Табрезӣ ҳамчун намунаи назми Эрони Ғарбии даврони нимаи якуми асри XI на танҳо дар ошкорсозии махсусиятҳои бамиёноии назм бо забони форсӣ дар ин минтақа, инчунин аз ҷиҳати муайянсозии махсусияти забон ва услуби адабиёти форсизабон дорои аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ мебошад. Дар мақола маҳорати шоирии Қатрон дар истифодаи санъатҳои бадеӣ оварда шудааст. Қатрон дар эҷоди қасидаҳояш асосан ба санъатҳои бадеӣ такя намудааст. Аз ин рӯ шеъри ӯ маънии воло ва дилчасп дорад.

Калидвожаҳо: шоир, шеър, Катрон, қасида, санъатҳои бадеӣ.

ГИПЕРБОЛА И СМЫСЛОВЫЕ ПОЗИЦИИ ПОСЛОВИЦ В ПОЭЗИИ КАТРОНА

Абумансур Катрон Табризи является одним из персоязычных поэтов Западного Ирана, который в результате изучения и использования языка фарси в своих стихах не только сам достиг высоких вершин поэтического творчества, но и внёс заметный вклад в распространение персидского языка и поэзии в этом регионе и оказал заметное влияние на творчество последующих поколений поэтов Западного Ирана, Мавераннахра и Хорасана. Катрон внёс свой значительный вклад в развитие жанров и жанровых форм персидско- таджикской поэзии, таких, как касыда, кит’а, рубаи, тарджи’банд и таркиббанд, мусаммат. Изучение творческого наследия Катрона Табризи как образца поэзии Западного Ирана первой половины XI

века имеет большое научное и практическое значение не только для выявления особенностей возникновения поэзии на языке фарси в этом регионе, но и в плане определения особенностей языка и стиля персоязычной литературы. В статье анализируются особенности использования средств художественного изображения в касыдах поэта. Статья показывает, что Катрон при создании своих касыд, прежде всего, опирался на художественно – изобразительные средства.

Ключевые слова: поэт, Катрон, грамматика, художественное искусство.

GIPERBOLA IN THE P0ETRU OF KATRON

Abumansur Katron Tabrizi is one of the Persian-speaking poets of Western Iran who, as a result of studying and using Farsi in his poems, not only reached high peaks of poetic creativity, but also made a significant contribution to the spread of Persian language and poetry in this region and had a noticeable effect on the work of subsequent generations of poets of Western Iran, Maverannahr and Khorasan. Qatron made a significant contribution to the development of genres and genre forms of Persian-Tajik poetry, such as kasyda, kit'a, rubai, tarji'and and tarkibband, musammat. Studying the creative heritage of Katron Tabrizi as an example of Western Iranian poetry of the first half of the XI century is of great scientific and practical importance not only for identifying features of poetry in the Farsi language in this region, but also in terms of identifying features of the language and style of Persian-language literature. The article analyzes the features of using the means of artistic image in the poet's kasidah. The article shows that Katron, in creating his kasyds, primarily relied on artistic and visual means.

Key words: poet, Katron, grammar, artistic arts.

Сведение об авторе: ***Бобобеков Алишер Мирбобоевич*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **bobobekov.65@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 935-64-04-40**

Information about the author: ***Bobobekov Alisher Mirboboevich*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, dotcent of the Department of Tajik Language and Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **bobobekov.65@mail.ru**. Tel.: **(+992) 935-64-04-40**

УДК: 891.550:82+070 (575.3)

ЧАНД ШИНОХТИ НОҚИЛ ВА МУАЛЛИФ

Қутбиддинов А.Ҳ., Иноятова З.П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ноқил дар асар ҳамон муаллиф аст, ки дар баъзе ҳолатҳо барои дилчасп гардидани навишта ва таъсир расонидани амиқтар ба афкор аз шакли дигари баёну таълиф истифода мебарад. Ноқил – муаллиф фардест, ки аз забони як персонаж сухан мегӯяд. Мавқеи муаллиф дар асари публитсистӣ бо шеваҳои гуногун ба назар мерасад, ки яке аз фаъолтарини онҳо ба сифати ноқил амал кардани муаллиф мебошад. Ноқил як унсури муҳимми шинохти муаллифи асар аст. Муаллиф бошад он мафҳумест, ки дар пояи он хислату хосияти муносибат ба як матн зоҳир мешавад. Таҳқиқотҳои имрӯзу гузашта проблемаҳои муаллифиро бештар дар асоси мавқеи муаллиф меомӯзанд. Ҳамин ҷиҳат аст, ки дар ин самт мафҳум, ё таъбири «образи муаллиф» ба миён меояд. Маҳз, образи муаллиф муайян мегардонад, ки то кадом дараҷа ҳузури муаллиф дар асар дида мешавад: **«…таҳлил ва дахолати муаллифӣ»** [1, с.98] унсури дигари шинохти муаллифи асари публитсистӣ ба ҳисоб меравад. Бори аввал истилоҳи «образи муаллиф» аз ҷониби В.В. Виноградов ба таври густурда чун як ҷузъи таҳқиқи асар ба кор бурда шудааст. Ба ақидаи ӯ «образи муаллиф» меҳварест, ки ба таври маҷмӯӣ аҷзои ҳунарии таълифро ба миён меорад. Образи муаллиф ба таври маълуму ошкор дар асарҳои тарҷумаиҳолӣ, ёддоштӣ ва умуман он асарҳое дида мешавад, ки дар он шахсияти муаллиф мавзӯи аслии асар мегардад. Образи муаллиф бо «садо»-и махсуси худ вазифаеро иҷро менамояд, ки онро аз забони қаҳрамони дигар баён кардан душвор аст. Зеро, ин муаллиф дар пояи воқеияти баён ҳадафу мароми мушаххасро пеш мегузорад ва дар маҷмӯъ аз мавқеи иҷтимоии худ ҳимоя кардан мехоҳад. Аллакай, собит шудааст, ки як рукни шинохти муаллифи асари публитсистӣ **«…ин аз мавқеи иҷтимоии худ дифоъ кардан аст»** [5, с.43].

Муаллиф ҳамон вақт ба ноқил табдил меёбад, ки зарурати дахолат ба рафти воқеа, баҳогузориву ташхиси рухдод ва баён кардани эҳсос дар атрофи рухдоди воқеӣ пайдо мешавад. Образи муаллиф ва образи ноқил бо ҳам муродифанд ва дар

ифодаи мавқеи муаллиф як навъи созгоранд. Дар ҳар ду ҳолат низ нақл дар хусуси одамони алоҳида ва истифодаи факту асноди дақиқ барои таъсир расонидан ба афкори омма чун рисолати азалӣ боқӣ мемонад: **«Дар айни замон публитсистика ба маънои нақл дар хусуси одамони чудогона, таъсир ба воситаи факту рақамҳои конкрет фаҳмида мешавад»** [10, с.104]. Таҷассуми симои муаллифро нақли бевосита ӯ таъмин менамояд ва ин гувоҳ аст, ки дар асар ӯ шахсияти канорӣ нест. Муаллиф он шахсияти ташхисгарест, ки бо таҳлилу гузоришҳои ҳамаҷонибаи руйдод ва таҳқиқи ботину зоҳири симоҳо дар назди худ мақсади ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаро мегузорад: **«...фаъол будани муаллиф зимни гузориши масъала ва таҳлили ҳамаҷонибаи рӯйдоду далелҳо хонандаро ба ҷараёни воқеаҳо кашида, чун фарди иҷтимоӣ ӯро ба андеша кардан водор мекунад ва бо ҳамин дар фароҳам овардани афкори умум саҳми бориз мегузорад»** [4, с.247].

Дар асарҳои драмавӣ нутқи ҳар як персонаж дар пояи характери он асос меёбад, ки вобаста ба чӣ ранг гирифтани воқеа алоқаманд мегардад. Нутқи муаллифӣ бошад дар доираи ремаркаҳо, тасвири авзоъ ва санаднокии факту рақамҳо сурат гирифта, маҷрои мустақил надорад. Дар ин ҳолат ҳадафнокии самти ҷараёни ҳадаф муқаддам мешавад ва хосияти бадеии баён ғолиб мегардад. Сарфи назар аз таъйиноту хислати асар калом ва баёни як нафар муҷиби нақли ҳаводису ҳолат мешавад. Дар асарҳои лирикӣ нутқ ва нақл аз забони қаҳрамони лирикие ба миён меоянд, ки ӯ чӣ гуна рӯзгори талху ширинро аз сар гузаронидааст. Дар публитсистика ва умуман насри воқеъгароёна барои идроки умқи муаммоҳо ба таври ҳамеша нутқи муаллифӣ кумак мерасонад, ки онро бештар дар доираи мафҳуми «ман»- и муаллиф қабул кардан мумкин аст. Дар ин ҷо бояд аз як навъ тафовути асари лирикиву публитсистӣ таъкид кард, ки рисолатҳои гуногун дошта метавонанд. Мавқеи муҳаққиқон дар ин маврид нисбатан қатъитар зоҳир мешавад ва собит шудааст, ки дар байни қаҳрамони лирикиву бадеӣ фарқи ҷиддие вуҷуд дорад: **«...вақте ки мо «Нориниёнем мо» ном очерки Ф.Муҳаммадиевро мехонем, медонем, ки ӯ ҳамон чизеро тасвир кардааст, ки худи ӯ дидааст. Пас «ман»-и адабиёти бадеӣ аз қаҳрамони лирикӣ ба куллӣ фарқ дорад»** [10, с.105].

Дар адабиёти ғарбӣ дар асри 19 масъалаи ҳузур доштан ва надоштани муаллиф ҳамчун ноқил ба як баҳси ҷиддии таҳқиқ табдил ёфта буд. Ин раванд оғози шинохти ноқилу муаллифи асар буд, ки баъдтар ба ҷараёни бузурге табдил ёфт. Дар адабиётшиносии муосир масъалаи «муаллиф – ноқил – асар» аз ҷониби Ю.М.Лотман ҳамчун «нуқтаи назар – матн» фаҳмида мешавад. Аз рӯйи андешаи Б.А.Успенский нақши ноқил дар асар ин «мавқеи муаллиф дар фазову вақт» дониста мешавад. Ташхисҳо дар моҳияту маънои умумӣ як чизанд ва аз онҳо бештар оҳанги иҷтимоӣ бармеояд. Ҳарчанд якҷониба ҳам бошад, аммо дар илми адабиётшиносии имрӯза масъалаи таҳқиқи образи муаллиф ба яке аз масъалаҳои асосии таҳқиқ табдил ёфтааст. Аз рӯйи мавқеъ ва афкори муаллифон авзоъ ва хусусиятҳои замонӣ нисбатан осон пайгирӣ карда мешаванд. Дар ин маврид бояд аз иқтидор ва афзалияти мушоҳидаи муаллифӣ ишора кард, ки онро чун як афзалияти муаллиф баҳогузорӣ кардаанд: **«Қобилияти мушоҳидаи адиб он аст, ки он чизеро, ки ӯ мебинад, иқтидори мушоҳидаи дигарон дар ин мушоҳида кифоят намекунад»** [2, с.197]. Чунин бардоште ҳосил мешавад, ки маҳз мушоҳида яке аз омилҳои фаъол гардидани ноқил мегардад.

Образи муаллиф ва ноқил, ки бештар муроҷиати муаллиф ба хонанда мебошад, мавзӯи маҳдуд нест ва муроҷиати муаллиф муаммоест, ки ташхис намудани он аз чанд дидгоҳ сурат гирифта метавонад. Равзанаи асосӣ дар ин самт қимати ошкори иҷтимоии асар ба ҳисоб меравад. Муаллиф бо ифодаи образи ошкор ва гоҳо эҳсоснашавандаи худ ақидаҳои моҳияти иҷтимоидоштаро пешниҳоди хонанда менамояд ва дар маҷрои фикри хонанда таъсири оҷилтарро ба вуҷуд овардан мехоҳад. Гӯё ба хонанда чизеро нақл кардан мехоҳад, ки худ шоҳид асту дар меҳвари рухдод маҳз ӯ ҳузур дорад. Ба сифати як қаҳрамон амал кардани ӯ ба ин ҳолат сабаб мешавад: **«Дар асари бадеӣ муаллиф ҳама чизро дар бораи қаҳрамони худ медонад. Ин қаҳрамон дар аксар маврид худи муаллиф мебошад»** [8, с.68].

Ноқил дар наср образи шартие мебошад, ки дар симои он нақли мақсаднок сурат мегирад. Дар ҳаракати ӯ доираи афкор ва андешаҳои фардӣ ғолиб мегарданд ва бо ин роҳ як навъ усули дарёфти равзанаи афкори ҷомеа таъмин мегардад. Ноқил дар наср онест, ки нутқи муаллифро бо таннӣ ба дӯш дорад. Ноқил касест, ки дар назди худ ҳадафи рухдоди таърихиеро дар шакли шифоҳиву китобӣ нақл карданро мегузорад. Ноқил ба сифати қаҳрамони дувуму савум низ амал намуда, сифати

воқеияти асарро таъмин менамояд. Тавре ишора гардид, зери мафҳуми ноқил мо дар навбати аввал фаъол будани «ман»-и муаллифиро мефаҳмем. Муаллифи асари публитсистӣ ҳамчун таърихнигори фаъоли рӯз талош менамояд, ки бо мақсади равшан кардани мавқеи худ аз усули нақл истифода барад. Ин ҷараён бештар дар зери таъсири фазо ва вақти фарогир сурат мегирад ва «ман»-и муаллиф як унсури дар ҷабҳаи муайян ҳадафи хос доштани ӯро мефаҳмонад. Вобаста ба мавқеъ, воқеиятнигорӣ ва тарғибу ташвиқ дар таҳти таъсири фазову вақт ин «ман» бояд ҳамеша фаъол бошад: **«Барои тасвири реалистӣ, идеянокӣ ва ба замона ҳамовоз будани нависанда»** [9, с.39] бештар аз ҳама, «ман»-и муаллифи мусоидат карда метавонад. Дар осори публитсистӣ муаллиф чун фарди ташхисгару таъсиргузор ва бештар чун як иштирокчии воқеа дониста мешавад. Ин таъсиргузориву иштирокчӣ будани ӯ бештар бо ҳузури «ман»-и муаллифӣ зоҳир мегардад. Ҷойи тардид нест, ки ӯ чун як шахсият ҷилваи хос пайдо кардан мехоҳад ва муаллиф дар муаррифӣ кардани ин «шахсият» талош ҳам менамояд: **«…Ман мехоҳам ба бародарони худ як касро дар камоли ҳақиқаташ нишон диҳам, - ин кас худи манам»** [3, с.35].

Аксар вақт дар шинохти ин «ман» майдони матбуотро ишора менамоянд, ки бо мавҷудияти қариб чорсадсолаи худ ҷараёни воқеиятро бо ҳузури муаллиф шиддат бахшидааст. Амри, аллакай, собитшуда он аст, ки «ман»- муаллифи асари публитсистиро дар осори шифоҳиву китобии публитсистика бидуни мавҷуд будани рӯзномаву дастгоҳи чопӣ низ пайдо карда метавонем. Саҳифаҳои таърихи фарҳангу адабиёт гувоҳанд, ки онҳо эҷодгарону адибоне буданд, ки садсолаҳо қабл бидуни мавҷуд будани минбари хосси афкор барои ҷомеа дар қолаби воқеияту ҳақиқатнигорӣ чизе иншо кардаанд. Ҳанӯз садсолаҳо қабл Носири Хусраву Низории Кӯҳистонӣ, Ҳоқонии Шервониву Зайниддин Восифӣ, Убайди Зоконiву Аҳмади Дониш, Маҳмуди Тарзиву Зайнулобиддини Мароғаӣ ва дигарон он адибоне буданд, ки бо «ман»-и маълуми худ ба олами афкори хонанда наздик гардидаанд. Дар такя ба ёддошту сафарномаҳои онҳо собит мегардад, ки мавқеи иҷтимоии онҳо дар кадом сатҳу поя қарор гирифтааст: **«Барои бехато донистани рӯзгори муаллиф мушоҳидаи таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва завқи эстетикии вай, барои дуруст шинохтани ҳастии маънавии ӯ назар ба тамоми осори бадеии вай ёддоштҳояш бештар ва эътимодноктар кумак мерасонад»** [3, с.35].

Мавқеи муаллифи асари публитсистӣ дар асар ҳамеша ҷилваи чашмрас дорад ва дар шинохти муаллифи асари публитсистӣ танҳо дар асоси таҳаввули имрӯзаи соҳа баҳо додан ҳукми ягона намебошад. Чунин хислатро таъйиноту шинохти амиқи асарҳои бузурги насрӣ низ донистаанд ва унсурҳои мазкур, бештар аз ҳама, дар асарҳои мустанаду тарҷумаиҳолӣ мушоҳида карда мешавад: **«Бузургони адабиёт аз Толстою Чехов то Айтматову Шолохов борҳо таъйид кардаанд, ки дар ҳаргуна асари бадеӣ лаҳзаҳои тарҷумаиҳолӣ вуҷуд дорад»** [7, с.190]. Ҷузъиёту лаҳзаҳои тарҷумаиҳолӣ гуфта, он қисматҳое дар назар дошта мешаванд, ки дар он муаллиф ба таври маълуму номаълум ба рӯзгори худ ишора карда, ҳама чиз бештар дар қолаби нақли муаллифӣ пешниҳод гардонида мешавад. Мавқеи муаллиф дар ин гуна асарҳо на пассив, балки фаъол буда, дахолати муаллифӣ ба навиштаҳо хусусияти ташреҳӣ мебахшад. Дар асарҳои дорои хусусияти публитсистии адабиёти гузашта, чун мисоли очеркҳои сафарии имрӯза қаҳрамони фаъолу маълуме амал менамояд, ки он худи муаллиф аст, ки шоҳиди бевоситаи ҳаводису воқеот мебошад. Бо назардошти дахолати муаллифӣ, «ман»-и муаллиф дар оҳанги ҳар як ҷумла ба назар расида, хосияти устувори асари публитсистиро таъмин кардааст. Адабиётшинос Р.Мусулмониён ҳақиқати воқеӣ ва фаъолмандии муаллифи асари публитсистиро ба назар гирифта, дар асоси ин таъкиди Носири Хусрав хатти нақлиро «Сафарнома»-ро чунин нишон додааст**: «Ва масофати роҳ, ки аз Балх ба Миср шудем, ва аз онҷо ба Макка; ва ба роҳи Басра ба Порс расидем ва ба Балх омадем, ғайри он ки ба атроф ба зиёратҳо ва ғайраҳу рафта будем, ду ҳазору дувисту бист фарсанг буд. Ва ин саргузашт он чи дида будам, ба ростӣ шарҳ додам»** [3, с.33].

Нишондоду таъкидоти муҳаққиқон бештар дар мавриди нақши ноқил дар асар сурат гирифта, бозгӯ ва далели он мешавад, ки мафҳуми ноқил дар асари бадеӣ таърихи тӯлониро соҳиб аст. Ҳузури муаллифӣ ва масъулиятмандӣ нисбат ба факту аснод аз ҷониби Носири Хусрав чунин сурат пайдо кардааст, ки онро як таъкиди равшан дар қолаби нақл пазируфтан мумкин аст: **«Ва баъзе ки ба ривоятҳо шунидам, агар дар он хилофе бошад, хонандагон аз ин заиф надонанд ва муахазат ва накуҳиш накунанд»** [3, с.33].

Дар шинохти мавқеи муаллиф дар асар, ё то кадом сатҳ ноқил будани ӯ ба мо, пеш аз ҳама, қолабу доираҳои жанрӣ кумак мерасонанд. Бешубҳа, қолабҳои жанрии публитсистӣ дар муайян кардани нақши ноқил дар ҳар як асар далели қатъӣ гардида метавонад ва ҷойи инкор нест, ки ноқил дар асари публитсистӣ на қаҳрамони лирикӣ, балки ҳамчун як иштирокчии фаъол эътирофу ба мушоҳида гирифта мешавад. Ба таври мисол, дар бораи дар очерк чӣ мақом доштани муаллиф ҳаминро маълум намудан мумкин аст, ки ӯ ҳам қаҳрамон, ҳам мушоҳидакунандаи бевосита ва ҳам ноқил ба шумор меравад. Ноқил дар асари публитсистӣ шахсияти фаъол, ташхисгар, баҳогузор ва даъваткунандаест, ки омма ба ӯ бовару эътимод дорад. Ноқил дар таркиби маъноиву мантиқии худ, пеш аз ҳама, он нафарест, ки чун як нақлкунандаи воқеаву ҳаводис ба назар мерасад. Нақли ӯ хусусияти воқеъгароёна дорад. Аммо ин нақл кардан сурати одӣ надорад ва махлут ба ҳунарҳои дигаре мешавад, ки дар маҷмӯъ аҷзои таъсирбахшии асар меафзояд. Аз нигоҳи нависандаи рус М.Горкий вазифаи адиб **«…на фақат нақл кардан, балки тасвир намудан, нишон додан лозим аст»** [6, с.9]. Ба андешаи инҷониб нақл кардани рухдод бояд танҳо дар такмили шахсияти муаллиф мусоидат нанамояд. Ин ҷиҳатро мо бештар дар раванди портретофаринии адибони алоҳида ба мушоҳида гирифта метавонем, ки дар навиштани очеркҳо онҳо ба чанд паҳлу назар андохтан мехоҳанд. Дар робита ба масъалаи **«шахсияти шинохта»** [8, с.68] будани муаллифи очерк ҳаминро бояд гуфт, ки очерк хабару мусоҳибаи муқаррарӣ нест, ки ҳар нафаре онро иншо намояд ва дар ин замина матлаби муаррификунандаи як симоро ба майдон оварад. Пӯшида нест ва ҳатто чун як рукни эҷод ҳадафи муайяни муаллифи ҳама гуна очеркгуна (ёддошт, эссе) чанд рисолатро дар бар гирифта, ба қавле «кӣ?» буданашро ҳам дар дараҷаи хоссе баррасӣ менамояд. Такомул ёфтани муаллиф дар ин роҳ метавонад, ки мактабу доираи муайяне ҳам надошта бошад: **«Кайҳо собит шудааст, ки ҳам журналисти кордида, ҳам нависанда, роҳбари ҳар гуна ташкилоти эҷодӣ, ё хоҷагӣ, муаллими одӣ ба ҳайси публитсист сухан гуфта метавонад»** [7, с.45].

Дар равандҳои эҷодӣ муаллифи асари публитсистӣ роҳҳои гуногуни ба олами афкору дили одамӣ наздик шуданро ҷустуҷӯ менамояд ва дар ин роҳ ба ӯ, бештар аз ҳама, нақши фаъоли ноқил будани ӯ кумак мерасонад. Нақши ноқил, ин, пеш аз ҳама, маълум будани нутқи мустақили муаллиф аст, ки хатти кашидаи асарро ташкил медиҳад: **«Дар ҳар гуна асари адабиёти мустанад ва очерку эссе ва новеллаҳои муосир махсусан нутқи (сухани) мустақими муаллиф аввалтар аз ҳама мушаххас мегардад»** [7, с.60]. Ташхис кардани нақши ноқил дар асар, пеш аз ҳама, ба дараҷаи корбасти ташреҳ вобастагӣ дорад. Ремаркаҳои муаллифӣ дар асарҳову навиштаҳои публитсистӣ таърихи нав нест. Ин усулу сабкро садсолаҳо қабл дар намунаи эҷоди адибони классикӣ низ дучор омадан мумкин аст. Шарҳи муаллифӣ, ё ин ки ремарка низ маълумоти маҳдуд нест ва таркиби он аз чанд ҷузъи дигар низ иборат аст. Муҳаққиқ А.Саъдуллоев ду вазифаи асосии ремаркаро дар заминаи нақли муаллифӣ нишон додааст: **«Шарҳи муаллиф (ремарка) ду функсияе дорад, ки бо ҳам баробар ҳамкорӣ мекунанд. Дар мавриди аввал сухани қаҳрамон фаъол буда, муаллиф ҷо-ҷо, барои рӯшанӣ андохтан ба воқеа ё самтбахшии иштирокчиёни воқеа луқма мепартояд. Дар мавриди дигар, қаҳрамони руйдод худ ноқили ботааннии гуфтор аст ва гоҳ-гоҳе, гӯё аз равзанае сухане ба гуфтаи ӯ илова мешавад»** [7, с.60]. Ҳадаф аз таъбири «илова ба равзанаҳо», ин, пеш аз ҳама, бозгӯи таҷрибаи муаллиф мебошад, ки зинаҳои мухталифи эҷодиро паси сар кардааст. Садоқатмандиҳову рисолатҳои зиёд ин муаллифро водор менамояд, ки воқеоту ҳаводисро аз дидгоҳи мухталиф баррасӣ намояд ва ҳамзамон ин ҷузъиёт як рукни муҳимми камол ёфтани адиб мешавад. Муаллифи асари публитсистӣ фардест, ки дар мактабҳои эҷодӣ камол ёфтааст ва бо ин имкон беш ва пеш аз дигарон ба масоили иҷтимоӣ расидагирӣ карда метавонад. Нақши ноқил дар асар ин маънову мароми ба масъалаҳо ба таври фаъол дахл кардани муаллифро дорад: «**Дар публитсистика дахолати фаъолонаи муаллиф қадр карда мешавад»** [7, с.110].

Моҳиятан маълум мебошад, ки муаллиф дар публитсистика чун як мушоҳидакор ҳама чизро нахуст ва амиқ мебинад ва ин муаллиф иқтидори баҳо доданро соҳиб мебошад. Муаллифи асари публитсистӣ ҳукм мебарораду хулоса дорад ва даъват мекунаду таблиғ менамояд ва дар ин самт ҳунари ноқил будани муаллиф чун як қонунияти эҷод ба ҳисоб меравад. Як қаҳрамони аслии асари публитсистӣ худи муаллиф ба шумор меравад, ки дарёфту мушаххас намудани ин қаҳрамон чандон душвор намебошад. Бо баён кардан ва ташхис намудани ҷузъиёти

фазои иҷтимоиву сиёсӣ дар як асар муаллифи соҳибмаҳорат метавонад, ки симои худро аёну ноаён дар он ба ҷилва орад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулов С. Махсусияти очерки муосир: Монографияи илмӣ / С.Гулов. – Душанбе, 2012. – 116 с.
2. Журналистика и литература. – М.: Изд-во «Московского университета», 1972. – 294 с.
3. Мусулмонқулов Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ / Р.Мусулмуонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.
4. Неруи сухан (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2014. – 251 с.
5. Нуралиев А. Журналистикаи советии тоҷик: Васоити таълимӣ / А.Нуралиев ва диг. - Душанбе, 1989. – 173 с.
6. Отахонова Х. Падидаҳои навҷӯӣ / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 175 с.
7. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт: Моногафияи илмӣ / А.Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
8. Садуллаев А. Очерк: генисиз, развитие и современное состояние / А.Садуллаев, А.Аминов. - Душанбе: Ирфон, 2012. – 216 с.
9. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Китоби 2 / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 224 с.
10. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика: Дастури таълимӣ / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2009. – С.104 – 138 с.

ЧАНД ШИНОХТИ НОҚИЛ ВА МУАЛЛИФ

Ноқил аз забони як персонаж сухан гуфта, мавқеи хосси худро маълум менамояд ва ӯро ҳамчун муаллифи асар мешиносем. Ноқил як унсури муҳимми шинохти мавқеи муаллифи асар аст. Муаллиф бошад он мафҳумест, ки дар пояи он хислату хосияти муносибат ба як матн зоҳир мешавад. Таҳқиқотҳои имрӯзу гузашта проблемаҳои муаллифиро бештар дар асоси мавқеи муаллиф меомӯзанд. Ҳамин ҷиҳат аст, ки дар ин самт мафҳум, ё таъбири «образи муаллиф» ба миён меояд. Образи муаллиф муайян мегардонад, ки то кадом дараҷа ҳузури муаллиф дар асар эҳсос мешавад. Муаллиф дар пояи воқеияти баён ҳадафу мароми мушаххасро пеш мегузорад ва дар маҷмӯъ аз мавқеи иҷтимоии худ ҳимоя кардан мехоҳад. Образи муаллиф ва образи ноқил бо ҳам муродифанд ва дар ифодаи мавқеи муаллиф як навъ созгоранд. Дар ҳар ду ҳолат низ нақл дар хусуси одамони алоҳида ва истифодаи факту асноди дақиқ барои таъсир расонидан ба афкори омма чун рисолати азалӣ боқӣ мемонад. Дар асарҳои лирикӣ нутқ ва нақл аз забони қаҳрамони лирикие ба миён меояд, ки ӯ чӣ гуна рузгори талху ширинро аз сар гузаронидааст. Дар публитсистика ва умуман насри воқеъгароёна барои идроки умқи муаммоҳо ба таври ҳамеша нутқи муаллифӣ кумак мерасонад, ки онро бештар дар доираи мафҳуми «ман»- и муаллиф қабул кардан мумкин аст.

Калидвожаҳо: асар, мавқеъ, муаллиф, ноқил, иҷтимоӣ, сабк, нақш, завқ, шарҳ, хулоса, адабиёт, воқеият.

НЕСКОЛЬКО СЛОВ О РАССКАЗЧИКЕ И АВТОРЕ

Рассказчик говоря от имени одного персонажа, определяет свою особую позицию и его мы узнаем как автора произведения . Рассказчик является важным элементом познания позиции автора произведения. Автор же является тем понятием, посредством которого выявляются свойства и качества отношения к тексту. Современные и минувшие исследования изучают авторские проблемы в основном на основе авторской позиции. Поэтому и появляется в данном направлении понятие или интерпретация «образа автора». Образ автора определяет до какой степени чувствуется присутствие автора в произведении. Автор на основе достоверности изложения ставит перед собой конкретные цели и намерения и в целом хочет защищать свою социальную позицию. Образ автора и образ рассказчика являются синонимами и в выражении позиции автора гармонируют друг другу. В обеих случаях рассказ ведется об отдельных личностях и использование точных фактов и документов свидетельствует о достоверности происходящих событий в рассказе. В лирических произведениях речь и рассказ происходит от языка лирического героя, и он рассказывает о своей несладкой жизни. В публицистике и в общем в объективной жизни для познания глубины проблем как всегда помогает авторская речь, которую можно принять в рамках понятия «я» автора.

Ключевые слова: произведение, позиция, автор, рассказчик, социальный, стиль, роль, интерес, толкование, выод, литература, действительность.

SEVERAL WORDS ABOUT REVIEW AND AUTHOR

Speaking on behalf of one character, the narrator determines his particular position and we will recognize him as the author of the work. The narrator is an important element of knowing the position of the author of the work. The author is the concept by which the properties and qualities of the attitude to the text are revealed. Current and past research examines the author's problems mainly based on the author's position. Therefore, the concept or interpretation of the “image of the author” appears in this direction. The image of the author determines to what extent the presence of the author in the work is felt. The author, on the basis of the credibility of the presentation, has set itself specific goals and intentions and, in general, wants to defend his social position. The image of the author and the image of the narrator are synonymous and are in harmony in the expression of the author’s position. In both cases, the story is about individuals and the use of accurate facts and documents indicates the authenticity of the events in the story. In lyrical works, the speech and story comes from the language of the lyrical hero, and he talks about his savory life. In journalism and in general in objective life, the author's speech, which can be accepted within the concept of the author's “I”, always helps to know the depth of problems.

Key words: work, position, author, narrator, social, style, role, interest, interpretation, output, literature, reality.

Сведения об авторах: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**
Иноятова Зебо - Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г.Душанбе, пр.Рудаки 17

Information about the authors: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**
Inoyatova Zebo - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave. 17

УДК: 82

НАВИСАНДАИ ПУРМАҲСУЛИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Соҳибзода Даврон
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ

Имомов Аброр Зоҳирович бо тахаллуси Аброри Зоҳир - шоир, мутафаккир, журналист, нависанда, филмноманавис ва муҳаррири муосири барҷастаи халқи тоҷик буда, ӯ дар таърихи 15-уми январи соли 1965 дар деҳаи Бохтуободи шаҳри Сарбанди вилояти Хатлон, дар оилаи деҳқон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст [6]. Таълими ибтидоӣ ва миёнаро дар зодгоҳаш дар мактаби миёнаи умумии №24 (ҳозира №4) –и деҳаи Бохтуобод фаро гирифтааст.

Аброри Зоҳир навиштанро ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна оғоз карда ва ягон-ягон ҳикояҳояшро дар рӯзномаҳо чоп мекард. Даврaҳои донишҷӯияш низ ба навиштан машғул буд, аммо онҳоро чоп намекард. Танҳо дар ибтидои солҳои навадум Аброри Зоҳир навиштаҳояшро ба устод Раҳмон Остон пешниҳод кардааст, то ин ки мутолиа карда, фикру андешаашро гӯяд. Баъдтар бо Сайф Раҳимзоди Афардӣ низ дар як идора кор мекард ва ҳамин тавр, бо коргоҳи эҷодияш ошноӣ дошт ва устод низ дар ҷодаи эҷодиёт ба ӯ маслиҳатҳо медод. Устодонаш Сорбон, Абдулҳамиди Самад, Ҷонибек Акобир нахустин навиштаҳояшро хонда, ба чопи онҳо тавсия додаанд [6].

Зиндагӣ ва фаъолияти Аброри Зоҳир ба ду давра рост меояд: яке замони шӯравӣ ва дигаре замони истиқлол. Аввалин фаъолияташро бошад дар даврони шӯравӣ, яъне дар соли 1982 ба ҳайси мусаҳҳеҳи рӯзномаи вилояти «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» шурӯъ кардааст. Соли 1989 факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистонро, ки айни замон Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад, ба тариқи ғоибона, яъне фориғуттаҳсил ба итмом расонидааст ва худи ҳамон сол боз фаъолияташро дар рӯзномаи вилояти «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» идома додааст. Солҳои фаъолияти кории ӯ ба чунин даврaҳо рост меояд: солҳои 1989-1992 нозир ва мудири шуъбаи кумитаи комсомоли вилояти Қӯрғонтеппа (айни замон ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон), 1993-1994 мудири шуъбаи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», 1994-1999 ёвари раис, сардори раёсати иттиҳодияи «Тоҷиккино» («Иттиҳодияи ҷумҳуриявии кино ва видеои «Тоҷиккино»»), 1999-2000 сармуҳаррири ҳафтаномаи «Ҷаҳони паём»-и Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ, 2000-2004 директори Телевизиони Тоҷикистон, 2004-2005 директори генералии киностудияи «Тоҷикфилм», 2005-2007 сармутахассиси шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2007-2011 директори Китобхонаи марказии шаҳрии ба номи Лоҳутӣ кор кардааст. Инчунин аз соли 2012 то рӯзи вафоташ, яъне 23-юми ноябри 2015 директори Муассисаи давлатии «Фурӯш ва паҳни китобу нашрияҳои даврӣ»-и шаҳри Душанбе фаъолияти босамар дошт.

Аброр Зоҳир дар тӯли умри кӯтоҳи хеш дар ҷомеа ва ташкилотҳои гуногун кор кардааст. Ӯ худро ҳамчун шахси масъулиятшинос, кордон, ватандӯст, хоксор нишон дода ва бо хулқу атвор ва муомилаи хосси худ сазовори ҳурмату эҳтиром ва маҳбубияти хоссу ом гаштааст.

Аброри Зоҳир дар ҷодаи эҷодӣ низ машҳуру комёб буда, яке аз сермаҳсултарин адибони навовари муосири миллати тоҷик ба шумор меравад, ки баъди соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ ба майдони адабиёти тоҷик ворид гардидааст. Ба ақидаи яке аз донишмандон Сайид Аъзам Аброри Зоҳир аз ҷумлаи адибон ва журналистони маъруф ва рангинхаёли муосири тоҷикест, ки умдатан, ба мавзӯъҳои номакшуф,

ҷолиб ва мубрам дахл намудааст. Дар асарҳо асосан ба дунёи ботинии персонажҳо дахл мекунад ва бо тобишҳои гуногун онро ба риштаи тасвир мекашад. Асарҳои ӯ ҳар яке ба тарзу услуби хос иншо шуда, аз завқу истеъдод ва салиқаи муаллиф башорат медиҳанду таҷассумгари рӯҳия ва маънавиёти миллати тоҷик буда, аз ғаразҳои шахсию гурӯҳӣ орӣ мебошанд.

Муддати бист сол аст, ки қиссаю романҳояш тақрибан пайи ҳам ба нашр мерасанд. Ӯ нависандаи тасвирнигор аст, на воқеасоз, яъне дар асарҳои ӯ зиндагии инсон бо ҳама бешу камиаш, шодиву нишот ва ғаму андуҳаш тариқи амалиёти образу персонажҳо ба риштаи тасвир кашида шудаанд. Тасвирнигориаш мавриди фурӯ рафтан ба умқи масъала, баёни мушкилот ва печутоби зиндагии инсон, ибрози ошкоро ва урёни масоили доғи рӯз, чун касодии маънавӣ, харобии ахлоқ ва амсоли инҳо ҷолиби диққат аст. Ӯ аз ҷумлаи ками нигорандагонест, ки образҳои мусбаташ чун инсонҳои хокӣ дар баробари хислатҳои ҳамида дорои камбудию амалҳои номақбуланд, яъне наметавон симоҳои офаридаашро ба гурӯҳи мусбат ё манфӣ ҷудо кард. Аксари мавзӯъҳои тасвиркардааш аз ҳаёти мардуми деҳа сарчашма мегиранд ва тасвири зиндагии деҳотиён бо ҳама камию бешӣ ва шебу фароз дар нигоштаҳояш ба чашм мехӯрад. Аммо дар таҷассуми мавзӯъҳои таърихӣ, офаридани симоҳои намоёну барӯманди миллат аз қабили Абӯрайҳони Берунӣ, Мунтасир ва Носири Хусрав низ муваффақ гардидааст.

Адиб муаллифи даҳҳо китоб мебошад, ки ҳамаи онҳо дар жанрҳои гуногуни илмӣ ва бадеӣ навишта шудаанд, ба мисли повест, роман, очерк, пиеса, гротекс, ки аз қабили зер мебошанд: ***повестҳои*** «Дуроҳа» (1996), «Як рӯзи ҳаёт» (1996), «Моҷарои қабр» (1998), «Бармахида» (2000), «Хоки фаромӯшӣ» (2000), «Меҳмони нохонда» (2000), «Таносух» (2001), «Барзах» (2003), «Ғурӯби офтоб» (2004), «Мусофири ҷодаи ишқ» (2006), «Пастиву баландӣ» (2009), «Бомдоди ишқ» (2009), «Се тақдиру се тасвир» (2009), «Бадном» (2009), «Мурофиа» (2009), «Хокпайванд» (2009); ***романҳои*** «Мунтасир» (2001), «Васвасаи дунё" (2002), «Душанбе», (2007), «Дар ҷилди одам» (2007), «Рақс дар сояи девори оҳанин» (2008), «Шикасти зулмот» (2008), «Майдон» (2009), «Ибни Лодан» (2010), «Нухтаи нафс» (2011), «Арсаи набарди гургон» (2011), «Бозгашт» (2012), «Бозиҳои хурд дар сиёсати бузург» (2012), «Ёри ғор» (2013), «Дунёи бесомон» (2013), «Охирин сайди сайёд» (2013), «Муқовимат» (2013), «Мотами гурбаи сиёҳ» (2014), «Дар ҷустуҷӯи инсон» (2014), «Ману ту ва фариштa» (2014), «Коммунист» (2014), «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» (2015), «Завол» (2015), «Таърихи беморӣ» (2015) ва ғайра ба табъ расидаанд.

Аброри Зоҳир ҳамчунин очерк, пиеса ва гротексҳо навишта, ки аз ҷумла ***очерки*** «Қиссаи аскари қаторӣ» (1997), ***пиесаи*** «Моҷарои рӯзи ид» (2000), «Гумон» (2001), ***гротекси*** «Хоки фаромӯшӣ» (2000), «Меҳмони нохонда» (2000) аз ҳамин қабиланд

Эссе, қиссаю романҳои ба мисли «Моҷарои хурд дар шаҳри калон», «Як рӯзи ҳаёт», «Меҳмони нохонда», «Васвасаи дунё», «Мунтасир», «Бозгашт», «Ғуруби офтоб», «Мурофиа», «Бомдоди ишқ», «Беном», «Бармахида», «Бозии тақдир», «Чароғи мунаввар» ва ғайраҳо баёнгари онанд, ки ин нависанда бо сабку нигориши хосса дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи устувор пайдо кардааст. Аброр Зоҳир мураккабии ҳаёти инсонҳоро хуб эҳсос мекунад ва дар нақли ҳодисоти зиндагӣ, рафтору кирдори одамон, муомилаю муносибаташон ба якдигар маҳорати назаррас дорад. Асарҳои гуногуни ӯ ба забони русӣ тарҷума шудааст, алалхусус романи «Душанбе» ба забони немисӣ тарҷума шудааст [3].

Инчунин, аз рӯйи асарҳояш филмҳои бадеиву телевизионии «Моҷарои рӯзи ид» (2000), «Гумон» (2001), «Гирдоб» (2002), «Оташи ҷанг ва парчами нанг» (2003), «Муҷассамаи ишқ» (2004), «Моҷарои хурд дар шаҳри калон» (2005), «Беназир» (2006), «Хокпайванд» (2009), «Чарх» (2010), «Подош» (2012), ба навор гирифта шудаанд.Пиесаву драмаҳои зиёди ӯ саҳнавӣ шуда, дар театрҳои гуногуни мамлакат намоиш дода шудаанд.

Аброр Зоҳир яке аз адибон ва журналистони маъруф ва рангинхаёли муосири тоҷик буда, умдатан, ба мавзӯъҳои номакшуф, ҷолиб ва мубрам дахл намудааст

Аброри Зоҳир бо номи мустаори Олмуҳаммад Шариф китобҳои «Гули маҳтоб» (2015), «Бомдоди осемасар» (2015), «Дунёи афсона» (2015), «Ҳадя» (2015)-ро ба табъ расонидааст. Асарҳои номбурда аз маҷмӯаи афкори фалсафӣ, шеърҳо ва афсонаҳои бачагона иборат аст. Яъне ба ғайр аз дунёи нависандагӣ Аброри Зоҳир ақидаҳои фалсафӣ низ дошт. Афкори фалсафии Аброр Зоҳир аз забони қаҳрамонони китобҳои ба чоп расонидааш нақл мешаванд ва оинаест рӯ ба рӯйи хонандаи закиву бофаҳм, ки мутолиаи он дархӯри табъи волост. Ба ақидаи нависанда «Беҳтарин ҳикмат он

аст, ки инсонро тарбия кунад». Воқеан ҳам нигоштаҳои ӯ дорои чунин сифатҳо аст, ки бештари онҳо дар асараш “Гули маҳтоб” баён гардидаанд. Масалан, Аброри Зоҳир зимни андешаҳо чунин ҳикматҳои файласуфона навиштааст

- «Сухан такрор нашавад ҳам, маъно такрор мешавад».
- «Дард дар вуҷуди инсон эҳсосеро ба рағми дурӯғ чира месозад. Ҳар кӣ дард мекашад, гуфтораш дар ин маврид ба ҳақиқат наздик аст».
- «Дар сари панҷоҳ нафар, сарварам. Ин сарҳо яксон нестанд. Ҳар кадом андешаву фикри бикри худро дорад. Ҳама ғулому бандаи таърифанд. Ҳама ба чизе ниёзманданд. Дили онҳо макони асрор аст, ки кашфи он на ба маъданҷӯён муяссар шудаасту на ба пизишкон. Гоҳо иддаои рӯҳшиносӣ мекунаму гоҳо мепиндорам онҳо мутеи суханони сеҳрангези мананд. Ҳайҳот, амали онҳо камингирии сайёдро мушобеҳ аст. Онҳо дар ҷилди худ пинҳон будаанд».
- «Одамони ноислоҳ намонд. Агар онҳо даҳ таҳсилоти олиро фаро бигиранд ҳам, дигар намешаванд. Дар маҳбас андохтани онҳо ба хотири эмин гардонидани ҷаҳони озоду мутамаддин аст. Вагарна маҳкама низ, ба эшон дарси ибрату шеваи тарбият нест. Табиат ба одамон ақлу фаросати яксон надодааст. Муаллим барои шогирдони як гурӯҳ таълими якрангу ягона медиҳад. Аммо фаҳмиши ҳар шогирд дигару дигар аст. Ончунон дигаргун аст, ки гардиши дунё, шитобу диранги вақтро ба таври худ мебинанду ба тарзи худ идрок мекунанд ва ба таври худ тафсир медиҳанд. Агар маънии китобҳои осмониро одамизод осон мефаҳмид, ба тафсирҳои зиёд эҳтиёҷ набуд».

Аброри Зоҳир Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Иттифоқи киноматографистон ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва инчунин Сазовори унвони Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Аълочии матуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

Оид ба зиндагӣ ва эҷодиёти Аброри Зоҳир адабиётшиносон ва аҳли илму адаби муосир мақолаҳо ва маърӯзаҳо баён кардаанд.

Масалан, профессор И.К.Усмонов менависад: "Охири соли гузашта, адиби ҷавони шинохтаношудае аз миён рафт. Вай Аброри Зоҳир буд, ки дар жанрҳои повест ва роман бештар аз 15 асар навишт. Мавзӯъ ва ҷаҳоншиносии ин асарҳо ва ифтихори миллии ин адиб моро ҳидоят мекунад, то эҷодиёташро дуруст омӯзем... китобҳои Аброр мавзӯъҳои наве барои адабиёти тоҷик доранд [1].”

Доктори илмҳои филология профессор Абдунабӣ Сатторзода низ, дар мавриди романи "Ёри ғор”-и Аброри Зоҳир, ки ба зиндагии Носири Хусрав бахшида шудааст, як нақди пуразиш навиштааст, ки дар маҳфили гуфтугӯи тамаддунҳои профессор И.К.Усмонов баррасӣ гардида, аммо мутаассифона, нашр нашудааст [2].

Ҷойи дигаре фарҳангшиноси бузург Ҷонибеки Асрориён чунин қайд мекунад, ки Аброр Зоҳир дар интихоби мавзӯъ барои иншои асар ягон маҳдудият намегузоштанд ва яке аз боҷуръаттарин адибони муосир буданд, ки воқеияту ҳақиқатро бидуни ҳарос ва истиҳола рӯйи варақ оварда, пешкаши ҳаводоронаш намудаанд [1].

Аз нигоҳи ман, мегӯяд Бароти Абдурраҳмон - сермаҳсултарин ва беҳтарин намояндагони адабиёти замони соҳибистиқлолӣ Аброр Зоҳир ба шумор меравад, зеро эҷодиёти ӯ мавзӯъҳои барои адабиёти тоҷик навро дар бар мегирад [1].

Журналисти шинохта Абдуқодири Абдуқаҳҳор дар бораи муҳтавои осори адиби равоншод Аброр Зоҳир чунин изҳори андеша намуда, қайд мекунад, ки шоир ва нависандагони муосири тоҷик дар эҷодиёти худ ба фалсафаи сиёсати муосир кам таваҷҷуҳ менамоянд. Ин ақида ба шодравон Аброр Зоҳир дахл надорад, зеро ӯ фурсат ёфта дар эҷодиёташ воқеияти муосир ва фазои сиёсии замони худро ҷой додааст. Эҷодиёти Аброр Зоҳир саршор аз фалсафаи сиёсӣ аст, ки мислаш дар адабиёти замони шӯравӣ низ дида намешавад. Дар кулли эҷодиёти ӯ масоили сиёсӣ, воқеияти сиёсати замон баррасӣ шудааст. Чунончи, романҳои «Ёри ғор» вазъи сиёсӣ ва маънавии замони Носири Хусрав, «Мунтасир» вазъи сиёсии замони заволёбии ҳукмронии хонадони Сомониён, «Шикасти зулмот» вазъи сиёсию маънавии замони зиндагонии Абӯрайҳони Берунӣ, «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» шахсият ва вазъи сиёсию фарҳангии замони Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Васваса» (номи дигараш «Нухтаи нафс») ҳолати сиёсию иҷтимоиёти замони қабл аз Инқилоби Сотсиалистии Октябр, «Коммунист», «Муқовимат», «Хокпайванд», вазъи сиёсию маънавии замони Инқилоби Сотсиалистии Октябр, замони ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, замони рукути сохти шӯравиро дар бар мегиранд. Ҳамин тавр, пайи ҳам давраҳои гуногуни таърихӣ баъд

дар романҳои «Майдон», «Душанбе», «Рақс дар сояи девори оҳанин», «Бозгашт», «Арсаи набарди гургон», «Мотами гурбаи сиёҳ», «Дар ҷустуҷӯи инсон», «Дунёи бесомон», «Ибни Лодан», «Дар ҷилди одам», «Охирин сайди сайёд», «Қасидаи зери теғ» тасвир меёбад ва ба навъе вазъи сиёсию маънавии ин адворро бо ҳам васл мекунад. Аброр Зоҳир дар ин асарҳо воқеияти давру замонҳои гуногунро дар ҷомаи бадеият ва бо сабку услуби хосси нависандагии худ рӯйи варақ меорад [1].

Ҳамин тариқ, намояндагони илм ва фарҳанги тоҷик дар бораи фаъолияти эҷодии нависанда фикру андешаҳои зиёде намудаанд, ки аз ҷумлаи зер мебошанд: Исрофилиён Ш. Майдони нангу номус//Адабиёт ва санъат. – 2011. – 9 июн, Салим М. Арсаи набарди гургон // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 23 июн, Идизода, А. «Бозгашт» асарест хонданӣ ва омӯзанда // Адабиёт ва санаът. – 2013. – 1 август, Хонандаи имрӯзро ҳатто Робинзон Крузо ба худ ҷалб намекунад. Мусоҳибаи Баҳман бо нависанда Аброр Зоҳир // Рӯзгор. – 2013.– 11 ноябр, Саидов, С. Бозгашт ба оянда. Андешаҳо перомуни романи «Бозгашт»-и Аброр Зоҳир // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 3 апрел.

А Д А Б И Ё Т

1. Ёде аз адиби сермаҳсул. Чоршанбе, ноябр 23 2016 [Захираи электронӣ] http://cccp.tj/tj/component/k2/item/2195-ede-az-adibi-sermahsul.html
2. Одили Нозир. Аброр Зоҳир кист? [Захираи электронӣ] - faraj.tj/index.php/tj/farhang/... (Санаи истифода 25.03.2018).
3. [Захираи электронӣ] http://khatlon-ruznoma.tj/831-favti-bar-maali-adib-abror-zoir.html
4. Суҳбати Шаҳриёр, «Рӯзгор». [Захираи электронӣ] ruzgor.tj/adabiyot-va-farhang/... (Санаи истифода 25.03.2018).
5. Нигоҳ” №45 (479) 17.02.2016
6. [Захираи электронӣ] https://tg.m.wikipedia.org/wiki/%D0%90% (Санаи истифода 25.03.2018).
7. Идизода, А. «Бозгашт» асарест хонданӣ ва омӯзанда // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 1 август.
8. Исрофилиён Ш. Майдони нангу номус //Адабиёт ва санъат. – 2011. – 9 июн.
9. Саидов, С. Бозгашт ба оянда. Андешаҳо перомуни романи «Бозгашт»-и Аброр Зоҳир / С.Саидов // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 3 апрел.
10. Салим М. Арсаи набарди гургон // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 23 июн.
11. Хонандаи имрӯзро ҳатто Робинзон Крузо ба худ ҷалб намекунад. Мусоҳибаи Баҳман бо нависанда Аброр Зоҳир // Рӯзгор. – 2013. – 11 ноябр.

НАВИСАНДАИ ПУРМАҲСУЛИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Дар мақола сухан дар бораи ҳаёт ва фаъолияти яке аз нависандагони муосири тоҷик Аброри Зоҳир меравад. Ин нависандаи пурмаҳсул ба ғайр аз фаъолияти нависандагӣ, инчунин ба навиштани филмҳо, муҳаррирӣ ва публитсистика машғул буд. Аз рӯйи асарҳои ӯ чандин филмҳои бадеӣ ва телевизионӣ ба навор гирифта шудаанд. Инчунин, асарҳояш ба дигар забонҳо тарҷума гардидаанд. Муаллиф дар мақола танҳо дар хусуси зисту зиндагонӣ ва фаъолияти эҷодию адабӣ маълумоти мухтасаре овардааст, ки барои шиносоӣ барои хонандаи имрӯз мувофиқ мебошад. Азбаски нависанда асарҳои зиёдеро дар давоми ҳаёти кӯтоҳи худ эҷод кардааст, барои таҳқиқи муфассалтар ва амиқтари он ин мақола барои муаллиф ҳамчун заминаи ворид шудан ба олами тасаввурот ва хаёлоти як нафар эҷодкори даврони мо мебошад.

Калидвожаҳо: нависанда, ҳаёт, эҷодиёт, муҳаррир, бадеӣ, навор, филм. Аброри Зоҳир.

ПЛОДОТВОРНЫЙ ПИСАТЕЛЬ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье рассматривается жизнь и творчество современного таджикского писателя Аброра Зохира. Этот плодотворный писатель, помимо писательского мастерства, также занимался написанием фильмов, редактурой и публицистикой. По его произведениям снято несколько художественных фильмов, а также его книги переведены на другие языки. Автор в статье рассматривает и вкратце дает сведения только о жизни и творчестве писателя, что для сегодняшнего читателя является начальным ознакомлением. Ввиду того, что Аброри Зохир написал большое количество произведений за свою короткую жизнь, то для более глубокого и рассмотрения писательского творчества и мира изображении писателя, данная статья является первым шагом.

Ключевые слова: писатель, жизнь, творчество, редактор, художественное, запись, фильм.

FERTILIZER WRITER OF THE INDEPENDENCE PERIOD

Annotation. The article discusses the life and work of the modern Tajik writer Abror Zokhir. This fruitful writer in addition to writing skills, also was engaged in writing films, editing and publicism. Several feature films have been shot from his works, and his books have been translated into other languages. The author in the article reviews in brief and provides information only about the life and work of the writer, which for today's readers is the initial introduction. Since Abrori Zokhir wrote a large number of works in his short life, the author’s work is the first step for a deeper consideration of writing and the world of the writer.

Key words: writer, life, creativity, editor, fiction, recording, film.

Сведения об авторе: ***Сохибзода Даврон*** - Институт языка и литературы им. А. Рудаки АН РТ, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 21

Information about the author: ***Sohibzoda Davron*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki, AS RT, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21

УДК: 881-1:891.550-1

ПОЭТИКА СТИХОТВОРЕНИЯ Н.С.ГУМИЛЕВА В ТАДЖИКСКОМ ПЕРЕВОДЕ

Саидова М.Ш.
Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава

Проблема перевода произведения великого русского писателя и поэта, который является родоначальником нового направления русского современного акмеизма, Николая Степановича Гумилева считается актуальной в современной таджикской литературе. Поэтому таджикская литература подражала различным течениям, которые имели культурное развитие в других произведениях великого русского поэта «Серебряного века» Н. Гумилева. Он показал в своих художественных произведениях различные проблемы современной ему жизни.

Друбев А.Н. писал: «Закономерно, что национальное многообразие современной поэзии служило стимулом к подъему художественной переводческой деятельности в Республике Таджикистан. Разноязычные произведения не помешали индивидуальностям тянуться к родственным дарованиям, обогащая их собой и себя ими» [2, с.8].

Недавно, перечитывая произведения Николая Степановича Гумилева, которые перевел известный таджикский переводчик Шамси Собир на таджикский язык, я думала о том, что могучие характеры в поэзии великого русского поэта как бы срослись с самой природой, они – как бы продолжение ее. Это так близко Н.Гумилеву, с его сосредоточенной думой о жизни и смерти. Русского поэта называли «пантеистом». А он просто глубоко проник в философию природы.

Жуков Я.П. отмечал: «Когда один поэт переводит другого поэта, это радостная работа, потому что она добровольна, отвечает его пристрастиям. Анна Ахматова естественна в переводах из корейской поэзии, с ее скупым рисунком, глубоко спрятанной страстью и классической уравновешенностью формы. С.Маршак непередаваемо емок в художественной логике сонетов Шекспира. И все они, оставаясь самими собой, оставляют нам подлинник, как бы просвечивающий сквозь новый язык, оставшийся тем же, неповторимым, несравнимым в своей национальной самобытности» [3, с.45].

Это не может не быть радостной работой – сделать чужое своим, далекое – близким, соединить разрозненную красоту, найти общечеловеческое в разноязычном в другой литературе.

Татаринова Н. писала: «Феноменальное в истории мировой культуры явление, какое представляет собою многоязыкая современная поэзия, требует для осмысления общих ее процессов глубочайшего знания каждой из литератур в отдельности. В связи с этим два слова о принципах перевода» [5, с.8].

Издательство Союза писателей Таджикистана «Ирфон» выпустило книгу А.Самадова – стихи о Таджикистане, переводы таджикских поэтов. Название сборника дано по заголовку стихотворения Н.Гумилева – «Характер человека». Человек слушал звук пение соловея, его прекрасное, хорошее пение. И, «позабыв ушедшую стрелу», замер, потрясенный этим тревожным мгновением рождения красоты. Да, это глубокая аллегория. Искусство способно и ласкать и ранить. Ведь любовь и ненависть питают его вечный огонь. Одна и та же тетива может быть струною, но может стать и оружием.

Книга А.Самадова талантлива и потому цельна в обеих своих частях. Юный восторг перед прекрасным и страстное неприятие уродливого в жизни не разделимы. Оригинальные стихи поэта и переводы естественно спаяны эстетическим единством: защитой красоты.

И когда поэт говорит «от себя» о любви, которая громадна и неожиданна, как море, рванувшееся в зрачки пассажира, летящего к нему на экспрессе («Море»), или смеется вместе с великим поэтом над «жесткими догмами» постников и тупиц, тех, что оторопело открыли рты перед изображениями полногрудых грешниц- Ангелин на стенах храма («В церкви Кошуэты»), поэт как бы весело перекликается с

таджикской музой, которая всегда неиссякаемо жизнелюбива и полнозвучна лукава и мудра.

Он может позволить себе быть по-иному легкомысленным, и – образы порой проплывают в его опьяненном мозгу излишне легкие, подобные «связкам воздушных шаров». И они так же похожи на виноградные гроздья, эти шары, как фонтанчики для питья на проспекте Рудаки, похожи на Памир. Раскованность нет-нет да и перейдет в развязность, лирическая свобода – в несимпатичное кокетничанье («Я груши грыз, скитался, вольничал. Я ездил с женщиною маленькой, ей летний отдых разрушал…. Что я хотел – не получается, и мне уже другого хочется… Брожу с травинкою в зубах… Плыву с щемящею усталостью…. Крутило меня и ломало, кружило в восторгах людских…. Пусть не боится мама, тебе не причиню я, Маша зла»). Но мама, увы, не может не бояться в свете всего вышесказанного!

Нескромность русского поэта не там, где много «я», а там, где взгляд скользит по поверхности. Свет истины – свет изнутри, а не свет отраженный. Сумел же в виноградине рассмотреть Гумилев блеск такой живой, как будто крошечные лампы горят внутри, под кожурой! И в себе самом он часто чувствует эту лампочку. Почему же его перо не дрогнуло, написав:

Все то, что пилит, возит, строит,
Метет все улицы окрест ботинки шьет, канавы роет,
Все это утром хаши ест! [1, с.8].

Не «все те, кто», а «все то, что». Одушевленное и неодушевленное – категории не только грамматики, но и этики.

Может быть, об этом и не стоило бы говорить так подробно, памятуя, что значение Николая Гумилева для современной русской поэзии несравненно больше, нежели это признала пока наша критика, но речь сейчас идет не только и не столько о русской поэзии, сколько о принципах перевода. А качества некоторого для таланта в данном случае вносят известный диссонанс в само звучание таджикской поэзии.

«Некоторые критики, - писал А.Евтушенко,- упрекали меня за то, что я слишком вольно обращаюсь с оригиналом» [4, с.34]. Некоторые критики не ошибались. Переводя, Евтушенко внес в форму последнего некоторую щеголеватость и звонкость рифмы, что свойственно Евтушенко, но абсолютно не свойственно другому поэту. Переводы – «свои» стихи лишь до известной степени. Речь тут идет не о «скрупулезности» и «вольности», а о переделах «вольности». Нет слов, смелые, талантливые переводы несравненно предпочтительнее, нежели просто грамотные и покорные. Но сам смысл перевода оказался бы утраченным, если бы восемнадцать поэтов предстали перед нами на одно лицо. К счастью, этого не случилось.

Именно потому, что через переводы мы лучше узнаем друг друга, мы считаем, что точность перевода, максимальное сохранение специфических особенностей переводимых произведений - как раз то необходимое качество, без которого идея многообразия и взаимообогащения поэтических культур остается нереализованной. Но само собою, разумеется, что точность хороша лишь «счастливая». Прав Е. Евтушенко, который писал:

Не страшен вольный перевод.
Ничто не вольность, если любишь,
Но если музыку погубишь,
Все мысли это переврет [1, с.104].

Стихи поэтов звучат как высокая русская поэзия. И в то же время в большинстве из них сохранена своеобразная «музыка» поэзии – ее интонационная основа, изящество, артистизм, красочность описаний.

Сохранить «музыку» - значит сохранить те звуковые, смысловые ассоциации, которые уходя в глубь слова, которые надо знать в подлиннике. Вот почему так часты досадные ляпсусы, грубая» неточность» образа, когда переводчики, пользуются подстрочником, не удосуживаются хотя бы вникнуть в природу ассоциаций.

Иногда приходится слышать мнение, что индивидуальность переводчика не должна восприниматься как самостоятельная величина – достаточно, чтоб была донесена индивидуальность переводимого. Это – обратная крайность. Подлинный талант всегда наложит свое «клеймо», «тавро» - назовите как угодно, - примета своей неповторимости всегда будет. Тут уж ничего не поделаешь. Переводчик – тоже личность. Уйти от себя совсем – никому не дано.

Но, может быть, нужно как говорят в театре, «умереть» в подлиннике? Я думаю, что мере «скромности» тут мера вкуса и понимания.

Перевод – новое качество, где сплавлено воедино общее достоинство двух индивидуальностей как нечто самостоятельное третье. Вот что такое точность перевода в неплоском, небуквальном смысле.

Чтобы не быть голословным – примеры из Б.Пастернака. Он был отличным – на взгляд одних теоретиков перевода – и плохим на взгляд других переводчиком. Конечно, красноречивее было бы проанализировать перевод «Фауста» Гёте сделанный Пастернаком после хрестоматийного перевода Н. Холодковского, существующего столетие. Об этом была в прессе дискуссия. Точнее – сперва пастернаковский перевод осудили. Через несколько лет опубликовали статью Н.Асеева с высокой его оценкой. Но мы не будем выходить за рамки нашей темы, ограничусь примерами из переводов Николая Гумилева.

Русский поэт казался уязвимым, где рисунок образа или другие элементы формы, весьма характерные для оригинальных его стихов, оказывались в особом фокусе восприятия. Тут мы сразу чувствовали некоторые насилие над первоисточником. Либо его модернизацию, либо чрезмерную «остроту» и сложность образа.

О, взгляды, острые как ножницы!
Мы славим вашу бессердечность
И жизнь вам отдаем в заложницы,
Чтоб выкупом нам стала вечность [1, с.104].

Надо отметить, что русский поэт не мог так бытово «опредмеченно» сравнить «взгляды» с «ножницами» (уж на худой конец романтический канон позволил бы сравнение остроты взора с кинжалом!). Сегодня после русской поэзии нам не покажутся странными эти «ножницы», напротив, в таком сравнении больше жизненной убедительности, нежели в отвлеченном «кинжале». Женщина, согласитесь, даже оставляя за собой, на крайний случай, право общения с кинжалом, большей частью имеет дело… с ножницами. Однако реалистический резон в применении к поэзии русского поэта неуместен. И в этом вся суть.

Принцип перевода таджикского переводчика на том и основан, что главное для автора – сделать классика предельно близким современнику. И то, что поэтический образ мог быть в собственной его поэзии, для него уже достаточный повод применения этого образа в переводной ткани стиха. Такт большого художника чаще удерживал Гумилева в русле применения таких современных художественных средств, которые, приближая к нам подлинник, делая его живым, понятным, продолжающим волновать нас, в то же самое время не разрушали могущественную иллюзию перенесения читателя в ту эпоху, в какую он создавался.

Местами своеобразная форма Н.С.Гумилева, просто поразительное соответствие оригиналу (по поэтической эквивалентности образов). Как, например, отрывок из стихотворения русского поэта:

Любви не понимаю я иначе.
А если ты нашла, что я не прост [1, с.104].

Перевод Хабиба Юсуфи на таджикский язык:

Ман мефаҳмам муҳаббатро дигар хел.
Аммо ту ёфтӣ, ман ҳайронам [7, с. 10].

Конечно, это – Гумилев. Конечно, «ходячей» в применении к жизни – сложно сказано. «Ходячей» может быть «фраза», скажем. Языковой изыск, строго говоря, модерновая. «Что я не прост» - разговорность, быть может, чуточку сниженной лексики для объяснения с любимой в устах дворянина прошлого века. И все – таки здесь есть то «чуть -чуть», что, оставляя стих пастернаковский, отлично передает главное: герой русского поэта – романтик, и сетует он на кажущееся непонимание его, и обращается к солнцу, звездам, цветам и птицам – арбитрам романтическим.

Мы взяли пример не очевидный (чего стоит, например, гениальное стихотворение того же Гумилева «Цвет небесный, синий цвет», где все выпеклось просто, ясно и мудро!).

«Не трогать, свежевыкрашен»,
Душа не береглась,
И память – в пятнах икр и щек,
И рук, и губ, и глаз [1, с.104].

В Республике Таджикистан переводы Хабиба Юсуфи из Николая Степановича Гумилева давно признаны классическими. И надо сказать, что достигает таджикский поэт и переводчик в них редкого даже для него сплава – стилевого, синтаксического, ритмического, - сплава оригинальной формы стиха, как бы напоенного интонациями речи. Это уже не просто вольное приложение таджикского переводчика, а именно: русская форма стихов Николая Гумилева.

Может быть, это покажется субъективным, но мы, например, слышим русскую интонацию в таких, скажем, фразах, как в концовке «Ночи на Кабахи»:

Но девушку звали, и рядом шумели.
Она убежала. Какая печаль! [1, с.33].

Перевод Х.Юсуфи:

Махбубаро ном гирифтанд.
Вай гурехт. Як андухгин! [7, с. 56].

Или в другом стихотворении:

Как бы припомнил ты очарованье
Сверстниц своих и избранниц былых! [1, с.36].

Перевод таджикского поэта:

Чи хел шумо ба ёд овардед зебоиро,
Дугонаҳои худро ва рафиқони пешинро! [7, с.54].

Это «очарованье» поставлено здесь под особое акцентное ударение, что, как и восклицание в предыдущем примере, звучит типично русской музыкой речи.

Нам кажется, таджикскому переводчику во многом удалось передать индивидуальное различие русского поэта.

Таким образом, с точки зрения художественного перевода, основной проблемой является передача, перевод на таджикский язык, который представляют собой суть своеобразной поэтики русского поэта XX века Николая Степановича Гумилева. Эта задача была решена при переводческом анализе ранней поэзии русского поэта на таджикский язык, его лирики, посвященной, в большей степени, супруге А. Ахматовой. Любовь в гумилевском восприятии здесь отличается нередко страстью и жестокостью, которые приближаются к кровожадности гиены и «мотивам дьявола» прозаика.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гумилев Н.С. Бег времени / Н.С.Гумилев. - М.: Советский писатель, 1965. -176 с.
2. Друбев А.Н. Особенности творчества Н.С. Гумилева /А.Н.Друбев. - М.: Наука, 2001. - 198 с.
3. Жуков Я.П. Развитие «Серебряного века» в русской литературе / Я.П.Жуков.- М.: Наука, 2010.- 241с.
4. Евтушенко А. Характер перевода / А.Евтушенко. - М.: Наука, 2001.- 165 с.
5. Татаринова Н. Николай Гумилев в Ташкенте / Н.Татаринова. – М.: Наука, 2001.-276 с.
6. Рябовов Н.С. Анализ творчества Н.Гумилева /Н.С. Рябов.- М.: Наука, 2006.- 198 с.
7. Юсухи Х. Шоири рус Н.Гумилев / Х.Юсуфи. - Душанбе: Ирфон, 1985. - 265 с.
8. Юсупов М.П. Развитие русской литературы / М.П. Юсупов.- М.:Художественная литература, 2008.-173 с.
9. Яковлев И.П. Современная русская литература и особенности ее развития / И.П. Яковлев. - М.: Наука, 2007. - 243 с.

ПОЭТИКА ШЕЪРҲОИ Н.С. ГУМИЛЕВ ДАР ТАРҶУМАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола, муаллиф эҷодиёти шоири руси асри XX, Николай Гумилевро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф поэтикаи шеърҳои Н.С.Гумилевро дар тарҷумаи тоҷикии онҳо таҳқиқ намудааст. Аммо як қисмати шеърҳои аз ҷониби шоири тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ тарҷумашуда ва қисмате аз эссеҳои таҳлилӣ, ки ба ҳаёт, эҷодиёт ва поэтикаи Гумилев бахшида шудаанд (муаллифи он адабиётшинос И Василев мебошад), қаблан пайдо шудаанд. Ҳамон муаллиф дар китоби худ ба эҷодиёти Гумилев як фасли алоҳидаро бахшидааст. Рағбати Гумилев ба саёҳат, махсусан саёҳат ба Амрико, на танҳо дар эҷодиёт, инчунин дар ҳаёти шахсии шоир мақоми хосса дорад. Ғайр аз илҳом барои эҷод, шоир маълумоти зиёд оиди фолклор ва тарзи зиндагии мардуми минтақаи мазкур ҷамъ овард, ки намунаҳои он то ҳол дар осорхонаҳои этнографии Санкт-Петербург нигоҳ дошта мешаванд. Бояд гуфт, ки муаллифи мақола хусусиятҳои тарҷумаи бадеии шеърҳои Гумилевро низ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ин вазифа дар заминаи таҳлили шеърҳои шоири рус ба забони тоҷикӣ, лирикаи ӯ, ки асосан ба ҳамсараш А.Ахматова бахшида шудаанд, ҳалли худро ёфтааст. Муҳаббат дар фаҳмиши Гумилев бештар ба «эҳтирос ва пофишорӣ», ки ба «хунхӯрии кафтор» ва «мақсадҳои иблис» наздикӣ дорад, фарқ мекунад.

Калидвожаҳо: поэтика, Гумилев, эҷодиёт, тарҷума, забони тоҷикӣ, Африқо, образ, шеърҳо.

ПОЭТИКА СТИХОТВОРЕНИЙ Н.С. ГУМИЛЕВА В ТАДЖИКСКОМ ПЕРЕВОДЕ

В этой статье автор анализирует творчество русского поэта XX века Николая Гумилева, который внес огромный вклад в развитие русской литературы. Автор статьи исследует поэтику стихотворений Н.С. Гумилева в таджикском переводе. Однако часть переведенных таджикским поэтом Хабибом Юсуфи стихов вместе с частями лучшего до сих пор таджикского аналитического эссе, посвященного жизни, творчеству и поэтике Н.С. Гумилева (автором которого является известный специалист по русской литературе И.

Васильев), появлялись на самом деле раньше. Тот же автор отвел Гумилеву самостоятельную главу в своей книге. Гумилевские увлечения путешествиями, в особенности по Африке, занимали важное место не только в творчестве, но и в самой жизни автора. Кроме множества вдохновляющих импульсов для художественных образов в своих стихах он собрал много ценной информации о фольклоре и быте тамошней территории, и привезенные им этнографические коллекции хранятся до сих пор в музеях Санкт-Петербурга. Надо отметить, что автор статьи исследовал особенности перевода на таджикский язык своеобразной поэтики русского поэта XX века Николая Степановича Гумилева. Эта задача была решена при переводческом анализе ранней поэзии русского поэта на таджикский язык, его лирики, посвященной, в большей степени, супруге А. Ахматовой. Любовь в Гумилевском восприятии здесь отличается нередко «страстью и жестокостью», приближающейся к «кровожадности гиены» и «мотивам дьявола» прозаика.

Ключевые слова: поэтика, Гумилев, творчество, перевод, таджикский язык, Африка, образ, стихи.

POETICS OF N.SHUMILEV'S POEMS IN THE TAJIK TRANSLATION

In this article, the author analyzes the works of the Russian poet of the twentieth century Nikolai Gumilev, who made a great contribution to the development of Russian literature. The author of the article explores the poetics of N. Gumilev's poems in the Tajik translation. However, the parts translated by A. Khamidov verses together with the parts of the best Tajik analytical essay devoted to the life, work and poetics of N. Gumilev (authored by the famous specialist in Russian literature I. Vasiliev) appeared actually earlier. The same author gave Gumilev an independent chapter in his book. Gumilyov's hobby for travel, especially in Africa, occupied an important place not only in creativity, but also in the author's life itself. In addition to the many inspirational impulses for artistic images in his verses, he collected many valuable information about the folklore and everyday life of that territory, and the ethnographic collections brought to him are still kept in the museums of St. Petersburg. It should be noted that the author of the article investigated from the point of view of literary translation, which are outlined in the features of the translation into the Tajik language and represent the essence of a kind of poetics of the 20th century Russian poet Nikolai Stepanovich Gumilyov. This task was solved by translating an analysis of the early poetry of a Russian poet into the Tajik language of his lyric poetry, devoted, to a greater degree, to A. Akhmatova's wife. Love in Gumilevsky perception here is often characterized by "passion and cruelty", approaching the "bloodlust of the hyena" and the "devil's motives" of the prose writer.

Key words: poetics, Gumilev, creativity, translation, Tajik language, Africa, image, sikhs.

Сведения об авторе: ***Саидова Мархабо Шохолмахмадовна*** - Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, преподаватель кафедры русского языка и литературы. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул. Айни, 67. E-mail: **nurali_56hhhh@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-11-06-50**

Information about the author: ***Saidova Markhabo Shokholmakhmadovna*** - Bokhtar State University. Nosira Khusrava, teacher of the Russian Language and Literature Department. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, ul. Aini, 67. E-mail: **nurali_56hhhh@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-11-06-50**

УДК: 891.550-1

НАЗАРЕ БА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ АТФОЛ АЗ НИГОҲИ ДОНИШМАНДОНИ ТОҶИК

Фарҳод Ҳусейнзода
Донишгоҳи давлатии Данғара

Панду андарз дар фарҳанги форсу тоҷик мақоми махсус дорад ва бисёрии ин пандномаҳо барои таълиму тарбияи кӯдакон нигошта шудаанд. Решаҳои таърихии пандномаҳои форсу тоҷик басо қадим аст. Ҳатто то давраи ислом дар мамолики ҷаҳон суннати андарзу пандноманависӣ равнақу ривоҷ дошт. Ба ин бисёр қисматҳои китоби муқаддаси «Авесто» ва назири ин осор чун «Андарзи Хусрави Анӯшервон», «Андарзи Хусрави Қубодон», «Андарзи Озарбади Маҳраспандон», «Андарзи Бузургмеҳр», «Андарзи Беҳзоди Фарруҳфирӯз», «Андарзи доноён ба маздаяснон», «Андарзи Зардушт писари Озарбад», «Андарзи пешиниён», «Андарзи доно ва минуи хирад», «Андарзи Озарбади Зардуштон», «Андарзи Бахтофарид», «Андарзи дастурон ба веҳдинон» ва ғайра гувоҳанд. Мақоми баланди суннати панду андарз яке аз нишонаҳои вусъату рифъати тараққиёти тамаддуни ин даврон аст, зеро ки панду андарз яке аз ҷузъҳои фарҳанг мебошад. Вай намунае аз зуҳуроти тафаккури абстрактӣ, фалсафӣ ва санъати зеҳнист. Таҷрибаи маънавию амалии бисёр наслҳо дар панду андарз таҷассум меёбад. Вай дар шаклу ҳайати суханони кӯтоҳ рехта ва муъҷаз чун мақолу зарбулмасал, қонуну қоида, ки маъниҳои амиқу васеъ дорад, баён мегардад.

Доираи мавзӯи панду андарз хеле гуногун буда, масъалаҳои хеле бисёрро дар бар мегирад. Панду андарз беҳтарину волотарин арзишҳои маънавии халқу миллатро акс намуда, хусусияти умумибашарӣ касб менамояд. Ва бесабаб нест, ки ин

падида чун бозёфти нодири фарҳанг аз ҷониби халқҳо пазируфта мешавад ва яке аз дигаре қабул мекунад.

Чунончи фарҳанги форсу тоҷик ҳатто дар замонҳои қадим баробари комёбиҳои маданияти моддиву маънавӣ, илм, фалсафа панду андарзи халқҳои Юнон, Ҳинд, арабро низ қабул намудааст. Ба ин китобҳои муътабари «Калила ва Димна» ва «Ҷовидон хирад» мисоли равшананд. Дар навбати худ «Калила ва Димна», ки саршори панду андарз аст, дар асрҳои миёна қариб ба ҳамаи забонҳои халқҳои мутамаддин тарҷума шудааст. Ин суннати бостонӣ дар таърихи тамаддуни форсу тоҷик аз як аср ба асри дигар гузашта, чун дурдонаҳои нодири маънавӣ ҳифз ва такмилу таҳрир меёфт. Баъди интишори дини ислом анъанаи пандноманависӣ аз нав эҳё гашта, беш аз пеш вусъат меёбад. Масалан, китоби «Калила ва Димна» дар асри XV аз тарафи мутафаккири бузурги адабиёти форсу тоҷик, воизи маъруфи ислом Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо номи «Анвори Суҳайлӣ» аз нав таҳриру такмил меёбад. Панду ҳикмат дар осори чи ҳукамову урафо (орифон) ва чи удабову фуқаҳо мақоми махсус пайдо мекунад. Ҳатто ҳукамое, ки бо масъалаи назарии фалсафа ва илм шуғл меварзиданд, осори худро дар шакли панду андарз низ иншо мекарданд. Чунончи Абӯнасри Форобӣ дар қатори бисёр осори соф фалсафию илмӣ китоби «Андарзҳо оид ба давлатдорӣ», Абӯалӣ Мисквайҳ «Ҷовидон хирад», Абӯалӣ ибни Сино «Пирӯзинома», Муҳаммад Ғаззолӣ «Насиҳат-ул-мулук» ва ғайра боқӣ гузоштанд.

Дар ин мавзӯъ садҳо китоби хурду бузург ба монанди «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Рӯшноинома» ва «Саодатнома»-и Носири Хусрав, «Андарзнома»-и Алиакбар Наввоби Шерозӣ, «Панду андарз»-и Боязиди Бастомӣ, «Панднома»-и Аҳмади Ғаззолӣ, «Панднома»-и Оқомуҳаммади Бедободӣ, «Панднома»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, «Панднома»-и Ҳамидуллоҳи Шаҳободӣ, «Насиҳат-ул-амин»-и Алӣ ибни Муҳаммад, «Насоеҳ ба толибони ҳикмат»-и Бобоафзали Кошӣ, «Насиҳат-ул-мулук»-и Қавомиддини Юсуф, «Насоеҳ-ул-мулук»-и Абдулҳасан ибни Муҳаммади Тоҳир, «Насиҳатнома»-и Шарифи Ҷурҷонӣ, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ҳоказо ба миён омаданд. Ғайр аз ин китобҳои махсус оид ба панду насиҳат ва андарзу ҳикмат мағз андар мағзи осори ҳамаи шоирону адибони форсу тоҷик ҷой дорад. Ин анъана аз осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ сар карда, то мероси адибони асри XIX ва ибтидои асри XX мушоҳида мегардад.

Сабаби аслии мақоми воло ва фузуни панду андарз дар хосият, табиати мардумӣ, гуманистии маданияти форсу тоҷик аст. Чунонки маълум аст, дар маркази таҳқиқи фалсафа, илму адабиёт, дини ислом ва умуман фарҳанг панду андарз ва яке аз рукнҳои он мавзӯи инсон, қадру ҳикмат, рифъату камол саодату бақои ӯ меистад. Монанди тамоми тамаддуну фарҳанг панду андарз низ баҳри таълиму парвариши инсони комил ва таълими саодатмандии ӯ нигаронида шудааст.

Ҷоиз аст, ки дар ин ҷо оид ба баъзе ақоид роҷеъ ба ин мавзӯъ ёдовар шавем. Андешаи адибону олимони Мағрибзамин дар ин бора мухталифанд. Агар Шопенгауэр таъсири пурсамари андарзро зикр кунад, гурӯҳи дигар назари Стендал Митеринг беҳосилии онҳоро ишора намудаанд. Фридрих Нича ба ин ақида аст, ки панд бисёр муассир, вале зиёнбахш аст. Мутаассифона, панду андарз дар замони шӯравӣ солҳои зиёде чун падидаи бесамар ва зарарнок дониста мешуд. Ин муносибати нигилистона ва баҳоҳои яктарафа, ба ақидаи мо, аз надонистани фарҳанг дар шакли том, аз бехабарӣ нисбат ба унсури аркони вай аст, ки ҳар яке вазифа ва нақши муайянеро ба ҷо меоранд.

Муаллифони Машриқзамин роҷеъ ба моҳияту аҳамияти панду насиҳат махсус изҳори ақида низ карда, ҳама судбахшии онро зикр намудаанд.

Ҷалолиддини Румӣ оид ба таъсири пурфайзи панд чунин мефармояд:

Аз насиҳат ноқисон комил шаванд,
В-аз насиҳат мудбирон муқбил шаванд.
Аз насиҳат тоза гардад ҳар диле,
В-аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле.

Хоҷа Ҳофизи бузургвор саодатмандии шахсро ба андарз, ба пандпазирӣ вобаста медонад:

Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд
Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.

Муаллими ахлоқ Саъдии Шерозӣ арзиши пандро хеле амиқ дарк намуда, маънии тамоми зиндагӣ ва ҳадафи офариниши худро дар насиҳат мебинад.

Дӯст дорам, ки ҳама умр насиҳат гӯям,
Ё маломат кунаму нашнавад илло масъуд.

Мутафаккирони тоҷик ғайри моҳияту арзиш, усули истифодаи панду андарзро дар таълиму тарбия муайян сохта, роҳҳои пурсамари онро ҳамеша ҷустуҷӯ мекарданд.

Абӯалӣ ибни Сино дар рисолаи «Тадбири манзил» ҷиҳатҳои муҳим ва нозуки он масъаларо равшан карда, чунин мефармояд: «Тариқи иршод ва роҳи насиҳат агарчи тарафи шахси хирадманд бошад, он нест, ки девонавор ва бидуни муроот ва мулоҳизаи роҳу равиш шурӯъ ба насиҳат ва иршод бинамоӣ. Балки сазовор ин аст, ба он шахсе, ки хирадманд аст, аз роҳи машварат биёӣ, бо ӯ ба рифқу мулоимат ва бо тадбир сухан гӯӣ».

Бояд зикр кард, ки дар фарҳанги тамаддуни гузаштаи тоҷик кори таълиму тарбия бо насиҳату панду андарз маҳдуд намегашт. Пайваста илмҳои гуногун, хосса фалсафа, мантиқ ва илми ахлоқ таълим дода мешуд, ки тавассути он ақл таҳқиму тафаккури ҳикамӣ парвариш меёфт. Ба туфайли ин, шахс барои қабули арзишҳои ҷовидона омода гашта, маъниҳои амиқи онро дарк мекард ва қадру қимати панду андарзро беҳтар мешинохт.

Панду андарз туфайли илм, фалсафа, адабиёт, мусиқӣ, санъат ва ислом тадқиқу таҳқиқ, тарғибу талқин меёфт. Вай тавассути касбу пеша ва саъю кӯшиши устодону мураббиён, пирони хирадманд, мӯйсафедон, ҳофизону гӯяндагон ба дилу зеҳни насли ҷавон, хосса кӯдакон, роҳ меёфт.

Адабиёти тоҷик дар интишори панду андарз нақши хеле бузург дорад. Вай аркони муҳимми фарҳанги форсу тоҷик, хусусияти мардумӣ ва ҳикматангезии онро дар худ акс намудааст. Адабиёт табиист, ки бо фалсафа робитаи зич дошта, беҳтарин бозёфтҳои онро пазируфта, вайро тарғибу талқин менамуд. Адибони тоҷик, пеш аз ҳама, мутафаккир буданд. Онҳо ҳикмат ва ахлоқро дар шакли панду андарз ифода карда, тавассути санъати бадеӣ арзишҳои волои маънавиро дар байни табақаҳои гуногуни мардум интишор медоданд. Адибон панду андарзро дар шакли ҳам назму ҳам наср баён кардаанд.

Адабиёт ҷузъи муҳимтарини санъати воло дар тарғибу талқини жанрҳои адабӣ имконоте дорад, ки аз он фалсафа орист. Вай (адабиёт) панду андарзро дар шакли ҳайати зебо тавассути санъати басо пурбори бадеӣ, обу ранги муассир пешкаш менамояд. Вай онҳоро дар шууру тафаккур, дилу дидаи ҳар як фард мустаҳкам ҷой медиҳад.

Адибони мутафаккир хосса ба тарғиби ҳикмати амалӣ эътибори бештаре медоданд. Тавсифи талқини хулқи писандида ба кӯдакон бештар нақши муҳим гузошта метавонад. Дар назари ҳукамо ҳикмати назарӣ тавассути ҳикмати амалӣ ба зиндагӣ роҳ меёбад, дониш ба туфайли ахлоқ ба авҷи аъло мерасад, тамомият пайдо мекунад. Бинобар ин, ахлоқ нисбат ба дигар илмҳо муқаддам аст. Файласуфон собит карданд, ки нафси инсон маҳз ба туфайли илми ахлоқ аз дараҷаи ҳайвонӣ ба мартабаи олӣ расида, фозилу хушсиришт мегардад. Ба ин китобҳои «Таҳзиб-ул-ахлоқ"-и Мисквайҳ, «Ахлоқи носирӣ»-и Насириддини Тӯсӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Давонӣ мисоли равшананд. Ҳадафи илми ахлоқ, ки тибби рӯҳонӣ ва аксари аъзам низ ном дошт, дар инсон парваридани беҳтарин фазилатҳо чун накӯхоҳиву накӯкорӣ, адолат, хирадмандӣ, иффат, шуҷоат ва ҳоказо мебошад. Инчунин, рафъу ислоҳи разилатҳо чун ҷабр, ҷаҳл, буздилӣ, нопокӣ, ҳасад, бухл, дурӯғ ва ғайра мебошанд. Панду андарзҳо ба фалсафаи ахлоқ мартубанд, аз ин рӯ як зумраи онҳо оид ба парастиши хулқи писандида, навъи дигар роҷеъ ба накӯҳиши ахлоқи разила аст.

Дар эҳё ва рушду камоли суннати панду андарз саҳми Ибни Муқаффаъ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ибни Мисквайҳ, Ҳаким Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Саъдӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон хеле бузург аст. Хидмати Ибни Мисквайҳ ва Фирдавсиро дар ин ҷабҳа махсус бояд зикр кард. Мисквайҳ, дар китоби бузургҳаҷми худ «Ҷовидон хирад» ба ғайр аз машҳуртарин панду андарзҳои форсӣ, андарзҳои юнонӣ, арабӣ, ҳиндиро низ гирд овардааст. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ маъруфтарин панду андарзҳои ниёгонро ба риштаи назм кашидааст «Шоҳнома»-ро метавон қомус – манбаи муътабари панду андарзҳои қадими форсу тоҷик номид.

Панду андарз тӯли ҳазорҳо сол дар фарҳанги басо қадими форсу тоҷик аз санҷишҳои таърих гузашта, чи дар фалсафаву дини ислом, чи дар адабиёти хаттиву шифоҳӣ равнаку ривоҷ ва сайқал ёфта, чун дурри гаронбаҳои маънавӣ, чун воситаи тавоно, самарабахш ва муассир дар кори парвариши инсони соҳибдил, бомаърифат ва фозилу комил нақши арзанда доштанашро собит намудааст.

Дар ин росто нақши хазинаи бузурги маънавӣ дар тарбия ва омӯзиши атфол сазовори арҷгузорист. Ва бузургону абармардони кори парваришу омӯзиш дар овони гирифтани тарбият ҳиссаи падару модарро басо муҳим арзёбӣ кардаанд. Дар боби саҳми падару модар ва вазифаи онҳо дар таълиму тарбияи фарзандон мутафаккир ва

маърифатпарвари асри XIX-и тоҷик Аҳмади Дониш дар асари гаронбаҳои худ «Наводир-ул-вақоеъ» чунин овардааст:

«... Ва пеш аз он ки маро ба дабистон барои таълиму тааллум ниҳанд, дар хона ба ҳузури атфол пеши модар ба муколамаи абҷад ва тахтаи лавҳ, вуқуфе ба хат ва хондани он ва гоҳе мавзун сохтани қофия, бе он ки ӯро маънӣ бошад, бинобар истеъдоди фитрӣ баҳосил будааст. Ва ба хотир дорам, ки дар овони туфулият ба қалам ва мидод ба деворҳои хокӣ, болои кулӯх хатҳо ва шаклҳо мекашидам ба ҳандаса мувофиқ ва ҳарфҳо мениҳодам. Дар ин ҳол аз авохири Мусҳафи маҷид то рубъи ҷузви боло рафта ва аз «Чаҳор китоб», ки таламмузи он мутадовил байни сибён (кӯдакон) аст, ниҳоят рубъи аввал хонда. Ва нафси ман бад он қонеъ набудааст, ки ба алфози зоҳираи оёт ва сурур (Ҷамъи сура) қаноат кунам. Аз тафсири Мавлоно Яъқуб маонии он чи хонда, меҷустам ва луғотро ба ҳамдигар татбиқ ва қиёс мекардам, ки маънии «Қола» - гуфт, маънии «яҳулу» - мегӯяд ва маънии «Қул» - бигӯ, маънии «аҳад» - танҳо, маънии «самад» - бениёз ва дар фарқи ихтилофи луғот ақли ман қусуре меовард, ки миёни «воҳид» ва «аҳад» тафриқа чист ва онро намедонистам ва дилтанг мешудам. Ва ин ҳолат наздик ба марҳалаи нуҳум ва даҳум аз умри ман воқеъ шуда. Он гоҳ падар, афаллоҳу анҳу (Худо хайр диҳад ӯро) маро ба дабиристон фиристоданд, то ҳифзи Қуръон кунам...»

Чун пазируфтани андарз ва панд дар кӯдакон ба сахтгирӣ ва ғамхории падару муаллим вобастааст, онҳо бояд ба ин тақдир бетараф набошанд.

Чун ин ҷо сухан аз боби андарз ва адабиёти кӯдак меравад, моро зарур ва лозим меояд, ки дар мавриди тарбияти кӯдак иттилооти бештаре аз гуфтаҳо ва таълифоти мутафаккирони гузаштаи форсу тоҷик дар даст дошта бошем ва аз онҳо босамар истифода намоем. Қариб кулли уламову удабои гузаштаи мо педагогҳои замони худ буданд ва мо имрӯз он асарҳои тарбиявию ахлоқӣ, андарз ва насиҳатномаҳои ниёгони худро сарфи назар карда, асарҳои педагогии муаллифони аврупоиро, ки ба тарбияти насли мо созгор нестанд, тарҷумаву чоп мекунем, аз онҳо ба таври худ сабақ мегирем. Ҳол он ки аксари уламои Ғарб ба туфайли омӯзиши илми Аҷам ба ин поя расидаанд. Дар ин бобат алломаи машҳури Машриқзамин Муҳаммад Иқбол бисёр бамаврид мефармояд:

«... Ҳикмати ашё фарангизод нест,
Асли ӯ ҷуз лаззати эҷод нест.
Нек агар бинӣ, мусалмонзода аст,
Ин гуҳар аз дасти мо афтодааст...»

Аз ин байтҳои олими бузург садои таассуфу дареғ меояд.

Камина ин ҷо мехостам дар боби таълиму тарбия аз нигоҳи мутафаккирони гузаштаи мо нуктае чанд изофа намоям. Яке аз абармардони майдони илму адабиёти форсу тоҷик, яке аз табибони машҳури Аҷам – Муҳаммад Закариёи Розӣ нигоштаҳои худро дар боби таълиму тарбияти кӯдакон чунин ба қалам додааст:

...Тарбияти насли наврас, ки муҳимтарини омили тараққиёти ҷамъият мебошад, танҳо дар сурате қобили ташаккул додани шахсият шуда метавонад, ки тифл қобилияти модарзодӣ ё меросии фаъолияти рӯҳиро соҳиб бошад. Инкишофи ин қобилиятҳо ба ду омил вобаста аст: якум ба дараҷаи падидоршавии истеъдоди меросӣ ва дуюм ба он, ки шароити тарбия барои истифодаву инкишофи онҳо чӣ гуна мусоидат мекунад.

Ин ҷо устоди тарбиятгар ва мураббиро масъулияти бузурге дар пеш аст. Тарбиятгари хуб бояд ба фаъолияти самимӣ қодир бошад, кори худро дӯст дорад, тамоми донишу маҳорат ва азму ғайрати худро ба он сарф кунад.

Ҳикоят: (дар бораи истеъдоди меросӣ ва шароити тарбияти кӯдак)

«Подшоҳе писари худро дар овони тифлӣ ба муаллим дод, то ҳамаи илмҳои замони худ, аз ҷумла илми рамлро ҳам ёд диҳад.

Вақте ки синни тифлӣ ба ҷавонӣ расид ва аз ҳамаи илмҳои омӯхтааш бархӯрдор гашт, подшоҳ зиёфате ороста, дар ҳузури аъён ва акобири худ писари худро имтиҳон кардӣ шуда, аз муаллим пурсид: - Писарро аз илми рамл чӣ гуна бохабар кардӣ? Муаллим гуфт: - Ҳар чӣ аз рукнҳои ин илм буд, бад-ӯ биомӯхтам. Пас подшоҳ ангуштариро дар кафи худ пинҳон карда, аз писар пурсид: - Агар аз илми рамл хабар ёфта бошӣ, ҳоло дар дасти ман чӣ пинҳон аст? Писар аз рӯйи илм нишонаҳои он чизро гуфт, ки як чизе мудаввар аст ва миёнаш сӯрох. Падар гуфт: - Ёфтӣ, акнун номашро гӯй! Писар бе он ки андешаи дуруст кунад, гуфт: - Дар дасти шумо санги осиёб аст! Подшоҳ барошуфт ва муаллимро сарзаниш кард, ки ин чӣ ҷавоб аст, ту ӯро чӣ омӯхтӣ? Муаллим гуфт: - Он чи нишонаҳои он чиз буд, мудаввар ва сӯрох, аз рӯйи илм ҷавоб дод ва он чи аз рӯйи ақл буд, ки санги осиёб дар каф намегунҷад, нодонист, зеро илм аз устод асту ақл меросӣ аз падару модар аст. Подшоҳ хиҷил шуд ва аз муаллим бахшиш фармуд... »

Пешравӣ ва натиҷаи кори тарбия бештар ба мавқеи дурусти мураббӣ ва тарбиятгиранда вобаста аст. Мураббӣ ва устод шахси пешрав аст. Вай мақсадҳои иҷтимоии таълиму тарбиятро вобаста ба шароити мушаххасу ҳаётӣ тағйир медиҳад ва ба ҷараёни кори хеш иловаҳо медарорад. Закариёи Розӣ ашёи моддию маънавии тарбия ва роҳу равишҳои такомули ахлоқи ҳамидаро нишон дода, дар бобати пандпазир гардондани кӯдакон маслиҳат ва тарзу усулҳои онро пешкаши устодони тарбиятгар гардонидааст. Яке асарҳои барҷастае, ки дар ҳар давру замон ҳамчун дастуруламал хидмат намуда, доиратулмаорифи ахлоқи башарият ба шумор меравад, «Тибби рӯҳонӣ»-и Закариёи Розӣ мебошад. Муаллиф дар ин асар ҷиҳатҳои мухталифи маънавиёти шахс ва ҷамъиятро ба риштаи таҳлил кашидааст. «Тибби рӯҳонӣ» аз бист фасл иборат буда, ҳар як фасли он ба як рукни асосӣ ва машҳури хулқу рафтори зиндагӣ бахшида шудааст.

Мутафаккир таъкид мекунад, ки мураббию омӯзгор мебояд аз тамоми ҷабҳаҳои зиндагии толибилмони хеш воқиф бошанд. Ин гуна ҳолат нишон медиҳад, ки шогирд комилан ба ихтиёри устод гузашта, ӯро шахси роздону қарини худ шуморад.

«... Мураббиро лозим аст, ки камбудиҳо ва ҳар айбе, ки он шахс дорад, нишон диҳад ва ҳаргиз аз тарбиятгир малул нашавад ва ба вай ба назари истеҳзо назар накунад, безорӣ ва дилгирии худро нишон надиҳад. Балки баръакс дар ҳузури он шахс (шогирд) худро хурсанд зоҳир кунад ва ҳарфҳое, ки ӯ мегӯяд, бо тамкину ҷиддият бишнавад ва худро масрур намояд». Мутафаккир хусусияти анъанавӣ доштани таълиму тарбияро хотиррасон намуда, ишора мекунад, ки омӯзгор дар вақти таълим бояд унсурҳои таълимии бо мурури замон андӯхтаи халқро сарфи назар накунад.

Феъли «тарбият кардан» се амал – ёд додан, идора кардан ва муомила карданро муттаҳид менамояд. Муаллим бояд бачаҳоро идора карда тавонад, вагарна кори ӯ барбод меравад. Ва муаллим бояд муомила карда тавонад ва дар муомила ростӣ ва адолати хешро нигоҳ дорад, дар акси ҳол эътиқоди бачаҳоро аз даст медиҳад. Аммо амалҳои ёд додан ва идора кардан бе муомилаи дуруст сурат намегирад, самара намебахшад. Барои идора кардан афзалият лозим аст: афзалият дар синну сол, дар мавқеъ, дар обрӯю эътибор. Барои ёд додан бартарӣ дар дониш, дар ақлу хирад тақозо мешавад. Вале барои муомила карда тавонистан афзалият чизи нодаркор аст. Муомила бо бачаҳо бояд самимона бошад, зеро сиришти инсоният, чунонки дар забон зоҳир мегардад, на ҳамаи тарафҳои олами ботини шахсро дар бар мегирад, вай аз хоҳиш, ҳиссиёт эътиқод, умед, ишқ иборат аст. Ҳиссиёт дар ҳамаи одамон яксон аст. Сабабҳои ҳарос ва ишқ аз ҳамдигар фарқ кунанд ҳам, худи ҳарос ва ишқ ягона мебошанд, монанд ба он аст, ки ангушти буридаи одамони гуногун, яксон дард мекунад. Фикрҳо, ақидаҳо тағйир меёбанд, дониш бо суръати ниҳоии тез зиёд мешавад, вале ҳиссиёт ҳамоне ки буд, мемонад. Маҳз аз ҳамин сабаб муомилаи устод, мураббӣ ва падару модар бо бачаҳо бояд самимона бошад.

Илми педагогикаи имрӯза таълим медиҳад, ки тарбиятгиранда объекти тарбият аст, вале ин ҳеҷ гоҳ нақши фаъолияту амалиёти ӯро дар раванди тарбиятгирияш кам намекунад, чунки дар шароити мусоид вай худаш субъекти раванди тарбия гардида, дар ҳалли корҳои умумӣ шарик мешавад, ба ҳамсолони худ бавосита ё бевосита таъсир расонида метавонад.

Закариёи Розӣ дар муносибати устоду шогирд кушодагӯиро талқин карда, мегӯяд: Тарбиятгар (устод) бояд чунон самимӣ ва ошкору равшан бо шогирд муомила дошта бошад, ки пандгир аз ӯ шарм накарда, чизҳои лозимиро пурсад. Устодро низ лозим аст, ки бо ӯ сарсариву рӯякӣ суҳбат накунад. Пандгир донад, ки агар мувофиқи панди шунавида амал накунад, дар натиҷа ба маломати устод гирифтор мешавад. Дар мавриди тарбият ва пандпазирии кӯдакон Мирзо Абдулқодири Бедил аз устоди тарбиятгар ғайрат ва ҷасорати тарбиятгарӣ талаб мекунад ва мегӯяд, ки устод бояд дар дониш дилпур, дар ахлоқ устувор ва дар муомила самимӣ бошад, вагарна кардаҳои ӯ бор намеоварад ва дар алоиқи ноуҳдабароӣ хоҳад монд. «Турфа беғайратист, ки пеш аз захм шикаст бояд хӯрд ва сахт беҳимматист, пас аз инфиол натвон мурд», ки агар осори илм ҳамин аст, халал дар бинои ҷаҳл маяфкан, то оқибати ҳол пушаймон нашавӣ ва агар фоидаи таҳсил ҳамин аст (бебаҳогӣ) хирмани беҳосилӣ барҳам мазан, то охири кор надомат набарӣ (Чор унсур, нашри Кобул, саҳ.61).

Дар баробари асарҳои дар боло зикршудаи пандуахлоқии мутафаккирони гузаштаи форсу тоҷик боз метавон осори пандуахлоқии адибони асрҳои миёнаро, ки дар давраи авҷи пешравии дини мубини ислом таълиф шудаанд, ном бурд, ки китобҳои ахлоқии мавриди истифодаи устодони он замон будаанд. Ба инҳо мисол шуда метавонанд китобҳои «Ахлоқи Носирӣ», «Ахлоқи Ҷалолӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ» ва ғайра. Аз ин номгӯ асари пандуахлоқии мутафаккир ва воизи машҳур Камолиддин

Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Ахлоқи Муҳсинӣ», ки солҳои 1500-1501 милодӣ навишта шудааст, мавқеи намоёнро ишғол менамояд. «Ахлоқи Муҳсинӣ» аз муқаддима ва 40 боб иборат буда, зимни ҳар боб муаллиф оид ба мавзӯи мавриди баҳс маълумоти мухтасар медиҳад, фикри худро бо овардани порчаҳои манзум ва ҳикояту ривоятҳо тақвият мебахшад. Дар асар асосан калимот ва истилоҳоти «ҳаё», «сабр» «имон», «ростӣ», «устуворӣ», «ғайрат ва ҷасорат», «некӣ», «карам», «адолат» ва ғайра мавриди таблиғу талқин қарор гирифта, хулқҳои «бадӣ», «дурӯғгӯӣ», «дуздӣ», «носипосӣ», «беилмиву бемаърифатӣ» мазаммат карда мешавад.

Аз ҷумла муаллиф хулқи «ҳаё»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, мефармояд: «...Ҳаё хислате шариф ва сирате мақбул аст ва ҳазрати рисолатпаноҳ (с) ҳаёро шохе аз дарахти имон гуфтанд. Ва ҳаё аз шароити назми (низоми) олам аст. Агар сифати шарм аз миён барафтад ва ҳеҷ касро аз ҳеҷ кас шарм набошад, манозими ҷаҳон халал пазиранд ва масолеҳи халоиқ аз якдигар фурӯ резад. Аммо сифати ҳаё намегузорад, ки ҳар кас ҳар чӣ хоҳад, бикунад.

Байт:

Сафшикани қалби маноҳӣ ҳаёст,
Роҳзани хайли малоҳӣ ҳаёст.

Пас, маълум мешавад, ки хоссу омро аз ҳаё фоидаи тамом асту бе тоби офтоби ҳаё ахлоқ норасидаву хом.

Байт:

Гар ҳаё набвад, барафтад расми исмат аз миён,
В-ар ҳиҷобе дар миён аст, аз тақозои ҳаёст.

Мутафаккири бузург таъкид мекунад, ки сифати «ҳаё»-ро устодони тарбиятгар ва падару модарон бояд аз хурдӣ дар кӯдакон парвариш кунанд, то дар зеҳни онҳо нақш бандад.

Яке аз ақсоми ҳаё ҳаёи ҷиноят аст, яъне гунаҳкор аз кирдори худ шарм дорад, чунончи Ҳазрати Одам сафиюллоҳ, чун дар биҳишт гандум тановул намуд, либосҳое, ки пӯшида буд, аз тани ӯ фурӯ рехт. Ӯ ба чапу рост мегурехт ва дар паси ҳар дарахт пинҳон мешуд. Хитоб расид, ки «эй Одам, аз мо мегурезӣ?». Гуфт: «На, Худовандо, аз ту чӣ гуна гурезам ва куҷо тавон гурехт? Аммо аз хатои худ шарм медорам, ки гар гуноҳ бибахшанд ҳам, шармсорӣ ҳаст». Дар ин боб панде, ки ба кӯдакон омӯхта мешавад, бояд онҳоро аз овони хурдӣ бо кирдори некӯ ва ифтихор аз вай, инчунин, ба рафтори бад ва шармсорӣ аз вай бохабар кардан, ҳусну қубҳи амалҳоро дар қиёс ба онҳо фаҳмонидан кори устоди комилу фозил аст. Қисми дигар ҳаёи карам аст, ки шахси карим шарм дорад, ки ҳоҷатхоҳ аз даргоҳи ӯ хиҷил боз гардад. Ва дар ҳадис омада, ки Ҳазрати ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ба сифати ҳаёи карам мавсуф аст. Чун яке аз бандагон ҳар ду дасти худро дар дуо ба ҳазрати ӯ боло кунад, шарм дорад, ки дастҳои ӯро аз фазлу раҳмати худ тиҳӣ бозгардонд, балки нақди мурод ба кафи хоҳиши вай ниҳад.

Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ хислатҳои «иффат» ва «адаб»-ро барои кӯдакону наврасон таҳсили омӯзиши асосӣ медонад. «Иффат» - калимаи арабӣ буда, маънояш покӣ ва покизагии ахлоқӣ мебошад. Риояи иффатро дар кӯдакон, бахусус духтарон, парваридан ва ба онҳо тарғибу талқин кардан, иҷрои яке аз рукнҳои муҳимми ахлоқи ҳамида мебошад, ки инсонро ба ҳадафҳои дину дунё мерасонад. Ва ҳамон сифати ҳаё аст, ки иффатро тақвият мебахшад ва тарбият мекунад. Ва он чи мо ба кӯдак андарзи адаб медиҳем, он аст, ки вайро аз хислатҳои бадтарини муомилаи инсонҳо огоҳ кунем.

Оила аввалин мактаби такомули ахлоқ аст, бинобар ин, аввалин падидаҳои адабро дар кӯдакон дар оила падару модар меомӯзонанд, аввало одоби салом додан, падару модар ва калонсолонро «шумо» гуфтан, дурӯғ нагуфтан, даст шустан, супоришҳои падару модар ва устодону калонсолонро ба ҷо овардан, суханҳои қабеҳ нагуфтан, ба бародарон дар оила меҳрубон будан, гапдарою фармонбардор ва ғайра амсоли омӯзиши адаб аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Амонов Р.Адабиёт ва бачагон / Р.Амонов – Душанбе: Ирфон,1981.- 244 с.
2. Ҳ.Содиқа. Кӯдакон ва адабиёти Эрон. Таълифи Содиқаи Ҳошиминасаб. -Теҳрон: Суруш,1371 (1993).- 375 с.
3. Файзуллоев Н. Назми кӯдакон / Н.Файзуллоев. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2010.- 664 с.
4. Ҳусейнзода Ф. Назаре ба достонҳои тамсилии адабиёти атфол. – Душанбе : Даваштич, 2008.- 132 с.
5. Шакурӣ М. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ. – Душанбе: Пайванд, 2002. – 302 с.
6. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ / Х.Шарифов – Душанбе: Пайванд, 2009.- 482 с.

НАЗАРЕ БА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ АТФОЛ АЗ НИГОҲИ ДОНИШМАНДОНИ ТОҶИК

Панду андарз дар фарҳанги форсу тоҷик мақоми махсус дорад ва бисёрии ин пандномаҳо барои таълиму тарбияи кӯдакон нигошта шудаанд. Решаҳои таърихии пандномаҳои форсу тоҷик басо қадим

аст. Илми педагогикаи имрӯза таълим медиҳад, ки тарбиятгиранда объекти тарбият аст, вале ин ҳеҷ гоҳ нақши фаъолияту амалиёти ӯро дар раванди тарбиятгирияш кам намекунад, чунки дар шароити мусоид вай худаш субъекти раванди тарбия гардида, дар ҳалли корҳои умумӣ шарик мешавад, ба ҳамсолони худ бавосита ё бевосита таъсир расонида метавонад. Дар мақола анъанаи навиштани панду андарзҳо дар адабиёти классикии форсу тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф бо далелҳои илмӣ исбот намудааст, ки онҳо аз китоби «Авасто» сарчашма мегиранд ва то имрӯз давом меёбанд. Дар пажӯҳиш 31 асари пандуандарзӣ ёдоварӣ мегардад, ки нақши онҳо дар тарбияи насли наврас нишон дода шудааст, яке аз анъанаҳои асосии адабиёти кӯдаконаи тоҷик дар солҳои соҳибистиқлолӣ марбут мегарад.

Калидвожаҳо: адабиёт, асрҳои миёна, панду андарз, назм, наср, панд, кӯдакону наврасон, фарҳанг, фалсафа, китоб, мусиқӣ, санъат.

ВОСПИТАНИЕ РЕБЕНКА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ТАДЖИКСКИХ УЧЕНЫХ

Наставления и нравоучения занимают важное место в персидско-таджикской литературе и в основном данные произведения направлены на воспитание и обучение подрастающего поколения. Исторические корни персидско-таджикских наставлений и нравоучений являются очень древними. Современная педагогическая наука учит, что воспитуемый является объектом воспитания, но это никак не умаляет роль его деятельности и действий в процессе его воспитания, так как при благоприятных ситуациях он сам становится субъектом процесса воспитания и становится соучастником при решении общих проблем и непосредственно или косвенно влияет на своих сверстников. В статье рассматривается традиция написания наставлений и нравоучений в классической персидско-таджикской литературе. Автор своими научными фактами доказал, что они берут начало с книги “Авеста” и продолжаются до сих пор. В исследовании упоминается 31 произведение наставлений, демонстрируется их положение в воспитании подростающего поколения, которая является одной из основных традиций таджикской детской литературы в годы независимости.

Ключевые слова литература, средние века, наставление, поэзия, проза, нравоучения, дети и подростки, культура, философия, книга, музыка, искусство.

BRINGING UP A CHILD FROM THE POINT OF VIEW OF TAJIK SCIENTISTS

Instructions and moralizing occupy an important place in the Persian-Tajik literature and mostly these works are aimed at the education and training of the younger generation. The historical roots of the Persian-Tajik teachings and morals are very ancient. Modern pedagogical science teaches that the educated person is an object of education, but this does not detract from the role of his activities and actions in the process of his education, as in favorable situations he himself becomes the subject of the education process and becomes an accomplice in solving common problems and directly or indirectly influences their peers. The article deals with the tradition of writing precepts and moralities in classical Persian-Tajik literature. The author proved it by his scientific facts that they originate from the book "Avesto" and continues to the present day. The research covers 31 precepts, and demonstrates their position in the process of bringing up the younger generation, which is one of the main traditions of Tajik children's literature in the years of independence.

Key words literature, middle ages, precepts, poetry, prose, morality, children and teenagers, culture, philosophy, book, music, art.

Сведения об авторе: ***Хусейнзода Ф.*** - Дангаринский государственный университет, доктор филологических наук, заведующий кафедрой таджикского языка и литература. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 92-753-87-65**

Information about the author: ***Huseinzoda Farhod*** - Dangara State University, doctor of philological sciences, head of the Tajik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3. Tel.: **(+992) 92-753-87-65**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК: 070 891.550:(575.3)

ЯК ҲАЗОРУ ҲАФТСАД УСТОДРО ШОГИРД БУДАМ

Раҳмонова Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рӯй овардан ба гузаштаи таърих, ба воқеиёти пайванди рӯзгори гузашта, ба ҳасту рафти аҷдодону ниёгон, чашми инсонро равшанбин ва қалби одамиро бо тадорук ва афкори халоиқро ба тафоҳум водор месозад. Андеша бар он дорем, ки дарёфти мероси гузашта, нишонаҳои таърихӣ, маводе аз маърифат, асаре аз улувият, баёне аз маънавият, нигорае аз одамият - масали чашмаест, ки аз миён рафта буду аз нав ҳафра зада шуд ва бо оби гувороёш мавриди рафъи ташнагии махлуқот қарор гирифт.

Барои равшан кардани торикиҳо, барқарории валангориҳо, эҳёи номуҳайё, бозгаштаи рафтаҳо, ҳамвории ноҳамвориҳо, ташхиси номушаххас бо он қадре, ки тавоноӣ бо туст, кӯшидан амалест ҳамвора савобу ризоият!

Таҳти ин масъулият банда худро дар канор дида натавонистем ва аз хазинаи илҳом дархост намудем, ки неруе ато фармояд, то аз ниҳод чунин як мисраҳоеро ба эҷод дароварем:

Бандае ҷомаи пашмина ба бар,	*Чӣ либосест, ки бар тан кардӣ?*
Ворид омад сӯи ашрофе ба дар.	*Ё фақирист, ба ту карда асар?*
Зардрӯю нотавон буд валек,	*Гуфт он банда, ки морост усул,*
Шуълаи рухсор мемонд ба зар.	*Бандагиро дошта бошем қабул.*
Сӯйи ӯ, ашрофӣ андӯхт назар,	*Ин либосе, бар танам мебинӣ,*
Бо тамасхур гуфт: ин ҷома, магар?	*Хирқаест, шабеҳи пӯшиши Расул.*

Ҳаққо, ин ҳамон мардест, ки бо якчунин зӯҳди арзандаи хеш на танҳо дар ороиши зоҳир, балки дар назми ниҳод ва ороиши ботин гуфтаҳои муқаддас «Ман тавозаа лиллоҳи рафаъа-ҳуллоҳ» - ро рамзи кулоҳи сар карда буд, ки дар чунин **мазмунаст**: «Ҳар кӣ худро ба хоки замин баробар медонад, баландӣ насиби ӯст»[1, с.76[. Ҳамчунин худро аз мутобиини тобеияте мешиноҳт, ки дар он тавсиятҳои пешвоёни аҳли башар дар сатрҳои фарозия нашр ёфта буданд.

Ин ҳамон мардест, агарчи, мутаассифона, миёни мо имрӯз нест, то аз маънавияти волояш бархӯрдор бошем, аммо обрӯю эътибораш миёни миллат, бахусус мардумони Данғара ва берун аз он ҳанӯз побарҷост.

Оре, ин ваҷҳи шарифест, ки ҳамакнун дар тақрибан сесадметраи шоҳроҳи Данғара - Душанбе аз тарафи чап болои теппа, берун аз деҳаи Себистон дар наздикии зерпояи кӯҳи сарбаҳавои Санглох, дар бинои сафеди чаҳоркунҷаи на он қадар калон мадфун гардидааст. Мусофирони аз ҳарду тараф меомадаю равандагон дар гузаргоҳ дасти дуо бардошта, дар ҳаққи он бузургвор дархостҳои нек мекунанд. Мардумони зиёде ба зиёрати он кас меоянд ва аз реҳи бузургашон тавсил меҷӯянд.

Мардуми атроф то солҳои наздик ин мавзеъро бо номҳои мухталиф, мисли: Хучарқӣ (дар забони мардум), Хоҷа Ҳақиқи Балхӣ, Хоҷа Ҳақиғ, ки гӯё бо он кас мутааллиқ бошад, зикр мекарданд. Аммо дар ҳоли ҳозир, ки ин ҳам шояд аз бузургии ӯ бошад, ному насаби аслии хешро собит кардааст.

Акнун собит гардид, ки он кас зоҳиди поксиришт, орифи машҳур, зодаи Балх Хоҷа Шақиқи Балхӣ аст ва баъд аз шаҳодату ба Ҳақ пайвастанаш дар ин мазор мадфун гардидааст.

Аслан ин ҳама ирфондорию қадру манзалати он кас аз куҷосту дар чист?.. Посух бар ин пурсиш он аст, ки Хоҷаи Шақиқ ибтидои маърифати худшиносию ирфониро бо қадамҳои нахусту кӯчакаш дар оила тай кардаву он вақт чун ҷавони таълимдида, дар баён омадааст. Баъд барои идомаи таҳсил бо мувофиқати замони худаш, ба назди аҳли дониш, ки аз маъруфони он давр буданд, рафта Қуръону ҳадис ва дигар илмҳои давронашро, ки дар ҳар самти рӯзгори ҷамъияти он рӯз ба кор меомад, омӯхтааст.

Ин ҳама далил бар он мегардад, ки аҳли ин миллати ботамаддун, тоҷики ирфонпайванд пайваста бо маърифату маънавият ҳамдаму ҳамроз буданд, донишро эътироф мекарданду пайваста ба равнақ ёфтанаш мекушиданд. Инчунин, хушбахтона, нишондиҳандаҳои асри имрӯз умедҳоро тақвият медиҳад аз он, ки ҷавонони давр моҳияти илму донишро дарк кардаанду рӯ ба сӯйи маърифат

овардаанд. Дар ҳар шаҳру ободие қадам мебарӣ, бо зоҳирияти дилрабо дар бӯстонҳои маърифат донишҷӯён-навниҳолони сершумореро мебинӣ, ки аз шукуфоиву пояндагии давлату миллат вуҷудат пур аз умед мегардад. Барои ин ҳама шукронаи давр, ки шароитҳо фароҳам гардидаанду бар чашм бештар мерасад, ки ҷавонони имрӯз беш аз беш мекӯшанд, то ба илми олӣ бирасанд ва дар маърифати гуфтор низ аксарият ба зинае расидаанд.

Дар боби ҳафдаҳуми китоби қадима «Тазкират-ул-авлиё» оварда мешавад: «Он мутаваккили арбоб, он мутасаррифи асрор, он рукни муҳтарам, он қиблаи муҳташам ва зоҳиди тариқ Абӯалӣ Шақиқ раҳматуллоҳу алайҳи, ягона шайхи замон дар зуҳду тақво, ибодати даргоҳ- қадаме дошт росих ва ҳамаи умр дар таваккал рафт. Дар анвои улум касе буд, бас комилу санҷида»[2, с.125-129]. Дар ҳамаи илмҳои даврони худаш комил буд ва таснифоти зиёде низ дошт. Рӯшноии вуҷудашро дар илму маърифат медиду бо маънавият ҳамрозу ҳамдам буд.

Хоҷа устоди Хотами Асамм буда ва тариқатро аз Иброҳими Адҳам гирифта буд. Ӯ бо бисёр аз машоихи даврони хеш дар муколима ва мубоҳиса дар зинаи пешрафт қарор дошт ва бо қавли ҳазрат 1700 (як ҳазору ҳафтсад) устодро шогирдӣ кардааст. Ҳамчунин ӯ мегеяд «як ҳазору ҳафтсад устодро шогирд будам ва чанд уштурвор китоб ҳосил кардаму донистам, ки ризои Худои таъоло дар чаҳор чиз аст».

Он яке аз ин чаҳорро, аввалинаш «**амну рӯзӣ»,** яъне амонӣ, оромию тинҷии давру замон ва бо ҳалолию покизагӣ, бо роҳи ҳақ дарёфт кардани ризқу рӯзӣ, ки ин баръало ҳақ асту муҷиби пайравӣ дар ҳар замона аз ӯ.

Дувумин аз он чор чизе, ки Абуалӣ Шақиқ ризои Худовандро дар он овардааст, **«ихлос дар кор»**. Дарвоқеъ, ҳақ ҷониби гӯянда аст, зеро ихлос дар кор, ин, аллакай, нақшаю нимаи анҷоми кор аст; меҳнат барои инсон як муъҷизае аст, ки одамиро ороиш медиҳаду зинат мебахшад, («Труд красит человека») ба кас дасти кушоду сари баландро ҳадя мекунад ва бо обрею эътибор миёни мардуму дар ҷамъият сазовор мегардад. Боз ҳам банда бо порае аз илҳоми вуҷуд гуфтаниам:

Хуш он марде, ки дар дунё камоли орзе ёбад,
Ба меҳнат ошно гардад, зи меҳнат обре ёбад (аз муаллиф)

Аммо ҳамчуноне, ки «**ихлос дар кор**» омадааст, одам бояд дар интихоби касб хато накарда бошад, то ранҷи дастонашро дест дорад, ки бо завқи баланду ҳиммати дучанд дар ребарейи кор қарор дошта бошад:

Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад гулдаста гардад.

Ҳазрати Балхӣ бо овардани ихлос дар кор, ба он ишора мекунад, ки ҳар амале, ки инсон масъул бар он бошад, бояд сидқан рӯ ба он овардаву бо назари муҳаббат, дасти қавӣ ва бо хоҳиши вуҷуд ба анҷомаш бипардозад. Дар ин асно амали ба анҷом бурдааш бобаракат, дилаш осуда ва нафақаи ба дастовардааш пок асту ҳалол.

Сеюм «**адовати шайтон**». Оре, инсон бояд дар рӯзгори зиндагӣ аз ҳама гуна шайтанатҳо дур бошад, бо гӯяндагони ҳар гуна фитнаҳою ифротгароиҳо дода нашавад ва бовар накунад, рафторҳои мутанаффирро бар худ роҳ надиҳад ва дар ҳадди тавон ҳидоятгар бошад, то оромию осудагӣ миёни мардумон ва дар ҷомеа фароҳам бошад. Чӣ неъмате арзандатар аз осоишу иттифоқ аст?..

Чаҳорум «**ёдоварӣ дар лаҳзаҳо аз марг ва рӯй тофтан аз амалҳои зишт**». Андеша пайи он бурдан муҷиб аст, ки било тардид амалҳои зишт сабабгори паст шудани шаъни одамӣ ва уқубатҳои торик мебошад ва рӯшноии вуҷуди инсон маҳз дар покии сиришт ва рафтори неки ӯст ва қалбам марратан бо эҷоди ин мисраъҳо далолат мекунад:

Ҷаҳон бо мардумони пок зебост,
Чаман бо бӯстону хок зебост.
Хирадмандон чароғи рӯзгоранд,
Хирад бо ҳастии идрок зебост.

Покизагӣ, ахлоқи ҳамида, ҳусни гуфтор, зебандагию арзандагӣ аст. Ҳамчунин табиати одамӣ чунин аст, ки агар инсон аз маҳдудияти умраш ёдовар набошад, ғурураш боло гирифта, муртакиби ҳар гуна зиштиҳо шуданаш аз эҳтимол дур намемонад. Ин ҳам нишонаест, инсонро водор месозад, то дорандаи ахлоқи ҳамидаи башарӣ бошад.

Мутобиқ ба навиштаҷоти ҳазрати Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки дар дастранҷи басо арзандаи хеш «Нафаҳот-ул-унс» овардааст, баъд аз маълумоти муқаддимавии дар доираи оила гирифтааш, яке аз устодони Шақиқ бо номи имом Зуфарӣ машҳур будааст.

Хоҷа Абӯалӣ Шақиқи Балхӣ барои такмили фаҳму идрок ва ғанӣ гардонидани дониш як замон дар пайи ҷустуҷӯи илмҳои замони худ пардохт. Бо Абӯюсуф зиёд ҳамсуҳбат буда, назди Ҳазрати Абӯҳанифа, ки имрӯз пешвойии мазҳаби аҳли суннати валҷамоа мансуб ба ӯст, дарс омӯхтааст. Ҳамзамон шаҳрҳои муқаддаси Маккаю Мадинаро низ зиёрат кардааст. Дар ҷараёни гаштугузорҳои дуру дароз дар самтҳои гуногуни мусофиратҳояш, бо мардумони мухталифи аср рӯ ба рӯ омада, пастию баландиҳои рӯзгори он рӯзҳоро аз сар гузаронидааст. Чун як марди соҳиби ирфон ба ҳар ҷое қадам бурдааст, бо мардуми ирфонӣ дар суҳбат шудаву бо маърифати онҳо баҳри ошнойӣ талош кардааст. Дар суханварӣ маҳорати воло дошта, дар ҳама гуна гуфтор ҳозирҷавоб будааст.

Дар яке аз сафарҳояш сар ба Туркистон бурд ва чун як марди ориф назар ба рӯзгори мардуми он мулк намуд, то бубинад бошандагон чӣ маърифатеро соҳибанд. Он ҷо ба бутхона ворид шуд ва бутпарастеро дид, ки назди бутон зорӣ мекард ва Шақиқ ба ӯ гуфт:- «Туро офаридгоре ҳаст зиндаву олим ва қодир. Бутпарастӣ туро ба чӣ кор аст?

- «Агар якчунин аст, ки ту мегӯӣ, пас чаро туро дар мулки худат рӯзӣ намедиҳад, то ба ин ҷо наойӣ?» Чун Шақиқ инро бишунид, бедории дуборае ӯро фарогир шуду рӯй ба сӯйи зодгоҳи худ овард.

*Бо ривоёти дар чанд гуфтаҳо бахусус дар «Тазкират-ул-авлиё» ва «Чаҳордаҳ мазор» овардашуда, дар ҳастиву ҳаёти Хоҷаи Балх ҳаводисе рух додаанду боис ба рӯй овардани ӯ ба Ватан ва ба зуҳду тақвою таваккул гардидааст. Ҳаводисе, ки ба вуқӯъ пайваст, муҷиби он гардид, ки Шақиқ ба Ватани худ бозгашт карда, ҳарчӣ аз амвол доштааст ба мардуми тангдасту бенаво, сағираву ятимон, бечорагону дардмандон садақагӯён бахшида асту рӯ ба зуҳд карда, сазовор бо номҳои муттақӣ ва зоҳид гардидааст. Амалҳои ишон қалбамро водор месозад, то эҷоди дигари дар вуҷуд эҳёшудаи хешро биёварам:

Биравед! Даст ба қалби дардманд бигзоред,
Ҳамчунин сарҳои бесомонро бардоред,
Гар зи сангинии занби худ раҳоӣ хоҳед,
Ин ду амре, ки бигуфтам ба ҷояш ored!

Бар зуҳду тақво, шикастанафсӣ ва хоксории ӯ ҳамчуноне, ки дар мисраъҳои шеъре, ки дар ибтидо гуфта шуд, далел он аст, ки оварда мешавад:- Боре имоми шаҳри Балх, ки дар тан ҷомаи фохирае дошту бо такаббур ба мардум менигарист, Хоҷаро дида, бо тамасхур хитоб кард:- «Ё Абӯалӣ (чун Шақиқ дар ҷомаи пашмина буд) ин чӣ ҷомаест, ки пӯшидай»? Абӯалӣ, ки аз якчунин шунидаҳо самъаш пур буду эътиборе надошт, аз тамасхури имом пай бурда, ҷавоб гардонид; Ин либосе, ки бар тани ман мебинӣ, ба ҷомаи Расули Худой монанд аст».

Ин, ки Хоҷа баъд аз сафарҳои гуногун ба минтақаҳои мухталифи дунё барои касби илм намудан ва дар ниҳоят сарзамини олимпарвару ирфондӯсти Тоҷикистони азизро барои масканат интихоб кард, нишондиҳандаи он аст, ки мардуми ин диёр дар ҳама ҳол дар истиқболи донишу маърифат буданд, ҳастанду мемонанд. Азимати сарварону бузургони мо, миллати бовиқори тоҷик маҳз дар он аст, ки маънавиётро қадр мекунанд ва барои гузаштаҳои таърих мақбараҳо бино намудаанд, то ёде аз хотираи онҳоро зинда нигаҳ доранд ва ин, албатта, баёнгари садоқат бар ниёгон аст.

Нақл аст, дар Балх қаҳтӣ ба он ҳад фарогир буд, ки аз гуруснагӣ одамон пайи ҳам дунёро тарк мегуфтанд. Дар ин лаҳзаҳои талх Шақиқ бо касе дар рӯ ба рӯ омад, ки механдиду шод буд ва дар ризоияти зиндагӣ қарор дошт. Хоҷа аз ӯ пурсид:- Дар ин авзое, ки мардум аз гуруснагӣ мемиранд, ту аз кадом рӯ механдию шодмонӣ мекунӣ? Оё дарди ин мардум дарди ту нест? Он мард гуфт: «Маро аз ин гуруснагӣ боке нест ва ман ғуломи касе ҳастам, ки вайро дехе аст хосса ва чандин ғалла дорад, маро гуруснаву зоеъ намегузорад».

Сараввал Хоҷа аз ғулом будану аз ҳудуди фаҳмиши ӯ воқиф шуд ва баъдан худ бо худ ғарқи андеша шуд ва он лаҳзаеро, ки миёни ӯ ва ғулом гузашт, барои худ дарсе қарор дод: «Худоё ин ғулом, ки болои сар хоҷаи худро мебинаду аз зоеъ нашуданаш дар итминон аст, пас чаро мане, ки дам аз доноӣ мезанам ба розиқи кулли ҳай иктифо надошта бошам» [3, с.104-105]. Аз ин рӯ, ӯ мегӯяд:- «Ман Абӯалӣ Шақиқи Балхӣ, шогирди ғуломе ҳастам».

Ривоятест, ки пире ба назди ӯ омад ва гуфт:- «Гуноҳи бисёре кардам, мехоҳам шуморо шоҳид гирифта, тавба кунам» Шақиқ ӯро дар санҷиш қарор дода, оиди дер омадани пирамард изҳор дошт.

– Ман гумон мекардам, ки зуд омадаам: - гуфт пирамард.

– Оре, нек гуфтӣ – ҳар кӣ аз камбудияш огоҳ мешаваду ба пушаймонӣ меафтад, ин худ тавбаест, мақбулу барҷо.

Дигар ин аст: Подшоҳи Балх сагашро, ки бо е хело дилбастагӣ дошт, гум карда ва ҳамсояи бегуноҳи Шақиқро гумонбар дониста, ба банд кашида буд. Ҳазрат аз ин ҳол дилгир гашту ба муроқиба нишаст. Ба назди подшоҳ омада, ба е қавл гузошт, ки баъди се рез сагатон бозмегардад ва ҳоло бошад, ҳамсояи маро аз банд озод намоед. Подшоҳ бо ин шарт ризоият дода, дар интизор нишаст.

Паси се рез саг бозёфти каси дигаре шуду ба андеша рафт:- «Ман, ки худ ба рези худам ҳастам. Бибарам сагро ба назди Хоҷаи Шақиқ, ки марди босазову пурсаховате ҳаст, то ба ман чизе ато фармояд». Хоҷа сагро аз е гирифта, ба атоёт иноят фармуд ва ба подшоҳ бозпас гардонид.

Ҳамаи ин гуфтаҳо нишон аз саховатпешагӣ, инсони воқеӣ, зебофитратӣ ва бузургии Ҳазрати Абӯалӣ Шақиқи Балхӣ мебошанд, ки еро манзалат бахшиданд.

Хоҷа Шақиқи Балхӣ то тамомияи умри хеш ба он кешидааст, ки дар дили мардум ҳақиқияти ҳақ, шаффофияти вуҷуд, нияти пок, оромияти ҷамъият, оромияту реҳи болида тарбият намояд, то мардум дар ризоият аз ҳаёт бархӯрдор бошанд. Шогирдони зиёдеро тарбият кардаву соҳибмурид низ буданд. Яке аз муридони он кас, ки еро дар нуфузи маърифат мешинохтанд, Ҳотам ибни Асамми Балхӣ- зоҳиди номдор будааст ва имрез тибқи ривоёт дар Файзобод мадфун аст.

Яке аз хислатҳои хосси Ҳазрати Шақиқ он буда, ки ба шогирдони худ дар доираи самимияту маънавиёти маъмули тоҷикӣ, чун як тоҷдори ориф ирфону маърифат, эътимоду қаноат, парҳезкорӣ ва хоксориро талқин мекард, худ дар замина намунаи ибрати онон буд. Дар китоби «Фазоили Балх» оварда мешавад: «Шақиқ ба иззи шаҳодат мушарраф шуд, миёни Хатлон ва Вишгард» (Файзобод). Бадин ҳол, санаи таърихи 194/809-10 мелодиро, санади саҳеҳи шаҳодати Абеалӣ Шақиқи Балхӣ шумурдаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмад ибни Ҳанбал. Муснад. - Ҷ.3. - С. 76.
2. Фаридуддини Аттор. Тазкират-ул-авлиё. Боби ҳафдаҳум «Дар зикри Шақиқи Балхӣ». - С.125-129.
3. Камол Ҳ. Чаҳордаҳ мазор(маҷмуаи мақолот). - Душанбе: Пайванд, 2001. – 171 с.
4. Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Лубоб-ул-албоб. – Ҷ.2. - С. 7.
5. Зайнаби Яздонӣ. Шарҳи зиндагонии шоирони бузург. - Ҷ.1. -С. 12.

ЯК ҲАЗОРУ ҲАФТСАД УСТОДРО ШОГИРД БУДАМ

Дар мақола сухан оиди он меравад, ки чи гуна хирадманди бузург аз зумраи гузаштагони миллати тоҷик Хоҷа Шақиқи Балхӣбо муҳаббати беандоза нисбати илму дониш муносибат менамуд. Ӯ ба он саъю кӯшиш менамуд то ки дорои донишҳо дар тамоми соҳаҳои илм гардад. Бо рафтору кирдор, соддадилӣ ва хирадмандӣ ӯ ба зиракӣ, муҳаббат ба халқ ва Ватан даъват намуда, ҳушдор медод, ки аз нохалафон дурӣ ҷуем, инчунин меҳнатро дӯст дошта, музди ҳалол ба даст орем..

Калидвожаҳо: тарбия, илм, тартибот, ҷомеа, шуур, миллат, бузургӣ, дониш, соддагӣ, оромӣ, муҳаббат, некӣ, зиракӣ.

УЧЕНИК ТЫСЯЧИ СЕМЬСОТ УЧИТЕЛЕЙ

В статье речь идёт о том, как великий мудрец из числа предков таджикской нации Ходжа Шакиќи Балхи с бесконечной любовью относился науке и знаниям. Он стремился к тому, чтобы достичь знаний по всех сферах науки. Своим поведением, дисциплиной, простотой души и мудростью, он призывал к бдительности, любви к народу и Родине, не слушаться тех, кто идёт неверным путем, а также любить труд и зарабатывать честно.

Ключевые слова: воспитание, наука, дисциплина, общество, сознание, нация, величества, знание, простота, спокойствие, любовь, доброта, бдительность.

THE APPRENTICE OF SEVEN HUNDRED MASTER

In the article, there is told about that, how the great wise man from our ancestors of Tajik nation Khoja Shaqiqi Balkhi with endless love all the life was connected with science and knowledge. He tried to that, to learn knowledge of all subjects of science. With his behavior, discipline, a simple soul and wisdom, he gave generation education, to be vigilant, to love nation and Motherland, not to listen those, who to carry him to wrong road also to love labour and earn honestly.

Key word: Education, science, discipline, society, conscience, nation, majesty, knowledge, simple, love, kindness, vigilance.

Сведения об авторах*: Рахмонова Дж.* – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the authors: ***Rakhmonova J.*** - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 07. (575.3)

МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК

Гулов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуоти тоҷик таърихи беш аз садсола дошта, аз рӯзи пайдоишаш то имрӯз мавриди таҳқиқ, мубоҳисаву мулоҳизаҳои илмӣ қарор гирифтааст. Метавон устод Садриддин Айниро аз нахустин муҳаққиқони матбуоти тоҷик, бахусус нашрияи «Бухорои шариф» ном бурд [5, с.6]. Агарчи дар замони шӯравӣ матбуоти тоҷик асосан аз ҷониби муаррихону адабиётшиносон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта буд, метавон гуфт, ки оғози таҳқиқи илмии журналистикаи тоҷик, аз ҷумла, матбуоти тоҷик ба солҳои 70-уми асри XX рост меояд. Аввалин нафаре, ки дар Тоҷикистон журналистикаро ҳамчун шохаи алоҳидаи илм ба риштаи таҳқиқ кашидааст, аспиранти ДДМ ба номи Ломоносов Иброҳим Усмонов (ҳоло доктори илм, профессор, яке аз устодони соҳибмактаби журналистика) мебошад. Таҳқиқоти эшон дар 3 самт: таърих, назария ва амалияи журналистика ҷараён гирифтааст. Баъдан ин самти оғозкардаи муҳаққиқ И. Усмонов ба мактаби бузурги илмиву таҳқиқӣ табдил ёфт. Дар таҳқиқи таърихи матбуоти тоҷик муҳаққиқоне чун Д. Давронов, П. Гулмуродзода, М. Муродов, А. Азимов, М. Абдуллоев, Қ. Шарифзода, А. Қутбиддинов, Н. Усмонова ва дигарон нақши муассире гузоштаанд. Пажӯҳишгарон М. Ҷӯраев, Х. Андамов, И. Лекаркин, З Сатторова ва чанди дигар таърихи нашрияҳои алоҳидаро таҳқиқ кардаанд. Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои шариф» аст, ки 11 марти 1912 аз чоп баромадааст. Ин рӯзнома аз ҷониби рӯшанфикрони тоҷик ташкил шуд. Аз он сабаб аввалин рӯзномаи тоҷикӣ шинохта мешавад, ки забони худро забони тоҷикӣ эълон карда, хонандаи худро дар қаламрави Аморати Бухоро дар симои тоҷикону тоҷикзабонон медид. То ин замон ҳеҷ рӯзномае ба забони форсии Осиёи Миёна чоп нашуда буд. Дар Осиёи Миёна, ки аз ибтидо қаламрави забону адабиёт ва тамаддуни тоҷикӣ (форсӣ) буд, матбуоти русӣ (нашрияҳои «Туркестанские ведомости» - 1870, «Туркестанская туземная газета» - 1870, «Окраина» - 1890) ва туркии чағатоӣ («Туркистон вилоятининг газети») вуҷуд дошт, вале ҳеч рӯзномае ба забони сокинони асливу қадимии ин минтақа набуд. Ин дар ҳолест, ки аксари аҳолии Осиёи Миёна тоҷику тоҷикидонон буданд.

Аз таърихи ташкил ва фаъолияти матбуот дар сарзамини Варорӯд равшан мешавад, ки «русҳо ҳам дар замони подшоҳӣ ва ҳам дар замони шӯравӣ бо тамаддуни форсию тоҷикӣ мушкил доштанд. Яъне онҳо медонистанд, ки ягона тамаддуне, ки дар ин сарзамин аз сиёсати ҳукумати Русияи подшоҳӣ дарозмуддат монеа шавад, тамаддуни тоҷикӣ буд. Ба ин манзур русҳо аз ҳар роҳе мехостанд, ки ин фарҳанг таҳти фишор қарор гирад» [1, с.79]. Яке аз омилҳои мантиқии эҷод ва роҳандозии ҷараёни пантуркизм дар Осиёи Миёна талоше расидан ба ҳамин аҳдоф будааст. Ба ин хотир таъсиси «Бухорои шариф» як падидаи ҷолиб дар тамаддуни асри XX барои миллати тоҷик мебошад. Он замоне сари кор омад, ки дар Бухоро ва дигар минтақаҳои қаламрави тамаддуни тоҷикӣ муборизоти шадиде алайҳи фарҳанг ва тамаддуни мо дар ҷараён буд. Баъдан дар чандин марҳалаи сарнавиштсоз аз «Бухорои шариф» ба унвони як санад ва далели қотеъ дар муқобили душманони миллати тоҷик истифода шуд. Аз ҷумла, дар солҳои бистуми асри 20 яке аз далелҳои раднопазири аллома Айнӣ алайҳи пантуркистон ҳамин рӯзномаи «Бухорои шариф» буд. Матбуоти тоҷик аслан аз ҷониби муҳаққиқон даврабандии илмӣ нашудааст. Аммо усулан онро метавон ба се даври шартӣ: то шӯравӣ, шӯравӣ ва замони истиқлол ҷудо кард.

Давраи аввал: Матбуоти то шӯравӣ. Нашрияи «Бухорои шариф» 11-уми марти соли 1912 дар Бухоро таъсис ёфт. «Ин аввалин нашрияе буд дар қаламрави Осиёи Марказии имрӯза, ки пурра ба забони форсӣ тоҷикӣ чоп мешуд» [4, с.19]. Муассисонаш Мирзосироҷи Ҳаким ва Мирзомуҳиддин Мансуров буданд. Муҳаррираш Мирзоҷалол Юсуфзодаи озарбойҷонӣ буд. Дар ибтидо, ба ҷуз рӯзи ҷумъа, 6 маротиба нашр мегашт. Баъдан чор ва дар марҳилаҳои баъдӣ се бор дар як ҳафта нашр мешуд. Таъсиси аввалин нашрияи тоҷикӣ (форсӣ) ба осонӣ даст надодааст. Он натиҷаи талош ва заҳмати бисёр гарону миллатхоҳонаи нухбагони фикриву фарҳангии тоҷикони ибтидои асри бист мебошад. Аллома Айнӣ дар

мавриди рӯйи кор омадани он менависад, ки ҷавонбухориён бо тадбири нозук ба воситаи вакили сиёсии Русия аз амир рухсати нашр кардани як рӯзномаро гирифтанд.

Аммо умри ин рӯзнома дер давом накард. Дар ин бора муҳаққиқ Қ. Шарифзода зикр мекунад, ки «… бо исрори сафорати Русияи подшоҳӣ ба амри хукумати амир Олимхон «Бухорои шариф» 12 январи соли 1913 баста шуд. Аз 11 марти соли 1912 то 2 январи соли 1913-ум 153 шумораи рӯзномаи «Бухорои шариф» ба табъ расида, ба осорхонаи таърих ворид гардид» [4, с.12]. «Бухорои шариф» замимае бо номи «Тӯрон» ба забони туркии ӯзбекӣ дошт. Бояд гуфт, ки баъд аз қатъи фаъолияти рӯзномаи «Бухорои шариф» матбуоте, ки дар Бухоро ва дигар минтақаҳои Осиёи Миёна таъсис ёфтаанд, дузабона буданд. Яке аз нашрияҳои дузабона маҷаллаи «Ойина» буд, ки 20 августи соли 1913 дар Самарқанд таъсис шудаву ба забонҳои форсиву туркӣ нашр мешуд. Бунёдгузор ва муҳаррири он Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, рӯшанфикри маъруфи тоҷик буд. Сайидризо Ализода, донишманд ва рӯзноманигори маъруф, яке аз муаллифони доимӣ ва асосии ин маҷалла будааст. Ба навиштаи устод Айнӣ, Беҳбудӣ ҳангоми сафарҳояш масъулияти нашри маҷалларо ба зиммаи Ализода мегузошт ва дар ин ҳангом матолиби тоҷикии маҷалла нисбат ба матолиби ӯзбекӣ бештар ба нашр мерасид. То моҳи феврали соли 1915 68 шумораи ин маҷалла чоп шуд, ки бештар ба масоили ислоҳи мактабу маориф ва дин таваҷҷуҳ доштааст. Нашрияи дигар «Садои Туркистон» буд, ки соли 1914 ташкил шуд. Ҳамагӣ 66 шумора аз он ба чоп расид. Муҳаррири ин нашрия Убайдуллохоҷа Асадуллохоҷаев буд. Нашрияи «Садои Фарғона» 3 апрели соли 1914 ташкил шуд ва то соли 1916 ба табъ расид. Муҳаррир ва ноширн он Обидҷон Маҳмудов буд. Ин нашрия бештар бо забони туркӣ матолибе интишор медод. Ҳамчунин, замимае бо номи «Тирик сӯз» низ дошт. «Рӯзномаи моварои баҳри Хазар» аз 14 декабри 1914 то феврали соли 1917 дар Ишқобод бо забонҳои тоҷикиву туркманӣ нашр мешуд. Ин нашрия манфиатҳои ҳукумати подшоҳии Русияро бештар бозтоб медод. «Хуршеди ховар» маҷаллаи муҳоҷирони эронӣ дар Ишқобод буд, ки аз соли 1917 то соли 1926 нашр шудааст. Ин маҷалла бо забони форсӣ ва баъзан бо забони туркии озарӣ низ матолибе интишор медод. Нашрияи «Ҳуррият» солҳои 1917 - 1918 дар Самарқанд бо забони ӯзбекӣ чоп мешуд. Баъзе ахбори расмӣ ва шеърҳоро бо забони тоҷикӣ (форсӣ) низ нашр кардааст. Муҳаррironаш Акобиршоҳ Мансурзода ва Абдуррауфи Фитрат буданд. «Изорулҳақ» маҷаллаи диниву фалсафии пантуркистон буд. Ин маҷалла соли 1918 дар Тошкент бо забони ӯзбекӣ ташкил шуд, аммо баъзе шеъру матолиби тоҷикӣ низ дошт.

Давраи дувум: Матбуоти шӯравӣ. «Шуълаи инқилоб» ҳафтаномаи Кумитаи вилоятии Ҳизби коммунисти Туркистон буд, ки 10 апрели 1919 дар Самарқанд ташкил шуд ва то декабри 1921 91 шумора аз он ба табъ расид. Муҳаррири ин нашрия Сайидризо Ализода буд. Устод Айнӣ аз муаллифони доимии «Шуълаи инқилоб» буд ва беҳтарин осори рӯзноманигории худро дар ин нашрия мунташир кардааст. Ин ҳафтанома баъд аз қатъи нашри «Бухорои шариф» дувумин нашрияи комилан тоҷикӣ (форсӣ) дар Осиёи Миёна дар огози садаи XX буд. Рӯйи кор омадани «Шуълаи инқилоб» талош ва заҳматҳои арзандаи миллатхоҳонаи Сайидризо Ализода, устод Айнӣ ва дастандаркорони шуъбаи форсии ҳизби коммунисти Туркистон буд. Масъала ин ҷост, ки дар ибтидо дар Туркистони шӯравӣ тоҷикон ҳатто ба унвони ақаллияти миллӣ эътироф нашуда буданд. Баъдан бо эҳтимом ва талошҳои хастанопазири як гурӯҳ фарҳангиёни тоҷик дар Туркистон шуъбаи форсӣ (аз ҳисоби тоҷикон, афғонҳо ва эрониён) таъсис шуд. Нашрия ба ҷуз дар Осиёи Миёна дар Эрон ва Афғонистон низ маҳбубият доштааст. Аз муҳимтарин хидматҳои «Шуълаи инқилоб» мубориза бо пантуркистон буд, ки бадхоҳону душманони миллати тоҷик ва забону фарҳанги он маҳсуб мешуданд. Ба навиштаи пажӯҳишгарон, пантуркистон ҳамеша ба дунболи мутаваққиф кардани нашрия буданд. Иддао доштанд, ки чунин миллате бо номи «тоҷик» вуҷуд надорад ва нашрияе бо ин забон ҳам ҳаққи мавҷудият надорад. Ин ба матбуоти нави тоҷикӣ – матбуоти ҳизбию шӯроӣ асос гузошт.

«Қутулиш» низ унвони нашрияе буд, ки 28 июли 1920 дар Тошканд нашр шудаву баъдан дар Когон (Бухорои нав) ба табъ мерасид. Асосан бо забони тоҷикӣ (форсӣ) матолибе интишор медод. Баъзе аз матолиби ин нашрия ӯзбекӣ буд. Муҳаррираш Абдуқодир Муҳиддинов буд, ки баъдан аз роҳбарони Ҷумҳурии шӯравии сусиёлистии Тоҷикистон буд. Абдулвоҳиди Мунзим, Абдуррауфи Фитрат ва устод Айнӣ низ аз муаллифони нашрия буданд. Нашрияи «Учқун» дар моҳи

апрели соли 1920 таъсис ва ҳамагӣ 8 шумора чоп шуд. Ин нашрия бо забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ матолибе нашр менамуд. Файзулло Хоҷаев ва Абдурауфи Фитрат аз фаъолтарин муаллифони он буданд.

Нашрияи «Бухоро ахбори» органи ҳукумати муваққатии инқилобии Бухоро буд, ки асосан бо забони ӯзбекӣ нашр мешуд. Аз тоҷикон, устод Айнӣ, Аббос Алиев ва Абдуқодир Муҳиддинов дар ин нашрия мақолоте интишор додаанд.

«Рушноӣ» нашрияе барои яҳудиёни Бухоро буд, ки аз декабри соли 1921 то миёнаҳои соли 1922 бо забони тоҷикӣ (форсӣ) бо шеваи яҳудиёни Бухоро дар Тошканд ба табъ мерасид баъдан яҳудиён нашрияҳои дигаре бо номи «Байрақи сурх» ва «Адабиёти советӣ» низ доштанд.

Пас аз мутаваққиф шудани чопи «Шуълаи инқилоб» «Овози тоҷик» сеюмин нашрияи комилан тоҷикӣ (форсӣ) дар Варорӯд буд. Рӯзи 25 август соли 1924 нахустин шумораш бо номи «Овози тоҷики камбағал» бо сардабирии Абдулқаюми Қурбӣ ва котиби масъулии Сайидризо Ализода нашр шуд. Ин рӯзнома ҳам бо кӯшишҳои гаронбору арзишманди фарҳехтагони тоҷик ташкил шуд. Дар шароите, ки Варорӯдро мавҷи пантуркизм аз ҳам мепошид, ин рӯзнома ба нафъи миллати тоҷик таъсис ёфт. Аз декабри 1924 ин нашрия мақоми нашрияи Кумитаи ҳизби коммунистии Ҷумҳурии мухтори шӯравии Тоҷикистонро гирифт. То 1 июни соли 1928 нашрияи «Овози тоҷик» ин мақомро дошт ва баъд мақоми нашрияи Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Ӯзбекистон бо номи «Ҳақиқати Ӯзбекистон»-ро гирифт

Аввалин шумораи «Ҷумҳурият», ки ҳоло нашрияи расмии Тоҷикистон маҳсуб мешавад, 15 марти 1925 бо номи «Иди тоҷик» нашр шуда буд. Муҳаррири аввалини он Аббос Алиев буд. Ин нашрия бо номи «Бедории тоҷик» ҳам нашр шудааст. Баъдан номи он чанд бор иваз шуд ва бо номҳои «Тоҷикистони сурх», «Тоҷикистони советӣ», «Тоҷикистони шӯравӣ» ва ҳоло бо номи «Ҷумҳурият» нашр мешавад. Сардабиронаш дар даврaҳои гуногун Аббос Алиев, Абулқосим Лоҳутӣ, Алӣ Исмоилзода, Саидбоқир Қосимов, Маҳдӣ Таҳмосов, Қулӣ Обдинов, Сайфулло Абдуллоев, Нисор Муҳаммад, Дяков, Муҳаммад Мусавӣ, Қосим Дайламӣ, Ғуломризо Ализода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ашӯр Ҳалимов, Шодӣ Саидов, Ғоиб Қаландаров, Ибод Файзуллоев, Нур Табаров, Мазҳабшо Муҳабатшоев, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Субҳон Кошонов, Камоли Абдураҳим ва Муҳаммад Ғоиб буданд. Ҳоло муассисони рӯзномаи «Ҷумҳурият» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, хафтае 5 маротиба бо теъдоди беш аз 47 хазор нусха чоп мешавад. Сармуҳаррираш Қурбоналӣ Раҳмонзода аст.

Нашрияи «Қизил Тоҷикистон» аз моҳи октябри 1928 ба ин сӯ ба табъ мерасад. Ҳоло ҳамчун нашрияи Ҳукумати Тоҷикистон ба забони ӯзбекӣ бо номи «Халқ овозӣ» нашр мешавад. Хотиррасон бояд кард, ки фаъолияти рӯзноманигории аллома Бобоҷон Ғафуров дар ин нашрия ҷараён гирифтааст. Нашрияи русизабони «Советский Таджикистан» аз моҳи ноябри соли 1925 ба ин сӯ нашр мешавад. Ин нашрия баъдан номи «Коммунист Таджикистана»-ро гирифт. Ҳоло ҳамчун нашрияи расмии Ҳукумати Тоҷикистон бо номи «Народная газета» бо забони русӣ ба табъ мерасад.

Нашрияи «Мулло Мушфиқӣ» аз моҳи апрели 1926 нашр мешавад. Аввал ин нашрия «Ширинкор», баъдан «Мулло Мушфиқӣ» ва «Мушфиқӣ» ном гирифт. Ҳоло бо номи «Хорпуштак» ба табъ мерасад. Маҷаллаи ҳаҷвии дар замони шӯравӣ бисёр маъруф буд. Дар охири солҳои 20-ум нашрияҳое монанди «Раҳнамои мухбирон», «Саводи меҳнат», «Дониш ва омӯзгор», «Роҳбари дониш» низ ба табъ расидаанд, ки хидмати арзишмандеро барои фарҳанг ва ҷомеаи Тоҷикистон анҷом додаанд.

Шумораи нахустини нашрияи «Комсомоли Тоҷикистон» 5 апрели 1930 ба чоп расид. Ҳоло ин нашрия бо номи «Ҷавонони Тоҷикистон» ба унвони нашрияи Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мешавад. Муҳаррири аввалинаш Мақулшоев буд. Ин нашрия аз маъруфтарин рӯзномаҳо дар замони шӯравӣ буда, дар солҳои бозсозӣ ва ибтидои солҳои навадум хеле нақши барозанда дошт. Мактаби тарбияи кадрҳои журналистӣ ном бурда мешуд. Зеро аксари рӯзноманигорон аз он сабақи кори амалӣ гирифтаанд. Турсун Улҷабоев замоне сарварии ин нашрияро ба уҳда дошт. Бозсозӣ ва дигарандешӣ дар матбуоти солҳои 80-уми асри ХХ бо фаъолияти ин нашрия иртибот дорад. Тадқиқоти Хуршед Ниёзов (Х. Атовулло) бо номи «Пайванди пайкараҳо» ба таърихи таъсис ва ташаккули ин нашрия бахшида шудааст.

Дар солҳои 30-юми қарни гузашта як силсила нашрияҳои шаҳриву вилоятӣ ва ноҳиявӣ дар Тоҷикистон ташкил шудаанд. Нашрияи «Пионери Тоҷикистон» барои кӯдакону наврасон соли 1932 таъсис ёфт, ки ҳоло бо номи «Анбоз» ба табъ мерасад. Маҷаллаи адабии адибони Тоҷикистон, ки дар моҳи августи 1932 бо номи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» ташкил шуд, баъдан бо номҳои «Шарқи сурх» ва аз солҳои шастум бо номи «Садои Шарқ» нашр мешавад. Ҳоло маҷаллаи миллии адабӣ буда, ба Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон марбут мебошад.

Яке аз маҷаллаҳои маъруф дар замони шӯравӣ маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» буд, ки аз соли 1932 то 1957 бо номи «Бо роҳи Ленин» нашр шудаву баъдан номи «Занони Тоҷикистон»-ро гирифт. Ин маҷалла маҷаллаи махсуси занону духтарон буд, ки ҳоло бо номи «Фирӯза нашр мешавад. Маҷаллаи кӯдаконаи «Машъал» аввал бо номи «Пионер» нашр мешуд. Оғози нашраш соли 1952 аст. Ҳоло бо номи «Истиқбол» нашр мешавад. Нашрияи «Маориф ва маданият» аз соли 1932 то соли 1938 бо номи «Барои маорифи коммунистӣ» нашр мешуд. Баъдан номи «Газетаи муаллимон» ва соли 1959 номи «Маориф ва маданият»-ро гирифт. Баъдан боз ба «Газетаи муаллимон» (1981) табдили ном кард ва ҳоло бо номи «Омӯзгор» нашр мешавад. Яке аз муҳаррирони машҳураш Буринисо Бердиева буд.

«Чашма» нахустин маҷаллаи мусавварест, ки барои кӯдакони синни кӯдакистон соли 1986 таъсис ёфт. Дар охири даҳаи 1980 ва ибтидои солҳои 90-ум аз маҷаллаҳои маъруф барои кӯдаконон буд. Авҷи фаъолияти ин маҷалла ба замони сармуҳарририи шоир Камол Насрулло рост меояд. «Чашма» бо номи «Родник» бо забони русӣ чоп мешуд ва дар дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ низ хонандаи худро дошт.

Давраи сеюм: Замони истиқлол. Истиқлолият заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти матбуотро фароҳам оварда, барои пешрафти он шароит ба вуҷуд овард. Яъне «… орзуву омоле, ки мубтакирони нахустнашрияи тоҷикӣ «Бухорои шариф» дар дил мепарвариданд, баъди чандин даҳсолаҳо ҷомаи амал пӯшид. Яъне миллати тоҷик дар охирин даҳаи асри XX ба марҳилаи нави таърихи худ ворид гардид, ки он ба истиқлолияти комили сиёсии давлати тоҷикон рабт мегирад» [2, с.256].

Бо назардошти хусусият ва касбияташон матбуоти солҳои аввали даҳаи 1990–ро низ метавон шомили матбуоти замони истиқлол кард. Тасвиби Қонуни Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон аз 14 декабри 1990 «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», пас аз неҳзатҳои миллию озодихоҳӣ ва ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои сиёсиву иҷтимоии аввали даҳаи 1990 ин матбуот рӯйи кор омад. Аммо фаъолияти матбуот дар ин давра яксон нест. Донишманди тоҷик М. Муродов дар ин замина менависад, ки «… матбуоти тоҷик дар замони Истиқлол рисолати анъанавиашро идома дода, аз ҳар ҷиҳат рушд кардааст. Аммо ин роҳи рушд пастиву баландиҳо, барору нобаробариҳо дошт» [3, с.8].

Дар даҳаи 1990 рӯзномаҳои тоза аз қабили «Паёми Душанбе», «Сухан», «Садои мардум», «Адолат», «Сомон», «Оинаи зиндагӣ», «Чароғи рӯз», «Ҳафтганҷ», «Растохез», «Нидои ранҷбар», «Голос Таджикистана», «Тоҷикистон», «Курйер Таджикистана», «Ҷоми ҷам», «Минбари ислом», «Наврӯзи Ватан», «Наҷот», «Паёми ҳақ», «Чархи гардун», «Дайджест пресс», «Бизнес и политика», «Варзиш», «Ҷунбиш», «Ватанпарвар», «Баҳори Аҷам», маҷаллаҳои «Фарҳанг», «Илм ва ҳаёт», (соли 1989) ва ғайра таъсис ёфтаанд. Вале ин даврае буд, ки матбуот ба далели бурузи ҷанги дохилии панҷсола ва бухрони фарогири иқтисодӣ дучори варшикастагӣ шуд. Бисёре аз нашрияҳо дар оғози даврони истиқлол аз нашр бозмонданд. Ва тиражи бархе дигар нашрияҳо ба шиддат коҳиш ёфт.

Аммо аз солҳои 2000 нашрияҳои наве монанди «Неруи сухан», «Рӯзи нав», «Одаму олам», «Фараж», «Озодагон», «Миллат», «Нигоҳ», «СССР» рӯйи кор омаданд, ки қисме, аллакай, аз нашр бозмондаанд. Матбуоти давраи истиқлол шева ва равишҳои мухталифи фаъолият дошту дорад. Танҳо баъд аз гузаштани бист соли истиқлоли Тоҷикистон ба рӯзноманигорон муяссар гардид, ки рӯзнома (на ҳафтанома)-ро ба вуҷуд биёваранд. Ва аввалин рӯзнома (на нашрия)-и замони истиқлол «Имрӯз News» мебошад. Ибтикори таъсиси ин рӯзнома ба Рустами Ҷонӣ тааллуқ дорад. Аммо бояд зикр кард, ки дар давоми солҳои истиқлолияти Тоҷикистон даҳҳо номгӯи нашрияву маҷаллаҳо рӯйи кор омаданд, вале бинобар сабабҳои маълуму номаълум муваффақ нашуданд ва чопашон бозмонд. Ба гунаи мисол метавон аз нашрияҳои «Самар», «Суруш, «Посух», «Сухан», «Ҷунбиш», «Ҳафтганҷ», «Мардумгиёҳ», «Ҷаҳоннамо», «Саноати Тоҷикистон», «Автобис», «Восточный экспресс» «Мисбоҳ», «Бидуни сиёсат», «Фардо», «Дирафш», «Рахшо», «Кишоварз», «Бомдод», «Реклама и сервис», «Афродита», «Рӯзгор», «Овоза ва

ҳақиқат», «Крим инфо» ва ғайра ном бурд Дар ин миён нашрияҳои муваффақе аз қабили «Пайкон» ва «Зиндагӣ» буданд, ки бо марги муассисонашон аз байн рафтанд. Дар оғози даҳаи аввали солҳои XII дар Тоҷикистон матбуоти ҷиддиву сиёсӣ, аз ҷумла, «Неруи сухан», «Рӯзи нав», «Оламу одам». «Нигоҳ», «Озодагон» таъсис ёфта фаъолият карданд, ки таъсири чашмгире дар фазои сиёсиву иттилоотии кишвар доштанд. Ҳоло маъруфтарин нашрияҳои кишварро чунин тасниф кардан мумкин аст:

*Матбуоти расмӣ: «*Ҷумҳурият», «Народная газета» «Халқ овози», «Садои мардум» ва нашрияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ.

Матбуоти соҳавӣ: «Омӯзгор», «Адабиёт ва санъат», «Нақлиёт» «Боҷу хироҷ», «Қонун ва ҷомеа» маъруфтарин нашрияҳои соҳавии Тоҷикистони муосирро ташкил медиҳанд.

Матбуоти мустақил: Нашрияҳои мустақили имрӯзи Тоҷикистон, ки маъруфияти бештар доранд, асосан «Азия плюс», «Тоҷикистон», «Фараж», «СССР», «Имрӯз News», «Оила», «Самак» мебошанд.

Матбуоти ҳизбӣ: «Минбари халқ» - нашрияи ҲХДТ чопи мунтазам ва хонандаи худро дорад. Аммо нашрияҳои «Нидои ранҷбар» нашрияи ҲКТ, «Иттиҳод» - нашрияи ҳизби сотсиалистӣ, «Меҳргон» - нашрияи ҳизби аграрӣ, «Иқтисод ва ҳаёт» - нашрияи ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон чопи мунтазам надоранд ва танҳо дар давраи интихоботҳо каме фаъолият нишон медиҳанд.

Маҷалла: Маҷаллаҳои нисбатан машҳури Тоҷикистони имрӯз «Садои Шарқ», «Тоҷикистон», «Бонувони Тоҷикистон», «Маорифи Тоҷикистон», «Маърифати омӯзгор», «Адаб», «Фирӯза», «Илм ва ҳаёт», «VIP ZONE». Солҳои 2010 – 2015 маҷаллаи сиёсиву иҷтимоии «Элита» нашр мешуд, ки миёни хонандагон маъруфият дошт.

Ҳоло тибқи омори Вазорати фарҳанги Тоҷикистон бештар аз 400 номгӯи матбуоти гуногун дар ин кишвар номнавис шудааст, ки бештари онҳо нашр мешаванд.

Албатта, дар ин матлаб зикри баъзе нашрияҳои тоҷикӣ ва Тоҷикистон аз оғози нашри «Бухорои шариф» то кунун рафт, вагарна дар муддати беш аз сад сол теъдоди зиёди матбуот дар кишвар таъсис шуду фаъолият намуд. Ҳар кадоме аз онҳо ҷойгоҳи махсуси худро дар фазои иттилоърасонии кишвар доштанд. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки ду роҳбари замони шӯравии Тоҷикистон – академик Бобоҷон Гафуров ва шогирди ӯ Турсун Улҷабоев аз мактаби фаъолият дар матбуот гузаштаанд. Бобоҷон Ғафуров дар нашрияи «Қизил Тожикистон» муовини муҳарррир ва Турсун Улҷабоев дар нашрияи «Ҷавонони Тоҷикистон» муҳаррир буданд.

Дар даҳаи якуму дуюми асри XXI дар Тоҷикистон таъсири матбуот дар умури сиёсӣ бештар шудааст. Аммо дар ин солҳо пешорӯи матбуот ду мушкилот қарор дошту дорад: Яке камтар риоят шудани одоби журналистиву ғаразҷӯиву кинаҷӯӣ аз тариқи матбуот ва дигаре ба додгоҳ кашидани нашрияҳо ва рӯзноманигорон. Аз ҷумла, дар ин давра нашрияҳое чун «Чархи гардун, «Азия плюс», «Тоҷикистон», «Миллат», «Фараж», «Озодагон», «Имрӯз News», «Нигоҳ», «Пайкон» ва ғайра ба баҳсҳои судӣ кашида шудаанд. Ин ду мушкил ба сатҳи маърифати ҷомеа вобаста ҳастанд, ки вуҷудашон монеаи ҷиддие барои рушд кардани журналистикаи ватанӣ мегардад. Баъзан баҳсҳои матбуотии мо аз одоби касбӣ дур сурат мегиранд. Ҳатто баъзан чунин матлабҳо ба қалами донишмандону фарҳангиёни мо тааллуқ доранд, ки боиси нигаронист. Аммо роҳи тайкардаи беш аз садсолаи матбуоти тоҷик нишон медиҳад, ки он ҳамеша барои иҷрои рисолати асливу асосии хеш кӯшида, аз манфиатҳои милливу давлатӣ ҳимоят кардааст.

Ҳоло матбуоти тоҷик дар низоми расонаҳои гурӯҳии кишвар ҷойгоҳи хоссе дошта, барои ҳимоят аз манфиатҳои миллӣ, устувор шудани пояҳои давлатдорӣ дар марҳилаи муосири миллатсозиву давлатсозии мо нақши босазо дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулов С. Нигоҳе ба як қарни матбуоти тоҷик / С. Гулов, И. Сулаймонов // Нерӯи сухан. (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Хуҷанд: Ношир, 2014. – С. 79 - 90.
2. Гулов С. Нақши Пешвои миллат дар рушди воситаҳои электронии ахбори омма / С. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. -№2. – С. 256 -259.
3. Муродов М. Б. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Б. Муродов. - Душанбе: Аржанг, 2017. – 224 с.
4. Шарифзода К. Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 72 с.
5. Усмонов И. К. Журналистика. Қисми 1 / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2005. – 480 с.

МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК

Дар ин мақола сухан дар бораи марҳилаҳои таъсис, ташаккул ва рушди матбуоти тоҷик меравад. Муаллиф ба таври мушаххас заминаҳои таъсис, ташаккул ва рушди матбуоти тоҷикро бо далелҳо гурӯҳбандӣ ва таҳлил кардааст: 1. Матбуоти то шӯравӣ; 2. Матбуоти шӯравӣ; 3. Замони истиқлол; Дар мақола омилҳо ва ташаббускорони ташаккул ва рушди матбуоти тоҷик дар ин се марҳила, вазъият, вазифаҳо ва нақши матбуот дар ҷомеа нишон дода шудааст. Нахустин нашрияи тоҷикӣ "Бухорои шариф" замоне сари кор омад, ки дар Бухоро ва дигар минтақаҳои қаламрави тамаддуни тоҷикӣ муборизоти шадиде алайҳи фарҳанг ва тамаддуни мо дар ҷараён буд. Баъдан дар чандин марҳалаи сарнавиштсоз аз «Бухорои шариф» ба унвони як санад ва далели қотеъ дар муқобили душманони миллати тоҷик истифода шуд. "Бухорои шариф" натиҷаи талош ва заҳмати бисёр гарону миллатхоҳонаи фарзандони ҷасур ва зиёиёни ибтидои асри бисти миллати тоҷик мебошад. Дар марҳилаи дуюм дар назди матбуоти тоҷик вазифаҳои нав гузошта шуданд, ки ба сиёсати давр иртибот дорад. Дар ин давра низоми матбуоти тоҷик шакл гирифт. Матбуоти умумиҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ, соҳавӣ таъсис ёфта, ташаккул ва рушд кард. Истиқлолият заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти матбуотро фароҳам оварда, барои пешрафти он шароит ба вуҷуд овард. Низоми нави матубуоти тоҷик ташаккул ёфт, гуногунақоидиву гуногунсамтиву гуногунмоликияти хосси он гардид.

Калидвожаҳо: журналистика, таҳқиқи илмии журналистика, матбуоти даврӣ, истиқлолияти давлатӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ, гуногунандешӣ, манфиатҳои миллӣ.

ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКОЙ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ

В данной статье речь идет об основных этапах становления, формирования и развития таджикской печати. Автор подробно сгруппировал и проанализировал основы становления, формирования и развития таджикской печати: 1. Печать досоветского периода; 2. Советская печать; 3. Период независимости. В статье показаны факторы и инициаторы формирования и развития таджикской печатив обществе. Первым таджикским изданием был "Бухорои шариф". Создание «Бухорои шариф» является одним из достойных внимания явлений 20-го столетия для таджикского народа. Данное издание было издано в очень тяжелый для таджикской культуры период, когда в Бухаре и в других регионах шли ожесточенные противоборства за таджикскую культуру и цивилизацию. Позже в нескольких судьбоносных этапах истории «Бухорои шариф» использовали как доказательство против врагов таджикского народа. "Бухорои шариф" является результатом очень тяжелой борьбы и стараний героических сынов и представителей интеллегенции начала двадцатого столетия таджикского народа. На втором этапе перед таджикской печатью были поставлены новые задачи, которые имеют отношение к политической обстановке данного периода. На данном этапе стала формироваться система таджикской печати. Стали формироваться и развиваться республиканская, областная, районная и отраслевая печать. Независимость обеспечила правовые основы печатной деятельности.Формировалась новая система таджикской печати.

Ключевые слова: журналистика, научное исследование журналистики. периодическая печать, государственная независимость, правовые основы, плюрализм, национальные интересы.

THE MAIN STAGES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE TAJIK PERIODIC PRESS

This article deals with the main stages of the formation, formation and development of the Tajik press. The author has in detail grouped and analyzed the foundations of the formation, formation and development of the Tajik press: 1. The press of the pre-Soviet period; 2. Soviet press; 3. Period of independence. The article shows the factors and initiators of the formation and development of the Tajik society of society. The first Tajik edition was Bukhoroi Sharif. The creation of the "Bukhoroi Sharif" is one of the most noteworthy 20th century phenomena for the Tajik people. This edition was published in a very difficult period for Tajik culture, when fierce confrontations over Tajik culture and civilization took place in Bukhara and in other regions. Later, in several fateful stages of history, Bukhoroi Sharif was used as evidence against the enemies of the Tajik people. "Bukhoroi Sharif" is the result of a very hard struggle and efforts of heroic sons and intellectuals of the early twentieth century of the Tajik people. At the second stage, the Tajik press was given new tasks that are related to the political situation of the period. At this stage, the Tajik press system began to form. The republican, regional, district and branch press began to form and develop. Independence provided the legal basis for printing activities. A new Tajik press system was being formulated.

Key words: journalism, scientific research of journalism. periodical press, state independence, legal framework, pluralism, national interests.

Сведения об авторе: ***Гулов Сангин Нурович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры телевидение и радиовещание. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **gulsang@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-567-60-35**

Information about the author: Gulov Sangin Nurovich - Tajikistan National University, Candidate of Phylology, Associate professor, Head of TV and Radio broadcasting Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail:**gulsang@mail.ru**. Tel.: **(+992) 935-67-60-35**

УДК: 654.19 (075.8)

ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ РАДИОВЕЩАНИЯ В КЫРГЫЗСТАНЕ ОТ СОВЕТСКИХ ВРЕМЕН ДО ОБРЕТЕНИЯ НЕЗАВИСИМОСТИ

Султанова Ж.О.
Кыргызско-Российский Славянский университет им. Б.Н. Ельцина

Начало развития радиовещания в КР в советские годы ознаменовало то, что передачи подвергались жёсткому государственному идеологическому регулированию. Идеология была двунаправленной – с одной стороны, контролировать СМИ, с другой – просвещать неграмотное население республики. При этом, с первых дней для обучения и воспитания малограмотного населения стали запускаться специальные программы. Информация об историко-культурных богатствах собиралась из разных уголков республики и затем, переходя из передачи в передачу, создавался некий общий фонд культурного наследия.

В подобного рода деятельность необходимо было вкладывать много усилий, но они себя оправдали. Слушатели признавали необходимость культурно-просветительских передач, их популярность росла с каждым годом. Таким образом, получается, что давление со стороны властных структур в советское время сыграло на руку быстрому прогрессу в области радиовещания в целом, и распространения культурно-просветительских программ в частности. Этот момент нельзя оставить без внимания, поскольку вокруг вопроса о свободе слова и отсутствии контроля со стороны государства много споров. Они существовали как в далёкие советские времена, так и сейчас.

В советские годы была выстроена жёсткая система стратегического регулирования информационного пространства, при помощи чего осуществлялось управление практическими всеми отряслями жизни общества. Вопрос имиджа «властвующих» тоже не оставался в стороне, так как в глазах населения нужно было выглядеть искренними друзьями, заботящимися только о народе, живущими его нуждами. Именно по этим причинам советские СМИ, и «Кыргыз радиосу» не исключение, жили интересами государственных структур, доносили «нужную» им информацию до конечного потребителя. Постоянное давление подобного рода не могло позитивно сказаться на развитии, как структуры самого радио, так и его материалов, поэтому совершенствование передач заняло довольно длительное время. Ведь «формирование политического имиджа – это сложный и многоступенчатый процесс, включающий в себя определенные стадии, в числе которых, как формирование имиджа с помощью средств массовой коммуникации, так и его продвижение» [9].

СМИ в качестве полностью ангажированного властью источника были не в состоянии донести до аудитории информацию точно и без прикрас. Во многом понимается, что «слово, исходящее от СМИ – в первую очередь несущее в себе какую-либо пропаганду, – не встречается со своим антисловом. Если этот антитезис и возникает в головах людей, получивших тезис, они не вправе высказать его таким же путем, посредством которого ими было услышано сообщение (тезис). То есть, массы могут (и должны) слушать и воспринимать, но не могут (и не должны) говорить» [2]. Но несмотря на все трудности, возможность фильтровать материалы у журналистов, несомненно, оставалась, они ею активно пользовались для выдачи, к примеру, в радиоэфир ранее непубликуемых авторов, интервью с ними. Это было своего рода негласным демаршем советских журналистов по отношению к государственному тотальному контролю.

Реальным прорывом в этом конфликте интересов стал, по мнению многих экспертов, приход к власти М.С. Горбачева в 1980-е годы и взятый им курс на перестройку. По словам исследователя Р.П. Овсепяна: «Это был, безусловно, позитивный шаг, начало нового политического курса.<…>. Демократизация и гласность не только открыли для журналистов новые темы, но и создали им огромные трудности. Никогда прежде однопартийная советская журналистика не сталкивалась с необходимостью объективного отражения многочисленных проблем, рожденных новым политическим и экономическим мышлением. На страницах газет и журналов, в телевизионных и радиопрограммах отражалась реальная жизнь с ее достижениями и противоречиями, во всем многообразии различных мнений и суждений. И все же развитию гласности препятствовали силы и традиции, складывавшиеся десятилетиями. Сохранялся частокол всевозможных табу,

запретов на правдивое освещение недалекого прошлого и реальностей перестроечного периода. Главлит, как и прежде, стоял на страже чисто ведомственных интересов» [5].

Однако всё старое рано или поздно сначала отходит на второй план, а затем и вовсе исчезает из жизни. В условиях таких глобальных изменений, как переход от социализма к капитализму, от авторитаризма к демократии, от жизни в составе огромного государства к обретению суверенитета люди начинают действовать на основе своих инстинктов, базой для которых служат незыблемые ценности. Они «представляют собой системообразующее ядро замысла (или программы), деятельности человека и его внутренней духовной жизни, ведь духовые принципы, намерения и моральные нормы человечество относит больше не к деятельности, а к ценностям и ценностным ориентациям» [10]. А ведь, как мы знаем, именно культурно-просветительские программы призваны закладывать эти ценности. Это было важно именно в переломные моменты, когда люди находились на распутье, и правильных ориентиров почти не было. Всё, что было раньше, начало критиковаться по поводу и без, и не факт, что новые веяния окажутся лучше, эффективнее старых.

Если рассматривать в этом контексте культурно-просветительские программы, как созидательный двигатель формирования ценностных ориентиров для населения, то можно утверждать, что именно на радио они наиболее полезны и эффективны. Это объясняется тем, что они охватывают максимальное количество людей всех возрастов, социальных слоёв, то есть вне зависимости от того, кем работает, чем увлекается человек, он будет составляющей частью этой системы. Его интересы, вкусы, взгляды на жизнь формируются под влиянием исходных показателей, которые в данном случае, «комплектуются» радио, как самым быстрым и легкодоступным средством массовой информации.

В этом отношении радиостанция «Кыргыз радиосу» шла в ногу со временем. В период перехода от авторитарной системы управления к демократической, радио начало работать по новым принципам, учитывая потребности своих слушателей в условиях только зарождавшегося на тот момент новомодного капитализма. Во времена перестройки поиск «своего лица» для «Кыргыз радиосу» стал особо актуален, поскольку до этого все СМИ союзных республик в той или иной степени жили с оглядкой на общесоветскую идеологическую политику, а теперь получили возможность выстраивать собственную модель взаимодействия с аудиторией. Хотя, необходимо отметить, что в центре СМИ на национальных языках, в том числе, и кыргызскоязычной радиостанции «Кыргыз радиосу» и в советские годы находились национальные интересы и события.

Анализируя контент культурно-просветительских программ «Кыргыз радиосу» в советские годы, можно утверждать, что они восхваляли вклад русских учёных в освоение, «строительство» Киргизии, просвещение местного населения, подвиги кыргызстанских воинов на фронтах Великой Отечественной войны, достижения кыргызстанской интеллигенции – всей творческой элиты, представителей культуры разных лет и мастей. При этом в начале развития культурно-просветительских радиопередач предпочтение отдавалось художественному чтению – одному из самых распространённых видов культурно-просветительских передач на радио, особенно на заре его появления. Нужно заметить, что «радио является могучим пропагандистом художественной литературы. В русском языке не существует термина, связывающего воедино писателя и радио. Возникшее в 30-е гг. понятие "радиолит" не вошло в научный обиход. Опыт мирового вещания показывает, что по радио можно передавать как специально написанные художественные произведения, так и приспособленные для этой цели сочинения писателей и поэтов» [7]. С годами в такого рода радиопрогаммах можно встретить разнообразие – и беседы, и интервью, и очерки, и зарисовки. Каждое время (в нашем случае десятилетие) диктует свои правила, свои новые устои, и, если им не подчиняться, то можно остаться за бортом «бурлящего» информационного потока, который унесёт потенциальных слушателей к «другим берегам». «Кыргыз радиосу» в этом плане можно отнести к передовым аудиальным СМИ Кыргызстана, тем более что в советское время оно было государственным, и поэтому жанровая и тематическая трансформация культурно-просветительских передач проходила довольно удачно. Так, с хорошим историческим, структурным и содержательным багажом «Кыргыз радиосу» подошло к годам обретения Кыргызстаном своей независимости.

В начале 1990-х годов можно наблюдать структурные реорганизации в системе работы «Кыргыз радиосу». В первую очередь, это связано с общественно-политическими изменениями. В 1991 году Гостелерадио Киргизской ССР (в составе которой находилась

радиостанция «Кыргыз радиосу») была преобразована в Государственную телерадиокомпанию. В это время была запущена вторая программа «Кыргызского радио», которая позже стала носить название «Радио XXI век». При этом частота первой программы Всесоюзного радио стала частотой первой программы «Кыргыз радиосу», частота Маяка - второй программы, а частоты третьей программы Всесоюзного радио – частотой радиостанции «Пирамида».

Все эти процессы отражались не только на качестве, но и на подаче тех или иных материалов. В контексте обретённой независимости в культурно-просветительских передачах «Кыргыз радиосу» всё больше затрагивались серьёзные темы самоидентификации личности и государства. Ценностные ориентиры населения стали той мишенью, в которую целились сильные мира сего для получения своих долгожданных политических баллов. «Оглянуться назад, возродить кыргызскую культуру», - кричали они. В этом плане именно радиопрограммы культурно-просветительского направления были признаны напомнить людям об их корнях, направить их умы по пути изучения своей истории, вернуть им интерес к собственной культуре, предостерегая их от превращения в манкуртов[‡]. В этом отношении радипрограммы «Кыргыз радиосу» были впереди всех СМИ Кыргызстана, так как специализировались именно на подобной тематике. Так, популяризация культурно-просветительских передач на «Кыргыз радису» стала ещё актуальнее и востребованнее.

Говоря об эффективности СМИ, стоит обратиться к исследованиям Т.Д. Кадырова [1], для которого журналистика тех лет была журналистикой современности. Он ставит перед СМИ следующие задачи:

1) Прежде всего, радио и телевещанию необходимо всесторонне и широко, на конкретных примерах и фактах пропагандировать новые демократические изменения в нашем обществе;

2) Радиовещанию и телевидению надлежит систематически и целенаправленно освещать социально-экономическую и культурную жизнь республики, всячески содействуя развитию производственной и политической активности масс.

3) Редакционным коллективам радио- и телевещания проявлять больше заботы об уровне правдивости, тематическом и жанровом разнообразии своих выступлений, учитывать возросший общеобразовательный и культурный .уровень радиослушателей и телезрителей, специфику их интересов.

4) Целесообразно для координации, прогнозирования деятельности радиовещания и телевидения создать в республике социологический общественный центр по изучению эффективности работы всех средств массовой информации.

То, что пишут в газетах, показывают по телевизору, или говорят по радио, становится для широких масс истиной в последней инстанции, поэтому к формированию общественного мнения стоит подходить с большой осторожностью. Особенно это важно в переломный момент, когда грань между старым и новым, плохим и хорошим очень тонка, а сохранить баланс, особенно информационный, жизненно необходимо. Функция выражения и формирования общественного мнения очень важна. Ведь «в настоящее время именно средства массовой информации дают огромную возможность человеку получить самые свежие и актуальные новости из любой части света, узнать об обстановке в мире. Естественно, что сам человек не в состоянии самостоятельно проверить полученные факты на достоверность. Поэтому каждый полагается на правдивость той или иной информации, любезно предоставленной журналистами. Выходит, что люди доверяют оценкам и суждениям средств массовой информации. Тем самым, напрашивается вывод, что недобросовестные журналисты и некоторые заинтересованные личности имеют возможность манипулирования общественным сознанием и, в результате, движением народных масс» [1, с.992]. Стоит отметить, что «их роль определена

[‡] **Манкурт -** согласно роману Чынгыза Айтматова «Буранный полустанок» («И дольше века длится день»), взятый в плен человек, превращённый в бездушное рабское создание, полностью подчинённое хозяину и не помнящее ничего из предыдущей жизни. В переносном смысле слово «манкурт» употребляется для обозначения человека, потерявшего связь со своими историческими, национальными корнями, забывшего о своём родстве.

возрастанием значения общественного мнения в жизни общества и самой природой вещания, органически связанной с этим феноменом. Среди форм и механизмов проявления общественного мнения следует назвать выборы и референдумы. Во времена политических перемен редакции радиовещания не остаются в стороне от этих событий. А возможности радио в разъяснении смысла, целей и задач подобных акций велики» [6]. При этом, «известно, что общественное мнение формируется тогда, когда общество хорошо информировано. Необходимо обеспечивать общество достаточным объемом информации, доступной и понятной массовому сознанию, представлять набор фактов, аргументов и контраргументов. Важно отражать полный спектр, широкий диапазон реальных мнений, существующих в данный момент в обществе (аудитории). К сожалению, эта, казалось бы, очевидная задача очень часто не выполняется (или даже не ставится и не осознается) на практике» [Там же]. При этом исследователи считают, что «интеллигенции сейчас необходимо остановиться и подумать, отрешившись от сиюминутных политических проблем» [8]. И именно «с этого времени произошла окончательная смена ценностных приоритетов творческой интеллигенции, которая пошла в СМИ, масс-медиа, никак не связывая свою деятельность с идеями переустройства…» [4, с. 24]. Руководствуясь именно этими принципами, выстраивала стратегию своей работы радиостанция «Кыргыз радиосу». Она отталкивалась в своей деятельности от культурно-просветительских функций, которые включают в себя эстетическую и рекреативную функции. Эти функции осуществляются при помощи того, что «художественные и структурные возможности современного радиовещания бесконечно разнообразны. Своеобразие радио как вида творческой деятельности заключается в том, что, обладая достаточно скромным арсеналом выразительных средств, радиожурналист имеет в своем распоряжении практически неограниченное число сочетаний этих выразительных средств, позволяющих в конкретных чувственных формах воссоздавать у микрофона и в эфире бесконечные по сложности факты, события и обстоятельства общественного бытия и частной жизни человека» [Там же].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гуржий Д. А. Влияние СМИ на формирование общественного мнения / Д. А. Гуржий // Молодой ученый. -2015. - №12. - С. 991-993.
2. Ильин А. Политическая ангажированность масс-медиа / А.Ильин // Автономное действие [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://avtonom.org/blogs/politicheskaya-angazhirovannost-mass-media
3. Кадыров Т.Д. История развития радиовещания и телевидения в Республике Кыргызстан (1928-1990 гг.): автореф. … дисс. кандидата исторических наук / Т.Д. Кадыров. – Бишкек, 1993. Человек и наука [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://cheloveknauka.com/istoriya-razvitiya-radioveschaniya-i-televideniya-v-respublike-kyrgyzstan-1928-1990-gg
4. Кузьмина В.М. Ценностные приоритеты творческой интеллигенции в период трансформации социальной структуры общества в 1990-е гг / В.М. Кузьмина // Общество: социология, психология, педагогика. – 2014. –№ 1. – С. 20-24.
5. Овсепян Р. П. История новейшей отечественной журналистики: Учебное пособие / Под редакцией Я.Н. Засурского / Р. П. Овсепян.– М.: Изд-во МГУ, 1999. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://evartist.narod.ru/text/51.htm
6. Радиожурналистика: Учебник / Под редакцией Шереля А.А. – М.: Изд-во Московского университета, 2000. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://dedovkgu.narod.ru/bib/radiozhur.htm
7. Радио и литература//Litena.ru [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://litena.ru/literaturovedenie/item/f00/s00/e0000439/index.shtml
8. Соколовский В. Интеллигенты решили самоопределиться в класс / В.Соколовский // Коммерсант. 1992. 28 нояб.
9. Урчукова С. Роль средств массовой информации в формировании политического имиджа государственной власти в современных условиях / С.Урчукова, А.Сидаков, В.Кулябцева // Инновационный Центр развития образования и науки [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://izron.ru/articles/aktualnye-problemy-i-dostizheniya-v-obshchestvennykh-naukakh-sbornik-nauchnykh-trudov-po-itogam-mezh/sektsiya-9-politicheskie-instituty-protsessy-i-tekhnologii-spetsialnost-23-00-02/rol-sredstv-massovoy-informatsii-v-formirovanii-politicheskogo-imidzha-gosudarstvennoy-vlasti-v-sovr/
10. Ценности в жизни человека: определение, особенности и их классификация//Psyh.info [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://psyh.info/psihologiya-lichnosti/mirovozzrenie/tsennosti-v-zhizni-cheloveka.html

РАВАНДҲОИ РУШДИ РАДИОШУНАВОНИ ДАР ҚИРҒИЗИСТОН, АЗАҲДИ ШӮРАВИ ТО ДАВРОНИ КАСБИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Ин мақола ба баррасии хусусиятҳои ташаккули радиошунавонӣ дар Қирғизистон, дар айёми шӯравӣ ва равандҳои тараққиёти он дар шароити истиқлолияти ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Даврони низоми шӯравӣ, фазои иттилоотӣ аз тариқи бунёди системаи шадиди стратегӣ танзим карда мешуд. Яъне, аз ин роҳ ва бо кумаки он, амалан тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият идора мегардид. Дар як вақт,

мавзӯи нигаҳ доштани обрӯи «ҳокимони давр» низ аз мадди назар дур андохта намешуд. Зеро онҳо бояд дар чашми омма, ба унвони дӯстони содиқ ҷилвагар мегаштанд, ки танҳо ғами мардумро хӯрдаву ниёзҳои онро ҳаллу фасл менамоянд. Маҳз ба ҳамин далел, расонаҳои дастаҷамии шӯравӣ («Қирғиз радиосу» низ дар ин бобат истисно намебошад) як ҷо бо манфиатҳои ҳукумат ва сохторҳои давлатӣ будаву ва ба шунавандаи худ, яъне ба мардум ахбору маълумоти “лозимро” бурда мерасониданд. Ин гуна фишорҳои доимӣ боиси гирифтани пеши роҳи рушду тараққиёти радио мегардид ва дар ниҳояти кор беҳбуд ва такмили барномаҳои мавриди назар вақту замони зиёдро дар бар мегирифт. ВАУ, ки амалан таҳти нуфузи ҳукумат қарор доштанд, қодир ба расонидани иттилооти дақиқу воқеӣ набуданд. Аммо новобаста аз аз ин ҳама мушкилот, журналистону қаламфарсоён боз имкон пайдо менамуданд маводҳоеро аз ғалбери низоми мавҷуд гузаронанд,ки дархури аҳли ҷомеа буданд. Аз ин роҳу восита кормандони эҷодии радио маводи муаллифонеро, ки аз ин пеш навиштаҳояшон мамнуъ шуда буда, ба мардум пешкаш месохтанд ва фурсат меёфтанд мусоҳибаҳои ҷолибро бо онҳо доир намоянд. Ин як навъ садои эътирози журналистони шӯрави алайҳи низоми худкомаи давлатӣ ба шумор мерафт. Ба ақидаи аксари соҳибназарон, ба қудрат даст ёфтани М.С. Горбачёв дар солҳои 1980-ум ва пеш гирифтани сиёсати бозсозӣ, дар низои манфиатҳо таҳаррук ва ҷунбу ҷӯшро ба миён овард.

Калидвожаҳо: ВАУ-и Қирғизистон, рӯзноманигорӣ, ҷамъият ва сиёсат, солҳои шӯравӣ, истиқлолият, идеология, равандҳои тараққиёт.

ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ РАДИОВЕЩАНИЯ В КЫРГЫЗСТАНЕ ОТ СОВЕТСКИХ ВРЕМЕН ДО ОБРЕТЕНИЯ НЕЗАВИСИМОСТИ

Статья изучает особенности формирования радиовещания в Кыргызстане в советские годы и тенденции его развития в условиях независимости республики. Общественно-политический фон был весьма важен при функционировании радиовещания, так как именно он диктовал те или иные условия работы. В советские годы была выстроена жёсткая система стратегического регулирования информационного пространства, при помощи чего осуществлялось управление практически всеми отраслями жизни общества. Вопрос имиджа «властвующих» тоже не оставался в стороне, так как в глазах населения нужно было выглядеть искренними друзьями, заботящимися только о народе, живущими его нуждами. Именно по этим причинам советские СМИ, и «Кыргыз радиосу» не исключение, жили интересами государственных структур, доносили «нужную» им информацию до конечного потребителя. Постоянное давление подобного рода не могло позитивно сказаться на развитии как структуры самого радио, так и его материалов, поэтому совершенствование передач заняло довольно длительное время. СМИ в качестве полностью ангажированного властью источника были не в состоянии донести до аудитории информацию точно и без прикрас. Но, несмотря на все трудности, возможность фильтровать материалы у журналистов, несомненно, оставалась, они ею активно пользовались для выдачи, к примеру, в радиоэфир ранее непубликуемых авторов, интервью с ними. Это было своего рода негласным демаршем советских журналистов по отношению к государственному тотальному контролю. Реальным прорывом в этом конфликте интересов стал, по мнению многих экспертов, приход к власти М.С. Горбачёва в 1980-е годы и взятый им курс на перестройку.

Ключевые слова: СМИ Кыргызстана; радиовещание; общество и политика; советские годы; суверенитет; идеология; тенденции развития.

TRENDS OF RADIO BROADCASTING DEVELOPMENT IN KYRGYZSTAN FROM THE SOVIET TIMES TO THE INDEPENDENCE

The article studies the peculiarities of the formation of radio broadcasting in Kyrgyzstan in the Soviet period and the trends of its development in the conditions of independence of the republic. The socio-political background was very important in the functioning of broadcasting, since it dictated certain conditions of work. In the Soviet period a rigid system of strategic regulation of the information space was built, with the help of which the management of all branches of society's life was carried out. The issue of the authorities’ image also did not stay aloof, as in the eyes of the population it was necessary to look like sincere friends, caring only about the people living and their needs. It is for these reasons that the Soviet media, and the "Kyrgyz radio" is no exception, lived in the interests of state structures, delivered "the right" information to its final user. Constant pressure of this kind could not have a positive impact on the development, both the structure of the radio itself and its materials, so the improvement of the broadcasts took quite long time. The media, as a source fully committed by the authorities, were unable to convey information to the audience accurately and without embellishment. But, despite all the difficulties, the possibility to filter the materials from the journalists undoubtedly remained, they actively used it to issue, for example, the radio air of previously unpublished authors, interviews with them. This was a sort of the Soviet journalists’ secret demarche in relation to the total control from the side of authorities. In the opinion of many experts, a real breakthrough in this conflict of interests was noticed after the coming to power of Ms. Gorbachev in the 1980s and the policy of perestroika started by him.

Key words: the Kyrgyz media; broadcasting; society and politics; Soviet period; sovereignty; ideology; development trends.

Сведения об авторе: ***Султанова Жыпар Оморовна*** - Кыргызско-Российский Славянский университет им. Б.Н. Ельцина, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 720000, Кыргызская Республика, г.Бишкек, ул. Киевская, 44. E-mail: **jeep502@inbox.ru.**
Тел.: **(+996 312) 66-24-27; (+996) 702-33-22-63**

Information about the author: ***Sultanova Zhypar Omorovna*** - Kyrgyz-Russian Slavic University named after B.N. Yeltsin, Ph.D in Philology, assistant professor of “International journalism” department. **Address:** 720000, Kyrgyz Republic, Bishkek, Kievskaya str. 44. E-mail: **jeep502@inbox.ru.**
Tel.: **(+996 312) 66-24-27; (+996) 702-33-22-63**

УДК: 07+891.550+327(575.3)

НАҚШИ ВАО ДАР БАРРАСИИ ВАЗЪИ КУНУНИИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ

Қаландаров С.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити пуртазоду зудтағйирёбандаи ҷомеаи муосир ва авҷ гирифтани ҷанги сард дар бархе аз нуқтаҳои дунё нақши ВАО нисбат ба солҳои қаблӣ хеле бориз ва муҳим гаштааст. Дар ҷаҳони муосир, ки асосан ҷомеаи иттилоотӣ ном мебаранд, нақши воситаҳои ахбор хеле барҷаста гаштааст, зеро он имрӯз имконияти фаровон дорад ва дар самти таҳким ва густариши муносибатҳои байнидавлатӣ нақши муҳим бозида метавонад. Дар марҳилаҳои инкишофи ҷомеа нақш ва мақоми он чун имрӯз бузург ва ҳалкунанда набуд. Ин нақшу мақом дар ҷаҳони муосир бо ворид гардидани техника ва технологияи навтарин, амалӣ шудани принсипҳои демократӣ дар ҳаёти рӯзмарраи ҷамъиятии одамон дучанд афзуда истодааст. Ҳамчунин, барои идораи раванди ҳодисаҳо доштани маълумоти бештар корро осон ва самаранок мегардонад.

Аз ин рӯ, давлатҳои абарқудрати ҷаҳон дар саросари олам барои баланд бардоштани иқтисодиёт ва заминаи моддиву молии худ, ҷиҳати ба даст овардани захираҳои табиии арзон воситаҳои ахбори оммаро ба таври васеъ истифода менамоянд, зеро он воситаи осони дигаргунсозии тафаккури инсонҳо ба шумор меравад [4, с. 7]. Имрӯз мушоҳида мекунем, ки давлатҳои абарқудрат бо ин мақсад маблағҳои зиёде ҷудо намуда, гурӯҳҳои аз давлаташон норизо, иртиҷоӣ ва ҳатто ифротгароро барои манфиатҳои худ ва бесубот гардонидани вазъи кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта, сафарбар менамоянд. Натиҷаи ин кӯшишҳо боиси куштору ғорати мардум, вайрону валангор гардидани шаҳрҳои обод ва овораву саргардон шудани аҳолии бархе аз давлатҳои ҷаҳон, махсусан кишварҳои Шарқи Миёна гардидааст. Агар дар ВАО ҳадафҳои сиёсии давлатӣ ғайривоқеӣ ва муғризона шарҳ ёбанд, пас чунин амалҳоро ҳамчун омилҳои харобиовар дар ВАО метавон арзёбӣ намуд [1, с. 138].

Агарчанде таҳкими равобити Тоҷикистон бо давлатҳои арабӣ дар муқоиса бо кишварҳои дигари Осиёи Миёна каме дертар сурат гирифт, аммо тайи якчанд соли охир, аниқтар аз соли 2007 инҷониб, дар сиёсати хориҷии кишвар, хусусан дар самти таҳкимбахшии муносибатҳо бо кишварҳои араб (халиҷи Форс) таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуқӯъ омад. Дар ҳоле ки бархе аз хушбинӣ ба ояндаи неки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабу мусулмонӣ дарак медоданд, баъзе доираҳо ин равандро «арабишавӣ»-и сиёсати хориҷии Тоҷикистон арзёбӣ менамуданд. Соли 2008 собиқ Вазири корҳои хориҷии ҶТ Ҳамрохон Зарифӣ дар як мусоҳибааш бо нашрияи қазоқистонии «Деловая неделя» бо ишора ба ин таҳаввулоти бесобиқа дар сиёсати хориҷии кишвар изҳор дошта буд, ки «дар соли 2007 мо дар самти таҳкимбахшии муносибатҳои дӯстона бо кишварҳои арабӣ бо шиддати тамом кор намудем. Сипас, дар матбуот ба навиштан дар бораи кадом як хатти маши «арабишавӣ»-и сиёсати хориҷии Тоҷикистон шурӯъ карданд» [2, с. 331]. Роҳбари ниҳоди муносибатҳои хориҷии мамлакат дар ҳамон мусоҳиба меафзояд, ки «дар воқеъ, мо пеш аз ин ҳам бо кишварҳои арабӣ равобити дуҷонибаи дӯстона доштем ва маҳз аз соли 2007 ба рушди муносибатҳои мутақобила бо онҳо ба таври ҷиддӣ машғул шудем» [10].

Дар ин давра Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мисри Араб, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қатар, Баҳрайн, Сурия, Ҷумҳурии халқӣ-демократии Алҷазоир, Ҷумҳурии арабии Яман ва Қувайт сафари расмӣ анҷом дод [11]. Дар баробари ин, сафари расмии ҷавобии Амири давлати Қатар Шайх Аҳмад ибни Халифа Оли Сонӣ ва Президенти Ҷумҳурии Яман Алӣ Абдуллоҳ Солеҳ ба Тоҷикистон дар ҳамин давра сурат гирифт [7, с. 129].

Кишварҳои арабӣ аз нигоҳи пешрафти иқтисодиёт, некуаҳволии мардум, нуфуз ва эътиборе, ки дар ҷаҳон доранд, дар сатҳҳои гуногун қарор доранд. Айни ҳол давлатҳои арабии аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ пешрафта асосан давлатҳои халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Баҳрайн, Қатар, Кувайт, Уммон) ба шумор

мераванд. Мутаассифона, Ироқ баъди тасарруфи НАТО бо роҳбарии Амрико ба ҳолати вазнини сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ гирифтор шудааст.

Мавзӯе, ки мавриди тадқиқ ва омӯзиш қарор медиҳем, ин баррасӣ ва бозтоби робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ дар матбуоти даврии кишварамон аст.

Инъикоси воқеоти кишварҳои арабӣ дар васоити ахбори оммаи Тоҷикистон ба раванди ояндаи густариши муносибатҳо низ таъсири бузург доранд, зеро ин аз чӣ гуна арзёбӣ шудани рӯйдод дар ВАО бисёр вобастагӣ дорад. Зеро "Ба пахши ахбор қишрҳои мухталифи ҷомеа ҷалбу ҷазб карда мешаванд. Ва ин боиси рангорангиҳо, афзудани таъсири мутақобила мегардад. Ба ҳар як ахбор одамон аз диди инфиродии хеш, мувофиқи завқу салиқа ва дараҷаи маърифати худ баҳо медиҳанд" [8, с. 5].

Матбуоти даврии Тоҷикистон пайваста барои рушду нумуи муносибатҳои мутақобилаи кишварҳо мавод аз рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳони араб дар матбуоти даврии кишварамон интишор мекунад. Аз омӯзиши маводи сомонаҳо маълум мешавад, ки тайи солҳои охир рушди муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб ба таври назаррас инкишоф меёбанд. Бахусус, муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати муттаҳидаи Араб дар сатҳи баланд қарор дошта, мунтазам густариш меёбанд. Далели ин ахбори матбуот оид ба сафарҳои мутақобилан судманди ҷонибҳо мебошад.

Барои тасдиқи гуфтаҳои боло чанд сомонаҳои матбуоти давриро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор медиҳем, ки дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеи муҳим дошта, дар инъикоси воқеаҳои кишварҳои арабӣ фаъоланд. Аз ҷумла, сомонаҳои ОИ "Ховар", рӯзномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Тоҷикистон". Аз таҳқиқ пай мебарем, ки воқеан ҳам сомонаҳои мазкур дар истеҳсол ва пахши ахбори нави маҳалливу хориҷӣ саҳмгузоранд. Ахбору гузоришоти сомонаҳои мазкур мавзӯъҳои гуногуни муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону кишварҳои арабиро дар бар мегиранд.

Қобили тазаккур аст, ки маводи сомонаҳои ОИ "Ховар" ва рӯзномаи "Ҷумҳурият" дар бораи кишварҳои арабӣ нисбат ба рӯзномаи "Тоҷикистон" асосан аз хабару гузоришоти муфассали сафарҳои расмӣ ва вохӯриҳои анҷомдодаи Президенти Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ, сафару мулоқоти ҳайатҳои баландпояи байнидавлатӣ иборат аст.

Бинобар ин маводро вобаста ба мавзӯъҳо чунин банду баст кардем:

а) ахбори сафар ва вохӯриҳои расмии намояндагони дуҷониба;

б) муносибатҳои ҳамкорӣ ва иқтисодӣ;

в) рӯйдодҳои кишварҳои араб.

Аз таҳқиқ маълум мешавад, ки хабару гузоришот доир ба сафарҳои расмӣ ва вохӯрию мулоқотҳои мутақобилаи намояндагони Тоҷикистону кишварҳои арабӣ бештар дар Агентии иттилоотии Тоҷикистон "Ховар" ва нашрияи "Ҷумҳурият" ба мушоҳида мерасад. Матбуоти мазкур дар хусуси сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ба кишварҳои арабӣ ва мулоқотҳои анҷомдодаи ӯ бо сарварону намояндагони олами араб хабарҳои расмӣ ва гузоришҳои муфассал нашр кардаанд.

Чунончи, ОИ "Ховар" дар бораи сафарҳои охири Президент ба кишварҳои араб, аз ҷумла Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (2.01.2016-5.01.2016) 13-то, Аморати муттаҳидаи Араб (16.03.2016-18.03.2016) 8-то, Кувайт (15.05.2016-17.05.2018) 13-то ва Қатар (5.02.2017-6.02.2017) 7-то хабару гузоришот ба табъ расонида, мардумро аз рафти сафар ва мавзӯъҳои баррасишуда огоҳ намудааст [12].

Аз омӯзиш ва мазмуну муҳтавои хабару гузоришҳо метавон чунин хулоса кард, ки маҳз сафарҳои пурмаҳсули Президенти кишвар ба кишварҳои араб имкон фароҳам овардааст, то ки ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ин кишварҳо дар бахшҳои гуногуни ҳамкориҳои иқтисодӣ вусъати тоза касб намояд.

Қобили тазаккур аст, ки нашрияҳои "**Садои мардум", "Минбари халқ" ва "Народная газета" низ** дар бораи кишварҳои араб, асосан дар такя ба сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон, маводро интишор кардаанд. Чунончи, АМИТ "Ховар" аз 2-юм то 5-уми январи соли 2016 аз сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Арабистони Саудӣ ахбори расмӣ ва гузоришҳои муфассал бо аксҳо нашр кардааст [12].

Ҳамчунин, дар шумораи нашрияи **«Ҷумҳурият»** аз 6-уми январи соли 2016 мусоҳибаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигори рӯзномаи "**аш-Шарқ ал-Авсат"** (الشرق الاوسط)-ро таҳти унвони "**Мо ниёз ба тақвияти бештари асли таҳаммулгароӣ дорем"** ба табъ расонидааст. Дар мусоҳибаи худ Президенти кишвар

Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигори рӯзномаи “**аш-Шарқ ал-Авсат”** оид ба хатарҳои номатлуби ҷаҳони имрӯза-терроризм ва экстремизм иброз дошт, ки ин мушкилоти аср бори дигар исбот менамояд, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надошта, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ба таъкиди Президенти кишвар имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ниёз ба тақвияти ҳарчи бештари асли таҳаммулгарӣ дорад, то мардуми мусулмонро чун мардуми мутамаддин ва фарҳангиву илмпарвар тачассум намуда, ба нафъи ҳамкории созандаи ҳамаи неруҳои солими башарият хизмат намояд. Ҳамзамон дар ин шумора аз мулоқоти Сарвари давлат бо **Дабири кулли Созмони ҳамкории исломӣ Иёд Амин Маданӣ** ва мулоқот бо **президенти Бонки исломии рушд доктор Аҳмад Муҳаммад Алӣ** гузориш низ ба табъ расидааст, ки ин аз таваҷҷуҳи кишварҳои арабӣ ба Тоҷикистон шаҳодат медиҳад [13].

Қайд кардан зарур аст, ки гарчанде дар нашрияҳои мазкур мавод аз ҳаёти сиёсӣ-иқтисодӣ ва навгониҳои кишварҳои араб кам ба назар расад ҳам, аммо мақолаҳо низ мушоҳида мешаванд. Чунончи, АМИТ “Ховар” вобаста ба ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ бо мудири кафедраи минтақашиносии ДМТ-Амриддин Шарифов мақолаеро таҳти унвони “Минтақашинос: Арабистони Саудӣ метавонад ба ифтитоҳи марказҳои фарҳангӣ-динӣ дар Тоҷикистон замина гузорад” чоп кардааст, ки дар он мутахассис иброз доштааст, ки “Арабистони Саудӣ ҳамчун кишвари аз лиҳози иқтисодӣ бонуфуз шарики боэътимоди Тоҷикистон ба шумор меравад ва якумин кишвари арабиест, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сафоратхонаи худро ифтитоҳ намудааст ва Тоҷикистон низ бо нишони арҷгузорӣ бо ин кишвар ва мақоми хоссаи он дар сиёсати хориҷии худ сентябри соли 2008-ум сафоратхонаи худро дар Ар-Риёз ифтитоҳ кардааст. Дар чаҳорчӯбаи сафарҳои сардори кишвар солҳои 1997, 2001, 2005 ва 2016 заминаи аҳдномавӣ-ҳуқуқии муносибати ду кишвар гузошта шуд. Аз ин рӯ, муносибат бо ин кишвар аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад” [14].

Ҳамчунин, нашрияи “Миллат” низ рӯзи 20.04.2010 мақолаеро бо номи “Тоҷикистонро бо Саудӣ чӣ мепайвандад?”, ки ба қалами коршинос Фаррух Умаров мутааллиқ аст, ба табъ расонидааст. Дар мақола дар бораи муносибати Тоҷикистон бо Саудӣ сухан рафта, аз ҷумла муаллиф менависад: “Бо вуҷуди он ки ба сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсояи минтақаи Осиёи Миёна дертар шурӯъ шуда бошад ҳам, муваффақиятҳои ҷумҳурии мо дар ин самт назаррас аст” [15]. Муаллиф илова мекунад, ки Тоҷикистон дар ин муддат тавонист бо ташаббуси Президенти кишвар ва Президенти бонки исломии тараққиёт (БИТ) бо иштироки Бунёдҳои арабӣ 15 лоиҳаҳои инвеститсиониро дар соҳаҳои гуногун татбиқ намояд. Дар мақола омадааст, ки Тоҷикистон дар Осиёи Миёна ягона кишварест, ки Арабистони Саудӣ ба он иҷозат додааст, ки муҳоҷирони кориашро барои кор ба ин кишвар ирсол намояд. Ҳамчунин, дар бораи режими кунунии ин кишвар фикрронӣ кардааст. Дар хотимаи мақола коршинос қайд мекунад, ки дар соҳаи энергетика аз ин кишвар пайравӣ ва ба он ҳамкорӣ кардани Тоҷикистон, ки 60 % - и захираҳои обии Осиёи Миёна дар қаламрави он ҷойгир аст, метавонад Тоҷикистонро ба яке аз кишварҳои сарватманди ҷаҳони ислом табдил диҳад. Ин ҳамкориҳоро метавон чи дар доираи ҳукуматҳо ва чи дар доираи СКИ, ки Арабистони Саудӣ яке аз маблағгузорони асосии он аст, анҷом дод [15].

Бояд гуфт, ки матбуоти даврии тоҷик дар густариши ин муносибатҳо ва расонидани ахбори судбахш саҳмгузор аст. Чунончи аз маводи сомонаҳои нашрияҳои мазкур бармеояд, ҳамкориҳо бо кишварҳои арабӣ дар ҳоли пешравӣ аст. Вобаста ба муносибати ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ мавод дар нашрияҳои даврӣ хеле зиёд аст. Чунончи, АМИТ “Ховар” дар такя ба Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вохӯрии Президенти кишвар бо раиси Шӯрои директорони ҳолдинги “Издон” – и Қатар бо номи “Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо шайх Холид ибни Сонӣ оли Сонӣ” матлаб чоп кардааст, ки дар он дар бораи омодагии ҳамкории давлати Қатар дар бахшҳои бонкдорӣ, суғурта, тандурустӣ ва татбиқи дигар лоиҳаҳои муфиди кишвари мо иттилоъ додааст. Аз қавли раиси Шӯрои директорони ҳолдинги “Издон” аз ҷониби Қатар сохтмон ва фаъол гардонидани як бонк, ки бо низоми бонкдории исломӣ фаъолият хоҳад кард ва як шифохонаи муосир тасмим гирифта шудааст [16]. Бояд тазаккур дод, ки дар бораи

таъсиси аввалин бонки низомаш исломӣ дар матбуоти кишварҳои арабӣ низ хабарҳо ба табъ расидааст [3, с. 311].

Ҳамчунин, дар робита ба ҳамин мавзӯъ рӯзи 2 –юми ноябри соли 2017 сомонаи нашрияи “Тоҷикистон” бо номи “Бонки Марказии Қатар ба мо кумак мекунад” хабар нашр кардааст. Нашрия дар такя ба дафтари матбуоти Бонки миллӣ аз вохӯрии Раиси бонки миллии Тоҷикистон бо ҳайати бонки марказии Қатар таҳти роҳбарии Раиси бонки марказии ин кишвар Шайх Абдулло ибни Сауд оли Сонӣ хабар додааст. Дар хабар омадааст, ки ин мулоқот натиҷаи сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Қатар (5.02.2017) аст, ки дар доираи он Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкории бонкӣ ба имзо расида буд. Дар хабар зикр гардидааст, ки низоми бонкии исломӣ дар ҷаҳони муосир мавқеи намоён дошта, доираи васеи истеъмолкунандагони хизматрасонии бонкиро ба худ ҷалб кардааст. Нашрия дар робита ба ин масъала, дар такя ба суханони Раиси бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода менависад: “Тоҷикистон дар Осиёи Миёна якумин ва ягона кишваре аст, ки қонуни алоҳидаи соҳавиро соли 2014 оид ба фаъолияти бонкии исломӣ қабул кардааст. Ва бо Бонки Исломии Рушд ва мушовирони байналмилалӣ дар самти таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқии роҳандозии принсипҳои маблағгузории исломӣ ва кушодани институтҳои қарзии исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ҳамкорӣ дорад” [17]. Давлати Қатар низ аз ҷорӣ намудани низоми бонкдории исломӣ изҳори хушнудӣ намуда, омодагии хешро бо истифода аз имкониятҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои иқтисодиёти Тоҷикистон иброз доштааст. Ҳамчунин дар маводи нашрия омадааст, ки Қатар метавонад бо истифода аз мутахассисони пуртаҷрибаи хеш барои кормандони низоми бонкии Тоҷикистон дар наздиктарин вақт семинар ва машғулиятҳои омӯзиширо дар самтҳои гуногун ба роҳ монад [17]. Аз хабари мазкур маълум мешавад, ки чунин вохӯриҳо ба таҳкиму тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд имкониятҳои хуб фароҳам меорад. Бояд тазаккур дод, ки дар бораи таъсиси аввалин бонки низомаш исломӣ дар матбуоти кишварҳои арабӣ низ хабарҳо ба табъ расидааст [18].

Лозим ба ёдоварист, ки дар матбуоти даврӣ оид ба муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистон бо дигар давлатҳои арабии халиҷи Форс (Қатар, Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА), Қувайт, Баҳрайн) низ маводи зиёд мушоҳида мешавад. Масалан, 30-юми соли 2010 нашрияи “Тоҷикистон” таҳти унвони “Оли Сонӣ 500 млн.$ ба иқтисоди Тоҷикистон медиҳад ” хабар чоп кардааст. Дар хабар гуфта мешавад, ки Президенти Тоҷикистон ва Амири давлати Қатар оид ба бунёди масҷиди ҷомеъи Душанбе, ки бузургтарин дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ хоҳад буд ва бунёди шаҳраки қатарии Диёри Душанбе дар пойтахти Тоҷикистон тасмимоти муштарак гирифтаанд. Амири Қатар омодагии давлати худро ба равон намудани беш аз 500 млн.$ сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон тасдиқ намуд [19]. Нашрия инро аз нишонаҳои нахустини ҳамкории бунёдии ду кишвар маънидод кардааст. Ҳамчунин, рӯзномаи мазкур 24.06.2010 дар бораи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо АМА хабаре бо номи “Абудабӣ ба Тоҷикистон 15 млн.$ қарз медиҳад” ба табъ расонидааст. Дар он иттилоъ медиҳад, ки Хазинаи рушди Абудабӣ барои сохтмони роҳҳо ба Тоҷикистон 15 млн.$ қарз медиҳад. Дар ин хабар гуфта мешавад, ки қарз барои 15 сол дар ихтиёри Тоҷикистон гузошта мешавад ва дар давоми панҷ соли аввал Тоҷикистон барои он танҳо 2 % пардохт мекунад [20].

Қобили тазаккур аст, ки дар ВАО-и кишварҳои арабӣ низ оид ба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо давлатҳои мазкур хабарҳо чоп шудааст. Чунончи, Агентии иттилоотии Саудӣ оид ба имзои 3 шартномаи ҳамкорӣ ва 2 ёддошти тафоҳум дар соҳаҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ, илм ва технология, ҷавонон ва варзиш, алоқаи ҳавоӣ ва ҳамкорӣ байни Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон бо Вазорати таҳсилоти олии ШАС маълумот оварда, аз тарафи кӣ имзо кардани масъули ҳукуматҳоро хабар додааст [21].

Бояд гуфт, ки Президенти кишвар дар Форуми иқтисод ва ҳамкории арабӣ бо кишварҳои Осиёи Миёна ва Озорбойҷон, ки дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, аз сатҳи муносибатҳо бо кишварҳои арабӣ изҳори қаноатмандӣ кард, аммо ҳамкориҳоро дар бахши иқтисодӣ ва сармоягузорӣ нокифоя хонд. Мувофиқи маълумоти Президент саҳми кишварҳои арабӣ дар тиҷорати хориҷии Тоҷикистон ҳамагӣ 1,5 дарсадро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо дигар кишварҳо ночиз аст ва бо дарназардошти тамоми имкону захираҳо ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нест [22].

Қобили тазаккур аст, ки дар хабар зикр кардани санаи рӯйдод аз талаботи асосии журналистӣ буда, он аз нав будани иттилоъ дарак медиҳад [5, с. 324], аммо мутаассифона, баъзе нашрияҳои Тоҷикистон, аз ҷумла “Ҷумҳурият”, на ҳамеша санаи рӯйдодро зикр мекунад.

Новобаста аз хабарҳо дар бораи муносибатҳои расмӣ, иқтисодӣ ва ҳамкориҳо инчунин дар матбуоти даврии Тоҷикистон, хусусан дар нашрияҳои хусусӣ хабару мақолаҳо низ дар бораи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои арабӣ ба табъ расидааст. Масалан, дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” аз 08.01.2018 хабаре таҳти унвони “Шоҳзодаҳои Арабистон як-як паси панҷара рафтанд” ба нашр расида, ки дар он дар бораи Қарори роҳбарони кишвар оид ба кам кардани харҷи давлатӣ барои аъзои хонаводаи шоҳ ва эътирози шоҳзодаҳо аз ин қарор хабар дода мешавад. Баъди сарпечӣ аз амри пароканда шудан ҳамаашонро ба зиндон бурдаанд, хабар додааст нашрия. Ҳамчунин дар идомаи хабар гуфта мешавад, ки Муҳаммад ибн Салмон вориси ҷавони шоҳи Саудӣ роҳи ислоҳотро дар кишвараш пеш гирифтааст [23].

Инчунин, вобаста ба ҳодисаҳои кишварҳои арабӣ 4 – уми июли соли 2016 ҳафтаномаҳои “Тоҷикистон” дар такя ба иттилои оҷонсиҳои хориҷӣ бо номи “Таркиш дар назди консулгарии Амрико дар Ҷиддаи Арабистони Саудӣ” матлаб чоп кардааст. Дар хабар гуфта мешавад, ки шахси интиҳорӣ (худкуш) худро дар назди консулгарии Амрико таркондааст, ки дар натиҷа даҳ нафар мачруҳ шудааст. Вазорати амнияти Арабистони Саудӣ низ ин хабарро тасдиқ кардааст. Нашрия ёдоварӣ мекунад, ки консулгарии Амрико дар Ҷидда соли 2004 низ мавриди ҳамла қарор гирифта буд, ки дар натиҷаи он 9 нафар ба ҳалокат расиданд [24].

Қобили тазаккур аст, ки яке аз мавзӯъҳое, ки мавриди таваҷҷуҳи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ гашта буд, ин чандин ҳолатҳои ба ғуломӣ гирифтор шудани шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои арабӣ, аз ҷумла дар Арабистони Саудӣ ва Аморати Муттаҳидаи Араб, мебошад. Баррасии мавзӯи мазкур дар нашрияҳои давлатӣ мушоҳида нашуд, аммо дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” дар бораи воқеаи мазкур ду хабар бо номҳои “Зани тоҷикро аз асорати шайхи араб озод карданд” ва “28 зан ва 7 марди тоҷикро аз асорати арабҳо раҳо карданд” ба табъ расонидааст.

Хабари якум рӯзи 5.10.2017 дар такя ба нашри видеоии сомонаи “Ахбор.ком” ба чоп расидааст. Дар он дар бораи бо кумаки намояндаи сафорати Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ аз асорати корфармояш раҳо шудани Нурбибӣ Мансурова, як зани тоҷики серфарзанд аз ноҳияи Восеъ, иттилоъ медиҳад. Дар хабар гуфта мешавад, ки мавсуф 24 фарзанд таваллуд кардааст, ки аз онҳо 15 нафараш дар қайди ҳаётанд. Зарурати таъмини рӯзгор ӯро маҷбур кард, ки роҳи муҳоҷират ба Арабистони Саудиро пеш бигирад, аммо ба доми фиреб афтодааст. Нашрия дар такя ба суханони Мансурова Н. менависад, ки ӯ тавассути ширкати “Имкон-2015” ба Арабистони Саудӣ фиристода шудааст. Мувофиқи шартнома вай зани пиреро бояд нигоҳубин мекард ва ҳар моҳ бояд 600 $ маош мегирифт. Ҳамчунин, тибқи қарордод ҳар се моҳ як бор ба ватан биёяд ва баъди ду сол харҷи сафари Ҳаҷро ҳам барояш пардохт мекунанд. Аммо баъди имзои қарордод вақте ба Саудӣ омад, ӯро барои хидматгорӣ ба хонаи як араб супориданд. Корфармо аз рӯзи аввал ин зани тоҷикро ба мисли як ғулом кор мефармояд. Нашрия оид ба шароити вазнини кор аз қавли худи Нурбибӣ менависад: “Бародарони азиз! Маро дашном накунед. Ман дурӯғ намегӯям. Дар сарам мӯ намондааст. Калам карданд, ҳамаро канданд, гирифтанд. Ман фиреб хӯрдам. Ман гуфтам духтару бачаамро бихононам, одам шаванд. Ман рӯзи пастиамро фикр кардам, омадам ин ҷо”. Дар хотимаи хабар иттилоъ дода мешавад, ки Додситони кулли Тоҷикистон нисбати се ширкат ҶДММ “Абдулкарим”, “Ҷамол-2012” ва “Имкон-2015” бо иттиҳоми хариду фурӯши одамон парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардааст [25].

Хабари дуюм низ ба ҳамин қазия мутааллиқ буда, иттилоъ дода мешавад, ки кӯшишу мусоидати мақомоти дипломатии Тоҷикистон аз аввали соли 2017 то 23-юми моҳи октябр 35 нафар шаҳрванд, аз ҷумла 28 зан ва 7 мардро, ки дар Саудӣ дар шароити ғуломона кору зиндагӣ доштанд, ба ватан баргардонидаанд. Занон асосан кори хидматгорӣ ва парасторӣ мекарданд ва мардон ба ронандагӣ ва боғбонӣ машғул будаанд. Дар такя ба суханони халосшудагон – Холида Раҷабова (34 сола), Шамсия Асаналишоева (46 сола) ва Нурбибӣ Мансурова дар бораи шароити вазнин ва азобу ранҷи онҳо иттилоъ додааст [26].

Аз тадқиқи мо хулоса шуд, ки ҳеҷ рӯзноманигори тоҷик ба ин кишварҳои арабӣ сафар накардааст ва ҳамаи маводи нашршуда дар такя ба ахбори сомонаҳои

интернетӣ ва оҷонсиҳои хабарӣ нашр шудааст. Ин, албатта, таъсири худро ба воқеияти ҳодисаҳо гузоштааст ва аз ин сабаб, матолиби дар матбуоти Тоҷикистон навишташуда, баъзан хосияти русӣ доранду баъзан хосияти ғарбӣ ва дар ҳолатҳои дигар хосияти ирониву арабӣ.

Хулоса, аз таҳлил ва таҳқиқи маводу матолиби расонаҳои Тоҷикистон марбут ба кишварҳои арабӣ маълум мегардад, ки хабару гузоришҳо дар матбуот имконияти мусоиди муаррифии бештар ҷиҳати дарёфти самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Тоҷикистонро фароҳам меоваранд. Чуноне ки профессор И. Усмонов менависад: “Ҳадаф аз таблиғоти хориҷӣ бояд ҳамкории давлатҳо, сулҳ дар як кишвар ва тамоми ҷаҳон бошад” [7, с. 22].

Бояд гуфт, ки матбуоти Тоҷикистон ба ҳаводиси олами араб таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, талош кардаанд, ки аз омилҳо ва сабабҳои ин таҳаввулоти сиёсиву низомӣ мардуми кишвари худро огоҳ кунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахмедов Ш.Р. Мақом ва нақши васоити ахбори омма дар сиёсат / Ш.Р.Ахмедов // Паёми ДМТ № 3/8 (150). 2. -Душанбе: Сино, 2014. -С. 137-140.
2. Давлатов З.Қ. Раванди муносибатҳо ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо мамлакатҳои халиҷи Форс / З.Қ.Давлатов // Паёми ДМТ, -№ 10 (74), – Душанбе: Сино, 2011. -с. 329 – 335.
3. Қаландаров С.Д. Шеваи инъикоси сафарҳои расмии Президент дар расонаҳои арабӣ / С.Д. Қаландаров // Паёми ДМТ 4/4 (206). -Душанбе: Сино, 2016. -С. 309 – 314.
4. Муқим Ҷ. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 144 с.
5. Муқимов М. Воқеият ваинъикоси он дар расонаҳои Тоҷикистон / М. Муқимов // Паёми ДМТ № 3/8 (150). -Душанбе: Сино, 2014. -С. 321-326.
6. Разоков Ш. Проблемы и перспективы развития сотрудничества республики Таджикистан с арабскими странами Персидского залива в годы независимости / Ш. Разоков. - Душанбе: Дакики, 2015. – 288 с.
7. Разоқов Ш.А. Раванди ташаккули равобити дипломатии тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳони араб / Ш.А. Разоков. – Душанбе: Сино, 2015 // Паёми ДМТ, -№ 3/7 (179). -С. 127 – 133.
8. Саъдуллоев А. Нақвои наҷотофарин. (маҷмӯаи мақолаҳо) / А. Саъдуллоев. -Душанбе: Озар. -2008, -110 с.
9. Усмонов И. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон / И.Усмонов – Душанбе: Сино.- 2003, -63 с.
10. Сомонаи ҳафтаномаи «Деловая неделя» [Захираи электронӣ]. http://www.dn.kz./main/peace04.htm (3.07.2018)
11. [Захираи электронӣ]. http://www.president.tj/node/ (3.07.2018)
12. [Захираи электронӣ]. http://khovar.tj 7.01.2016. АМИТ «Ховар»
13. [Захираи электронӣ]. http://khovar.tj (7.01.2016 (АМИТ «Ховар»)
14. [Захираи электронӣ]. http://jumhuriyat.tj (18.10.2017)
15. [Захираи электронӣ]. http://khovar.tj/2016/01/minta-ashinos-arabistoni-saud-metavonad-ba-iftito-i-markaz-oi-far-ang-din-dar-to-ikiston-zamina-guzorad 5.01.2016. 17:36
16. Нашрияи “Миллат”, № 17 (243), 29.04.2010.
17. [Захираи электронӣ]. http://khovar.tj Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо шайх Холид ибни Сонӣ оли Сонӣ 18.09.2014.
18. [Захираи электронӣ]. http://www.al-watan.com 2014/09/21، مباحثات لتأسيس أول بنك إسلامي في طاجيكستان
19. [Захираи электронӣ]. http://tajikistantimes.tj/news Бонки Марказии Қатар ба мо кумак мекунад. 02.11.2017.
20. Нашрияи “Тоҷикистон”. -№ 39 (873), 30.09.2010.
21. Нашрияи “Тоҷикистон”. -№ 25 (859), 24.06.2010.
22. [Захираи электронӣ]. (http:// www.was.sa/1442266 23 الرياض، خادم الحرمين الشريفين يعقد جلسة مباحثات مع رئيس طاجيكستان ربيع الأول 1437هـ الموافق 3 يناير 2016م واس
23. [Захираи электронӣ]. http://tajikistantimes.com/tajikistan/prezident-sa-mi-kishvar-oi-arabiro-dar-ti-orati-hori-ii-to-ikiston-nochiz-hond/ 16.10.2017.
24. [Захираи электронӣ]. http://tajikistantimes.com/politic/sho-zoda-oi-arabiston-yak-yak-pasi-pan-ara-raftand 08.01.2018.
25. [Захираи электронӣ]. http://tajikistantimes.com/news/tarkish-dar-nazdi-konsulgarii-amriko-dar-iddai-arabistoni-saud 04.07.2016.
26. [Захираи электронӣ]. http://tajikistantimes.com/tajikistan/zani-to-ikro-az-asorati-shayhi-arab-ra-o-kardand 05.10.2017.
27. [Захираи электронӣ]. http://tajikistantimes.com/tajikistan/28-zan-va-7-mardi-to-ikro-az-asorati-arab-o-ra-o-kardand 23.10.2017.

НАҚШИ ВАО ДАР БАРРАСИИ ВАЗЪИ ҚУНУНИИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ

Дар мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати байналмилалии Тоҷикистон – муносибат бо кишварҳои араб ва инъикоси масоили мазкур дар матбуоти даврии тоҷик баррасӣ мешавад. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар шароити пуртазоду зудтағйирёбандаи ҷомеаи муосир ва авҷ гирифтани ҷанги сард дар бархе аз нуқтаҳои дунё нақши ВАО нисбат ба солҳои қаблӣ хеле бориз ва муҳим гаштааст. Дар ҷаҳони муосир, ки асосан ҷомеаи иттилоотӣ ном мебаранд, нақши воситаҳои ахбор хеле барҷаста гаштааст, зеро он имрӯз имконияти фаровон дорад ва дар самти таҳким ва густариши

муносибатҳои байнидавлатӣ нақши муҳим бозида метавонад. Инъикоси воқеоти кишварҳои араб дар васоити ахбори оммаи Тоҷикистон ба раванди ояндаи густариши муносибатҳо низ таъсири бузург доранд, зеро ин аз чӣ гуна арзёбӣ шудани рӯйдод дар ВАО бисёр вобастагӣ дорад. Матбуоти даврии Тоҷикистон пайваста барои рушду нумуи муносибатҳои мутақобилаи кишварҳо мавод аз рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳони араб дар матбуоти даврии кишварамон интишор мекунад. Аз омӯзиши маводи сомонаҳо маълум мешавад, ки тайи солҳои охир рушди муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб ба таври назаррас инкишоф меёбанд. Бахусус, муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб дар сатҳи баланд қарор дошта, мунтазам густариш меёбанд. Далели ин ахбори матбуот оид ба сафарҳои мутақобилан судманди ҷонибҳо мебошад. Барои тасдиқи гуфтаҳо муаллиф силсилаи маводро дар рӯзнома ва сомонаҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатӣ баррасӣ менамояд. Аз натиҷаи таҳқиқ муаллиф ба хулосае меояд, ки хабару гузоришҳо дар матбуот имконияти мусоиди муаррифии бештар ҷиҳати дарёфти самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Тоҷикистонро фароҳам меоваранд. Бояд гуфт, ки матбуоти Тоҷикистон ба ҳаводиси олами араб таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, талош кардаанд, ки аз омилҳо ва сабабҳои ин таҳаввулоти сиёсиву низомӣ мардуми кишвари худро огоҳ кунанд.

Калидвожаҳо: матбуот, жанр, хабар, мақола, сиёсати хориҷӣ, иқтисод, равобити дуҷониба.

РОЛЬ СМИ В ОСВЕЩЕНИИ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ

В статье речь идёт об одном из актуальных вопросов международной политики Таджикистана – отношениях Таджикистана с арабскими странами и их освещении в таджикской периодической печати. Автор особо подчёркивает, что в условиях противоречивости и переменчивости современного общества и усиления холодной войны в некоторых регионах мира роль СМИ становится более важной и ключевой. В мировом информационном обществе СМИ имеют широкие возможности в сфере упрочения и развития межгосударственных отношений. Освещение событий арабских стран в средствах массовой информации Таджикистана значительно влияет на развитие этих отношений и в будущем, так как это связано с состоянием освещения происшествий в СМИ. Таджикская периодическая печать с целью освещения развития взаимоотношений государств регулярно публикует материалы и о политических событиях арабских стран. Из материалов, опубликованных на различных сайтах, становится очевидно, что за последнее время значительно расширились отношения Таджикистана с арабскими странами. В частности, на высшем уровне налажены отношения Республики Таджикистан с Королевством Саудовской Аравии, Катаром и Объединенными Арабскими Эмиратами. Этому свидетельствует материалы печати о взаимовыгодных визитах сторон. Автор статьи проанализировал ряд статей из печатных СМИ и государственных и негосударственных сайтов об этих отношениях. По результатам исследования автор приходит к выводу, что материалы печати способствуют благоприятным возможностям в поисках основных сфер взаимовыгодного сотрудничества и привлечения капитала для развития экономики Таджикистана. Необходимо отметить, что таджикская печать всё больше акцентирует внимание на событиях арабских стран и стремится ознакомить таджикскую аудиторию с факторами и причинами военно-политической эволюции.

Ключевые слова: печать, жанр, информация, статья, зарубежная политика, экономика, двухсторонние связи.

ROLE OF THE MASS MEDIA IN CONSIDERING OF RECENT POSITION OF TAJIKISTAN RELATION WITH ARABIC COUNTRIES

In this article one of the important issues of international policy of Tajikistan–relation with Arabic countries and reflect of above-mentioned issues have been considered. The author approves that in the circumstance of more disagreements and rapidly changeable of the current society and processing of cold war, the role of mass media became important in some of the point of world then the previous years. Current world mainly is called informational society and role of the mass media became more outstanding but it has more possibilities today, and can play crucial role in the direct of strengthening and expansion of interstate relations. Reflection of Arabic countries' events in Tajik mass media also effected to the further process of enlarging relations, because it depend on how to value the eventon mass media. Tajik periodicals regularly for the strengthening of mutual relations of the countries have issued the materials from the political world events of Arab in our country's periodical press. From the researching materials become known that during recent years development of Tajik relation with Arabic countries will increase significantly. In particular, relations of Republic of Tajikistan with Kingdom of Saudi Arabia, Qatar and United Arab Emirates are staying in the high level and regularly will enlarge. The fact of this news of press is about mutual useful visits of the sides. For the confirming thoughts, the author has considered series materials from the various web-sites including states and independent. From the result of research the author concluded that news and reports in press gives chance for possessing side of excellent bilateral cooperation and to involve of investment for economy of Tajikistan. It should be noted that Tajik press regard to the events of Arabic countries and attempt that to inform their public domain from issues to causes of this evolution of political and military.

Key words: press, genre, news, article, foreign policy, economy, bilateral relation.

Сведения об авторе: ***Каландаров Сарабек Давлатёрович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры иностранного языка факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-505-44-60**

Information about the author: ***Kalandarov Sarabek Davlatyorovich*** - Tajik national University, candidate of Philology, associate Professor, head of the Department of foreign language of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-505-44-60**

УДК: 070:891.550:82

САҲМИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ТАРБИЯИ КӮДАКОН

Қудусова Р.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода

Пешравиҳои техникӣ ва талаботи замона боиси он гардиданд, ки дар қатори дигар кишварҳо дар кишвари мо низ телевизион таъсис ёбад. Пайдоиши телевизионро чи дар Тоҷикистон ва чи дар ҷумҳуриҳои дигар рӯйдоди муҳимми фарҳангӣ унвон мекарданд ва ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуданд. Вақте телевизион ба сифати воситаи муассир ва муқтадири алоқа ва баъдтар чун воситаи ахбори оммавӣ ба майдони воситаҳои ахбори омма омад, олимон онро муассиртарин воситаи ахбор номиданд. Аз ҷумла, профессор Гулаҳмад Зокиров ин андешаро тасдиқ намуда, телевизионро пуртаъсиртарин воситаи ахбор донистааст: «Солҳои панҷоҳуми асри бист, вақте ки телевизион ба майдон омад, дар тамоми соҳаҳо таҳаввулоти назаррасеро ба вуҷуд овард» [2, с.236]. Ин андешаро собиқадор ва аввалин саркоргардони телевизиони Тоҷикистон Акбар Ҷӯраев низ баъди беш аз як даҳсола фаъолият намудани телевизион дар Тоҷикистон дар охири солҳои 70-уми асри пешин тасдиқ намуда, гуфта буд, ки: «Таҳлилҳо нишон доданд, ки телевизион дар як муддати кӯтоҳи фаъолияти худ бо имкониятҳои фаровонаш тавонист худро ҳамчун як воситаи қудратманду тавоно муаррифӣ намояд» [1, с.20-21].

«Телевизион назар ба дигар ВАО маълумотро дақиқтар ва зудтар ба бинанда мерасонад» [5, с. 265]. - гуфтааст дар мақолаи худ муҳаққиқ З Муминҷонов. Таъсири равонии телевизион ба тарбияи кӯдакон мавзӯест, ки имрӯз муҳаққиқони соҳаи журналистика, педагогика, равоншиносӣ ва сиёсатшиносиро ба худ ҷалб намудааст. Гарчанде телевизион миёни дигар воситаҳои иттилоърасонӣ (матбуот ва радио) ҷавонтар аст, аммо зуд ва бо суръати баланд мавқеъ пайдо намудааст ва ба аудитория таассуроти зиёду гуногун мегузорад. «Ба ҳисоби миёна як америкоӣ 12 соли ҳаёт, англис-11, франсавию итолиёӣ 9 соли ҳаёташонро дар назди телевизор мегузаронанд. 90 фоизи сокинони Русия бо воқеаҳои рухдодаи олам танҳо аз телевизион воқиф мешаванд»

Ҳамаи ин боис мегардад, ки ба ҷанбаҳои гуногуни он аз нигоҳи илмӣ назар афканем. Имконоти тарбиявӣ ва ҳамзамон хатари телевизион ба кӯдакон ниҳоят зиёд аст. Мутаассифона, бо дидани наворҳои ғайриахлоқӣ, беодобона, агрессивӣ ва ҳатто, куштор, хушунату таҷовуз тавассути намоишҳои кӯдакона, алалхусус, филмҳои тасвирӣ ва бадеӣ, ки барои кӯдакон равона шудааст, аён мегардад, ки имрӯз зарари телевизион аз манфиаташ бештар аст. Медиопсихологон ба он андешаанд, ки «имрӯз телевизионҳо ва китобҳои кӯдакона ба таваҷҷуҳу кумаки махсус ниёз доранд. Шариков бошад, дар ин хусус чунин гуфтааст: «Имконоти бузурги телевизион аз ҷониби журналистон ба таври зарурӣ истифода намешаванд. Нақши он дар маърифаткунониву иҷтимоигардонии насли наврас, наздик кардани онҳо ба арзишҳои фарҳангӣ, алалхусус китоб, ба таври бояд ба роҳ монда нашудааст» [4, с.47]. Андешаи муҳаққиқон дар натиҷаи таҳлили телевизионҳои Русия аст. Аммо ба дигар телевизионҳо, махсусан, «Телевизиони Баҳористон» низ тааллуқ надошта наметавонад.

Муассисаи давлатии Телевизиони кӯдакону наврасон «Баҳористон» бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфта, 4-уми сентябри соли 2006 ба фаолият оғоз намудааст. Дар ҷумҳурӣ фарогирии он зиёда аз 80% буда, берун аз ҷумҳурӣ, аз ҷумла, кишварҳои аъзои ИДМ имкони тамошои телевизиони кӯдаконаи Тоҷикистонро доранд. Ҳамин тавр, баъди анҷоми корҳои сохтмони бинои студияи телевизион, омода шудани заминаи моддӣ-техникӣ, интихоб ва омода кардани мутахассисон ниҳоят бори аввал 4-уми сентябри соли 2006 пахши барномаҳои Телевизиони «Баҳористон» оғоз шуд ва инак дувоздаҳ сол аст, ки бо барномаҳои худ хотири тамошобини хурдсолу наврасро шод мегардонад.

Телевизиони «Баҳористон» ҳамарӯза аз соати 7 то соати 22 намоишҳои гуногун пахш мекунад. Чун шабакаи мазкур барои кӯдакону наврасон пешбинӣ шудааст, намоишҳо низ бо назардошти синнусолӣ таҳия мегарданд. Дар Телевизиони «Баҳористон» барномаҳое, ки тавонанд ба тарбияи дурусти кӯдакон таъсири хуб гузоранд, кам нестанд. Барномаҳои «Се духтаракон…», «Калидчаи заррин», «Офарин», «Гумон набаред», «Ғунча», «Чарогӯяк», «Алихону Валихон» ва ғайраҳо.

Телевизиони «Баҳористон» барои тамошобинони хурдсоламон барномаи «Се духтаракон»-ро пешкаш мекунад. Се духтараки дӯстрӯю зебо ҳар бегоҳ бо афсонаҳои шавқовари мардумӣ кӯдаконро ғарқи олами зебои афсонавӣ мегардонанд. Дар ин баробар барномаи мазкур метавонад завқи китобхониро дар кӯдакон бедор созад. Бо лаҳни ширину равон ва забони ноби адабии тоҷикӣ нақл кардани духтаракон лоиқи тақлиди бинанда аст. Афсонаҳои тарбиявӣ дар он барнома бештар нақл мегарданд. Ороиши саҳна низ ба завқи кӯдакон мувофиқ аст. Ҳамчунин, суруди баромаи «Се духтаракон…» мисли барномаи «Калидчаи заррин» писанди кӯдакон мебошад. Ба ҷуз ин дар шакли караоке сурудҳои кӯдаконаи тоҷикӣ низ пешниҳод мегарданд, ки ба инкишофи хотираи кӯдакон саҳмгузор аст.

Чизи дигаре, ки дар телевизион диққати кӯдаконро ҷалб месозад, филми тасвирӣ аст. Бо назардошти ин, аксаран телевизионҳои кӯдакона ҳар чӣ бештар филмҳои тасвирӣ пешкаши аудиторияи худ мекунанд. Телевизиони «Баҳористон» низ аз ин зумра истисно нест. Барои исботи ин гуфтаҳо нақшабарномаи якҳафтаинаи «Телевизиони Баҳористон»-ро, ки барои ҳафтаи дуюми моҳи декабр (аз 8-ум то 15-уми декабри соли 2014) пешбинӣ шуда буд, таҳлил намудем. Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки қисми зиёди намоишҳои телевизиони мазкурро филмҳои тасвирӣ ташкил медиҳанд. Масалан, дар тӯли ҳафтаи мазкур (аз 8 то 15-уми декабри соли 2014) 51%-и эфири телевизионро филмҳои тасвирӣ 23% филмҳои ҳунарӣ ва танҳо 26%-ро намоишҳои дигар ташкил кардаанд. Тамоми филмҳое, ки тариқи Телевизиони «Баҳористон» пахш мегарданд, истеҳсоли хориҷ аз кишвар, махсусан, аз ширкати бузурги Уолт Дисней мебошанд. Мо наметавонем тамоми филмҳои тасвирие, ки тавассути телевизиони мазкур пахш мегарданд, бад гӯем, аммо баъзан филмҳое аз қабили «Шрек», «Бен-10», «Человек паук», «Финкс», «Ренджери», ки агрессивият, бераҳмӣ, беодобӣ ва бадгуфторӣ дар онҳо зиёд аст, пешкаши бинанда мегардад, ки ба кӯдак чизи хуб дода наметавонад.

Муҳаққиқон бар он назаранд, ки «Дунёи худро кӯдакон дар такя ба эпизодҳои телевизионӣ месозанд» [5, с.105]. Қаҳрамонони филмҳои тасвирӣ бо вуҷуди хислати бад доштан қаҳрамонанд, дар маркази диққат қарор доранд. Ин кӯдакро бовар мекунонад, ки тақлид ба қаҳрамони филм метавонад ӯро муваффақ гардонад. Выготский дар ин хусус чунин гуфтааст: «дар барномаҳои телевизионӣ журналист тамошобини хурдсолро бояд бо қаҳрамонии қаҳрамонҳои афсонаҳо шинос намояд».

Ба ҷуз ин филмҳои тасвирие низ ҳастанд, ки хислати тарбиявӣ низ доранд, ба монанди «Будный аэропорт», «Пикаё», «Милли и Молли». Дар ин гуна филмҳо хислатҳои хуби инсонӣ, аз қабили дӯстӣ, рафоқат, меҳрубонӣ, дастгирии якдигар, иттифоқ тарғиб мегарданд. Дар баробари ин, дар инкишофи тафаккури кӯдакон метавонад мусоидат кунад.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки телевизиони кӯдакона бояд бештар барномаҳоеро пахш намояд, ки таҷассумгари расму анъанаҳои миллӣ буда, дар замири ин насли ҷомеа ҳисси ватандӯстию худшиносии миллиро баланд гардонад. Инчунин, ба ҷиҳати ташаккулдиҳии фаҳмиши кӯдакон диққати бештар додан даркор. Яъне, барномаҳо тавре омода шаванд, ки аз тамошои он тамошобини хурдсол на танҳо вақти худро гузаронад, инчунин боз савияи дониш ва чаҳонбиниаш низ васеъ гардад. Аммо, мутаассифона, дар шабакаи «Баҳористон» барномаҳои ватании хислати омӯзишиву тарбиявидошта нихоят каманд ва хуб мешуд, агар мутасаддиён ба ин ҷиҳати кор аҳамияти бештар медоданд. Зеро, дар асл, журналистикаи кӯдакона як бахши муҳимми соҳа аст, ки дар интихоби роҳи ояндаи кӯдакон нақши бориз гузошта метавонад. Табиист, ки он дунё, яъне дунёе, ки телевизион ба кӯдакон пешкаш мекунад, бояд зебо бошад. Телевизион дар қатори мактаб, оила ва марказҳои таълимиву ҷойҳои ҷамъиятӣ тарбиятгари кӯдакону наврасон мебошад. Оилаи нилгун талқингари ахлоқи ҳамида ва воситаи тавонои тақвияти хислатҳои нек дар байни онҳост. Яъне, телевизион қодир аст бинандаро тарбият кунад. Зеро:

1. Шабакаи кӯдакона- телевизиони аз барномаҳои махсус таркибёфтаест, зеро дар он вазифаи тарбиятгар, омӯзгор ва сотсиализатор вогузор карда шудааст.

Телевизиони барои кӯдакону наврасон пешбинишуда бояд дар замири насли наврас ҳисси худшиносии миллӣ, муқаддасоти умумифарҳангӣ, инсондӯстӣ, ташаккулёбии ҳамаҷонибаи ахлоқи ва ҷисмониро бедор намояд.

2. Тавассути телевизион дар фаҳмиши кӯдак образи ҳақиқат ташаккул меёбад, услуб ва шакли одобу рафтор пайдо мегардад, шакли муайяни муносибат нисбат ба ҳаёт тавлид мешавад.

3. Он ба тамошобини хурдсол меъёрҳои одоб, махсусиятҳои рафтор ва дигар хусусиятҳои мусбиро меомӯзонад. Ин аст, ки дар барномаҳои телевизионҳои кӯдакона аз таҷрибаҳои мутахассисони соҳаи маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва ғ. васеъ истифода мебаранд. Зеро, он маълумоте, ки кӯдак аз тамошои чунин барномаҳо қабул мекунад, барояш фаҳмоанд ва дар таҷрибаи шахсиаш бемалол истифода бурда метавонад.

Бовар дорем, ки эҷодкорони шабакаи кӯдакону наврасон «Баҳористон» ин паҳлуҳоро ба назар гирифта, шумораи барномаҳои маърифату манфиатбахшро зиёд мегардонанд ва дар тарбияи насли солим нақши худро бештар хоҳанд гузошт.

А Д А Б И Ё Т

1. Джураев А. Телевидение / А. Джураев. - Душанбе, 1979. - С. 20-21.
2. Зокиров Г. Сиёсатшиноси / Г. Зокиров. - Душанбе, 2005. -С. 236.
3. Выгодский Л.С. Психология развития ребенка / Л.С. Выгодский. - М.: ЭКСМО, 2003. - 339 с.
4. Шариков А.В. Детское телевидение. Взгляди сотсиолога / А.В.Шариков, В.П. Чудинова // Дети и культура; отв.ред.Б.Ю. Сорочкин. - М.; Ком.Книга, 2007. - С.47.
5. Фрейд З. Женственност / З.Фрейд. Лексия; пер. с.нем. – М.:Наука, 1989. – С. 105.
6. Муминҷонов З. Роль телевизионных новостей в формировании общественного мнения / З. Муминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши гуманитарӣ. – Душанбе: Сино, 2017. –№4\3. - 265 с.
7. Сеткаи телевизиони ТВ «Бахористон» аз 8-ум то 15-уми декабри соли 2014.

САҲМИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ТАРБИЯИ КӮДАКОН

Гарчанде телевизион миёни дигар воситаҳои иттилоърасонӣ (матбуот ва радио) ҷавонтар аст, аммо зуд ва бо суръати баланд мавқеъ пайдо намуда ва таассуроти зиёду гуногун гузошта метавонад. Телевизион воситаи эътимодбахши иттилоърасониест, ки дар як муддати кӯтоҳ тавонистааст, бинандагони зиёд пайдо карда, дар ҳар хонадон маскан гирад. Эътимодбахшиаш дар он аст, ки ба навор сари кор гирифта, бинандаро шоҳиди бавоситаи воқеа мегардонад. Телевизион чун сарчашмаи маълумотҳои гуногунранг дар ҳаёти кудакону наврасон низ нақши муҳимро мебозад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки аксаран тасаввуроти ин табақаи аҳолӣ дар бора олам тавассути васоити ахбори омма, алалхусус телевизион, ташаккул меёбад. Ҳадафи асосии телевизиони кӯдакон, пеш аз ҳама, бояд дар он дарҷ гардад, ки вай сирф кӯдакона бошад. Кӯдак ҳангоми тамошои барномаҳои он ба олами рангини кӯдакона ғарқ шуда тавонад. Баранда, қаҳрамон ё типажҳои барномаҳои кӯдакона бояд дӯстони тамошобини хурдсол бошанд. Чи тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ҳангоми тамошои филмҳои тасвирӣ хурдсолон дар ҳаёти ҳаррӯзаашон кӯшиш мекунанд ба ин ё он қаҳрамони он монанд бошанд. Барномаҳои телевизионӣ низ бояд мисли филмҳои тасвирӣ ба дили тамошобин роҳ ёбанд. Тамошобин пахш шудани барномаи навбатиро бесаброна интизорӣ кашад. Барномаҳои телевизиони кӯдакона бояд дар шакли саҳначаҳои хурд-хурди ҳаҷвӣ, ки хислати тарбиявиро дар худ ниҳон доранд, омода шаванд. Чунин шакли барномасозӣ имкон медиҳад, ки на танҳо тамошобини хурдсолу наврас, балки волидони онҳо низ ба шабакаҳои кӯдакона рӯ меоранд. Инчунин, таҳияи барномаҳои саҳнавӣ нутқи шифоҳии кӯдакро хубтар инкишоф дода, тарзи гуфтори адабиро ба вай меомӯзонад. Ин аст, ки таъсири барномаҳои телевизионӣ ба тарбияи кӯдакон мавзӯест, ки имрӯз муҳаққиқони соҳаи журналистика, педагогика, равоншиносӣ ва сиёсатшиносиро ба худ ҷалб намудааст. Дар ин кор маълумоти мухтасар оид ба табиати истифодаи барномаҳои кӯдаконаи телевизионӣ ва баррасии мақоми он дар барномаҳои алоҳидаи муассисаи давлатии телевизионии кӯдакону наврасон «Баҳористон» таҳлил шудаанд.

Калидвожаҳо: телевизион, журналист, тарбия, кӯдак, барнома, «Баҳористон».

РОЛЬ ТЕЛЕВИДЕНИЯ В ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ

Несмотря на то, что телевидение по сравнению с другими средствами массовой информации, намного моложе, но оно с высокой скоростью занимает важное место в доме и в жизни каждого человека. Информация, полученная телевидением, внушает доверие, поэтому в короткий срок она может войти в дом каждого из нас и имеет бесчисленную аудиторию. Её достоверность заключается в том, что она работает с видео и с её помощью зритель становится очевидцем происшествия. Как источник разной информации телевидения также играет важную роль в жизни детей и подростков. Практика показывает, что в большинстве случаев представления этого слоя общества об окружающем мире развиваются с помощью средств массовой информации, особенно телевидения. Цель детского телевидения заключается в том, что оно должно быть по-настоящему детским. Что бы при просмотре её передач, ребёнок смог загрузится в мир детство. Ведущий или типажи передач должны быть друзьями детей. Как мы все знаем, при просмотре мультфильмов или сказок дети непосредственно постараются подражать её героям. Передачи детского телевидения также должны завоевывать сердца своих зрителей. Что бы ребёнок с нетерпением ждал следующего выпуска любимой передачи. То есть телепередачи выполняют важную роль в воспитании подрастающего поколения. Детские телепередачи должны создаваться в качестве коротких сценок и иметь воспитательный характер. Это даёт

возможность привлечь внимание не только детей, но и их родителей. Также создание сценических программ развивает устную речь детей и учит их разговаривать на литературном языке. Поэтому эта тема, то есть влияние телевидения в воспитании детей, привлекла к себе внимание исследователей сфер журналистики, педагогике и психологии и политологии. В данной статье дана краткая информация об использовании детских телепередач и анализированы некоторые передачи детского телевидения «Бахористон».

Ключевые слова: телевидение, журналист, передача, воспитание, ребёнок, «Бахористон».

THE ROLE OF TELEVISION IN THE UPBRINGING OF CHILDREN

Despite the fact that television, in comparison, with other media, is much younger, it has with high speed occupied an important place in the house and in the life of every person. The information obtained by television inspire trust, that is why in short time it could be enter in each our house and has countless audience. The accuracy conclude of it is working with video materials and give opportunity to vireos became spectators. It is source of different televisions informations, also plays an important role in a life of children and teenagers. The goal of children s television is that it must be truly aimed to the right age group, so that when watching the programs the child can immerse in the world of childhood. The children relate to the presenter like a friend. As we all know, when watching cartoons or fairy tales, children are directly trying to imitate the characters. The transfer of children s television should win the hearts of their viewers, so that the child is eagerly awaiting the next session of their favorite program. That is, telecasts play an important role in the upbringing of the younger generation with ease. The practice shoes us that in the most time representation of this layer society thinking about the world surrounding use, developing by the media, especially by televisions. The child television has to create as a short scene and has a educational characters. It is give opportunity to attract attention not only the kids by the parents too. Furthermore, creation the scenes program improves oral skills and teaches them to talking in literature language.Therefore, this theme, that is, the influence of television in the upbringing of children, attracted the attention of researchers in the fields of journalism, pedagogy, psychology and political science. This article gives brief information about the use of children s TV programs and analyzed some programs of children s television «Bakhoriston».

Key words: television, journalist, program, child, «Bahoriston».

Сведения об авторе: ***Куддусова Рухшона*** - Таджикский государственный институт искусства и культуры им. М. Турсунзаде, аспирант кафедры телевизионной журналистики. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Борбада, 73 А. E-mail: **raksanajon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-83-10-74**

Information about the author: ***Kuddusova Ruhshona*** - Tajik State Institute of Art and Culture. M. Tursunzade, graduate student of the department of television journalism. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 73 A. E-mail: **raksanajon@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-83-10-74**

УДК: 070(575.3) (575) (1-87)

РАДИОИ «ОСИЁИ ОЗОД» ДАСТГОҲИ ТАРҒИБОТИИ ИМА

Муқимов М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ВАО новобаста аз муҳтаво, шакл, намуд ва аудиторияи худ бунёдан ниҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад [6, с.251]. Пайдо шудани технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ду даҳсолаи охир ба ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ оварда ва он ба табдили иттилоъ ҳамчун омили муборизаи сиёсӣ ва олоти амалигардонии ҳадафҳои давлат дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат намуд. Ҳамин тавр, ВАО силоҳи пурқудрати таъсиррасонӣ ба муҳити иттилоотӣ ва имиҷи давлат гардид. Ҳамин аст, ки аксари кишварҳо барои амалӣ кардани аҳдофи сиёсии худ аз тарғиботи расонаҳо истифода мекунанд. Масалан, ИМА барои роҳандозии сиёсати хориҷии худ як қатор расонаҳоро таъсис дода, «… тавассути дастгоҳҳои тарғиботиаш ба мисли Телевизион ва радиои «Садои Америка», Телевизиони «Ал-Ҳурра», Радиои «Сава» (барои кишварҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ), Радио ва телевизиони Мартӣ (барои Куба), Радиои «Аврупои озод»/«Озодӣ», Радиои «Осиёи озод» ба 61 забони миллӣ ва ба 125 кишвари дунё ҷанги иттилоотии густурда мебарад» [7, с. 267].

Радиои «Осиёи озод» ташкилоти хусусии ғайритиҷоратӣ аст, ки аз ҳисоби Конгресси ИМА (буҷаи федеролии ИМА) маблағгузорӣ гардида, аз ҷониби Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (аз соли 1995 то 22 августи соли 2018 ташкилоти мазкур бо номи Шӯрои идораи пахши барномаҳо - BBG фаъолият мекард) идора карда мешавад. Радиои мазкур 12-уми марти соли 1996 аз ҷониби Кумитаи озодии Осиё таъсис ёфта, барномаи аввалини он 29 сентябри соли 1996 ба эфир баромад.

Ҳадафи радио бурдани тарғибот ба кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Осиёи Ҷанубӣ Шарқӣ аст, ки қаблан рӯ ба тарзи рушди сотсиалистӣ оварда буданд ва аз ҷониби Иттиҳоди Шӯравӣ дастгирӣ меёфтанд.

Штаб-квартираи радио дар шаҳри Вашингтони иёлоти Колумбияи ИМА ҷойгир аст. Хонум Либбӣ Лю, хитоии зодаи Калифорния аз моҳи сентябри соли 2005 президенти радио ва журналисти байналхалқӣ Хонум Бау Фанг директори иҷроияи радио мебошад. Буҷаи солонаи радиои мазкур беш аз 38,3 млн. доллярро ташкил медиҳад. Ҳамчунин он қисман аз ҷониби Хазинаи фарҳанг ва озодии Корея маблағгузорӣ мешавад. Радио ба 9 забон дар 6 мамлакат - Бирма, Камбоҷа, Лаос, Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ветнам барнома пахш мекунад. Радиои «Осиёи озод» ҳамчун умури ахбори интернетӣ низ фаъолият дорад. Радиои «Осиёи озод» 10 сомонаи чандрасонаии интерактивӣ дорад, ки 9-тои он ба забонҳои пахши барномаҳо буда, сомонаи 10-ум ба забони англисӣ аст.

Бояд гуфт, ки маводи Радиои «Осиёи озод» аз соли 2005-ум аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ тавассути подкастҳо, RSS ва твиттер-каналҳо низ паҳн карда мешаванд.

Дар Радиои «Осиёи озод» 256 нафар корманди штатӣ, 140 нафар хабарнигорони маҳаллӣ ва мухбирони ғайриштатӣ фаъолият мекунанд.

Рисолати Оҷонсии ВАО-и глобалӣ дастгириву ҳифзи озодӣ ва демократия тавассути пахши иттилои воқеӣ ва объективӣ дар бораи ИМА ва ҷаҳон ба шунавандаҳои хориҷӣ мебошад.

Рисолати Радиои «Осиёи озод» бошад, - ин пешниҳод кардани иттилои аниқу саривақтӣ ва ахбори мамолики Осиё аст, ки ҳукумати онҳо дастрасиро барои матбуоти озод манъ кардаанд [14].

Барномаҳои Радиои «Осиёи озод» аз ахбори дохилӣ ва иттилое, ки барои шунавандаҳо ҷолиб аст, таҳия мегарданд. Ҳар як идораи радио барномаҳоеро таҳия мекунад, ки фарҳангу забон ва авлавияти хоҳиши шунавандаҳои маҳаллии ҳамон бахшро фаро гирифтаанд. Радиои «Осиёи озод» уҳдадор аст, ки аз руи стандартҳои беғаразӣ, аниқӣ ва адолат фаъолият бикунад.

Дар ҳамин ҳол Радиои «Осиёи озод» чун дигар расонаҳои хориҷии ИМА асосан барои бурдани тарғибот таъсис ёфтааст. Константин Асмолов, номзади илми таърих, мутахассиси пешбари Маркази таҳқиқоти Кореяи Пажӯҳишгоҳи Шарқи Дури АУ Россия мегӯяд, ки имрӯз Радиои «Осиёи озод» ҳамон вазифаеро иҷро карда истодааст, ки дар давраи «ҷанги сард» Радиои «Аврупои озод»/»Озодӣ» анҷом медод [4].

Ба қавли роҳбарияти Радиои «Осиёи озод» маводи онҳоро расонаҳои машҳури ИМА аз қабили «New York Times», «Washington Post», CNN, MSNBC, «The Wall Street Journal» ва ғайра чун сарчашмаи муътамади иттилоъ иқтибос мекунанд [15].

Радиои «Осиёи озод» дар баробари истифодаи барномаҳои маърифативу фарҳангӣ тамаркузашро ба воқеоти мамлакатҳои пахшаш карда, иттилои доғеро мешунавонад, ки дар ин кишварҳо сонсур мешавад ва мардум ба он дастрасӣ надоранд.

Бинобар ин аз таъсиси Радиои «Осиёи озод» мавҷи онро Ҳукумати Хитой, Кореяи Шимолӣ, Ветнам хомӯш мекунанд, то ки муштариён ба барномаҳои радиои мазкур дастрасӣ надошта бошанд.

Ҳатто соли 1998 ба 3 хабарнигори Радиои «Осиёи озод», ки мехостанд аз Вашингтон ба Пекин рафта, сафари президент Билл Клинтонро дар ҶХХ инъикос намоянд, иҷозаи вуруд ба кишварро надоданд. Ҳамчунин дар баъзе кишварҳо сомонаи Радиои «Осиёи озод» филтр мешавад ва муштариён наметавонанд ба он дастрасӣ дошта бошанд.

Масалан, 30-юми марти соли 2010 веб-филтри Хитой - «Сипари тиллоӣ» тасодуфан ба таври муваққатӣ ҳамаи ҷӯяндаҳои Гуглро дар Хитой, ки сомонаи Радиои «Осиёи озод»- ро меҷӯстанд, маҳкам кард [13].

Чунин вазъият дар дигар кишварҳои минтақа низ ба назар мерасад. Моҳи сентябри соли 2017 дар шаҳри Пномпен, пойтахти Камбоҷа бюрои Радиои «Осиёи озод» дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ пас аз 20 соли фаъолият баста шуд. Пас аз ин ҳодиса, моҳи ноябр ду нафар хабарнигорони камбоҷагии Радиои «Осиёи озод» Уон Чин ва Йонг Сотеаринро ба ҷосусӣ айбдор карда, ба ҳабс гирифтанд [2].

Журналистони бахши кхмерии Радиои «Осиёи озод» бо дахолати созмонҳои байналхалқӣ ва бо пардохти гаравпулӣ аз ҷониби радио баъди беш аз 8 моҳи зиндонӣ, соли 2018 ба озодӣ баромаданд.

Соли 2011 бо маблағгузории федеролӣ Либбӣ Лю Хазинаи технологияҳои кушодаро таъсис дода, дар Радиои «Осиёи озод» лоиҳаи барномаи глобалии технологияҳои озодии Интернетро роҳандозӣ намуд. Барномаи мазкур барои барҳам задани сонсури Интернет метавонад дар тамоми гӯшаи дунё ба мардум хизмат расонад.

Чӣ хеле ки қаблан қайд намудем, Радиои «Осиёи озод» аввалин барномаашро 29 сентябри соли 1996 барои Ҷумҳурии Халқии Хитой ба забони хитоии шимолӣ шурӯъ кардааст. Ҳоло ба ин забон шабонарӯзе 12 соат барнома пахш карда мешавад.

Моҳи декабри соли 1996 Радиои «Осиёи озод» ба пахши барномаҳояш, ба забони тибетӣ шурӯъ кард. Ҳоло ба ин забон ҳамарӯза 10 соат барнома пахш карда мешавад.

Радиои «Осиёи озод» ҳамчунин барои ҶХХ аз моҳи декабри соли 1998 ба забони уйғурӣ ҳамарӯза 2 соат барнома пахш мекунад. Уйғурҳо асосан дар Вилояти Худмухтори Синзян - Уйғур зиндагӣ мекунанд. Дар ин вилоят беш аз 10 миллион нафар уйғурҳо сукунат доранд.

Яъне, дар маҷмӯъ дар як шабонарӯз Радиои «Осиёи озод» барои ҶХХ 24 соат барнома пахш мекунад. Агар барномаҳои радиоро ба забони катонӣ, ки як лаҳчаи забони хитоӣ аст ва сокинони ҷанубу шарқи Хитой ба он гуфтугӯ мекунанд, ба назар гирем, пас дар як шабонарӯз барномаҳои РОС барои ин мамлакат 26 соатро ташкил мекунад.

Моҳи феврали соли 1997 ИМА тарғиботи худро ба давлати дигари Осиёи Ҷанубӣ Шарқӣ – Мянма (Бирма) шурӯъ кард. Феълан Радиои «Осиёи озод» ба забони бирмагӣ ҳамарӯза 4 соат барнома пахш мекунад. Аҳолии Мянма тақрибан ба 60 миллион нафар расида, 68 фоизашро бирмагиҳо ташкил мекунанд. Дар ин ҷо беш аз 100 миллату халқиятҳо зиндагӣ карда, забони бирмагӣ давлатӣ мебошад.

Моҳи марти ҳамон сол пахши барномаҳои радиои номбурда ба забони кореягӣ барои Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея (Кореяи Шимолӣ) оғоз шуданд. Ҳоло Радиои «Осиёи озод» ҳамарӯза барои ин кишвар 5 соат барнома пахш мекунад. Аҳолии ин кишвар ҳудуди 25,5 миллион нафар буда, қисми асосии онро кореягиҳо ташкил медиҳанд.

Моҳи августи соли 1997 пахши барномахои Радиои «Осиёи озод» барои Лаос шурӯъ шуданд. Ҳоло ба забони лаосӣ шабонарӯзе 2 соат барнома пахш карда мешавад. Аҳолии ин кишвар бештар аз 6,8 миллион нафар буда, дар он ҳудуди 70 қабилаву халқиятҳо зиндагӣ мекунанд.

Ҳамчунин моҳи сентябри соли 1997 Радиои «Осиёи озод» барои Шоҳигарии Камбоҷа ба забони кхмерӣ ба пахши барномаҳояш шурӯъ кард. Ҳоло ба ин забон ҳамарӯза 2 соат барнома шунавонида мешавад. Ба забони мазкур ҳудуди 21 миллион нафар дар Камбоҷа, Ветнам, Таиланд, Лаос, ҶХХ, ИМА, Франсия ва Австралия гуфтугӯ мекунанд.

Дар Камбоҷа ҳудуди 15,6 миллион нафар сукунат дошта, беш аз 80 фоизи аҳолиро кхемерҳо ташкил мекунанд. Ба забони кхмерӣ, ки ба оилаи австралиягиву осиёӣ дохил мешавад, қариб 96 фоизи мардум гуфтугӯ мекунанд.

Моҳи майи соли 1998 пахши барномаҳои Радиои «Осиёи озод» ба забони 9-ум – кантонӣ оғоз гардид. Ҳоло радио ҳамарӯза ба ин забон 2 соат барнома пахш мекунад. Ба забони мазкур беш аз 70 млн. нафар дар ҷануб ва шарқи Хитой аз ҷумла, дар Ҳонконг, Макао, Гуандун, Гуансӣ ва Хайнан гуфтугӯ мекунанд. Ҳамчунин донандагони ин лаҳчаи забони хитоӣ дар Ветнам, Малайзия, Индонезия, Таиланд, Сингапур, Филиппин ва дар ҷомеаи хитоиҳои кишварҳои дигари олам сукунат доранд. Дар бисёр мактабҳои Ҳонконг, Макао и Гуандун ба ин лаҳча таҳсил сурат мегирад. Ҳамчунин ин лаҳча дар ВАО ва муассисаҳои давлатии Макао ва Гуандун истифода мешавад.

Радиои «Осиёи озод» барои фаъолияти пурсамараш борҳо бо мукофоту ҷоизаҳо қадр гардидааст. Аз ҷумла, солҳои 2000, 2005, 20007, 2008 – бо мукофоти ҳарсолаи «Ҳуқуқи инсон», соли 2010 - бо мукофоти «Ҷасорати журналистӣ» ва ғайра мукофотонида шудааст.

Дар ҳамин ҳол ба қавли коршиносони соҳа, Радиои «Осиёи озод» на ҳамеша ахбори воқеӣ пахш мекунад. Масалан, 17 июли соли 2016 Радиои «Осиёи озод» дар такя ба «Asia Press International RFA» хабар дод, ки дар Кореяи Шимолӣ аз китобҳои дарсӣ аксҳои оилаи роҳбари давлат Кимро гирифтанд, то ки кӯдакон болои онҳо нақққошӣ накунанд. Гӯё сарчашмаи онҳо 75 нусха китобҳои дарсии гуногунро дастрас кардааст ва дар ягонтои онҳо портрети Ким Ир Сен, Ким Чен Ир ва Ким Чен Ин

набудааст. Вале радио дар бораи он ки шояд чунин аксҳо дар китобҳои дарсӣ, масалан, китоби математика набошад, ҳарфе нагуфт. «Воқеан, шахспарастии оилаи Кимҳо дар Кореяи Шимолӣ он қадар нест, ки дар хориҷа тавсифаш мекунанд», мегӯяд Константин Асмолов, номзади илми таърих, мутахассиси пешбари Маркази таҳқиқоти Кореяи Пажӯҳишгоҳи Шарқи Дури АУ Россия [4].

26 сентябри соли 2016 Радиои «Осиёи озод» дар бораи ба таври оммавӣ ба Кореяи Ҷанубӣ фирор кардани сокинони манотиқи марзии Кореяи Шимолӣ иттилоъ пахш кард. Ба гуфти ин расона дар ин манотиқ обхезии калон рӯй дода, симхори марзро чаппа кардааст. Дар натиҷа системаи назоратӣ аз кор мондааст ва барои фирор шароити мусоид фароҳам омадааст. Бояд гуфт, ки ҳамон вақт обхезӣ дар манотиқи шимолии мамлакат ба вукӯъ омада буд, ки бо Кореяи Ҷанубӣ пайваст нест.

Тибқи талаботи Кодекси ахлоқии журналисти Радиои «Осиёи озод» хабарнигорони он набояд овоза ва иттилои беасосро дар барномаҳояшон ҷой диҳанд ва аз рӯи имконият бояд беш аз як сарчашмаи иттилоъро истифода баранд[12].

Агар мабодо журналисти Радиои «Осиёи озод» ба ягон хатое дар ахбор, табсира ва ё маводи дигар роҳ диҳад, бояд ҳатман онро дар ҳамон барнома ислоҳ намояд.

Баъзан дурӯғпароканиҳои Радиои «Осиёи озод» хеле соддаву ғайримантиқӣ аст. Масалан, 14 ноябри соли 2016 Радиои «Осиёи озод» дар бораи маъракаи ҷамъкунии фолгаи алюминий барои сохтани тӯрҳои махфигардӣ аз моҳворҳои ҷосусии америкоӣ дар Кореяи Шимолӣ хабар дод. Ба қавли радио мактаббачаҳо низ дар ин маърака иштирок намуда, қуттии холии сигор ҷамъ карда истодаанд, то ки фолгаи онро низ барои ин «маводи стратегӣ» истифода баранд [4].

Тибқи талаботи ахлоқии Радиои «Осиёи озод» ҳангоми инъикоси терроризм ва ифротгароӣ ё таҳдиди зӯроварӣ бояд ба табдил ёфтани радио ба пойгоҳи тарғиби чунин амалҳо роҳ дода нашавад. Вале аксаран терроризм, ифротгароӣ, ҷудоихоҳӣ аз мавзӯъҳоеанд, ки мавриди таваҷҷуҳи хабарнигорони ин расонаи америкоӣ қарор мегиранд.

Чӣ хеле ки қаблан ишора кардем, Радиои «Осиёи озод» аксаран ба мавзӯъҳои доғ таваҷҷуҳ мекунад, ки дар ин бора расонаҳои дохилии кишвар иттилои воқеӣ пахш намекунанд. Масалан, 3-юми декабри соли 2015 бахши уйғурии радиои номбурда дар такя ба пулиси маҳаллӣ дар бораи моҳи ноябр аз ҷониби нерӯҳои мусаллаҳи Чин кушта шудани 17 нафар гумонбари ҳуҷуми хунини 18-уми сентябр ба шахтаи ангишт иттилоъ дод. Аз ин шумора 7 нафар занону кӯдакон буданд [9]. Аз рӯи маълумоти расмӣ бошад, дар ин амалиёт 28 гумонбар вақти аз ғор баромадан кушта шудаанд. Воқеан, бори аввал дар бораи ҳуҷум ба шахтаи ангишт бахши уйғурии Радиои «Осиёи озод» иттилоъ дода буд.

Ҳуҷуми мазкурро ҷудоихоҳони уйғур барои фишорроварӣ ба Ҳукумати Хитой анҷом додаанд. Уйғурҳо яке аз 10 миллати сернуфуси олам мебошанд, ки давлати худро надоранд. Соли 1949, вақти ба тобеияти ҶХХ даромадани вилояти мазкур «беш аз 75 фоизи аҳолиро уйғурҳо ташкил мекарданд, хитоиҳо бошад, 7% буданд. Ҳоло бошад, бо кӯчида омадани хитоиҳо аз дигар манотиқи ҷумҳурӣ шумораи уйғурҳо дар вилоят танҳо 46 фоиз аст» [11].

Поймол шудани ҳуқуқи инсон низ аз мавзӯъҳои асосии Радиои «Осиёи озод» мебошад. Махсусан, поймол шудани ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ дар барномаҳои радио чашмрас аст. «Яке аз ҷанбаҳои стратегияи ИМА нисбати Хитой истифодаи мавзӯи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои фишороварӣ мебошад, менависад маҷаллаи «Геополитика ва сиёсати ҷаҳонӣ» [1].

Бино ба хабари Радиои «Осиёи озод» дар як қатор мактабҳои Вилояти худмухтори Синзяну Уйғур, аз ҷумла, дар мактабҳои ноҳияи Инин (округи худмухтори Илӣ - Қазоқ) таҳсил ба забони қазоқӣ ва уйғурӣ манъ карда шудааст. «Истифодаи китобҳои дарсӣ ва дигар маводи омӯзишӣ ба забони уйғурӣ ва қазоқӣ бояд пурра қатъ карда шавад», омадааст дар ин хабар [3].

Дар Хитой ҳудуди 1,5 миллион қазоқҳо зиндагӣ мекунанд, ки қисми зиёдашон дар округи худмухтори Илӣ-Қазоқ сукунат доранд.

Бояд гуфт, ки ҳанӯз соли 1984 дар Хитой Қонун дар бораи «Ҳуқуқ ба мухторияти этникӣ» қабул шуда буд, ки онро ҳукумат иҷро намекунад ва ҳамеша ақаллиятҳои миллӣ ба мисли қазоқҳо, уйғурҳо ва тибетиҳо зери фишори хитоиҳо қарор доранд.

10 августи соли 2018 Гэй Макдаугалл, узви Комиссияи СММ оид ба табъизи нажодӣ дар ҷаласаи ин созмон дар Женева изҳор дошт, ки 2 миллион нафар уйғурҳо

ва намояндагони ақаллиятҳои мусулмон Дар Хитой дар «лагерҳои сиёсии тарбияи идеологӣ»-и Вилояти худмухтори Синзяну Уйғур нигоҳ дошта мешаванд [10].

Кодекси ахлоқии Радиои «Осиёи озод» тақозо мекунад, ки журналистон бояд дар маводу барномаҳои худ лаҳни орому беғаразонаро нигоҳ дошта, ба мубоҳиса, тарғибот ё таҳқир нисбати ҳамагуна одамон, гурӯҳҳо ва ҳукуматҳо роҳ надиҳанд.

Журналистон барои беғаразу объективӣ будан, бояд аз ягон ҳизби сиёсӣ, гурӯҳи мухолифин, ташкилоти дорои характери динии кишварҳои пахши барномаи радио вобаста набошанд ва ягон нуқтаи назари сиёсиро дастгирӣ накунанд [12]. Дар ҳамин ҳол ба қавли коршиносони соҳа, хабарнигорони Радиои «Осиёи озод» на ҳамеша меъёрҳои Кодекси ахлоқиро риоя карда, ахбори воқеӣ пахш мекунанд.

Воқеан, тарғиботи ИМА зидди Хитой ва кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ барои одамоне пешбинӣ шудааст, ки қобилияти дарккуниашон барои баҳогузории иттилои интиқодӣ паст аст. Яъне тарғибот ба мардуми авом, ки аксари аҳолии ин кишварҳоро ташкил мекунанд, равона гардидааст. Ин дар навбати худ имкон медиҳад, ки ба осонӣ ба тафаккури оммаи васеи мардум таъсир расонида шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Американские неоконсерваторы лицемерно используют правозащитную проблематику против Китая:/ Мир политики. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: http://mirpolitiki.net/politika/amerikanskie-neokonservatory-licemerno-ispolzujut-pravozawitnuju-problematiku-protiv-kitaja-201205.html (Санаи истифодабарӣ: 22.09.2018).
2. В Камбодже журналисты Радио Свободная Азия обвинены в шпионаже:/ RFE/RL, Inc. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.svoboda.org/a/28861119.html (Санаи истифодабарӣ: 05.06.2018).
3. В СУАР частично запрещено обучение на уйгурском и казахском языках:/Uyghur Today. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: http://uyghurtoday.com/2017/10/14/v-suar-chastichno-zapreshcheno-obuchenie-na-ujgurskom-i-kazahskom-yazykah/ (Санаи истифодабарӣ: 23.08.2018).
4. Как Радио "Свободная Азия" выпускает на свободу целые стаи уток:/ Inca Group "War and Peace". 2006-2017. [Манбаи электронӣ] - URL:http://www.warandpeace.ru/ru/reports/view/116843/(Санаи истифодабарӣ: 05.07.2017).
5. Муким Дж. Радио «Свобода»: ложь и правда. Монография / Джовид Муким. - Душанбе: «Деваштич», – 2005. – 181 с.
6. Муқимов М. А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ / М.А. Муқимов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ,. - Душанбе: Сино, 2018. -№ 2 - С. 251 – 255.
7. Муқимов М. А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М.А. Муқимов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017.- 4/2. - С. 266.-271.
8. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. Монография / Ҷовид Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2006.-71 с.
9. Насилие в провинции Синьцзян: Есть ли у Китая проблемы с террором?:/ИА «ОБЗОР.PRESS. 2018. [Манбаи электронӣ]- https://obzor.press/press/12508-nasilie-v-provinczii-sinczzyan-est-li-u-kitaya-problemyi-s-terrorom (Санаи истифодабарӣ: 23.08.2018).
10. ООН: Китай содержит больше двух миллионов уйгуров в политических лагерях для «идеологического перевоспитания»:/ Uyghur Today. 2018. [Манбаи электронӣ]- URL: http://uyghurtoday.com/2018/08/18/oon-kitaj-soderzhit-bolshe-dvuh-millionov-ujgurov-v-politicheskih-lageryah-dlya-ideologicheskogo-perevospitaniya/ (Санаи истифодабарӣ: 20.08.2018).
11. Уйгурские исследования — обзор последних работ:/ "CAA Network" 2018. [Манбаи электронӣ] - http://inozpress.kg/news/view/id/52222 (Санаи истифодабарӣ: 15.09.2018).
12. Code of Journalistic Ethics:/ RFA. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.rfa.org/about/info/codeofethics.html (Санаи истифодабарӣ: 28.09.2018).
13. Google blames China's 'great firewall' for outage:/ CNN. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://money.cnn.com/2010/03/30/technology/google_china/ (Санаи истифодабарӣ: 15.07.2018).
14. Mission:/RFA. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.rfa.org/about/info/mission-08272007132826.html (Санаи истифодабарӣ: 27.09.2018).
15. 15th Anniversary Resolution:/ RFA. 2018. [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.rfa.org/about/info/15th-anniversary-resolution.html (Санаи истифодабарӣ: 25.09.2018).

РАДИОИ «ОСИЁИ ОЗОД» ДАСТГОҲИ ТАРҒИБОТИИ ИМА

Дар мақола пайдоиш ва ташаккули Радиои «Осиёи озод» таҳлил шудааст. Радиои «Осиёи озод» ташкилоти хусусии ғайритиҷоратӣ аст, ки аз ҳисоби буҷаи федеролии ИМА маблағгузорӣ гардида, аз ҷониби Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ идора карда мешавад. Радиои мазкур 12-уми марти соли 1996 аз ҷониби Кумитаи озодии Осиё таъсис ёфта, барномаи аввалини он 29 сентябри соли 1996 ба эфир баромад. Ҳадафи радио бурдани тарғибот ба кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Осиёи Ҷанубӣ Шарқӣ аст. Штаб-квартираи он дар шаҳри Вашингтони иёлоти Колумбияи ИМА ҷойгир мебошад. Буҷаи солонаи радио беш аз 38,3 млн. долларро ташкил медиҳад. Ҳамчунин он қисман аз ҷониби Хазинаи фарҳанг ва озодии Корея маблағгузорӣ мешавад. Радио ба 9 забон дар 6 мамлакат - Бирма, Камбоҷа, Лаос, Ҷумҳурии Халқӣ - Демократии Корея, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ветнам барнома пахш мекунад. Радиои «Осиёи озод» ҳамчун умури ахбори интернетӣ низ фаъолият дорад. Радиои «Осиёи озод» 10 сомонаи чандрасонаии интерактивӣ дорад, ки 9-тои он ба забонҳои пахши барномаҳо буда, сомонаи 10-ум ба забони англисӣ аст. Барномаҳои Радиои «Осиёи озод» аз ахбори дохилӣ ва

иттилое, ки барои шунавандаҳо ҷолиб аст, таҳия мегарданд. Ҳар як идораи радио барномаҳоеро таҳия мекунад, ки фарҳангу забон ва авлавияти хоҳиши шунавандаҳои маҳаллии ҳамон бахшро фаро гирифтаанд. Радиои «Осиёи озод» уҳдадор аст, ки аз руи стандартҳои беғаразӣ, аниқӣ ва адолат фаъолият бикунад. Кодекси ахлоқии Радиои «Осиёи озод» тақозо мекунад, ки журналистон бояд дар маводу барномаҳои худ лаҳни орому беғаразонаро нигоҳ дошта, ба мубоҳиса, тарғибот ё таҳқир нисбати ҳамагуна одамон, гурӯҳҳо ва ҳукуматҳо роҳ надиҳанд. Журналистон барои беғаразу объективӣ будан, бояд аз ягон ҳизби сиёсӣ, гурӯҳи мухолифин, ташкилоти дорои характери динии кишварҳои пахши барномаи радио вобаста набошанд ва ягон нуқтаи назари сиёсиро дастгирӣ накунанд. Дар ҳамин ҳол ба қавли коршиносони соҳа, хабарнигорони Радиои «Осиёи озод» на ҳамеша меъёрҳои Кодекси ахлоқиро риоя карда, ахбори воқеӣ пахш мекунанд.

Калидвожаҳо: Радиои «Осиёи озод», Радиои «Аврупои озод»/ «Озодӣ», шабакаи иҷтимоӣ, ҷанги иттилоотӣ, тарғибот, кодекси ахлоқӣ, уйғур, ИМА, Хитой, Кореяи Шимолӣ, Ветнам, Мянма, Лаос, Камбоҷа.

РАДИО «СВОБОДНАЯ АЗИЯ» ИНСТРУМЕНТ ПРОПАГАНДЫ США

В статье анализируется возникновение и становление Радио «Свободная Азия». РСА - частная некоммерческая корпорация, финансируемая Конгрессом США через Агентство США по глобальным медиа и независимое агентство федерального правительства, которое контролирует все гражданские международные СМИ США. Радио было создано 12 марта 1996 года Комитетом свобода Азии. Первая передача вышло в эфир 29 сентябри 1996 года на китайском языке. Основной целью радио является ведение пропаганды против стран Восточной Азии и Южно – Восточной Азии. Штаб-квартира радио находится в городе Вашингтон штата Колумбии США. Ежегодный бюджет радио составляет 38,3 млн. долларов США. Также она частично финансируется Фондом культуры и свободы Кореи. РСА транслирует передачи на 9 языков в 6 странах - Китай, Народно-Демократическая Республика Корея, Вьетнам, Камбоджа, Лаос и Мьянма (Бирма). Радио «Свободная Азия» также является службой интернет - новостей. РСА имеет 10 мультимедийных интерактивных веб-сайтов на языках передачи радио и на английском языке. Программирование Радио «Свободная Азия» в основном включает внутренние новости и информацию, представляющую особый интерес для слушателей. Каждая служба языка Радио «Свободная Азия» является отличительной, отражающей конкретную культуру, язык и предпочтения ее слушателей. Радио «Свободная Азия» придерживается строгих журналистских стандартов объективности, точности и справедливости. По требованию Этического кодекса журналисты РСА должны сохранять спокойный, беспристрастный тон и избегать полемики, пропаганды или оскорблений, направленных против любых людей, групп или правительств. Журналисты также должны оставаться независимыми от какой-либо политической партии, оппозиционной группы, организации религиозного характера в странах, в которых распространяются новости и информация РСА, и не должны защищать какую-либо политическую точку зрения. В самом деле, по мнению экспертов, корреспонденты Радио «Свободная Азия» не всегда соблюдают эти нормы Этического кодекса и передают объективную информацию.

Ключевые слова: Радио «Свободная Азия», «Радио «Свободная Европа»/«Свобода», социальные сеты, информационная война, пропаганда, этический кодекс, уйгур, США, Китай, Северная Корея, Вьетнам, Мьянма, Лаос, Камбоджа.

RADIO FREE ASIA US PROPAGANDA TOOL

The article analyzes the emergence and development of Radio Free Asia. The RFA is a private, non-profit corporation funded by the US Congress through the United States Agency for Global Media and an independent federal government agency that monitors all US civilian international media. The radio was created on March 12, 1996 by the Committee of Freedom of Asia. The first broadcast was aired on September 29, 1996 in chinese. The main goal of the radio is to conduct propaganda against the countries of East Asia and South - East Asia. The headquarters of the radio is located in Washington, DC, USA. The annual budget of the radio is 38.3 million US dollars. It is also partially funded by the Korean Culture and Freedom Foundation. RFA broadcasts transmissions to 9 languages in 6 countries - China, Democratic People's Republic of Korea, Vietnam, Cambodia, Laos and Myanmar (Burma). Radio Free Asia is also an Internet news service. RFA has 10 multimedia interactive websites in the languages of radio transmission and in English. Programming Radio Free Asia mainly includes domestic news and information of particular interest to listeners. Each service of RFA language is distinctive, reflecting the specific culture, language and preferences of its listeners. Radio "Free Asia" adheres to strict journalistic standards of objectivity, accuracy and justice. At the requirement of the Ethical code, the RFA journalists must maintain a calm, impartial tone and avoid polemics, propaganda or insults directed against any people, groups or governments. Journalists must also remain independent of any political party, opposition group, religious organization in the countries in which the news and information of the RFA are distributed, and should not protect any political point of view. In fact, according to experts, the correspondents of Radio Free Asia do not always comply with these norms of the code of ethics and pass on objective information.

Key words: Radio Free Asia, Radio Free Europe / Liberty, social networks, information war, propaganda, ethical code, uyghur, USA, China, North Korea, Vietnam, Myanmar, Laos, Cambodia.

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich (Jovid Muqim)*** - Tajik National University, Dr. of Science (Philology Science), Professor of the Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

Путина О.Н. Теоретические основы вопроса и ответа: философский подход…….. **5**
Давлатмирова М.Б. Национально-специфические особенности макроконцепта «судьба» в арабских сказках «Тысяча и одна ночь»……... **8**
Гулназарова Ж. Маънои нақлии феъл дар забони тоҷикӣ..... **15**
Саломов М., Зайдуллои Хайрулло. Ифодаи маҷоз дар забони шеър…… **22**
Бубиев Х.М. Обучение способам выражения значений русских падежей и их таджикских эквивалентов на занятиях русского языка…… **27**
Матробиён С.Қ., Маҳмудзода М. Андешае чанд доир ба муносибати «консепт» бо «мафҳум»…….. **31**
Султанова Р.М. Способы экспликации средств выразительности лексического уровня в таджикском языке……. **34**
Аловиддинов Б., Назарзода М.М. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои лексикию грамматикии воҳидҳои туфайлӣ..... **40**
Шафоатов А. Шиноварӣ ва истилоҳоти фарогири ин соҳа……. **44**
Махмадалиев Ф. Особенности и основные способы терминообразования……... **47**
Сафарзода Рухангези Акбар. Оид ба баъзе воситаҳои калимасозии воҳидҳои луғавии мураккаби хосси забони англисӣ…… **50**
Файзиева С.А. Особые классы конструкций с семантикой глаголов ощущения в таджикском и русском языках……... **55**
Ҷалилов З. «Ал-китоб»-и Сибавайҳ - оғози дастурнависии низомманди забони арабӣ……..... **61**
Абдуллоева М.М. Антонимы, выражающие действия, в заголовках английской и таджикской прессы (сравнительный анализ)…….. **64**
Ғиёсова С.Ғ. Инкори дукарата дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ…….. **69**
Давлатов И.А. Нақши пасвандҳо дар сохтани истилоҳоти маъмурии коргузорӣ……..... **72**
Раджабов Н. История изучения и лингвистические концепции односоставных предложений в современном таджикском литературном языке……..... **77**
Шердилова С.Ф. Истилоҳоти марбут ба тӯйи арӯсӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорони ноҳияи Ишкошим (таҳқиқоти этнолингвистӣ)…… **82**
Усмонзода Шохрух. Происхождение и принципы классификации парем……. **87**
Яқубов Т. Истилоҳи «феъл» дар осори намояндагони мактаби грамматикии Куфа……... **92**
Исламова П.Н. Выражение отрицания в риторических вопросах..... **95**
Ҷӯраева М.Р. Семантикаи нармгуфторӣ дар асноҳои хоҳишу дархост..... **99**
Шарипов Б.А. Модальные фразеологизмы как средство выражения субъективной модальности..... **105**
Қосимов С.А., Алиев О. Хусусиятҳои лексикӣ ва услубии латифаҳои халқии тоҷикӣ..... **110**
Турахасанов К.Ш. Образование общемедицинской терминологии современного таджикского языка и ее структура……. **118**
Нихмонова Р. Дараҷаи ҳаммаъноии муродифоти луғавию фразеологӣ дар публитсистикаи С.Айнӣ.. **123**
Одинаева Ш.А. Калимаҳои иқтибосии забони арабӣ дар забонҳои муосири англисӣ ва тоҷикӣ..... **130**
Тоиров Ш.Қ. *Баъзе хусусиятҳои семантикии лексикаи кишоварзӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ*..... **135**
Усмонова М.Э., Усмонова М.Н. Сифати феълӣ ва категорияи грамматикии самти он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ..... **142**
Холова М.Б. Мутобиқати садонокҳои русӣ ба тоҷикӣ дар калимаҳои иқтибосии аз забони русӣ воридшуда (аз рӯйи маводи сарчашмаҳои солҳои 20 ва 30-юми садаи XX)..... **146**
Иномова Ф., Асомова У., Муродова М. Заминаҳои асосии табдили алифбои арабӣ ба алифбои лотинӣ дар солҳои 20-уми асри XX..... **152**
Тухтасунов О. Этимологияи номи металли тилло дар баъзе забонҳо…… **159**
Юсупова Н.С. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба чумлаҳои чидааъзо дар романи «Бандии озод»-и Урун Кӯҳзод…… **164**
Шафоатов А.Н. Корбурди истилоҳоти соҳаи варзиш дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус **168**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ - Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

Имомзода М.С., Зайниддинзода М. Истеъдоди нодир ва вусъати ҷаҳонбинии ӯ (Назаре ба эҷодиёти Чингиз Айтматов ва иртиботи он ба тоҷикон)…….... **173**
Тоиров У. **Сухане чанд доир ба як мунозараи мансури Саъдӣ…….** **181**
Кодиров К. Особый состав и созвучия в газели Мир Сайида Али Хамадани……..... **187**
Очилова М.И. Таъсири Замахшарӣ бар муфассирони баъд аз худ..... **195**
Анварова М.Н. Использование персидских поговорок в “Латаиф-ал-амсал и тараиф-ул-аквал” Рашидуддина Ватвота..... **200**
Ҳусейнзода Ф. Давлатов У. Инъикоси ваҳдат ва ободгарӣ дар адабиёти атфоли тоҷик…… **205**
Раҳмонов Ҳ.А. Фаъолияти адабӣ ва баъзе масоили маърифати эстетикӣ…… **209**
Мансурова З.А. Сопоставительный анализ структуры и содержания «Мисбах-ул-хидая ва мифтах-ул-

кифая» Иззуддина Кашани и «Авариф ал-ма’ариф» Шихабуддина Сухраварди…….. **218**
Ғаффоров Ш. Убайди Зоконӣ ва дараҷаи омӯхта шудани ҳаёту фаъолияти эҷодии вай..... **222**
Исмонов К.Б. Абдурраҳмони Ҷомӣ ва “Фавоид-уз-зиёия”-и ӯ..... **228**
Қосимов С. Се сабки ғазалсароӣ дар эҷодиёти Салими Хатлонӣ..... **233**
Бекназарова Н.У. Ватандорӣ ва ишқи ватан – яке аз мавзӯъҳои марказӣ дар эҷодиёти Меҳринисо дар даврони Истиқлолияти Тоҷикистон..... **239**
Мирзоҳофизиён М.М. Нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом…… **242**
С.Мухаммадшарифзода. Таърифи истилоҳӣ ва луғавии мафҳуми хурофот..... **249**
Мадимарова Г. Мухтасаре аз рӯзгори Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ..... **256**
Олимова Х. Таҳқиқу баррасии ихтилоф ва бархурдҳои ақоиди исломӣ дар “Меъёр-ут-тадоюн”-и Аҳмади Дониш..... **261**
Ҳадиятуллоҳ Амриддин. Чакан дар шеъри шоирони доираи адабии Кӯлоб..... **268**
Бобобеков А. Муболиға ва ирсоли масал дар шеъри Қатрон..... **273**
Қутбиддинов А.Ҳ., Иноятова З.П. Чанд шинохти ноқил ва муаллиф…….. **275**
Соҳибзода Даврон. Нависандаи пурмаҳсули даврони истиқлол…… **280**
Саидова М.Ш. Поэтика стихотворения Н.С. Гумилева в таджикском переводе…….. **284**
Фарҳод Ҳусейнзода. Назаре ба таълиму тарбияи атфол аз нигоҳи донишмандони тоҷик..... **288**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

Раҳмонова Ҷ. Як ҳазору ҳафтсад устодро шогирд будам…….. **295**
Гулов С. Марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди матбуоти даврии тоҷик…….. **299**
Султанова Ж.О. Тенденции развития радиовещания в Кыргызстане от советских времен до обретения независимости…… **305**
Қаландаров С.Д. Нақши ВАО дар баррасии вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Араб..... **310**
Қудусова Р. Саҳми телевизион дар тарбияи кӯдакон…….. **317**
Муқимов М.А. Радиои «Осиёи озод» дастгоҳи тарғиботии ИМА…….. **320**

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН. БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ» БАРОИ ЧОП ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, аз ташхиси пешакӣ гузаронида мешаванд (ташхис аз ҷониби аъзоёни ҳайати таҳририя – мутахассисони соҳаи дахлдор анҷом дода мешавад) ва сипас дар доираи тартиботи ҷорӣ барои чоп қабул мегарданд. Талабот барои тартиб додани шакли ниҳоии матни мақола дар ҳар як шумораи маҷалла чоп карда мешавад.

Ҳангоми қабули шакли дастнависи мақола, корбарони маҷалла нисбат ба мундариҷа ва риояи талаботи асосӣ ба муаллиф хабар медиҳанд ва он норасоиҳое, ки дар мақола ҷой доранд, то оғози ташхис аз ҷониби муаллиф бояд бартараф карда шаванд.

Сипас мақолаи илмӣ, дар доираи талаботи ҷорӣ, барои ташхис ба аъзоёни ҳайати таҳририя ва ё мутахассисони соҳаи дахлдор (номзадҳо ва докторони илм) равон карда мешавад.

Дар тақриз бояд хусусиятҳои муҳимми мақола асоснок карда шаванд. Аз ҷумла, навоварии илмӣ, муҳиммияти омӯзиши масъала, арзиши таърихӣ ва фактологии мақола, дурустии иқтибосҳои нишондодашуда, услуби матн, истифодаи адабиёти солҳои охир ва камбудию норасоиҳои мақола. Дар охири тақриз ба мақола баҳои умумӣ дода мешавад ва ба ҳайати таҳририя дар мазмунҳои зерин хулосаи муқарриз пешниҳод мегардад: ба чоп тавсия карда шавад; баъди ислоҳи камбудиҳо ба чоп тавсия карда шавад; барои тақриз иловатан ба мутахассиси дигари масъалаи дахлдор фиристода шавад; барои чоп тавсия карда намешавад. Ҳаҷми тақриз бояд аз як саҳифа кам набошад.

Мақолаҳои илмии барои чоп қабулгардида, аммо ба тағйирот ниёздошта, бо нишон додани тавсияҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон фиристода мешаванд. Муаллифон бояд камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, шакли ниҳоии матни чопӣ ва электронии мақоларо бо дастхати пештарааш ба маҷалла пешниҳод намоянд. Баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта мақолаи илмӣ такроран барои тақриз супорида мешавад ва сипас аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чопи он иҷозат дода мешавад.

Мақолае, ки ба он тақризи мусбӣ дода шудааст ва чопи он аз ҷониби ҳайати таҳририя ҷонибдорӣ гардидааст, барои нашр қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Раванди тақриздиҳӣ ба мақолаҳои дастнавис ошкоро намебошад. Паҳн намудани хабар дар бораи раванди тақриздиҳии мақолаи дастнавис боиси поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф мегардад. Муқарризон барои нусхабардорӣ намудани матни мақола ва истифода намудани он барои эҳтиёҷоти худ ҳуқуқ надоранд.

Муқарризон, инчунин аъзоёни ҳайати таҳририя то нашри мақола иттилооти дар матни мақолаи дастнавис ҷойдоштаро ба манфиати худ истифода бурда наметавонанд.

Тақризҳо дар нашрияи маҷалла ба муддати 5 то сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ирсол менамояд.

Инчунин идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ирсол менамояд.

ПОРЯДОК
РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА. СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ» пешниҳод мегарданд

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО
НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2019. №2

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 04.03.2019 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.